147005

Садриддин

# АЙНӢ

# Садриддин
# АЙНӢ

ҷилди

9

Нашриёти „Ирфон"
Душанбе
1969

Респуб. библ. Таджик. ССР
им. А. Фирдоуси
447005
Тоҷик 2
А 40

ХАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*М. Осимӣ, М. Турсунзода, Х. Айнӣ,*
*Р. Ҳошим, Ҳ. Аҳрорӣ*

БА ЧОП ТАЙЁРКУНАНДАГОН:

*К. Айнӣ, А. Маниёзов, Салоҳат Айнӣ*

МУҲАРРИР

*Холида Айнӣ*

2 — 3 — 22
7 — 69



Сурати С. Айнй, ки рассом Новик кашидааст. 1934.

## АЗ ТАРТИБДИҲАНДАГОН

Ҷилди нӯҳуми Куллиёти С. Айнӣ мақолаҳои публицистӣ, хитобаву баёнпома ва очерку фельетонҳои нависандаро, ки дар давоми солҳои 1919—1954 дар саҳифаҳои матбуот ва маҷмӯаҳои адабии тоҷикӣ дарҷ гардидаанд, дар бар мегирад.

Азбаски устод Айнӣ дар солҳои аввали революция ва ҷангҳои гражданӣ ба жанри нисбатан фаъоли адабӣ — публицистика бештар муроҷиат намуда, ба ин васила ба ҳодисаҳои гуногуни рӯзмарра ҳамовоз шудааст, қисми муҳимми осори публицистии ӯ маҳз дар ҳамон давра ба вуҷуд омада, дар нахустин матбуоти советии тоҷик — маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб»[1] ва рӯзномаи «Овози тоҷик» мунташир гардидааст. Дар ин ҷилд, ба истиснои ду мақола («Мусибати Маҳмудхоҷаи муфтӣ ва рафиқонаш», «Ислом ва коммунизм») ва баъзе тарҷимаҳо, ҳамаи он мақолаҳои нависанда, ки бо имзоҳои мустаор дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» чоп гардидаанду дар асоси қайди худи муаллиф мо онҳоро муқаррар намудем, фаро гирифта шуданд. Дар маҷаллаи номбурда бисёр хабару мақолаҳои беимзо низ ҳастанд, ки ба услуби нигориши устод Айнӣ наздик мебошанд. Бо вуҷуди ин, мо онҳоро ба ин ҷилд дохил накарда, барои тадқиқи оянда вогузоштем.

Ба сабаби дастрас нагардидани тамоми шумораҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» аз эҳтимол дур нест, ки чанд мақолаи дар ин рӯзнома чопшудаи нависанда аз ин ҷилд берун монда бошанд.

Мақола ва очерку фельетонҳои устод Айнӣ, ки дар журналҳои «Раҳбари дониш», «Барои адабиёти социалистӣ», «Шарқи сурх», «Мактаби советӣ», газетаҳои «Тоҷикистони сурх», «Ҷавонони Тоҷикистон» («Комсомоли Тоҷикистон»), «Стахановчӣ» («Ҳақиқати Ленинобод»), «Бадахшони сурх», «Большевики Ғарм», «Газетаи муаллимон» ва маҷмӯаҳои «Хатти заррин», «Барои Ватан», «Таронаи ғазаб» ва ғайра нашр гардидаанд, дар ин ҷилд асосан пурра гирд оварда шуданд. Фақат баъзе аз онҳо дар мавридҳои зарурӣ ихтисор карда шуданд, ки ба таври ҷузъӣ буда, мазмуни асарро тағьир намедиҳанд.

Ин қисмати муҳимми мероси адабии С. Айнӣ ҳанӯз комилан ҷамъ карда нашудааст. Умед ҳаст, ки дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва тадқиқоти минбаъда асарҳои тозаи публицистии устод ёфт шуда, дар нашри дубора боиси такмили ин ҷилди Куллиёт хоҳад гардид.

# Публицистика

## Мақола, хитоба ва фельетонҳо

Инқилоб офтобро монад,[2]
Ё ки тӯфони обро монад,
Нашри анвор мекунад ба ҷаҳон
Инқилоб офтобро монад...
Пеши тӯфони инқилоб ҷаҳон
Пеши тӯфон ҳубобро монад.
Мавсими инқилоб, рӯи замин
Ҳолати изтиробро монад.
Аҳли бедод мерасад ба ҷазо,
Арасоти ҳисобро монад.
Оқибат Шарқ мешавад бедор,
Гарчи ин фикр хобро монад...
Орзӯе ки дошт шоҳи Фаранг
Ба назарҳо саробро монад.
Шӯълаи инқилоб дар таъсир
Партави офтобро монад.
Шарарафшонии наи килкам
Шӯълаи инқилобро монад.

## ОТАШИ ИНҚИЛОБ[3]

Дар ин замони таърихӣ, ки инқилоби иҷтимоӣ барқвор интишор меёбад, империёлизми ҷаҳон қарор ба як ҷанги қатъӣ ва охирӣ додааст, ки натиҷаи он масъалаи будан ва ё набудани империёлизмро дар рӯи дунъё ҳал хоҳад кард.

Тилғироми ҳавоӣ мегӯяд, ки ҳайати вукалои Деникин[4] ба Порис[5] ворид шудааст. Ин ҳайат ҳукуматҳои империёлистиро аз аҳволи ҳукумати Қолчоқ[6] ва авзои ҳарбӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Сибирия[7] низ ошно боёд кунад. Ошкорост, ки ин ҳайат дар бораи роҳи мубориза бо Ҳукумати Шӯрони Русия ва тариқаи пуч ва нобуд сохтани он, аз давлатҳои муттафиқ[8] дастуруламал хоҳад гирифт.

Тилғиром боз мегӯяд, ки масъалаи шинохтан ё нашинохтани давлатҳои муттафиқ ҳукумати Қолчоқро, ҳанӯз ҳал нашуда ва ба шинохтани он, хоинони иҷтимоӣ Овексентаев ва Керенский[9] мумонаат менамоянд. Бар акс, Моклоков аз Деникин дар алайҳи аксариюн[10] тадбири хеле қатъиро талаб мекунад. Ҳувайдост, ки Овексентаев ва Керенский дурбинтарини ҳукумати шоҳӣ мебошанд. Вале инҳо дар алайҳи коргарон тадбирҳои хубро медонанд. Аз ин ҷост, ки ин гуна тадбирбиниро ба мухлисони худ (Деникин ва Қолчоқ) низ таклиф мекунанд.

Империёлистҳо мебинанд, ки оташи инқилоби иҷтимоӣ ба чи тундӣ сар то сари дунъёро иҳота меку-

над, ба чораи охиринашон чанг зада, қувваи охирини худро ҷамъ карда ба оташи инқилоб меандозанд, ки ин оташро хомӯш намоянд. Вале оташ то рафта шиддат мекунад ва аҳволи империёлистҳо рӯз то рӯз сангинтар мегардад.

Муттафиқҳо Олмонро [11] халъи силоҳ карда ба имзо кардани сулҳи сангин ва ба бешарафӣ водор карданд. Ба ҳар коргар ошкор аст, ки ин асорат ва бандагии коргарони Олмонро ранҷбарони Англис ва Франция ва ё давлатҳои дигар имло накардаанд, балки як даста империёлистҳои ғосиб, ки сардори онҳо Вилсон [12], Ллуйд Ҷурҷ ва ғоратгарони дигар аст, имло кардаанд. Барои эътироз ва нафрат аз ин тааддӣ дар ҳамаи Олмон, Англис ва Итолиё шарораи оташи таътили коргарон [13] баланд шуд, ки анқариб ин ба оташи инқилоби иҷтимоӣ мубаддал хоҳад шуд.

Муттафиқҳо дарёфта, ки ин таътил ва балвоҳо ба ҳаракати инқилобӣ мубаддал хоҳад шуд, бо тамоми қувва маркази ин ҳаракатро, ки Олмон аст, пуч кардан мехоҳанд. Муттафиқҳо баъд аз он ба гардани коргарони Олмон бори сангинро гузоштанд, ҳоло ба тақсими Туркия шурӯъ кардаанд. Тилғиром мегӯяд, ки Истанбул ба дасти Амрико мегузарад. Юнон вилоятҳои соҳилиро мегирад. Итолиё ҷануби Олмонро соҳибӣ мекунад. Англис Арабистон, Фаластин ва Ироқро ишғол менамояд. Барои Туркияи бечора фақат як ҳиссаи ҷузъии Она-тӯлӣ [14] хоҳад монд, ки он ҳам дар таҳти назорати Франсия воқеъ хоҳад шуд. Ин аст тақсими ғаниматҳи ғосибин! Пурра ва равшан аст, ки ҳамаи инҳо барои пур кардани ҷайби бетаки муттафиқин карда мешавад, на барои манфиати коргарони Англис ва Франсия!..

Ин ҳанӯз кам аст, давлатҳои сарватдори ҷудогона, ки ҳозир дар дохилаи Русия ташкил ёфтаанд ва дар муқобили Русияи Шӯроӣ мубориза мекунанд, низ аз тарафи муттафиқҳо ҳимоят ва муованат [15] мебинанд. Ин ҳимоят ва муованатро муттафиқҳо на ин ки аз роҳи инсоният ва навъпарастӣ мекунанд, балки барои он ки инҳо низ дар зидди Ҳукумати Шӯроӣ ҳаракат менамоянд ва барои ёрии сарватдорони мо зиёда аз

муттафиқон мекӯшанд. Англисҳо ба ёрии онҳо ҷазираи Атралро ишғол намуданд ва сафедони Эстуниё дар зидди Ҳукумати Шӯрой аз хеҷ гуна ёрй кӯтоҳӣ надоранд. Аммо ранҷбарон ҳамаи инҳоро мебинанд ва мефаҳманд.

Шарораи ҷунбиши таътил аз Олмония ва Англитра [16] гузашта ба ҳамаи мамлакатҳо сироят мекунад. Ҳар рӯз тилғиром хабар меоварад, ки шӯълаи инқилоб дар ҳар гӯшаи дунё равшан мешавад. Ҷунбиши инқилобонаи коргарони Румониё рӯз то рӯз қувват мегирад. Шӯриши Итолиё ва Ҳиндустон ба шакли сиёсӣ дармеояд. Дар Булғория ҳаяҷони ҷиддӣ пайдост. Дар Суфиё лашкари инқилобӣ азли [16а] ҳукуматро хостор шудаанд.

Дар Бӯсна [17] ҳамчунин ҷунбиши сиёсӣ дида мешавад.

Дар баробари инҳо ғалабаҳои пай дар паи Лашкари Сурх дар ҷабҳаи Шарқ, дар муқобили Қолчоқ ва фатҳи намоёни қӯшуни шӯрой дар ҷабҳаи Ашқобод далели ошкорест бар ин, ки империёлизми ҷаҳонро ҳалокат наздик расидааст. Бигузор муттафиқҳо ҳар чӣ метавонанд ба хомӯш кардани оташи инқилоб бикӯшанд, онҳо ба ин кор муваффақ нахоҳанд шуд ва оташи инқилоби иҷтимоӣ дер ё зуд империёлизмро аз рӯи замин хоҳад барандохт.

## ТАНВИРИ АФКОР [18]

Ҳеҷ шубҳа нест, ки инсон барои муомала кардан бо милали мухталифа, барои ҳуқуқ гирифтан аз ҳукумат, барои омезиш кардан бо хешу ақрабо, барои тарбият кардани авлод ва оила, барои пеш бурдани касбу ҳунари шахсии худ, барои таъмини маишати ҳаррӯза, хулоса барои зиндагӣ кардан дар дунё (агарчи якрӯза ҳам бошад) ба як фикри соиб [18а] ва хатти ҳаракати дуруст мӯҳтоҷ аст. Фикри соиб ва хатти ҳаракати дуруст пайдо намешавад инсонро, магар ба воситаи илму дониш. Илму дониш ҳосил намешавад, магар аз мактабу мадорис. Лекин мо — туркистониён умуман дар зарфи панҷоҳсола асорати ҳукумати мус-

табиддаи рус мактаб ва мадориси кӯҳнаи худро барбод дода, дорулилмҳои нав кушода натавониста, билкуллия аз илму маърифат маҳрум мондем.

Инқилоби муқаддасро ба ҳолате истиқбол кардем, ки на илм дорем, на идрок, на хат дорем, на савод, на фикр дорем, на хаёл, на орзу дорем, на омол... Бузургони мо аз бефикрӣ гӯшаи истироҳати худро маҳалли саломат шумурда ва мешуморанд, хурдони мо аз рӯи ҷаҳолат буду нобуди худро дар роҳи ҳавои нафс супурда ва месупоранд.

Ҳангоме ки ранҷбарони Русия алами инқилобро бардошта моро аз асорати панҷоҳсолаи ҳукумати мустабидда халос кардаанд, ҳангоме ки ранҷбарони Русия дар халосии аҳли Шарқ умумаи,— мо мусулмонон хусусан, аз зери бори ғуломии шаддодони ғарб камар бастаанд, ҳангоме ки Ҳукумати Шӯравии Русия тамоми фаҳшхонаҳоро баста, ба ҷои он яке бар сад дорулилмҳо, мактабҳо, мадрасаҳо, курсҳо кушода, оқибат ба ҳангоме ки Ҳукумати Шӯравии Туркистон ба фармоиши Ҳукумати Шӯравии марказии Русия аксари кори идораи Туркистонро ба супурдаи ба дасти мусулмонон қарор додааст, мо тамошобинӣ мекунем, мо ҳанӯз ин ҳама сели инқилобро абри даргузар, ин ҳама шӯру ғавғоро талотуми ҳавоии айёми баҳор мепиндорем. То бартараф шудани абр ва покиза шудани ҳаво осуда ғунуданро ғанимат шумурда сари худро ба лиҳофи [19] ғафлат печида мехобем. Гумон мекунем, ки мо осуда мехобем. Вақте ки дунё ба гузарони табиии худ омад, рӯзи саодат барои мо муҳайёст, лекин мо аз ин ғофил, ки адиби мо гуфтааст:

«Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,
Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард».

Ин ҳама аз даст рафтани фурсатҳои мусоид, ин ҳама маҳрум мондачамон аз ҳаққҳои машрӯъ, ин ҳама фоида нагирифтанамон аз имтиёзҳои восеъ (сахт ҳам бошад, бояд иқрор кунем) аз ҷаҳлу нодонинамон аст.

Пас, аз ҳар чӣ бештар ва аз ҳама пештар ба танвири афкор [19а] ва тазйиди [20] маълумот кӯшиданамон лозим аст.

Дар боло гуфта шуд, ки чои танвири афкор макотиб ва мадорис аст. Воқеан барои таълим ва тарбияи умуми фарзандони ранчбарон, аз тарафи ҳукумати ранчбарон, мактабҳои мутааддид[20a] кушода шуд, боз ба ҳар кадар мактаб, ки эҳтиёчот дошта бошем, аз ғайри музояқа[21] кушодан мумкин аст. Лекин ҷавонон ва атфоле, ки аз ин макотиб тарбия ёфта берун меоянд, то вакте ки ба дарди мо бархӯранд, акаллан 7—8 сол интизорашонро бурданамон даркор аст, ва ҳол он ки мо ба хашт рӯз сабр кардан фурсат надорем, моро ҳамин рӯз, ҳамин соат ҷавонони коркун, одамони доно, ранчбарони соҳибфикр лозим аст. Барои расондани ин гурӯҳ, мо маҷбурем ба тарафи матбуот илтиҷо барем, ҳама якдилу якзабон шуда чанг ба домони рӯзнома занем, яъне ҳеҷ фурсатро аз даст надода ба воситаи рӯзномаҷот фикри худро танвир ва маълумоти худро тавсеъ намоем. Ба воситаи афкори соибае ки аз матбуот мегирем, хатти ҳаракати ҳозираи худро муайян ва роҳи истиқболи худро равшан созем.

Дар зарфи дусола инқилоб бародарони ӯзбакамон филҷумла ба рӯзнома ошно шуданд. Дар шаҳрҳо одамони босаводи аз рӯзнома бехабар кам ёфт мешавад.

Аммо, бадбахтона, мо форсиён ҳанӯз дар кӯчаи бехабарӣ тамошогарӣ мекунем, ҳанӯз матбуот ва рӯзномаро асбоби пулгирии чаридanависон мепиндорем. Ҳангоме ки дар Туркистон рӯзномаи форсӣ набуд, форсизабононро ба рӯзнома нахондан маъзур медоштем. Лекин ҳаёти шашмоҳаи «Шӯълаи Инқилоб» ин узри моро барбод дод, мо маҷбуран иқрор кардем, ки форсизабонон чи будани рӯзномаро ҳанӯз намедонистаанд. Дар сурате ки маблағҳо пул сарф шуда, як адад рӯзнома ба табъ мерасад, ба як самани[22] каме ки мисли маччонист, касе гирифта намехонад.

Лекин аз он ҷое ки маҷмӯи ҳиммати Ҳукумати Шӯравӣ ва кумитаи фирқа ба танвири афкори ранҷбарон масруф аст, боз давомат кунондани «Шӯълаи Инқилоб» муқаррар шуд. Барои умуми ранҷбарони форсизабон дари ин мактаби сайёр кушода монд.

Акнун ба як ҷаҳон умедворӣ ва ба як хулуси ният

рӯи худро ба тарафи бародарони форсизабон карда мегӯем, ки:

Бародарон! Ҳар ҳафта як соат умратонро ба хондани ин рӯзнома сарф кунед, ба қадри иқтидоратон аз чаридае, ки ба забони худатон нашр мешавад, истифода намоед, дар бадали ин як соат, умре ки ба бехабарӣ гузарондед, талофӣ намоед. Ҳар фоидае ки аз рӯзнома мегиред, бо бародарони бесаводатон ба ҳам бинед. То ки худатон ва ҳамзабонони худатонро танвири афкор ҳосил ояд, то ки ба худ як хатти ҳаракат муайян карда, ба дарди худатон ва ҳамватанатон ва қавматон ва банӣ навъатон бархӯред... Ҳеҷгоҳ аз хондан зарар намебинед, балки ҳамеша фоида мебинед. Бародарон! Якдил ва якзабон шуда бихонед!

## ҲУКУМАТИ ШӮРОӢ БА МО ЧӢ ДОД?[23]

Ҳукумати Шӯроӣ ҳар чизе ки барои зиндагии як қавм, як гурӯҳ, як миллат, як мамлакат лозим аст, ба мо дод, ё мехоҳад ба мо бидиҳад. Масалан, барои зиндагии як қавм лузуми илму маориф мисли лузуми обу ҳавост. Чунончи ҳеҷ ҷондоре, бе обу ҳаво зиндагӣ карда наметавонад, инчунин фарзандони одам низ беилму маърифат зиндагӣ карда наметавонанд. Қавми беилм, имрӯз ё фардо маҳкуми заволанд. Аз ин ҷост, ки мо — туркистониён аз беилмӣ ва ҷаҳолат аввал шаҳр-шаҳр, қарья-қарья[24] ва фирқа-фирқа[25] шуда якдигарро задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва яғмо кардем, ирзу номуси якдигарро барбод додем, оқибат ба зери бандагии давлати мустабиддаи рус афтодем. Боз ҳушьёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем, барои маҳв кардани якдигар ба пулисҳо, ба жандармаҳо, ба хафьяҳои[26] давлати мустабиддаи Рус ёрӣ додем ва дар солҳои[27] охирӣ баъзе мутафаккирини аз байни мо сар барзада дарди моро ба худи мо нишон доданд, давои ин дард илму маърифат будан-ро ба мо фаҳмонданд ё хостанд бифаҳмонанд, мо чун омосдоре ки дар муқобили ништари ҷарроҳ мешӯрад, ғавғо мекунад, шӯридем, ғавғо барпо кардем. Табибони худро: «ин кофир, ин ҷадид, ин

дахрӣ, ин зиндиқ...» гуфтем. Рӯз ба рӯз ахлоқи мо фосидтар, бозори амну амони мо косидтар шуд. Дар болои асорати сиёсӣ асорати иқтисодӣ ҳам мисли як занҷир ба гардани мо афтодан гирифт. Ононе ки дорои як чиз буданд ё аз харҷи харрӯзаашон чизе посира[28] карда метавонистанд, ё ба қадом роҳе ки бошад чизе ба дасташон меафтод, дар исрофот ва бидаот[29] сарф мекарданд. Ононе ки надоштанд, хонаи худро, колои худро фурӯхта, сарфи ҳавасот мекарданд. Ба ҳамин тарз сарват аз миёни мо рафта, оилаҳо парешон шуда, оилаи тоза аз сари нав барпо карда натавониста, нуфуси мо рӯз ба рӯз кам шуда, рӯ ба харобӣ оварда будем. Нуфуси мавҷудаамон як қисм хаммор,[30] қисме қиммор, лоақал базмӣ ва кӯбкоритоз шуда буданд. Боғ, замин, сарой ва хонаҳоямон бисьёрӣ ба бонкҳои рус гарав ё ба судхӯрҳои худамон ба «байъи ҷоизи шаръӣ»[31] фурӯш шуда буд. Иморатҳои шоҳонаи шаҳри нав ва растаҳои хушсавдои шаҳри кӯҳна ҳама моли эромина,[32] яҳудӣ ва русҳои сарватдор шуда буд. Кишлокҳои ҳосилхези мо ҳарсола қитъа-қитъа ба муҳоҷирини рус, ки писарони вафодори Николай[33] буданд, мегузашт!.. Инҳо аломати завол ва фанои ирқӣ ва қавмӣ набуда чӣ буд? Агар панҷоҳ соли дигар, худо накарда, ба ҳамон тарз мегузашт, номи Туркистон дар сафҳои таърих мемонд,[34] яъне вақте ки нуфуси мо ва амлоки мо кам мешуд, нуфус ва амлоки дигарон зиёда мегардид, дигар номи ин қитъаро «Туркистон» гуфтан бемаънӣ шумурда, масалан, «Новая Русия» мегуфтанд.

Ҳол бадин минвол буд, ки ҳукумати Николай ва тарафдоронаш зеру забар гардида Ҳукумати Шӯрой барпо шуд.

Аз он ҷое ки қонуни асосии Ҳукумати Шӯрой ба ҳоли мазлумон ва фақирон пардохтан аст, қивом ва давоми Ҳукумати Шӯрой вобаста ба рафоҳи ҳол ва соҳибҳуқуқ шудани миллатҳои маҳкумаи ранҷдидаи дар аҳди Николай аст, ба ҳоли мо пардохтанӣ шуд. Аз он ҷое ки асли марази мо ҷаҳлу нодонист, аввал ба мо дари давохонаи илму маърифатро бикушод. Дар ҳар кӯчаву маҳаллаи мо мактабҳо барпо шуд. Барои ононе ки дорои хату савод нестанд ва умрашон аз синни таҳсилӣ гузаштааст, курсҳои бегоҳӣ ва ша-

бона таъсис гардид. Барои омӯзгор расониданн ба ҳар тарафи мамлакат ва ба ҳар ҷое ки худи мо хостем, курси омӯзгорон кушода, маишати давомкунандагонро аз худ таъмин кард. Барои танвири афкори мо рӯзномаҳо, рисолаҳо, хитобномаҳо ва баёниомаҳо нашр кард. Боз мо ба чӣ қадар мактаб ва курс, ки эҳтиёҷ баён кунем, кушода хоҳад дод, ба чи қадар китоб, рисола, рӯзнома ва маҷмӯае, ки лузумашро исбот намоем, нашр хоҳад кард, ба ҳамаи ин чизҳое ки дар боло баён кардем, ҳукумат танҳо харҷ дод, дигар тадохуле, ҳадшарасонӣ накард, яъне тарзи иҷрои ин корҳоро ба худи мо вогузошт, ҳамаи ин корҳоро мо ба дилхоҳи худ ва ба тарзе ки ба худамон нофеъ медонем, ба ҳамон тарз таъсис ва иҷро мекунем. Шумо як қадаре фикр намоед! Дар дунъё кадом ҳукумат аст, ки ба маорифи раия ҳамин дараҷа базли ҷаҳд намояд, кадом салтанат аст, ки танҳо дар роҳи илм ҳамин қадар маблағҳои ҳангуфт [35] сарф кунад.

Мардум мегӯянд: Ҳукумати Шӯрой буду нобуди раияро рабуд, ин қадар тазминот андохт, ин миқдор мусодира кард... Воқиан маблағҳо тазминот [36] афтод, анборҳо мусодара шуд ва ҳам аз ҳамин шаҳрҳои Туркистон зиёдтар тазминот ба Самарқанди мо афтод.

Акнун шумо дар зарфи ду сол чӣ миқдор тазминот додани Самарқандро ҳисоб ва тарқим [37] намоед, ба тарафи дигар шумурда рақам занед, ки дар ин ду сол танҳо ба маориф ва мактабҳои Самарқанд чӣ қадар пул сарф шудааст, баъд аз он мебинед, ки тафовут аз куҷо то ба куҷост? То ҳол аз Самарқанд чӣ маблағ тазминот гирифта шуда бошад, ба ҳар кас тақрибан маълум аст, аммо ба маориф ва мактабҳои Самарқанд чизе ки харҷ мешавад, бояд ба ҳар кас маълум набошад. Бинобар ин ба тахмини ҳисоби пешакии исметаи [38] яксолаи шаҳри кӯҳнаи Самарқанд мултафит [39] шавад: — «Чаҳорсад миллион». Гирем ки ҳукумат тамоми ин маблағро намедиҳад, нисф ҳам намедиҳад, чаҳорьяк ҳам намедиҳад. Ақаллан ҳаштьяк медиҳад ё не?! Дар сурате ки ҳаштьяк диҳад, танҳо масорифи яксолаи мактабҳои шаҳри кӯҳнаи Самарқанд панҷоҳ миллион манот [40] мешавад. Албатта дар ду соли гузашта ҳам бояд хеле маблағ сарф шуда

бошад. Дар ин сурат гуфта мешавад, ки қатъи назар аз харҷҳои дигар, танҳо дар роҳи илму маорифи Самарқанд таэминоте ки аҳолии Самарқанд ба ҳукумат дода буданд, чанд-чанд шуда («изъофан музоифатан») сарф шудааст (дар ин ҳисоб мо 16 манот додани як қадоқ гӯшти 60 манотиро дохил намекунем).

Бо вуҷуди ин ҳамаи масориф, аз маориф дуруст истифода карда натавониста бошем, айб ба худи мост, на ба ҳукумат. Мо бояд, ки ҷавонони афифи[41] боҳушамонро дар курси омӯзгорон давомат кунонем. Онҳое, ки ба коре машғуланд, хату савод надоранд, ё ки хату саводу маълумоти дуруст надоранд, ба курсҳои бегоҳӣ ва шабона давомат кунонем ва фарзандони ҳафтсола то ҳафтдаҳсолаамонро ба мактабҳои ибтидоӣ даъват кунонем, то ки фоидаи маъмуларо ба даст дарорем. Лекин мо ҳанӯз... фарзандонамо оқибат сарбоз мешавад, гуфта ба хаёлоти бемаънӣ ва ба гуфторҳои беасос машғулем.

Дар вақти ҳукумати мустабидда ахлоқ ва одоти мо чи қадар фосид шуда буд? Тарзи маишати мо ба кадом гуна исрофот мунҷар[42] гардида буд?— дар боло ишора рафт. Ҳукумати Шӯроӣ майхӯрӣ, киморбозӣ, базм, тӯи мусрифона, кӯбкорӣ ва амсолаширо ба сурати қатъӣ манъ кард. Ҷазои боданӯшонро аз ҳаргуна ҷиноят сахттар фармуд. Маст ва киморбозро дар фирқаи иштирокиюн[43] роҳ надод. Дар ин сурат гуфта мешавад, ки Ҳукумати Шӯроӣ давоҳои иллатҳои музминаи[44] моро ба дасти худамо дод. Мааззолик, мо шаробхӯронро манъ накунем, киморбозонро ба маҳкамаи адлия насупорем, дар хуфия ба ҷои як пут биринҷ, як ман пухта номи онро орзую ҳавас гузорем, дар ҳамин соли қаҳтию гаронӣ ба ҳар асп соле даҳ ман ҷав, ду ҳазор банд беда хӯронда кӯбкорӣ тозонем, айби худи мост, на айби ҳукумат!..

Сиёсатан Ҳукумати Шӯроӣ ҳама кори мулки моро ба дасти худи мо супурд. Имрӯз худи мо шӯро мекунем аз қарьяҳо гирифта то музофот, вилоят ва мамлакат, ба сари кор бо интихоб одами худро менишонем ё мумкин аст, ки нишонем. Дар ин сурат агар мо аз шӯро гурезем, ба интихобот дохил нашавем, одамҳои

росткорро интихоб накунем, инҳо айби мост, на айби ҳукумат.

Имрӯз як қисм аз мардум аз ҳукумат шикоят мекунанд ва аз ҳаракоти баъзе ашхос изҳори норозигӣ менамоянд!.. Ин қисм мардум ба ин гуна шикоятҳо ҳақ надоранд. Зеро одамоне ки ба сари коранд, интихоб кардаи эшонанд. Чаро аз аввал одамони хубро интихоб накардаанд?! Муқаррар, хоҳанд гуфт, ки «мо интихоб накардаем, зеро мо ба фирқа дохил нестем, фалонӣ ва фалониҳо интихоб кардаанд...» ва дар ин сурат мо мегӯем: бародарон! Ин интихобот абадӣ ва умрӣ нест, дар ҳар се моҳ ва шаш моҳ интихоби тоза мешавад. Бисмилло, бифармоед, ба фирқа дохил шавед! Аҳбоб ва дилхоҳатонро низ дохил кунед. Дар ин давраи интихоб худатонро ё касеро, ки аз худатон ҳам беҳтар аст, ба сари кор нишонед ва адолатро пойдор кунед!

Ҳукумати Шӯроӣ танҳо сиёсати дохиламонро ба мо насупурд, балки сиёсати хориҷиро низ ба дасти мо дод. Мо имрӯз метавонем дар боби сиёсати хориҷӣ фикри худро иҷро кунем. Кадом сиёсатеро, ки дар ҳаққи умуми мусулмонони дунъё ва аҳолии машриқзамин нофеъ медонем, ба ҳамон ҳаракат карданро аз ҳукумат талаб намоем. Хулосаи калом, Ҳукумати Шӯроӣ ба мо ҳар чизро дод ва ҳар чиро доданист, лекин мо дуруст фоида гирифта наметавонем ё намехоҳем. Гар гадо коҳил бувад, тақсири соҳибхона чист? Агар мо хоҳем, ки дар дунъё дар чиргаи милали мутамаддинаи ҳайя[46] зиндагонӣ намоем, аз ин фурсат фоида бурда то ҷон дорем, аввал дар илм ва маориф кӯшем. Дуввӯм чизҳоеро, ки Ҳукумати Шӯроӣ ба мо дод, истеъмоли бад (суиистеъмол) накарда дар ҳамин ҳакҳо сазовор буданамонро нишон диҳем. Ҳам дар қуввати ҳукумат такья карда, дар ислоҳи ахлоқ ва барҳам додани одоти разилаамон бикӯшем. Баъд аз он медонем, ки Ҳукумати Шӯроӣ ба мо чӣ дода будааст.

рохи инқилоб кам қурбонӣ надода, кам фидокор ва қаҳрамон нарасонидааст...

Алъон ҷое ки таърих иборат аз такаррури вуқӯот аст, яъне ҳар воқиа, ки дар байни қавм ва миллате дар айёми гузашта воқеъ шуда бошад, бар тақдири вуҷуди иллат, он воқиа дар айёми оянда низ айнан ё масалан воқеъ хоҳад шуд, мо яқин доштем, ки баъд дар Эрон низ дар роҳи инқилоб ва озодӣ ҳаракатҳо ва кӯшишҳо бошад. Иллати инқилоб дар Эрон мавҷуд аст, зеро бедодҳое, ки имрӯзҳо аз дасти Англис ва англиспарастон ба хоки поки Эрон меравад, аз он зулмҳое, ки дар замони гузашта ба сари Эрон омада, сабаби инқилоб ва ихтилоли ҷавонони ғаюри эронинажод шуда буд, сад бор сахттар ва душвортар аст. Бинобар ин ҳеҷ гумон намерафт, ки Эрон дар ҳамчу рӯз сокит истода гӯсфандвор худро ба дасти қассобони Англис супурда бошад.

Азбаски дер боз роҳи мухобара бо Эрон масдуд аст, хабаре ки дар ӯ итминон карда шавад, намерасид. Хабарҳое ки то имрӯз аз аҳволи Эрон ба рӯзномаҳо нашр шуд, ҳама ба воситаи вукалони Англис ва баёни ҳоли давоири расмии Эрон буд. Табиӣ, ин хабарҳо ғайр аз маъюсӣ ва торикӣ самараи дигар надошт. Мисли он ки дар шаби торик ситорае аз тахти абри сиёҳ дурахшида, қадри ним нафас чашми ҷаҳониёнро равшан мекунад, хабари мӯҷиби фарҳмандӣ дар бораи қиёми эрониён бар алайҳи Англис, дар шумораи 25 «Шӯълаи Инқилоб» мутолаа карда шуд.[79] Аз он ҷо ки манбаи ин хабар Бухорои нав ва аз афвоҳи[80] маҷҳула буд, ҳанӯз дилро тамом аз васваса пок намекард.

Дар ин асно шумораи 45 ва 46 рӯзномаи «Садои фуқаро»-ро, ки дар шаҳри Полторатский (Ашқобод) нашр мешавад, мутолаа кардем. Дар шумораи 46-и ин рӯзнома дар зери унвони «Озарбойҷон ва Эрон» хеле маълумоти муҳимма мавҷуд аст. Аз ин ҷумла: ғаюрона муҳориба кардани Кучакхони[81] машҳур аст бар алайҳи Англис ва англиспарастон.

Дар шумораи 45-и рӯзномаи мазкура банде нақл карда шудааст аз рӯзномаи «Раъд»-и[82] Эрон. Рӯзно-

маи «Раъд» хабарҳоеро, ки ба дарди Англисҳо бар-намехӯрад ва ба гӯшашон намефорад, нашр кардааст. Аз ин ҳамин мустафод[83] мешавад, ки дар Эрон як қуввати бузурге бар алайҳи Англис мавҷуд аст, ки рӯзномаи «Раъд» дар сояи он қуввват нашр мешавад ва илло Англисҳо ҳаргиз розӣ намешуданд, ки бар зарари худашон дар хоки Эрон рӯзнома нашр шавад. Инак мо мақолаи «Раъд»-ро аз «Садои фуқаро» тарҷиматан нақл карда, ба хонандагони «Шӯълаи Инқилоб» пешкаш менамоем:

Дар бораи коргарони Англис, Амрико, ва Франсия то ҳол дували муттафиқа, барои пешгирии роҳи болшевизм қуввои ҳарбӣ сарф карда, дар роҳи сиёсати бемаънии худ бо ҷиддияти тамом кӯшиш карда, мехостанд коргарони Русияро, ки ба зери офтоби озодӣ ҷамъ шудаанд, маҳв ва нобуд намоянд, ва ҳол он ки он зарбаҳоеро, ки мехостанд ба сари коргарони нав аз зулм озодшудаи Русия фуруд оранд, ба сари худ-ҳошон фуруд овარданд.

Англисҳо коргарони худро ба муҳорабаи Русия фиристода, ба рехтани хуни ҳамсинф ва ҳамнавъи худ водор мекарданд, бинобар он коргарони Англисро кор ба ҷон, корд ба устухон расида, дар иҷтимоъе ки дар шаҳри Далер воқеъ шуда буд, ба курсии хитобат баромада нутқ кардани мистер Черчикро[84] монеъ шуда, ғавғо ва шӯриши бузурге барпо карданд. Аз забони шӯришчиён ин ҳарфҳо баромад:

Аскарҳои Англис чаро ба Русия мераванд? Мо чаро барои маҳв кардани бародарони ҳамсинфи худамон, яъне коргарони Русия, ба он ҷо меравем? То ба чанд мо қурбони ҳавои соҳибҳавасон мешавем? Бас аст фиребҳое, ки то ҳол хӯрдем!

Баъд аз ин иҷлос коргарони Англис ба таътил шурӯъ карда тарки хидмат карданд. Аз хабарҳои «Рейтер»[85] маълум мешавад, ки бинобар тарки хидмат кардани коргарони роҳи оҳан, давлати Англис барои нақли озуқа ва ғайра ба ҳаҷз[86] кардани автомобиль ва аробаҳо маҷбур шудааст.

Вазири Франсия Келмонсу шӯришчиёни Франция-ро тарсонда, мегӯяд ки: «Агар пеш аз тамом шудани

маҷлиси сулҳ, шумо шӯриш карда ҳукуматро ба истеъфо кардан маҷбур намоед, яқин донед, ки миллати Франсия аз сари нав ба ҳуҷуми Олмония дучор мегардад, ба ҳолате ки аз Англис ва Амрико ба мо ёрӣ намеояд».

Ба сабаби шӯришҳое, [ки] коргарони Амрико барпо карданд, раиси ҷумҳур Вилсон маҷбур шуд, ки худро аз маҷлиси сулҳ ба канор бикашад.

Ин мақола ва хабарҳоро авроқи махфиёна нашр намекунад ё ин ки дар гӯшаи хонаҳо ва кунҷи такьяҳо забонӣ музокара намеёбад, балки ин мақоларо мисли «Раъд» як рӯзномаи бузурги Эрон, ки идорахона ва ношири муайян дорад, менигорад. Ҳам ин рӯзнома ба тамоми хоки Эрон тавзеъ меёбад.[87] Ҳатто ба воситаи ҷавонони фидокори Эрон то Туркистон фиристода мешавад. Англисҳо аз бастани ин рӯзнома оҷизанд. Пас яқин ҳосил шуд, ки дар хоки Эрон оташи бузурге бар зарари англисҳо ва умуми ҳукуматҳои сарватдор дар иштиол[88] аст. Ин оташ сирран ва аланан ба сӯзондани хонумони англисон ва англиспарастон машғул аст. Умед аст, ба зудӣ ба расидани ӯрдуи шарқи Усмонӣ ва ба қиёми умуми ранҷбарони Озарбойҷону Доғистон ва Гурҷистон ва ба вуруди ӯрдуи халоскори шарқ аз Русия, дар Эрон низ қиёми умумӣ воқеъ шавад, Эрон низ қомати шашҳазорсолаи ҳамшудаи худро рост карда, аз пушти худ бори Англис ва англиспарастонро ба дур андозад.

«Оқибат Шарқ мешавад бедор,
Гарчи ин фикр хобро монад»[89].

## ҲУКУМАТИ ШӮРОИИ ТУРКИСТОН ВА МАСЪАЛАҲОИ ШАРҚ[90]

Маълум аст, ки дар зарфи дусолаи инқилоб Туркистон хеле фалокатҳои бузургро аз сари худ гузаронид. Сабаби ин фалокатҳо, яке: камии озуқа ва қаҳтии асбоби лозимӣ ва қатлу ғоратҳое ки лозимаи айёми инқилоб аст, бошад, дуввумӣ ва сабаби умда: дуруст қарор нагирифтани ҳукумати шӯроӣ дар Туркистон буд

Оре, баъд аз Инқилоби Октябрь, дар Туркистон низ ҳукумати шӯроӣ барпо шуд, фирқаҳо ва ҷамъиятҳо ба номи иштирокиюн ва ранҷбарон ташкил ёфт, лекин он бародароне, ки аз номи ранҷбарон ва аз номи фирқаи иштирокиюн бар сари кор омада буданд, аксаран ба программаи иштирокиюн амал намекарданд. Бинобар ин мусодараҳои бемавқеъ, ҳаҷзҳои бемаврид ва амсолаш бисьёр воқеъ шуд. Илова бар ин, бародарони аврупоӣ ҳанӯз худро табақаи олӣ ба қалам дода, ба мусулмонон назари хубе надоштанд, ҳуқуқро баробар намедоданд, аз мусулмонон аҳьёнан касе баромада ҳуқуқи мусулмононро талаб кунад, «ту миллатчӣ! ту аксулҳаракатчӣ! ту тарафдори тавонгарон!» гуфта аз дар берун мекарданд. Аз он ҷо ки аксулҳаракатчиён, фирқаи сафедон ва англисон роҳи Москва, Ашқобод ва Урунбурғро баста Туркистонро аз Москва ҷудо карда ба муҳосара андохта буданд, ки аҳволи фалокатиштимоли Туркистон биттафсил ба Москва маълум набуд. Ононе ки телғирофи бесим ба дасташон буд, аҳволро мувофиқи райъи худ ба Москва иттилоъ медоданд. Мааззолик дар авоили соли 1919 аҳволи Туркистон қадре ба Москва маълум шуд. Моҳи марти 1919 дар вақти кушода шудани роҳи Урунбурғ як ҳайъати роҳбар аз Москва ба Туркистон омада, дар иҷтимоъи ҳафтӯми кишварӣ дастуруламали Москваро дар ҳаққи Туркистон ба маҷлис арз кард, дар натиҷаи ин иҷтимоъ ба мусулмонони Туркистон хеле рӯҳ пайдо шуд, ба интихоби умумӣ ташкилоти мусулмонон «Бюрои мусулмонон» ташаккул ёфт. Умдаи вазифаи бюро ба ташкилоти мусулмонон роҳбарӣ кардан ва ҳар ҳукме, ки дар ҳаққи мусулмонон аз идораҳои ҳукумат мешавад, мувофиқи қонун будан ва набудани онро назорат кардан буд. Чун боз роҳи Урунбурғ баста шуд, онҳое ки ба сари кор буданд, боз ба кайфу хоҳиши худ ҳаракат карданд. Дар моҳи июль аз Москва дар ҳаққи туркистониён нофеъ ва доир ба масъалаи Шарқ телғирофи бесиме омад. (Ин телғироф айнан дар шумораи 15 «Шӯълаи инқилоб» нашр шуда буд)[91]. Лекин ҳукмронони Туркистон ба он телғироф амал накарданд, ҳатто наздик буд, ки ба сабаби он телғироф шӯрише барпо кунанд.

Дар моҳи сентябри 1919 иҷтимои ҳаштӯми кишварӣ дар Тошканд барпо шуд. Ин иҷтимоъ тамоман бо ҷангу ҷидол гузашт. Мусулмонон ва як қисм аз аврупоиён, ки ба сӯи мусулмонон ба назари инсоният нигоҳ мекарданд ва ҳақиқатан маслакашон иштирокиюн буд, дастурулъамали Москваро амал кардани буданд, фирқаи дигари аз аврупоиён, ки ба мусулмонон ба назари дигар нигоҳ мекарданд ва номи худро иштирокиюн монда, деги худро ҷӯшондани буданд, барои нигоҳ доштани ҳокимият ба дасти худ исрор мекарданд. дар ин асно ба ҷонфишонии қӯшуни сурх такроран роҳи Урунбурғ боз шуд. Ба таъсири кушода шудани роҳи Урунбурғ ва ба ҳусни сиёсати тарафдорони Москва дар натиҷаи иҷтимоъ ба давоири ҳукумати марказии Туркистон ашхоси мӯътамади инсониятпарвар мунтахаб шуданд, яъне масъала бар вафқи[63] мароми мусулмонон ҳал шуд.

Чун ҳаракоти ҳарбӣ аз роҳи Тошканд — Урунбурғ бартараф шуда, роҳи оҳан таъмир ёфт, аз Москва як ҳайъати кумиссиюн бароиислоҳи кори Туркистон омад. Ҳайъати мазкура ихтиёри комил ба дасти худ дорад, ки бо он ихтиёр ҳарчи хоҳад мекунад. Ҳайъат дар Тошканд ва соири нуқоти Туркистон иҷтимоъҳо барпо карда, дастурулъамали Москва ва масъалаи Шарқро ба мардум арз кард. Чун тафсилоти ин маърӯзаро сафҳаҳои кучаки «Шӯълаи Инқилоб» гунҷоиш надорад, ба ҳукми «мо ло юдраку куллуҳу ло ютраку куллуҳу»[63] қисме аз он маърӯзотро хулоса карда ба хонандагони гиромӣ пешкаш мекунем. Аз ин маърузот назари Ҳукумати Шӯроӣ ба Туркистон ва масъалаи Шарқ худ ба худ маълум мешавад. Хулосаи нутқи муфассале ки раиси кумиссиюн бародар Илёво[64] дар шаҳри кӯҳнаи Тошканд ба ҳузури ҷамоати муслимин фармуд, аз ин қарор аст (аз рӯзномаи «Иштирокиюн» тарҷима карда шуд):

«Бародарон! Агарчи чанд рӯз аст, ки мо ба Туркистон ворид шудаем, вале танҳо имрӯз ба маҷлисе ки холис аз мусулмонон ташкил ёфтааст, ба ҳузуратон мушарраф шудем, аз омадан ба Туркистон чӣ мақсад доштани моро муқаррар шумо аз рӯзномаҳо ё аз афвоҳи[65] ашхос шунида медонед. Дар зоҳир гумон ме-

равад, ки вуруди мо мисли вуруди вукалое ки дар замони истибдод аз марказ меомаданд, ба ҳамон мемонад. Лекин ба назари диққат мулоҳиза равад, маълум мешавад, ки мо дар Туркистон барои барпо кардани ҳукумати шӯроии ҳақиқӣ ва барои халос кардани Шарқ аз дасти ҷаҳонгироне, ки мехоҳанд мустамликааш намоянд, ва барои озод кардани миллате ки соири миллатҳои қавӣ мехоҳанд бандааш бикунанд, омадем. Аз Москва ба гарданамон ҳамин қадар вазоифи муҳиммаро бор кардаанд. Мо умедворем, ки ба зудӣ ба адои ин вазифаҳои муқаддас муваффақ шавем. Дар Туркистон ба зудӣ дастуруламали ҳақиқии Ҳукумати Шӯрой ба амал омада ба ҳамсоягон намунаи имтисол [96] хоҳад шуд».

Дар ин ҷо нотиқ аҳволи идораи ҳукумати мустабиддаи Русия ва асбоби инқилоб ва таърихи инқилобро нақл карда, таассуси Ҳукумати Шӯрой ва пруғроми [97] онро баён намуда мегӯяд, ки, вақте ки Ҳукумати Шӯрой дастуруламали худро эзоҳ кард, ҷанги хонагӣ барпо шуда, пӯпҳо, кашишҳо, маъмурони ҳукумати собиқа, заминдорони бузург ва тавонанда бар хилофи Ҳукумати Шӯрой қиём карданд ва хостанд, ки ҳукуматро аз дасти ранҷбарон боз гиранд. Сарватдорони Русия медонистанд, ки агар ҳукумати Шӯрой давом кунад, миллатҳои маҳкума, аз ин ҷумла мусулмонон, ба атрофи Ҳукумати Шӯрой гирд омада, ҳукумати сарватдоронро абадӣ дар саҳрои адам хоҳанд фиристод. Сабаб ҳамин буд, ки сарватдорон ва маъмурон даст ба дасти якдигар дода, Русияро аз ҳар тараф ба муҳосира гирифта, Туркистонро аз Русия ҷудо карданд... Ва дар ин ҳол мо сокит ва ором нанишастем, балки ҳамеша кӯшиш кардем, такрор хеле заминҳои Русияро фатҳ карда ба марказ илҳоқ кардем. Атрофи кӯҳи Уралро аз аксулҳаракатчиён пок намуда, дар он ҷо ҷумҳурияти Бошкирдистон барпо кардем. Қазоқистонро аз сафедон таҳлия карда, мухторияти қирғиз ва қазоқ ба вуҷуд овардем. Хулоса, гуфта мешавад, ки дар аксар ҷоҳо ҳукумати шӯрой хуб таъсис ёфт. Сарватдорон, кашишон ва маъмурони ҳукумати мустабидда, ки ба мо бераҳмона муқобала карда буданд, мо низ ба эшон муқобалаи билмисл

кардем. Дар аҳди подшоҳӣ ба калисоҳо аз хазина ҳадья дода, дини насороро[18] аз соири адьён олӣ медонистанд, мо пӯпҳоро тард карда, ҳадьяҳоро қатъ намуда, улвияти дини насороро аз соири адьён аз по даравдохтем. Заминҳои заминдорони бузург ва корхонаҳои тавонгарони калонро ба фоидаи коргарон ва ранчбарон мусодара кардем ва алҳосил дар марказ хеле табаддулот ба вуқӯъ омад.

Оё дар Туркистон мисли Русия тавонгарони бузург ва амалдорони калон мавчуд буданд?

Дар Туркистон ба он маънӣ, ки дар Русия ҳастанд, тавонгар ва заминдори бузург набуд. Агар аҳёнан бошад ҳам, аз аҳолии Туркистон не, балки аз бегонагон буд. Бинобар ин дар Туркистон бар хилофи марказ ҳаракат кардан лозим буд. Лекин то ҳол касоне ки зимоми идораи Туркистонро ба дасти худ гирифта омаданд, Туркистонро ба марказ монанд карда, ҳачзҳои бемавқеъ ва мусодараҳои бемаврид карда, ба хеле бетартибиҳо сабаб шудаанд. Лекин баъд аз ин ҳайъати кумиссиюн ба ин гуна ҳаракатҳои нолоиқ хотима хоҳад дод. Ҳачз ва мусодараҳои бемавридро аз миён хоҳад бардошт.

Ҳукумати собиқ ҳамеша динро олати сиёсати худ мекард. Ҳукумати Шӯроӣ динро аз сиёсат чудо карда, мардум ба кадом дин ки бошанд, ҳаргиз дахл нахоҳад кард. Ҳар кас чӣ қадар ибодат кунад, Ҳукумати Шӯроӣ «чаро ибодат мекунӣ?» намегӯяд. Мо дар маркази Русия бо пӯпҳо ва кашишҳо муҳораба кардем. Зеро дар он чо пӯпҳо танҳо ба ибодат машғул нашуда бо мо берахмона муҳораба карданд, ибодатхонаҳоро истеҳком карда, дар бурчи калисоҳо тӯп гузошта ба мо тир андохтанд, мо низ эшонро тард карда калисоҳояшонро забт кардем. Аммо дар Туркистон ба ин корҳо ҳаргиз эҳтиёч намеафтад. Зеро ҳеч гоҳ аҳли Туркистон ба мо аз номи дин муҳораба эълон нахоҳанд кард. Бинобар ин мо дар Шарк барои дини роҳи бисьёр васее мегузорем.

Ҳукумати Шӯроӣ дар илму маърифат бисьёр хидмат кард. Дар зарфи дусолаи инқилоб то қишлоқҳо ва деҳоти Русия аз мактаб, қироатхона ва рӯзнома пур шуд. Ҳаргуна китоб ва рисолаҳои илмӣ ва фанни

ҳаррӯза нашр мешавад. Таълим умумӣ ва маҷбурӣ шуд. Бадин васоит ранҷбаронро ба ҳуқуқи худашон ошно карда шуд. Нашри маорифро ба роҳи хубе андохта шуд. Ҳатто дар Петроград қонуне вазъ карда шуд, ки ба одами бесаводу нохонда кор супурда намешавад. Лекин дар Туркистон то ҳол ҳеҷ кор карда нашудааст... Қасоне ки дар сари ҳукумат нишастаанд, вазоифи худро адо накардаанд. Агар шаҳрҳо ва наздикҳои роҳи оҳанро истисно кунем, гуфта мешавад, ки дар Туркистон маромн Ҳукумати Шӯрой ҳанӯз маълум нашудааст. Мо вақте ки аз марказ ба Туркистон меомадем, мегуфтем, ки каму кости Ҳукумати Шӯронро ислоҳ хоҳем кард, баъд аз омадан дидем, ки дар Туркистон ҳукуматро аз сари нав таъсис кардан лозим будааст. Бинобар ин мусулмононро лозим он аст, ки ба мо ёрмандӣ намоянд.

Дар Туркистон ҳукумати шӯрой ва фирқаи иштирокиюнро чи гуна ба амал меоварем?

Мо дар Русия маҳкамаҳо кушодем, тавонгарон ва заминдоронро мусодара карда, аз сари кор рондем. Лекин дар Шарқ, аз ин ҷумла дар Туркистон, ин гуна ҳаракат карда намешавад. Зеро дар Шарқ тавонгар пайдо нест. Аҳолии Шарқ умуман дар зери бори сарватдорони фарангӣ фақирона зиндагонӣ карда омадаанд. Ҳукумати собиқа ба кори ҳукумат аҳолии маҳаллиро роҳ намедод. Ба воситаи маъмурони худ буду нобуди аҳолиро ба худ ҷамъ мекард... Ҳукумати Шӯрой барои озодии тамоми миллатҳои маҳкум ва мазлума кор мекунад. Ин суханро Николай, Англис ва дигарон низ бар сари забон мегуфтанд, аммо Ҳукумати Шӯрой ин гуфторашро ба кирдор тасдиқ хоҳад кунонд. Мо барои расидан ба мақсуд, бояд нахуст фирқаи иштирокиюнро ислоҳ кунем. Дар фирқа интизом ва тартибе, ки дар фирқаи марказ ҳаст, ҷорӣ намоем. Дар Туркистон бисьёр касоне, ки ба фирқа дохил шудаанд, манфаати шахсиҳоҳ ба назар меоянд. Мо бояд ин гуна ашхоси манфаатдӯстро аз фирқа бераҳмона тард намоем. Дар ин сурат фирқа, мисли фирқаи Москва ба интизом медароянд. Вақте ки дар Туркистон фирқа аз соҳибони ағрози** шахсӣ пок шавад, ба гардани фирқаи Туркистон вазифаи

нозуки бисьёр масъулиятнок меафтад. Зеро фиркаи Туркистон бояд корхое кунад, ки мухаббати хамсоягонро ба худ чалб намояд. Шумо гумон накунед, ки инкилоб охиста-охиста сокин шуда дуньё ором мешавад. Лекин хар вакт, ки инкилоби ранчбарон тамоми рӯи дуньёро фаро гирифта мазлумонро аз дасти империторпарастон озод кунад, он гох дуньё осуда мешавад. Бинобар ин шумо ёрмандӣ намоед! То ки ба зудӣ чабхахои харбро тамом карда ба хамсоягон ёрмандӣ намуда, эшонро аз панчаи оханини императорпарастон халос кунем. Дар охири сухани худ мегӯем, ки дар Туркистон, беинтизомихое ки ду сол боз шуда, баъд аз ин нахохад шуд. Мо барои озод кардани Шарк омадаем. Аз он чо ки шумо хам як чузъи ахолии Шарк хастед, ба ин максади мо ёрмандӣ намоед! Он гох метавон гуфт, ки ба зудӣ озодии Шарк ба вучуд хохад омад. Бадин восита тамоми миллатхои мазлумаро аз дасти вахшиён халос хохем кард.

Зинда бод озодии Шарк!

Зинда бод иттиходи ранчбарони дуньё!»

Дар хамон мачлис бародар Буруйдо[106] бадин гуна сухан меронд (мухтасаран):

«Бародарон! шумо гумон накунед, ки Хукумати Шӯрой танхо ранчбаронро халос мекунад, не! Балки Хукумати Шӯрой озод кардани тамоми миллатхои мазлумаро аз дасти императорпарастон дар madди назар гирифтааст. Шумо медонед, ки ахолии Африко, Хиндустон, Эрон ва Хитой дар зери асорати сарватдорони фарангӣ чи зулмхо мекашанд. Хукумати Шӯрой тахлиси эшонро ба худ шиор карор додааст. Ахолии машрикзамини худхошон низ дар рохи озодӣ омодагӣ карда, зуд аламӣ сурхи инкилобро боло бояд кунанд. Хушбахтона хабархои киёми ахли шарк харрӯза мерасад. Чи дар Хиндустон, чи дар Афғонистон, чи дар Эрон харакатхои сахт, дар мукобили имперотурпарастон мавчуд аст. Ахолии Туркистон бояд хукук ва вазифаи худро шиносанд ва инро донанд, ки дар дуньё ғайр аз Хукумати Шӯрой ба эшон дӯсте нест. Кумиссиюни Москва ба эшон дар хар хусус ёрмандӣ хохад кард, сиёсати хатое ки то хол амал карда шу-

дааст, табдил хоҳад шуд. Ҳуқуқи аҳолии Туркистонро ба худи аҳолӣ супорида мешавад. То ҳол касоне ки дар сари ҳукумати шӯроии Туркистон нишастаанд, аз сиёсати Шарқи марказ бехабарона ҳаракат кардаанд, мо ин гуна ашхоси худғаразро аз Туркистон, ҳатто аз рӯи дунё тард хоҳем кард.»

Азбаски маҷаллаи «Шӯълаи Инқилоб» танг аст, ба хулосаи ҳамин ду маърӯза иктифо намуда, аз бақияаш сарфи назар кардем. Нутқҳое ки 31-ӯми декабрь дар мадрасаи Тиллокор [101] аз тарафи ин ду нотиқ ба ҳузури аҳолии Самарқанд гуфта шуд, чун мазмунаш ба мазмунҳои фавқ наздик буд, бар нақлаш ҳоҷат надидем.

## БА АСОКИРИ СУРХ ЁРӢ ДИҲЕД [102]

Маълум аст, ки дар натиҷаи ҳарби оламсӯзи умумӣ коргарон ва аскарони Русия ба ҷон омада, аламы инқилобро бардошта, ҳукумати императории Русияро зеру забар карданд. Чун ҳукумати муваққата (ҳукумати Керенский) боз ҳарбро давомат кунонд, такрор тамоми аскар ва ранҷбар шӯрида, ӯро низ аз миён бардошт, дар Русия Ҳукумати Шӯроиро барпо карданд. Мақсад ва маслаки Ҳукумати Шӯрой дар боби ҳарб ин аст, ки аз рӯи дунё ҷанг ва пархош билмарра [103] барҳам хӯрда, сулҳи умумӣ дар байни тамоми бани навъи инсон барпо шавад. Чун душманони ин маслак, яъне ченрол [104] ва саркардагони Николай, сарватдороне ки ҳамеша аз ҳарб фоида мебаранд, ҷаҳонгирони дунё, ки мақсадашон асорати милали мухталифа аст, дар муқобили Ҳукумати Шӯрой бархостанд, барои мудофиаи Ҳукумати Шӯрой аз эшон Аскари Сурх ба майдон омад. Аскари Сурх мӯҳтарамтарин ва баргузидатарини асокири рӯи дунёест, зеро мақсади Аскари Сурх ҷони худро фидо карда, хунрезони дунёро ва онҳоеро, ки ба хунрезӣ сабаб мешаванд, аз ҷаҳон берун карда, дар рӯи замин сулҳу мусоламатро барқарор кардан аст. Қудсияти ҳамин маслак аст, ки аз ғайри иҷбории касе миллионҳо фидоиро дар сафи Аскари Сурх дохил кунанд. Қудсияти ҳамин маслак аст, ки ба асокири сурх шуҷоати

фавкулодда дода, душманони қавиашро торумор сохт. Қудсияти ҳамин маслак аст, ки агар ҳар рӯз ҳазорон аскари сурх дар сафи ҳарб қурбон шавад, ҳар рӯз даҳ ҳазорон ранҷбари фидокорро ба ҷои эшон савқ[105] менамояд. Қудсияти ҳамин маслак аст, ки фикри зану фарзанд, модару падар, хешу табор, хонаву саройро аз ёди аскари сурх бароварда, ба ҷабҳаҳои ҳарб дар миёнаи барфу борон масрурона медавонад.

Агар Аскари Сурх ба фидокориҳои фавқуттоқа Ҳукумати Шӯроиро мудофаа намекард, идораи Русия ба дасти империалистҳо афтода, милюнҳо фарзандони одамро маҷбуран ба сафи ҳарб бурда, барои ҷаҳонгирӣ ва асир кардани миллатҳои дигар қурбон мекарданд, дар оянда низ мунтазири муҳориба шуда тамоми деҳқон ва ранҷбарро дар зери силоҳ медоштанд. Хулоса ба идораи империалистӣ ҳеҷ вақте аз авқот аз муҳориба ё аз омодагӣ ба муҳориба фароғат нест. Аммо ба идораи шӯроии ранҷбар, деҳқон ва аскар баъд аз тард ва танкили[106] ҷаҳонгирон ва сарватдорон сулҳи умумии доимӣ барқарор хоҳад шуд, бинобар ин Аскари Сурх мехоҳад ҳар қадар қурбоние, ки муяссар шавад, душманони инсониятро аз олам дафъ намояд, ҳар қадар, ки дар ин кор пештар ва бештар қувват сарф карда шавад, ҳамон қадар зудтар сулҳи умумӣ барпо шуда, олами инсоният абадӣ аз хунрезон ва хунхорон халосӣ меёбад.

Ҳарчанд Аскари Сурх дар дохили Русия ғалабаҳои мутантан[107] карда, зафарҳои намоён дид, лекин ҳанӯз тамом ба матлаби худ комьёб нашудааст. Аскари Сурх вақте вазифаи таърихии худро адокарда ба шумор меравад, ки ҷаҳонгирони дуньёро аз олами Шарқ ронда, ба-дин сабаб аз дуньё берунашон кунад, барои ҳусули ин муддао боз хеле фидокорӣ ва омодагӣ лозим аст.

Ҳар касе ки ба рехтани хуни фарзандони одам душман бошад, ҳар касе ки сулҳи умумии абадиро хоҳон бошад, ҳар касе ки истихлоси Шаркро орзӯ дошта бошад, бояд ҳеҷ фурсатро аз даст надода, ба Аскари Сурх ёрмандӣ намояд.

Мусулмонони Туркистон бояд дар ин кор зиёдатар аҳамият диҳанд, зеро агар, худо нахоста, хуку-

мати Николай давом мекард, илова бар ин ки соҳиби ҳеҷ гуна ҳуқуқ ва имтиёз намешуданд, милюнҳо ҷавонони туркистонӣ ба унвони мардикорӣ дар қафои сафи ҳарб ҳалок мешуданд.[108] Фоидае ки аз он ҳалок мегирифтанд, асорати худашон ва умуми мусулмонони рӯи дунъё буд.

Ҳукумати Шӯроӣ илова бар ин ки дар Туркистон ихтиёр ва имтиёзи куллӣ дод, мехоҳад умуми аҳли Шарқро, билхосса мусулмононро аз ранҷбарӣ, бандагии фарангиёни сарватдор ва аз дасти ҷаҳонгирони ғаддор раҳонад.

Ёрмандии Асокири Сурх «ҳар ки ва ҳар чи, ҳар чи ва ҳар ки» аст. Яъне дохил шудан ба сафи Аскари Сурх, иона[109] додан ба манфаати Аскари Сурх аз ҷумлаи ёрмандиҳост. Домони иона фарох аст: пули нақд, либоси гарм, кӯрпаву болиш, шириниву мавиз, чою тамоку, сӯзану нах, китобу қаламу коғаз, порча барои бастани ҷароҳат, дору, собун ва ғайра.

Бародарон! Ҳар ёрмандие ки ба Асокири Сурх мекунед, сулҳ ва саломатиро пеш меорад, асиронро тахлис мекунад, Шарқ ва исломро озод менамояд. Олами исломро аз дастиҷаҳонгирони мутағаллиб[110] мераҳонад, бинобар ин ба як ҷаҳон умедворӣ мегӯем: «Ба Асокири Сурх ёрӣ диҳед».

## БАРХЕЗ, ШАРҚИ МАЗЛУМ, КИ УРДУИ ШАРҚ РАСИД[111]

Назар ба ахборе ки дар рӯзномаҳо мутолаа кардем, дар Она-тӯлии усмонӣ ба номи «Урдуи Шарқ» як урду ҳозир шуда, ба ҳудуди Қафқоз наздик расидааст. Хабари дигар ин ки аз бими тасаллути Усмониён англисон Ботум ва Бокуро такроран ишғол кардаанд. Хабари сонӣ хабари аввалро тасдиқ мекунад, ҳам дар назари англисҳо чӣ қадар аҳамият доштани «Урдуи Шарқро» ба мо мефаҳмонад.

Маълум аст, ки баъд аз муторакаи[112] давлати усмонӣ бо муттафиқон, як қисми асокири усмонӣ дар зери кумондони Мустафо Камолпошо[113] ба муторака ва ҳайъати вузарое ки ба хоҳиши муттафиқон бар сари

кор омада буданд, эътироз карда аз Истанбул ба Она-тӯлӣ кӯчида буд. Хабархое ки баъд аз хуручи Мустафо Камолпошо аз Она-тӯлӣ расид, агар хулоса карда ба як чо чамъ кунем, такрибан ба карори зайл мешавад:

Мустафо Камолпошо дар Она-тӯлӣ нуфузу эътибори зиёд пайдо кардааст. Туркон умуман дар зери байраки Мустафопошо[114] чамъ мешаванд. Рауфпошо ва сонри ашхоси маъруфаи Туркия бо Мустафопошо хамфиканд. Арабхон атрофи Багдод кабила-кабила бо Мустафопошо хамрох мешаванд. Курдхо бо асокири англис мухораба доранд. Кувваи Она-тӯлӣ ба сӯи Багдод харакат кард. Аскари Она-тӯлӣ ба фосилаи панч фарсах ба Истанбул наздик расид. Хайъати вузарои Туркия табдил ёфт. Мачлиси мабъусон бо иродаи хазрати султон даъват ёфт. Сипохиёни хинд, ки бо фармони Англис дар Истанбул буданд, дар мукобили Англис киём ва ихтилол карданд...

Бар болои ин ахбор, хабари ба худуди Кафкоз наздик расидани «Урдуи Шарк»-ро зам кунем, чӣ кадар вокиахои мухимма дар Она-тӯлии усмонӣ рӯй дода хама ба манфаати туркони мазлум натича доданашро нишон медихад. Зеро агар аскари Она-тӯлӣ дорои куввай бузурге намебуд, сабаби табдили вузаро ва даъвати Мачлиси мабъусон шуда наметавонист. Агар аскари Она-тӯлӣ хоилахои Осиёи Кучакро ба манфаати худ хал намекард, «Урдуи Шарк» хозир карда наметавонист. Бар такдири омода кардани «Урдуи Шарк», ба худуди Кафкоз, наздик расида наметавонист.

Шумо гумон накунед, ки «Урдуи Шарк» танхост ва аз бакоёи мухорибаи панчсолаи оламсӯз аст.

Аз дасти ин урду чӣ кор хохад омад?

Оре, «Урдуи Шарк» аз бакоёи асокирест, ки панч сол боз дар чабхахои харби моддӣ ва маънавӣ кувваашонро барбод додаанд. Лекин ин урдуро куввае дар харакат андохта, ки дар соли 1812 русхоро дар харакат андохта, сабаби махв шудани Нополюн Бунопорт[115] шуда буд. Яъне туркон диданд, ки мамлакат, ватан, номус, иззат ва сарваташон аз даст рафта, хаёташон дар тахлука афтод, дар майдони мухорибаи золимон мурданро аз мурдан дар асорати зо-

лимон, бошарафтар донистанд ва ба ҳамин ният «ҳар чи бодо бод» гӯён худро ба маърака заданд.

«Вақти зарурат чу намонад гурез,
Даст бигирад сари шамшери тез».

«Урдуи Шарқ» танҳо нест! Зеро таърих ҳамаи мазлумони рӯи дуньёро муттафиқи табиӣ сохта дар садади якбора барангехтан аст. Ҳукумати Шӯрой ва ранҷбарони Русия, ки ду сол боз дар муҳосараи аксулҳаракатчиён ва давлатони ҷаҳонгир афтода буд, «ё ҳаёт, ё мамот» гуфта ба кӯшишҳои фавқуттоқат, як қисм аз душманони худро забун карда, хеле нуқтаҳои муҳиммаи Русияро, ки ба дасти аксулҳаракатчиён афтода буд, ба марказ пайванд дода, роҳи Туркистон ва Москваро кушода, масъалаи озод кардани Шарқро пешниҳоди ҳиммати худ кард. Аз рӯзномаҳо маълум мешавад, ки асокири сурхи Русия масъалаи Шарқро ва чи гуна муомила кардан ба аҳли Шарқро ҳамчу азкор [18] такрор мекунанд. Қавми тотор ва бошқирд, ки асрҳои дароз заҳри дар зери ҳукумати императорӣ буданро чашидаанд, ҳам барои бақову давоми Ҳукумати Шӯрой, ҳам барои истихлоси Шарқ урдуҳои мустақил омода мекунанд. Дар хусуси ин ки асокири сурхи Русия ба масъалаи Шарқ чӣ назар дорад, мақоларо аз шумораи 242 рӯзномаи «Иштирокиюн» тарҷима карда ба хонандагони гиромӣ пешкаш менамоем:

## «АСКАРИ СУРХ ВА СИЕСАТИ ШАРҚ»

Фирқаи Иштирокиюни урдуи якӯми ҷабҳаи Туркистон, дар иҷтимоъи саввӯми худ дар хусуси масъалаи Шарқ ба ин гуна музокара карданд:

1) Муносибати иқтисодии Русия ва Туркистон. Ин ду мамлакат аз ҷиҳати зиндагонӣ ва иқтисодӣ ба якдигар вобастааст.

2) Англисони ҷаҳонгир генеролҳои худи моро ба даст дароварда, мехоҳанд Русияро аз истинодгоҳҳои иқтисодиаш ҷудо карда, оташдони инқилоби ҷаҳонро хомӯш бикунанд. Зеро муносибати Русия бо Туркистон ба ҷаҳонгирии Англис бими бузург аст.

3) Тақдири англисони ҷаҳонгир вобаста ба Ҳиндустон аст. Туркистон аз ҷиҳати ин ки дарвозаи Ҳиндустон аст, ба нашъунамои инқилоби ҷаҳон аҳамияти бузурге дорад.

4). Дар Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ва Туркия, [ки] поймоли англисонанд, ҳаракати озодона рӯз ба рӯз дар тазоид аст.

5) Муваффақият пайдо кардани ин ҳаракати озодона ва истихлоскорона вобастааст ба маҳалли эътимод шудани мо дар назди аҳли Шарқ, хусусан мусулмонон.

6) Сиёсати бародарони мо, ки дар Туркистон ҳастанд, то хол мухолифи сиёсати Москва шуда омадааст, сабаби ин — ду сол пай дар пай ҷудо шуда мондани Туркистон аст аз маркази Русия ва нобудани истинодгоҳи иқтисодист. Ҳунар ва санъат ривоҷ нагирифта, авом дар торикии ҷаҳолат монда поймол шудаанд.

Иштирокиюнони урдуи якӯм аҳволи мазкурaро ба назари эътибор гирифта дар иҷтимои саввӯми худ қарори зайлро баровардaнд:

1) Ба Туркистон рафта, ба фирқа ва маҳкамаҳои ҳукумат даромада ҳaмaн корҳоро мувофиқи дастурулъамали Қумитаи Марказии Фирқаи Иштирокиюн ислоҳ кардан лозим аст.

2) Сиёсати бародарони туркистониро ба роҳи рост андохта, ба корҳои шӯро мардуми миёнҳоли деҳотии рус ва мусулмонро, ҳатто сарватдорони кучакро тадохил кунондан даркор аст.

3) Барои ҷалб кардани мусулмонон ба тарафи шӯро тамоми ҳиммат ва ғайрати худро сарф намудан лозим аст. Барои ин, ба миёнаи аъзои фирқа, ба воситаи эшон ба миёнаи Аскари Сурх даромада, кор карда рӯҳи фирқаро бардоштан лозим аст. Фармонҳои ҳукумат, қарорҳои фирқа, суханони раҳбарони фирқа, суханоне ки Ленин ва Сталин дар бораи масъалаи миллатҳо гуфтанд ва навиштанд, мақола ва суханҳои бародарони дигарро ба миёни мардум табъ карда нашр намудан лозим аст.

4) Ба воситаи матбуот аз аҳволи мусулмононе ки дар мустамликаҳои Англис ба дасти роҳзанони «му-

тамаддин» зор-зор мегирьянд, хабар додан лозим аст.

5) Дар Туркистон дӯконҳои ашьёи зарура, пешаҳо ва ҳирфатҳоро[117] ба роҳ андохтан лозим аст.

6) Баъд аз он ки вукалои ҳукумати марказӣ ба Туркистон оянд, дар боби ҳуқуқ ва вазоифи мардум баённомаҳо нашр карда шавад ва дар ҳаҷзу мусодара ҳадде таъйин карда шавад ва ба ҳамин роҳ ба корҳои иқтисодӣ истинодгоҳе омода карда шавад.

7) Барои қабули ароиз[118] маҳкама кушода шавад, то ки деҳқонони фақир зулму ситамҳое ки дидаанд, арз намоянд.

8) Ҳаракатҳои инқилобӣ, ки дар мамлакатҳои ҳамсояи Туркистон намоён аст, ба ҳар восита ёрмандӣ карда шавад.

Чизе ки аз рӯзномаи «Иштирокиюн» нақлашро қасд карда будем, то ин ҷо тамом шуд. Ин аст назари Аскари Сурхи Ҳукумати Шӯроӣ ба Туркистон ва Шарқ.

Акнун тилғирофҳоеро, ки ҳаррӯза аз Ҳиндустон, Миср, Арабистон ва Эрон мерасад, мутолаа намоем ва хабарҳоеро, ки аз тарки хидмат ва эътироз кардани коргарони Фарангистон муждарасон аст, мулоҳиза кунем, маълум мешавад, ки дар муқобили ҳукуматҳои сарватдор, Асокири Сурхи ранҷбарони Русия ё ин ки «Урдуи Шарқӣ» туркони усмонӣ танҳо нестанд, балки мазлумони рӯи ҷаҳон дар ҳаяҷонанд.

Эй ононе ки аз давлат ва ҳашмати ҳукуматҳои сарватдор, билхосса аз кибриё ва ҷабарути[119] англисони ғаддор заъфро ба худ роҳ медиҳед, яқин донед ки:

«Мӯрчагон гар бикунанд иттифоқ,
Пили дамонро бидаронанд пӯст.»

## АСКАРӢ ВА ИСЛОМ[120]

Хидмати аскарӣ, ки аз аввали хилқати навъи инсон то ҳол хеле рӯлҳои бузургро бозӣ карда омада, агар аз нуктаи назари исломият мулоҳаза кунем, боз аҳамияташ зиёдатар ба назар меояд. Аскарӣ то ҷорӣ шудани хидмати умумии маҷбурӣ, дар байни дувал ва милал хос ба як фирқаи муайян буд. Қадом фирқае ки шарафи аскариро ба худ инҳисор мекард, соири

фиркаҳоро ғулом ва хидматгори худ шумурда, корҳои сахт ва пастро ба гардани эшон бор карда, аз ҷамеи ҳуқуқи маданият ва инсоният маҳрумашон мекард...

Хидмати аскариро аз нуктаи назари Туркистон ва туркистониён мулоҳаза намоем, гуфта метавонем, ки ин сифати муқаддаса (яъне аскарӣ) лозими зотии ин ирқи ғаюр буд. Ба тафсили он ки Туркистон қабл аз исломият дар олами аскарӣ ҷӣ ҳориқаҳо нишон дод, хонандагони гиромро дарди сар намедиҳем. Танҳо баъд аз исломият чӣ хадамоти муқаддаса ифо [121] карданп ин қитъаи муборака (яъне Туркистон)-ро ба ёдашон меорем: ҳамин ки аъроб аз хидмати аскарӣ такоҳул[122] варзида ба айшу ишрат афтоданд, туркистониён фирқа-фирқа, қабила-қабила дар хидмати аскарии хилофати исломӣ даромада, мудофеъ ва муҳофизи олами ислом шуданд. Салҷуқиён,[123] Ғазнавиён,[124] Хоразмшоҳиён,[125] билъохир усмониён ба ҳавои аскарӣ муҳоҷират кардагон аз Туркистонанд; сифати аскарии амир Темур ва нӯкаронашро дар назар оварда, ба ҷубн [126] ва тарси ҳозира муқоиса карда шавад, суоли «оё ирқу хун дигаргун шудааст?» вориди хотир мегардад.

Вақте ки фасоди ахлоқ дар Туркистон роҳ ёфта, шуҷоати ҷибиллии [127] туркистониён сарфи ҳавои нафс шуда, худкушӣ дар байнашон пайдо шуд, мамлакат торумор гардид. Дар натиҷаи ҷангҳои хонагии ҷандинсола, ки на барои инсоният, балки ба кайфи хони Хева, амири Бухоро, хони Хӯқанд ва сардорони қабила бармехост, ин қитъа насиби давлати мустабиддаи Рус гардид. Чун аҳолӣ аз худкушӣ ба ҷон омада дар зери идораи мустабиддан аҷониб[128] афтоданд, дар зарфи панҷоҳсола асорат сифати аскарӣ ва шуҷоати худро тамом барбод доданд. Ахлоқ фосид шуд, разолат ҳукмфармо гардид, шуҷоат барҳам хӯрд, танбалӣ ва сафоҳат буруз намуд.

Аҳвол ба ҳамин минвол буд, ки Инқилоби Кабири Русия бархоста, ҳамаи миллати маҳкумаи Русияро, аз ин ҷумла Туркистонро низ озод кард ва озодии соири милали Шарқ, хусусан олами исломро пешниҳоди ҳиммати худ намуда Асокири Сурхро ба май-

дон андохт. Ҳамин аст, ки Бошқирдистон умуман ба ихтиёри худ ба зери силоҳ даромада, ба мудофааи Петербург шитофт. Ҳамин аст, ки қирғизу қазоқон мухториятн худро эълон карда, аз худ асокири сурх ташкил дода ба хидмат омода гардиданд. Ҳамин аст, ки қавми тотор ва умуман мусулмонони дохили Русия ба мудофиаи ватан иктифо накарда, аз худ урдуҳои махсус ташкил дода, барои истихлоси Шарқ ва ислом дар Туркистон омада муҳайёи фармонанд.

Дар хотири мо — туркистониён мегузарад, ки қавме ки дар вақти ҳукумати Николай аз аскарӣ то беруни ҳудуд мегурехтанд, барои халос шудан аз аскарӣ даст, пой, чашм ва соири аъзои муҳиммаи худро талаф мекарданд, худро ба ҳар гуна таҳлука андохта барои раҳоӣ ёфтан аз аскарӣ чора меҷустанд, чӣ шуд, ки ба ихтиёри худ, хурду бузург ба сафи ҳарб медаванд, синаи худро сипари тири душман намуда мудофааи ватан мекунанд, на танҳо мудофааи ватан, балки зану фарзанд, модару падари худро гузошта ба Туркистон раҳсипор мешаванд? Илова бар ин, сафари пурхатари Шарқ ва пархоши ҷонхароши мутағаллибинро дар Шарқ дар назар гирифта, ба як ҷиддияти самимӣ ҳозирӣ мебинанд?..

Воқиан, амсоли ин суолҳо дар назари мо — туркистониён, ки ҳанӯз озодӣ чист ва истиқлол чӣ маънӣ дорад, дӯст кист ва душман кадом аст, орзу чист ва омол чӣ гуна аст, намедонем, табиӣ менамояд. Вақте ки «чист ва кист»-ҳои фавқро дуруст мулоҳаза кунем, ба сабаби то ҳол ба сафи Асокири Сурх надаромадан худро сарзаниш хоҳем кард. Дар вақти ҳукумати императории Русия, мусулмонони Русияро ва соири ранҷбаронро ба зӯру заҷр дар сафи ҳарб бурда барои ҳусули орзуҳои нафсонии чанд каси муайян қурбон мекарданд. Илова бар ин, ба эшон на ҳуқуқи миллӣ ва сиёсӣ, на ёрмандии илмӣ ва иқтисодӣ наменамуданд. Балки ба маҳв кардани осори миллӣ ва динии эшон мекӯшиданд. Имрӯз Ҳукумати Шӯроӣ ҳамаи ҳуқуқро ба ҳамаи милал баробар кард. Милали мазлумаро аз маҳкумият халосӣ дод. Корҳои сиёсӣ, илмӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва динии эшонро ба дасти худашон супурд. Пас ҳама якдилу якзабон шуда



نمره ۱ — سال اول

# شعلهٔ انقلاب

مجلهٔ هفتگی سیاسی و اجتماعی است که ناشر افکار توده فرقهٔ اشتراکیون ... میباشد.
محل اداره: سمرقند.

بهای مجله
سه ماهه ۱۵ سوم
شش ماهه ۲۵
هر نسخه اش یک سوم ...
بهای اعلان
تنها در صحیفهٔ آخر سطری ۳ سوم
برای تبدیل عنوان ۲ سوم

۱۰ رجب ۱۳۳۷ — پنجشنبه — ۱۰ اپریل ۱۹۱۹

از طرف اداره

بهم پیوندید ای رنجبران همه جهان!

Шумораи якуми журнали «Шуълаи инқилоб»



Саидризо Ализода (1892—1944) — сармуҳаррири журнали «Шӯълаи инқилоб»

ба зери Байраки Сурх ҷамъ шуданд. Золимон ва мутағаллибонро аз дохили Русия тард ва танкил карданд. Барои истихлоси Шарқ, ки озодии ҳақиқии инсоният ва исломият вобаста бар он аст, камар бастанд. Ба шавқи ин орзуи муқаддас ва ба савқи ин омоли муборак тарки ватан гуфта машшоқи ин сафари саодатасари пурхатарро ихтиёр ва илтизом карда, инак ба Туркистон расиданд.

Баъд аз ин муқаддимаи дуру дароз як назар ба аҳволи худ андозем: оё мо озодии худро мехоҳем ё намехоҳем? Оё мо соҳиб шудан ба ҳуқуқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро толиб ҳастем ё нестем? Оё мо поймол нашудани зану фарзанд, аёл ва атфоли худро хосторем ё не? Оё мо халосии олами исломро аз дасти аҷониб орзу мекунем ё намекунем? Ба ин суолҳо ҳар туркистонӣ, ҳар мусулмон «мехоҳем! толиб ҳастем! хосторем! орзу мекунем!» гуфта ҷавоб хоҳад дод.

Дар дунё кадом ҳақ ва имтиёз, чи гуна орзу ва омол аст, ки бехидмате, бемашаққате ба даст дарояд? Дар дунё ҳамчунин коре ҳаст, ки дигарон ҷон диҳанд, дигарон машаққат кашанд, мову шумо озод ва соҳибҳуқуқ бошем? Амсоли инро таърих то ҳол нишон надодааст ва баъд аз ин ҳам нишон нахоҳад дод. Оё ниёгони[129] мо он ҳама зафарҳои мушаъ-шаъро ба сояи аскарии дигарон ҳосил карда буданд? Оё муҷоҳидини ислом, диёри исломро дар бистари осудагӣ ғунуда муҳофиза намуда буданд? Оё Афғонистон ба истиқлол ва озодӣ аз аскарӣ гурехта ноил шуд? Оё ба мо ҷон ширину ба дигарон ширин нест? Не, бародарон! Ба ҳама ҷон ширин аст, ҳар ҳаққу имтиёзро бо қувваи аскарӣ муҳофаза мекунанд ва хоҳанд кард.

Модом ки мо озодиро мехоҳем, модом ки мо истиқлол ва имтиёзро толибем, модом ки истихлоси олами исломро хоҳонем, модом ки поймол шудани ватан, зан ва фарзандамонро раво надорем, хулоса — модом ки мо аз мурдан ва аз зиндагии бадтар аз марг метарсем, бояд ки имрӯзро ба фардо нагузошта, аз худ фирқаҳои ҳарбӣ ташкил диҳем, ба сафи Асокири Сурх даромада, билфеъл сазовори ҳуқуқ ва имтиёз буданамонро нишон диҳем. Вагарна мо ҳамон асир, ҳамон залил, ҳамон маҳруми ҳуқуқ, ха-

мон поймоли аҷониб, ҳамон маҳкуми заволу фано, ҳамон муҳайёи мурдан ва талаф шудан бо хорӣ ҳастем, ки будем! Хулоса, масъалаи ҳаёт ва мамоти мо — туркистониён, халос шудан ё ба асорат мондани олами ислом мавқуф ба аскар шудан ё нашудани мост! Бинобарин ин масъаларо зудтар ҳал карданамон лозим аст.

## ЗИНДА БОД ИНҚИЛОБ! [130].

Дар мақолаҳои гузашта, аз масъалаи Шарқ мусоҳабаҳои дурудароз намуда, дар боби истихлоси Шарқ фикри оҷизонаи худро ба хонандагони гиромӣ арз карда, аз инқилоби умумии Шарқ эшонро табшир [131] намуда будем. Хабарҳое ки дар рӯзҳои охирӣ ба воситаи ҷароид ва тилгирофот расида, аз вуқӯи феълии инқилоби Шарқ мужда медиҳанд.

Умуман аъроби Ҳиҷоз [132] дар муқобили шарифи [133] каъбафурӯш қиём карда, Маккаи муаззамаро аз вуҷуди касифи шариф ва маъмурони англис пок карда, ба тарафи Мадинаи мунаввара ва Шоми [134] шариф раҳсипор гардидаанд.

Намояндаҳои аъроби Ҳиҷоз ва Ироқ вукалои муҷоҳидини Эрон ва Ҳиндустон дар шаҳри Сивос [135] бо ҷавонтуркон,[136] дар боби истихлоси Шарқ мушовара карда ба кор шурӯъ намудаанд. Дар натиҷаи ин мушовара туркон ба Бағдод ҳуҷум доранд. Аъроби Ироқ шаҳри Басраро аз дасти англисҳо пас гирифтаанд.

Эрон, ки аз осуда хобидани худ дар оғӯши душман дили дӯстонро хун карда буд, оқибат бар рағми бадбинон ба майдон даромадааст. Ҳарчанд давоири расмии Эрон камофиссобиқ [136а] асири тазвири Англис аст, аҳрор ва муҷоҳидин ва фукарои Эрон, ки аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд, ба муқобили Англис ва англиспарастон қиём кардаанд. Чунончи, муҷоҳиди машҳур Кучакхон, ки солҳои дароз боз дар муқобили ҷаҳонгирони дунё — Англис ва ҳукумати собиқаи Рус ҷиҳод мекард, ин бор низ қиём карда шаҳри Раштро, ки дар ҷанубии баҳри Хазар, яке аз шаҳрҳои бузурги иёлати Эрон ва дорои дусад ҳазор ну-

фус аст, ишғол карда, қўшуни англисро ба гурез водор намудааст.

Дар миёни Табрез ва Ван [137] сардори ихтилолчиёни Симку [138] (бояд аз машоихи курд бошад) барои истихлоси Эрон қиём карда. Халилпошои машҳур бо қўшуни худ аз рўди Аракс [139] гузашта, ба иштифоқи Симку ба фоидаи инқилоб ҳаракат менамояд.

Хева, ки ду сол боз маҳалли ҷавлони вукалои Англис ва майдони тохтутози Ҷунаидхони англиспараст шуда, ҳазорҳо молу ҷони аҳрори ўзбак ва фуқарои Хоразм дар он сарзамин дар маъраzi қатлу ғорат афтода буд, имрўз ба як ғайрати душманшиканона қиём карда, Ҷунаидхон ва атбоашро дар биёбони регзор гурезонд. Сипас дар Хева ҳукумати Шўроиро таъсис намуда, муртаҷеъ ва мустабиддонро ба сазояшон расонид.

Харгоҳ ахборе ки ҳаррўза аз ихтилоли Ҳиндустон ва Миср мерасад, дар назар оварем, гуфта метавонем, ки имрўз олами Шарқ умуман дар роҳи инқилоб қиём кардааст. Бояд ки мо ин ихтилолҳои Ҳиндустон ва Мисрро ғайри муҳим ва ҳаракатҳои ҷузъӣ напиндорем. Азбаски воситаи ахбори Ҳиндустон ва Миср танҳо сими тилғирофи Англис аст, лиҳозо ҳар хабаре ки мерасад, сад чанди онро «воқеъ шуда» гумон бояд кунем.

Аз хабарҳои охирӣ маълум мешавад, ки ҷаҳонгирон, истиқлоли Гурҷистон ва Озарбойҷонро тасдиқ кардаанд. Ин хабар дар таҳлука мондани Англисро нишон медиҳад. Зеро ки агар Англис умеди ишғол кардани Қафқозро феълан медошт, ҳеҷ гоҳ истиқлоли ин ҷумҳуриятҳоро тасдиқ намекард (чунончи ду сол боз тасдиқ накарда омад); чун аҳволи Эрон, Ҳиндустон ва соири диёри Шарқ ранги ҷиддиро гирифт, лиҳозо агарчи муваққатӣ бошад ҳам, ин истиқлолҳоро тасдиқ кард. Лекин, оё аҳолии Қафқоз ба ин истиқлол эътимод карда метавонанд? Оё ба коғазҳое ки ба вазидани як боди мухолиф дар биёбони нисьён [140] парешон мешавад, бовар карданашон мумкин аст?

Ба ин суолҳо «албатта не, сад бор не!» гуфта ҷавоб медиҳем. Чунончи дар яке аз мақолаҳои худ [141] навишта будем: «Ҷаҳонгирон ҳамин ки мавқеъро

душвор ва майдонро ба худ танг диданд, ба аҳолии Шарқ истиқлолҳо, имтиёзҳо, мухториятҳо, лақаби шоҳаншоҳӣ, хонӣ ва хоқониҳо хоҳанд бахшид. Вақте ки хотири худро аз ҳар тараф ҷамъ карда, қуввати худро дар ҷояш диданд, ин истиқлол ва имтиёзҳоро ба як ҳамлаи қонуншиканона боз пас хоҳанд гирифт. Бинобар ин аҳолии Шарқро лозим аст, ки аз ин ҳадъакорони[142] дурӯғгӯй аз ҳар ҷиҳат қатъи алоқа карда, истихлоси худро танҳо аз қуввати худ ва аз инқилоби умумии ҷаҳон хостор бошанд».

Ҳоло ҳам мегӯем, чун мавқеъ танг омад, истиқлоли қафқозиён тасдиқ ёфт, лекин ҳамин, ки масъалаи Шарқ, худо накарда, бар вифқи мароми ҷаҳонгирон ҳал шавад, аз ин истиқлол асаре нахоҳанд гузошт. Дар он сурат қафқозиён танҳо истиқлоли худро мудофиа карда натавониста, хоҳ-нохоҳ ба асорати абадӣ таслим бояд бишаванд. Бинобар ин қафқозиёнро лозим аст, ки фурсатро ғанимат шумурда дар инқилоби умумии Шарқ иштирок намоянд, ба ин «истиқлол», ки ҷаҳонгирон бинобар маслиҳате садақа кардаанд, эътимод нанмоянд. Балки аз як тараф ба Ҳукумати Шӯроии Русия робитаи дӯстона пайдо карда, аз тарафи дигар ба инқилобҷӯёни Шарқ хидмати пуштибониро адо намоянд. Дар ин сурат натанҳо Қафқоз, балки умумии Шарқро халос хоҳанд кард. Такрор мегӯем, ки халосии Шарқ дар инқилоби умумист.

Зинда бод инқилоб ва Шарқ!

Илова:— Вақте ки мақоларо навишта тамом карда будем, тилгироф ин хабари муҳимро овард:

«Кучакхон Анзалиро ишғол кард, дар наздикии Қазвин бо қӯшуни англис муҳораба дорад...»

Ин хабар ба аҳволи ҳозираи инқилоб ва масъалаи Шарқ аҳамияти бузурге дорад. Маълум аст, ки баъд аз шикасти ҷенрол Деникин Англис биззот дар муқобили Ҳукумати Шӯроӣ ҳозирӣ дошт. Аз ин ҷумла Эронро тамоман ишғол карда, дар ҳар тараф роҳҳои оҳан ва шусса[143] кашида, дар нуқоти муҳиммаи Эрон истеҳком ва шаҳрҳо буньёд карда буд. Англис мехост

ба ин васоит аз тарафи Кафкоз ва Туркистон ба Хукумати Шӯрой таҷовуз намуда, инқилоби ҷаҳонро маҳв созад. Бинобар ин истиқлоли ҳукумати Озарбойҷон ва Гурҷистонро тасдиқ карда, роҳи убури дохили Русияро аз он сӯ таъмин намуда буд. Баъд аз ишғол кардани Кучакхон Анзалиро,[144] соҳили саҳл-ул-убури[145] ҷанубии баҳри Хазар[146] аз дасти Англис баромад. Баъд аз ин аҳолии Қафкоз метавонанд, ки муқаддароти худро худ ҳал кунанд, яъне саломатии абадии худро дар инқилоби умумӣ дониста бо Ҳукумати Шӯрой иттифоқ намоянд. Баъд аз ин мумкин аст, ки соири инқилобчиёни Эрон хуруҷ карда, Англисро аз хоки поки Эрон тамоман тард намоянд. Дар ҳар ҳол инқилоби умумии Шарқ шурӯъ ёфт ва ҷаҳонгирӣ дар эҳтизор афтод. Зинда бод инқилоби умумӣ!

## «ИТТИФОҚИ МИЛАЛ»[147]

*(Миллатҳои кучак ва Русияи Шӯрой)*

Рафиқи мо рӯзномаи «Иштирокиюн» ба унвони фавқ сармақолаи муҳимме навиштааст, ки бинобар аҳамияташ маолан[148] тарҷима карда, ба бародарони форсизабон пешкаш менамоем:

«Иштирокиюн» менигорад: «Пас аз парешон шудани дастаҳои аксулинқилоб, ки аз тарафи Деникин, Қолчоқ ва Юденич барпо шуда буд, оё давлатҳои Онтонта (муттафиқ) дар ҳаққи Ҳукумати Шӯроии Русия баъд аз ин чӣ гуна сулук[149] мекарда бошанд?» гуфта як масъалаи бузурге ба майдон омада буд. Дар ин масъала сиёсате, ки давлатҳои Онтонта дар Пӯлша ва Қофқозиё пеш гирифта буданд, ҷавоби сареҳ дода буд. Ин сиёсат иборат аз ин буд, ки ба воситаи «Иттифоқи милал» миллатҳои кучакро дар муқобили Ҳукумати Шӯроии Русия барангехтанд. Пӯлша дар муқобили Ҳукумати Шӯрой таҷовуз сар кард, ҷумҳуриятҳои Қофқоз ҳам дар муқобили Ҳукумати Шӯрой як навъ иттифоқи мудофиакорона дуруст карда буданд.

Лекин ин сиёсати давлатҳои Онтонта низ тӯл накашид: ҳукумати Истуниё[150] бо Ҳукумати Шӯроии Ру-

сия сулҳ баст, Финлондиё роҳи тиҷорат карданро бо Москав пеш гирифт, акнун маълум мешавад, ки ҳукуматҳои Литво ва Лотвиё низ мехоҳанд, ки ба Ҳукумати Шўроии Русия робита пайдо кунанд. Телғирофе ки 14 феврол аз Ҳелсинфурс[151] дода шуда, маълум мекунад, ки садри аъзами Литво Полвонуфский гуфтааст, ки Литво ба сулҳ кардан бо Ҳукумати Шўрой ҳозир аст. Дар телғирофе ки 23 феврол аз Лундун дода шудааст, ин хабар ҳаст: «Дар Риғо[152] хабар расида, ки вазири хориҷияи Лотиш Мапин Вавич ба вукалои рўзномаҷот гуфтааст, ки ҳукумати Лотиш бо машварати давлати Фин ва Литво ва Пўлша дар музокираи сулҳ бо Ҳукумати Шўроии Русия шурўъ карданро қарор дод. Барои ин ба наздикӣ маҷлиси машварати Пўлша, Фин, Литво ва Лотвиё кушода хоҳад шуд».

Миллатпарварони Пўлша дар шаҳрҳои бузург, мисли Крокуф,[153] Олуф ва Перемышел мардумро ба майдонҳо ҷамъ кунонда ба талаб кардани сулҳ, байни Ҳукумати Шўрой ва Пўлша водор карданд.

Ин аҳвол ба Румониё ҳам бетаъсир намонд. Чунончи телғирофе ки 22 феврол аз Берлин дода шудааст, маълум мекунад, ки ҳукумати Румониё низ бо Ҳукумати Шўроии Русия сулҳ карданро хоҳишманд аст, дар ҳамин рўзҳо садри аъзами Румониё мехостааст, ки ба Лундун рафта кайфияти сулҳи худро баён фармояд.

Ин вақоеъ давлатҳои порозит (кирмҳои музирр) Онтонтаро, ки тамоми зўру қувватро аз гардани дигарон умед карда буданд, дар муқобили «амри воқеъ» музтар кард. Акнун шўрои олии давлатҳои Онтонта ба ҳар миллат ихтиёр дод, ки ба дилхоҳи худ дар масъалаи Русия ҳаракат намоянд (Виёна[154] 23 феврол).

Бояд, ки ин як ҳарфи бемаънӣ набошад. Чунончи телғирофе ки 22 феврол аз Берлин дода шудааст, маълум мекунад, ки ҳукумати Британиё ба ҳукумати Пўлша, ки бо Ҳукумати Шўрой муҳориба дошт, муовинат накардани худро эълон кардааст. Телғирофе ки 21 феврол аз Леун[155] дода шудааст, маълум мекунад, ки муттафиқини Британиё, яъне Франсия ва Амрико низ ба ҳамин фикр будаанд, ҳатто маълум мешавад,

ки дар ҳамин рӯзҳо давлатҳои муттафиқ дар Лундун маҷлиси машваратӣ доранд, ки дар он маҷлис бо Ҳукумати Шӯроии Русия муносибати тиҷоратӣ пайдо карданро қатъӣ қарор хоҳанд дод. Аз ин воқеаҳо ҳамин маълум мешавад, ки давлатҳои Фарангистон дар садади тасдиқ кардани Ҳукумати Шӯроии Русия ҳастанд (зеро муомилаи тиҷоратӣ бе муоҳадаи тиҷоратӣ имкон надорад, аммо муоҳада аҳлияти оқидинро [156] лозим дорад. Аҳлият бе тасдиқи Ҳукумати Шӯрой имконпазир нест).

Баъд аз пароканда шудани Деникин, Колчок ва шариконашон дар хотир мегузашт, ки давлатҳои Онтонта бо Ҳукумати Шӯрой биззот муҳориба хоҳанд кард. Лекин давлатҳои Онтонта ба ин роҳ сулук накарданд. Ҳангоме ки аскарҳои сурх ба Иркут расиданд, аскарҳои Епунӣ ва Амрико, ки дар Сибириё буданд, ба Влодивостук кашида шуданд. Вақте ки Асокири Сурх ба Орхонгел наздик расиданд, аскарҳои англис, ки дар Орхонгел буданд, шаҳрро гузошта рафтанд. Ин аҳвол низ нишон медиҳад, ки баъд аз ин давлатҳои Онтонта дар ҳаққи Ҳукумати Шӯроии Русия барои худ хатти ҳаракати дигар таъйин кардаанд. (Яъне роҳи сулҳ ва мадоро). Охирин роҳ ва хатти ҳаракате, ки давлатҳои Онтонта ин бор гирифтаанд, ба куҷо хоҳад анҷомид? Дар воқеъ давлатҳои Фарангистон аз самими қалб Ҳукумати Шӯроиро шинохта оё бо болшевикҳои Русия муомилаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ хоҳанд кард? Ё ин ки боз як бори дигар як ҳилаи сиёсӣ (гӯё муоҳадаи Брест) карда толеи худро таҷриба менамоянд? Ба ин наздикӣ маълум хоҳад шуд».

Чизе ки аз «Иштирокиюн» таҷримаашро қасд карда будем, то ин ҷо тамом шуд.

Ба ақидаи мо аз давлатҳои Онтонта умеди ростгорӣ ва самимият кардан, мисли аз оташ об умед кардан аст. Воқеан вуқӯоте ки ба манфиати Ҳукумати Шӯроии Русия рӯ дод, давлатҳои Онтонтаро ба ҳар гуна гузашт маҷбур кард. Умед аст, ки ба гузаштҳои аз ин зиёда ҳам маҷбур бишаванд, лекин ин гузаштҳо самимӣ нест. Нияти эшон шиққи сонии [157] суол аст. Яъне мехоҳанд, ки бо Ҳукумати Шӯрой, ба ҳар ранг

бошад, робита пайдо кунанд, ҳар гоҳ, ки фурсат ёфтанд, аз хориҷ ва дохил фитна барангезанд. Бечора давлатҳои Онтонта ба сиёсати Ҳукумати Шӯрой тақлид мекунанд, чунончи Ҳукумати Шӯрой ба ҳар гуна гузашт «Аҳдномаи Брест»-ро қабул кард, лекин омади замон авроқи он аҳдномаро пора-пора карда ба ҳаво паронид. Зеро Ҳукумати Шӯрой ҳақиқатан тарафдори мазлумин ва миллатҳои маҳкума буд. Ҳар куҷо мазлуме ва миллати маҳкуме буд, дар зери Байраки Сурх ҷамъ шуд ва инқилоби умумии дуньёро ҳозир кард. Аммо давлатҳои Онтонта ҳанӯз мехоҳанд дуньё моли эшон бошад. Дар ин сурат кист, ки ба манфиати сиёсати эшон кор кунад? Бинобар ин давлатҳои Онтонта дар натиҷаи аҳдномаҳои дурӯғи худ аз дуньё маҳв хоҳанд шуд.

## ҲУКУМАТИ ШӮРОЙ ТАКМИЛ ЁФТ!!![158]

*(Ба муносибати иттифоқи Озарбойҷон)*

Дар моҳи октябри 1917 фирқаи коммунист бар сари кор омада, аз намояндагони ранҷбар, деҳқон ва аскар Ҳукумати Шӯроиро дар Русия таъсис карда буд. Дар он ҳангом ҳамаи бадбинони олам хусусан бандагони Николай ва сарватдорон аз ду ҳафта ё як моҳ зиёда давом карда натавонистани ҳукумати Шӯроиро хабар медоданд. Як қисм уқалои[159] бетараф ҳам ин мутолааро қабул карда, ба далоил таъйид мекарданд ва мегуфтанд:

«Аскар нест, аслиҳа нест, озуқа нест, пул нест, муҳимтар аз ин ҳама, сарони коркуни таҷрибакор нест, илова бар ин, мамлакат дар қаҳтӣ ва парешонӣ... Бар акс ҳамаи одамони коркун, офицерони низомӣ, хазинаҳои фабрикантҳо ва бонкирҳо бо қуввати бузурги империёлистҳои рӯи дуньё ба дасти душманони Ҳукумати Шӯроист, пас чӣ гуна ин ҳукумат давом мекунад?!»

Аммо роҳбарони инқилоб ва сарварони Ҳукумати Шӯрой ба дуньё ба чашми дигар нигоҳ мекарданд, эшон яқин доштанд, ки аҳволи иҷтимоияи ҳозираи дуньё пӯсидааст, рақобати дували мутағаллиба ва ас-

каркашии бемаънии эшон худию бегонаро ба чон ра-сонидааст, исрофоти сарватдорон, фахшкории сарко-рон, тангии холи ранчбарон, тахаккуми пўпу рохибон дар дили фукаро борутхонаеро мепарварад, ки ба як шарораи инкилобй даргирифта олами холиро рамо-дистон[160] хохад кард. Илова бар ин, ахли Шарк ва билхосса ислом, ки солхои дароз дар зери фишори ча-хонгирони фаранг ва Русия ба хун ғалтида метапад, калбан ва колибан тарафдори ранчбарони Русия хо-ханд шуд...

Рахбарони инкилоб ба хамин гуна мутолаахои со-иба бино монда бо дили кавй ба кор шурўъ карданд. Хамин кувватн маънавй ва эътимоди алаинафс буд, ки аз хеч тахлука натарсида ва аз душманони кавй наяндешида, аз шикастхои муваккатй ба худ заъфро рох надода кўшиш карданд. Хамин буд, ки тохтуто-зи Колчок, тазъйики Деникин, хучуми Юденич,[161] тах-диди Англис ва Франсия хам ба мижгони шучоати ча-вонмардони инкилоб нарасонд.

Хукумати Шўрой баъд аз он, ки ду сол дар зери хучуми душманони хонагй ва бегона чонфишонй кард, нафас рост гирифта ба хучум шурўъ намуд. Дар охирхои соли 1919 ва авоили 1920 чунон ғалабахои намоён дид, ки сиёсиюн ва харбиюни дуньёи собик ан-гушти хайрат бар дахон ниходанд. Юденич аз Русия гурехт, Деникин бо асокири худ махв шуд, Колчок бо теғи инкилоб ба чаханнам фиристода шуд...

Дар натичаи ин ғалабот, дували кучаки хамсоя дасти дўстй ва мусоламат дароз карданд, уламои бе-тараф ва хунарварони мутахассиси дудила якдила шуда ба хидмати Хукумати Шўрой камари итоат бас-танд. Ба ин асбоб дар дохили Русия филчумла амну осоиш рўй дод. Лекин хануз кор такмил наёфта буд, дар пеши назари рахбарони инкилоб ду масъалаи бузург истода буд:

Яке — нафтро ба даст даровардан рохҳои охан, даст-гох ва корхонахоро ба харакат даровардан.

Дуввўм — ба зудй ба муовинати ахли Шарк, ки зулмдидагонанд, расида, давлатони сарватдори Фа-рангро аз Шарк, бад-ин восита аз рўи дуньё тард кар-дан.

Дар воқеъ ин масъала масъалаи ҳаёт ва мамоти Ҳукумати Шӯрой ва инқилоби дунъё буд.

Лекин мушкилот ин ҷо буд, ки нафт ба дасти як ҳукумати нав эҷодшудаи шарқ (Озарбойҷон) буд. Агар, худо нахоста, аҳолии Озарбойҷон ба найрангҳои Англис фирефта шуда, дар мухолафати Ҳукумати Шӯрой исрор мекарданд, Ҳукумати Шӯрой маҷбур ба муҳораба мешуд, дар ин сурат дар масъалаи Шарқ бими халал расидан буд. Зеро тарафдорони Англис аз фурсат истифода карда Ҳукумати Шӯроиро ба назари соддадилони аҳли Шарқ душман ба қалам медоданд...

Хушбахтона масъалаи Озарбойҷон ба мароми Ҳукумати Шӯрой ва ба манфиати аҳли Шарқ ҳал ёфт: Ба наздик шудани қувваи Ҳукумати Шӯрой, фақир ва ранҷбарони Озарбойҷон ва аксарияти фирқаҳои сиёсии он сомон ба рехтани хун, тарафдорони Англисро аз сари кор тард карда Ҳукумати Шӯрой таъсис намуда, ба Ҳукумати Шӯроии Русия дасти дӯстӣ ва иттифоқ дароз карданд, ба ин восила қуввai моддӣ ва маънавии Ҳукумати Шӯрой яке бар даҳ афзуд, роҳи Шарқ билфеъл кушода шуд. Ба шарофати нафти сиёҳ тамоми корхонаҷот ва роҳҳои оҳани камофиссобиқ доир хоҳад шуд, таҳийяи асбоби маишат ва зиндагонӣ тақвияи олоти мудофаа, нақлиёти аскарӣ ва иқтисодӣ рӯй ба суҳулат ва осонӣ хоҳад овард.

Имрӯз ба овози баланд, ба эътимоди қавӣ, ба имони комил гуфта метавонем, ки «Ҳукумати Шӯрой такмил ёфт».

Умед аст, ки ранҷбарони Эрон низ аз Озарбойҷон ибрат гирифта, зуд ба кор шурӯъ кунанд. Дар садади дафъ кардани Англис ва англиспарастон афтанд.

Эй бародарони эронӣ! Эй ранҷбарони ин мамлакати вайрон! Имрӯзро ба ғафлат нагузаронед, аз фурсат истифода кунед, розӣ нашавед, ки мамлакати шашҳазорсолаи ниёгонатон дар зери фишори суми мурдори аспони англис монад. Нагзоред, ки англиспарастони мусриф мазор ва мақобири [162] аҷдодатонро фурӯхта дар завқу сафоҳати [163] худ сарф намоянд, нагузоред, ки сарватдорони аҷнабӣ ба равғани худатон худатонро бирьён карда нӯши ҷон намоянд. Матар-

сед! Биму заъфро ба худ роҳ надиҳед, ки ҳақ бар ҷониби шумост ва ҳукумати такмил ёфтаи Шӯроии Русия дар имдоди шумо ҳозир аст!..

Ба кор шурӯъ кунед, эй авлоди Исфандиёру Нодир! Ба майдон дароед, эй бародарони Саттору[164] Бокир!! [165]

## ҒАЛАБАИ ИНҚИЛОБ ДАР ШАРҚ [166]

Тилғирофҳое ки дар ин рӯзҳои охирӣ ба идораамон расид, дар аксари нуқоти Шарқ аз ғалабаи инқилоб муждарасон аст. Ҳар чанд ягон-ягон хондани ин тилғирофҳо назари диққати хонандаи оддиро ба худ он қадар ҷалб намекунад, лекин ҳар гоҳ ин хабарҳоро як ҷо ҷамъ намуда мулоҳаза карда шавад, маълум мегардад, ки инқилоб дар Шарқ дар мавқеи ғалабааст, ҳам занҷирҳои бандагӣ, ки муттафиқин, билхосса Англис ба гардани аҳолии Шарқ андохта буд, дар садади гусистан ва пора шудан мебошад. Чунончи тилғироф ҳамин ахбори муҳиммаро медиҳад:

«Аскари араб баъд аз ҷангҳои пай дар пай Антокияро[167] гирифт. Лашкари муҳофизи Франсия тамоман маҳв шуд.

Фирқаи Мустафо Камолпошо дар муқобили англисҳо дастаҳои тоза омода карда истодааст. Фирқаи мазкура хазинаҳои давлатӣ, ки дар Онаӯлӣ буда, ҳамаро забт намуд. Ҳамаи маъмурони англис ҳабс шудаанд.

Дастаҳои англис дар Байнаннаҳрайн ба ҳуҷуми сахти арабҳо дучор мешаванд:

Рӯзномаи «Таймс»[168] дар ҳаяҷон омада барои таскин додани ин ошӯбҳо сарф кардани қуввати бузургеро аз ҳукумати худ талаб мекунад.

Дар Ҳиндустон ба шаҳри Мадрас ошӯби бузурге воқеъ шудааст. Дастаи намоишчиён ба идораи пӯлис ҳуҷум кардаанд. Барои парешон намудани намоишчиён аз тарафи ҳукумат лашкари мусаллаҳ маъмур шудааст. Дар натиҷаи задухӯрд ёздаҳ нафар мақтул, бисту як нафар маҷрӯҳ афтодааст.

Дар Деҳлӣ мусулмонон митинги бузурге барпо карда қарор додаанд, ки ҳар гоҳ Англис бо Туркия як сулҳи одилона набандад, ҳамаи мусулмононе ки дар хидмати ҳукумат ҳастанд, истеъфо хоҳан дод.

Ҳамаи мусулмонон ба тариқи эътироз қарор додаанд, ки ба хазина молиёт надиҳанд. Мусулмононе ки дар маъмуриятҳои муҳимма буданд, аз хидмат баромада лақаб ва нишонҳои ҳукуматро аз худ дур карданд.

Дар Табрез шӯриши мусаллаҳона бархост. Ҳаракат бо шиорҳои аксариюнӣ меравад. Рӯҳи инқилоб дар афзудан аст.

Аз Боку хабар медиҳанд, ки 4700 қазоқҳои ҳукумати Эрон ба тарафи инқилобчии машҳур Кучакхон гузашт. Дар Лоҳичон[169] низ 180 нафар милиси Эрон ба тарафи хони мазкур гузаштааст.

Вазири хориҷияи Эрон ба шӯрои олии муттафиқон маълум кардааст, ки чун Ҳукумати Шӯроии Русия ҳамаи муоҳадаҳои аҳли императории Русияро фасх[170] карда, нисбат ба Эрон назари дӯстонаи самимона дорад, Эрон ҳам қасд дорад, ки ба Ҳукумати Шӯроӣ ба ҳамин гуна муомала намояд».

Ин ахбор ба мо хуб маълум мекунад, ки дар Шарқ оташи инқилоб шӯълавар аст. Ҳиндустон, Арабистон, Эрон сар то сар бархостааст. Дар ҳама ҷо инқилобчиён дар ғалабаанд.

Арабҳое ки ба найрангҳои муттафиқин фирефта шуда буданд, имрӯз байрақҳое ки барои тахриб ва тафриқаи олами ислом ба дасташон супурда шуда буд, ба сари Англис ва Франсия мекӯбанд, лашкари Франсияро маҳв мекунанд, лашкари Англисро дучори тазйиқ менамоянд.

Ҳиндустон ба ваъдаҳои беасли Англис фирефта ношуда, шӯриш аз паси шӯриш барпо меоварад.

Эрон билфеъл ба кор медароянд, қазоқҳои Эрон, ки пуштибони Англис ва англиспарастон буданд, ба ададҳои муҳимма ба тарафи қаҳрамони инқилоб Кучакхон мегузаранд.

Табрез, ки хокаш инқилобангез аст ва то ҳол сабаби сукути ӯро намедонистем, имрӯз ба як ҳаракати қаҳрамонона ва мусаллаҳона аз ҷой бармехезад.

Магар ин шаҳри Саттор ва Боқир, замони муносибро интизор мебарад, имрӯз ба расидани вақти муносиб итминон пайдо карда ба майдон даромад.

Мо дар мақолаи гузашта [171] баъд аз воқиаи Озарбойҷон навбат аз они Эрон аст, гуфта будем, дер нагузашт, ки ин кифоят ба феълият омад ва он ҳаёт ранги ҳақиқат гирифт.

Ҳукумати Эрон, ки барои дурӯза роҳат ва осудагии худ, тамоми Эрон ва эрониёнро ба Англис фурӯхта буд, имрӯз дар муқобили «амри воқеъ» музтар монд: аз як тараф дар ҳамсоягии Эрон дар Туркистон Ҳукумати Шӯрой қувват гирифт ва дар Кофқоз ва Озарбойҷон Ҳукумати Шӯрой таъсис ёфт, аз тарафи дигар казоқони Эрон, ки қуввату(з)зӯҳри ҳукумати Вусуқуддавла [172] буданд, ба тарафи Кучакхон даста-даста гузаштанд, ҳукумати Эрон маҷбур шуд, ки дӯстихони самимонаи Ҳукумати Шӯроиро ба хотир биёрад ва дар муқобили ин некӯӣ, лузуми муқобилаи билмисл карданро дар маърази узр ниҳода, аз табдил кардани сиёсати сақимаи собиқаи худ ба шӯрои олии муттафиқин, ки эшонро соҳибуззамон дониста Эронро ба дасти отифаташон супурда буд, хабардорашон намояд.

Акнун Эрон билфеъл ба кор шурӯъ кард, чанде нагузашта ин хоки пок аз суми сутурони золимони бебоки саффок [173] халос хоҳад шуд.

Баъд аз он умед аст, ки Истанбул ва Ҳиндустон низ аз дасти Англис халос шуда, ғалабаи инқилоб дар Шарқ такмил ёбад.

## АҲВОЛИ ҶАНГ ВА СИЁСАТ [174]

Полокҳо,[175] ки солҳои дароз дар зери ҳуҷум ва фишори давлатҳои ҷаҳонгир афтода, аз истиқлоли сиёсии худ маҳрум гардида, номашон дар сафҳаи таърих монда буд, ба сояи Инқилоби Бузурги Русия дусол шуд, ки ба истиқлол ноил шуда буданд. Эшон ба ҷои ки қадри ин неъмати ғайри мутараққибаро [176] донista ба Ҳукумати Шӯроии Русия ҳампой намуда, ҳуҷум ва фишори давлати императории Русия ва сои-

ри давлатҳои империёлистро аз хотир набароранд, ба иғвои ду-се нафар сарватдорони худ ба найрангҳои давлатҳои ҷаҳонгири дуньё фирефта шуда, ба Инқилоби Кабири Русия кӯрнамакӣ карда, ҳуҷум намуданд.

Дар муқобили ин ҳаракати хоинонаи полокҳо тамоми қувваи инқилобияи Русия ва соири ашхосе, ки то ҳол дар ҷангҳои дохилӣ бетараф монда буданд, дар ҳаракат омаданд.

Ҳарчанд полокҳо ба давлатҳои ҷаҳонгир такья карда худро ба майдон андохтанд ва эҳтимоли қавӣ меравад, ки барои ин ҳаракат дер вақт боз ҳозирӣ дидаанд, мааззолик, ин хоинон ҷазои сазои кӯрнамакии худро хоҳанд дид.

Харгоҳ вазъияти порсолаи Ҳукумати Шӯроии Русияро дар назар оварда, мулоҳиза намоем, ки бо он вазъияти хатарнок, аз ҳуҷуми Колчок, Юденич ва Деникин, ки илова бар қуввати аксулҳаракатии Русия аз давлатҳои ҷаҳонгир ба асбоб ва пул камоли ёрмандӣ ва ҳамроҳиро доштанд, чи гуна халос шуда оқибат душманони худашро маҳв кард, яқин ҳосил мекунем, ки ин дафъа низ душманони худро маҳв хоҳад кард.

Мо намегӯем, ки Ҳукумати Шӯроии Русия ғалаба карда хоки Полокистонро ба Русия илҳоқ мекунад ва истиқлоле ки ба полокҳо дода буд, пас мегирад. Не!.. Ин тур не!.. Ҳукумати Шӯроӣ шиори худро, ки ихтиёр додан ба ҷамеи милал аст, асло ва қатъан фасх нахоҳад кард.

Балки мегӯем, ки ба як истодагии суботкорона ва акси ҳуҷуми музаффаронаи Асокири Сурх тазалзул дар буньёни сарватдорони хаёлпарасти полокҳо хоҳад афтод. Ранҷбарони полок, ки шаш сол боз дар роҳи кайфу хоҳиши сарватдорон ва империёлистон поймол шуда ҷон медиҳанд, аз ҷой хоҳанд бархост. Бо Асокири Сурхи Русия даст ба дасти вифоқ[177] дода сарватдор ва сарватдорпарастонро аз миёни худ дур карда, ҳукумати шӯроӣ таъсис намуда, бо Ҳукумати Шӯроии Русия бо камоли сафо робита пайдо карда истиқлоли ҳақиқии худро таъмин хоҳанд намуд.

Дар Аврупои русӣ агарчи ба фитначӯии муттафиқон ва сарватдорони полок асбоби машғулияте барои Ҳукумати Шӯроии Русия барпо шуд, вале дар

чабҳаи Қафқоз, Баҳри Ҳазар ва ҳудуди Эрон ғалаба бар болои ғалаба фароҳам меояд. Дар тилғирофҳои охирӣ ин ахбори муҳимма ҳаст:

«18 май баъд аз тӯпандозии мухтасаре қӯшуни баҳрии мо шаҳри Анзалиро ишғол кард. Қувваи баҳрии сафедон тамоман ин ҷо забт шуд. Аз ҷумлаи ғаниматҳо 10 киштии ҷангӣ, 70 боркашӣ ва ҳамҷунин асбоб ва олоти ҷангии бисьёре ки Деникин аз шимоли Қафкозиё ба ин ҷо фиристода буд, ба дасти мо афтод. Дар Анзалӣ 50 тӯп, 20 ҳазор тири тӯп, 20 дона дастгоҳи тилғирофи бесими баҳрӣ, 30 дона ҳам тилғирофи хушкӣ, 6 дона тайёраи киштӣ (гидерпилон[178]), 4 хумпора, 160 ҳазор пут панба, 25 ҳазор пут оҳани роҳи оҳан (релс), 8 ҳазор пут мис, 40 адад воғунча[179] гирифта шуд. Боз ғаниматҳи бисьёре ҳаст, ки дар маърази ҳисобӣ аст».

Ба андак мулоҳиза аҳамияти ин хабар барои ҳар кас равшан мешавад. Маълум аст, ки дар зарфи се сола инқилоб Англис ва фирқаи сафедон баҳри Ҳазарро ба дасти худ дошта Ҳукумати Шӯрой ва инқилоби ҷаҳонро дар зери таҳдид гирифта буданд. Ба воситаи баҳри Ҳазар Туркистонро дар ошӯб андохтанд. Ба Озарбойҷон, харҷи хостанд, имло кунонданд, савоҳили Эронро ба дасти худ гирифта дар сироятн инқилоб ба ҷониби Шарқ садди садиде бунъёд карданд.

Вақте ки дар Озарбойҷон ҳукумати Шӯрой барпо шуда бо Ҳукумати Шӯрони Русия робита пайдо кард, ба воситаи баҳри Ҳазар ҳанӯз ин робита дар зери таҳлука буд. Чун баҳри Ҳазар бо тамоми қувваи душман ба дасти мо афтод, барои Ҳукумати Шӯрони Русия ва Озарбойҷон майдони озодӣ муҳайё гардид. Роҳи нақлиёти миёни Туркистон, Озарбойҷон ва Астархон кушода шуд. Анзалӣ ва савоҳили Эрон, ки охирин истинодгоҳи Англис буд ба дасти Ҳукумати Шӯрой даромада, роҳи кор кардан ба хоки Эрон билфеъл кушода гардид.

Бояд ба таъсири ҳамин аҳвол бошад, ки назар ба як хабари тилғироф дар ҳар тарафи Эрон ҳаракат намоён аст: «Англисҳо дар Эрон ба шуруфи[180] заволанд, ҳатто консолори[181] худро аз Машҳад ба ҷои ди-

гар кўчондаанд. Қўшуни Эрон билхосса жандармҳо дар муқобили Англис харакат доранд».

Бубинед ин хабар чӣ тавр муҳим аст. Дар Эрон ба муқобили Англис аз қўшун ва жандарма қиём! Аз ин чо гуфта мешавад, ки масъалаи Эрон ба зудӣ бар вифқи мароми инқилоби чаҳон ҳал хоҳад шуд. Аҳволи чанг ва сиёсат ҳаминро нишон медиҳад.

## ДАР БОҒИ ШОҲИ ЗИНДА [182]

...Банда ...шабе баъд аз ифтор ҷиҳати тафарруч [182] ҳаракат карданӣ шуда, табиӣ ба боғи Шоҳи Зинда,[184] ки барои рафъи касолати рўзадорон ягона восита аст, рафтам. Боғро ба ҳар гуна асбоби хуррамӣ ва шодмонӣ, бо олоти мусиқӣ мисли арғунун ва ағонӣ зинат додаанд, дида ба ғоят масрур гардидам. Дар як тараф мусиқишиносони хушилҳон машғули рўҳнавозӣ, ба тарафи дигар хатибони оташзабон саргарми нотиқапардозӣ буданд...

Баъд аз он, ки қадаре сайр карда ҳар тарафи боғро зиёрат намудам, дар муқобили «дастаи мусиқии Олтой»... дар буни дарахте дар торикие, ки ба воситаи чароғ, аз сояи шохҳои дарахтони боғ меафтод, аз назари мардум пинҳон нишаста хилвате дар анҷуман кардам.

Мусиқӣ ҳар ҳавое ки менавохт, гўё ҷони тоза ба ҷисми ниммурдаи ман медамид. Ба таъсири ҷонбахшои мусиқӣ хотираҳо зинда шуда, айёми гузаштаи таърихиро ба ёд меовард, хаёл бол кушода ба ҳазор орзуву омол айёми ояндаро масрурона сайру тайр мекард...

То ин ки мусиқӣ нағмаи ин шеъри туркиро:

> «Чекиндӣ етар борлигимиз чаҳл ила қаҳра
> Туғриндӣ муборак ватанинг бағри сабабсиз...»

суруд, дигар маро тобу тавон намонд. Хуш аз сар парида, тоқат ба бадан хайрбод гуфт. Дар баҳри хотирот ва тахайюлот фурў рафтам:

...Умарои Сомонӣ[185] чи гуна ин шаҳрро обод карданд, маданиятро ба чӣ дараҷаи олӣ расониданд, пас



مکتوب رفیق ما (لنین)
که بر فیقان اشتراکیون تورکستان
نوشته است :

رفیقان ! من بشما مراجعت میکنم در صفت
صدر شورای کومیسران و شورای مدافعه ، بلکه
فقط در صفت اعضای فرقه مراجعت مینمایم .
این را بدانید که برای جمهوریت شورایی روسیه
خیلی اهمیت دارد که با ملتهای تورکستان
مناسبات درست و خوب پیدا و برپا نماید .
اگر بی مبالغه بگوییم این گونه مناسبات فائدهٔ
بزرگ تاریخی را دارا است .
برای همهٔ آسیا و برای همه مستملکهای
دنیا ، برای هزاران میلیون مردم مناسبات
حکومت شورایی با ملتهای ناتوان و مظلوم
اهمیت عملی دارد . من خیلی خواهش میکنم که
بر این مسئله اهمیت فوق العادة داده همهٔ
همت تان را باین مصروف کنید که مناسبات
دوستانه و رفیقانه اتان را در حق ملتهای
تورکستان عملاً ثابت نمائید . با آنها عملاً
ثابت نمائید که ما میخواهیم همهٔ نشانه های استبداد
و امپریالیزم روس و انگلیس را از بیخ برکنیم
شما بفهمید ، تورکستان ما که برای درست

Мактуби В. И. Ленин ба коммунистони Туркистон. (Аз «Шуълаи инқилоб», шумораи 23, 7 декабри с. 1919)



تشکیلات مسلمان جمهوریت تورکستان

۱۲ — ایول از قومیتهٔ مرکزی اشتراکیون مسکو
بمضمون ذیل تلغرام گرفته شده که بالجبت اهمیت
آن، با یک دنیا شادی درج کرده، مسلمانان
تورکستان را با این تلغرام تبریک مینمائیم.

قومیتهٔ مرکزی اشتراکیون روسیه، بقومیتهٔ
اجرائیهٔ مرکزی تورکستان و بقومیتهٔ کشوری
فرقهٔ اشتراکیون اعلام میکند که نظر بنقطهٔ سیاسی
که اجرای آن در بین کارگران و بیچارگان اهالی
شرق ضرور است، اجتماع هشتم فرقهٔ اشتراکیون
این قرار را قبول کرد: هنگام انتخابات در
حکومت تورکستان بمسلمانان از روی تناسب
نفوس شان بایستی جا داده شود و برای
اعضاهای انتخاب شونده داخل فرقه بودن شرط
شمرده نشود. تنها نامزد این اعضاها
از طرف تشکیلات کارگر و بیچارگان گذاشته
شود کفایت است.

بغیر رضا و تصویب تشکیلات کشوری
مسلمان، مال و ملک مسلمانان مصادره (ضبط)
از طرف اختلاف خود داری کرده شود. ما امینیم
پیشوایان که در صف پیشین انقلاب تورکستان
ایستاده اند، بوظیفهٔ انقلابی خود عمل کرده، قرا
رداد های حکومت مرکزی را بجا خواهند آورد
و با وجود این باره هیچ گونه تخالفی نخواهند کرد.
بعمل گذاشتن این قرار داد، بقومیتهٔ مرکزی
عموم روسیه اطلاع بدهید.

Телеграммаи Москва дар хусуси ҳаққи интихоби мусулмонони Туркистон. Аз («Шӯъ-лаи инқилоб», № 15, 13 июли соли 1919)

аз он ба сабаби фитан[186] ва шӯришҳои таърихӣ чӣ гуна ин шаҳр хароб гардид, боз ба ғайрати умаро ва уламои темурӣ ба чӣ пояи ободӣ расид, билхосса аз тарафи Улуғбек,[187] набераи Темур чӣ сон муассасаҳои илмӣ бино ёфт, ин пештоке, ки дар муқобилаш мабҳут нишастаам, аз тарафи ин ҷавони алломаи Улуғбек ба чӣ орзу сар ба фалак кашида шуд?..

Баъд аз ин ба даъво ва пархошҳои хавонини ҷоҳил чӣ гуна ин шаҳри менубаҳр[187а] хароб шуд. Толеки ман ба ҷавори ӯ нишастаам, зиндон, яъне гӯри зиндагони мазлум гардид. Мадрасаи Хоним,[188] ки аз аҷоиби Туркистон буд, ҷои бошишгаҳи сутур[189] ва давоби[190] амирони нодон шуд...

Пас аз ин ҳукумати мустабиддаи Рус ба чӣ асбоб ин ҷоро тасарруф кард ва мадрасаеро, ки алъон ман дар замини ӯ нишастаам, турма ва маҳбас намуд. Ин боғ, ки бар болои изом ва аҷсоди[191] аҷдоди мо бино шудааст, аз ҷаҳолати мо ва аз беэътиноии ҳукумати мустабидда, балки ба хоҳиши ӯ чигуна ҷои хобгоҳи гурӯҳи арозил ва авбош, камингоҳи households дуздони қаллош гардид...

Ин вақоеъ чун тасмаи синумотуғроф[192] ба як суръати барқӣ аз пеши чашмам мегузашт, муносиби инқилоботи таърихӣ, ин байти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ[193] вирди забон мегардид:

> «Ҳамон манзил аст ин биёбони дур,
> Ки гум шуд дар ӯ лашкари Салму Тур.
> Ҳамон манзил аст ин ҷаҳони хароб,
> Ки дидаст айвони Афросиёб».

Ба мулоҳазаи ҷашни ҳолия, ки бо камоли сурури шодмонӣ, дар ин боғи дилкаш, ба сояи Ҳукумати Шӯрой ва ба ғайрат ва ҳиммати ҷавонони аҳрори инқилобкор барпо шуда буд, хаёли айёми ояндаро қарини саодатҳои комила тасаввур мекард, таҳайюл менамудам, ки агар мо аз мусоадаҳои[194] Ҳукумати Шӯрой истифода карда, даст ба дасти вифоқи якдигар дода ба кор шурӯъ намоем, чунонки ин боғро дар зарфи як ҳафта ба ҳамин ранг зинат дода, ҷои ҷашни аҳророни

худ кардем, ҳамчунин ҳам Туркистонро обод намуда, ҷои осоиш ва тафарруҷгоҳи авлоди худ менамоем.

Ман ба-дин гуна тахайюлот масту мустағриқ[196] будам, ки ногоҳ овози «баб! баб! баб!.. басти» мусиқӣ ба олами ҳушьёриам овард, гӯш додам: мусиқӣ ҳанӯз мисраъҳои поёни шеъри мазкурро:

> Бирликда бу гуи бўлмалийиз дардина чора,
> Чон кардошӣ, қон кардошӣ, шон қардошийиз биз...»

гӯён дар тараннум буд...

Оре! Ба сояи Ҳукумати Шӯрой ба иттифоқ ва иттиҳоди бародарона, ба кӯшиш ва ҳиммати мардонаи ҷавонони сӯсиёлист ҷамеи дардҳои Ватанамон даво ёфта, сад чандони аввал касби мазоё ва шараф хоҳад кард.

## САЙФУ ҚАЛАМ[198]

Дар олами маданият ду қувват аст, ки таъмини ҳуқуқи бани башар бе восотати ин ду мумкин нест. Ин ду қувват сайф ва қалам аст!

Дар як ҳайъати иҷтимоӣ агар «сайф» (шамшер) ба манзилаи ҷисм бошад, «қалам» ба масобаи ҷон аст. Ҳамчунон беҷисму ҷон оламӣ дар хориҷ вуҷуд надорад, инчунин ҳайъати иҷтимоия, ки бесайфу қалам аст, дар олами маданият гӯё, ки вуҷуд надорад.

Ҳамчунон ки ҷисми беҷон, ҷони бе ҷисм масдари коре шуда наметавонад, инчунин ҳайъати иҷтимоия, ки яке аз сайфу қаламро доро нест, кореро пеш бурда наметавонад...

Олами ислом ҳар шараф ва манзалате, ки дид, ба воситаи сайфу қалам дид, ба ҳар хорӣ ва мазаллате ки афтод, ба сабаби аз даст додани ин ду афтод.

Оре, олами ислом, дар қарнҳои охирӣ ин ду қувватро тамом аз даст дод, бинобар ин иззат, шараф, номус, ватан, ва билҷумла ҳарчи, ки дошт, аз даст дода, поймоли сарватдорон ва империёлистони фаранг гардид.

Мо — туркистониён низ мисли сойри аҷзои олами ислом нахуст қаламро аз даст додем, пас аз он ба

сабаби ҷаҳолат шамшери зангзадае, ки аз ниёгони худ ба мирос доштем, ба сари ҳамдигар шикаста, ба асорати ҳукумати мустабиддан императории Рус афтодем.

Дар натиҷаи ҷанги умумӣ ранҷбарони Русия қиём карда тоҷу тахт, рахту бахти императориро зеру забар карданд. Ба ҳама фуқарои косиба ва миллатҳои маҳкума озодӣ доданд, ба мо — туркистониён низ ҷумҳурият ва мухторияти ҷудогона бахшиданд, «сайфу қалам»-ро ки ҳукми нигини сулаймонро дорад, ба мо пешкаш карданд, аммо мо: «Ман ҳамон Аҳмади порина, ки будам, ҳастам» мегӯем, на ба сайф рағбат дорем, на ба қалам, на ёди озодӣ дорем, на орзуи ҳуқуқ; ба мазаллате, ки панҷоҳу чанд сол умр басар бурдем, ба ҳамон тарзи абадӣ мондаиро меҳохем.

Се сол аст, ки дар Туркистон Ҳукумати Шӯрой ҳукмрон аст, се сол аст, ки ранҷбарони Русия барои таъмини осоиши бани башар ва ба роҳи таҳлиси ҳамҷу мо—милали маҳкума шамшер мезананд ва ҷон медиҳанд, аммо мо ҳам ба абрӯи танбалӣ ва танпарварии худ наёварда, дар бистари ғафлату атолат [106] ҳанӯз ғунудаем.

Масъалаҳои бисьёр бузург дар мавқеи музокара гузошта шуда, орзуҳои бисьёр олӣ пешниҳоди ҳиммат шуда истодааст: моро озод кардаанд ва таҳкими озодии моро меҳоҳанд. Таҳлиси тамоми аснофи ранҷбар ва озодии ҷамеи милали маҳкума, билхосса аҳли Шарқ ва олами ислом ба майдон омадааст... Оё мо ҳанӯз дар ин масъалаҳо, дар ин музокараҳо, дар ин иҷроот бетараф менишинем? Оё ҳанӯз «олма пиш, оғзимга туш!» мегӯем? Таҳкими озодии худамон ва таҳлиси аҳолии Шарқ шамшерҳои буррон ва ҷавонони қаҳрамон меҳоҳад. Як қисми ин шамшерҳо ва ин ҷавононро лозим аст, ки худамон омода кунем.

Лекин мо дар зарфи сесолаи инқилоб чанд нафар ҷавон ба сафи Асокири Сурх додем? Ҳеҷ!...

Иддаи қалилае, ки бинобар баъзе асбоб худ талабгор шуда, ба сафи Асокири Сурх даромадаанд, дар шумори «не»-анд.

Қалами мо ҳам аз шамшери мо беҳтар нест. Оре!

Дар замони истибдод ба хондан ва хонондан, дар навиштан ва нашр кардан озод набудем.

Аммо дар ин айёми озодӣ ба хеҷ ваҷҳ худро маъзур шумурда наметавонем. Дар зарфи сесола инқилоб дар роҳи нашри маориф ва танвири афкор мильюнҳо пул сарф шуд, бадбахтона мо дуруст истифода карда натавонистем. Дар Туркистон шаҳри бузурге нест, ки дар он ҷо барои мусулмонон рӯзнома нашр нашавад. Аммо хонанда нисбат ба аҳолии он ҷо сад як, балки ҳазор як намеафтад, хусусан рӯзномаи форсӣ, гӯё ки хонанда надорад. Чунончи, аз як сол зиёд аст, барои форсизабонони Туркистон маҷмӯаи «Шӯълаи Инқилоб» нашр мешавад. Аз шаҳри Самарқанд иддае хонанда дорад, ки эшон низ ба воситаи саъю кӯшиши саркорони ҳукумат ва фирқа ба майдон омадаанд. Аз соири аҳолии форсизабон, ки дар Ӯротеппа, Хӯҷанд, Конибодом, Исфара ва ғайра ҳастанд, асари таваҷҷӯҳе надидаем.

Гумон наравад, ки мо хонандаро барои таъмини масорифи маҷмӯа мехоҳем, не! Масориф маа зиёдоти шарифа аз тарафи ҳукумат таъмин ёфтааст, мо хонандаро барои таъмини манфиати худи хонанда, ба иборати дигар, барои фоида бурдани аҳолӣ мехоҳем. Бародарони ӯзбакамон як қадаре осори интибоҳ[197] нишон дода истодаанд. Чунончи, ба идораи рафиқамон «Меҳнаткашлар товушӣ»[198] аз ҳар тарафи вилояти Самарқанд, ҳатто аз соири нуқот, кам ҳам бошад, асари таваҷҷӯҳ ва мукотибот ба миён меояд. Чунончи, аз Андиҷон ва Намангон, Авлиёато ва Туркистон мактубҳо, хабарҳо ва мақолаҳо мерасад.

Аммо ба маҷмӯаи мо аз ягон нуқоти форсизабони Туркистон мактубе ва хабаре наёмадааст. Ин камоли беэътиноии ҳамзабонони моро нишон медиҳад.

Мақсад аз ин муқаддима чист?

Шояд аз ин муқаддимаи дуру дароз чӣ будани мақсад худ ба худ маълум шуда бошад. Бо вуҷуди ин, матлабро равшантар арз намоем:

Агар мо шараф хоҳем, агар мо номус хоҳем, агар мо иззату обрӯй хоҳем, агар мо ҳуқуқ хоҳем, ба иборати кӯтоҳ — агар мо ҳаёт хоҳем, бояд ки фурсат нагузаронда, ҷанг ба домони сайфу қалам занем. Моро

лозим аст, ки харчи зудтар ба сафи Асокири Сурх даромада ба худ ва ба навъи худ хидмат намоем. Моро лозим аст, ки ҳарчи пештар ва бештар ба шоҳроҳи маориф ва танвири афкор раҳсипор гардида, аз байни худомон аҳли қаламҳои намоён ба майдони мубориза расонем. Эҳтиёҷоти ҳаррӯза ва нуқсоноти воқеъаи худамонро ба воситаи матбуот музокара намуда, ба ҳар дарди худ аз ин маъҷуни [199] мураккаб, яъне матбуот даво ҷӯем!!!

Бародарон! Агар ҳаёт ҷӯед, ба даст гиред сайфу қаламро.

## ЭРОН БА МАЙДОН ДАРОМАД [200]

*(Баъд аз ин навбати Истамбул ва Ҳиндустон аст)*

Имрӯзҳо аз тарафи Эрон чунон хабарҳои масарратангез меояд, ки тарафдорони инқилоби Шарқро дар ваҷд меандозад.

Дар мақолаҳои гузашта аз аҳволи ҷория истидлол [201] карда, дар ҳаққи Эрон киҳонатфурӯшӣ [202] карда будем. Имрӯз муждаи билфеъл таъсис ёфтани ҳукумати муваққатаи инқилобиро дар хоки Эрон ба хонандагони гиром пешкаш мекунем. Бинед, тилгиром чӣ хабар медиҳад:

«5 июнь дар Рашт ҳукумати муваққатаи Эрон дар таҳти раёсати сардори инқилобиюн Кучакхон таъсис ёфт. Ҳамаи аъзоҳои ҳукумати муваққата, ҳамфикру ҳамкорони қадимаи Мирзо Кучакхонанд.

Ҳамаи аҳолии Рашт ин табаддулотро ба хурсандии бузург истиқбол карданд. Англисҳо Раштро ба ҷанг андохта ба суръати тамом ақиб менишинанд. Иддаи бузурги сипоҳиёни Ҳиндустон (аскари Англис) ба тарафи Кучакхон гузаштаанд. Ҳамчунин як фирқа аз казоқони Эрон низ ба тарафи хони мазкур гузаштаанд.

Мирзо Кучакхон дар бораи табадуллоти Эрон ба рафиқ Ленин огоҳӣ додааст».

Мо ин телғирофро танҳо як хабари инқилоб дар Рашт ё ки дар Эрон гуфта қабул намекунем. Балки ин тилғироф, чунон ки билфеъл аз инқилоби Эрон ха-

бар медиҳад, инчунин ба наздикӣ аз вуқӯи инқилоби ҷиддӣ дар Ҳиндустон ва ба тамоми Шарқ муждарасон аст. Ва инчунин ин тилғироф имо мекунад, ки тард кардани Англис аз Шарқ, аз чизе ки гумон карда мешуд, осонтар аст. Ҳаргоҳ ин тилгироф ва тилғироферо, ки пеш аз ин омада буд, ба диққат мутолаа намоем, ин матолиб ба вузӯҳ мерасад.

Дар телгирофи собиқ ин хабари муҳим буд: «28 май аз Ревел хабар медиҳанд: Рӯзномаҳои Берлин аз Лундун менависанд, ки баъд аз он, ки дар Табрез инқилобе ба рӯҳи иштирокиюнӣ воқеъ шуд, таҷовузи аксариюнҳо ба тарафи Табрез муқаррар буд. Чунки Табрез қалъаи ҷангиро доро нест. Бисьёрии вазирҳо аз пойтахт гурехтанд, боқии эшон низ ба тарафи ҷануб раҳсипор хоҳанд шуд». Дар як тилғирофи дигар беҷанг таслим шудани Анзалӣ мундариҷ буд.

Ин ахбор ба мо нишон медиҳад, ки англисҳо ва англиспарастон аз мудофааи Эрон оҷизанд. Англис ду сол аст, ки дар нуқоти муҳиммаи Эрон истеҳком месозад, аз Фарангистон ва Ҳиндустон ба Эрон аскар меорад, аз аҳолии Эрон аскар мегирад, Ҳукумати расмии Эронро, жондорма ва қозоқони Эронро ғуломвор ба хидмати худ кор мефармояд. Ҳамин ки оташи инқилоб аз тарафи Кофкоз ба хоки Эрон расид, ҳеҷ будани ин ташаббусотро ба мо нишон дод. Чунончи, Анзалӣ, ки дар муқобили инқилоб ҳукми садди садидро дошт, бе ҷангу пархош таслими асокири баҳрии мо гардид. Дар Табрез инқилоб воқеъ шуд, вузарои пойтахт рӯ ба гурез ниҳоданд. Барои таскини ин оташ англисҳо аз Машҳад аскар фиристоданд, ё фиристоданӣ шуданд, лекин ҳанӯз натиҷаи ин ташаббуси Англис маълум ношуда, дар Рашт инқилоби ҷиддӣ воқеъ шуд. Ин шаҳр низ бе ҷанг моли инқилобчиён гардид. Англисҳое ки шӯриши Табрезро ба воситаи савқи аскар аз Машҳад таскин доданӣ буданд, аз мудофиаи Рашт оҷиз омаданд.

Албатта, англисҳо аз асли миллати англис аскари муҳимме ба хоки Эрон иқомат дода наметавонанд. Умеди эшон ба сипоҳиёни Ҳиндустон ва аскарҳои харидаи аз Эрон аст. Аз аскарҳои харидаи аз Эрон то

ҳол хабари муҳимме нашунидем ва яқин дорем, ки ашхосе ки ба ичбори гуруснагӣ ба хидмати Англис даромадаанд, ҳеҷ ғоҳ кори намоёне аз дасти эшон нахоҳад омад. Дар рӯзи бад, албатта, эшон бар зидди Англис хоҳанд бархост.

Аммо қозоқони Эрон ва жондормаҳо, ки қадре таълимдида ва корозмуда буданд, маалмамнуният хабари гузаштани эшон ба тарафи инқилобчиён мерасад. Дар як тилгирофи пеш хабари гузаштани 4700 қозоқи Эрон ба тарафи Кучакхон мундариҷ буд. Имрӯз низ хабари гузаштани як фирқа қозоқи Эрон расид (як фирқа қариб панҷ ҳазор аст).

Муҳимтар аз ин ҳама хабар хабари гузаштани сипоҳиёни Ҳиндустон аст ба тарафи Кучакхон. Англисҳо ба воситаи гузаштани сипоҳиёни ҳиндустонии худашон ба тарафи Кучакхон, на танҳо қуввати худро дар Эрон аз даст медиҳанд, балки аз мудофааи Ҳиндустон низ маъюс хоҳанд шуд.

Аз хабарҳое ки ҳаррӯза мерасад, маълум мешавад, ки дар ҳар тарафи Ҳиндустон ба муқобили ҳукумати Англис ҳаракатҳои чиддӣ ҳаст. Ҳаргоҳ Эрон аз Англис ва англиспарастон тасфия [203] ёбад, навбати Ҳиндустон мерасад, вақте ки қӯшуни сурхи байналмилалӣ дар ҳудуди Ҳиндустон расид, тамоми сипоҳиёни Ҳиндустон ба тарафи қӯшуни инқилоб хоҳад гузашт. Дар он сурат тасфияи Ҳиндустон кори осоне шуда ба майдон хоҳад омад.

Вақте ки англисҳо домани дилбари Ҳиндустонро ба дасти душмани худ диданд, табиӣ, ҳар чӣ қуввати ҳақиқӣ, ки доранд, ба сари Ҳиндустон хоҳанд рехт. Ба ин сабаб маҷбур мешаванд, ки қуввати худро тамоман ё баъзан аз Истамбул боз пас гиранд, дар ин сурат ҷавонтуркони инқилобчӣ, ки ба хоки Она-тӯлӣ ба чиддияти тамом кор мекунанд, бо иззат ва шараф маркази ватани худро ишғол хоҳанд кард...

Ин мутолиаҳое ки кардем, қадре аҷиб ва коҳинона [204] аст. Лекин вақте ки чи гуна чараён кардани аҳволро таъқиб намоем, ба зудӣ вуқӯъ ёфтани ин мутолиот дур наменамояд. Мунтаҳояш то як сол, дигар ин масъалаҳо ҳал хоҳад шуд.

## ИНҚИЛОБҲОИ ГУЗАШТА ДАР ШАРҚ ВА АҲВОЛИ ҲОЗИРА[205]

Қариб сад сол аст, ки дар Шарқ ҳаракоти инқилобкорона ҳувайдост. Чунончи, дар авосити асри нуздаҳӯм дар Ҳиндустон ба муқобили ҳукумати Англис қиёми умумӣ барпо гардид, шаҳрҳо хароб, хонаҳо вайрон шуд, садҳазорҳо бандагони худо аз мусулмон ва маҷус талафи теғи бедоди англисҳои ғосиб гардида, оташи инқилоб зоҳиран қадре хомӯш шуд.

Дар Арабистон ва Судон чанде боз соле нест, ки ба муқобили ҷаҳонгирони Фаранг шӯрише барпо нашавад.

Дар Эрон ба аҳди ҳукумати Носириддиншоҳ,[206] ба муносабати инҳисори танбоку иҳтилоли бузурге бархоста буд.[207]

Аз вақте ки англисҳо ба Миср чангол задаанд, ҳамеша осори хаяҷон дар муқобили эшон дида мешавад.

Дар Африқои шимолӣ қиёми саннусӣ ва маҳдиҳо бечизе набуд.

Дар Хито чанд бор шӯриш пайдо шуда мамлакати васеи Шарқи Ақсо ва пойтахти Хоқони Чин дар зери ишғоли аскарии сарватдорони Фаранг афтода буд.

Баъд аз он Шарқ ҷиддитар ба кор шурӯъ карда, нахуст дар садади ислоҳи дохилии худ афтод:

Дар Ҳиндустон ҷамъиятҳои илмӣ ва сиёсӣ барпо шуда, дар роҳи расондани донишмандони сиёсидон кӯшишҳои фавқулодда ба кор рафт.

Дар Туркия ҷамъиятҳои сиёсӣ ташкил ёфта, ба муқобили усули ҳукумати мутлақа, ки ба ҷаҳонгирони Фаранг роҳи мувосоро пеш гирифта, бархостанд, пас аз кӯшишҳои сисола ҳукумати мустабиддаро аз по андохтанд ва ба машрутаи машруа[208] комьёб шуданд.

Эрон низ дар солҳои охирӣ ҳамаи ҳиммати худро ба муқобили идораи кайфии авлоди Қоҷор[209] сарф кард; Носириддиншоҳро, ки ба ҷуз фурӯхтани Эрон ва саёҳат кардан дар Фарангистон коре надошт, ба кайфари муносибаташ расонида, дар аҳди Музаффариддиншоҳ[210] қонуни асосӣ ва анҷумани миллиро ба

даст даровард; баъд аз хиёнати Муҳаммадалишоҳ[211] дар роҳи халъи ин ҳукмдори шикампарасти фарангдӯст кӯшишҳои мардона ба кор бурд.

Хито, аз истибдоди «писарони осмон» (хоқон ва хонадонаш) ба ҷон омада тахлиси худро аз ҳиммат ва ғайрати худ чашм дошта, ҳукумати ҷумҳурия барпо кард... Ин ҳама инқилобҳо, ин ҳама ихтилолҳо ҳамеша аз чанд тараф зарбаҳои сахт дида, натиҷае ки дилро ором диҳад, ба рӯи кор намеовард. Аз як тараф, ҳукмдорони мустабидди Шарқ ба қуввати сарватдорони Фаранг, ки валинеъматашон буданд, такья карда ба муқобили ҷавонони аҳрор худдорӣ мекарданд. Аз тарафи дигар, муллонамоёнии шикампарасти динфурӯш, барои ҳифзи мансаб ва мавқеи осоиши худ ба муқобили инқилобчӯён ба силоҳи дину шариат ҳуҷум менамуданд. Аз тарафи саввум, (харгоҳ ки кор бар вифқи мароми ҷавонони инқилобҷӯй натиҷа медод), ҷаҳонгирони Фаранг биззот ба кор шурӯъ карда, самараи кӯшишҳои ҷавонони аҳрорро бар бод дода, ватан ва диёри эшонро харобазор менамуданд. Дар соли 1293[212] хиҷрӣ ҳуҷум кардани давлати мустабиддаи Рус ба хоки Усмонӣ, дар соли 1329[213] ҳуҷум намудани Италиё ба Тароблиси[214] ғарб, пас аз он ҳуҷум кардани давлатҳои кучаки Болқон ва Европаи усмонӣ, барангехтани давлати мустабиддаи Рус Муҳаммадалии матрудро бо силоҳ ва асбоб ба муқобили Эрони озод, ба тӯб бастани Гунбази Разавӣ, ишғол кардани Англис ва Рус шимол ва ҷануби Эронро, сӯзондани Урумӣ,[215] ба дор кашидани муҷтаҳидини аҳрор ва ғайра ва ғайра... Ҳар як зарбаҳои сахт буд ба вуҷуди навзоди инқилоби Шарқ.

Азбаски инқилобҳои гузашта дар Шарқ ҳар яке махсус ба диёре ва ба таъриххои мухталифа воқеъ шуда буд, худро дуруст муҳофиза ва мудофаа карда наметавонист.

Аммо ҳаракоти инқилобкоронае, ки алъон ба Шарқ рӯй додааст, тамом ба дигар шароит ҷараён дорад. Аввал он, ки дар ҳамаи нуқтаи олами ислом ва диёри Шарқ дар муқобили сарватдорони Фаранг ҳаракоти муттаридаи[216] ба як таърих ва ба як шароит мавҷуд аст.

Дуввӯм: яке аз қувваҳои бузурги ҷаҳон, ки ранҷбарони мамлакати Русия ҳастанд, даст ба дасти мазлумони Шарқ дода, дар садади танкили ҷаҳонгирон ва сарватдорони Фаранг бархостаанд.

Саввӯм: коргарони тамоми Фарангистон ва Амриқо аз хунрезӣ ва исроркориҳои бешармонаи ҷаҳонгирон ва сарватдорони худ ба ҷон омада, дар муқобили аҳволи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳарбии кӯҳна омодагӣ мебинанд.

Ба ҳамин мулоҳазот гуфта метавонем, ки ин бор инқилобҳои Шарқ натиҷаҳои комила хоҳад дод; ин бор ҷаҳонгирон ва сарватдорони Фаранг ба диёри ҷаннатосори машриқзамин абадӣ видоъ хоҳанд кард; ин бор ба баракати иттифоқи коргарони Русия ва мазлумони Шарқ инқилоби ҷаҳон ба вуқӯъ омада, маслаки сусиёлизмӣ ва инсониятпарварӣ дар миёни банӣ башар ҳукмрон хоҳад гардид; ин бор олами исломӣ ва диёри Шарқ аз асорати чандисола абадӣ халос хоҳад шуд...

Лекин умуман аҳолии Шарқ ин матолибро ба назар оварда, ҷиддитар ба кор шурӯъ карданашон лозим аст.

## ШАРАФИ АСКАРӢ БА ТУРКИСТОНИЁН МУБОРАК БОД! [217]

Дар асрҳои қадим мо — туркистониён дар рӯи олам аз банӣ навъи одам ба сифати аскарӣ имтиёз доштем, овозаи қаҳрамонӣ аз шуҷоати мо овезаи ғӯши ҷаҳониён шуда буд. Дар замони бостон ниёгони мо сифати аскариро танҳо барои толон ва торочи ибод ва билод [218] сарф мекарданд, балки чӣ гуна ки дар майдони ҷанг изҳори ҷалодат ва шуҷоат менамуданд, инчунин ҳам ёрмандии мазлумон, дастгирии барҷомондагон, пуштибонии афтодагон пешниҳоди ҳимматашон буд.

Дар қарнҳои охирӣ ахлоқи мо фосид гардид, нафспарастии бархе хавонини ҷоҳталаб моро ба худкушиҳои пай дар пай водошт. Аз ҷангҳои дохилии беҳосили чандсола, ки на аз нуқтаи назари инсоният ва на ба эътибори исломият ҳеҷ раво набуд ва ба эътибори натиҷа ҷуз ғолиб шудани як хони

ҷоҳил ва мағлуб гардидани хони дигар ҳосиле надошт, моро аз ин сифат нафрат кунонд.

Сабаб ҳамин буд, ки аскари футӯҳоти Русияи императорӣ мамлакати моро ишғол намуда, моро асири занҷири бедод кард.

Баъд аз он ки ҳукумати мустабидда диёри моро забт кард, ба мо чунон рафтор намуд, ки хаёли аскарӣ, ёди қаҳрамонӣ бар хотири мо хутур[219] накунад. Роҳи исрофот ва фаҳшиётро кушод, рибохорӣ ва анбордориро ривоҷ дод, козиёни ришваҳӯр, волостноёни[220] қалбкорро имдод кард. Ба ҳамин восит моро саргарми расвоӣ ва фаҳшиёт, саргардони ғавғо ва муҳмалот намуда, худ ба осудагии тамом пайи торочи буду нобуди мо афтод. Ҳар чиз ки аз замини ҳосилхези Туркистон мерӯид, баъзе ба воситаи фабрикант ва банкирон, бархе аз роҳи фаҳшиёт ва лаҳвиёт, оид ба кисаи фирқаи ҳокима мегардид.

Ҳукумати мустабидда моро аз ҳуқуқи сиёсӣ, иқтисодӣ, миллӣ, ҳатто аз ҳуқуқи табиӣ ҳам маҳрум кард. Ҳуқуқи аскарӣ, ки яке аз ҳаққҳои бошарафтарини раъия аст, ба рӯи мо баста дошт.

Шумо мулоҳаза фармоед, дар муддати панҷоҳу чанд сол, соле ҳазорҳо аскарро ба масорифи бисьёр аз Русия оварда ба Туркистон илғор[221] мекард. Аммо аҳолии Туркистонро ба ин хидмат лоиқ намедид. Шумо гумон мекунед, ки «чун аҳолии Туркистон ба хидмати аскарӣ рағбат надоштанд, эшонро аз ин кор муоф дошт». Не! Сад бор не! Агар ҳукумати мустабидда моро ба сифати аскарӣ муносиб медид, ба ҳар ранг, ки бошад, дохили суфуфи[222] аскариамон мекард. Ҳукумате, ки дар дохили шаҳри мо фаҳшхона кушода, хоҳар ва ҳамшерагони моро ба он ҷо бурда нишонда тавонист, метавонист, ки бародарони моро ба казармаҳо бурда нишонад. Чунончи, дар соли як ҳазору нӯҳсаду шонздаҳ (1916) бо вуҷуди шӯриш ва иғтишоши мо ҷавонони моро дар паси майдони ҷанг ба хандақҳои пур аз барф бурда муфт ба куштан дод.[223] Аммо ба дасти эшон яроқ дода, эшонро ба соири сокинони хоки Русия баробар накард... Зеро ҳукумати мустабидда ба хубӣ медонист, ки агар аҳолии Туркистон ба шарафи аскарӣ ноил шаванд, дигар ғулом шу-

даиро қабул нокарда, ба соири ҳуқуқ ноил шудаиро низ хостор хоҳанд шуд. Он рӯз хотимаи истибдоди ҳукумати императорӣ хоҳад расид.

Баъд аз он ки дар Русия Инқилоби Кабир воқеъ шуда, ранчбарон, ҳунарварон ва деҳқонон ба сари кор омаданд, ҷамеи усул ва қавонини императориро зеру забар карданд. Ҷамеи сокинони хоки Русияро аз ғайри фарқи динию миллатӣ ба ҷамеи ҳуқуқ баробар эълон карданд. Ҳуқуқи миллии ҳар миллат ва қавмро мӯҳтарам шумурданд, тафаввуқ ва бартарии қавмеро бар қавме, ҳокимӣ ва фармонфармоии миллатеро бар миллате қадаған[224] намуданд. Танҳо риояи ҳоли фақир ва ранчбарро аз ҳама чиз болотар доштанд. Ба ҳамин сабаб ба Туркистон низ аз ранчбару фақирони аҳолӣ анҷуманҳо ва ташкилотҳо барпо карда ба интихоби эшон шӯрои ҳукумат таъсис карданд.

Лекин бар ҳама кас пурвозеҳ аст, ки ин корҳоро танҳо бародарони рус ба қуввати ранҷбарон ва Аскарони Сурхи худ кардаанд, яъне ранҷбарони рус ҳамаи ҳуқуқро ба мо доданд, аммо худи мо чунончи ба гирифтани ҳуқуқ феълан иштирок надорем, ба нигоҳ доштани он низ муқтадир нестем. Ба ҳамин сабаб Ҳукумати Шӯрои Русия ҳуқуқи мағсубаи[225] чандсолаи моро, яъне шарафи аскариро ба мо дод. То ки мо ҳам ба истеҳсоли ҳуқуқ ва истиқрори он феълан мустаҳиқ ва лоиқ бошем.

Мо бо қуввати аскарӣ метавонем, ки ба истеҳсоли ҳуқуқ феълан иштирок намоем. Мо ба пуштибонии Асокири Сурхамон метавонем ҳуқуқеро, ки ба мо додаанд, муҳофиза намоем. Мо ба поймардии қӯшуни худ қодир мешавем, ки кори худро худамон карда, бори муштараке, ки то имрӯз танҳо ба гардани ранҷбарони Русия буд, сабук намоем. Хулоса мо ба соҳиб шудани шарафи аскарӣ, гуфта метавонем, ки ба ҷамеи ҳуқуқ мустаҳиқ ва лоиқ ҳастем.

Поянда бод Ҳукумати Шӯрои Русия!

Зинда бод Қӯшуни Сурхи Туркистон ва Русия!

Муборак бод шарафи аскарӣ ба мо — туркистониён!

## АКНУН НАВБАТИ ҚАЛАМ АСТ[226]

I

Дар яке аз шумораҳои маҷаллаи мо ба унвони «Сайфу қалам»[227] аз аҳамияти илму маориф ва аз лузуми хидмати аскарӣ қадаре мусоҳаба карда будем. Дере нагузашт, ки дар ватани ҷумҳуриамон — Туркистон сафарбарӣ ба усули қуръа эълон шуда, масъалаи аскарӣ феълан гӯё ки ҳал гардид. Агарчи мардуми мо аз аскарӣ хеле бегонаанд ва аввал дафъа сафарбарӣ қадаре нуқсонот ва мавонеъро дорост, лекин аз он ҷое, ки ирқ ва хуни аҳолии Туркистон, ирқ ва хуни аскарист, умед аст, ки дар дафъаи дуввӯм ва саввӯм ҳамаи мавонеъ муртафеъ шуда, «аскарӣ» аз корҳои оддии аҳли Туркистон шуда монад.

Масъалае ки ҳал шуданаш хеле мушкил аст, масъалаи «қалам» аст. Чунончи дар мақолаи собиқа музокара ёфта буд, «қалам» иборат аз хондан, навиштан, хонондан, мусоҳабаҳои адабӣ кардан, ба харгуна адабиёт ривоҷ додан, рӯзномаҳои муваққата ва рисолаҳои фавқулъоддаро таъмим ва нашр кардан аст. Билҷумла тамоми илму маорифро метавонем ба таҳти унвони «қалам» дохил намоем.

Аз рӯзе ки дар Туркистон ҳукумати Шӯрой ташкил ёфт, масъалаи маориф дар майдон гузошта шуда, ба таълим ва нашри илм ва маърифат ғояти ҷаҳд ба кор бурда шуд ва ба кор бурда шуда истодааст. Чунончи: дар ҳар шаҳр ва вилояти Туркистон маҷаллаҳо, рӯзномаҳо аз туркӣ ва форсӣ, ба забони маҳаллӣ нашр шуд. Бо вуҷуди нуқсони васоит ва қиллати[228] асбоб дар ин кор хеле ҳиммат сарф гардид, як порча коғазро аз бозор ба сад манот харида баъд аз тасвид[229] ва табъ ба хонандагон ба бадали се манот ё маҷҷонӣ ва ройгон дода шуд.

Дар Туркистоне ки қабл аз инқилоб даҳ мактаби мунтазами бобадал ва як мактаби мунтазами маҷҷонӣ ёфт намешуд, ҳазорҳо мактаби маҷҷонии ибтидоӣ, садҳо ҳар гуна курс (доруттаълими муваққатӣ) ба вуҷуд оварда шуд. Маазолик гуфта метавонем,

ки дар Туркистон «масъалаи маориф» ҳанӯз ҳал нашудааст. Ба ду сабаб:

Сабаби аввал аз тарафи умуми аҳолист. Зеро таҳсили илм ду роҳ дорад, ки якеро «умумӣ ва ихтиёрӣ», дигарашро «хусусӣ ва иҷборӣ» гуфта метавонем.

Нахустин, ки иборат аз «умумӣ ва ихтиёрист», ҳанӯз дар байни мо номавҷуд аст, ҳатто мардуми мо чӣ будани таҳсили «умумӣ ва ихтиёриро» намедонанд, таҳсили умумӣ ва ихтиёрӣ иборат аз таҳсили илм ва маърифат кардани ҳар шахс аст, ба ҳар сину сол, ки бошад, ва ба кадом воситае ки ба даст дарояд, аз ғайри иҷбори шахсе ва қуввате. Масалан як шахси босаводи миёнсол ё ки куҳансол ҳаст, ки ба корҳои зиндагӣ гирифтор аст, рӯзе ҳашт ё даҳ соат корҳои воҷибии расмӣ ва хусусӣ дорад. Лекин ин шахс метавонад, ки ба ҳар шабу рӯз камаш ду соати худро баъд аз фароғи кор ва хоб ва дигар корҳои воҷибӣ ба таҳсили илм сарф намояд. Шумо мегӯед, ки ин шахс ба ин ду соат чӣ гуна ва ба кадом восита таҳсили илм карда метавонад? Инак арз мекунем:

Рӯзнома ва маҷаллаҳои воридаро бо диққат ва ба назари ибрат мутолаа мекунад, китобҳои илмӣ, ахлоқӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки бо худ дорад ё ки аз кутубхонаҳои шаҳр ба даст медарояд, сафҳа-сафҳа, боб-боб ба қадри ҳавсала ва гунҷоиши вақт аз назар мегузаронад. Масъалаи муфиде ки аз мутолиот ва мулоҳизот ба даст даровардааст, ба қадри имкон аз ҳамон соат эътиборан ё кадом вақте ки фурсат ёфт, ба ҳаёт ва зиндагонии худ ва умум татбиқ мекунад ва татбиқ кардан мехоҳад. Назариёти ёдгирифтаашро ба бародароне ки аз неъмати мутолаа маҳруманд, ба ҷои лаҳвиёт [230] ба тариқи мусоҳаба (на ба тариқи устодӣ ва шогирдӣ) меомӯзад.

Агар ин шахс хеле олим аст ва ба ин гуна мутолааҳои сатҳӣ эҳтиёҷ надорад, ин шахс ду соати фориғии худро ба ёд гирифтани ҳунаре ё забоне ки намедонад, сарф мекунад.

Агар ин шахс бесавод ё кӯрсавод аст, ба макотибе ки барои бузургон кушода шудааст, давом кар-

да савод мебарорад ё ки хату саводи худро такмил мекунад, лоакал ба анчуманҳои илмӣ, сиёсӣ ва иктисодӣ ба ихлос давом карда, чизе ёд мегирад, ба тамошохонаҳои мисли театру кинемотуграф[221] ва амсолаш ба нияти ибрат (на ба касди лаҳву лаъб) рафта хисса мебардорад...

Ҳамин аст мисдоки[222] таҳсили илм кардан аз маҳд, яъне гаҳвора, то лаҳад, яъне то гӯр.

Аз вакте ки дар Туркистон хукумати шӯрой таъсис ёфт, роҳи ин гуна таҳсил ба умуми аҳолӣ кушода шуда, асбобаш муҳайё карда шуд. Мааттаассуф мо — туркистониён аз ин неъмат баҳра намебардорем ва аз ин хирман хӯшаворе намечинем ва ҳол он ки мо мусулмонон ба илму маърифат аз ҳамаи милал, ки ба Туркистон сокинанд, мӯхточтар ва мустаҳиқтар ҳастем.

Ҳамчунон ки пайғамбари мо талаби илмро аз маҳд то лаҳад ба гардани мо фарз кардаанд, эҳтиёчи зиндагӣ низ моро ичбор мекунад, ки ҳар кадоми мо камаш рӯзе ду соати умри худро ба тарзе ки дар боло арз шуд, ба таҳсили илм сарф намоем, ба ифода ва истифода машғул шавем, то ки дар машоғили дуньявӣ аз дигарон ба кафо монда, аз неъмати илму маърифат, ки инкилоби чаҳон ва озодии ранчбарон ба мо бахш кардааст, маҳрум ва бебаҳра намонем.

Аз таҳсили «хусусӣ ва ичборӣ» дар маколаи дигар баҳс ронда мешавад.

## 2

Дар маколаи гузашта таҳсили илмро ду қисм карда, ва ҳанӯз татбиқ наёфтани қисми нахустинашро арз карда будем, дар ин макола аз қисми дуввӯмаш музокара меронем.[223]

Қисми дуввӯми таҳсили илм «хусусӣ ва ичборист» гуфта будем. Инак қадаре тавзеҳ мекунем: таҳсили хусусӣ таҳсилест, ки дар синни махсус ва дар дорутаълимҳои махсус ба ӯ машғулӣ меравад. Масалан атфол аз панчсолагӣ то ҳаштсолагӣ ба дорулатфол, аз ҳаштсолагӣ то ҳафтдаҳ-ҳаждаҳсолагӣ ба ду дара-

ча мактаби ибтидоӣ давом мекунанд. Иҷборӣ он аст, ки ба фармони ҳукумат атфоле ки дар байни синну соли мазкураанд, ба доруттаълимҳои мазкура давом карданашон маҷбурист.

Оре, баъд аз он ки дар Туркистон ҳукумати шӯроӣ таъсис ёфт, таҳсили маҷбурӣ аз тарафи ҳукумат эълон карда шуд, ба қадри мусоидаи замину замон дар татбиқаш ҳам кӯшиш меравад. Лекин атфоле, ки ба макотиб давом карданд, ба қадри машғулият ва сарфи авқоташон истифода burданд? Оё аз қувваи моддӣ ва маънавӣ, ки дар ин дусола қаҳтии риҷол ва асбоб дар роҳи илм ба маърифат сарф гардид, фоидаи маъмула ба даст даромад? Мааттаассуф дар ин суолҳо «не» гуфта ҷавоб додан лозим меояд.

Дар он [тақсири] ашхосе ки ба ваколати ҳукумати ранҷбарон дар сари кори маорифи Туркистон нишастаанд, мебинем.

Ба хотири ҳар кас мегузарад, ки «не, ин тур не! Сабаби ҳақиқӣ ин аст, ки муаллим надорем, китоб надорем, қаламу сиёҳӣ надорем, дафтар надорем, коғаз надорем, табошир надорем, бино надорем, лавҳа, курсӣ ва соири асбоби таълим надорем. Бинобар ин ифода ва истифода ба қадре маъмул даст надод». Дар назари аввал ин мулоҳаза як дараҷа саҳеҳ менамояд, лекин вақте ки ба масъала ба диққат мулоҳаза карда ташреҳ намоем, ҳақиқат дигаргун мешавад. Инак шарҳ мекунем:

Оре! Мо муаллим надоштем ва надорем, ин чанд нафаре ки номи муаллимиро бардоштаанд, аз курси муаллимии баромадаанд.

Лекин дар байни муаллимҳои ҳозираамон чунонки ҷавонони фаъоли муқтадири маърифатдӯст хеле ҳастанд, ашхоси нимсавод, танбал, бе ҳиссу ҳаракат низ кам нестанд. Чаро мутасаддиёни умур, ки курси муаллимиро мекушоданд, бе шарту қайд ҳар касро қабул карданд ё ба шароите ки гузошта буданд, риоя накарданд, ё мисли шӯъбаи маорифи Ӯротеппа ҷавонони фаъолро озод карда, пирони куҳансолро иҷбор карданд?

Агар аз соли 1918, ки ба ҳар тарафи кишвари

Туркистон курси муаллимин кушода шуда, дар ин боб кадаре эхтиёт мерафт, агар ба микдори муаллимини ҳозира намерасид ҳам, муаллимҳои биннисба[234] муктадир ба даст хеле медаромад.

Китоб надоштем ва надорем. Лекин барои китобҳои макотиби Туркистон хеле коғаз тахсис ёфт. Аммо аз он коғазу асбоб дуруст истифода карда натавонистем. Чунончи барои ўзбекони маҳаллӣ китобе мувофики шеваи худашон ҳозир карда нашуд. Хеле коғаз сарф карда, чанд китоб нашр шуд, ки онҳо аз ҷиҳати шева ба дарди аҳли Туркистон намехўрад. Агар кувваи маънавии Туркистонро дар як ҷо ҷамъ карда, мувофики шеваи худҳошон китоб нашр мекарданд, биннисба аз бекитобӣ ҳалос мешудем.

Дар Тошканд барои макотиби ўзбакия «Алифбо» нашр шуд, лекин «Алифбо»-ро дар вакте ки замони таътил наздик шуда буд, ба кишвар тавзеъ карданд. Пас гуфта метавонем, ки чаро китоби «Алифбо»-ро дар аввали тобистон табъ карда дар авоили айёми таҳсил нашр накарданд? Оё дар ин ҳам кахтии асбоб сабаб аст?

Оре! Бино надорем. Лекин мо намегўем, ки дар зарфи ду сол дар ҳамаи кишлоку шаҳрҳои Туркистон биноҳои фарангиёна таъмир ёбад.

Балки мегўем, ки чанд адад харобахонаҳо, ки ба ҳар шаҳру кишлок барои макотиб тахсис карда шуд ва ҷиҳати марамммат ва шикасту рехти онҳо, миллионҳо масориф рафт, мо дуруст истифода карда натавонистем.

Зеро ки ҳар сол марамммат ва шикасту рехтро дар фасли тобистон дар вакти арзонии коргару асбоб ва дар замони мусоид ба иморат намекунем. Аммо вакте ки мактабҳо кушода шуд, барфу борон боридан гирифт, дасту пои атфол ба даруни макотиб ях баст, марамммат ва шикастурехтро сар мекунем. Аз ин ҷиҳат масориф ба ду-се чанди тобистон болиғ мешавад, лою гил оби ҷўшондаро мехоҳад, коргар ба рўзҳои кўтоҳ аз шаш соат зиёда кор карда наметавонад, илова бар ин таъмире, ки дар фасли яхбандӣ кардаем, то авоили баҳор ба таъмири дигар муҳтоҷ мешавад. Дар болои ин дар вакти марамммат маҳрум шудани тала-

ба аз тахсил ва мартуб мондани иморат то охири сол сарборист.

Лавха, курсӣ ва соири асбоби таълим ҳозир кардани мо ҳам ба хамин қиёс аст. Лавхаву курсиро дар моҳи сентобр ва ӯктобр супориш мекунем, табиӣ то моҳи январ (дар фасли зимистон) рангу равгани онҳо хушк намешавад.

Агар мутасаддиёни умур ашьё ва асбоби мавҷударо дар вақташ ва ба маҳаллаш сарф мекарданд, ҳар ойина мо ба он қадар маҳрумӣ, ки соли гузашта дучор шудем, гирифтор намегардидем.

Баъд аз ин тафсилоти дилгашьёнкун арз карда мешавад, ки имсол қадаре ҷиддитар ва дар сари вақт ба кор шурӯъ кунем, китобҳое ки дар миёнаи зимистон талаб хоҳем кард, қабл аз айёми таҳсил табъ карда тавзеъ намоем, мараммат ва шикасту рехте, ки лобуд дар яхбандӣ шуданист, то моҳи сентобр аз даст барорем. Лавҳа ва курсиҳоро, ки оқибат ба сохтани онҳо маҷбур мешавем, харҷи пештар ва дар айёми гармӣ созонем, ва илло масъулият ба гардани мутасаддиёни умури маориф меафтад.

Агар мо чанд соли дигар дар ғояти ҷидду ҷаҳд дар роҳи маориф саъй намоем, умед аст, ки «масъалаи калам» ҳал карда шавад.

Зуд ба кор бошед, бародарон! «Акнун навбати қалам аст».

### БОЯД АНҶОМ ДОД [215]

Дар ин чанд моҳи вопасин ҳукумати Бухоро сарросема ба ҷанг омода мешавад. Сафарбарии чаҳорбора, ки пушти сари ҳам дар Бухоро ба амал омад, молиёте ки аз барои пӯшидани махориҷи ҷанг афзуда ва яроку асбоби ҷангӣ, ки бешитоб харида мегардад ва таблиғоте ки барои ҷиҳод бар мо ва барои иттифоқ бо англисҳо карда мешавад, ҳамаи инҳо гувоҳӣ медиҳад бар ин, ки ҳукумати мустабиддаи Бухоро кӯр-кӯрона ба ҷанг даромадан мехоҳад. Ин омодагариҳо дар ин рӯзҳои вопасин ба шакле даромадааст, ки бар алайҳи мо будани онҳо ошкор мешавад.

Дар ин рӯзҳо дар Бухоро моневро,[236] яъне машқи ҷанги лашкари Бухоро воқеъ гардид. Дар сурате ки ба тамошои ин моневро маъмурони Афғонистон ҳозир буданд, намояндагони мо ҳеҷ таклиф нагардиданд, дар наздикии ҳудуди мо пайваста лашкари Бухоро гирд меоянд, дар маҳаллоти рус, ки дар хоки Бухоро воқеанд, дастаи қаровулони Бухоро қувват мегиранд.

Дар Карки истеҳкомҳои кӯҳна дуруст шуда, сангарҳои тоза сохта мешавад. Таълимотдиҳандагони лашкари Бухоро ҳамон афсарони фавҷи сафед ҳастанд, ки ба он ҷо паноҳанда мебошанд. Харгоҳ давлати Бухоро бо мо дӯст буд, инҳоро набоистӣ ҳатто ба худ роҳ дод.

Дар охир дар наздиктарин рӯзҳо ба мо хабар расид, ки дар миёни Когон ва Бухоро аз гил қалъа кашида мешавад, ки тирандозҳои ин қалъа ба сӯи мо мутаваҷҷеҳ мебошанд. Дар баробари ин тадорукоти ҳарбия чанд воқеаҳои душманона дар хоки Бухоро рух додааст, ки ҳамаи онҳо бар муносибати дӯстонаи мо ошкоро мухолифат менамояд.

Ҳангоме ки мо ба ҳукумати Бухоро мурочиат намуда, хоҳиш кардем, ки ҳукумати Бухоро ҷилави ин гуна воқеаҳои ногуворро гирифта, муносибати дӯстонаи мо ва Бухороро халалдор насозад, ҷавоби дурушт гирифтем.

Гузашта аз ин, ҳукумати Бухоро аз як тараф пинҳонӣ фармон медиҳад, ки мардум ба русҳо мол нафурӯшанд ва аз тарафи дигар бар ҳамаи мансабҳои бузург ашхосеро бармегуморад, ки бар мо ошкоро душманӣ доранд. Ҳамчунин аз муллоҳо анҷумани хусусӣ дар Бухоро ташкил ёфта, ки кори ин анҷуман шӯроndани мусулмонони Бухоро ва Туркистон аст...

Дигар он ки ҳукумати Бухоро аз роҳи фурӯмоягӣ ду маҳоли Дизах, ки Қӯрғонтеппа ва Қизилкум бошад, ба хоки худ ҳамроҳ сохта ва ҳатто аз ин маҳаллот ба фоидаи хизонаи Бухоро бидеҳ ва молиёт гирд овардааст.

Дар охир кушта шудани қосиди сиёсӣ, ки аз сӯи сафорати фавқулъоддаи ҷумҳурияти Хоразм ба Маскав нома мебурда ва ҳамчунин кушторн ҷонхароши

тайёрачии рус, ки асбоби сӯхташ тамом шуда ба хоки Бухоро поин шуда буда ва аз барои харидани хӯрок ба деҳоти Бухоро рафта будааст... Ҳамаи инҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳукумати Бухоро каллаи худро гум карда ва наметавонад сиёсати маҳками мустақилона иҷро намояд.

Ҳукумати Бухоро аз як тараф ба мо пайваста изҳори дӯстӣ карда, барои устувории дӯстӣ ба Маскав сафорати фавқулъодда гусел медорад. Вале аз тарафи дигар бо ғундӣ ва шитоб тадорукоти ҳарбия мебинад. Албатта, сафорате ки ба Маскав гусел шудааст, наметавонад ҳукумати мустабиддаи Бухороро аз душманини мо боздошта, ҷилави ҳаракати ҷангҷӯёнаи ӯро нигаҳ дорад. Ҳукумати Бухоро сиёсати аҳмақонаеро таъқиб менамояд, ки ин сиёсат, аз ҳама бештар ба ранҷбарон ва заҳматкашони Бухоро фалокатовар мебошад.

## ЕДДОШТ БА АМИРИ БУХОРО[237]

Ба аълоҳазрат амири Бухоро. Шаҳри Бухоро. Аз ҷониби вакили кумисариёти Ҷумҳурияти Шӯрони Муттаҳидаи Иҷтимоияи Русия.

Аълоҳазрато! Бар хилофи таъкидоти дӯстонаи Шумо ва ҳукумати Шумо, ки борҳо нисбат ба Ҷумҳурияти Шӯрони Русия изҳор фармудаед, ҳамчунин бар рағми гусели сафорати фавқулоддаи Бухоро ба пойтахти Ҷумҳурияти Русия, ки фақат ба хоҳиши Шумо ба амал омадааст, бо афсӯс ва андӯҳ маълум медорем, ки дар хоки Бухоро нисбат ба Русия ҳаракати душманона на ин ки коста шудааст, балки рафта-рафта бузург мешавад ва муносиботи дӯстонаи ин ду давлати ҳамсояро рахнадор сохта, манофеи аморати Бухороро беандоза таҳдид менамояд.

Дар ин рӯзҳои вопасин аз ҷониби Бухоро нисбат ба Русия ин вокеаҳои душманона рух додааст:

1) Аз маҳоли Дизаҳ, вилояти Самарқанди Ҷумҳурияти Шӯрони Туркистон, ду вулус, ки Қӯрғонтеппа ва Қизилкум бошад, ба ҳукумати Бухоро пайвастааст. Дар ин вулусҳо маъмурҳои ҳукумати Бухоро ошкоро овозаҳои фитнаангез ва душманона дар

ҳакки Ҷумҳурияти Шӯроӣ пахн карда, аҳолии содадаро бар Ҳукумати Шӯроӣ бадгумон менамоянд.

Сипас ҳукумати Бухоро ин ду вулусро ба идораи ҳукумати Нурото илҳоқ сохта, дар он ҷо мансабдорҳо баргумошта ва ҳатто ба фоидаи хизонаи Бухоро молиёт гирд овардааст.

2) Қосиди сиёсии сафорати фавқулоддаи Ҷумҳурияти Хоразм, ки ба Маскав мерафтааст, дар хоки Бухоро, доираи Чаҳорҷӯй, дар мавзеи Хоҷақалъа кушта шудааст, чунон ки ин кушторро ба ҷинояти оддӣ ҳамл наметавон кард. Ин куштор ошкоро мекунад душмании ҳукумати Бухороро нисбат ба Ҷумҳурияти Хоразм, ки дӯсти мо мебошад ва ҳамчунин собит менамояд душмании ҳукумати Бухороро бар худи Русия, чи ки сафорати мазкура ба Русия рахсипор будааст.

3) Шашӯми июль дар доираи истгоҳи Коган, ки дар масофати 35 чақиримии Коган воқеъ аст, тайёраҷии ҷангии мо хоинона кушта шудааст. Тайёраҷӣ дар тайёраи худ аз Каркӣ бозгашт мекарда, чун асбоби сӯхташ тамом мешавад, ба доираи роҳи оҳани мазкур поин мегардад. Аз рӯи маълумоте ки дар даст дорем, ин ҷинояти ношуниде дар яке аз деҳоти атрофи Коган ба амал омадааст, ки тайёраҷии беяроқи мо он ҷо барои ба даст овардани хӯрок рафта будааст.

Лашкари сурхи мо аз ин куштори ҷонхарош беандоза барошуфта мебошанд. Онҳо ин корро барои қуввваи ҷангии мо майдонхонии [208] ошкор мешуморанд. Лашкари сурхи мо аз роҳи додгарӣ мехоҳанд, ки гуноҳкорон бе даранг ба сазои хеш гирифтор оянд.

Лиҳозо воқеоти мазкураро баршумурда, аз номи Русияи Шӯроӣ, ки дар ҳаққи миллати Бухоро ҳиссиёти самимона ва дӯстона мепарваронад, ба Шумо, аълоҳазрат, эълон менамоем, ки ба ҳамаи ин ҳодисот ҳукумати Бухоро дар пеши мо масъул шумурда мешавед.

Барои ин ки аз ин ҳодисот барои Бухоро фарҷоми [209] ҷиддӣ ва ногувор ҳосил нашавад, ба Шумо, аълоҳазрат, пешниҳод мекунем, ки бе даранг аз одамони аҳли хибра [210] ва боэътимод чанд нафар баргу-

моранд, ки аз инҳо бо машварати намояндаи Ҳукумати Шӯрой дар аморати Бухоро як кумиссияи омехтаи Рус ва Бухоро ташкил ёфта, он воқеоти ногуворро, ки буньёди қонуни байналмилал ва одоти ҳамсоягиро рахнадор сохтааст, таҳқиқ намоянд. Кумиссияи мазкура аз рӯзи супурда шудани ин ёддошт, то муддати чаҳордаҳ рӯзро боистӣ кори худро ба анҷом расонад. Ҳамаи гунаҳгорон чи ин ки ҷиноятро шахсан муртакиб шуда бошанд ва чи ин ки барои ҷиноят иғво ва таҳрик намуда бошанд, бояд ки барои рахнадор сохтанашон осоиш ва дӯстии ду давлати ҳамсояро ба бадтарин сазоҳо гирифтор шаванд.

Ин ёддошт ба воситаи намояндаи Русияи Шӯрой дар Бухоро бо тилғироф супурда мешавад.

Вакили кумиссори хориҷии Русияи Шӯрой дар Туркистон Гупнар, Тошканд, 14 июли 1920.

### ПОСУХИ АМИРИ БУХОРО [26]

*(Ба ёддошти вакили кумиссори хориҷӣ)*

Тошканд, ба ёддошти вакили кумиссори хориҷӣ дар Туркистон Гупнар амири Бухоро ҷавоб фиристодааст. Амир дар ҷавоби худ мегӯяд, ки қонуни адолату инсоф талаб менамояд, ки гунаҳгороне ки ин воқиотро ба амал оварда, муносибати дӯстонаи Бухоро ва Русияи Шӯроиро лаккадор сохтаанд, ба сазои шоистаи худ дучор гарданд.

Сипас мегӯяд, ки давлати Бухоро ҳеч гуна мақсади ҷангҷӯёнае надорад. Бинобар ин на аз тарафи ҳукумати худ ва на аз ҷониби миллати хеш ба ин гуна ҳаракоте ки боиси душмании ҳамсояҳои дӯсти худ гардад, имкон намедиҳад.

Ба мӯҷиби пешниҳоди рафиқ Гупнар амир кумиссияе таъйин кардааст, ки ин воқиотро таҳқиқ ва ҷустуҷӯ намояд. Пас аз таҳқиқ ёфтани ҳамаи воқиоте ки дар ёддошти шумо нишон дода шудааст, ошкор бояд шавад, ки ҳеҷ кадоми ин воқиот ба давлати Бухоро вобастагӣ надорад. Амир ёддошти худро ба-дин гуна анҷом медиҳад.

Амир пас аз он ки ба хубӣ донист, ки ин гуна

сиёсат барои вай натичаи бад хохад дод, дар баробари ин ҳодисаҳои андӯҳгин аз Ҳукумати Шӯрои пажӯҳиш (маъзарат) мехоҳад.

Вале мо медонем, ки ин гунохгороне ки дар сочи игвои душманони мо, тайёрачии рус ва косиди Хеваро куштаанд, дар пушти маъмурони Бухоро панохҳанда мебошанд. Амир чун фаҳмид, ки ҳукумати ранчбарон шӯхӣ намекунад, аз барои мучозот ашхосеро мехоҳад бидиҳад, ки дар ин кор масъул набуда, дар зери юги истибдоди амир ситам мекашанд ва дар муқобили амир ба ангез кардан чуръат намекунанд.

## ДАР ТУРКИЯ[242]

Назар ба тилгирофоти ворида ва матбуоти ҳаррӯза, дар Туркия хеле аҳволи муҳимма рӯй дода истодааст. Хулосаи хабарҳои явмия[243] аз ғалабаи инқилоб дар Туркия муждарасон аст. Маълум мешавад, ки миллатхоҳони турк, ки дар Ова-тӯлӣ зери қумондони Мустафо Камолпошо чамъ омада буданд, дар ниҳояти чиддият ба кор шурӯъ кардаанд. Соҳили баҳри Сиёҳ ва Мармараро дар зери ишғоли худ дароварда онан-фаонан дар садади гузаштан ба тарафи Истанбул ҳастанд. Маъдани зуғолсанги (тошкӯмури) Зонгулдоқро, ки мояи ҳаёти корхонаҳо ва киштиҳои Истанбул вобаста бар он буд, дар дасти худ дароварда, қувваи Англисро, ки муҳофиз ва ғосиби Истанбул аст, ба маҳрумият ва маъюсият андохтаанд.

Дар бораи ин ки миллатхоҳони турк чи гуна ҳозирӣ дидаанд ва ҳукумати Истанбул ба чӣ ранг рафтор карда, аҳволи рӯҳияи аҳолии пойтахт ва назарашон ба ҳукумати Истанбул ва Англис чӣ гуна аст, дар шумораи 29 (28) июль рӯзномаи «Ахбор», ки дар Боку нашр мешавад, ба унвони фавқ як мусоҳаба дида шуд. Ҳарчанд ин мусоҳаба ба ҳолҳои хеле кӯҳна доир аст, лекин бинобар аҳамияташ хонандагони «Шӯълаи Инқилоб»-ро аз ин мусоҳаба маҳрум гузоштанро муносиб надида, айнан тарчима намуданро илтизом кардем.

«Назар ба ривояти як рафике ки ба тозагӣ аз Истанбул ворид шудааст, маълум мешавад, ки дар Туркия дар рӯзҳои охир ҳаёт ва зиндагонӣ хеле дигаргун шудааст. Масъалаи ҳаёти сиёсӣ дар байни қавми турк хеле ҷиддият пайдо кардааст.

Истанбул ва Туркия ба сурати қатъӣ аз якдигар ҷудо шудааст. Дар миёни ранҷбарони турк инқилоб рӯз ба рӯз башиддат дар тазоид аст.

Дар ҳоли ҳозира ҳукумати Истанбул (кобинаи домоди Фаридпошо) ба ҷуз гумоштагии давлатҳои муттафиқ дигар коре надорад. Давлатҳои муттафиқ чизе ки фармоянд, домоди Фаридпошо ба он амал мекунад. Ин ҳол фуқарои ранҷбарро, хусусан миллатхоҳони туркро, [ки] дар Она-тӯлӣ гирд омадаанд, зиёдатар дар шӯру нафрат меандозад. Ин аст, ки мардум ба ҳукумат эътимод намекунанд. Ин соат ҳукумати Истанбул ба сурати як «ҳукумат» зиндагонӣ надорад. Пул нест, хазина холӣ, пӯсту[244] тилгироф ба дасти бегонагон, боҷ ва гумрук ба хазина ворид намешавад, маъмурон, хусусан полисон ва зобитон[245] даста-даста шуда аз Истанбул мегурезанд.

Ҳукумати Истанбул танҳо ба ваҷҳи қарзе ки муттафиқин медиҳанд, зиндагонӣ мекунад

Вақте ки Истанбул ба ин ҳол аст, Ускудор (як порчаи пойтахт аст, ки ба он сӯи баҳр ба тарафи Она-тӯлӣ воқеъ аст) рӯзҳои таърихӣ мегузаронад. Аз Ускудор гирифта алоқаи қитъаи Она-тӯлӣ аз Истанбул чунон бурида шудааст, ки гӯё дар ҳолати ҳарбанд. Имрӯз ҳукумати Истанбул ҳукумати Туркия ба шумор намеравад.

Шак нест, давлатҳои муттафиқ ва гумоштаи эшон — ҳукумати Истанбул ба ин аҳвол хотима доданро хоҳон аст ва дар ин роҳ баъзе тадбирҳоро низ ба кор мебарад

Масалан: дар 26 морт ҳукумати Истанбул ба таҳрики англисҳо маҷлиси мабъусонро баста, қумондони машҳур Рауфбег, зуфунуни машҳур Асъадбег, Қаро Бакир ва чанди дигар завоти[246] машҳурароро ҳабс кард. Холида Адибахонимро,[247] ки дар Туркия ва дар тамоми олами маданият иштиҳор дорад ва фозилаи ягонаи ҷаҳон аст, ба эъдом ҳукм кард.

Дар фардои он рӯзе ки ин тадбирҳоро ба кор бурда буд, матбааеро, ки дар он ҷо аврок ва расоили миллатхоҳон ба табъ мерасид, забт кардан хост. Лекин каровулони аскария, ки дар он матбаа будаанд, таслим нашуда миёни эшон ва маъмурони ҳукумат оташфишонӣ ба амал омад ва норинҷакҳо[248] низ андохта шуд, аз ду тараф талафот воқеъ гардид.

Пуле (кӯпруке) ки миёни Бекӯғлӣ ва Истанбул воқеъ аст, кушода шуда, ду қисми шаҳр аз якдигар ҷудо афтодааст.

Дар шаҳр идораи урфия[249] эълон гардида, дар кӯчаҳо тӯпҳо ва пулемётҳо ниҳода шуд. Барои пешгирии қиёми шогирдон дар муқобили мактаби олии тиббӣ тӯпҳо таъбия[250] карда шуд. Киштиҳои ҷангӣ тӯпҳои худро ба тарафи Ускудор гардонида, ба ҳар воқеа мунтазир ва омода истодаанд. Якчанд рӯз вазъият ниҳоят бимнок буда, ба ҳеҷ гуна иҷтимоъ ва анҷуман рухсат дода намешуд.

Қусамбег-ӯғлӣ ва Ҳайдарпошо аз тарафи қӯшуни Англис ва Юнон ишғол гардид.

Баъд аз ин мардум зиёдатар дар ҳаяҷон ва нафрат афтода аз саркорони раиси маҷлиси мабъусон Ҷалолиддин Орифбег, Холида Адибахоним, Ҳамдулло Субҳибек ва якчанд завоти дигар ба тарафи Онатӯлӣ гурехтаанд.

Аммо аҳволи Она-тӯлӣ тамом ба дигар шароит гузарон дошт. Эълон шудани ҳукумати шӯроӣ дар Озарбойҷон, ба туркони Она-тӯлӣ қуввати қалбии бузурге бахшида рӯҳашонро навохт. Дар Она-тӯлӣ ба ҷиддият дуруст кор мекунанд. Тамоми мардум ҳар дақиқа ба ҳаракати инқилобкорона ҳозирӣ мебинанд. Ҳаммолҳо, киштиронҳо, деҳқонҳо, хулоса умуми фуқарои ранҷбари дар рӯҳи инқилоб парваришёфта дар сарф намудани тамоми қувваташон ба инқилоби Она-тӯлӣ ҳозиранд.

Дар ҳоли ҳозир сар то сари Осиёи Усмонӣ аз Шила, ки аз бӯғоз чаҳорсоата роҳ масофат дорад, лаб-лаби Баҳри Сиёҳ то сарҳадди Русияи кӯҳна ба дасти миллатпарварони турк аст. Назар ба ривояте,

ба дасти эшон 120 ҳазор зиёдатар қувваи мусаллаҳа ҳаст.

Ҳангоме ки дар Истанбул маҷлиси мабъусон баста шуда раис ва баъзе узвҳои маҷлис ба Онатўлӣ гурехта гузаштанд, Мустафо Камолпошо ба умуми аъзои маҷлис таклифнома фиристод, ки ба Онатўлӣ гузаранд. Баъзе аъзои маҷлис ин таклифро напазируфтаанд. Дар ҷавоби ин ҳаракати миллатхоҳон дар шаҳри Анқара аз намояндагони ҳақиқии мардум як маҷлиси нав даъват карда, масъулияти идораро дар кафи кифояти ин маҷлис гузоштаанд.

Ин маҷлис Мустафо Камолпошоро нозири ҳарбия, Холида Адибахонимро нозири маориф, дар раёсати маҷлиси мабъусон Ҷалолиддин Орифбегро интихоб кардааст. Илова бар ин, шоҳзода Абдулмаҷидро халифа эълон кардааст.

Барпо шудани коммунизм дар Озарбойҷон ва интиқоли инқилоби иҷтимоӣ дар Эрон, ҳамчунон ки мавқеи миллатхоҳони туркро маҳкам кард, инчунин ба умуми олами ислом руҳи инқилобӣ дамид ва ба ҳаракати мусулмонони Ҳинд низ хусни таъсир дод. Ба ин тариқа, ки дар дафъаи охирӣ намояндагони Ҳиндустон дар боран сиёсат ва сулҳе ки муттафиқия нисбат ба Туркия доштаанд, хусусан ҳатти ҳаракати давлати Англисро ба шиддат прутуст[251] карда гуфтаанд, ки «Ҳиндустон ҳеҷ гоҳ ба ин корҳо розӣ нахоҳад шуд».

## ГУРГОН ГЎСФАНДРО ЧӢ ГУНА ПОРА КАРДА ФУРЎ БУРДАНӢ?[252]

*(Доир ба сулҳи Версол[253] дар боби Туркия)*

Рўзномаи «Янги дунё», ки алъон дар Боку дар зери идораи рафиқ Мустафо Субҳибек нашр мешавад, дар шумораи 2 (50) худ дар хусуси аҳдномаи Версол дар боби Туркия як нутқи муфассали сардулвузарои Юнон Венезалусро[254] нақл кардааст.

Мо низ барои фаҳмондани ин ки муттафиқин хусусан англисон беҳаёӣ ва бедодиро дар ҳаққи олами

ислом ба чӣ поя расондаанд, он нутқро айнан тарҷима мекунем:

«Тамоми қитъаи Тароқия[255] ба Юнонистон дода мешавад, ҳудуди Юнон ба соҳили Баҳри Сиёҳ ва Баҳри Мармара мерасад».

Назар ба таклифи Юнонистон аз роҳи Дадаогоч ба Булғористон як махраҷи иқтисодӣ дода мешавад.

Ин масъала дар ҳузури кумиссионе ки аз ягон-ягон намояндагони Англис, Франсия, Итолиё ва Булғориё барпо мешавад, тавсия хоҳад ёфт.

Туркия дар соҳили Онатӯлии Баҳри Мармара то масофати сад километра аз ҳуқуқи аскар нигоҳ доштан маҳрум мешавад. Ҷазираи Имрӯз, Юзча ва соири дувоздаҳ ҷазира ба Юнонистон дода мешавад. Илова бар инҳо, Туркия аз ҳуқуқи ҳокимияте ки дар ҷазираи Лямни ва Сисом дошт ва аз он ҷазираҳое ки бинобар муоҳаданомаи Лӯндун[256] ба Юнонистон дода шуда буд, даст мебардорад.

Дар Измир ва ҳаволии он як давлати Юнони дигар барпо хоҳад шуд. Дар ин ҳаволӣ ҳокимияти лафзии султон (мисли як соя) хоҳад боқӣ монд, фақат қуввати иҷроияи ин ҳақро низ ба дасти Юнон вогузор мекунад. Дар ҷавори Измир ба ҷое ки муттафиқин нишон медиҳанд, як байрақи усмонӣ рост карда мешавад, ки ин байрақ нишонаи ҳокимияти лафзии султон хоҳад буд.

Юнонистон дар Измир ва ҳаволии он қӯшун нигоҳ хоҳад дошт. Ба иштироки вукалои тамоми аҳолӣ як маҷлиси маҳаллӣ кушода мегардад. Муносибати ин маҷлисро ба идораи Юнон аз рӯи қонуни асосии Юнон қарор дода мешавад.

Юнонистон метавонад, ки Измир ва ҳаволии онро аз ҷиҳати боҷу гумрук бо Юнонистон муттаҳид эълон бикунад.

Туркия метавонад, ки дар бандари Измир барои худ танҳо як минтақа бидорад ва ҳар чизе ки аз ин минтақа идхол ва ихроҷ[257] карда мешавад, аз гумрук озод аст.

Маҷлиси маҳаллӣ ҳақ дорад, ки баъд аз панҷ сол, илҳоқи Измир ва ҳаволии онро ба Юнонистон

аз ҷамъияти аквом (иттифоқи миллатҳо) хоҳиш намояд. Ҳангоме ки аксарияти оро ба манфаати Юнонистон қароргир шавад, Туркия аз тамоми ҳуқуқаш даст мекашад.

Озодии бўғозҳо бо як кумиссиюн таъмин карда мешавад. Дар ин кумиссиюн намояндагони Амрико (агар хоста бошад), Англис, Франсия, Итолиё, Жопуниё, Юнонистон ва Румониё исботи вуҷуд хоҳанд кард. Баъд аз қабул ёфтанашон дар ҷамъияти аквом Русия ва Булғористон низ дар ин кумиссиюн намоянда фиристода метавонанд. (Яъне ҳар гоҳ дар Русия аксулҳаракатчиён бар сари кор оянд. Хаёли хом! Ш. И.[258]). Нуфузгоҳи ин кумиссиюн, аз масофати се мили даромадгоҳи бўғози Дорданил аз Баҳри Сафед то масофати се мили баромадгоҳи бўғози Босфор дар Баҳри Сиёҳ хоҳад буд. Аз аҳолии Мармара як ҳайати зобитон дуруст карда ба дасти кумиссиюн супурда мешавад.

Дар Баҳри Мармара ба ҷоҳое ки ба дасти туркон мемонад, ҳама аҳдномаҳои кўҳна (қопитулосиюн [259]) барқарор буда, ба ҷое ки ба дасти Юнонистон дода мешавад, қонуни адлияи Юнон ҷорӣ хоҳад шуд. (Эй бедодгарон! Чӣ қадар мехоҳед, ҳамон қадар беҳаёӣ кунед! Лекин инқилоби умумии ҷаҳон шуморо дар Баҳри Мармара аз роҳи об ба мағоки оташ хоҳад фиристод. Ш. И.).

Англис, Франсия ва Итолиё барои ҷилавгирии таарруъзҳои муҳтамил дар Мармара метавонанд, ки қувваи ҳарбӣ нигоҳ биdоранд.

Ғайр аз инҳо Туркия — Сурия, Қиликия, Ироқ, Фаластин, Арабистон ва Мисрро ва ба ҳудуде ки аз тарафи Вилсун нишон дода мешавад, Арманистонро қатъиян аз даст хоҳад дод.

Ванизалус дар ин нуқта умедвор аст, ки додани як махраҷи иқтисодиро аз Таробзун ба Арманистон, Вилсун кофӣ хоҳад дид. Барои таъмини як махраҷи мустақил ҷудо кардани як қисми замини вилояти Таробзунро хоҳиш нахоҳад кард.

«Аз ин худком ёрон ранги улфат мебарад моро,
Ки баҳри сайди моҳӣ хушк мехоҳанд дарьёро.»

Муохада ба Курдистон як мухторияти маҳаллӣ мебахшад. Ин мухторият, баъд аз як сол, агар аҳолӣ хоҳиш кунанд, метавонад, ки ранги як истиқлол пайдо кунад.

Туркияе ки дар замони пеш дар китъаҳои Аврупо, Осиё, ва Африко барпо шуда буд, нуфусаш аз нуфуси Юнон кам хоҳад шуд, чунки нуфуси Туркия ба камтар аз нӯҳ милюн таназзул хоҳад кард. Аз ин ҳам миқдори ду милюну сесад ҳазораш аз қавми насоро хоҳад буд. Туркия аз ин пас як давлати Аврупо нахоҳад буд. Зеро дар хоки Аврупо як қувваи аскария нигоҳ медорад, ки ҳайати зобитони он хурду калон зиёда аз ҳафтсад нафар нахоҳад буд.

Туркия дар Истанбул мемонад, лекин ҳар гоҳ ба ин муоҳида ва муқовала халал расонад, муттафиқин метавонанд, ки аз ин қарори худ даст бардоранд. Аз қувватҳое ки Туркияро ба риояи ин аҳднома маҷбур мекунад, яке Юнонистон аст.

Туркия ғайр аз сиюпанҷ ҳазор нафар жондорма қӯшуни дигар нигоҳ дошта наметавонад, аз сад понздаҳи ин қувват низ аз зобитони аҷнабист, ки аз зносури мухталифа гирифта мешавад. Ин жондормаҳо ба нуктаҳое ки як кумиссиюни махсус нишон медиҳад, тақсим меёбанд ва аз ғайри мусоада аз ҷое ба ҷое нақли макон карда наметавонанд.

Қувваи аскарияи Туркия аз понздаҳ ҳазор зиёда нахоҳад буд. Дар ин аскар тӯпхони саҳро ва тайёраҳо низ дода нахоҳад шуд.

Киштиҳои ҳарбии Туркия ба муттафиқин супурда мешавад ва ғайр аз даҳ киштии кучак дигар киштии ҳарбӣ гузошта намешавад.

Ба ақвоми ғайримуслим, ки ба замини Туркия хоҳанд монд, Туркия маҷбур аст, ки имтиёзоти динӣ ва тадрисии эшонро таъмин намояд. Ин ҷамоат метавонанд, ки аз ғайри мудохалаи Туркия муассисаҳои динӣ ва ҷамоатии худро идома кунонанд.

Туркия маҷбур аст, ки муҷримони[260] ҳарбӣ ва сиёсиро ба муттафиқин супорад. Илова бар ин ба табааи муттафиқин тазминот хоҳад дод.

Аҳдномаҳои кӯҳнаи (копитулосиюн), ки Туркия ба муносибати ҷанги умумӣ лағв карда буд, тамомаи

маръист. Як кумиссиюни алйи ин аҳдномаҳоро танзим хоҳад кард.

Рӯзномаи «Пуруулус», ки ба забони румӣ нашр мешавад, менависад, ки салоҳияти кумиссиюни буғозҳо дар Мармара ба соҳилҳои Туркия ва Юнон шомил аст. Дар кумиссиюн намояндагони муттафиқин соҳиби ду садо ва намояндагони Юнон, Румонию ва Булғорию молики як садо хоҳанд буд.

Кумиссиюн аз киштиҳое ки аз буғоз мегузарад, мадохил хоҳад гирифт.

Вазифаи нигаҳбонии буғозҳо аз тарафи чаҳор хайат, ки иборат аз ҳайати (1) сиёсӣ, (2) аскарӣ, (3) зобитаи байналмилал, (4) зобитаи байналмилали баҳрист, анҷом дода мешавад.

Ванизалус мегӯяд, ки муттафиқин барои қабул кунондани ин аҳднома ба Туркия, ғайр аз қувваи лозима ба азм ва ирода низ молик ҳастанд.

Рӯзномаи «Янги дуньё» аз тарафи худ мегӯяд: Ин аҳдномае ки Ванизалус огоҳӣ дод, тамом як ойинаи виҷдони мурдори хунолуди давлатони ҷаҳонгири истилоҷӯст. Муттафиқин миллатҳоро, кишварҳоро чӣ гуна фурӯ мебурдаанд, мазлумони захмиро ба чӣ ранг мекуштаанд, захмҳои саркушодаро ба чӣ ойин хунхорона нохунзанӣ мекардаанд, тамоман ба мо нишон медиҳад.

Вилсун, ки ба моддаи дувоздаҳӯми дастури худ ба Туркия низ ҳаққи истиқлол ва инкишоф ваъда карда буд, ба хондани ин аҳдномаи золимона дар ҳузури ҷаҳониён аз сукут ва заволи обрӯй ва номуси худ хабардор шуда, оё хиҷолат нахоҳад кашид?!

Кадом аст он ҳуқуқ ва фалсафае, ки Аврупо бо ғурур ва ифтихор ба ҷаҳон нашр карда буд? Куҷост садои истиқлол ва даъвои озодӣ?

Афсӯс, ки ҳанӯз Туркия, Шарқ ва тамоми Осиё моликона, боғчаи мева ва манфиатгоҳи Аврупост!!!

Эй инқилоби наҷоткор! Эй Байрақи Сурх! Ту муқаддас ҳастӣ! Ту ки як оташи барафрӯхта аз виҷдони сӯхтаи мазлумин ҳастӣ, диёри зулмро кадом вақт хоҳӣ сӯзонӣ? Туркияи мазлум чашм ба роҳи туст! Чашм ба роҳи туст!!!

## ҚАРОРИ ТАЪРИХИИ ЯК ИҶТИМОИ ФАВҚУЛЪОДДА[281]

*(Доир ба Бухоро)*

Касоне ки ҳукумати ҳозираи Бухороро биттафсил надида ва аз ҷузъиёти муомилоташ ба раия хабар надоранд, гумон мекунанд, ки ҳукумати Бухоро як ҳукумати соддаи исломӣ, тартиб ва усули идоразаш ба расму одати кӯҳна, муомилоташ ба раия ва муҳокимоташ дар байни фуқаро ба қонуни шариати мутаҳҳара...

Агар билфарз ва-т-тақдир, аз касе ба касе ё аз ҳокиме ба маҳкуме, ҳайф ва ғадре равад, бинобар хатои дар иҷтиҳод аст, ё ба сабаби хиёнат ва ҷинояти шахсии он як нафар аст, ин гуна хато ва хиёнати як шахс як ҳукуматро гунаҳгор, ё ки ҷонӣ ба қалам нахоҳад дод.

Соҳибони ин ҳусни занни[282] табиӣ давом ва бақои ҳукумати ҳозираи Бухороро мехоҳанд, нуқсонеро, ки имрӯза ба ҳукумати Бухоро мулоҳаза меравад, нуқсоноти муваққатӣ гумон карда, ба тадриҷ ислоҳ ва икмол ёфтанашро умедворанд.

Аксари аҳли Туркистон ва як қисм аҳли исломӣ, ки аз Бухоро дуранд, ба ҳамин ақида ва гумон буданд (ҳоло ҳам дар Туркистон як қисми ашхос ба ҳамин эътиқоданд).

Лекин касоне ки аз наздик ба ҷузъиёти умури идораи ҳукумати Бухоро ба диққат назар андохтаанд, аҳволи таърихияи сад соли охирии ҳукуматро ба мулоҳазаи дуруст муҳокама кардаанд, ақаллан фаҷоее, ки дар зарфи сесола инқилоб дар Бухоро рӯй додааст, дида ё худ шунидаанд, аз аҳволи илмӣ ва ахлоқии имрӯзаи мадориси Бухоро хабар доранд, билкуллия аз ин ҳукумат даст шуста, аз ислоҳ ёфтанаш маъюс мешаванд.

Соҳибони ин ақида пештар хеле кам буданд. Фоҷиаҳое ки ҳукумати ҳозираи Бухоро дар солҳои охир эҷод кард, тарафдорони ақидаи дуввумро зиёд намуд. Мо барои мисол як воқиаи пеш аз шастсоли ин ҳукуматро маа як қисм фоҷиаҳои охиринаш ба хонандагони гиромӣ арз менамоем, воқиаи кӯҳнаро аз қалами як шахси мӯҳтарами бетарафи соҳиби номус.

яъне аз китоби «Тоҷ-ут-таворих»-и [263] амир Абдураҳмонхони мағфур нақл мекунем.

Амир Абдураҳмонхон баъд аз он ки саргузашти худро дар Бухоро нақл мефармояд ва аз суи сулуки [264] амир Музаффар [265] ҳикоят мекунад, мегӯяд ки:

«Амир ба воситаи маҳрамонаш аз ман дархост кард, ки ғуломони соҳибҳусни худамро бо тиллоҳое ки дорам, ба амир пешкаш намоям...»

Табиӣ амир Абдураҳмонхон ин таклифро рад кардааст.

Акнун шумо мулоҳаза фармоед, подшоҳзодаи як мулк, [ки] фирорӣ шуда, ба сояи подшоҳе меояд, оё ба вай ҳамин гуна муомала мекунанд?..

Барои раво доштани ин қисм сулук хеле беҳаёӣ ва бевиҷдонӣ лозим аст.

Як подшоҳе ки ба як шоҳзодаи меҳмон ин муомаларо раво медорад, оё ба раиягони зери дасти худ чӣ гуна сулук мекарда бошад?...

Ва дар ҷои дигари ин китоб дар шарҳи сафари дуввӯми худ менависад:

«Амир маро ба ҳузури худ дар Ҳисор талаб кард, дар арзи роҳи Ҳисор даштеро ба хуи рангин дидам. Гумон кардам, ки амир Музаффар ба шукронаи фатҳу зафар говҳоеро қурбонӣ кардааст. Пас маълум шуд, ки амир асиронро мисли гову гӯсфанд дар ҳузури худ забҳ карда будааст. Хунҳоро зери хок карда фотиҳа хондем...»

Бубинед чӣ қадар саффокӣ ва хунхорист!

Ғарази мо таърихнависӣ нест, вагарна аз сафарҳои Фарғонаи амир Музаффар як воқиаро менавиштем, [ки] олами исломият ва инсоният ба ларза меомад.

Шумо мегӯед, ки инҳо воқиаҳои кӯҳна аст, шояд ба чандсола таҷриба ҳукумати Бухоро хатоҳои таърихии худро ислоҳ карда бошад.

Мааттассуф ин гумони шумо барғалат аст, воқиаҳои се соли охирӣ ба ин даъвои мо далели муҷассам аст.

Баъд аз Инқилоби Ӯктабрь ба шарафи озодии Русия, вақте ки ҳукумати Бухоро худ мухтор шуд, бозори кушокуширо кушод, на танҳо шахси амир,



Қайди С. Айнӣ дар бораи имзоҳои мустаори (пинҳонии) ӯ, ки бо он мақолаҳояшро дар «Шӯълаи инқилоб» чоп кардааст.




Мақолаи «Танвири афкор» С. Айнӣ, ки дар шумораи 23 (7 декабри 1919) «Шӯълаи инқилоб» чоп шудааст.

балки ҳар воҳид аз қозӣ ва ҳокимонаш дар болои раия як ҷаллоди хунхор шуда нишастанд.

Баъд аз воқиаи Колесов [266] ҷавонбухориён, ки ба муҳораба иштирок доштанд, ба Самарқанд ва Тошканд фирор карданд.

Лекин амир ба ашхосе, ки дар дохили Бухоро раиявор мутеона нишаста буданд, чӣ муомала кард?

Панҷ ҳазор раияи мусулмони бегуноҳро гӯсфандвор кушт ва амволашонро ба тороҷ дод.

Агар кушташудагон сад ё дусад нафар мебуданд, мегуфтем шояд саҳв шуда бошад, агар кушташудагон билфеъл ҳаракате мекарданд, мегуфтем ҷазои амали исьёнашон аст, мааттаассуф ба ноҳақ кушта шуданд, барои шодоб кардани ташнагони хуни одамӣ бегуноҳ кушта шуданд.

Соири ҳокимони амир низ хеле хуни бегуноҳонро рехтанд, волии Шаҳри Сабз амми амир — Акрамхонро бесабаб Заҳҳок намегӯянд.

Ҳукумати Бухоро номи ҳукумати исломӣ дорад ва худро хеле диндор ба қалам медиҳад. Диндории эшон ин аст, ки як деҳқонеро, ки мактаб кушода дар вақти хурдиаш ба ӯ калимаи шаҳодатро [267] наёмӯхтаанд, «чаро дар намози ҷамоат ҳозир нашудӣ?» гуфта, раиси ҳукумат таъзири билмол мекунад.

Аммо арбоби ҳукумат, аз калон то хурд, хуни мардумро мерезанд ва номуси раияро тороҷ мекунанд, ба домони диндории эшон ғуборе наменишинад.

Ҳоло ҳаррӯза чанд хуни бегуноҳ аз номи шариат рехта мешавад, чанд хонаводаи боисмат ба тороҷ меравад...

Аҳвол ин буд, ки дар сию якӯми моҳи июл дар шаҳри Тошканд ба ҷомеи Шайхованд Таҳур, [268] ба ташаббуси «Шӯрои ташвиқоти байналмилал дар Шарқ» иҷтимои фавқулоддае барпо гардид. Дар иҷтимоъ мисли Ҷамолпошо Мавлавӣ Абдурраб ҳомӣ ва раҳбарони олами ислом низ иштирок доштанд. Баъд аз он ки аз тарафи хатибон [269] аҳволи ҳукумати ҳозираи Бухоро таҳлил ва табйин ёфт, қарори зайл ба иттифоқи оро [270] қабул гардид (шумораи 9, «Қутулиш»).

Қарори таърихӣ ин аст:

Бухорое ки замонҳои пеш гаҳвораи маориф ва маданият буд, дар натиҷаи зулму истибдоде ки амирон ва муллоён дар ҳаққи раия иҷро мекунанд, хароботарини китъаҳои рӯи дуньё гардид. Аҳолии Бухоро миллати разил ва ҷоҳили ҷаҳон шуданд.

Ба зулмҳое, ки дар ҳаққи фуқарои мазлум дар Бухоро иҷро мегардад, чунон ки барои боҷу хироҷ занон ва фарзандони худро фурӯхта медиҳанд, ва дар ҳаққи номуси фуқаро аз тарафи ҳукумати амир таҷовузоти ғайри машрӯъ ба амал меоянд, мо ба оромӣ нигоҳ карда наметавонем.

Ҳисси инсонияти мо имкон намедиҳад, ки танҳо тамошогари ин ваҳшат ва мазолим бошем. Ба фуқарои Бухоро, ки барои инқилоб камар бастаанд, саломи бародаронаи худро тақдим карда, мегӯем ки:

«Бародарон! Ин роҳи инқилоб, ки раҳсипор гардидаед, муборакатон бод! Дар кори худ собитқадам буда, ба муборизаи қатъӣ иқдом фармоед! Бидонед, ки шумо, мазлумон, танҳо нестед! Ранҷбарони тамоми дуньё, аз он ҷумла бародарони туркистониатон ба муованати шумо ҳозиранд.

Синфи ҳокиме, ки ба сари шумо зулм карда истодаанд, бидонанд, ки агар золимон аз ҳокимон тарафдор дошта бошанд, тамоми ранҷбарони дуньё бо мазлумон бародар ва баробаранд.

Бародарони мазлум! Бидонед, ки амири золим, вазиру қушбегии ришватхор ва он бевиҷдононе, ки ба эшон фурӯхта шудаанд, дар пеши ҷунбиши хашмгинона ва интиқомҷӯёнаи фуқаро хеҷанд.

Бидонед, ки озодии шумо, рӯҳи фуқарои шарқу ғарбро боло мекунад. Барои зиёдатар шӯълавар гардидани оташи инқилоби Шарқ инқилоби Бухоро боис мешавад.

Хотирҷамъ бошед, ки амир ва ҳокимони золими ӯро, ки ба сари Шумо зулм карда истодаанд, агар фуқаро иттифоқ намоянд, ҳазор Англис ҳам халос карда наметавонад.

Амири беимон барои давом кунондани зулму истибдоди худ бар сари шумо, бо Англисе ки душ-

мани олами ислом ва ғаними фуқарои Шарқ ва Ғарб аст, иттифоқ кард.

Бидонед, ки ба ин коре, ки аз ғайри ризои шумо бар зарари шумо карда шудааст, тамоми фуқарои дунъё дар ғалаёнанд. Ба амир ва ҳукумати ӯ лаънатҳо мефиристонанд.

Э, душманони муттафиқ, яъне амир ва тарафдорони ӯ ва империалистҳои дунъё! Ба ҳуҷуми муттафиқонаи ранҷбарони дунъё ҳозир шавед!

Мо амин ҳастем, ки ин ҳуҷум ба ғалабаи мо тамом мешавад. Дар натиҷаи он, тамоми фуқарои Шарқ ва Ғарб ва аз он ҷумла бародарони бухориамон ба озодӣ ва саодат ноил хоҳанд шуд.

Марҳабо ба муборизаи наҷот!

Зинда бод Байналмилали Саввӯм!

Зинда бод иттиҳод ва ғалабаи фуқарои мазлуми Шарқу Ғарб!

## ДАР БОКУ АНҶУМАНИ ЯКӮМИ АҲОЛИИ ШАРҚ [27]

Дар Боку аввали моҳи сентябри соли 1920 Анҷумани якӯми аҳолии Шарқ барпо гардид. Анҷуман чунон ки дар байни аҳолии Шарқ муносибот таъсис карда, барои эшон як хати ҳаракати муайяни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъйин хоҳад кард, инчунин ҳам барои машриқзамин, ки солҳои дароз боз дар зери фишори сарватдорон ва ҷаҳонгирони Фаранг молиш мехӯрад, роҳи халос ва наҷотро нишон хоҳад дод.

Маълум аст, ки Шарқ қарнҳост, ки зулм мебинад, фишор мехӯрад, тороҷу толон мешавад, дар натиҷаи ин аҳволи тоқатгудозона гоҳ-гоҳ ҳаракати мазбӯҳӣ мекунад, лекин аз он ҷо, ки то кунун ҳаракатҳои инқилобкоронаи машриқзамин пароканда ва аз якдигар бехабар меафтода, натиҷаи матлубе намедод.

Ҳаракатҳои инқилобкоронаи Шарқро то ҳол ба асбоб ва қувватҳои мухталифа таскин ё худ тахфиф карда мешуд. Чунончи сармоязаҳои давлатҳои Фаранг, ки Шарқро моликонаи худ қарор дода буданд, синаи инқилобчӯёни Шарқро медаранд, инчунин под-

шохони мустабид, хонҳои худпараст кайфу сафои худро дар зери ҳимояти сарватдорони Фаранг донистa, ба воситаи уламои суъ дар пеши роҳи инқилоб садҳои садид меандохтанд.

Ҳамин буд, ки инқилоби Шарқ то ҳол муваффақияти комила наёфт.

Баъд аз он ки дар Русия Инқилоби Иҷтимоӣ воқеъ шуда, шӯрои ранҷбарон бар сари кор омад, Шарқ ҷиддитар ба кор шурӯъ кард, дар Афғонистон, Ҳиндустон, Эрон ва Арабистон ба муқобили ҷаҳонгирони Фаранг қиёмҳо вуқӯъ ёфт. Туркия, ки назар ба аҳдномаи Версол аз ҳазми робеи муттафиқин гузашта буд, ба як ҳаракати шерона қиём карда, ларза дар андоми девсиратони империялистҳо андохт, лекин ин ҳаракатҳо ва қувватҳо нисбат ба душмани пурзӯри хоини ҳилагар ҳанӯз кам аст.

Анҷумани дуввӯми Байналмилали Саввӯм, ки раҳбар ва қумондони инқилоби ҷаҳон аст, хост, ки инқилоби Шарқро ба як роҳи мунтазам андохта, рахна дар бунёни ҷаҳонгирони золим ва сарватдорони ғосиб андозад. Дар ин сурат инқилоби ҷаҳон худ ба худ билфеъл вуқӯъёфта ҳисоб меёбад. Лиҳозо барои ҳалли масоили инқилоби Шарқ барпо кардани анҷумани аҳли Шарқро муқаррар намуд.

Ин анҷуман барои инқилоби Шарқ чӣ қадар аҳамият дорад? Ва аз ин анҷуман барои инқилоби Шарқ то кучоҳо умед карда мешавад?.. Дар ин суолҳо рӯзномаи музокироти ин анҷуман ҷавоби сареҳ хоҳад дод.

Инак рӯзномаи музокиротро аз рӯзномаи «Ишчӣ» [272] тарҷима намуда ба қориёни киром пешкаш мекунем:

**Рӯзномаи музокироти Анҷумани аҳолии Шарқ дар Боку**

Қуммиссияи Шарқи қумитаи Байналмилали Саввӯм [273] барои Анҷумани аҳолии Шарқ, ки дар Боку дар аввали моҳи сентабр барпо мешавад, рӯзномаи музокиротро бар ваҷҳи зер қарор дода, мувофиқи ин рӯзнома маърӯзаҷот омода карданро хоҳиш менамояд:

## Боби якӯм — масъалаи Туркия

1. Барҳам хӯрдани кишвари Туркия.

2. Низоъ кардани давлатҳои бузург пас аз муторика дар тақсими кишвари Туркия.

3. Таърихи инқилоби Туркия аз соли 1908 то 1918 — аҳволи инқилоби Туркия, аҳволи иқтисодӣ ва ичтимоӣ пас аз инқилоб.

4—5. Мунозааи Юнон ва Турк, масъалаи аромина, асбоби иқтисодӣ ва ичтимоии душмании Юнон — Турк, Арманӣ — Турк.

6. Фирқаи чавонтуркон, аҳволи ичтимоии он ва маслаки иқтисодиаш, табаддули фирқаи чавонтуркон пас аз муторика, корҳои фирқаи чавонтуркон ва муносабати он бо соири фирақ ва гурӯҳҳо ва бо ҳаракатҳои миллӣ ва масъалаи замин.

7. Вазъияти фирқаҳои Туркия пас аз муторика ва аҳамияти онҳо.

8. Масъалаҳои маҳаллӣ, масъалаҳои Сурия, Ироқ, Арабистон, Курдистон, Она-тӯлӣ, Фарокия,[274] Ботум, Лозистон;[275] масоили аснофе ки дар он маҳол сукно доранд, масъалаи замин, муносиботи иқтисодӣ, алоқа ва муносиботи аҳолии он маҳол ба Туркия ва метрополия,[276] усули идораи он сарзамин аз чиҳати хироч ва марсумот.

## Боби дуввӯм — масъалаи Арманистон

1. Аҳволи масъалаи арманӣ ва турк то чанги умумӣ ва дар ҳангоми чанг ва пас аз чанг то ҳол; муносиботи арманиҳо ва туркон.

2. Назари давлатҳои Аврупои ғарбӣ, то ҳангоми чанг ва дар ҳолати чанг ва пас аз муторика ба Арманистон.

3. Муносиботи аснофе, ки дар Арманистон ҳастанд, бо якдигар; сиёсати фирқаи дошноқ.[277]

4. Масъалаи замин дар Арманистон, Русия ва Туркия.

5. Аҳволи иқтисодии ҳолияи Арманистони мустақил; хироч ва марсумоти он чо.

6. То ҳангоми чанг ва ҳам имрӯза ҳудуди Арманистон аз чиҳати наслу насаб, масъалаи фирориён.

### Боби саввӯм — масоили Эрон

1. Инқилоби Эрон, муносибати Русияи кӯҳна ва Англис ба Эрон.
2. Таърихи Эрон аз замони маданият то ҳол.
3. Мунозааи Русияи кӯҳна ва Англис барои Эрон.
4. Муоҳадае, ки дар соли 1918 дар миёнаи Англис ва Эрон баста гардид.
5. Фирқаҳои сиёсӣ, ки дар Эрон ҳастанд, муҷодалаи фирқаҳо бо якдигар, ҳаракоти Кучакхон.
6. Мавқеи иҷтимоии Эрон.
7. Масъалаи замин дар Эрон.
8. Аҳволи иқтисодияи ҳозираи Эрон.
9. Қабоили бодия ва олаҷақнишини[278] Эрон, шоҳсаванҳо,[279] бахтиёриҳо[280] ва аҳволи иқтисодии эшон.
10. Чашмаҳои нафти Эрон, таърихи даст задани Англис ба чашмаҳои нафти Эрон.
11. Усули марсумот ва хироҷ.

### Боби чаҳорӯм — масъалаи Озарбойҷони Русия

1—2. Душманиии мусулмон ва арманӣ ва аҳволи ҳозираи ин масъала.

3. Масъалае, ки дар Озарбойҷон ҳаст, масъалаи замин.

### Боби панҷӯм — масъалаи Гурҷистон

1. Аҳволи ҳозираи Гурҷистон, маҷзо шудани Гурҷистон аз Русия, мунозааҳои аснофи Гурҷистон, масъалаи замин, усули марсумот ва хироҷ.

Аз завоте, ки дар ин мавзӯъҳо маърӯза ҳозир менамоянд, хоҳиш карда мешавад, ки маърӯзаҳоро дар Боку ба кумиссияи анҷумани Шарқ фиристода, нусхаҳояшро дар Маскав ба кумиссияи аҳли Шарқ, кумитаи Байналмилали Саввӯм ва ба бюрои марказии аҳолии Шарқ бифиристанд.

Раиси бюрои марказии аҳли Шарқ: *Султоналиев.*

## ИНҚИЛОБИ БАЙНАЛМИЛАЛ – МАМЛАКАТҲОИ ТУРКИЯ, ҲИНДУСТОН ВА АФҒОНИСТОН[281]

*(Як маҷлиси сиёсӣ)*

Дар панҷӯми моҳи август дар Тошканд ба шарафи вакили Туркияи инқилобӣ Ҷамолпошо аз тарафи генерал-кӯнсули Афғонистон ҷаноби Абдурраззоқхон як маҷлиси зиёфат тартиб дода шуд. Дар маҷлис чунон ки ҳамаи сарони ҳукумат ва фирқаи ҷумҳурияти Туркистон буданд, инчунин аъзои кумиссияи турк, ходимони ҷамоат, инқилобчиёни Ҳиндустон ва Эрон низ исботи вуҷуд карданд. Дар маҷлисе, ки бо тантанаи тамом дар ду меҳмонхонаи бузург бо мусиқии аскарӣ ороста шуда буд, аз тарафи инқилобчиёни Русия, Туркистон ва Ҳиндустон ва аз тарафи вакилҳои Туркия нутқҳои оташини гуфта шуд. Ҳарчанд ба як қисми ин нутқҳо, бинобар «хуш омадед» ва табрикҳои оддӣ буданаш, атфи назар карда нашавад ҳам, якчанд хитобаҳое, ки фавқулъодда муҳим ва сиёсӣ буд, аз нигоштани хулосаи онҳо сарфи назар карда наметавонем:

Имрӯза муносибати Русияи Шӯроӣ бо Туркияи инқилобӣ чӣ гуна аст?

Дар инқилоби Шарқ, мамлакатҳои Туркия, Ҳиндустон ва Афғонистон чӣ тарз бозиҳо карда метавонанд?

Оё аз Русияи Шӯроӣ ҷудо шуда ба муттафиқини (Онтонто) ҳамроҳ шудани Туркияи инқилобӣ мӯҳтамил аст ё не?

Дар муҳорабаи бузурги Аврупо масъалаи Шарқ чӣ гуна бозӣ кард ва хоҳад кардан?

Ба ҳамин суолҳое ки фавқулъодда муҳим аст, аз нутқҳои рафиқ Қуйбешуф,[282] Ғубнер ва аз хитобаҳои мавлавӣ Абдурраб-афандӣ ва Ҷамолпошо ҷавобҳои сареҳи катъӣ фаҳмида мешавад.

### Нутқи рафиқ Қуйбешуф

Раиси кумиссияи турк рафиқ Қуйбешуф дар нутқи самимонаи бисёр муфассали худ дар хусуси муносибати Туркия ва Русия суханҳои зайлро гуфт:

Дар ҳангоме ки муттафиқин ба воситаи ҷанобҳои панҳои Пӯлша ба Русияи Шӯрой, ки конуни Инқилоби байналмилалист, ҳуҷум меовардаид, инқилобкорони Туркия, ки дар Она-тӯлӣ ба ҳаракоти озодии миллӣ оғоз карда буданд, ба муттафиқин аз пушт як зарбаи бузург заданд. Аз болои ҳукумати Истанбул, ки бо Онтонто муттафиқона ба хафа кардани Русияи Шӯрой омода буд, ҷаҳида ба ранҷбарон ва бенавоёни Русия дасти дӯстии худро дароз карданд.

Мардуми Туркияи инқилобӣ дар роҳи халосӣ аз чанголи ҷаҳонгирони Аврупо бо тамоми зӯри бозуи худ кӯшиш мекунад ва дар ин хусус ёрмандиро танҳо аз Русияи Шӯрой чашм дорад ва ба ҳамин такья карда, ба муттафиқини азимушшаън муқобил бармехезад.

Русияи Шӯрой барои озодии миллатҳои мазлум мубориза мекунад, аз ин ҷумла барои озодии мардуми Туркия низ ба қадри мақдур ёрмандӣ менамояд ва пас аз ин низ ба ёрмандӣ намудан омода аст.

Зинда бод инқилобкорони Туркия!
Зинда бод озодии миллатҳо!
Зинда бод инқилоби байналмилалӣ!

## Нутқи рафиқ Ғубнер

Мудири корхои хориҷии Русияи Шӯрой дар Туркистон рафиқ Ғубнер мегӯяд:

Барои он ки дар Шарқ инқилоб пайдо шуда, мардуми Шарқ аз бандагии Аврупо ва Амрико халос ёбанд, нахуст озод шудани Туркия ва Ҳиндустон лозим аст. Модоме ки Туркия ва Ҳиндустон озод нест, «дар Шарқ инқилоб барпо шуд, ё худ барпо хоҳад шуд» гуфта ҳукми қатъӣ дода намешавад. Туркия аз ҷиҳати нуфуз ва эътибори худ дар Шарқ мавқеи муҳиммеро дорост. Ҳиндустон бинобар эҳтиёҷаш ба озодӣ ва бисьёрии нуфус ва сарвати табиияш барои инқилоби байналмилалӣ як омили муҳим ба шумор меравад. Агар дар ҳамин ду мамлакати бузург инқилоб барпо шавад, боқимондаи Шарқ, хусусан Шарқи ислом аз дунболи ин ду нахоҳад монд.

Бо вуҷуди ин, бояд ки аҳамияти Афғонистон кам шуморида нашавад. Афғонистон як мамлакати кучак буд, мааззолик ниҳояти як ғайрати пурзӯр ва ғояти як ишорати (жести) хубе нишон дод. Дар вақти дармондагӣ ва навмедии Русияи Шӯроӣ, ки аз тарафи душманони дохилӣ ва хориҷӣ ба муҳосара афтода буд, бейбо ба мо дасти иттифоқ дароз карда, ба муттафиқин (ба Онтонто) дасткаш андохт.

Ба ҳамин восита Афғонистон аз тарафе ба муттафиқин як кӯтаки хубе дода, аз тарафи дигар дар Шарқ, ба ҳаракати инқилоби байналмилалӣ роҳ кушод.

Ҳукумати Шӯроии Русия ҳеҷ гоҳ ҳамин кори Афғонистонро аз хотир фаромӯш нахоҳад кард.

## ИНҚИЛОБИ БУХОРО[203]

Оре, Бухоро як мамлакати кучакест, ки як порчаи аз Туркистон ба шумор меравад. Ба ин мулоҳаза инқилоби Бухоро низ, мисли инқилоби Хева, дар асиои инқилоби ҷаҳон ва дар зайли инқилоби Русия ва Туркистон як воқеаи оддӣ ба назар меояд.

Ҳар гоҳ ба аҳволи таърихия ва ҳолияи Бухоро қадаре диққат карда шавад, инқилоби Бухороро баробари инқилоби ҷаҳон донем, равост.

Бухоро дар замони гузашта дар Туркистон вазифаи муаллимиро адо мекард, ба ҳамин сабаб аст, ки аҳолии Туркистон ҳатто оммаи мусулмонони Русия ва Қазоқистон Бухороро як шаҳри муқаддас медонанд.

Баъд аз он ки Бухоро мавқеи маданӣ ва илмии аввалии худро аз даст дод, боз шӯҳрати аввалияаш боқӣ монд, вале дареғо, ки ин шӯҳрат иборат аз як шӯҳрати козиба гардида буд.

Азбаски оммаи аҳолии Туркистон Бухороро мисли як муаллим медонанд, ҳар ҳоле ки дар Бухоро бошад, мисли сифати муаллим бар шогирд, зуд ба атрофи худ сироят мекунад.

Акнун мулоҳаза намоем, ки дар солҳои охирӣ Бухоро ба чӣ ҳол буд? Бухоро як мамлакати ниммаданист, ки аз тарафи як амири ҷоҳили шаҳватпараст

идора меёбад. Дар атрофи амир як ҷамоаи заламае аз сипоҳиёни бедодгари нодон ва аз муллонамоёни девсирати бевиҷдон ҷамъ шудаанд. Эшон гоҳе аз номи амир, гоҳе аз номи шариат молу манол, ирзу номуси бандагони худоро тороҷ мекунанд.

Зоти амир дар сарои шоҳонаи худ нишаста, байтулмоли муслиминро дар роҳи хоҳиши шаҳвонии худ сарф ва исроф менамояд, писарон ва духтарони раия, ки супурдагони дасти ӯ ҳастанд, бепарда менамояд, касе ки ба харакоти шаҳватпарастии ӯ сари мӯе осори адами ризо нишон диҳад, хунашро чун қадаҳи шароб, ҳатто мисли косаи об мерезад, касеро, ки изҳори ризоҷӯӣ кунад, яъне писари худро, духтари худро ва писару духтари дигаронро ба як василае ба «зоти олӣ» тақдим ва пешакаш намояд, тӯқсабо, бӣ, ҳоким, ҳатто муфтӣ ва қозӣ мекунад.

Диққат фармоед! Касоне ки ба ҳамин гуна василл ва асбоб соҳиби ҷоҳу мансаб шуда, дар болои раияи мазлум ҳукмронӣ мекунанд, мулку миллат аз эшон чӣ хайр мебинад!..

Агар фасоду бедоди ҳукумати Бухоро ба ҳамин қадар мунҳасир мемонд, боз ҷои шукрон буд. Маattaассуф ҳукумати Бухоро аз шӯҳрати собиқаи Бухоро истифода карда, Бухороро як шаҳри муқаддас ва худро ноиби пайғамбар, балки (аљъёзу биллоҳ [284]) сояи худо ба қалам медиҳад, аҳкоми худро муодили аҳкоми илоҳӣ нишон медиҳад, аҳкоми шариати муқаддасаи исломро дар зери инҳисори худ гирифта, касеро, ки ба муқобили ҳукм ё хоҳиши ӯ ба Қуръон ва ҳадис ҳам бархезад, ба раъйи худ аз номи шариат такфир [285] ва қатл менамояд.

Ҳар касе ки ба аҳвол ва тарзи идораи ҳукумати Бухоро назар андозад, гуфтаҳои моро чун офтоби чоштгоҳӣ равшан ва ҳувайдо мебинад. Ҳоҷат ба далелу бурҳони дигар нест.

Маазолик, барои касоне ки аз аҳволи ҳукумати Бухоро хабар надоранд ё ин ки хабар доранду лекин аз қувваи муҳокима ва имтиёз маҳруманд, як-ду мисол арз менамоем:

Аввал суханро аз «ҷаноби олӣ» ифтитоҳ менамоем. Қасе ки дар Бухоро саёҳат карда ва ба дарбори

олй расми качиди[286] сарбозони хоссаро мушоҳада мекунад, бар синаи писарони чордаҳсола то ҳажтдаҳсола «нишони тиллои давлати Бухоро»-ро мебинад ва ҳол он ки ҷавонони биступанҷсолаи хидматкарда аз ин нишон маҳруманд.

Қадаре тафсил намоем: Дар вақте ки дар Русия ҳукумати импературӣ, яъне манбаи разолат барпо буд, дар шаҳри нави Самарқанд ба гардани занҳои аврупоӣ нишони мазкур зинат медод, занҳои мазбура ин нишонҳоро ифтихоран ба ҷилвагоҳи мардум меовехтанд.

Пас худ мулоҳаза фармоед, аз ин сареҳтар ҷӣ арз кунам? Дар сафҳаи матбуот, ки адабиёт ном дорад, аз ин зиёда бепардагиро маҷол нест.

Аҳли дарбор ва сипоҳиёни касоне ҳастанд, ки аз ҳеч гуна беҳаёӣ ибо наменамоянд. Зотан осори ҳаё дар хилқати эшон нест, зеро шумо тарҷимаи аҳволи ҳар як аз маъмурони бузург ва куҷаки Бухороро мулоҳаза фармоед, мефаҳмед, ки эшон албатта ба як гузашти сафила[287] муқарраби дарбори олӣ шудаанд.

Мо намегӯем, ки дар зумраи сипоҳиёни амир одамони поквиҷдон нестанд! Не, ҳастанд, лекин эшон ҳамеша гирифтори идбор[288] буда, оқибат ба маҳрумияти тамом аз дунёӣ мераванд. Чунончи мирзо Саҳбо,[289] ҳоҷӣ Додхоҳ умре ба сафолат гузаронида, оқибат бо дашнаи бедоди амир, риши сафедашон ба хуни сурхашон олуда гардид.

Билъакс, Авлиёқулибек,[290] ки мамлакати Ҳисорро зеру забар карда, ба додхоҳии касоне ки арзаи худро ба модари амир (модари амир ҳисорист) расониданд, маъзул гардид, ба қатори ҳадоёи маъзулии худ, сӣ нафар духтарро, ки аз Ҳисор ғасб карда буд, ба амир пешкаш кард, тақаррубаш яке бар даҳ афзуда мартабаи муқаррабулхоқонӣ ёфт.

Аз тафсили аҳволи қозиён ва муфтиёне, ки худро соҳиб ва ҳофизи шариат меноманд, иҷолатан сарфи назар менамоем. Дар ин боб ҳамин қадар арз мекунем, ки дар силки илмияи Бухоро низ ҷиддан муллоҳои ҳақиқӣ буданд ва ҳастанд, лекин эшон албатта ба балое гирифтор шудаанд. Чунончи домулло ҳоҷӣ Икроми муфтӣ,[291] ки аксари муллоҳои имрӯзаи Бухоро ва Самарқанд шогирди ӯянд ва дар ҳаққи

илму диёнаташ дўсту душман икрор мекунад, даҳ сол боз мавриди ғазаби подшоҳӣ буда, оқибат аз Бухоро матрудаш карда дар ҳузураш, писари ҳаждаҳсолаашро ба фармони амир шаҳид намуданд.

Ё ин ки қозӣ Абдуссамадхоҷаи судур, ки пушт дар пушт хонадонаш аз ҷиҳати илму тақво сабаби ифтихори Бухоро ва Самарқанд буд, дар чоҳи беодди асорат кушта нашуд магар ба гуноҳи ин ки ба ҳаракоти разилонаи амир ва аҳли дарбор қалбан розӣ набуд?

Ҳамин ҷамоае, ки андаке ба аҳволашон ишорат рафт, ихтиёри мулку миллатро ба дасти худ гирифта моликуррикоби[262] билод ва ибод шуда дар роҳи маданияту илм ва маорифи мамлакат хидмат накарданд, балки касонеро, ки маорифхоҳ гумон мекарданд, куштанд ва ҳам аз номи шариат ва ба фатвои уламои динфурўш куштанд.

Эҳтимол, ки авом ин ҳаракоти эшонро ба як таъвиле тасҳеҳ кардани шавад, яъне гумон кунад, ки ҳукумати Бухоро азбаски ҳукумати исломист, албатта бегуноҳ набояд касеро бикушад, онҳо ки кушта шуданд, бояд гуноҳе дошта бошанд.

Барои хотири ин қисм содадилон як далели авомона меоварем: Ба ҳар кас бояд маълум бошад, ки куштани бачагони хурдсол ба ҳеҷ ваҷҳ дуруст ва раво нест. Ҳол он ки ҳукумати Бухоро хеле атфоли маъсумаро кушт. Чунончи як духтари ҳаштсола, як писари шашсола, ду писари шонздаҳ-чордаҳсолаи мулло Низомиддини тоторро маа зану хоҳари занаш ва худаш ошкоро кушт.[263] Инчунин хеле атфоли хурдсол дар Шаҳри Сабз ба фармуди амми амир[264] кушта гардиданд.

Фасод ва разолати ҳукумати Бухоро танҳо дар мулки Бухоро мунҳасир намонд, балки ҳамеша дар тамоми Туркистон решаи фасодро медавонид. Аҳолии Туркистон дар замони панҷоҳсолаи асорат ин қадар аз олами маданият ва аз илму маориф ғофил намонданд магар ба иғвои ононе, ки аз Бухоро тарбият ёфтаанд?

Хусусан дар зарфи се соли охирӣ, ки ба сояи Русияи Шўрои Туркистон рўи озодиро дид ва соҳиби

ҳуқуқ ва имтиёз гардид, мааззолик дар роҳи маъри-фат ҷасурона қадам гузошта натавонист, ба чӣ са-баб? Ба сабаби ин ки илму маърифатро ба фатвои ҳукумати Бухоро ҳаром медонист!

Қитъаи Фарғона, ки дар Туркистон ҳукми як гул-зорро дошт, се сол боз аз хуни муслимин гул-гун мешавад, барои чӣ? Барои ин ки ба ҳукми амири Бухоро ва ба ишорати уламои Бухоро ҳаракоти дуз-дони қуттоуттариқро [295] бо вуҷуди ин ки ҷуз қатлу то-роҷи муслимин ва ғайр аз ҳатки номуси [296] маъсумин коре надоранд, машрӯъ донист.

Як қисм разилтабъони Туркистон, ки се сол боз ба Ҳукумати Шӯрой дил гарм накарда, ҳар шаб ба хоби худ хаёли англисҳои манҳусро мебинанд, чаро? Зеро, дар ҳамсоягии худ, дар зери ҳимояти давлати олӣ зару сими англисҳо шаъшаапош аст.

Ба ҳамин мулоҳизот мо инқилоберо, ки имрӯзҳо дар Бухоро воқеъ шуда истодааст, муодили инқи-лоби ҷаҳон медонем ва ҳам яқинан ҳукм мекунем, ки баъд аз ин инқилоб дар Туркистон қарорғир хо-ҳад шуд, баъд аз ин аҳолии Туркистон аз неъматҳои инқилоб баҳравар хоҳанд шуд. Баъд аз ин бозори риё косид хоҳад шуд, баъд аз ин аз шариати муқад-даса ифтиро [296] бардошта хоҳад шуд, баъд аз ин қу-думи мурдори англисҳо аз Туркистон дур хоҳад шуд.

Зинда бод инқилоби Бухоро!

## 7-УМИ НУЯБР (БА ҲИСОБИ КӮҲНА 25-УМИ УКТАБР!) [297]

Имрӯз рӯзест, ки дар таърихи хилқати олам саф-ҳаи наве пайдо шуда.

Имрӯз рӯзест, ки китоби офариниშро боби сао-дат барпо гардида.

Имрӯз рӯзест, ки дари озодӣ ва мусовот бар рӯи банӣ навъи одам, ки қарнҳо боз дар зери ҷабр, та-ғаллуб, таадди ва таҳаккум умр ба сар мебурданд, кушода гардида.

Имрӯз рӯзест, ки золимони таърихӣ сарнагуни абадӣ ва мазлумони умрӣ сарфарози доимӣ шуда-анд.

Имрӯз рӯзест, ки ҷаҳонгирони Русия, ки сесад сол боз оташ бар сари миллатҳои зердасти худ меафрӯхтанд, дар оташи интиқом сӯхта хокистарашон ба боди фано рафт.

Имрӯз рӯзест, ки давлатҳои муаззам ва сарватдори дунё, ки ҳар кадомашон бар сари бандагони худо чун фиръавн[298] даъвии «ана раббукум-ул-аъло»-й[299] мезаданд, аз ҳуҷуми ранҷбарони Русия рахна дар бунёни азаммат ва кибриёашон афтода.

1917, 7-уми нуябр (ба ҳисоби кӯҳна 25-уми ӯктабр) як рӯзи масъудест, ки ҳеҷ гоҳ аз ёди банӣ навъи инсон нахоҳад рафт. Дар имрӯз нахустин дар Петруғрод ва Москав, пас аз он дар ҳар гӯшаву марказҳои Русияи васеъ ранҷбарон, деҳқонон ва сарбозони мазлуми Русия ба як қиёми даҳшатангез хонумони ҳукумати Керенский, ки айнан ноиб ва ҷойнишини Николай буд, зеру забар карда, ихтиёри умури мамлакат ва мардумро, ки ҳақиқатан тарафдори эшон буданд, ба дасти худ гирифтанд.

Имрӯз, аз он ҷо, ки масдари ҳамчу кори бузурге шуда то қиёмат рӯзи сур ва сурури ранҷбарони рӯи дунё шавад, сазост ва ҳол он ки имрӯз масдари кори бисёре шуд, ки пеш аз ин се сол тасаввури ҳеҷ як ин корҳо дар димоғи ҳеҷ як аз уқалои дунё намегунҷид.

Аввал он ки — фирқаи ранҷбар ва деҳқон, ки пеш аз инқилоб ҳамеша аз идораи умур дур ва бегона буданд, бо як ҷуръати инқилобкорона умури идораро ба дасти худ гирифта, ба як тарзи навин, ки то ҳол амсоли онро касе ба дунё таҷриба накарда буд, идора карданд ва тавонистанд.

Дуввум — мамлакатеро, ки дар натиҷаи сесола ҷанги хонумонсӯз харобазор гардида буд ва пас аз инқилоби феврал ва ӯктабр бақияи мояи ҳаёти мамлакат низ аз дасти хиёнати гурӯҳҳои сиёҳ ва аксинқилобчиён ба боди фано рафта буд, ҳамаи масъулиятро ба гардани худ гирифта, идора карданд.

Саввум — аксари фирқаи ранҷбар ва деҳқон, ки ҷиҳати камъилмӣ ва камтаҷрибагии худ ба давомати инқилоби иҷтимоӣ эътимоди куллӣ надоштанд, раҳбарони инқилоб эшонро аз вартаи шакку тараддуд

баровардa дар як муддати калила ба як ташкилоти мунтазаме овардаанд.

Чаҳорӯм—баъд аз он ки тамоми генерал ва афицирони императории Русия бо тамоми банкирҳо, фабрикантҳо муҳтакир ва анбордорҳо, сарватдорҳо ва милюнерҳо ва заминдорҳои бузург муттафиқан дар муқобили Ҳукумати Шӯрони ранҷбарон қиём карда, мамлакатро аз хуни ранҷбарон ба ғарқоби фано андохтанд, ранҷбарони Русия дар буньёни фидокорӣ ва ҷонсипории худ ҳеҷ халалро роҳ надода, ба як азми рустамшиканона истодагӣ карданд.

Панҷӯм — мисли генерал Колчок, Юденич, Деникин, Дутуф [300] ва соир санодиди аксулинқилоб, ки тамоми қувватҳои гурӯҳҳои сиёҳро дар атрофи худ гирд оварда буданд ва илова бар ин, аз давлатҳои хориҷии сарватдории ҷаҳонгир муованатҳои куллӣ дида, бо тӯпҳои калъашикан, бо туфангҳои навэҷоди ҷоншикоф, бо танкаҳои қиёматангези ҷаҳонхаробкун мусаллаҳ шуда, аз як тараф, тамоми Сибирияро фурӯ гирифта атрофи наҳри Волгаро ба дасти худ даровардa, шаҳрҳои марказия мисли Казон, Уфо, Самара ва Урунбурғро толону тороҷ карда буданд, аз тарафи дигар, тамоми шимолии Қафқоз, Дон ва ҷанубии Русияро ба даст оварда дар курби Маскав аламн сиёҳи худро чун кобусе [301] дар хобгоҳи ранҷбарони мазлум намоён мекарданд, аз тарафи дигар Петербурғро дар зери таҳдид гирифта, касаботи атрофи шаҳр ҳатто баъзе қисми дохили шаҳрро низ мурдор карда буданд. Боз ранҷбарон дар азми худ халал наёварда ин ҳама қувватҳои аксулинқилобро, ки қуввати тамоми дунъё гӯем сазост, бо замини сиёҳ яксон карда дар баробари хуни ноҳақ рехтаи ранҷбарон Алами Сурхро дар тамоми Русия баланд гардониданд.

Мақсади мо дар ин мақолаи кучак ҳисоби сесолаи Ҳукумати Шӯрой ва Инқилоби Ӯктабрро навиштан нест, дар тафсили ин ҳисоб ҷилдҳо китоб мебояд нигошт. Фақат мақсади мо ин аст, ки баъзе воқеаҳои бузурги таърихиро дар ёди хонандагони киром оварда, 25-ӯми Ӯктабр масдари чӣ гуна корҳои бузург шуданро имо кардан аст.

Ин моддаи панҷгона, ки дар боло нигориш ёфт, баъд аз Инқилоби Ӯктабр то авохири соли 1919 ба вуқӯъ омад.

Асли корҳои бузургро мо дар соли саввӯми инқилоб дар 1920 мушоҳада мекунем:

Дар хотирҳост, ки ба сабаби муҳорабаи сесолаи ҷаҳон ва ба сабаби муқоталаи сесолаи инқилобӣ мамлакати Русия ба чӣ гуна ҳоли парешонӣ ва харобӣ афтода буд. Дар ин соли 1920 ин ҳама харобиҳо рӯ ба ободӣ ниҳод.

Дар солҳои гузашта асбоби нақлиёт тамом аз кор рафта буд, ба ҳадде ки баъд аз кушода шудани роҳи Урунбург аз Маскав то Туркистон сафари як шахс дар ду моҳ тамом намегардид, аммо нақли ашъё ва аҳвол ҳеҷ мумкин набуд.

Ҳамчунин асбоби рӯшноӣ ва ашъёи сӯхт тамом барҳам хӯрда мамлакат аз шиддати сармо ва торикӣ дар даҳшат афтода буд.

Баъд аз он ки ранчбарони роҳи Бокуро кушоданд ва ҳавзаи Доиро ба дасти худ даровардаанд ва ба соири маъданҳои мамлакат бо як азми росих ба кор даромадаанд, сайру сафари байни Маскав ва Туркистон дар шаш рӯз омад, корхонаҳо ва саноатхонаҳои мамлакат ба кор даромада асбоби эҳтиёҷро дар саддади омода карданаанд.

Дар истеҳсоли нафти сиёҳу сафед як бар сад афзуда, мамлакати торикро дар рӯшноӣ овардаанд. Дар баровардани зуғолсанг [303] ба ҷиддияти тамом кӯшиш карда сар то сари Русияро аз таҳлукаи сармо халосӣ доданд.

Дар саноати мамлакат чунон ривоҷ доданд, ки имрӯз дар байни Маскав — Петербург роҳи оҳани боқуввати барқи (эликтрикӣ) доир аст.

Саноати дастӣ низ хеле ривоҷ ёфт, диёри мо Туркистон дар бофандагӣ ба дараҷае расид, ки имрӯз сокинони Туркистонро тамоман аз порчаҳои худ метавонад бипӯшонад.

Дар шаҳри мо Самарқанд корхонаи гӯгирдсозӣ ва қаламсангсозӣ [303] доир шуд ба ҳадде ки тамоми Туркистонро аз ин ду чиз метавонад таъмин бикунад.



Фахриддини Роҷӣ — хаттот ва ношири «Шӯълаи инқилоб», ки тамоми 91 шумораваш бо қалами ӯ покнавис шуда бо усули чопи сангӣ ба табъ расидааст.



Ҳасан Муҳаммадхонзода Ирфон — ходими адабӣ ва мутарҷими «Шӯълаи инқилоб», соли 1922.

Неъмати бузурге ки Инқилоби Ӯктабр ба мардум дод, неъмати маориф аст. Аз рӯзе ки дар Русия ба инқилоби иҷтимоӣ шурӯъ гардид, раҳбарони инқилоб ба ҳеҷ таҳлука ва тангӣ нигоҳ накарда, дар маорифи мардум ривоҷ доданд. Дар шаҳрҳо ва кишлоқҳо мактабҳои маҷҷонӣ кушоданд. Ҳатто китоб, қалам, дафтар, пӯшок ва хӯроки хонандагонро тамоман аз хазинаи ҳукумат таъмин карданд.

Барои бузургони бесавод мактабҳо кушода эшонро ба ҳаргуна имтиёз ноил гардониданд. Ҳатто ҳар касе ки хонанда ва хононанда бошад, аз таколифи аскарӣ ва соири таколиф озод карданд. Дар дунъё ҳеҷ ҳукумате нест ва набуд, ки дар роҳи маориф ин қадар аҳамият бидиҳад ва дода бошад.

Хулоса маориф, ки дар аҳди ҳукумати собиқа махсуси як синфи олӣ ба шумор мерафт, дар байни авлоди ранҷбар ва деҳқон таъмин карда, дари саодатро ба рӯи эшон кушоданд.

Инчунин худи маорифро низ аз асорат баровар-данд, дар вақти ҳукумати собиқа маориф иборат аз як назариёти маҳза буд. Ононе ки мактабҳои он аҳдро тамом мекарданд, ба ҷуз ҳисоби тиҷоратии банкирҳо ва сарватдорҳо дигар коре аз дасташон намеомад, бинобар ин ҳама банду бандаи сарватдорон буданд.

Инқилоби Ӯктабр маорифро аз асорати назариёт баровардa, ба озодии амалиёт оварда мактабҳоро иборат аз як корхона сохт.

Тамомкунандагони ин макотиб ҳар як метавонад ба дилхоҳи худ домани ҳунар ва санъатеро ба дасти худ гирифта ба озодӣ ва осудагӣ умр ба сар бибарад.

Чун рӯзи ҳафтуми нӯябрь (ба ҳисоби кӯҳна 25-ӯми ӯктабр) масдари ин қадар корҳои бузург шудааст, аз самими қалб мегӯем:

Зинда бод 25-ӯми Ӯктабр!

Зинда бод Инқилоби Ӯктабр!

Зинда бод роҳбари Инқилоби Ӯктабр рафиқ Ленин!

## ИНҚИЛОБИ ӮКТАБР ВА ОЛАМИ ШАРҚ[304]

Инқилоби Ӯктабр мусовот ва озодии ҷамеи миллалро эълон кард.

Нахустин миллатҳоеро, ки солҳои дароз боз дар зери асорати давлати императории Русия ба исми «милали маҳкума» хун хӯрда аз мурда бадтар зиндагонӣ мекарданд, озод кард.

Чунончи дар Туркистон, Тотористон, Қазоқистон ва Бошқирдистон мухторият дод.

Ҳукумати Шӯроии Русия ба озодии миллатҳои дохили Русия қаноат накарда, озодии ҷамеи милали маҳкумаи дуньёро, билхосса халосии ранҷбарон ва мазлумони Шарқро аз дасти ҷаҳонгирони ғарбӣ, пешниҳоди ҳиммати худ гардонид.

Ақвоми шарқӣ, ки ҳамеша поймоли сарватдорони фаранг буданд, ин маслаки Ҳукумати Шӯроиро ба «ҳой, ҳой» истиқбол карда дар муқобили ҷаҳонгирони фарангӣ ва фарангпарастони дохилии худ қиём карда, дасти дӯстӣ ва истимдодро ба тарафи Ҳукумати Шӯрой дароз карданд.

Аз ақвоми Шарқ нахустин Афғонистони ҷавон дар муқобили Англис қиём карда сафири худро дар Туркистон ва Русия фиристод.

Пас аз ин аҳолии Ҳиндустон, ки як саду панҷоҳ сол боз дар зери фишори англисҳо ҷон меканданд, дар ихтилолу инқилоб шурӯъ карда, намояндаҳои худро дар Русия фиристоданд.

Ранҷбарони Озарбойҷон, ки эшонро сарватдорони Фарангистон ба воситаи фирқаи мусовот[305] дар зери асорати худ гирифта буд, бо муовинати Ҳукумати Шӯроии Русия қиём карда, умури идораро ба дасти худ гирифта, бо Русия муттафиқ шуданд.

Туркони Усмонӣ, ки ватанашон бо як аҳдномаи хоинонаи муттафиқин порча-порча шуда буд, дар муқобили эшон бархоста вакилҳои фавқулоддаи худро мисли Ҷамолпошо ва Анварпошо[306] дар Маскави сурх фиристоданд.

Кишвари Хева, ки дар зери ваҳшонияти хони Ҷунайди англиспараст монда буд, ба муовинати Ҳукумати Шӯрой худро халос карда, мухтор шуд.

Ниҳоят ҳукумати Бухоро, ки пеш аз инқилоб ба муованати ҳукумати императории Русия ва пас аз инқилоб ба раҳнамоии Англис ва аксулҳаракатчиёни Русия ирз, номус, хун ва моли муслиминро тороҷ мекард ва мерехт, сарнагун дар ҷаҳаннам рафта, ба ҷои он аз ранҷбарони Бухоро ҳукумати шӯрой таъсис ёфта бо Ҳукумати Шӯрой муттафиқ шуданд.

Дар Маскав намояндаҳои фирқаҳои иштирокиюни рӯи дунъё гирд омада «Байналмилали Саввӯм»-ро барпо карданд. Байналмилали Саввӯм имрӯз илтиҷогоҳи мазлумони рӯи дуньёст.

Имсол ба ишорати Қумитаи Иҷроияи Байналмилали Саввӯм дар Боку аз олами Шарқ наздики ду ҳазор намоянда ҷамъ шуда анҷуман оростанд. Ин анҷуман дар боби инқилоб раҳбарӣ кардан ба аҳолии мазлуми Шарқро ба гардани худ гирифта аз байни худ шӯро интихоб карда гузошт.

Хулоса: имсол ки тамомияти соли саввӯм ва ибтидои соли чаҳорӯми Инқилоби Ӯктабр аст, тамоми аҳолии Шарқ дар муқобили мустабиддон ва ҷаҳонгирони Фарангистон бархоста, озодии худро аз муованати Русияи Шӯрой умед доранд.

Имрӯз Ҳиндустон дар ҳолати қиём ва оташафрӯзист.

Имрӯз Арабистон дар муқобили Англис ва фарансузҳо чун шер меҷангад.

Имрӯз туркони Усмонӣ зану мард силоҳ ба даст гирифта, дар муқобили Англис ва муттафиқонаш ва дар муқобили мисли Юнон ва фирқаи дошнокиюни арманӣ, ки намояндагони сарватдорони Фарангистон ҳастанд, мисли сели бало ҳуҷум менамоянд.

Феълан ба кор даромадани аҳолии Шарқ дар ин замонҳои охирӣ дар соли 1920 ба вуқӯъ омад.

Мо умедворем, ки ба соли оянда дар вақти сур ва сурури Инқилоби Ӯктабр тамоми аҳолии Шарқро озод ва худмухтор бинем.

Зинда бод Инқилоби Ӯктабр!
Зинда бод бедории олами Шарқ!
Зинда бод иттифоқи ранҷбарони Шарқу Ғарб!

## АРМАНИСТОН ВА ОНТОНГА[307]

Як аъзои хонаводаи Шарқ Арманистон аст, лекин Арманистон ба сабаби раҳбарони хоини худ — фирқаи «дашнокиюн» чандест, ки бар хилофи манфаати аҳолии Шарқ сиёсат меронад.

Дар ин рўзҳо, ки мазлумони Шарқ аз дасти сарватдорони Ғарб роҳи халосӣ меҷўянд, Арманистон бар манфаати сарватдорони ғарбӣ бозиҳо мекунад. Ва ҳол он ки Арманистон аз дасти ҷаҳонгирони бевиҷдон кам зарар надидааст.

Фирқаи дашнокиюн, ки чандин сол боз умури миллати арманиро ба дасти худ гирифта, ба ҷуз хароб кардани Арманистон коре аз пеш набурданд, пешравони ин фирқа ҳамеша дар Вашингтон, Лўндун, Петроград ва Порис дар солунҳои музайян даромада, аз номи арманиҳои бечора харфҳо мезананд, сурудҳо месароянд. Лекин манфаати ҳақиқии Арманистонро ҳеҷ гоҳ ин оқоён ба хотири худ намеоранд.

Сабаб ҳамин аст, ки миллати арманӣ ба маҳв шудан наздик расида, сабаб ҳамин буд, ки миллати арманӣ на худро ва на ҳамсоягони худро соле ором нагузошт.

Аммо кӣ манфаат бурд?..

Сарватдорони Амрико, Англис, Франсия ва Рус манфаат мебурд!

Хуни арманӣ мерехт, дар натиҷа сарватдорони Фаранг аз Туркия имтиёзҳо мегирифтанд.

Хонаи мусулмон хароб мегардид, дар ивази он раҳбарони фирқаи дашнок аз боргоҳи императорӣ эҳсонҳо мегирифтанд!

Инҳо ҳама воқиаҳои кўҳна ва гузашта аст, аммо баъд аз Инқилоби Ўктабр, хусусан дар ин соли 1920, ки тамоми Шарқ аз хоби ғафлат бедор гардида, дар Озарбойҷон Ҳукумати Шўрой барпо шуда, дарвозаи Шарқро бар рўи халоскорони мазлумони шарқӣ, яъне қўшуни инқилоб кушод ва як қисми муҳимми Шарқ, ки иборат аз Она-тўлии Усмонист, дар зери қумондони Мустафо Камолпошо қиём карда барои халосии худ ва соири бародарони шарқӣ камар баст, боз фирқаи дашнокиюн дар сиёсати ғалати худ да-

вом мекунад, боз Арманистонро барои манфаати окоёни лӯндунӣ ва порисӣ қурбон менамояд.

Онтонта, ки аз қиём ва инқилоби Шарқ чун мори ба сар сангхӯрда бар худ мепечид, дашнокиюни хоин ё ки соддалавҳро дар доми тазвири худ даровардa, бо юнониён, ки эшон низ мисли фирқаи дашнокиюн ба ҷуз хаёлпарастӣ коре надоранд, муттафиқ сохта дар майдон андохт.

Онтонта ба-дин восита мехост, ки дар миёнаи Русияи Шӯрой ва олами Шарқ садде барпо кунад ва ҳам як аъзои рашиди хонаводаи Шарқ, ки имрӯз «ё ҳаёт, ё мамот» гӯён дар майдони муборизаи дували муаззама андохтааст, аз по дарорад.

Аммо хабарҳое, ки дар ҳафтаи охирӣ гирифтем, ба харобӣ наздик расидани фирқаи дашнокиюнро ба мо маълум мекунад.

Назар ба нигоштани рӯзномаҷоти Озарбойҷон дастаҳои қӯшуни Камолпошо чун сел сар то сари Арманистонро фаро гирифтаанд. Ба ҷиҳати Қорс, Ардоҳан ва Экдир ғолибона ҳуҷум менамоянд.

Табиӣ, ин ҳуҷум ва хуруҷи Камолпошо дар муқобили умуми миллати аромина нест. Зеро имрӯз Камолпошо ва ононе, ки дар зери қӯмондои ӯ гирд омадаанд, як фирқаи байналмилалӣ ҳисоб меёбанд. Мақсади эшон маҳв ё ғолиб сохтани як миллате нест, балки эшон мехоҳанд, ки бо Русияи Шӯрой даст ба дасти якдигар дода, тамоми мазлумони рӯи дуньёро, билхосса олами Шарқро (аз қадом миллате ки бошад) аз зери бори асорат ва бандагии сарватдорон ва ҷаҳонгирони фарангӣ халос кунанд. Аз ин ҷумла халосии миллати мазлуми арманӣ низ дар пруграммаи эшон дохил аст. Халосии миллати мазлум ва фақирони арманӣ дар маҳвияти фирқаи дашнокиюн аст.

Бинобар ин фуқарои мазлум ва бенавои арманӣ, ки дар зери фишори фирқаи дашнокиюн афтода маҷоли ҳаракат надоштанд, ба муҷарради ҳуҷуми Камолпошо дар Арманистон, ба муқобили фирқаи дашнокиюн исьён ва қиём кардаанд.

«Нурхус» ном як рӯзномаи арманӣ пас аз он ки

аҳволи асафиштимоли имрўзаи Арманистонро шарҳу баён менамояд, мегўяд ки:

«Фуқарои Арманистон сиёсати ғайримаъқули сиёсиҳои худро мебинад ва медонад, ки сиёсати ҷаҳонгирон натиҷаҳои мудҳиша хоҳад дод.

Сиёсиҳои мо ба ҷои он ки бо Русия ва Туркия иттифоқ банданд, дар тарафҳои дигар ҷавлон мекунанд.

Дар Шарқ қувваи бузурги Русия олами ислом аст, моро лозим аст, ки баъзе масъалаҳои мутанозиъун-фиҳро [308] бо инҳо ҳал намоем».

Пас маълум мешавад, ки коффаи аромина ба сиёсати хонумонсўзи ҷаҳонгирон розӣ нестанд, инҳо ҳама бозиҳои фирқаи дашнокиюн аст.

Умед аст, ки ба натиҷаи ҳуҷуми Қамолпошо дар Арманистон инқилоб барпо шуда хори дашнокиюн аз пои хонаводаи Шарқ баромада, дасти сарватдорони Фаранг аз домани олами Шарқ бакуллӣ кўтоҳ гардад.

## ДАР МАЪРАКАҲОИ ҶАНГ ВА СИЁСАТ[309]

Баъд аз он ки мо бо ҳукумати полякҳо оштӣ кардем, ғалабаамон дар маъракаи ҷанубӣ, яъне дар муқобили борун Варонгил [310] намудор гардид. Маъракаи ҷанубӣ, ки дер боз дар ҳолати сукут буд, ҳатто баъзан хабари муваффақиятҳои душман аз он ҷо меомад, ба якбор дар ҷўшу хурўш даромада, ба манфаати мо хеле табаддулот рўй дод:

Нахустин, дар чордаҳўми ўктабр, аскари савораамон ба қўшуни душман зарбаи бузурге зада қувваи бузурги саворааи душманро зеру забар кард ба ҳадде ки душман мақтул ва маҷрўҳи бисьёре дар майдон гузошта дуаспа дар садади гурез шуд. Дар вақти гурехтан бо хеле пароканлагӣ ва парешонӣ мегурехт. Яроқ ва адавоти худро дар роҳ меандохт.

Ин ҳаракате, ки дар ҷабҳаи ҷануб рўй дод, пай дар пай доираи худро тавсеъ мекунад. Чунончи, дар рўзҳои охирӣ Қўшуни Сурх асокири борун Варонгилро аз ҳар тараф иҳота карда, қариб аст, ки қувваи бузурги душманро дар дасти қайду забт дарорад.

Қӯшуни Сурхи мо ба ҳуҷуми охирӣ шаҳрхон Перекоп ва Мелтополро ба даст дарорад.

Аз шаҳри Мелтопол ғаниматҳое, ки ба дасти мо афтод, ба қарори зайл аст:

Чор вагони зиреҳдор, 18 тӯп, сад вагон доруи туфанг, 25 адад оташхонаи роҳи оҳан ва як миллюн пут ғалла.

Илова бар инҳо, киштиҳои ҷангии душман, ҳар рӯз аз тарафи мо ғарқ карда мешавад. Аз ин ҷиҳат дар Крим ҳаяҷони бузург бархоста, аксулинқилобчиён ва сарватдорон зиёда дар бим афтодаанд, «имрӯз ё фардо Аскари Сурх ба хоки Қрим қадам хоҳадниҳод» гуфта метарсанд.

Инқилобчиёни Қрим низ сокит наменишинанд. Имрӯзҳо ба муқобили ҳукумати Вронгил шӯрида, конҳои зуғолсангро ба ҳам заданд. Имрӯз қӯшуни Вронгил аз ангишт маҳрум аст. Ин аст аҳволи муҳораба дар майдони ҷануб!

Аммо полокҳо баъд аз имзои сулҳнома боз сокит наменишинанд, зимнан ба душманони мо ёрманлӣ мерасонанд. Эшон гумон мекунанд, ки мо тамоми қуввати худро дар ҷабҳаи ҷануб фиристода майдонро холӣ гузоштаем. Оре! Мо сулҳ бастем ва ҳам бо хеле гузашт ва фидокорӣ сулҳ бастем. Азбаски маслак ва мақсади мо дар рӯи замин умумӣ кардани сулҳ ва мусоламат аст, дар роҳи сулҳ аз ҳеҷ гуна фидокорӣ ва гузашт боз наменстем. Лекин ба иҷрои шароити сулҳе ки бастаем, қуввати кофӣ дорем.

Ҳукумати Пӯлша бар хилофи шароити сулҳ қӯшунҳои Петлюра, Болохович ва Совинковро [311] ба хоки Украина дар сафар андохт.

Ҳукумати Пӯлша мехоҳад, ки имрӯз дар либоси Петлюра, Болохович ва Совинков бо мо биҷангад. Лекин Қӯшуни Сурхи мо ҷазои ин гуна аҳдшиканиҳоро ба хубӣ хоҳад дод.

Коргарони Пӯлша дар ҷасту хезанд: дар шаҳри Краков коргарони роҳи оҳан таътил эълон карданд, каторҳое, ки воситаи нақли озуқаву аскар аст, ба сабаби таътили коргарон аз ҳаракат бозмонд.

Дар ҳар тарафи дунё коргарон сари ихтилол ва инқилоб доранд. Дар кишвари Итолиё коргарон дар

ҳар куҷо шӯро таъсис карда, корхонаҳоро ба дасти худ гирифтанд.

Дар Германия коргарон ба аксарияти томма дар Байналмилали Саввӯм ҳамроҳ шуданро ба қарор гирифтанд.

Сусиёлистҳои Исвичра [312] низ баъд аз чаҳоррӯза музокара ба Байналмилали Саввӯм ҳамроҳ шуданро ба аксарияти оро пазируфтанд.

Коргарони Румония ба таътили умумӣ омодагӣ мебинанд.

Коргарони Билҷико [313] ба ойини сусиёлизмӣ идора намудани роҳҳои оҳан, фабрик ва дастгоҳҳоро қарор доданд.

Коргарони Нарвич [314] ҳамаи шароит ва талабҳои Байналмилали Саввӯмро пазируфтанд.

Як фирқае аз коргарони англис азл кардани Ллуйд Ҷурҷ [315] боз пас гирифтани аскар аз ҷазираи Ирландия ва мухторият додан ба Ирландияро талаб доранд.

Хулосаи калом, олам ба манфиати мо дар ҷастухез аст. Қавиян умедворем, ки ба сояи ғайрати ҷонсипоронаи Асокири Сурх ба наздикӣ маъракаи ҷанубӣ софӣ ёбад ва ба ҳиммати коргарони рӯи дунё давлатҳои сарватдор ва ҷаҳонгир аз беху бун барканда гарданд.

Мо дар арафаи инқилоби ҷаҳонем.

Зинда бод инқилоби ҷаҳон!

## МАКТУБ АЗ БУХОРОИ СУРХ [316]

### 1. [Масъалаи мактаб ва маориф]

Ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Шӯълаи Инқилоб» аҳамияти инқилоби Бухороро дар назари эътибор гирифта, барои биззот маълумот гирифтан аз миёни худ якеро дар Бухоро фиристоданӣ шуд ва бо ҳамин мақсад аслан бухорой ва дар инқилоби Бухоро мадохилдор буданамро дар назари эътибор гирифта, дар ин хидмат маро интихоб кард.

Понздаҳӯми нӯябри 1920 аз Самарқанд баромада, шонздаҳӯми моҳи мазкур соати даҳи рӯз дохили

Бухоро шудам. Аввал чизе ки ба назарам вохўрд, баъзе ҷойҳои харобшудаи Бухоро буд, ки дар мусодамаи ҳуррият бо истибдод табъан ба вуқўъ омада буд. Табиӣ, дидани ин ҳол маро навъе мутаассир кард.

Азбаски дар таърихи инқилоби Бухоро масъалаи мактаб ва маориф дахли куллӣ дошт, нахуст Назорати маорифи ин шаҳри озодро зиёрат карданӣ шудам. Баъд аз он ки дар манзил ҷое хўрда қадаре худро ором додам, шаҳрро мухтасаран сайру гашт карда, ба доираи Назорати маориф дохил гардида аз тарафи нозири маориф рафиқ Пўлодзода ба камоли гармӣ пазируфта шудам. Аз мусоҳаба ва таҳқиқотам маълум гардид, ки Назорати маорифи Бухоро дар муддати андак хеле корҳоро аз пеш бурдааст:

Дар дохили шаҳр яке барои мусулмонон ва яке барои яҳудиён курси муаллимин кушодааст. Барои вилояти Бухоро дар чаҳорбоғи Ширбадан,[317] ки дар хориҷи шаҳр аст, як курси муаллимини шабона кушодааст.

Ғайр аз инҳо дар вилоятҳои Бухоро мисли Қаршӣ ва Шаҳри Сабз низ курси муаллимин кушода шудааст.

Дар шаҳри шашбоб ва дар ҳар вилоят як ё ду мактаби ибтидоӣ кушода аст.

Барои бузургони бесавод се курс, барои эйтом[318] ду ятимхона, барои таълими усули дафтардорӣ як курс кушода аст.

Барои ин ки ба мамлакатҳои хориҷ талаба ҳозир карда фиристода шавад, як курси таҳзирӣ кушода шудааст, ки дар ин ҷо ҳафтод нафар навҷавон машғули таҳсиланд. Аз инҳо то ҳол як гурўҳ ба Боку фиристода шудаанд ва гурўҳе барои сафари Маскав ба омодагӣ машғуланд.

Мактаби мусиқа ва дастаи театр низ таъсис ёфтааст.

Дар шаҳр то ҳол чаҳор боб қироатхона ва китобхона кушода шуда, дар ин кутубхонаҳо даҳ ҳазор китоби кўҳна ва нав мавҷуд аст.

Кутубхонаҳо дар ғояти назофат ва интизом буда, ҳамеша аз мутолаакунанда холӣ нест.

Аз дафтари кутубхона маълум мешавад, ки аз бистуяк то охири моҳи сентябр, дар зарфи даҳ рӯз дар кутубхонаи якӯм 733 нафар барои мутолаа даромада будаанд. Аз якӯм то ҳаждаҳӯми моҳи нӯябр 1121 нафар кас мутолаа кардааст.

Аз ифодаи мудири кутубхона маълум мешавад, ки аксари мутолаакунандагон аз матбуот ва адабиёти ҷадида истифода мекардаанд.

Назорати маориф қаҳтии ашьё ва адавотро ба мулоҳаза гирифта, барои созондани қаламдастаи сарқалам ва сиёҳӣ як корхонаи махсус кушодааст, ки қаламҳои ин корхона хеле нафис баромадааст.

Назорати маориф дар садади табъ кунонидани китобҳои мактабист, лекин камьёбии коғаз дар кор сакта мерасонад.

Дар дасти Назорати маориф шӯъбаи осори атиқа таъсис ёфтааст, ки ин шӯъба китобҳо ва мактубҳои таърихиро ҷамъ ва тафтиш менамояд.

Ҷавонони Бухоро бо рағбати тамом дар доруттаълимҳо ҷамъ мешаванд.

Аз ташкилоти маориф ва шавқи мардум чунон маълум мешавад, ки Бухоро пасмондагиҳои чандинсолаи худро, ки ба тазйиқи истибдоди ҷоҳилона гирифтор омада буд, ба андак фурсат талофӣ хоҳад кард. «Соле ки накӯст, аз баҳораш пайдост».

Чун инсон ин таъмироти маънавиро мушоҳада мекунад, тахриботе ки ба сабаби исрор ва инодӣ истибдод воқеъ шудааст, «каан лам якун»[319] мешуморад.

## 2. Дар Бухоро ҳаёти фирқа ва соири ташкилот

Дар Бухоро ҳаёти фирқаи иштирокиюн ҳайратангез аст, ба ин тариқа, ки дар муддати ду моҳ танҳо аз дохили шаҳри Бухоро даҳ ҳазор нафар ба фирқа дохил шудааст. Табиӣ, аксари ин ашхос, аз пруғроми фирқа бехабар ё ки мардумоне ҳастанд, ки ба духули фирқа ҳақ надоранд. Мааззолик дар мамлакате ки асрҳо боз дар зери фишори истибдод, аз номи фирқа ва ташкилот бехабар ғунудааст, дар авои-

ли инқилоб ба як муддати қалила [320] аз шаҳре, ки умуми нуфусаш ба сад ҳазор намерасад, дохил шудани даҳ ҳазор нафар ба фирқа ниҳоят рағбати эшонро ба инқилоб ва ҳукумати нав нишон медиҳад. Баъд аз тасфияи [321] фирқа аз аъзои нолоиқ, дар фирқа ду ҳазору шашсад нафар ранҷбар ва фақири холис мондааст, ки ин низ ба рағбат ва шавқи мардум далели сареҳ аст.

Ҳар гоҳ мо мулоҳаза намоем, ки дар зарфи сесола инқилоб аз шаҳри Самарқанд чи миқдор ашхос ба фирқа дохил шудаанд, баъд аз тасфия чи миқдор боқӣ мондааст, пас аз он медонем, ки ранҷбарони Бухоро дар фирқа ба чӣ чашм нигоҳ мекардаанд. Дар Самарқанд ҳеҷ гоҳ аъзои фирқа аз панҷсад нагузаштааст, ҳам баъд аз тасфия ҳеҷ гоҳ аз сад нафар зиёда намондааст. «Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо?»

Дар туманоти Бухоро, ки уёзди Бухоро ба шумор меравад, дар ин муддати қалила ҳафт ҳазор нафар ба фирқа дохил шудааст. Аҳли қуроъ ва қишлоқ ғолибан деҳқони ранҷбар буданашон ба ҳама маълум аст.

Дар Бухоро иттифоқи ҷавонон низ боқувват аст. Дар муддати ду моҳ аз дохили Бухоро се ҳазор нафар ҷавон ба иттифоқ дохил шудааст. Иттифоқи ҷавонон 40—50 нафар аъзои рашиди худро ба воситаи курси махсус аз дастуруламали иттифоқи ҷавонон хабардор карда, дар деҳот ва атроф барои ташкилот фиристодааст.

Иттифоқи касаба ва аҳли ҳирфат низ хуб аст. Алъон дар Бухоро ҳеҷ пешаваре нест, ки ба иттифоқ дохил нашуда бошад.

Азбаски ин ташкилотҳо ҳанӯз нав аст, дар байни пешаварон дастгоҳҳо ба ойини иштирок барпо нашудааст. Лекин кори худро ба иттифоқи тамом ба як сурати одилона идора менамоянд. Чунончи, ҳама сартарошони Бухоро ба иттифоқи сартарошон дохил шудаанд. Иттифоқ баҳои қатъӣ барои хидмати ҳампешагони худ қарор додааст. Ба кадом гӯшаи шаҳр, ки равед, ин қатънома дар амал аст (мисли артели сартарошони Самарқанд ҳилаҳо эҷод намекунанд).

Соири пешаварон низ инчунинанд: дурудгарӣ, гилкорӣ, зардӯзӣ, мӯзадӯзӣ, бофандагӣ — ҳама қарори қатъӣ доранд ва ба ҳамон қарор амал мекунанд.

Ба кадом пешаварон, ки ҳукумат ба хидмати эшон эҳтиёҷ пайдо кунад, адади лозимаро аз иттифоқ талаб менамояд, нафарҳои лозимаро ба дасти ҳукумат месупорад, эшон тавъан хидмати ҳукуматро ифо мекунанд, мувофиқи қатъномаи иттифоқи худ ҳаққи хидмат меситонанд.

Аъзои ташкилоти Бухоро ниҳоят интизом ва расмиятро нигоҳ медоранд, хоҳ дар фирқа бошад, хоҳ дар соири ташкилот бошад, ҳеҷ кас мутлақан аз иҷтимои умумии ташкилоти худ намемонад, агар узри машрӯӣ дошта бошад, мутлақан бо коғазе маълум карда, худро аз бозхости ҷамоат халос мекунад. (Ин аввалин мисол аст дар Туркистон).

Аҳолии Бухоро дар иҷтимоъҳои умумӣ (митинг) низ ба рағбат ҷамъ мешаванд ва низ то тамом шудани иҷтимоъ беиҷбори касе, ҳеҷ кас намеравад. Чунончи, роқими ин сутур дар 19-ӯми ноябр рӯзи ҷумъа ба як иҷтимои умумӣ ҳузур доштам. Иҷтимоъро фирқаи Иштирокиюни Марказии Бухоро даъват карда буд, маҳал ва замони иҷтимоъ баъд аз намози ҷумъа, соати ду дар тахти манора дар пеши Масҷиди Қалон буд.

Қариб се ҳазор нафар аз намози ҷумъа баромада, ҳеҷ яке пароканда нашуда, то соати ду мунтазири замони иҷтимоъ истоданд. Дар вақти мавъуд [322] ташкилотҳо низ бо байрақҳои сурхи худ ҳозир шуданд. Дар иҷтимоъ тахминан ҳафт-ҳашт ҳазор нафар гирд омад. Маҷлис кушода шуд. Нутқ ва хитобаҳо то соати чаҳор тӯл кашид, аммо аз ҳозирун касе маҷлисро тарк накард.

(Шӯълаи Инқилоб): *Ба хилофи шаҳри мо Самарқанд, ки бояд иҷтимоъро ба даруни мадраса барпо карда, мардумро бо милиция дохил намоем, ҳам то тамом шудани иҷтимоъ ба дари мадраса қаровул гузорем ва илло ҳеҷ кас дар иҷтимоъ намеояд ва наметстад.*

Дар ин иҷтимоъ чизе ки диққати маро ҷалб кард, ҳузури занон буд. Дар як тарафи маҷлис ба макони

махсус тақрибан саду панчоҳ нафар ҳамширагони модар зери чодир бо камоли диққат нотиқинро гӯш медоданд.

Дар мисли Бухоро як шаҳре ки дар тамоми Туркистон торикӣ, таассуброро нашр мекард, ин ҳол чиддан сабаби масрурият ва умедворист.

### 3. Вазъияти давоири назоратҳо

Маълум аст, ки дар аҳди ҳукумати амир дар Бухоро аз идора номе ва аз назорат нишоне набуд. Ҳамаи кор зоҳиран биззот аз тарафи амир идора меёфт ва ҳақиқатан аз қӯшбегӣ, қозикалон, раис, хазиначӣ ва амсоли эшон гирифта то шогирдпеша ва мулозимони эшон ҳар яке як амир ва ҳар кадом дар болои раия як ҳокими мутлақ буданд. Ҳеҷ касе аз арбоби ҳукумат аз кардаҳои худ дар ҳаққи раият дар пеши касе масъул намегардид.

Дар давоири ҳукумат усули дафтардорӣ ва китобат мутлақан набуд. Амрҳо ҳама шифоҳӣ, харҷу дахл ба коғазпорчаҳое навишта мегардид, ки баъд аз як ҳафтаи он харҷ ё дахл, аз он коғазпорчаҳо нишоне ва асаре намемонд. Агар аҳьёнан амри амир, ё ҳукми қозӣ ва қӯшбегӣ барои атрофи вилоят ба воситаи коғаз содир гардад, нусхаи (копияи) он амр ва ҳукм ба ҷое китобат намеёфт. Хулоса, идораи амир (агар номи идора итлоқ карда шавад) айнан идораи қуруни вусто буд.

Дар чунин мамлакате ки пеш аз ин ду моҳ ба ҳамин вазъият идора меёфт, ҳукумати тоза дар як муддати қалила давоир ва назоратҳо кушода, вазъияти онҳоро ба як тарзи тоза ва мунтазам ниҳодааст.

Робитаи корҳо ба назоратҳо, робитаи назоратҳо ба яклигар ва шӯрои наззор, робитаи шӯрои наззор ба қумитаи инқилобии марказӣ бо дастуруламалҳои муайян таъйин ёфтааст.

Ба усули китобат ва дафтардорӣ ғояти эҳтимом ва ба кор меравад, ба ҳадде ки то масъалаҳои ҷузъӣ ба дафтарҳо сабт меёбад.

### Маҳкамаи адлия

Дар вакти ҳукумати амир як доираи бесару бун маҳкамаи адлия ва дорулқузоҳо буд. Ҳар касе ки ба умеди адолат ва ҳукми шариат ба дорулқузо мурочаат мекард, мутлақан мағбун[324] ва зиёнкор мебаромад, нафъро қозӣ, муфтӣ, мулозимони эшон ва арбоби маҳаллот мебурданд.

Имрӯз маҳкамаҳои адлия ҳама мунтазам шудааст, дар марказ як назорати адлия кушода шуда, тамоми маҳкамаҳои адлия ба ин назорат марбут аст.

Дар нафси Бухоро чаҳор дорулқузо кушода шуда, дар болои инҳо шӯрои қуззот ҳукми маҳкамаи истинофро адо менамояд.

Нафақаи қуззот аз байтулмол дода шуда миёни қозӣ ва фуқаро муомалаи моддӣ нест. Асоси ҳукмҳо аҳкоми шариат аст.

Ин тартиб дар тамоми музофот ва тавобеи Бухоро чорист.

### Фаъолияти идорачот

Давоир ва назоратҳо ва шӯъбаҳои онҳо ҳар чанд расман замони корашон аз соати ҳашт то ду аст, ба тариқи ғайри расмӣ дар шабу рӯз дувоздаҳ соат кор мекунанд. Коргарони давоир ва саркорони эшон тозагии инқилоб ва навии давоирро дар назар гирифта ба ҳаргуна машаққат таҳаммул варзида, дар кори худ кӯшиш менамоянд. Ҳамин аст, ки дар як муддати қалила хеле корро аз пеш бурдаанд.

### Мулоҳаза

Мо аҳволи ҳукумати тозаи Бухороро менавиштем, саросар аз мадоеҳ сухан сурудем. Хонандагони гиром гумон набаранд, ки ҳукумати Бухоро аз ҳар ваҷҳ мукаммал ва мунтазам шудааст, ба ҳадде ки ҳеҷ танқид ва эътирозро роҳи ғунҷоиш нест, ё дар хотир нагузаронанд, ки нависанда ҳеҷ айбу нуқсонро дида натавонистааст, сар то сари мақолоти худро чун вақоеънигорони асри кӯҳнаи подшоҳӣ аз мадеҳанависӣ пур кардааст!

Не... Интур не!..

Ҳукумати Бухоро ҳоло нуқсоноти бисёр дорад. Барои ислоҳ ва изолаи ин нуқсонот ба шарти илм ва саъйи вофир [325] солҳо мебояд. Ҳоло бисёр корҳо муғлақ ва саргум аст. Масалан, идораи авқоф, ки дар таҳти назорати маориф аст, чи кор карданашро намедонад, барои ӯ аз шӯрои наззор дастурруламали қатъӣ ҳам дода нашудааст. Идораи зироат, ки як назорати мустақилла аст, гуфта мешавад, ки то ҳол коре накардааст ва ҳол он ки масъалаи авқоф ва зироат дар идораи Бухоро ҳукми рӯҳу ҷонро дорад.

Ҳамчунон ки ин маоиброро [326] ҳама кас мебинад, мо низ дидем, ба навиштан ва танқид кардани ҷузъиёт ва куллиёти давоир иқтидор ҳам дорем. Мааззолик, мо аз инҳо чашм пӯшида, мадоеҳнигорӣ кардем ва мекунем. Бад-ин мулоҳиза:

Аввалан, аҳволи идораи амирро ва фасоду вайронии чандинкарнии ӯро дар назар овардем. Пас аз ин бехабарӣ ва истибдодзадагии умуми аҳолии Бухороро дар мулоҳаза гирифтем. Пас аз инҳо дидем, ки як ҷамоаи қалилаи камтаҷриба, ки ҷавонбухороиён [327] ном доранд, ба ёрмандӣ ва муовавати се-чор нафар бародарони туркистонии турку тотор дар муддати ду моҳи камобеш чӣ кор кардаанд? Чун натиҷаи кори думоҳаро ба чашми худ дидем, беихтиёр мадоеҳнигорӣ кардем.

Дар охири мақолаи худ бояд инро ҳам аз хотир набарорем, ки дар интизом ва суръати корҳо қобилияти аҳолии Бухоро, шавқу рағбаташон ба ҳукумати нав ва нафраташон ба ҳукумати амир ва дар болои инҳо шинохта шудани истиқлоли Бухоро аз тарафи Ҳукумати Шӯрои Русия дахл ва таъсири куллӣ дорад.

## ДАР АРМАНИСТОН ҲУКУМАТИ ШӮРОӢ [328]

Мо аз ин чанд рӯз пеш, ба муносибати ҳуҷуми Камолпошо ба Арманистон, мақолае навишта [329] «Ҳуҷуми Камолпошо ба Арманистон ва ба муқобили миллати аромина нест, балки ба муқобили фиркаи дашнокиюн аст, ки эшон вукалои сарватдорони Фаранг

ва душмани фуқарои арманӣ ва мусулмон ва тамоми аҳолии Шарқанд» гуфта, дар хотимаи мақолаи худ «Умед аст, ки ба натиҷаи ҳуҷуми Камолпошо, дар Арманистон инқилоб барпо шуда, хори дашнокиюн аз пои хонаводаи Шарқ баромада, дасти сарватдорони Фаранг аз домани олами Шарқ бакуллӣ кӯтоҳ гардад» гуфта будем.

Чанде нагузашт, ки ин орзӯ ва пешингӯии мо айнан воқеъ шуда, тилғироф хабарҳои масарратафзои зайлро овард:

«Боку, 30 нӯябр (аз қароргоҳи қӯшун). Ба натиҷаи ҳуҷуми туркон, коргарони Александропол ташкилоти худро омода карда ҳукумати шӯроӣ барпо карданд.

Ҳангоме ки туркон истгоҳро ишғол мекарданд, арманиҳое, ки дар шаҳр буданд, Арманистонро раҳбар шумурда ҳукумати шӯроиро пазируфтанд».

Боку, 30 нӯябр, (аз қароргоҳи қӯшун). «Деҳотиёни дашнокиюн эшонро ба қадом роҳи харобӣ хоҳад андохт. Бинобар ҳамин сабаб, бар зарари ҳукумати дашнокиюн иттифоқнома карда, мехостанд ӯро аз по дароварда, ба ҷояш ҳукумати шӯроӣ барпо намоянд.

Лекин аз ин қабил ҳаракоти деҳотиён чанд дафъа аз тарафи дашнокиюн мумонаат дид.

Акнун деҳотиён дар ҳаракоти худ ранги иттиҳод додаанд ва ба эшон фирқаи иштирокиюни Арманистон раҳбарӣ мекунад».

Боку, 30 нӯябр (аз қароргоҳи қӯшун). Ранҷбарони Арманистони шимолӣ бо ҳукумати фирқаи дашнокиюн, ки иртиҷоъпараст аст, ба мубориза кардан қарор доданд.

Фирқаи иштирокиюни Арманистон ба ҳаракоти партизонии худ ранги ташкилот дода ҳамаи қувваи худро дар интизом андохт. Аз тарафи инқилобчиён Даличон ва Корвонсарой ишғол гардид.

Аз он ҷо чорсад нафар аскари мунтазами арманӣ бо тӯпхона ва аслиҳаи худ ба тарафи инқилобчиён гузашт.

Ниҳоят тилғироф хабари расмии зайлро оварда:

«Асл ба номи рафиқ Ленин, нусхаҳояш ба номи Урҷуникидзе[330] ва рафиқ Наримонов»[331]; ба қаҳрамо-

ни инқилоби ҷаҳон маълум бод, ки аз сиёсати ҷиноят-коронаи ҳукумати дашнокиюн, ки дар мамлакат ҳарҷу марҷро меафзуд, деҳотиёни Даличон ва Корвонсарой ба ҳаяҷон омада, байрақи инқилобро боло карданд.

Фирқаи иштирокиюни Арманистон, ихтиёри ин ҳаракати ногаҳзуҳурро ба дасти худ гирифта, «қумитаи инқилобии Арманистон»-ро ташкил дода Арманистонро —Ҳукумати Шӯроии Иҷтимоӣ» эълон кард.

Шаҳри Даличон ба дасти мост.

Инқилобчиён қарори қатъӣ додаанд, ки вукалои давлатҳои муттафиқро (дашнокро) аз по дароранд.

Хоҳиши қиёмкунандагонро ба назар гирифта, қумитаи инқилобии маҳаллӣ ташкил додем ва умедворем, ки Қӯшуни Сурхи Русияи бузург, ки наҷотдиҳанда ва халоскори миллатҳои ба асорат мондаи Шарқ аст, ба ин рӯзи мушкиламон ба мо ба зудӣ муованат расонад.

Аз номи тамоми ранҷбар ва деҳотиёни Арманистон муованатро риҷо [332] менамоем.

Зинда бод Ҷамоҳири Муттафиқаи Иҷтимоии Русияи Шӯроӣ!

Зинда бод Қӯшуни Сурхи ӯ!

Садри қӯмитаи инқилобии Арманистон: Қосён. Аъзоҳо: Ованес Бегзодиён, Давлатиён, Муродиён, Тарғобирильён. Корвонсарой 30 нӯябр.

Ба ин тақриб фитнаи дашнокиюн, ки 40—50 сол боз дар Она-тӯлӣ ва Қафқоз хуни арманӣ ва мусулмонро мерехт, хотима ёфт.

Ба ҷои он ҳукумати шӯроии Арманистон қарор гирифт, ки маслаки эшон мисли соири ҳукумоти шӯроӣ, инсоният ва байналмилалӣ хоҳад буд.

Ба ин тақриб, фитнагоҳи ҷаҳонгирони Фаранг, ки дар бағали аҳолии Шарқ пайдо шуда буд, зеру забар гардид.

Ба ин тақриб, асокири инқилобкори Мустафо Камолпошо бо қӯшуни сурхи Қафқоз ва Русия баҳам пайваст.

Ба ин тақриб фитнакории ҳукумати сарватдорпарасти Гурҷистон хотима ёфт.

Ба ин тақриб пои Онтонта[333] аз савоҳили Баҳри Сиёҳ ва шимолии Эрон канда гардид.

Ба ин тақриб ҳукумати шӯроии Озарбойҷон аз таҳдиди Арманистон ва Гурҷистон раҳоӣ ёфт.

Зинда бод Арманистони шӯроӣ!

Зинда бод инқилоби ҷаҳон!

## ЯК МУҲОКИМАИ БОҲАШАМАТ[334]

Маълум аст, ки ҳафт моҳ пеш аз ин таърих, аз инқилобчиёни машҳури Самарқанд рафиқ Акобир Шоҳмансурзода ҳам мулло Ориф Расулзода, Абдулаҳад Маъруфҷонзода, Мирзохол Каримзода, Муҳаммадӣ Ҳасанҷонзода аз тарафи шӯъбаи алоҳидаи Самарқанд дар ҳабс гирифта шуда буданд, пас аз он дар моҳи сентабр Аҳмадҷон Қозизода ва Тӯлабой Ҷӯрабойзода низ маҳбус шуда буданд.

Айб надорад: «ҳар кию ҳар чи, ҳар чию ҳар кӣ». Дар иона иштирок намоед. Агар доред, ҷома, курта, мӯза, масҳӣ ва амсолашро ба ҳадья диҳед, агар ба инҳо иқтидоратон намерасад, қадаре мавиз, ширинӣ, писта, бодом, ғалла ва донаро дареғ надоред. Ё ки ба қадри қувва ва истеъдодатон пули нақд бахшиш фармоед. Агар ба инҳо ҳам иқтидоратон намерасад, боре ононеро, ки дорои чизе ҳастанд, дар ин кор ташвиқ ва тарғиб кунед. Ба ҳар ҳол дар ин ҳафта аз муованати атфоли хурдсол хушк намонед ва чашм напӯшед!

## АНҶУМАНИ ЯКӮМИ ФИРҚАИ ИШТИРОКИЮНИ ТУРКИЯ [364]

Пеш аз ин, аз инъиқод[364] ёфтани Анҷумани якӯми фирқаи иштирокиюни Туркия ба воситаи ахбори тилгироф иттилоъ ёфта будем. Имрӯз аз шумораи 14—62 рӯзномаи «Янги дунъё», ки ношири афкори фирқаи



Ғ. Козимзода (1908—1941). Ходим ва мутарчими
«Шӯълаи инқилоб».



Самарканд солхои 1925—1930.

иштирокиюни Туркия аст, ба тафсилоти ин анҷуман вуқуф пайдо кардем.

Назар ба нигориши рӯзномаи мазкур анҷуман дар шаҳри Боку ба ҳузури сию ду аъзои соҳибраъй ва ҷилу ду аъзои сохибмашварат дар даҳӯми моҳи сентябр инъикод ёфта, шаш рӯз давом кардааст.

Дар анҷуман аз ташкилоти Истанбул, Зунгулдок, Ираклӣ, Инабулӣ, Сомсун, Таробзун, Бойбурд, Арзерум, Севос, Куния, Анкара, Эскишаҳр, Вазиркупрӣ, Қораҳисор ва билҷумла аз бисту ду ташкилот намоянда расидааст.

Аз ифодот ва калом маълум мешавад, ки илова бар ин ки дар хоки Туркия рӯзномаи «Иқбол», «Янги кун», «Афҳом», «Иларӣ» афкори инқилобии иҷтимоӣ нашр мекунанд, дар Арзерум «Олбайрок», дар Эскишаҳр «Ишчӣ» ва «Аркадош» ноширн афкори фирқаи иштирокиюнанд. Ба замми ин рӯзномаи «Янги дуньё», ки дар Русия ношири афкори фирқаи иштирокиюни Туркия аст, дар Эскишаҳр низ ба ҳамин ном ва маслак як рӯзнома ба саҳнаи матбуот қадам гузоштааст.

Анҷуман дар зарфи музокироти шашрӯзаи худ хеле масоили муҳиммаро музокара ва ҳал карда, иборат аз ҳафт нафар ҳайати Қумитаи Марказӣ интихоб намуда ба ҷаласоти худ хитом додааст. Мо бояд ба ин муносабат аз таърихи фирқаи иштирокиюни Туркия ба хонандагони гиром иттилоъ диҳем:

Маълум аст, ки яке аз миллатҳои мазлум ва маъзури дуньё, ки аз дасти ҷаҳонгирон ва сарватдорони Фарангистон ба фиғон омадааст, қавми Туркия аст.

Илова бар ин ки ин қавм аз дусад сол боз дар зери пои хирсу ози ҷаҳонгирони дуньё фишор мехӯрад, сели балои ҷанги умумӣ дар қаъри баҳри фалокаташ андохт.

Аз он ҷо ки ҳар муҳориба нахустин зарбаи худро дар вуҷуди ҷамоаи ранҷбар ва деҳқони фақир эҳсос мекунонад, табиӣ, синфи муздур ва косиби Туркия аз ин заработи пай дар пай, ки солҳо боз мехӯрданд, ба ҷон омада буданд.

Вақте ки як қисм аз ранҷбарони Туркия дар аснои хидмати аскарӣ ба дасти ҳукумати собиқаи Ру-

сия асир афтода, бо ранҷбарони Русия ба ҳам ҷӯшиданд, дар ҳангоми Инқилоби Ӯктабр эшон низ камари инқилобиро ба миён баста, дар зери байрақи Байналмилали Саввум даромада, чи дар ҷабҳаҳо, чи дар нашри маориф ва ташвиқот хидматҳои намоён карданд. Ба ҳамин муносабат ҷо-ҷо дар фирқаи иштирокиюн қайд шуда ба хидмати инқилобии худ давом карданд.

Дар ин зимн аз сусиёлистҳои машҳури Туркия рафиқ Мустафо Субҳӣ[365] дар Русия ба номи «Янги дунъё» як рӯзнома таъсис карда, гоҳ дар Қрим, гоҳ дар Маскав, гоҳ дар Тошканд, гоҳ дар Боку нашр намуда, чи дар миёни турконе ки ба Русия сукно доштанд, чи дар миёни ранҷбарони Она-тӯлӣ ва Истанбул интишор дода, фирқаи пароканадаро гӯё ки дар як ҷо фикран гирд овард.

Қавми турк ба сабаби он ки аз дасти ҷаҳонгирони дунё зиёда ба танг омада буданд, халосии худро дар инқилоби иҷтимоии умумии ҷаҳон медонистанд. Чунончи ин фикрро аз муҳаррирони машҳури Туркия Ҷалол Нурибек дар осори мутааддидаи худ билхосса дар китоби «Аз нуқтаи назари ҳудам ҳуқуқи дувал» тасреҳу баён менамояд.

Ҳангоме ки ҷаҳонгирони дунё на танҳо Фарокия ва Истанбулро, балки тамоми Она-тӯлиро, ки дар он ҷо холис қавми турк бошандааст, низ дар зери асорати худ гирифтанӣ шуданд, илова бар ин ки сағиру кабир, зану марди Туркия ба муқобили давлатҳои муттафиқ бархостанд, фикри инқилоби иҷтимоӣ дар байнашон ба хубӣ интишор ёфт.

Ҳарчанд ҳанӯз дар дохили Туркия бинобар набудани сарват ва сармоядории бузург, бо вуҷуди аксаре фақиру ранҷбар будан низои ранҷу сармоя дуруст барпо нашудааст, ба номи муқобала ба сармоядорони хориҷӣ ҳамаи ранҷбарон ва деҳқонони Туркия ба хубӣ ташкил ёфта, дар садади инқилоби иҷтимоӣ хоҳанд афтод.

Тасдиқ кардани ҳукумати Анқара, ки як ҳукумати миллист, фирқаи иштирокиюни Туркияро ба дурустии ин фикри мо шаҳодат медиҳад.

Зинда бод инқилоби ҷаҳон ва озодии Шарқ!

## ОЛАМИ ШАРҚ ВА МУТТАФИҚИН[366]

Ҳаракоти инқилобкоронаи олами Шарқ давлатҳои муттафиқро дар ғояти парешонӣ ва саросемагӣ андохт.

Чунончи дар қисми махсуси маҷаллаамон дар шумораи шасту ҳафт нашр ёфт, Ҳиндустон дар муқобили ҳукумати Англис чун анбори борут онан-фаонан бо камоли ғурриш оташфишонӣ мекунад. Дар ҳар гӯшаи Арабистон қӯшуни Англис, Франсия аз мағлубият[367] ба мағлубият меафтад. Чунончи асокири Англис дар ҷабҳаи Бағдод мағлуб шуда дар истеҳкомҳои шаҳр паноҳанда мешавад, инчунин асокири Франсия низ дар ҷабҳаи Сурия ва диёри Шом торумор мегарданд.

Ҳукумати Анқара (камолчиён) дар қувваи Юнонистон, ки намояндаи муттафиқин аст, зарбаҳои сахт мезанад. Шаҳрҳои муҳим ва истеҳкомҳои ҷангиро ба даст даровардa қӯшуни Юнонро дар шаҳри Измир ба муҳосара меандозад.

Муттафиқин дар ин аҳволи мухолифи орзӯи худашон бекор наменишинанд, шикастҳоеро, ки дар майдони ҷанг диданд, мехоҳанд, ки дар майдони дипломатӣ ба воситаи забонбозӣ ҷабру нуқсон намоянд, яъне боз мехоҳанд, ки Шарқи соддадили ғолибро ба воситаи аҳдномае ки амсолашро садҳо бор дар фурсатҳои мусоид пора карда ба замин задаанд, мағлуб намоянд.

Лекин саҳв мекунанд!

Имрӯза Шарқ на он Шарқ аст, ки дар ҳашамату салтанати зоҳирии ин оқоён фирефта шуда, қавли эшонро қавл ва суханашонро рост бовар карда бо эшон аҳднома баста буд.

Имрӯза Шарқ ба хубӣ медонад, ки ин оқоён дар ҳаққи аҳдномае, ки дар Берлин дар хусуси Туркия баста буданд, чӣ қадар эҳтиром карданд?!..

Имрӯза Шарқ дар хотир дорад, ки ҳуқуқи Миср ва ҳаққи ҳокимияти Туркия ба Миср, ки ин оқоён қабул ва тасдиқ карда буданд, ба куҷо рафт?

Имрӯза Шарқ аз ёд фаромӯш накардааст, ки муоҳадаи Қибрис[368] ва маҳфузияти тамомияти мамлакати Усмонӣ чӣ шуд?

Мо метавонем, ки дар боби хотироти шарқи аламзада ва гулхӯрда сафҳаҳо сиёҳ намоем.

Лекин чӣ лозим? (Он чо, ки айён аст, баёни ҳоҷат нест). Чун муттафиқин аз пешгирии ҳаракоти инқилобкоронаи камолчиён оҷиз омаданд, хостанд эшонро аз роҳи дипломатӣ ба доми худ кашанд.

Дар ин бора чанд дафъа барои музокараи сулҳ ба воситаи ҳукумати Истанбул ба Анқара муроҷаат карда комьёб нашуда буданд.

Назар ба нигориши «Русто»[369] барои музокара такрор муроҷаат кардаанд. Муттафиқин ин бор дар муроҷаати худ гуфтаанд ки:

Дар анҷумани сулҳи Лӯндун ҳукумати Анқара монанди ҳукумати Истанбул намояндаҳои худро фиристонад.

Сардори ҳукумати Анқара Мустафо Қамолпошо ин муроҷаатро рад карда, ҷавоб додааст ки:

То вақте ки якто аскари давлати аҷнабӣ ба ҳудуди Туркия ҳаст, ҳукумати Анқара ба маҷлиси сулҳ... намояндаи худро нахоҳад фиристод.

Ин тилгирофи мухтасар тафсили аҳволоти давлатҳои муттафиқин ва азму суботи камолчиёнро дар муқобили эшон ба хубӣ нишон медиҳад.

Дар Эрон низ ҳамин бозӣ ва ҳамин маҳрумият насибаи давлати Англис аст:

Назар ба маълумоте ки садри кумитаи иштирокиюни Эрон рафиқ Ҳайдархон ба мухбири ҳайъати тилғирофи Озарбойҷон додааст, дар Теҳрон дар зери садорати шоҳ аз асноф ва партияҳои мухталифаи Эрон як анҷуман ороста шуда, баъд аз музокара аҳдномаи Эрон — Англисро рад кардааст.

Ба муносабати ин муоҳаданома дар Табриз, Исфаҳон ва соири шаҳрҳои бузург анҷуманҳо барпо шуда, дар муқобили аҳдномаи мазкур қарорҳои сахт қабул карда, норозигии худро ба Теҳрон маълум кардаанд.

Дар Ниҳованд ба муносабати аҳдномаи мазкур, вақте ки анҷуман барпо шуда буд, як фирқа аскари англисро, ки равандаи Бушер буд, аҳли анҷуман дар зери сангу кулӯх мегиранд, ба тадохили жандарма ба мушкилот ин ғавғо таскин меёбад.

Дар Теҳрон тарафдорони англиспарастон як фирқа ташкил дода ба манфаати аҳдномаи мазкур ташвиқот мекарданд. Дар анҷумане, ки дар масҷиди Сипаҳсолор барпо шуда буд, аз нотиқони фирқаи мазкура Мирзоҳасанхон мардумро ба тасдиқи аҳдномаи мазкур ташвиқ карда сухан меронд, аз ҳозирун яке аз туфангча тир андохта Мирзоҳасанхонро аз минбар поин мекунад, чанд тири дигар радду бадал шуда анҷуман парокanда мешавад...

Ин аҳволот ба мо ба хубӣ нишон медиҳад, ки баъд аз ин олами Шарқ фиребӣ муттафиқинро нахоҳад хӯрд, ба ҳеч аҳдномае худро дигар дар зери асорати эшон нахоҳад андохт.

## АНҶУМАНИ ДАҲУМИ ФИРҚАИ ТАМОМИ РУСИЯ ВА МАСЪАЛАИ ЗИРОАТ ВА АРЗОҚ

Анҷумани даҳуми иштирокиюни тамоми Русия, ки дар Москва барпо шуда буд, баъзе қарорҳои муҳиммаро қабул карда ба фаъолияти худ хитом дод.

Қарорҳои анҷумани мазкур ба эътибори умумият дар бораи обод кардани мамлакати васеи Русия аст, ки ба сабаби ҷангҳои ҷаҳонгирон ва гӯштиҳои дохилӣ хароб гардида буд. Баъд аз музокараҳои гуногун, маълум гардид, ки ҳар қисми таъмироти мамлакат вобаста ба ислоҳи аҳволи деҳқонон ва тараққии зироат аст. Зеро барои корхона ва фабрикаҳое, ки ба кор андохта мешаванд, ашъёи хом лозим аст ва барои коргарони онҳо озуқа бакор аст. Ва низ муомалаи тиҷоратӣ, ки бо давлатҳои хориҷа баста мешавад, ашъёи хом лозим дорад ва ҳол он ки аҳволи деҳқонон дар харобӣ афтода асбоб ва олоти зироаташон ба ҳадде аз кор баромадааст, ки ҳосилоти зироат корандагони худро ба зӯр таъмин менамояд.

Бинобар ин анҷуман тамоми ҳиммат ва ғайрати худро ба ислоҳи аҳволи деҳқонон ва тараққии зироат сарф намуд.

Маълум аст, ки як сабаби таназзули зироат, тақсимоти арзоқ буд, ки деҳқононро аз пешаи худашон хеле дилсард намуда буд. Дар ин бора анҷуман маъ-

рӯзаи рафиқ Ленинро шунида қарори зайлро қабул кард:

1. Барои ин ки деҳқонон озодона ба пешаи худ хироҷ дода, мувофиқи супориши ҳукумат ҳар гуна ҳосилотро омода намоянд, баъд аз ин тақсимоти ғалла, ки пеш аз ин ба деҳқонон андоз карда шуда буд, барҳам зада ба ҷои он хироҷи ғаллот вазъ карда мешавад (яъне хироҷро нақдан вазъ карда ба бадали он ба нархи бозор озуқа гирифта мешавад).

2. Дар миқдори ин андоз, ранҷбарони деҳот ва шаҳрҳоро ба назар гирифта аз тақсимоти собиқа кам гирифта мешавад.

Ба нисбати танзими нақлиёт ва тараққии саноат миқдори мазкурро рӯз ба рӯз кам карда мешавад.

3. Дар миқдори андози озуқа миқдори заминҳои киштшуда ва хӯрандагон — одамӣ ва чорпоёнро ба назар гирифта мешавад.

4. Андоз ба қадри имкон ба деҳқонони миёнаҳол ва камзамин ва ба коргунони шаҳрӣ камтар андохта шуда, деҳқонони фақирро баъзан тамом аз андоз озод карда мешавад.

Ба он деҳқононе, ки дар пешаи худ ривоҷ дода миқдори ҳосилотро зиёда мекунанд, ба қадри имкон тахфиф [270a] карда мешавад.

5. Бояд ки миқдори андози озуқа ба зудӣ ба деҳқонон эълон карда шавад. То ки деҳқонон вазифаи худро донистa ба кор шурӯъ кунанд.

6. Озуқае ки ба тариқи хироҷ ба ҳукумат дода мешавад, бояд ки дар мӯҳлате ки қонунан эълон карда мешавад, дода шавад.

7. Андозро ба ҷамъияти деҳқонон, ки дар ҳар доира ва деҳот барпо мешаванд, андохта мешавад. Дар он деҳоте ки ҳанӯз ҷамъият ва анҷуман барпо нашудааст, бар тартибе ки дар моддаи саввӯм баён карда шуд, андохта мешавад.

Барои тафтиш ва назорати гирифти андоз, аз деҳқонони маҳаллӣ қумиссия ташкил дода мешавад, ки эшон миқдори андоз ва асомии диҳандагонро сабти дафтар менамоянд.

8. Баъд аз дода шудани ҳаққи ҳукумат бақияи ҳосилоти худро деҳқонон озодона ба эҳтиёҷи худ сарф менамоянд. Деҳқонон ихтиёр доранд, ки бақияи ҳосилоти худро ба асбоб ва олоти зироат ва ба сонри амволе ки дар анбори ҳукумат мавҷуд аст, муоваза намоянд. Анборҳои муовазаро дар ҳудуди доираҳои зироатӣ барпо карда мешавад.

Ин муқаррарот корҳои деҳқониро, ки як дараҷа ба харобӣ анҷом ёфта буд, дар интизом ва ривоҷ андохтанаш муқаррар аст.

Дар Туркистони мо, ки ҳамаи орзуву ҳавасаш, ҳатто ҳаёташ ба зироат вобаста аст, ин қарорҳо аҳамияти зиёд дорад.

Ҳукумати марказии ҷумҳурияти Туркистон ин аҳамиятро дар назари эътибор гирифта, дар марказ ва атрофи вилоёти Туркистон кумиссияҳои фаъол ташкил дода ба кор шурӯъ кард, ки аз ин ҷумла дар вилояти Самарқанд низ ташкилот ба вуҷуд омада дар сайи кор аст.

Акнун вазифаи бузург дар зиммаи деҳқонон меафтад, бояд деҳқонон аҳамияти мавқеъ ва маҳалро дар назар гирифта ба ғайрати фавқулодда ба кор шурӯъ намоянд.

Маълум аст, ки соли гузашта ба сабаби тақсимоти ноуқа корҳои деҳқонӣ ва ҷамъи ҳосилот хеле дар парешонӣ афтод. Дар баъзе ҷоҳо бинобар хиёнати баъзе ашхос дар ҳаққи баъзе деҳқонони фақир ҳайф ҳам воқеъ шуд. Аз ин аҳвол баъзе фитнакорон дар миёни деҳқонон ягво андохта, ба тарки деҳқонӣ ташвиқҳо ҳам карданд. Дар воқеъ ҳам, ҳосили зироат ба таъмини эҳтиёҷи деҳқонон ва асбоби зироаташон вафо намекард, бинобар ҳамин сабабҳо имсол деҳқонон ба кори деҳқонӣ хеле дилсард менамуданд. Акнун ин ҳама мавонеъ ва мушкилот ба сабаби ғайрат ва ҳимматҳои Анҷумани даҳӯмин иштирокиюни Русия бартараф гардид. Акнун деҳқонон метавонанд, ки баъд аз адои ҳаққи ҳукумат ҳосилоти худро озодона сарфи эҳтиёҷи худ намоянд. Яъне метавонанд, ки дар бадали ғаллоти худ ба тариқи муоваза аз ҳукумат молҳои зарурӣ бигиранд, ё ки дар бозор фурӯхта, ба як роҳи дигар эҳтиёҷи худро таъмин намоянд.

Бояд ки деҳқонон фурсат нагузаронида ин муқарраротро фаҳмида ба кор шурӯъ намоянд, вақти кишту дами баҳорро дар ғафлат нагузаронанд, то ки дар вақти хирман ва мавсими дарав дастхолӣ намонанд.

### ҒАЛАБАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҚТИСОДӢ[371]

Моҳи марти имсола дар таърихи ғалабаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Ҳукумати Шӯрой сафҳаҳои махсусаро ишғол кунад, сазост. Дар ин моҳ Ҳукумати Шӯрой, чунончи дар ислоҳоти иқтисодии дохила қадамҳои ҷиддӣ гузошта қарорҳои муҳиммаро қабул намуд, бо дували хориҷа низ аҳдномаҳои муҳимма баста муомалаҳои иқтисодӣ ва манфиатҳои сиёсии худро таъмин кард.

Дар дохила ислоҳоти муҳиммае ки ба амал омад, танзими андози озуқа ва ислоҳи кори зироат аст, ки ин нуқтаро иҷмолан[371а] дар шумораи гузашта арз карда будем.[372]

Аҳдномаҳое, ки бо дували хориҷа баста шуд, яке бо давлати Англис аст, ки музокароти ин аҳднома як сол боз тӯл мекашид. Давлати Англис барои муомалаи тиҷоратӣ бо мо муоҳада карданӣ шуда, дар музокара давом мекард. Ҳамин ки мавқеи Ҳукумати Шӯроиро маърузи як ҳодиса медид, музокараро қатъ карда худро канор мекашид.

Имсол дар моҳи март, ки музокара бо давлати Англис хеле ҷиддӣ мерафт, арбоби иртиҷои Русия, ки дар хориҷа фирорӣ ҳастанд, барои сакта овардан ба музокирот хеле кӯшиш карданд, ҳатто дар Кроиштат исьёне ба вуҷуд оварда, мавқеи Ҳукумати Шӯроиро суст нишон доданӣ шуданд. Лекин бар рағми ин ҳама кӯшишҳои душманони мо аҳдномаи мазкура дар понздаҳуми моҳи март дар шаҳри Лӯндун аз тарафи вазири тиҷорати Англис Роберт ва аз тарафи намояндаи Ҳукумати Шӯроии Русия рафиқ Кирасин[373] имзо гардид.

Муоҳадаи дуввӯм бо ҳукумати Пӯлша аст, ки ин низ дар моҳи март ба вуҷуд омад. Баъд аз он, ки ҳукумати Пӯлша ба Украина ва Русияи Шӯрой ҷанг оғоз кард, баъд аз рехта шудани хуни бисьёр ва пас

аз ба вуқуъ омадани харобиҳои бешумор кори ин маърака ба муторака анҷом ёфта буд.

Лекин музокараи сулҳи қатъй шаш-ҳафт моҳ тӯл кашид, давлатҳои ҷаҳонгири ғарб, билхосса Франсия дар сулҳи қатъй хеле монеаҳо эҷод карданд. Оқибат бо фидокорӣ ва гузаштҳои бузурги Русияи Шӯрой ва Украина ин аҳдномаи қатъй низ имзо карда шуд.

Ҳарчанд дар ин муоҳада Ҳукумати Шӯрой гузаштҳои намоён кард, маъзолик мо имзои аҳдномаи қатъй ва сулҳи доимиро аз ҷумлаи ғалабаҳо мешуморем. Зеро Ҳукумати Шӯрой аз харҷи зиёда ба ислоҳоти дохилӣ ва танзими иқтисодиёти худ мӯҳтоҷ аст. Ҳангоме ки бо ҳукуматҳои ҳамсояи худ дар ҳолати ҳарбу қатъи муносабат бошад, ҳеҷ гоҳ озодона ва хотирҷамъона ба ислоҳоти дохилии худ кӯшиш карда наметавонист. Сабаб ҳамин буд, ки давлатҳои ҷаҳонгир ва арбоби иртиҷои Русия ҳамеша оташи фасодро доманзанӣ карда, музокиротро дар тазъиқ меандохтанд. Ба замми ҳамин қадар монеаҳои қавӣ, муоҳадаи доимӣ ба феъл омад. Ҳукумати Шӯрой дасткушода шуда, ба корҳои дохилии худ шурӯъ карда, ҳам бинобар кушода шудани роҳҳои хориҷа ва таъсиси муносибати тиҷоратӣ ба ойини мубодилаи амвол Ҳукумати Шӯрой метавонад, ки дар кам фурсате бӯҳрони иқтисодии худро ислоҳ намояд.

Дар ин нуқта бояд мо инро ҳам аз хотир набарорем, ки кишварҳои хориҷӣ аз мо зиёдатар дар бӯҳрони иқтисодӣ афтодаанд. Зеро пеш аз муҳорибаи умумӣ, муносиботи иқтисодӣ рӯи дунёро мисли афроди як хонавода ба якдигар баста ва ба ҳамдигар мӯҳтоҷ карда буд. Усул ва тарзи маишати замони собиқ, ки аҳли ҳар кишвар эҳтиёҷи худро таъмин мекарданд, ба куллӣ аз миён рафта буд. Ин ҳафтсола қатъи муносибот гӯё ки афроди як хонаводаро аз муованати якдигар маҳрум карда буд. Ба ин сабаб ҳамчунон, ки кишвари Русия ба олот ва асбоби мокина [374] ва ашёи Фарангистон мӯҳтоҷ гардид, кишварҳои Фарангистон низ ба ашёи хом ва амволи ибтидоӣ эҳтиёҷ пайдо карда, завод ва корхонаҳо дар таътил афтода, коргарон бекор монда фалокати ғарибе ба Фарангистон рӯй дода буд.

Бояд ки деҳқонон фурсат нагузаронида ин муқаррарротро фаҳмида ба кор шурӯъ намоянд, вақти кишту дами баҳорро дар ғафлат нагузаронанд, то ки дар вақти хирман ва мавсими дарав дастхолӣ намонанд.

## ҒАЛАБАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҚТИСОДӢ[371]

Моҳи марти имсола дар таърихи ғалабаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Ҳукумати Шӯроӣ сафҳаҳои махсусаро ишғол кунад, сазост. Дар ин моҳ Ҳукумати Шӯроӣ, чунончи дар ислоҳоти иқтисодии дохила қадамҳои ҷиддӣ гузошта қарорҳои муҳиммаро қабул намуд, бо дували хориҷа низ аҳдномаҳои муҳимма баста муомалаҳои иқтисодӣ ва манфиатҳои сиёсии худро таъмин кард.

Дар дохила ислоҳоти муҳиммае ки ба амал омад, танзими андози озуқа ва ислоҳи кори зироат аст, ки ин нуктаро иҷмолан[371а] дар шумораи гузашта арз карда будем.[372]

Аҳдномаҳое, ки бо дували хориҷа баста шуд, яке бо давлати Англис аст, ки музокароти ин аҳднома як сол боз тӯл мекашид. Давлати Англис барои муомалаи тиҷоратӣ бо мо муоҳада карданӣ шуда, дар музокара давом мекард. Ҳамин ки мавқеи Ҳукумати Шӯроиро маъруз як ҳодиса медид, музокараро қатъ карда худро канор мекашид.

Имсол дар моҳи март, ки музокара бо давлати Англис хеле ҷиддӣ мерафт, арбоби иртиҷои Русия, ки дар хориҷа фирорӣ ҳастанд, барои сакта овардан ба музокирот хеле кӯшиш карданд, ҳатто дар Кронштат исъёне ба вуҷуд оварда, мавқеи Ҳукумати Шӯроиро суст нишон доданӣ шуданд. Лекин бар рағми ин ҳама кӯшишҳои душманони мо аҳдномаи мазкура дар понздаҳуми моҳи март дар шаҳри Лӯндун аз тарафи вазири тиҷорати Англис Роберт ва аз тарафи намояндаи Ҳукумати Шӯрои Русия рафиқ Красин[373] имзо гардид.

Муоҳадаи дуввӯм бо ҳукумати Пӯлша аст, ки ин низ дар моҳи март ба вуҷуд омад. Баъд аз он, ки ҳукумати Пӯлша ба Украина ва Русияи Шӯроӣ ҷанг оғоз кард, баъд аз рехта шудани хуни бисьёр ва пас

аз ба вуқӯъ омадани харобиҳои бешумор кори ин маърака ба муторака анҷом ёфта буд.

Лекин музокараи сулҳи қатъӣ шаш-ҳафт моҳ тӯл кашид, давлатҳои ҷаҳонгири ғарб, билхосса Франсия дар сулҳи қатъӣ хеле монеаҳо эҷод карданд. Оқибат бо фидокорӣ ва гузаштҳои бузурги Русияи Шӯрой ва Украина ин аҳдномаи қатъӣ низ имзо карда шуд.

Ҳарчанд дар ин муоҳада Ҳукумати Шӯрой гузаштҳои намоён кард, маъзолик мо имзои аҳдномаи қатъӣ ва сулҳи доимиро аз ҷумлаи ғалабаҳо мешуморем. Зеро Ҳукумати Шӯрой аз ҳарҷи зиёда ба ислоҳоти дохилӣ ва танзими иқтисодиёти худ мӯҳтоҷ аст. Ҳангоме ки бо ҳукуматҳои ҳамсояи худ дар ҳолати харбу қатъи муносабат бошад, ҳеҷ гоҳ озодона ва хотирҷамъона ба ислоҳоти дохилии худ кӯшиш карда наметавонист. Сабаб ҳамин буд, ки давлатҳои ҷаҳонгир ва арбоби иртиҷои Русия ҳамеша оташи фасодро доманзанӣ карда, музокиротро дар тазъиқ меандохтанд. Ба замми ҳамин қадар монеаҳои қавӣ, муоҳадаи доимӣ ба феъл омад. Ҳукумати Шӯрой дасткушода шуда, ба корҳои дохилии худ шурӯъ карда, ҳам бинобар кушода шудани роҳҳои хориҷа ва таъсиси муносибати тиҷоратӣ ба ойини мубодилаи амвол Ҳукумати Шӯрой метавонад, ки дар кам фурсате бӯҳрони иқтисодии худро ислоҳ намояд.

Дар ин нуқта боид мо инро ҳам аз хотир набарорем, ки кишварҳои хориҷӣ аз мо зиёдатар дар бӯҳрони иқтисодӣ афтодаанд. Зеро пеш аз муҳорибаи умумӣ, муносиботи иқтисодӣ рӯи дуньёро мисли афроди як хонавода ба якдигар баста ва ба ҳамдигар мӯҳтоҷ карда буд. Усул ва тарзи маишати замони собиқ, ки аҳли ҳар кишвар эҳтиёҷи худро таъмин мекарданд, ба куллӣ аз миён рафта буд. Ин ҳафтсола қатъи муносибот гӯё ки афроди як хонаводаро аз муованати якдигар маҳрум карда буд. Ба ин сабаб ҳамчунон, ки кишвари Русия ба олот ва асбоби мокина[274] ва ашьёи Фарангистон мӯҳтоҷ гардид, кишварҳои Фарангистон низ ба ашьёи хом ва амволи ибтидоӣ эҳтиёҷ пайдо карда, завод ва корхонаҳо дар таътил афтода, коргарон бекор монда фалокати ғарибе ба Фарангистон рӯй дода буд.

Бояд ки деҳқонон фурсат нагузаронида ин муқарраротро фаҳмида ба кор шурӯъ намоянд, вақти кишту дами баҳорро дар ғафлат нагузаронанд, то ки дар вақти хирман ва мавсими дарав дастхолӣ намонанд.

## ҒАЛАБАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҚТИСОДӢ[371]

Моҳи марти имсола дар таърихи ғалабаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Ҳукумати Шӯроӣ сафҳаҳои махсусаро ишғол кунад, сазост. Дар ин моҳ Ҳукумати Шӯроӣ, чуночи дар ислоҳоти иқтисодии дохила қадамҳои ҷиддӣ гузошта қарорҳои муҳиммаро қабул намуд, бо дували хориҷа низ аҳдномаҳои муҳимма баста муомалаҳои иқтисодӣ ва манфиатҳои сиёсии худро таъмин кард.

Дар дохила ислоҳоти муҳиммае ки ба амал омад, танзими андози озуқа ва ислоҳи кори зироат аст, ки ин нуктаро иҷмолан[371а] дар шумораи гузашта арз карда будем.[372]

Аҳдномаҳое, ки бо дували хориҷа баста шуд, яке бо давлати Англис аст, ки музокароти ин аҳднома як сол боз тӯл мекашид. Давлати Англис барои муомалаи тиҷоратӣ бо мо муоҳада карданӣ шуда, дар музокара давом мекард. Ҳамин ки мавқеи Ҳукумати Шӯроиро маърузи як ҳодиса медид, музокараро қатъ карда худро канор мекашид.

Имсол дар моҳи март, ки музокара бо давлати Англис хеле ҷиддӣ мерафт, арбоби иртиҷои Русия, ки дар хориҷа фирорӣ ҳастанд, барои сакта овардан ба музокирот хеле кӯшиш карданд, ҳатто дар Кроншта̄т исъёне ба вуҷуд оварда, мавқеи Ҳукумати Шӯроиро суст нишон доданӣ шуданд. Лекин бар рағми ин ҳама кӯшишҳои душманони мо аҳдномаи мазкура дар понздаҳӯми моҳи март дар шаҳри Лӯндун аз тарафи вазири тиҷорати Англис Роберт ва аз тарафи намояндаи Ҳукумати Шӯроии Русия рафиқ Кирасин[373] имзо гардид.

Муоҳадаи дуввӯм бо ҳукумати Пӯлша аст, ки ин низ дар моҳи март ба вуҷуд омад. Баъд аз он, ки ҳукумати Пӯлша ба Украина ва Русияи Шӯроӣ ҷанг оғоз кард, баъд аз рехта шудани хуни бисёр ва пас

аз ба вуқӯъ омадани харобиҳои бешумор кори ин маърака ба муторака анҷом ёфта буд.

Лекин музокараи сулҳи қатъӣ шаш-ҳафт моҳ тӯл кашид, давлатҳои ҷаҳонгири ғарб, билхосса Франсия дар сулҳи қатъӣ хеле монеаҳо эҷод карданд. Оқибат бо фидокорӣ ва гузаштҳои бузурги Русияи Шӯроӣ ва Украина ин аҳдномаи қатъӣ низ имзо карда шуд.

Ҳарчанд дар ин муоҳада Ҳукумати Шӯроӣ гузаштҳои намоён кард, маъзолик мо имзои аҳдномаи қатъӣ ва сулҳи доимиро аз ҷумлаи ғалабаҳо мешуморем. Зеро Ҳукумати Шӯроӣ аз харҷи зиёда баислоҳоти дохилӣ ва танзими иқтисодиёти худ мӯҳтоҷ аст. Ҳангоме ки бо ҳукуматҳои ҳамсояи худ дар ҳолати ҳарбу қатъи муносабат бошад, ҳеҷ гоҳ озодона ва хотирҷамъона ба ислоҳоти дохилии худ кӯшиш карда наметавонист. Сабаб ҳамин буд, ки давлатҳои ҷаҳонгир ва арбоби иртиҷои Русия ҳамеша оташи фасодро доманзанӣ карда, музокиротро дар тазъиқ меандохтанд. Ба замми ҳамин қадар монеаҳои қавӣ, муоҳадаи доимӣ ба феъл омад. Ҳукумати Шӯроӣ дасткушода шуда, ба корҳои дохилии худ шурӯъ карда, ҳам бинобар кушода шудани роҳҳои хориҷа ва таъсиси муносибати тиҷоратӣ ба ойини мубодилаи амвол Ҳукумати Шӯроӣ метавонад, ки дар кам фурсате бӯҳрони иқтисодии худро ислоҳ намояд.

Дар ин нуқта бояд мо инро ҳам аз хотир набарорем, ки кишварҳои хориҷӣ аз мо зиёдатар дар бӯҳрони иқтисодӣ афтодаанд. Зеро пеш аз муҳорибаи умумӣ, муносиботи иқтисодӣ рӯи дуньёро мисли афроди як хонавода ба якдигар баста ва ба ҳамдигар мӯҳтоҷ карда буд. Усул ва тарзи маишати замони собиқ, ки аҳли ҳар кишвар эҳтиёҷи худро таъмин мекарданд, ба куллӣ аз миён рафта буд. Ин ҳафтсола қатъи муносибот гӯё ки афроди як хонаводаро аз муованоти якдигар маҳрум карда буд. Ба ин сабаб ҳамчунон, ки кишвари Русия ба олот ва асбоби мокина [374] ва ашьёи Фарангистон мӯҳтоҷ гардид, кишварҳои Фарангистон низ ба ашьёи хом ва амволи ибтидоӣ эҳтиёҷ пайдо карда, завод ва корхонаҳо дар таътил афтода, коргарон бекор монда фалокати ғарибе ба Фарангистон рӯй дода буд.

Бинобар ин сабабҳо, ба кушода шудани роҳи муносиботи хориҷа барои ҷалби ашьёи хом амвол ва олоти фарангиро фарангиён ба дасти худ оварда дар Русия хоҳанд рехт. Ба ин восита ранҷбарони Русия, ки имрӯз бо дасти холӣ танҳо бо қуввати бозуи худ дар таъмири кишвари харобшуда кӯшиш доранд ва як дараҷа муваффақияташон ҳам дар назар намоён аст, ба иловаи асбоб ва олоти хориҷа, мамлакати васеи Русияро дар андак фурсат аз дасти таъмир хоҳанд баровард.

Муоҳадае, ки ғалабаи нуфузи сиёсии Ҳукумати Шӯрой ва музаффарияти инқилоби ҷаҳон ва озодии Шарқро ба мо нишон медиҳад, муоҳадаест, ки дар байни Ҳукумати Шӯрой ва ҳукумати миллии Туркия дар ин моҳи март баста шуд. Маълум аст, ки баъд аз муоҳадаи ғаддоронаи Версол, миллати турк дар Она-тӯлӣ қиём карда ба зери идораи Мустафо Камолпошо дар муқобили сулҳномаи Версол ва давлатҳои муттафиқ меҷангид. Биттабъ ҳукумати миллии Туркия бо ранҷбарони Русия муносибати дӯстӣ дошт, давлатҳои ҷаҳонгир барои пешбандии ин муносибат хеле кӯшишҳо карданд, аввалан ҳукумати Анқараро ба қувваи ҳарбии худ аз миён бардоштанӣ шуда, аз чаҳор сӯ ҳуҷум оварданд. Дар ҳамин ҳин ҷануби Қавқозия ва хиттаи Қримро ишғол карда, дар қатъи муносибати Туркӣ ва Русӣ ҳоилҳо ва монеъҳо эҷод карданд, чун ин кӯшишҳо самара надод, билъакс ҳукумати Анқара рӯз ба рӯз дар қуввати худ афзуда музаффариятҳои намоён дид ва ҳамчунин ранҷбарони Русия ҷануби Русияро софӣ карданд ва дар хиттаи Озарбойҷон билъохир дар мамлакатҳои Арманистон ва Гурҷистон Ҳукуматҳои Шӯрой барпо шуда, мазлумони турк бо ранҷбарони рус аз ғайри ҳоил даст ба даст доданд, давлатҳои муттафиқ хостанд ба ҳилаҳои дипломатӣ ҳукумати Анқараро ба тарафи худ моил намоянд. Бинобар ин конференцияи маълуми Лӯндунро эҷод карда аз Анқара ҳам намоянда даъват карданд. Дар ҳамин асно, намояндаҳои Турк дар Русия омада, конференцияи маълуми Маскав барпо шуд.

Яъне давлатҳои муттафиқ дар Лӯндун бо намоян-

дахои Туркия музокара намуда, мехостанд эшонро дар доми тазвири худ дароранд. Вукалои ранҷбарони Русия ният доштанд бо Туркия музокира карда, инқилоби ҷахон ва озодии Шаркро ба амал оранд. Табиӣ, манфиати туркон ва олами ислом ва ғалабаи инқилоби ҷаҳон ва озодии Шарқ вобаста ба муваффақияти конференсияи Маскав буд. Хушбахтона, масъала мувофики маъмули олами Шарқ ҳал ёфта, дар ҳаждаҳӯми моҳи март дар шаҳри Маскав муоҳадаи байни Русияи Шӯрои ва ҳукумати миллии Туркия имзо карда шуд.

Ҳарчанд мо ҳанӯз аз конференсияи Лӯндун маълумоти муфассала ба даст надаровардаем, бо ҳамаи ин аз муваффақияти конференсияи Маскав бесамара мондани конференсияи Лӯндунро ҳукм карда метавонем. Зотан ин масъала аз аввал ҳам маълум буд. Зеро модом ки давлатҳои муттафиқ аз ҳаракати ҷаҳонгиронаи худ боз пас намеистанд, модом ки аз асир кардани олами Шарқ ва ислом даст намекашанд, модом ки ҷуз хадъаю фиреб роҳи дигаре намепаймоянд, муносибати эшон бо олами Шарқ ва ислом ранги дӯстиро нахоҳад гирифт. Ҳар ташаббус ва кӯшиш, ки дар ин боб кунанд ва мекунанд, бенатиҷа хоҳад монд.

## БА ҲАМ ПАЙВАНДЕД, РАНҶБАРОНИ ШАРҚУ ҒАРБ[275]

Вақте ки ранҷбарони Русия бо як савлати шерона ва ҳиммати далерона дар майдони мубориза даромада рахна дар бунёни усули ҷаҳонгирӣ ва теша бар решаи асоси сармоядорӣ заданд, ранҷбарони Шарқ дар олами ҳайрат ва асорати барқарор ва ранҷбарони Ғарб дар доми тазвири сусиалистҳои риёкор гирифтор буданд.

Ранҷбарони Русияро маълум буд, ки имрӯз ё фардо мазлумони Шарқу Ғарб даст ба дасти якдигар дода, ин ҷаҳони кӯҳна ва ин олами фарсудаи симу зарпарастиро аз по дароварда ба ҷояш як қасри дилкушои нав, ба усули озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ, ки вобаста ба ширкати амал ва интифоъ[275а] аст, хоҳанд бунёд кард. Бинобар ин ба ҳиммати худ ҳеҷ қусур ва футур наёварда, ба кор шурӯъ карданд.

Барои ҳусули ин матлаб, бар зиммаи ранҷбарони Русия як вазифаи бузурге афтода буд, ки вай иборат аз ба ҳам пайванд додани ранҷбарони тамоми дунё буд, лиҳозо ранҷбарони Русия дар ҳама ҷо ва хама кор ин шиори пурмаъноро, яъне иборати:

«Ба ҳам пайвандед, ранҷбарони тамоми дунё!»-ро ба хатти ҷалӣ навиштанд.

Дар солҳои аввали инқилоб таъсири ин шиор ба дохили Русия мунҳасир монд. Вакте ки дар Маскав Байналмилали Севвум таъсис ёфта, тамоми милали шарқӣ ва ғарбии Русия ба ҳам пайваста, маънои шиори мазкурро ба амал оварданд, дар олами Шарк, ки асири дасти ҷаҳонгирон ва сарватдорони Ғарб буданд, асарҳои инқилобӣ намоён шуд. Нахустин душмани табиӣ ва зотии давлати Англис давлати алийяи Афғонистон ба ранҷбарони Русия дасти дӯстӣ дароз кард. Пас аз ин дар Хева, Озарбойҷон, Бухоро, Арманистон ва Гурҷистон Ҳукуматҳои Шӯроӣ барпо шуда бо давлати Шӯрони Русия муттафиқ шуданд.

Миллатпарварони турк, ки диёрашон аз дастбурда давлатҳои ҷаҳонгирони муттафиқ хароб гардида буд, Эрон, ки феълан гӯё дар зери ишғоли аскари давлати Англис буд, ба Русияи Шӯроӣ дӯст бармаданд.

Ранҷбарон ва мазлумони Ҳиндустон ба камоли ҷиддият дар роҳи инқилоб ва озодӣ ҳаракат карданд...

Пас гуфта мешавад, ки як қисми вазифаи ранҷбарони Русия, ки иборат аз бедор кардани мазлумони шарқӣ буд, ба феъл омад.

Илова бар ин, ранҷбарони Русия аз ҷангҳои дохилӣ ва хориҷӣ як дараҷа халос шуда дар таъмир ва ободии мамлакати харобгардида шурӯъ карданд.

Барои ислоҳи иктисодии худ бо давлатҳои хориҷа муоҳадаи тиҷоратӣ баста роҳи мубодилаи амволро низ кушоданд.

Лекин бо ин ҳама ҳанӯз вазифаи бузурги таърихии ранҷбарони Русия адо наёфта ҳанӯз озодӣ ва иттифоқи ранҷбарони Шарқу Ғарб мавкеи худро таъмин накардааст. Зеро ҳанӯз давлатҳои ҷаҳонгири дунё дар пойтахтҳои худ зинда ва силоҳ ба даст буда фурсат меҷӯянд. Ба андак сустӣ ва ғафлати

ранҷбарони дуньё, эшон такрор дар миён хоҳанд даромад, такрор барои ором додани нафси амморайи зарпарасти худ дарьё-дарьё хуни фарзандони одамро хоҳанд рехт.

Барои тамом маҳв ва нобуд кардани давлатҳои сарватдори дуньё зиёда мутабассирона[376] ҳаракат кардани ранҷбарони ҷаҳон лозим аст. Ранҷбарони Ғарб мебояд ки аз ғалаёни мазлумони шарқӣ истифода карда аҳволи рӯҳия ва одоти маҳаллияи эшонро риоя намуда, ба эшон ғайрат ва қувватбахшо бошанд. Мазлумони шарқиро лозим аст, ки ҳанӯз дар аввали кор ва сари майдон буданашонро аз хотир набароварда, барои озодии ҳақиқӣ ҳоло хеле ҳиммат сарф кардан лозим буданро дар хотир дошта ба шавқи истиқбол, ба мушкилоти ҳол таҳаммул фармуда, сустиро дар ҳиммат ва ғайрати худ роҳ надиҳанд.

Илова бар инҳо, як вазифаи дигар дар зиммаи ранҷбарони ғарбӣ ҳаст, ки пас аз анҷом ёфтани ин вазифа, асоси сарватдорӣ ва ҷаҳонгирӣ тамом маҳв хоҳад шуд. Вай иборат аз қиём кардани ранҷбарони дохили Аврупост.

Дар ҳангоме ки давлатҳои ҷаҳонгир бо олами Шарқ дар ҳолати муҳораба ва қатъи муносибат ҳастанд, агар ранҷбарони зери дасти эшон, ба як ҳаракати шерона ба майдон дароянд, зеру забар шудани ҷаҳони кӯҳна бисьёр фурсат намехоҳад.

Хушбахтона, аломати ин ҳаракат имрӯз аз дохили Аврупо ба камоли ҷиддият намоён аст, ки нишонаи он ҳаракати инқилобкоронаи ранҷбарони Олмония аст. Хабарҳое, ки аз Олмония мерасад, рӯз ба рӯз дар шиддат будани ин ҳаракатро муждарасон аст.

Агар ҳаракоти инқилобкоронаи ранҷбарони Олмонияро, ҷунбиши ранҷбарони Маҷористон,[377] Франсия, Итолиё ва соири давлатҳои ҷаҳонгири ғарбӣ таъқиб намояд, дар сақар[377а] рафтани санодиди истибдод ва ҷаҳонгирӣ чизе нест.

Хулосаи калом: Барои таъмини инқилоб ва озодии ҷаҳон «Ба ҳам пайвандед, ранҷбарони Шарқу Ғарб!»

## МУОҲАДАИ РУСИЯ ВА ТУРКИЯ[378]

Маълум аст, ки дар авохири моҳи феврали соли хол дар Маскав анҷумани музокироти Русия ва Туркия барпо шуда, дар 16 моҳи март анҷуман ба анҷом расида, дар мобайни ин ду ҳукумат аҳдномаи дӯстона ва бародарона имзо ёфта буд.

Қумисари корҳои хориҷии Ҷумҳурияти Шӯроии Русия рафиқ Чичерин[379] дар ин бора маълумоти муфассала додааст, ки мо айнан тарҷима ва нақл менамоем:

«Дар 16 моҳи март анҷумани Русу Турк бо имзо кардани муоҳадаи рафиқона ва бародарони Туркия ва Русия анҷом пазируфт.

Ба хоҳиши ин муоҳада ҳар ду тараф қавл медиҳанд, ки қарорномаҳои байналмилалӣ, ки бар якдигарашон тааллуқ дорад, ҳеҷ кадоми инҳо нашиносанд.

Ҳудуди заминҳои Туркия ба қароре, ки дар соли 1920 дар 18 моҳи январ дар Истанбул аз тарафи анҷумани миллии Туркия қабул ёфта тазкира навишта шуда буд, таъйин меёбад. Илова бар ин, ҳудуди шарқи шимолии Туркия равшан ва кушодакарда мегардад:

Шаҳри Ботум бо ҳуқуқи истиқлолияти маҳаллӣ ва идоравӣ моли Гурҷистон ба шумор меравад. Ба Туркия ҳақ дода мешавад, ки аз болои Ботум молуттиҷораи худро мурур диҳонад.

Шаҳри Нахчивон бо истиқлолияти маҳаллӣ моли Ҷумҳурияти Озорбойҷон ба шумор меравад.

Доираҳои Ортувин, Ордоҳон ва Қорис ба хоки Туркия дохил мешавад. Лекин ҳукумати Туркия ба наздикии роҳи оҳане, ки дар байни Ортучой, Эревон ва Александропол кашида шудааст, то ҳафт чақрим ба тарафи Туркия қӯшун нигоҳ намедорад ва истеҳкоми ҳарбӣ таъмир намекунад.

Ҳамчунин чаҳор чақрим замин дар Арокс ба қурби роҳи оҳан таъйин карда мешавад.

Ҳар ду тараф истиқлол ва озодии аҳолии Шарқро ва ҳуқуқи ба хоҳиши худашон таъсиси ҳукумат карданн эшонро эътироф менамоянд.

Тартиби молуттиҷора гузаронидан аз бӯғозҳо (гулӯгоҳҳои Дардонел ва Босфор) ва мувозанаи байналмилалии бӯғозҳоро анҷумани намояндаҳои ҳукуматҳои ин соҳилҳо қарор хоҳанд дод.

Шаҳри Истанбул пойтахти ҳукумати Туркия ба шумор меравад.

Аҳдномаҳои кӯҳнаи миёни Туркия ва Русия ва ҳамчунин қарзҳое, ки Туркия аз Русия дошт, фасх ва лағв карда мешавад.

Ҳар ду тараф қавл медиҳанд, ки ба гурӯҳҳое ки ба муқобили тарафи дигар ташкил меёбад, они дигар роҳ надиҳад.

Дар миёни ин ду ҳукумат аз тарафайн мурур додани молуттиҷора ба амал меояд.

Илова бар ин, дар бораи усарои [379а] ҳарбӣ ва дар хусусҳои дигар боз чанд моддаи дигар ҳаст».

Ҳамчунон ки Ҳукумати Шӯрони Русия давлатҳои ҷаҳонгири дуньёро душмани ҷонии худ медонад, инчунин ҳаёти ҳукумати миллии Туркия низ ҳамеша аз таҳдиди давлатҳои ҷаҳонгир дар таҳлука аст. Бинобар ин муоҳадаи дӯстонаи ин ду ҳукумат бағоят табиӣ ва хоҳиши манфиати ҳар ду тараф аст. Ба сабаби ин муоҳада гуфта мешавад, ки ранҷбарони ғарбӣ бо мазлумони шарқӣ даст ба дасти якдигар дода ба муқобили ҳуҷум ва тааддии ҷаҳонгирон ва сарватдорони дуньё, ки ҳамеша дар садади зуҳур ва буруз аст, як қувваи халалнопазире ташкил доданд.

Ба сабаби ин муоҳада оташ дар ниҳоди ҷаҳонгирони дуньё афтодан муқаррар аст.

Ҳамин аст, ки давлатҳои муттафиқ барои зарба расонидан ба ин муоҳада хеле бозиҳо ба кор бурданд. Чунончи, воқеаи Кронштадтро эҷод карданд. Баъд аз инъиқоди муоҳада бо қуввai юнониён ба ҳукумати миллии Туркия якбора ҳуҷум карданд, дар Арманистон фирқаи дашнокиюнро аз сари нав ба майдон андохта, дар хатти робитаи ҳукуматҳои шӯроӣ зарба заданӣ шуданд, дар Курдистон ашхосеро ба унвони «мухториятталабӣ» ба муқобили ҳукумати миллии Туркия барангехтанд...

Хушбахтона ҳамаи ин бозиҳо бартараф гардид: ғӯлхӯрдагони Кронштадт сари таслим ниҳоданд, юно-

ниён талафоти бисьёре дода ба ричъат ва фирор маҷбур шуданд. Фирқаи дашноқ маҳв шуда, дар Арманистон дигарбора Байрақи Сурх дар тамаввуҷ[380] даромад, воқеаи Курдистон тахфиф ёфт.

Дар муоҳадаи мазкур чизе ки ба умуми олами Шарқ ва ислом тааллуқ дорад, моддаест, ки дар бораи аҳолии Шарқ пазируфта шудааст: тарафайни муоҳид[380а] истиқлол ва озодии аҳолии Шаркро эътироф менамоянд ва инчунин ҳуқуқи ба хоҳиши худхошон таъсиси ҳукумат карданашонро мепазиранд.

Аҳолии Шаркро лозим аст, ки дар зери Байрақи Сурх гирд омада ба халосии худ аз дасти ҷаҳонгирон кӯшиш намоянд.

## ЯКӮМИ МАЙ[381]

*(«Ба ҳам пайвандед, ҳамаи ранҷбарони ҷаҳон!»)*

Якӯми Май рӯзест, ки тамоми ранҷбарони дунёи имрӯзро рӯзи муборак ва муқаддас мешуморанд. Дар ин рӯз ҳамаи коргарони ҷаҳон ид гирифта ба нидои «Ба ҳам пайвандед, ҳамаи ранҷбарони дунё!»[382] дасти иттифоқ ва якҷиҳатӣ бар якдигар дароз мекунанд.

Якӯми Май рӯзест, ки ҳамаи пешаварони рӯи замин имрӯзи фирӯзиасрро рӯзи халоси худ ва халокии сарватдорони ҷаҳонгир меангоранд.

Азамати қадри Якӯми Майро дар назари ранҷбарони дунё аз ин бояд шинохт, ки дар замони истибдод ва дар зери ханҷари зулму бедод бо вуҷуди он ки ҳеҷ маҷоли ҳаракат надоштанд, қурбониҳои бузург дода имрӯзро ид гирифта садои «Ба ҳам пайвандед, ҳамаи ранҷбарони дунё!»-ро баланд овоза мегардониданд.

Мо бояд ба шарафи имрӯз мухтасаран аз таърихи имрӯзи фирӯз нигошта ранҷбаронро табрик ва таҳният намоем:

Чунончи дар таърихҳои инқилоб мастур аст, ки баъд аз таскин ёфтани инқилоби кабири Франсия фирқаи сармоядорон бар сари кор омада дар ҳама ҷои Аврупо фирқаи ранҷбаронро тазйиқ намуда эшонро аз ҳуқуқ маҳрум медоштанд, ранҷбари бечора дар ҳар гӯшаву беша асир ва дастгир шуда ҷуз ба ман-



سمرقندده اوکتابر بایرامی

I

II

III

IV

Рӯзномаи «Қамбағаллар товуши», ки дар он мақола ва шеърҳои ӯзбекии С. Айнӣ чоп шудааст.


„МЕХНАТКЕШЛЯР-ТАУШИ" (Голос Трудящихся)

بخارا مکتوبلری

Мақолаи ўзбекии С. Айнӣ «Бухоро мактублари», ки бо имзои «Сод-айн» 15 январи 1921 дар рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши» чоп шудааст.

фиати сармоядорон хидматгузорӣ кардан чорае надошт. Барои талаби ҳуқуқ дар ҳар кучо агар ҳаракати мазбӯҳонае мекард, ба зарби теғи бедоди арбоби истибдод ба хомӯш нишастан мачбур мешуд. Аз он чо ки ранчбарони дунъё ҳанӯз бо ҳам напайваста буданд, ҳаракати чудогонаи эшонро фиркаи сармоядорон ба зудӣ таскин медоданд. Ва ҳол он ки фирқаи сармоядорон пешбинӣ карда хуб ба ҳам пайваста буданд. Ҳарчанд дар миёнаи сармоядорон рақобати тиҷоратӣ буд, боз ҳам ба муқобили ранчбарон худро чун чузъи як бадан мединдоштанд.

Дар ҳамин ҳол дар соли 1848 ба ранчбарон хитобан ба забони олмонӣ як рисолача табъ шуда баромад, ки ба даъвати «Ба ҳам пайвандед, ҳамаи ранчбарони дунъё!» анчом ёфта буд.[383]

Ин рисола фармони ҳумоюни иштирокиюнӣ буд, ки аз тарафи раҳбари бузурги ранчбарон Қарл Маркс таълиф ёфта буд.

Ин хитоби бузург ба андак фурсат асари худро дар миёни ранчбарони дунъё нишон дод: ранчбарон рӯз ба рӯз ба якдигар наздик шуда асоси иттиҳоди байналмилалиро ниҳоданд. Ҳамин буд, ки дар соли 1866 дар шаҳри Женева анчумани якӯми байналмилалӣ барпо шуда «ба ҳам пайвастани ранчбарони дунъё!» як дарача аз қувва ба феъл омад.

Байналмилали Якӯм соле чанд бо камоли муваффақият кор кард, ҳайфо, ки дар натичаи аз ҳам пошидани Қоммунаи Порижк ихтилоф дар аркони ранчбарон афтода рафта-рафта дар соли 1874 Байналмилали Якӯм пароканда гардид.

Вучуди хоричии Байналмилали Якӯм пароканда гардид. Лекин садои «Ба ҳам пайвандед, ранчбарони дунъё!» ҳеч гоҳ аз гӯши чони ранчбарони дунъё берун нарафт, ҳар ранчбар, ҳар пешавар, ҳар коргар ин калимоти начоталомотро дар сафҳаи дили худ ҳақ карда буд. Ҳамин буд, ки дар соли 1889, яъне баъд аз понздаҳ соли пароканда шудани Байналмилали Якӯм вакило ва намояндагони ранчбарони дунъё дар шаҳри Порижк чамъ шуда ба нидои «Ба ҳам пайвандед, ранчбарони дунъё!» дар биною Байналмилали Дуввӯм курсӣ ниҳоданд.

Дар ин анҷуман, ки анҷумани якӯми Байналмилали Дуввӯм ба шумор меравад, хидматҳои Байналмилали Якӯм музокира ёфт, барои ғалабаи ранҷбарон лузуми ба ҳам пайвастани ранҷбарони дунё такроран таъкид карда шуд. Барои нишон додани иттифоқи ранҷбарони дунё, ид гирифтани Якӯми Май ҳам дар ин анҷуман қароргир гардид. Аз ҳамон рӯз то ҳол тамоми ранҷбарони дунё имрӯзро ид гирифта, ба шиддати истибдод рағман ба нидои «Ба ҳам пайвандед, ранҷбарони дунё!» ба тарафи орзу ва омоли худ ҷавлонгарӣ мекунанд.

Мо имсол хушбахтона мебинем, ки дар аксари рӯи замин ранҷбарон ин «нидо...»-ро [384] дар Якӯми Май бо камоли музаффарият таронасоз ҳастанд.

Мо ҳам дар охири мақолаи худ мегӯем: Зинда бод иди бузурги Якӯми Май! Поянда бод асари нидои: «Ба ҳам пайвандед, ҳамаи ранҷбарони дунё!».

## БА МУНОСИБАТИ ҲАФТАИ ТАШВИҚОТИ ТАЪЛИМИ АСКАРӢ [385]

Аскар пеш аз ин чӣ буд ва баъд аз ин чӣ хоҳад шуд?

Маълум аст, ки дар замони истибдоди императорӣ дар мамлакатҳое ки ҳанӯз аз ин пешаи разилаи ҷаҳонгирӣ боқист, аскар иборат аз машина аст, ки ӯро вукалои ҷаҳонгирон ва намояндагони сарват ва сармоядорон ба кайфу хоҳиши худ метобанд ва дар ҷангу пайкорҳое, ки манфиати он тамоман ба аскари бечора пӯшидааст, ғайр аз хуни худ, хуни банӣ навъи худ ва ҳамсинфи худро рехтан дигар чизе ба назараш намеояд, меандозанд.

Баъд аз он ки аз ин маъракаи одамхорӣ ғолибан ё мағлубан баромаданд, аскари маҷрӯҳи мафлукшударо [386] аз тамоми ҳуқуқи инсонӣ маҳрум карда, дар гӯшаи навмедӣ ва нисьён меандозанд, ҳатто ба дари боғҳои умумӣ ба даромадгоҳҳои нузҳатгоҳҳои босафо ба лавҳаҳои бузург ба хати ҷалӣ калимаи:

«Аскар ва сагро дар ин ҷо роҳ нест» навишта мегузоранд. Яъне аскарро, ки зубдаи навҷавонони ватананд, баробари саг мешуморанд.

Ҳатто дар ҷойҳое, ки даромадани аскар ва саг мамнуъ аст, сагҳои оқоёни мӯҳтарам, ба поймардии соҳиби худ бор меёбанд, аммо аскари бечора маҳруми абадист.

Ин аст вазифаи аскарӣ ва қадру қимати аскарӣ дар олами сарват ва сармоядорӣ.

Аммо дар олами фақру иштирок ва дар дунёи заҳмат ва ранҷбарӣ вазифаи аскарӣ, қадр ва манзалати аскар тамоман дигар аст.

Чунончи мо дар Русияи Шӯрой ба чашми худ мебинем, ки аскарони сурх аз мӯҳтарамтарин рафиқони ҳамватан ба шумор меравандд. Дар вақти таълим ҳамчунон ки эшонро машқи ҷанг ёд медиҳанд, инчунин ба маънавиёташон тараққӣ дода хат, савод ва соири лавозимоти олами инсоният ва маданиятро ба эшон меомӯзанд. Ба аскар тамоми ҳуқуқи худаш ва ҳуқуқи инсониятро ёд дода, ӯро фоили мухтор [387] сохта аз маҷбури мутлақӣ бароварда ба майдон меандозанд.

Ҳамин сабаб буд, ки бо вуҷуди тангии аҳвол ва зиқии маишат аскарони сурх ҳамаи душманони олами инсониятро аз ҳам пошида ранҷбаронро ба музаффарияти узмо [388] расониданд.

Лекин ин тадбир ҳам дар бораи аскарӣ муваққатист. Баъд аз он ки тамоми душманони инқилоб маҳв шуда дунёи ранҷбарӣ аз суиқасди сарватдорони олам эмин гардид, ба аскар ҳеҷ эҳтиёҷ намеафтад. Зеро олами ранҷбарӣ қасди ҷаҳонгирӣ ва нияти сармоя гирдоварӣ надорад, ки ҳамсинф ва ҳамнавъи худро ба газармаҳо [389] боздорад. Барои интизом ва тартиби дохили дастаи милиция басандааст, он ҳам аз ҷавонони талабгор ба тариқи ихтиёрӣ ҷамъоварӣ карда мешавад.

Лекин аз он ҷое ки ҳеҷ гоҳ аз нияти бади душманон эминӣ нест, аз ғайри он ки ба газармаҳо ҷамъ шуда аз хонаводаи худ дур ва аз пешаю ҳирфат ҷудо шаванд, лозим аст, ки ҳамаи ҷавонони ватан аз олами аскарӣ хабардор ва илми ҷангу пайкорро доро бошанд.

Инак ҳамин қоида ва қонуни нави аскарӣ дар ватани иҷтимоии мо аз имрӯз эътиборан қадам мегузорад

Ҷавонони ватанро лозим аст, ки аҳамияти ин қоидаи навро хуб фаҳмида, ба ҳамаи рафиқон ба хубӣ фаҳмонанд.

Дар ин қоида ҳар ҷавон аз синни понздаҳсолагӣ аз ғайри он ки ба тазармаҳо равад ва аз хонаи худ дур шавад, рӯзе ду ё се соат ба майдони машқе, ки дар наздикии истиқоматгоҳаш ҳозир карда мешавад, омада илми ҳарб ва ҳаракати аскариро машқ мекунад.

Дар ин кор аз ғайри тааб ва ташвиш ҳамчунон ки як илми бузурги муқаддаси лозимаи ҳаёт ва зиндагониро ёд мегирад, сиҳҳат ва қуввати худро ҳам ба камол мерасонад.

Маълум аст, ки аз беҳаракатӣ, ё аз ҳаракатҳои ғайри мунтазам ва корҳои хилофи қонуни табиат ва ҳифзуссиҳҳат аз саде чанд нафар ҷавонони ватан ба касали сил гирифтор гардида, зиндагониро дар аснои ҷавонӣ падруд мегӯянд. Боқимонда заиф, ранҷур, алил ва камқувват шуда, умри худро ба беморӣ ё ба зиндагие ки кам аз беморӣ нест, мегузаронанд.

Ба сабаби таълимоти ҳарбӣ, ки мувофиқи ҳифзуссиҳҳат аст, ҳамаи ин таҳлукаҳо барҳам хӯрда, як гурӯҳ ҷавонони шуҷои қаҳрамони комилуссиҳҳаи девбанди шергир ба майдон меоянд.

Зинда бод таълими умумии ҳарбӣ!

Поянда бод ҷавонони комилуссиҳа!

Нест бод ранҷурӣ ва алилӣ!

## МУБОРИЗА ДАР РОҲИ КИШТУКОР [100]

Диёри иҷтимоии мо баъд аз муҳорибаи хунини сесолаи инқилобӣ ниҳоят аз дастбурди сармоядорон ва иртиҷопарастон наҷот ёфта, ба соҳил саломат баромад, лекин дар натиҷаи муҷодилоти дохилӣ ва муҳориботи ҷаҳонгирӣ пайкари иқтисодии ватанамон аз ҳам пошид. Агар мо «инқилобро аз дасти душманон халос кардем» гуфта дар гӯшаи фароғат ва танбалӣ ором гирем, бар худ ва бар ватани иҷтимоии худ хиёнаткарда ба шумор меравем. Моро лозим аст, ки шаб то рӯз ором нагирифта дар пайи таъмири вайрониҳои иқтисодӣ кӯшиш намоем. Хусусан дар роҳи киш-

тукор ва деҳқонӣ, ки ба манзалаи[390a] ҳаёти диёри мост, бояд ки саъйи мавфур[391] ба кор барем.

Сабаб ҳамин аст, ки имсолро дар тамоми мамлакати васеи Русияи Шӯрой соли мубориза дар роҳи киштукор меноманд. Алҳақ назар ба мулоҳизоте, ки харрӯза ба рӯзномаҷот ворида мекунем, дар ҳар гӯшаи кишвари мо як муборизаи қаҳрамонона аст, ки дар роҳи зироат ва фалоҳат меравад. Дар ҳоле ки фиркаи иштирокиюн раҳбарӣ мекунад, ҳамаи ранҷбарони Русияи Шӯрой машғули киштукоранд. Шиорашон ин аст, ки. «як каф замин бояд ки нокишта намонад!» Ҳукумати Шӯрой ҳамаи ҳиммати худро масруфи ёрмандии деҳқонон намуда дар доираи имкон ва иқтидораш дар ривоҷи зироат ва фалоҳат мекӯшад. Баъд аз он ки бо давлатҳои беруна роҳи мубодилаи амвол кушода гардид, нахустин чизе ки аз хориҷ ҷалб карда мешавад, асбоб ва олоти зироат аст. Ин аҳвол то куҷоҳо ба шиддат рафтани ин муборизаро ба мо нишон медиҳад.

Ҳукумати марказӣ тақсимоти ғаллотро аз миён бардошта, дар ивази он андози муайяни мӯътадиле қарор дод. Ин низ яке аз асбоби тарвиҷи зироат аст.

Аз хабарҳои ворида маълум мешавад, ки тамоми деҳқонони Русия ба аҳамияти ин мубориза пай бурда дар роҳи киштукор бо ғайрати зиёд кӯшиш дорад. Деҳқонони Туркистон ва Самаркандро низ лозим аст, ки бо ҷиддияти тамом ба кор шурӯъ карда дар мубориза ба роҳи зироат иштирок намоянд. Ин мубориза махсуси деҳқонон набуда, ҳамаи ранҷбаронро шомил аст. Рафиқонеро, ки имрӯз ба давоири ҳукумат машғули хидматанд, ё дар дастгоҳҳо ва корхонаҳо умрашон масруфи ранҷбарист, лозим аст ки ба қадри имкон дар ин мубориза иштирок намоянд Ҳар чанд аз хидматҳои расмии худ фурсати холӣ ва зиёд надоранд, боз метавонанд, ки як хонавор заминро ба тариқи бозӣ бо каланд нарм намуда, қадаре себи заминӣ,[392] ё худ сабзӣ (зардак) ва пиёз бикоранд. Ҳамин ҳам аз ҷумлаи иштирок ба муборизаи деҳқонӣ ба шумор меравад. Ҳар як ранҷбаре ки асосан пешаи ӯ деҳқонӣ нест, агар ҳашт пуд себи заминӣ, ё сабзию пиёз сабз кунонад, дар ҳолате ки ба пешаи

асоси ӯ ҳеҷ халал ва зиён намерасад, мамлакатро миллионҳо пут себи заминӣ, ё сабзию пиёз меафзояд.

Аммо ононе ки асосан пешаашон зироат аст, бояд як ваҷаб замини доштаашонро холӣ нагузошта чизе бикоранд. Аз он ҷо ки имсол қоидаи тақсимоти озуқа аз миён рафта, манфиати ин мубориза аввалан оиди ҳамон корандааст, дар ин сурат ба замми он ки коранда шахсан ва биззот манфиат мееёбад, мамлакат ҳам аз камии хӯрокӣ раҳои мебинад. Пас ҳамаи ранҷбаронро лозим аст, ки ҳам барои манфиати хусуси худ, ҳам барои манфиати умуми ҳамватанон дар ин мубориза бетараф намонанд.

Зинда бод деҳқонӣ ва ривоҷдиҳандаи ӯ!

## ЭРОН ВА ИНҚИЛОБИ ШАРҚ[392а]

Баъд аз кашмакаши чандинсола, оқибат дар Эрон ҳам табаддули ҳақиқӣ ва инқилоби самимӣ ба амал омад. Маълум аст, ки аз ибтидои инқилоби Эрон, ки дар авохири аҳди Носириддиншоҳ дар садади буруз омада, пас аз қурбониҳои бисьёр ба халъу тарди Муҳаммадалишоҳ ба дубора кушода шудани маҷлиси миллӣ қадаре ҷойгир шуда буд, фирқаи демукротии Эрон хеле корҳои намоён карда омад. Аз он ҷо ки давлатҳои ҷаҳонгири дуньё, билхосса давлати мустабиддаи Рус ва Англис саломати давлати Эронро намехостанд, билъакс ободии худро ба харобии Эрон медонистанд, аз дохил ва хориҷ ба сари роҳи инқилобкорони Эрон садд ва сакта ворид оварда, ҳар рӯз як бозии дигар эҷод мекарданд.

Илова бар ин ки ин ду давлатҳои ҷаҳонгир Эронро чун хонаи аз падарашон ба мирос монда тақсим карда буданд, ҳукумати Эронро, ки ҷуз номе беш намонда буд, ба аҳдномаҳои мутааддида дар зери борҳои хеле сангин андохта буданд. Худо нокарда агар он авзоъ дар дуньё бист соли дигар бардавом мемонд, аз Эрон нишоне ҷуз дар саҳифаҳои таърих намемонд.

Ҳарчанд дар натиҷаи инқилоби бузурги Русия тасаллути ҷаҳонгирони Русия аз Эрон бартараф шуда буд, давлати Англис барои тамом фурӯ бурдани ин хоки пок чораҳо медид. Чунончи пеш аз ин ду сол,

давлати Англис танҳо ба минтақаи ҷанубии Эрон қаноат нокарда, аз Теҳрон гирифта то Рашт, аз Машҳад гирифта то Табрез феълан ба зери ишғоли аскарии худ даровварда ба мутлақияти тамом ҳукмронӣ мекард. Он оқоён ки инони ихтиёри ҳукумати Эронро ба дасти худ гирифта буданд, худро ғуломи хоназоди давлати Британиё шумурда ба ҳар таҳаккум ва тағаллуби ӯ ҷуз фармонбардорӣ коре надоштанд. Эшон бад-ин восита шиками худро сер ва кисаи худро пур мекарданд. Барои эшон фарқе надошт, ки Эрон вайрон шуд, ё обод, ранҷбар гурусна монд ё сер...

Аз он ҷо ки ин зарпарастон монанди худ шикампарастонро Одам сохта, дар миёни партияҳо, фирқаҳо андохта буданд, фирқаҳои сиёсии Эрон, ки асосан барои тахлиси ватани худ таъсис ёфта буданд, софияти ахлоқии худро аз даст дода, бад-ин ҳоли пурмалол ҷораи ҷудоӣ намедиданд, ё дида наметавонистанд. (Чунончи рӯзномае ки дар Машҳад нашр мешуд, ба фирқаи демукротии Эрон хитобномаҳо нигошта, барои покиза намудани фирқа аз ашхоси соҳибғараз ба фарьёд даъват мекард).

Ҳамоно дар зарфи ин ду соли охирӣ фирқаи демукротии Эрон аз ашхоси соҳибғараз тамоман пок гардид, ки имсол кори ҳукуматро ба дасти худ гирифта ба як азми инқилобкорона тадбирҳои ҷиддӣ ба кор бурд:

Аввалан, тамоми сарватдорон ва ҳукмронон тақрибан ҳазор нафарро, ки киса ва косаи худро аз дастранҷи деҳқонон ва ранҷбарони Эрон пур карда буданд, ба мусодира кашида, амволашонро ба манфиати хазинаи миллат забт намуд.

Дуввӯм, дар сиёсати хориҷии худ курсии мустаҳкаме ниҳода покиза кардани хоки Эронро аз тасаллути аҷнабӣ ва ҷаҳонгирон ба худ дастуруламал қарор дода, феълан ба кор шурӯъ кард. Ҳамин аст, ки мо ҳаррӯза дар рӯзномаҳо аз хоки Эрон ҳиҷрат кардани англисҳоро хушбахтона мутолиа мекунем.

Саввӯм, ба Ҳукумати Шӯроии Русия, ки абадан нияти ҷаҳонгирӣ надорад ва тахлиси аҳолии Шарқро ба худ дастуруламал қарор додааст, аҳди дӯстӣ

барбаста, гардани Эронро аз имтиёзот ва аҳдномаҷоти ҳукумати собиқаи Русия халос кард.

То ба чӣ андоза самимона ба кор шурӯъ кардани ҳукумати демукротии Эрон аз фиқраи зер ба хубӣ равшан мешавад:

Як рафиқи эронӣ аз намояндаи расмии Эрон нақлан ба идораи мо хабари зайлро дод:

Вақте ки Саид Зиёуддин[393] кори ҳукуматро ба дасти худ гирифта кобинаи[394] нав таъсис мекунад, ба сарватдорони моли мардумхор ва ба ҳукуматдорони хиёнаткор тазминотҳои сангин андохта меситонад, аз ин ҷумла Мӯҳташамуссалтана ва Фармонфармоеро,[395] ки дар аҳди ҳукумати зоила Эронро яғмо карда буданд, ба ҳабс гирифта аз эшон низ тазминоти бузурге мутолиба менамояд.

Аз он ҷо ки ин ду оқои бузургвор аз адои тазминот ибо менамоянд, сарой ва кошонаашонро тафтиш ва забт намуда тамоми амлокашонро мусодара мекунанд. Дар вақти тафтиш аз хонаашон мисли тир, борут, туфанг, пулемёт ва хеле асбоби ҷанг ва муҳориба пайдо мешавад, аз қароин[395a] ва далоил маълум мегардад, ки эшон асбоби ҷангро омода карда ба муқобили ҳукумати ҳозира дар садади хуруҷ ва хиёнат будаанд. Табиӣ, дар натиҷаи ин ҳол ҳукумат дар бораи эшон хеле сахтгирӣ мекунад.

Дар ин асно вазири хориҷияи давлати Англис ба ҳукумати Эрон муроҷиат намуда, озодии ин ду мутгаҳамро хоҳиш мекунад ва мегӯяд ки: «Модом ки вуҷуди ин ду нафар ба сиёсати ҳукумати ҳозираи Эрон зарарнок аст, аз хоки Эрон тард карда шаванд».

Ҳукумати Эрон ба ҷавоб мегӯяд: «Илтимос ва хоҳиши шуморо дар бораи ҳар шахс қабул мекардем, мааттаассуф ин ду нафар, ки шумо даъвии дӯстиашонро карда ба тахлисашон мекӯшед, дуздони ватани моанд. Бинобар ин дар ин бора хоҳиши шуморо пазируфта наметавонем. Афв фармоед!»

Пас аз субути ҷиноят ва хиёнаташон Мӯҳташамуссалтана ва Фармонфармоеро тирборон мекунанд.

Аз ин ҳикоят ба хубӣ маълум мешавад, ки ҳукумати ҳозираи Эрон хеле соҳибазмона ба кор шурӯъ кардааст.

Аз он ҷо ки ҳукумати Эрон як давлати кадимаи шаркӣ ва исломист, ҳам хоки Эрон ба нофи олами ислом ва Шарк вокеъ шудааст, аз табаддули Эрон инкилоби Шаркро феълан вокеъшуда ангорем, ҷой дорад.

Зинда бод Эрон ва инкилоби Шарк!

## ДАР МИЁНАИ ҶАҲОНГИРОН ВА САРВАТДОРОН [illegible]

Дар рӯзҳои охирӣ ракобати миёнаи ҷаҳонгирон хеле оташрез аст. Зотан ин гурӯҳи озпараст барои таксими манфиат муттафикона ҳаракат карда натавонистанашон муҳаккак буд.

Баъд аз он ки давлатҳои муттафиқ Олмонияро ба кабули шароити аҳдномаи Версал маҷбур карданд, Англис, ки ҳаристарин ва чашмгуруснатарини эшон аст, барои бисьёртар манфиатбардор шудан ҳилаҳо ангехтан гирифт, ба Олмонияи маглуб ва асиршуда наздикӣ ҷуста, зимнан як муковолаи тиҷоратӣ ва иктисодиро аз ғайри ин ки ба рафикони худ хабар диҳаде, имзо кард. Пайдост, ки дар натиҷаи ин аҳднома тамоми сарвату сомони Олмония ва фоидаи дастранҷи миллати ҷирмон [illegible] насиби англисон хоҳад гардид. Одатан, дуздро каракчӣ зад.

Муттафики дигар, ки Франсия аст, ин бозии дӯсти холиси худро ҳазм карда натавонист. Ӯ низ ба навбати худ роҳи хадъа ва найрангро пеш гирифт, китъаи Силезияи Боло, ки полокҳо дар он ҷо чашм андохта буданд, ба ёрмандии Франсия ба мукобили Олмония фитнаҳо эҷод карданд. Рӯзномаҷоти Англис ҳама санадҳоро, ки ба фитнаҷӯии Франсия дар бораи масъалаи Силезия оид буд, нашр карда, Франсияро ба хиёнат нисбат доданд, ба ҷавоби такзибҳое [illegible], ки дар ин боб давлати Франсия намуд, вазири Англис изҳори таассуф кард.

Дар ин рӯзҳо барои тасфияи ин масъала садри аъзами Франсия бо вазири Англис мехоҳад сӯҳбат намояд. Натиҷаи ин мусоҳаба чӣ мешавад? Ба зудӣ хоҳем фаҳмид. Ба ҳар ҳол аз як гиребон сар баровардани ин ҳарисон басе мушкил аст.

Моддаи ихтилоф танҳо масъалаи Олмония ва Си-

лезия нест, балки масъалаи Усмонӣ низ сабаби як ихтилофи бузург аст.

Англис мехоҳад, ки аҳдномаи Севарро дар ҳакки туркон бераҳмона ичро намояд, аммо Франсия ба туркон мусоидакорона муомила карданро ба манфиати худ карибтар меёбад.

Дар миёнаи Англис, Епуния ва Амрико низ як ихтилофи бузург дар садади буруз ва зуҳур аст.

Маълум аст, ки вакте ки Олмония аз саҳнаи дуньё як сӯ шуд, Англис дар мукобили худ ба як вазъияти ракибона ва душманонае давлати Амрикоро дид. Давлати Амрико дар аснои муҳорибаи чаҳон тамоми сарват ва сомони дуньёро дар чазоири худ чамъ карда, асбоби харбии худро, билхосса кувваи баҳрӣ ва киштиҳои чангиро ба дарачае ки Англисро дар даҳшат меандозад, зиёд кард.

Давлати Англис барои панча андохтан ба ин ракиби нав низ ҳозирӣ мебинад.

Дар хусуси масъалаи Шарки Дур (Аксои Шарк) миёнаи Епуния ва Амрико дер боз ихтилоф ва ракобат ҳаст. Давлати Англис аз ин масъала истифода карданӣ шуда, мехоҳад, ки ба Епуния наздикӣ гузинад. Ачабе нест, ки дар миёнаи Англис ва Епуния дар ин боб аҳдномае ҳам ба амал омада бошад. Мехмоннавозиҳои Епуния генералҳои дарунсиёҳи русро бе сабабе нахоҳад буд.

Аз ин аҳвол ба мо ҳамин кадар маълум мешавад, ки чаҳонгирон ва сарватдорон ҳеч гоҳ аз моли дуньё сер нахоҳанд шуд ва ҳеч вакте ин окоён барои бисьёртар манфиатбардор шудан аз рехтани хуни банӣ навъи инсон ва аз исроф кардани ҳосили дастранчи ранчбарон даст нахоҳанд кашид. Илло, вакте ки тамоман аз саҳнаи дуньё бо точу тахти худ махву нобуд шаванд.

Оре, дар натичаи ин ноҳаккориҳо тамоми ранчбарони дуньё, балки тамоми фарзандони одам ба як шӯри интикомчӯёна бархоста, дуньёро аз хошоки вучуди ин окоён пок карда, инсонияти хакикиро дар арсаи зуҳур хоҳанд овард.

Ҳамин хоҳад шуд натичаи хирсу ози чаҳонгирон!

## ДАР МАЙДОНИ МУҲОРИБАИ ТУРК ВА ЮНОН[398]

Муҳорибаи Турк ва Юнон, ки дер гоҳ боз давомат дошт, дар рӯзҳои охирӣ ба манфиати Туркия хеле касби шиддат кард. Аз он ҷо, ки ин муҳориба дар паси муҳорибаи ҷаҳон ва дар аснои инқилоботи иҷтимоӣ ва сиёсии дунъё воқеъ шуд, ҳам воситаи расидани ахбор ва тилгирофот интизомоти куллӣ надорад, як дараҷа аҳамияташ аз назарҳо пӯшида буд.

Дар ин рӯзҳои охирӣ рӯзномаҷоти Қрим ва Қавқоз, ки хабарҳоро бевосита аз ҷароиди Истанбул ва Анқара мегиранд, ба идораи мо расид, ки хеле майдонҳои хунин барпо шуданро маълум мекунад.

Маълум аст, ки баъд аз анҷумани Лӯндун ғолибан ба фармоиш ва ёрмандии давлатҳои муттафиқ юнониён ба муқобили камолчиён[399] як ҳуҷуми башиддат карда ба инҳизом[400] маҷбур шуда буданд.

Юнониён дар паси ин шикаст навмед нашуда, бештар аз пештар ҳозирӣ дида боз ба ҳуҷум оғоз намудаанд. Назар ба нигориши ҷароид, юнониён сесадҳазор нафар аскар ҳозир карда, ба кор шурӯъ карданд. Вазири Юнон Ғунорис ба хитобае ки дар Офина[401] ба маҷлиси миллӣ хонд, ба ғалаба умедвор буданн худро баён кард. Лекин ин бор ҳам толеъ ба юнониён ёрмандӣ накард. Аз хабарҳое ки дар моҳи май дода шудааст, сар то сар аз шикасти юнониён ва ғалабаи туркон иттилоъбахш аст. Аз як хабар маълум мешавад, ки камолчиён ба масофати сӣ версти[402] шаҳри Измир расида ба қувваи куллии Юнон даҳшат мерасонанд. Ҳатто чопариёни турк ба атрофи шаҳри Измир тохтутоз мекунанд.

Юнон натанҳо дар зери фишори қувваи Она-тӯлӣ аст, балки аз тарафи Арнавудистон низ ба муқобили юнониён ҳуҷум ва таҷовуз оғоз шудааст. Вазири ҷангии ҳукумати Арнавудистон Салоҳиддинбег, ки аз собиқ маъмурони Туркия аст, барои танзим ва тансики аскари Арнавудистон ҷиддӣ кӯшиш дорад.

Назар ба нигориши «Журнали дуриён»[403] дар Ишкудра, Албасон, Қурпчаворгарӣ аз арнавудон олойҳо[404] ташкил ёфтааст. Арнавудистон ба шунидани хабарҳои ваҳшатномае, ки юнониён дар вақти ҳуҷуми

гуд ба мусулмононе ки дар Эскишаҳр раво дидаи бу-данд, ҷабора бар пой доштааст.

Раиси ҳукумати Арнавудистон Сулаймон Фатҳи-бег «Арнавудистон ба осонӣ сад ҳазор аскар омода карда метавонад» гуфтааст.

Дар Ишкудра ва Албасон барои шунидан оёшии суворӣ мекунанд, шаҳри Ишкудраро бо байрақҳои Арнавудистон ва Туркия тазйин додаанд, нотиқон нутқҳои ватанпарварона гуфта, мардумро ба муқобили юнониён бармеангезанд.

Рӯзномаи франсавӣ «Журнали турийё» аз як шах-се ки ба тозагӣ аз Оқа-гӯлӣ ворид шудааст, нақли «Мутлақан дар миёнаи Арнавудистон ва Анқара муносибат ҳаст» гуфта менигорад. Дар ин даъвои худ шахсе дуруст будани раиси ҳукумати Арнавудис-тон Сулаймон Фатҳибег, вазири ҳарбияш Салоҳиддин-бег ва фармонфармони қабилаи Мамир Нуриддинбегро далел меорад.

Назар ба фикр ва ақидаи мо муносибати Анқара ва Арнавудистон, ки ба ҷабора аз ду тараф дар ҳо-лати ҳуҷуманд, ҳеч далел ва шоҳидро эҳтиёҷ надорад. Арнавудистон бояд нарӯз қатон ҷандинсолаи худро тасфия кунад ва нопад кард.

Фалокати Юнонистон ва ҳамин аст, ки дар боло исбот карда шуд: аз чеҳтачиёни машҳури Туркия Ҷаъфартайёрпошо дар Фракия чеҳтаи махсус ташкил дода, ба муқобили юнониён дар ҳаракат аст. Гуфта мешавад, ки аскари Юнон ва Юнонистон аз се тараф дар тахти таҳдид ва тазйиқ афтодааст.

Дар муҳорибаҳои охирӣ киштиҳои ҷангии Юнон ҳарбии сахт хӯрда «Оворуф» ном киштии бузурги ҳар-бии Юнон аз тарафи ҳамлачиён ба гулӯтоқ (бӯҳрон)-и Измир ғарқ шудааст. Ин хабар низ аз ҷумлаи фало-катҳои бузурги юнониён аст, зеро юнониён дар му-ҳорибаи Балқон ва ҷанги ворхудон сонавӣ ба соя-и «Оворуф» ба Туркия ғалаба карда буданд. Ба ғарқ шудани Оворуф, гуфта мешавад, ки асоси ғалабаи дарьёии Юнон маҳв ва нобуд шуд.

Дар рӯзҳои охирӣ чароид, аз тамоми маҳв ва па-решон шудани қувваи куллии Юнон хабарҳо навишта-анд, ки гуд ба ҳақиқат аст.

Ба муносибати муҳорибаи Юнон ва Туркия аз ҳилабозиҳои давлатҳои ҷаҳонгир хусусан Англис шаммае нигориш ёбад, бемавқеъ нахоҳад буд.

Маълум аст, ки барои қабул кунондани муоҳиданомаи Севар давлатҳои муттафиқ юнониёнро ба муқобили Туркия барангехта ба асбоб, аслиҳа ва роҳбар ёрмандӣ карданд. Юнониён ба сояи ҳимояти зобитон ва корфармоёни давлатҳои муттафиқ ва ба пеши чашми эшон дар Истанбул дар ҳаққи туркон хеле зулм ва ваҳшоният ба кор бурданд. Чун юнониён шикасти куллӣ дида киштии «Оворуф» ғарқ шуд ва дигар ба ғалабаи Юнон умед намонд, давлатҳои муттафиқ дили турконро ба даст гирифтанӣ шуда, ба иборати дигар турконро гӯлзаданӣ шуда худро бетараф эълон карданд, ҳам ҳаққи тафтиши киштиҳои Юнонро дар савоҳили Она-тӯлӣ ва Дарьёи Сиёҳ[408] лағв намуданд. Ин ба-дон мемонад, ки ҳукумати мустабиддаи Русия дар соли 1916 баъд аз сукути Варшав ва заволи Пӯлша мухторият ва озодии полокҳоро эълон карда буд. Мағлубияти юнониён на танҳо мағлубияти юнониён аст, балки ин нишонаи мағлубияти усули ҷаҳонгирӣ ва сармоядорист. Ба сабаби шикаст хӯрдани юнониён дар ҳар гӯшаи Юнонистон аломати ихтилол ва бӯҳрони иқтисодӣ намоён аст. Ба сабаби сафарбарии зиёд ҳама чархҳои иқтисодии мамлакат аз кор монд. Илова бар ин масорифи ҳарбӣ ҳукумат ва аҳолиро муфлис кард. Бо вуҷуди ин ҳама фидокорӣ ва қурбонӣ, чун шикаст насибаи Юнон шуд, табиист, ки як инқилоби сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Юнонистон хоҳад бархост. Инқилоби Юнонистон сабаби инқилоби тамоми давлатҳои Балкан шуда, барои сармоядорони ҷаҳонгир як зарбаи дигар хоҳад зад. Ба ҳар ҳол шикасти Юнон ва ғалабаи туркон далели шикасти золим ва ғалабаи мазлум аст.

## АНДОЗИ ҒАЛЛА ВА ДУККОНИ ҶАМОАТ[409]

Имсол тадбири муҳимме, ки Ҳукумати Шӯро дар бораи ислоҳи озуқа ва иқтисодӣ кард, андози ғалла ва таъсиси дукконҳои ҷамоат[410] аст.

Маълум аст, ки ба сабаби рафъи тақсимоти ғал-

худ ба мусулмононе ки дар Эскишаҳр раво дида буданд, якбора бар пой хостааст.

Раиси ҳукумати Арнавудистон Сулаймон Фаҳмибег «Арнавудистон ба осонӣ сад ҳазор аскар омода карда метавонад» гуфтааст.

Дар Ишқудра ва Албисон барои шуҳадо [405] ойини сӯгворӣ мекунанд, шаҳри Ишқудраро бо байрақҳои Арнавудистон ва Туркия тазйин додаанд, нотиқон нутқҳои ватанпарварона гуфта, мардумро ба муқобили юнониён бармеангезанд.

Рӯзномаи франсавӣ «Журнали дуриён» аз як шахсе ки ба тозагӣ аз Она-тӯлӣ ворид шудааст, нақлан «Мутлақан дар мобайни Арнавудистон ва Анқара муносибат ҳаст» гуфта менигорад. Дар ин даъвии худ шахсан дӯст будани раиси ҳукумати Арнавудистон Сулаймон Фаҳмибег, вазири ҳарбиаш Салоҳиддинбег ва фармонфармои ҷабҳаи Измир Нуриддинбегро далел меорад.

Назар ба фикр ва ақидаи мо муносибати Анқара ва Арновудистон, ки ба якбора аз ду тараф дар ҳолати ҳуҷуманд, ҳеҷ далел ва шоҳидро эҳтиёҷ надорад. Арнавудистон бояд имрӯз хатои чандинсолаи худро тасҳеҳ кунад ва хоҳад кард.

Фалокати Юнонистон на ҳамин аст, ки дар боло иҷмол карда шуд: аз чаттачиёни [406] машҳури Туркия Ҷаъфартайёрпошо дар Фрокия чаттаи махсус ташкил дода, ба муқобили юнониён дар тохтутоз аст. Гуфта мешавад, ки аскари Юнон ва Юнонистон аз се тараф дар таҳти таҳдид ва тазйиқ афтодааст.

Дар муҳорибаҳои охирӣ киштиҳои ҷангии Юнон зарбаи сахт хӯрда «Оворуф» ном киштии бузурги ҳарбии Юнон аз тарафи камолчиён ба гулӯгоҳ (бӯғоз)-и Измир ғарқ шудааст. Ин хабар низ аз ҷумлаи фалокатҳои бузурги юнониён аст, зеро юнониён дар муҳорибаи Балкан ва соири корзорҳои сонавӣ [407] ба сояи «Оворуф» ба Туркия ғалаба карда буданд. Ба ғарқ шудани Оворуф, гуфта мешавад, ки асоси ғалабаи дарьёии Юнон маҳв ва нобуд шуд.

Дар рӯзҳои охирӣ чароид, аз тамом маҳв ва парешон шудани қувваи куллии Юнон хабарҳо нигоштанд, ки пур ба мавқеъ аст.

Ба муносибати муҳорибаи Юнон ва Туркия аз ҳилабозиҳои давлатҳои ҷаҳонгир хусусан Англис шамме нигориш ёбад, бемавқеъ нахоҳад буд.

Маълум аст, ки барои қабул кунондани муоҳиданомаи Севар давлатҳои муттафиқ юнониёнро ба муқобили Туркия барангехта ба асбоб, аслиҳа ва роҳбар ёрмандӣ карданд. Юнониён ба сояи ҳимояти зобитон ва корфармоёни давлатҳои муттафиқ ва ба пеши чашми эшон дар Истанбул дар ҳаққи туркон хеле зулм ва ваҳшонят ба кор бурданд. Чун юнониён шикасти куллӣ дида киштии «Оворуф» ғарқ шуд ва дигар ба ғалабаи Юнон умед намонд, давлатҳои муттафиқ дили турконро ба даст гирифтанӣ шуда, ба иборати дигар турконро гӯлзаданӣ шуда худро бетараф эълон карданд, ҳам ҳаққи тафтиши киштиҳои Юнонро дар савоҳили Она-тӯлӣ ва Дарьёи Сиёҳ [408] лағв намуданд. Ин ба-дон мемонад, ки ҳукумати мустабиддаи Русия дар соли 1916 баъд аз сукути Варшав ва заволи Пӯлша мухторият ва озодии полокҳоро эълон карда буд. Мағлубияти юнониён на танҳо мағлубияти юнониён аст, балки ин нишонаи мағлубияти усули ҷаҳонгирӣ ва сармоядорист. Ба сабаби шикаст хӯрдани юнониён дар ҳар гӯшаи Юнонистон аломати ихтилол ва бӯҳрони иқтисодӣ намоён аст. Ба сабаби сафарбарии зиёд ҳама чархҳои иқтисодии мамлакат аз кор монд. Илова бар ин масорифи ҳарбӣ ҳукумат ва аҳолиро муфлис кард. Бо вуҷуди ин ҳама фидокорӣ ва қурбонӣ, чун шикаст насибаи Юнон шуд, табиист, ки як инқилоби сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Юнонистон хоҳад бархост. Инқилоби Юнонистон сабаби инқилоби тамоми давлатҳои Балкан шуда, барои сармоядорони ҷаҳонгир як зарбаи дигар хоҳад зад. Ба ҳар ҳол шикасти Юнон ва ғалабаи туркон далели шикасти золим ва ғалабаи мазлум аст.

## АНДОЗИ ҒАЛЛА ВА ДУККОНИ ҶАМОАТ [409]

Имсол тадбири муҳимме, ки Ҳукумати Шӯро дар бораи ислоҳи озуқа ва иқтисодӣ кард, андози ғалла ва таъсиси дукконҳои ҷамоат [410] аст.

Маълум аст, ки ба сабаби рафъи тақсимоти ғал-

ла, ки як тадбири муваққат буд ва вазъи андози ғалла, ки як амри табиист, кори деҳқонӣ ба як интизоми муайян даромада, боиси гармҷӯшии деҳқонон гардид.

Ба сабаби таъсиси дукконҳои ҷамоат, ки восита мешавад миёни деҳқон ва ранҷбарони шаҳрӣ ва вазъи қонуни тоза барои озуқа як зарбаи бузурге ба сари ҳаннотон ва рибохорон [411] зада шуда, коргарони шаҳрӣ ва деҳқонони саҳроӣ аз дасти фиребгарони бозорӣ халос хоҳанд шуд.

Барои он ки аҳамияти ин тадбироти тоза ба хонандагони гиромӣ ба хубӣ маълум гардад, мо мехоҳем дар ин бора қадаре тафсил ба кор барем.

Маълум аст, ки дар вақти тақсимоти ғалла деҳқонон ба якдигар кафил ва зомин буданд, яъне як миқдор ғалла, ки ба як деҳ ё ҷамоат аз тарафи ҳукумат аз рӯи тақсимот андохта мешуд, ҳар кадом аз он аҳолии деҳ ё ҷамоат то тамом шудани адои он миқдор ба ғаллаи худ худ соҳиб шуда наметавонистанд. Агар яке аз ин ҷамоат саҳми худро дода адо мекард ҳам, боз кафил ва зомини ҳамсоя ва ҳамдеҳи худ буд. Агар фаразан баъзе аз он ҷамоат саҳми худро дода наметавонистанд, такрор аз он ашхосе, ки пеш аз ин додаанд, лекин дар анборашон ғаллаи зиёдатӣ доранд, гирифта мешуд.

Аммо дар андози табиӣ, ки имсол вазъ карда шуд, кафолат ва замонати мазкура нест. Ҳар кадом деҳқон, ки андози саҳми худро медиҳад, ба боқии ғаллоти худ, камокон [412] худ соҳиб мешавад, ба ҳар кию ба ҳар куҷо хоҳад, мефурӯшад ва сарфи эҳтиёҷоти худ менамояд ва барои халос кардани худ ва бародарони ранҷбари худ аз дасти ҳаннотон ва ҳилагарони бозорӣ бақияи ғаллоти худро ба анбори ҳукумат ва ба дукконҳои ҷамоат бурда ба молу матоъҳое ки лозим дорад, муовaза менамояд.

Як фарқи андози табиӣ аз тақсимот дар бисёру кам будани андоз аст (аз тақсимот тақрибан нима).

Азбаски Ҳукумати Шӯроӣ дар се соли гузаштаи инқилоб ба муҳориботи хориҷӣ ва дохилӣ маҷбур шуд, ночор Асокири Сурхро зиёд ҷамъ карда ҳамаи эшонро ва ранҷбарони корхонаҷотро танҳо ба восит-

таи тақсимот озуқа медод. Табиӣ, ин кор ба бародарони деҳқон хеле душворӣ дошт. Лекин ҷуз ин дигар чорае набуд. Бинобар ин Ҳукумати Шӯроӣ, ба деҳқонон душвор бошад ҳам, ба он тадбири муваққат иқдом карда буд.

Акнун тамоми душманони инқилоб маҳв ва нобуд шуданд, бисьёре Асокири Сурх ҳам озод шуда ба хидматҳои киштукор ва саноат машғул гардидаанд. Ба-дин восита сарфи озуқа хеле кам шуд. Аз ин ҷиҳат андозро аз тақсимот ниме кам карда шуд.

Ранҷбароне, ки пеш аз ин як миқдори муайяни озуқа аз ҳукумат гирифта ба ҳамон қаноат мекарданд, пас аз ин аз рӯи қонуни тозаи озуқа нимаи озуқаи собиқаашонро аз ҳукумат гирифта бақияи эҳтиёҷоти маишати худро ба воситаи дукконҳои ҷамоат таъмин хоҳанд кард. Ин низ барои кам кардани андози ғалла як сабаби дигар шуд.

Аммо аҳамияти дукконҳои ҷамоат аз ҳадди тахмин берун аст:

Маълум аст, ки хонаи деҳқон ва ранҷбарро ҳилагарони бозор ва ҳаннотони анбордор месӯзанд. Ин муфтхӯрон дар аснои фаварони ғаллот ва ҷамъи маҳсулот хосили дастранҷи деҳқононро ба нархи дилхоҳи худашон аз дасти эшон гирифта захира менамоянд ва инчунин молу матоеро, ки ранҷбарони шаҳрӣ ҳозир менамоянд, низ ба нархи хеле арзон гирифта, дар анбор меандозанд. Баъд аз ин на инсоф, на адолат, ки мунтаҳои он даҳ-ёздаҳ аст, ба иборати дигар даҳ фоиз аст, мефурӯшанд, балки ба саде дар сад ҳам қаноат нокарда, то тавонанд ба яке дар сад мефурӯшанд.

Табиист, ин боригарон ба гардани деҳқони саҳроӣ ва ранҷбари шаҳрӣ меафтад. Зеро деҳқон, масалан, ба сад ҳазор сӯм гандум фурӯхта, дар бадали он молеро, ки лозим дорад ва он молро ранҷбари шаҳрӣ, масалан, ба панҷоҳ ҳазор сӯм фурӯхтааст, ба сад ҳазор сӯм мехарад, яъне деҳқон дар ҳамин хариди худ панҷоҳ ҳазор сӯм ба ҷанобй баззоз, ки дар бозор барои дафъи эҳтиёҷи мардум нишастаанд, хироҷ медиҳад, инчунин ранҷбар ҳам молу матоеро, ки худ сохта ва бофтааст, ба анбордор фурӯхта, дар бада-

лаш гандумеро, ки деҳқон ба сад ҳазор сӯм фурӯхта буд, ба дусад ҳазор сӯм харида дафъи ҷӯъ[413] ва садди рамақ[414] менамояд. Яъне ранҷбар низ ба ҷаноби бозорӣ сад ҳазор сӯм боҷ медиҳад.

Инак ягона чораи халосӣ аз ин муомилоти хонумонсӯз дукконҳои ҷамоат ва анборҳои маҳсулот ва матлубот аст. Дукконҳои мазкур ба ёрмандии ҳукумат ва иштироки ҷамоат молу матоеро, ки ҳар деҳқон лозим дорад, ҷамъ мекунад ва ба тариқи муваза ба ғаллоте, ки ранҷбари шаҳрӣ эҳтиёҷ дорад, иваз менамояд. Ба-дин восита, ҳам деҳқон, ҳам ранҷбар аз ғайри он ки ба ҳилагарони бозорӣ бозича шуда боҷу хироҷдеҳ бошанд, ба матлуботи худ мерасанд.

Илова бар ин тадбир бозор низ барои умум кушодааст. Қасе ки ба адлу инсоф хариду фурӯш мекунад, як садди рамақ хоҳад кард.

Аммо ба касони ҳаннот ва анбордорони ноинсоф баъд аз ин тадбир дар бозор роҳ нахоҳад монд ба ду сабаб:

Сабаби аввал он, ки баъд аз таъсиси дукконҳои матлубот ва умумӣ шудани он ҳеҷ ранҷбар ва ҳеҷ деҳқон дидаю дониста дар дасти бозориён нахоҳад афтод. Яъне бозориён ба замми ноинсофӣ бо дукконҳои ҷамоат рақобат карда натавониста, маҷбуран ба сари инсоф хоҳанд омад.

Сабаби дуввум ин ки баъд аз он ки ҳукумат эҳтиёҷи мардумро ба воситаи дукконҳои матлуботи ҷамоат таъмин кард, ба он ашхосе, ки ба ҳилаю найранг мол, матоъ, ғаллаю донаро дар анборҳо захира карда, дар садади қаҳту ғало меафтанд, ҷазои сазоворашонро хоҳад дод.

Акнун як вазифаи бузург ба гардани деҳқонони саҳроӣ ва ранҷбарони шаҳрӣ ҳаст, ки ба адои ин вазифа тадбироти мазкура ба зудӣ натиҷапазир хоҳад шуд. Вазифа ин аст, ки деҳқон ва ранҷбар имрӯзро ба фардо нагузошта, бояд ки барои ба амал овардани ин тадбирот кӯшиш карда аз ин тартиботи тоза ва қонуни нави озуқа истифода намоянд.

Ҳамин аст сусиализм ва коммунизм.

## МАСЪАЛАИ МАОРИФ ВА КИТОБ[415]

Маълум аст, ки асоси тараққӣ ва тамаддуни ҳар миллат ва қавм вобаста бар маориф ва макотиб аст. Масъалаи маориф нисбат ба Туркистони мо, ки солҳои дароз боз ба ғафлат ғунуда аст, зиёдтар аҳамият пайдо мекунад. Туркистоне, ки аз фунуни ҷадида ва аз таърихи олам, аз муҷоҳада ва муборизаи сунуф[416] ва билҷумла аз тамоми вуқӯоти дунёи кӯҳна ва нав билкуллия бехабар буд, бояд ба воситаи макотиб огоҳӣ ёфта ба майдони инқилоб як насли ҷадид расонад. Ҳамин сабаб буд, ки Ҳукумати Шӯроӣ «ҳама чиз барои мактаб аст»-ро ба худ шиор қарор дода, дар нашри маориф кӯшиш намуд ва менамояд. Дар воқеъ Туркистон дар ин чаҳорсолаи инқилоб дорои хеле муассисаҳои илмӣ ва соҳиби фавҷҳо муаллим ва мутааллим гардид. Дар Туркистон то биёбонҳои қирғиз ва қазоқ аз шарбати маориф, кам ҳам бошад, баҳраёб шуданд. Аммо шаҳрҳо ва деҳаҳои ободро таронаҳои шогирдони мактабӣ ғул-ғулаандоз аст. Ҳукумат дар бораи таъсиси макотиб ва бунёди асбоби он мисли курсӣ ва лавҳаи таълим ва расондани муаллим хеле кӯшишҳои ҷиддӣ ба кор бурд ва мебарад, ки шоҳидаш пеши назари мо ба майдон муҷассам истодааст.

Лекин ба назари таҳқиқ бингарем, авлоди Туркистон аз ин макотиб ба қадри гумони халқ ва орзуи Ҳукумат баҳраманд нагардиданд. Ба ин ду сабаб ҳаст: яке — камтаҷрибагии муаллимон, дуввӯм, бекитобист.

Камтаҷрибагии муаллимин як амри табиист, ки ба мурури айём кам-кам зоил хоҳад шуд. Чунончи, муаллимине, ки дар авоили инқилоб ба маслаки таълим даромада буданд, имрӯзҳо хеле соҳибтаҷриба шуданд, ононе, ки пастар дар ин маслак қадам ниходаанд, пастар соҳиби таҷриба хоҳанд шуд. «Таҷриба» ба қонуни тадриҷ вобастааст.

Аммо сабаби дуввӯмӣ, ки бекитобист, сабаби асосии адами истифода аз макотиби ҳозира аст. Ҳарчанд масъалаи китоб чанд бор ба сафҳаи матбуот музокара ёфт, модом ки ҳанӯз китоби кофӣ ба май-

дон наёмадааст, такрор музокараи ин масъалаи мухиммаро аз аҳамми матолиб медонем. Ҳар сол дар бораи ин масъала музокараҳо мешавад, қарорҳо пазируфта мегардад, ҳайъатҳои таълиф ва тарҷима ташкил мeёбад... Ҳанӯз як асари намоёне ба майдон намеояд.

Имсол аз ҳарсола ҷиддитар ба кор шурӯъ карда шуда дар марказ (Тошканд) аз тарафи Комиссариёти маорифи Туркистон як «ҳайъати илмӣ» таъсис карда шуда, ба ҳисоби ин ҳайъат маблағи бузурге ҳам тахсис гардид. Аз қарори шунид маълум мешавад, ки ин ҳайъат ҳам кори намоёне то ҳол ба вуҷуд наёвардааст: аъзоҳои ҳайъат ҳар кадом ба ҳар тараф парешонанд.

Дар ин бора бетолеии бузург насибаи ӯзбак ва форсиёни Туркистон аст. Аммо тоифаи қирғиз ва тотор, ки дар Туркистон сукно доранд, як навъ гилемгӯшаи худро аз об кашиданд ва мекашанд. Тоторон зотан як қавми маорифдида ва дорои васоити илмӣ буданд, илова бар ин каму косташонро ба ҳар василa омода карда метавонанд.

Тоифаи қирғиз аз он ҷо, ки дар байни худ мардони боилми коркун доштанд, ба зудӣ ба сари кор омада то ҳол хеле китоб ҳозир намуданд.

Аммо ба ном тоифаи ӯзбек ғайр аз ду-се китобчае ки аз тоторӣ табдил дода шудааст ва ҳанӯз дар лаҳҷаи нахустини худ боқист, дигар чизе ба майдон нест.

Барои форсиёни Туркистон танҳо китобчаи «Соли нахустин» интишор ёфт, ғайр аз ин чизе ба назар намеояд ва барои омода кардани китоби форсӣ кӯшише хаст ё нест, ин ҳам ба мо маълум нест.

Агар аҳвол ба-дин минвол давомат кунад, махориҷи мофавқуттоқа,[17] ки ҳукумат дар роҳи маориф мекашад, ҳама ҳадар ва беасар меравад. Бинобар ин ба шӯъбаҳои маориф ва ҳамаи маорифхоҳон лозим аст, ки ин масъаларо аз ҳама масоил аҳамтар донистa, дар ин бора кӯшишҳои ҷиддӣ ба кор бурда, то сари тахсили оянда, кам ҳам бошад, як қисм китоби мактабии ӯзбекӣ ва форсиро ҳозир намоянд. Вагарна натиҷа ҳамон аст, ки дар боло арз шуд.

## ҲАНГОМИ АДОИ ВАЗИФАИ ИНСОНИЯТ[418]

*(Ба муносибати қаҳт ва ғулои Русия)*

Русияе, ки дар роҳи инқилоб ва озодӣ ба тамоми аксулҳаракатчиёни дохилӣ ва хориҷӣ мубориза карда ба ҳамаи душманони худ ғалаба намуда, меҳнатро аз сарват ва сармоя халос кард, имрӯз дар панҷаи як балои осмонӣ ва фалокати ногаҳонӣ гирифтор аст.

Ин бало на он балоест, ки бо тӯбу туфанг дафъ мешавад. Ин бало он балоест, ки аз аввали хилқати банӣ одам то ҳол, дар ҳар асру замон фарзандони одам ва тамоми ҳайвонот гирифтор омадаанд.

Ин бало — қаҳт, ғуло, гуруснагӣ ва хушксолист.

Русияи васее ки дар ҳар асру замон тамоми Фарангистонро аз гандум пур мекард ва қисми бузурги гуруснагони дуньёро сер менамуд, имрӯз ба як порчаи нон мӯҳтоҷ афтода, як қисми мардуми бошандаи Русия аз ҷиҳати гуруснагӣ дар маърази талаф ва дар шуруфи ҳалоканд.

Гуруснагӣ, қаҳтӣ ва хушксолӣ дар Русия дар он сарзаминҳо рух додааст, ки аз ин пеш кони гандум ва маъдани ризқи банӣ одам ба шумор мерафт. Чунончи, вилоятҳои Астрахон, Саричин, Саратоф, Самара, Симбир, Уфо ва канори наҳри Волга, ҷумҳурияти Тотористон, вилояти Чувош дар ин бало мубталоанд.

Дар ин сарзаминҳо тақрибан даҳ миллюн банӣ навъи мо бо чорпо ва сутурони худ дар маърази талафанд.

Агар дар ин бало дигароне, ки бо вуфури неъмат ва атъима дар рафоҳ[418a] ва осоиш ҳастанд, тамошобин шуда муованате нанамоянд, мумкин аст, ки ин фоҷиа ба дигар сарзаминҳо низ сироят карда, ҳама дар ташвиш афтанд.

Зеро мардуме, ки имрӯз нон гуфта ҷон медиҳанд, табиӣ, тухму донаи мамлакатро, ки дар оянда мояи умедворист, бо паранда ва чаранда ва чорпоёне, ки воситаи зироат ҳастанд, ҳамаро хӯрда дар соли оянда низ чашми худро ба ҷойҳое, ки озуқа мавҷуд аст, хоҳанд дӯхт. Дар он сурат пайдост, ки вилоятҳое, ки

имрӯз соҳиби ғаллаву дона ҳастанд, ҳамаро таъмин карда натавониста, худ низ ба ин бало мубтало хоҳанд шуд.

Бинобар ин мардуми сер ва соҳибсарвату неъматро лозим аст, ки дар ин бало ба чашми «ба ман чӣ» нанигариста ҳар чи аз дасташон меояд, мувонат намуда, ин селоби фалокатро пешбандӣ намоянд. Дар сурати муованати умумӣ мумкин аст, ки як қисми боқии навъи мо аз чанголи фалокати хонумонсӯзи гуруснагӣ эмин монда, тухму донаю ҳайвоноти воситаи зироат ва зиндагониашон солим буда, дар оянда барои зироат ва фалоҳаташон роҳ ва имкон монад.

Ва дар ин бора адо кардани вазифаи муованат ва инсоният аз ҳама бештар ва пештар ба гардани аҳолии Туркистон ҳам фарз аст ва ҳам қарз.

Фарз аст: зеро ҳамсояи гуруснаро сер кардан аз воҷиботи динии мост.

Қарз аст: зеро Туркистон солҳои дароз нонҳои сафед ва ордҳои синка (маҳин)-и канори Волгаро хӯрд. Чандин бор дар ҳангоми зиққии маишат аз вилоятҳои мазкура орду гандум ба тарафи Туркистон чун наҳри ҷӯшон дар ҷараён омад. Чандин бор Туркистон аз балои қаҳт, ғуло ва гуруснагӣ ба муованати Русия, билхосса ба ёрмандии гандуми Астрахон ва канори наҳри Волга раҳоӣ ёфт.

Бояд ҳанӯз аз хотирҳо фаромӯш нашуда бошад, дар соли 1917—18 дар Туркистон хушксолӣ пайдо шуда, як навъ қаҳтӣ ба вуқӯъ омада буд. Дар он сол миллюнҳо пут орд ва гандумро дар вагонҳо ҳамл карда, ба Туркистон нақл намуданд. Илова бар ин ки аз тарафи ҳукумат ба воситаи он арзоқ ҳазорҳо нафар гуруснагонро неъмати ройгон дода шуд, ба деҳқонон тухму дона тақсим карда шуда, роҳи селоби гуруснагӣ аз ин диёр баста гардид.

Хулосаи калом, дар ин наздикӣ аз тарафи ҳукумат барои қаҳтзадагони дохили Русия мардум ба муованат даъват карда мешаванд. Моро лозим аст, ки дар ин даъват бо ихлоси тамом ва самимияти комил ҷавоби қабул дода, ҳар гуна ёрмандии моддӣ ва маънавиро аз ин фалокатзадагон дареғ надорем.

Охири маколаро бо чанд байти машҳурам инсониятпарвари якӯми шаркиён, боиси ифтихори форсиён адиби шаҳир Шайх Саъдӣ[419] ҳусни хотима медиҳем:

Баӣ одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад карор.
Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд ки номат ниҳанд одамӣ!

## ЭҲТИМОЛИ ЯК ҶАНГИ ТОЗА БА МУҚОБИЛИ МИЛЛАТПАРВАРОНИ ТУРК[420]

Дар рӯзҳои охирӣ торҳои тилғироф хеле хабарҳои муҳим овард.

Маълум аст, ки дер боз дар миёнаи Юнон ва миллатпарварони турк, яъне Мустафо Камолпошо муҳориба мерафт.

Ҳарчанд Юнонистон аз давлатҳои муттафиқ маънан ва моддатан ёрмандӣ гирифта, аз иқтидораш зиёд кӯшиш кард, бо ин ҳама толеи ҳарб ба тарафи туркон рух намоён намуд. Шаҳрҳои муҳимми Онатӯлӣ мисли Бурса, Эскишаҳр, Измит ва ғайраҳо, ки ба дасти юнониён рафта буд, боз гашта ба дасти камолчиён омад. Ҳарчанд ба мо хабари сареҳ нест, вале назар ба тилғирофоте ки чанд рӯз пеш аз ин ворид шуда, бояд Измир ҳам ба зудӣ ба дасти туркон дарояд.

Вақте ки аҳволи ҳарбӣ тамоман ба туркон мусоид баромад, муттафиқин, яъне давлати Англис ва муттафиқонаш ба муқобили туркон бархостанд.

Ҳангоме ки қӯшуни Камолпошо Измитро забт карда, ба ҳаволии Истанбул намоён шуд, муттафиқин ба Мустафо Камол ба мазмуни зер як нота доданд:

«Аскаре аз асокири шумо ба ҷойҳои бетараф кадам ниҳад, мо маҷбур мешавем, ки муқобала намоем.»

Мустафо Камол дар ҷавоби ин нотаи золимонаи муттафиқин, мазлумони Шаркро ба ҷиҳод даъват намуда, як хитобнома нашр кард. Дар хитобнома то халос шудани Истанбул ва Ҳиндустон аз дасти золимон, давом кунондани ҷиҳодро қайд намуд.

Дар ин асно Мустафо Камол ба тачовуз ба тарафи Истанбул ҳозирӣ дид. Дар натичаи ин ҳаракати Камолпошо рӯзномаҷоти англис ба замзамаи як ҳарби тоза дар суруд омаданд. Аз ин ҷумла рӯзномаи «Раёи тилгироф» менависад: «Давлати Англис ҳеч гоҳ розӣ нахоҳад шуд, ки Истанбул ба дасти давлате, ки бо душманони мо дӯст аст ва ба Осиё ба муқобили манфиати мо тааррӯз дорад, афтад. Ин ҳол пайдо шудани Русияи нав аст ба гулӯгоҳи Босфор...».

Аз як тилгирофе, ки даҳӯми июл аз Маскав дода шудааст, маълум мегардад, ки дар Истанбул феълан давлати Англис даҳ ҳазор нафар ва Франсия панч ҳазор қӯшун доштааст. Шойеот аст, ки Румония ба ёрмандии муттафиқин понздаҳ ҳазор нафар қӯшун хоҳад дод. Илова бар ин, муттафиқин ба муқобили Камолпошо омодагии ҷиддӣ доранд.

Бинобар эҳтимоли тачовузи Булғористон ба муқобили юнониён дар миёнаи Итолиё, Румония ва ҷанубии Исловиё [42] як иттифоқ барпо шудааст.

Хулосаи калом, аломати як ҳарби тоза намоён буда, ин ҳарб танҳо ба муқобили миллатпарварони турк не, балки ба муқобили тамоми аҳолии Шарқ аст (чунончи, рӯзномаи фавқуззикр ба муҳофизаи манфиаташон дар Осиё даъват мекунад).

Маълум аст, ки Камолпошо ҳар қадар омодагӣ дида бошад ҳам, қуввати он ба муқобили муттафиқин хусусан дар ин ҳангоме ки эшон феълан дар Истанбул мутасаррифанд, аз андоза зиёд ғайри мусовист. Аз он ҷо ки муттафиқинро асбоби муҳорибаи баҳрӣ баркамол буда, гулӯгоҳи Дардонел ба дасти эшон аст, Камолпошоро муқобалати эшон ба ғоят душвор аст. Пас маълум мешавад, ки Камолпошо ин ҳама ҷасорат ба пуштибонии аҳолии Шарқ мекунад. Чунончи, Камолпошо дар ҷавоби нотаи муттафиқин аҳолии Шаркро ба ҷиҳод даъват кард. Агар дар ин муҳориба аҳолии Шарқ, билхосса Ҳиндустон, Арабистон, Миср, Эрон ва Афғонистон ба ёрмандии туркон расида, ба як азми инқилобкорона ба муқобили муттафиқин ҳаракат намоянд, ҳам Камолпошо, ҳам Истанбул, ҳам тамоми Шарқ аз дасти золимони ҷа-

хонгир халос хохад шуд. Билъакс, агар ахолии Шарк ба ҳамон сустӣ ва ба маслаки «бинем, чӣ мешавад»-ашон давом намоянд, боз халосии Истанбул, туркон ва сойри машриқзамин ба вақти дигар мавкуф мемонад.

Э, аҳолии Шарқ, ҳангоми ҳаёт ва мамотатон расид. Ҳушьёр бошед!

## БОСМАЧИЕНИ ФАРҒОНА КИСТАНД?[422]

Маълум аст, ки яке аз масоили муҳиммаи Ҷумҳурияти Туркистон, ки имрӯз дар навбат гузошта шудааст, дафъи босмачиёни Фарғона аст. Мо аз он пеш, ки дар тариқи дафъи онҳо фикри очизонаамонро арз кунем, лозим аст, ки ба хонандагони гиром қадаре аз таърихи пайдо шудан ва аз аҳволи эшон шарҳ намоем:

Фарғона дар аҳди кӯҳна низ дар Туркистон марказ ва манбаи босмачиён ба шумор мерафт. Аэбаски Фарғона қитъаи ободтарини Туркистон, маҳалли пахта ва мавқеи абрешим буд, мустамликони рус, рибохорони яҳуд ва муҳоҷирони дохили Русия дар он чо гирд омада, ҳама сарват ва сомони он қитъаи ҷаннатнишонро маа заминҳои хосилхезаш ба дасти худ даровarda аҳолии аслиро ба муздурӣ ва ғуломӣ гузоштанд. Табиӣ, ин ҳол сабаби бекории як қисми аҳолӣ шуда, бекорӣ боиси бадахлоқӣ ва дуздӣ гардида, аз ин ҳол ҳамеша босмачигӣ ва моли якеро чопидан[423] шуйӯъ ёфта буд.

Касрати шаробхона ва фаҳшхона, машҳуринаш (чунончи фаҳшхонаи Сим) дар Фарғона барои ифсоду[424] итлофи[425] ахлоқ ва моли мардум аз тарафи ҳукумати императорӣ таъсис ёфта буд, як дарача ба бисьёр шудани дузд ва босмачӣ сабаб гардида буд.

Аҳвол ба д-ин минвол буд, ки инқилоб дар Русия воқеъ шуда, баъд аз Инқилоби Ӯктябр як қисми мухториятхоҳон дар Фарғона ҳукумати мухторе таъсис карда, муҳофизаи шаҳрро ба дасти Эргаш[426] ном, ки яке аз сархелони дуздони машҳур буд, супурд.

Эргаш ба атрофи худ аксаре ҷавонони дуздро гирд оварда фикри истибдод ва иҷрои шарорати коминаи[426a] худ буд, ки мухторияти Хӯқанд зеру забар

Дар ин асно Мустафо Камол ба тачовуз ба тарафи Истанбул ҳозирӣ дид. Дар натичаи ин ҳаракати Камолпошо рӯзномачоти англис ба замзамаи як ҳарби тоза дар суруд омаданд. Аз ин чумла рӯзномаи «Раён тилғироф» менависад: «Давлати Англис ҳеч гоҳ розӣ нахоҳад шуд, ки Истанбул ба дасти давлате, ки бо душманони мо дӯст аст ва ба Осиё ба муқобили манфиати мо таарруз дорад, афтад. Ин ҳол пайдо шудани Русиян нав аст ба гулӯгоҳи Босфор...».

Аз як тилғирофе, ки даҳӯми июл аз Маскав дода шудааст, маълум мегардад, ки дар Истанбул феълан давлати Англис даҳ ҳазор нафар ва Франсия панч ҳазор кӯшун доштааст. Шойеот аст, ки Румония ба ёрмандии муттафиқин понздаҳ ҳазор нафар кӯшун хоҳад дод. Илова бар ин, муттафиқин ба муқобили Камолпошо омодагии чиддӣ доранд.

Бинобар эҳтимоли тачовузи Булғористон ба муқобили юнониён дар миёнаи Итолиё, Румония ва чанубии Исловиё [421] як иттифоқ барпо шудааст.

Хулосаи калом, аломати як ҳарби тоза намоён буда, ин ҳарб танҳо ба муқобили миллатпарварони турк не, балки ба муқобили тамоми аҳолии Шарқ аст (чунончи, рӯзномаи фавқуззикр ба муҳофизаи манфиаташон дар Осиё даъват мекунад).

Маълум аст, ки Камолпошо ҳар қадар омодагӣ дида бошад ҳам, қуввати он ба муқобили муттафиқин хусусан дар ин ҳангоме ки эшон феълан дар Истанбул мутасаррифанд, аз андоза зиёд ғайри мусовист. Аз он чо ки муттафиқинро асбоби муҳорибаи баҳрӣ баркамол буда, гулӯгоҳи Дардонел ба дасти эшон аст, Камолпошоро муқобалати эшон ба ғоят душвор аст. Пас маълум мешавад, ки Камолпошо ин ҳама часорат ба пуштибонии аҳолии Шарқ мекунад. Чунончи, Камолпошо дар чавоби нотаи муттафиқин аҳолии Шарқро ба чиҳод даъват кард. Агар дар ин муҳориба аҳолии Шарқ, билхосса Ҳиндустон, Арабистон, Миср, Эрон ва Афғонистон ба ёрмандии туркон расида, ба як азми инқилобкорона ба муқобили муттафиқин ҳаракат намоянд, ҳам Камолпошо, ҳам Истанбул, ҳам тамоми Шарқ аз дасти золимони ча-

хонгир халос хохад шуд. Билъакс, агар ахолии Шарк ба хамон сустӣ ва ба маслаки «бинем, чӣ мешавад»-ашон давом намоянд, боз халосии Истанбул, туркон ва соири машриқзамин ба вақти дигар мавкуф мемонад.

Э, ахолии Шарк, хангоми хаёт ва мамотатон расид. Хушьёр бошед!

## БОСМАЧИЕНИ ФАРҒОНА КИСТАНД? [422]

Маълум аст, ки яке аз масоили муҳиммаи Ҷумҳурияти Туркистон, ки имрӯз дар навбат гузошта шудааст, дафъи босмачиёни Фарғона аст. Мо аз он пеш, ки дар тариқи дафъи онҳо фикри оҷизонаамонро арз кунем, лозим аст, ки ба хонандагони гиром кадаре аз таърихи пайдо шудан ва аз аҳволи эшон шарх намоем:

Фарғона дар аҳди кӯҳна низ дар Туркистон марказ ва манбаи босмачиён ба шумор мерафт. Азбаски Фарғона қитъаи ободтарини Туркистон, маҳалли пахта ва мавқеи абрешим буд, мустамликони рус, рибохорони яҳуд ва муҳоҷирони дохили Русия дар он ҷо гирд омада, хама сарват ва сомони он қитъаи ҷаннатнишонро маа заминҳои ҳосилхезаш ба дасти худ даровarда аҳолии аслиро ба муздурӣ ва ғуломӣ гузоштанд. Табиӣ, ин ҳол сабаби бекории як қисми аҳолӣ шуда, бекорӣ боиси бадахлоқӣ ва дуздӣ гардида, аз ин ҳол ҳамеша босмачигӣ ва моли якеро ҷопидан [423] шуйӯъ ёфта буд.

Касрати шаробхона ва фаҳшхона, машҳуринаш (чунончи фаҳшхонаи Сим) дар Фарғона барои ифсоду [424] итлофи [425] аҳлоқ ва моли мардум аз тарафи ҳукумати императорӣ таъсис ёфта буд, як дараҷа ба бисьёр шудани дузд ва босмачӣ сабаб гардида буд.

Аҳвол ба д-ин минвол буд, ки инқилоб дар Русия воқеъ шуда, баъд аз Инқилоби Ӯктабр як қисми мухториятхоҳон дар Фарғона ҳукумати мухторе таъсис карда, муҳофизаи шаҳрро ба дасти Эргаш [426] ном, ки яке аз сархелониируздони машҳур буд, супурд.

Эргаш ба атрофи худ аксаре ҷавонони дуздро гирд оварда фикри истибдод ва иҷрои шарорати коминаи [426а] худ буд, ки мухторияти Хӯқанд зеру забар

шуда, Эргаш бо як қисм нӯкарони худ ба муҳоли Хӯқанд баромада ба касбу кори собиқаи худ, ки иборат аз дуздӣ ва яғмогарӣ буд, машғул гардид. (Ҳадси соиб[427] ҳаминро нишон медиҳад, ки агар фаразан мухторият давом ҳам мекард, Эргаш ба он ҳукумат низ содиқ намемонд.)

Дар аввали ваҳла, азбаски Ҳукумати Шӯрой дар Фарғона заиф, бинобар фоҷиаи мухторият ташкилотҳо нотамом буд, ташкилоти Эргаш қувват гирифта асоса ва дабдабааш афзуд.

Саргузаштҷӯёни дигар, ки ба пешаи яғмогарӣ маҳорат доштанд, ба ҳашмати Эргаш ҳамчашмӣ карда ба атрофи худ маъдуди дузду сар-сариро ҷамъ карда, худро «қӯрбошӣ» ва «бег» ном ниҳода ба пешаи яғмогарии аланӣ[427а] афтоданд. Ба ҳамин тариқа, Муҳаммадаминбег, Холхӯҷа, Шермат ва соирин хуруҷ карданд.

Ҳангоме ки дар Фарғона Ҳукумати Шӯрой таъсис ёфта ин кор ба кайфи баъзе муллоён ва эшонони муфтхӯр, мустамликон ва муҳоҷирони рус бархӯрд, инҳо ба ташкилоти босмачиён ҳамроҳӣ карда, эшонро ҳомии дин ё ки мухториятхоҳ, ё ки меншивик[428] ба қалам дода, аз қуввати эшон истифода карданӣ шудаанд.

Бо ин ҳама босмачиён на ҳомии дин ва на мухториятхоҳ, на меншивик, балки аз ҳама чиз пештар дузди ғаддор ва яғмогари хунхоранд. Ҳамин аст, ки эшон аз аҳди Эргаш ва Муҳаммадаминбек то имрӯз бо ҳамдигар ҳамчашмӣ ва рақобат карда, миёни худ муҳориба ва пайкор доранд. Инчунин эшон ягон амри шариатро, зоҳиран ҳам бошад, риоя нокарда, ҳамеша ҷавонони амрад ва занону дӯшизаи мардумро ба зӯру тааддӣ ба атроф ҷамъ карда, ирзу номуси фуқароро помол ва сомонашонро бераҳмона тороҷ менамоянд. Пас маълум шуд, ки эшон дуздони оддӣ будаанд.

Дар охири мақола бояд инро ҳам аз хотир фаромӯш накунем, ки дар авоили таъсиси Ҳукумати Шӯрой дар Фарғона, аз он ҷо, ки аксари давоири мулкӣ ва ҳарбӣ ба дасти арманиёни дашнокиюн буд, эшон анвои тааддӣ ва таҷовузро дар ҳаққи молу номуси мардуми Фарғона намуда, ҳамаро аз ҳукумат рамониданд. Ба ин сабаб як қисми мардуми бономус ҳам

маҷбуран ба тарафи босмачиён гузашта, ба ахлоқу равиши эшон пайравӣ намуда, сабаби қувват ва нуфузи пешаи яғмогарӣ шуданд.

Дар мақолаи оянда дар роҳи мубориза бо босмачиён фикри худро арз хоҳем кард.

## БО БОСМАЧИЕНИ ФАРҒОНА ЧӢ ГУНА МУБОРИЗА БОЯД КАРД? [428а]

Чунончи дар мақолаи гузашта қадаре аз аҳволи босмачиён шарҳ дода шуд, эшон як ҷамоаи дузди яғмогаранд.

Аз он ҷо, ки босмачиён аз даруни аҳолӣ гирд омада, бо мо ба тариқи фирқавӣ (партизан) меҷанганд. дар муқобили эшон муҳорибаи боинтизоми мо натиҷаи намоён намедиҳад. Моро лозим аст, ки дар маъракаи босмачиён аз худи аҳолӣ қувваи фирқавӣ омода карда, ба эшон муқобалаи билмисл намоем. Барои ин кор аввалан бояд аҳолиро ҳозир карда шавад. Барои эҳзори аҳолӣ муқобили босмачиён лозим аст, ки ба воситаи рӯзномаҷот, хитобномаҷот ва хатибони оташзабон, кӣ будан ва ба чӣ мақсад ташкил ёфтани фирқаи босмачиёнро ба мардум фаҳмонда шавад. Илова бар ин ба ҳар гуна ташвиқот ва тарғиботи қавлӣ ва феълӣ аҳолиро ба Ҳукумати Шӯроӣ дилгарм карда, эшонро ба ҷамъиятҳо ва иттифоқҳо гирд оварда шавад.

Маълум аст, ки ба воситаи ҳаракоти ноҳинҷори арманиҳои дашнокиюн ва соири хоинин ва аз суимуомилаи баъзе ашхос, ки аҳволи рӯҳияи мардуми маҳаллиро риоя накарда, аҳолиро аз ҳукумат рамонидаанд ва мерамонанд, мардум дилгармона ва самимона барои муҳофизаи касбу кори деҳқонӣ накӯшида ё худ ба кӯшидан маҷол наёфта, аз як тараф ирзу номус, молу маноли худро дар маъразаи яғмои босмачиён гузошта, аз тарафи дигар ба чашми маъмурони ҳукумат мазнун шумурда шуда хеле мутаҳайиранд.

Акнун вақт аст, ки суитафаҳҳумро аз димоғи мардум бароварда, эшонро ба атрофи ҳукумат гирд оварда, аз худи аҳолӣ ба муқобили босмачиён қуввае ҳозир карда шавад.

Ҳангоме ки аҳолӣ ба ташкилоти ҳукумат дилгарм

шуда, Эргаш бо як қисм нӯкарони худ ба мухоли Хӯқанд баромада ба касбу кори собиқаи худ, ки иборат аз дуздӣ ва яғмогарӣ буд, машғул гардид. (Ҳадси соиб [427] ҳаминро нишон медиҳад, ки агар фаразан мухторият давом ҳам мекард, Эргаш ба он ҳукумат низ содиқ намемонд.)

Дар аввали ваҳла, азбаски Ҳукумати Шӯрой дар Фарғона заиф, бинобар фоҷиаи мухторият ташкилотҳо нотамом буд, ташкилоти Эргаш қувват гирифта асоса ва дабдабааш афзуд.

Саргузаштҷӯёни дигар, ки ба пешаи яғмогарӣ маҳорат доштанд, ба ҳашмати Эргаш ҳамчашмӣ карда ба атрофи худ маъдуди дузду сар-сариро ҷамъ карда, худро «қӯрбошӣ» ва «бег» ном ниҳода ба пешаи яғмогарии аланӣ [427a] афтоданд. Ба ҳамин тариқа, Муҳаммадаминбег, Холхӯча, Шермат ва соирин хуруҷ карданд.

Ҳангоме ки дар Фарғона Ҳукумати Шӯрой таъсис ёфта ин кор ба кайфи баъзе муллоён ва эшонони муфтхӯр, мустамликон ва муҳоҷирони рус бархӯрд, инҳо ба ташкилоти босмачиён ҳамроҳӣ карда, эшонро ҳомии дин ё ки мухториятхоҳ, ё ки меншивик [428] ба қалам дода, аз қуввати эшон истифода карданӣ шудаанд.

Бо ин ҳама босмачиён на ҳомии дин ва на мухториятхоҳ, на меншивик, балки аз ҳама чиз пештар дузди ғаддор ва яғмогари хунхоранд. Ҳамин аст, ки эшон аз аҳди Эргаш ва Муҳаммадаминбек то имрӯз бо ҳамдигар ҳамчашмӣ ва рақобат карда, миёни худ муҳориба ва пайкор доранд. Инчунин эшон ягон амри шариатро, зоҳиран ҳам бошад, риоя накарда, ҳамеша ҷавонони амрад ва занону дӯшизаи мардумро ба зӯру тааддӣ ба атроф ҷамъ карда, ирзу номуси фуқароро помол ва сомонашонро бераҳмона тороҷ менамоянд. Пас маълум шуд, ки эшон дуздони оддӣ будаанд.

Дар охири мақола бояд инро ҳам аз хотир фаромӯш накунем, ки дар авоили таъсиси Ҳукумати Шӯрой дар Фарғона, аз он ҷо, ки аксари давоири мулкӣ ва ҳарбӣ ба дасти арманиёни дашнокиюн буд, эшон анвои тааддӣ ва таҷовузро дар ҳаққи молу номуси мардуми Фарғона намуда, ҳамаро аз ҳукумат рамониданд. Ба ин сабаб як қисми мардуми бономус ҳам

маҷбуран ба тарафи босмачиён гузашта, ба ахлоқу равиши эшон пайравӣ намуда, сабаби қуввват ва нуфузи пешаи яғмогарӣ шуданд.

Дар мақолаи оянда дар роҳи мубориза бо босмачиён фикри худро арз хоҳем кард.

## БО БОСМАЧИЕНИ ФАРҒОНА ЧӢ ГУНА МУБОРИЗА БОЯД КАРД? [420a]

Чунончи дар мақолаи гузашта қадаре аз аҳволи босмачиён шарҳ дода шуд, эшон як ҷамоаи дузди яғмогаранд.

Аз он ҷо, ки босмачиён аз даруни аҳолӣ гирд омада, бо мо ба тариқи фирқавӣ (партизан) меҷанганд, дар муқобили эшон муҳорибаи бонизоми мо натиҷаи намоён намедиҳад. Моро лозим аст, ки дар маъракаи босмачиён аз худи аҳолӣ қувваи фирқавӣ омода карда, ба эшон муқобалаи билмисл намоем. Барои ин кор аввалан бояд аҳолиро ҳозир карда шавад. Барои эҳзори аҳолӣ муқобили босмачиён лозим аст, ки ба воситаи рӯзномаҷот, хитобномаҷот ва хатибони оташзабон, кӣ будан ва ба чӣ мақсад ташкил ёфтани фирқаи босмачиёнро ба мардум фаҳмонда шавад. Илова бар ин ба ҳар гуна ташвиқот ва тарғиботи қавлӣ ва феълӣ аҳолиро ба Ҳукумати Шӯроӣ дилгарм карда, эшонро ба ҷамъиятҳо ва иттифоқҳо гирд оварда шавад.

Маълум аст, ки ба воситаи ҳаракоти ноҳинҷори арманиҳои дашнокиюн ва соири хоинин ва аз суимуомилаи баъзе ашхос, ки аҳволи рӯҳияи мардуми маҳаллиро риоя накарда, аҳолиро аз ҳукумат рамониданд ва мерамонанд, мардум дилгармона ва самимона барои муҳофизаи касбу кори деҳқонӣ накӯшида ё худ ба кӯшидан маҷол наёфта, аз як тараф ирзу номус, молу моли худро дар маърази яғмои босмачиён гузошта, аз тарафи дигар ба чашми маъмурони ҳукумат мазнун шумурда шуда хеле мутаҳайиранд.

Акнун вақт аст, ки суитафаҳҳумро аз димоғи мардум бароварда, эшонро ба атрофи ҳукумат гирд оварда, аз худи аҳолӣ ба муқобили босмачиён қуввае ҳозир карда шавад.

Ҳангоме ки аҳолӣ ба ташкилоти ҳукумат дилгарм

шуда, барои муҳофизаи деҳқонӣ ва ирзу номуси худ кӯшиданд, ононе ки маҷбуран ба тарафи босмачиён мегузаштанд, нахоҳанд гузашт ва ононе ки пеш аз ин гузаштаанд, пас хоҳанд омад. Ба ин восита ба қувваи моддӣ ва маънавии босмачиён хеле шикаст ворид шуда, рӯз ба рӯз ва ба худии худ фирқаи эшон пароканда хоҳад шуд.

Як нуқтаи муҳимми дигар, ки барои мубориза бо босмачиён лозим аст, бастани роҳи ярокъёбии эшон аст. Пур зоҳир аст, ки давлатҳои ҷаҳонгири ғарбӣ ҳеҷ гоҳ ба босмачиён ярок ва адавоти муҳориба расонда наметавонанд, амири Бухоро ҳам аз саҳнаи сиёсат матруд гардид ва инчунин худи босмачиёнро корхонаи олоти ҷанг нест ва нахоҳад буд. Пас маълум мешавад, ки эшон олоти муҳориба мисли туфанг ва фашангро аз худи Фарғона ва Туркистон ба даст медароранд.

Агар ин нуктаро ба назар гирифта, роҳи ярокъёбии эшон ба хубӣ масдуд карда шавад, маҳву нобуд шудани босмачиён чизе нест. Хусусан дар он сурате ки аҳолӣ ба ташкилоти ҳукумат гирд омада, барои дафъ кардани босмачиён, ки ватанашонро хароб, зироат ва саноаташонро барбод, ирзу номусашонро поймол кардаанд, самимона кӯшиш намоянд.

Ба ҳар ҳол дафъи босмачиён ва обод кардани Фарғона имрӯз аз ҷумлаи аҳамми масоили [429] Ҳукумати Шӯроист.

## ДУЗДӢ ВА ҒОРАТГАРӢ ДАР САМАРҚАНД [430]

Самарқанд баъд аз Фарғона дар Туркистон марказ ва манбаи дуздон аст. Дар замони ҳукумати императорӣ дуздӣ ва ғоратгарӣ дар музофоти Самарқанд кам иттифоқ меафтод.

Баъд аз Инқилоби Кабири Русия ҷамъияти «шӯрои ислом»,[431] ки аз уламо ташкил ёфта буд, ҳукумати шаҳрро ба дасти худ гирифта, кори забтияро [432] (чун мухториятчиёни Хӯқанд) ба дасти дуздон супурд. Вақте ки ин дуздон расман мусаллаҳ шуданд, ба ҳар васила дар тохту торочи моли мардум кӯшиданд.

Ҷамъияти иттифоқ, ки аз ранҷбарон таъсис ёфта

буд, ба ин кори «шӯрои ислом» норозигӣ баён карда дар кори забтия тадохул намуд.

Ҳангоме ки дар Русия Ҳукумати Шӯрой қароргир шуд, Ҷамъияти иттифоқ тамоми корро ба дасти худ гирифта «шӯрои исломро» баст.

Милицияи «шӯрои ислом», ки аксар аз дуздон ташкил ёфта буданд, баъд аз маҳв шудани валинеъматашон, фирор карда, гурӯҳҳо ташкил дода, дар тохту торочи шаҳру саҳро шурӯъ намуданд. Ин гурӯҳҳо чунон ҷасорат пайдо карданд, ки дар вақти намози хуфтан, ки пас аз ғуруб як соат бештар аст, дар шаҳр чанд ҳавлиро тороҷ карданд. Дар раставу бозори шаҳр шабона ҳуҷум оварда, бист-бист, сӣ-сӣ дуконҳоро ба якбора ба яғмо бурданд.

Ҷамъияти иттифоқ ба ин кор ба як азми инқилобкорона муқобала намуда, ба андак фурсат гурӯҳи дуздонро пароканда намуд. Баъзешон ба даст афтода мақтул гардиданд, баъзеашон ба хоки Бухоро фирор карда, ба амир нӯкар шуданд. Ва алҳосил Самарқанд осуда ва ором гардид. Ин ҳол дар авоили соли 1918 буд. Дар авохири соли 1919 ва дар авоили соли 1920 тохту тороҷ аз сари нав шиддат кард. Шаҳр ва атрофаш, қишлоқҳо ва роҳҳои бозораш тамоман аз осудагӣ ва амният баромад.

Чун қатори Шарқ омада Мирзо Йӯлдош ва наздиконашро тавқиф кард, маълум шуд, ки ин дафъа низ аксараш аз милиция як гурӯҳ дуздон ташкил ёфта будааст.

Чун ин гурӯҳи дуздон, ки ба шайкаи Қодирзода маъруф аст, ба кӯшиши ҳукумати марказӣ маҳв ва пароканда гардид, боз чанде шаҳр ва атрофаш осуда гардид.

Ин осудагӣ то авохири соли 1920 давом карда боз ягон-ягон duздӣ ва ғоратгарӣ намудор шуд.

Имсол аз моҳи июл ин тараф дуздӣ ва яғмогарӣ хеле шиддат карда, боз солҳои 1918—1920-ро дар хотир меандозад. Аз июл то август дар зарфи ҳамин ду моҳ аз шаҳру саҳро хеле ҷоҳоро тороҷ карданд. (Чун маҷаллаи мо ҳафтагист, ахборро ягон-ягон таъқиб ва дарҷ карда натавонистем).

Аҳволи солҳои гузашта ба мо ҳаминро нишон ме-

дихад, ки агар дар ин бора тадобири чиддӣ ба кор бурда нашавад, мумкин аст, ки ин гурӯҳ қувват гирифта мушкилулъилоч шавад. (Фарғона ба пеши назари мост). Дар ин хусус ҳар қадар, ки таъхир ё мусоҳала карда шавад, зарари ҳукумат ва ранчбарони шаҳрӣ ва саҳроист.

Агар Чамъияти иттифоқ ба ёрмандии Ҳукумати Шӯрой дар соли 1918 чиддӣ кӯшиш намекард, мумкин буд, ки Самарқанд ҳам мисли Фарғона поймоли ғоратгарон гардад. Чун то ҳол ба азму иродаи инқилобкоронаи маъмурони Ҳукумати Шӯрой Самарқанд чанд бор аз дуздон софӣ ва покиза гардид, ин бор ҳам умедворем, ки ташкилоти дуздон бисьёр қувват ногирифта, ба кӯшиши кордонони ҳукумат пароканда ва нобуд гардад.

«Сари чашма шояд гирифтан ба бел,
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил».

## ДАР РОҲИ БАРҲАМ ДОДАНИ БЕСАВОДӢ[433]

Маълум аст, ки қариб як сол боз Ҳукумати Шӯрони Туркистон барои барҳам додани бесаводӣ кӯшишҳои фавқулъодда дорад. Дар ин бора кумиссияҳои фавқулъодда ташкил дода ҳазорҳо китоби алифбо (ба забонҳои мухталиф ва маъмул дар Туркистон) нашр намуда, милюнҳо пул ва нуқуд[434] сарф намуда, омодагӣ мебинад.

Аз ин чумла дар вилояти мо Самарқанд низ кумиссияи вилоятӣ ташкил ёфта, дер вақтест, ки дар пайи кор ва омодагист.

Ин кумиссия илова бар ин ки асбобу адавоти лозимаро дар ин боб омода намуд, як курс ҳам кушода дар пайи ҳозир кардани муаллимин аст.

Аввалан бояд мо фикр намоем, ки ҳукумат ин ҳама кӯшишро барои чӣ ва баҳри кӣ мекунад?

Шубҳа нест, ки ин корҳо барои мардум ва аз баҳри манфиати мардум аст!

Ин як қазияи аз офтоб равшан аст, ки то кас соҳиби хату савод ва дорои дониш набошад, агар дуньё аз адолат пур шавад, боз ҳам беҳуқуқ ва маъзур хоҳад монд.

Чунончи мо ба чашм мебинем, ки Ҳукумати Шӯрой аз аввали таъсис ёфтанаш то ҳол дар роҳи манфаат ва ҳимояти фуқарои деҳқон ва коргар қавлан ва феълан кӯшиш кард ва мекунад.

Ва ҳол он ки фуқарои деҳқон ва коргар ҳанӯз соҳиби ҳуқуқ ва манфиатбардор аз ҳукумати худ шуда натавонистанд. Ин нест магар аз ҷаҳолат ва нодониашон?

Оре! Мактабҳои ибтидоӣ таъсис ёфт, кам-кам асоси таълими умумии маҷбурӣ дар ҳаққи атфоли хурдсол дар шуруфи татбиқ аст. Лекин то вақте ки ин атфол аз мактаб баромада соҳиби кор ва ҳуқуқ мешаванд, солҳо мебояд. Ва ҳол он ки моро лозим аст, ки имрӯз соҳиби кор ва аз ҳуқуқи худ хабардор ва аз қонунҳои Ҳукумати Шӯрой манфиатбардор бошем. Лоақал ҳамин қадар донишро доро бошем, ки як мирзои фиребгар бо як порча қоғази сохта моро гӯл зада натавонад.

Инак барои ҳамин матолиб ва мақосид моро лозим аст, ки ба муқобили бесаводӣ як мубориза қаҳрамонона эълон карда, ин душманро дар муддати андак мағлуб ва мақҳур [435] намоем.

Дар мулоҳизаи аввалӣ ин кор хеле душвор ба назар меояд. Зеро нисбати мардуми саводнок дар байни синфи деҳқон ва коргар саде аз ду-се зиёда нест. Боқӣ ҳама бесаводанд.

Барои омӯхтани ин ҳама бесаводон ҳазорҳо омӯзгор лозим. Омӯзгороне, ки феълан машғули коранд, ба мактабҳои ибтидоӣ намерасанд ва кифоя намекунанд. Пас барои хонондани ин ҳама бесаводон аз куҷо омӯзгор ва муаллим бояд ҳозир кард?

Лекин агар дар ин кор мардум биззот иштирок намоянд, ба осонӣ ба матлаб хоҳем расид.

Маълум аст, ки дар ин наздикӣ мавсими деҳқонӣ даргузашта, ҳама бародарони деҳқони мо аз кор фориғ хоҳанд шуд. Деҳқононе, ки аз кор фориғ мешаванд, се моҳи зимистон ва айёми барфу боронро дар меҳмонхонаҳо, ба атрофи гулхан ва манқали оташ, бо сӯҳбат ва афсона хоҳанд гузаронид.

Барои мубориза бо бесаводӣ аз ҳамин се моҳи зимистон истифода кардан лозим аст.

Агар деҳқонони босавод дар курсҳое ки барои барҳам додани бесаводӣ кушода мешавад, ҷамъ шуда, рӯзе чанд тартиби таълимро бинанд, ҳар кадоми эшонро мумкин аст, ки дар зарфи се моҳи зимистон даҳ-понздаҳ нафар бародарони худро дорои хату савод намоянд.

Ба ҳамин тартиб то ду-се соли дигар дар кишвар касе бесавод нахоҳад монд.

Дар ин бора ҳукумат ҳама омодагиҳоро дид ва мебинад ва хоҳад дид. Агар мардум ҳам қадаре кӯшиш намуда, як фурсати бекории худро дар роҳи манфиати худ ва бародарони худ сарф намоянд, бисьёр ба осонӣ ҳама саводнок хоҳанд шуд.

Такрор арз мекунам: дар ин бора чизе ки аз мардум сарф мешавад, бисьёр чизи муҳим нест. Аз рӯзҳои бекории сари гулхан ва манқал фақат рӯзе ду-се соат вақт аст!

## АНДОЗИ ҒАЛЛАРО БА ЗУДӢ ГИРД ОВАРДАН ЛОЗИМ АСТ[136]

Пас аз он ки тақсимоти ғалларо барҳам дода ба ҷои он андози табиӣ вазъ карда шуд, аҳволи деҳқонон яке бар даҳ ба тарафи хубӣ майлон кард. Зеро андоз нисбат ба тақсимот хеле кам буда, додани он барои деҳқонон чизе нест.

Вақте ки деҳқон андози ҳукуматиро дода тамом намуд, метавонад, ки боқии ғаллоти худро барои рӯзгори худ ва барои дуруст намудани асбоби деҳқонии худ, ба ранге ки дилхоҳи ӯст, сарф намояд.

Масъала дар ин ҷост, ки андозро чӣ гуна бояд ҷамъ кард? Ва чӣ тавр бояд дод?..

Барои ҷамъ кардани андози ғаллот аз тарафи ҳукумати марказӣ ва маҳаллӣ дастуруламалҳо дода раҳбарон таъйин карда шаванд. Табиӣ, ин роҳбарон аз рӯи дастуруламале, ки ба эшон дода шудааст, вазифаи худро адо хоҳанд кард.

Чизе ки мо дар ин ҷо арз карданашро мехоҳем, суръат ва аҷала кардан даркор аст.

Ба суръат ва ба зудӣ ҷамъ кардани андози табиии ғаллот чанд фоидаи муҳимма дорад.

Нахуст он ки ғаллот дар анбори ҳукумат дар ай-

ёми тобистон ҷамъ шуда, пеш аз он ки роҳҳо аз барфу борон ях бандад ва гил гардад, дар шаҳрҳои марказ нақл меёбад. Аз ин ваҷҳ дар хусуси нақлиёт хеле осонӣ ба амал меояд. Ҳам ғаллот аз талаф шудан эмин мемонад.

Дуввум, аз он ҷо ки андоз дар вақти ҳосил ва аз сари хирман адо меёбад, ба деҳқон хеле осон меафтад. Маълум аст, ки деҳқонони Туркистон дар вақти ҷамъи ғалла ва сари хирман ин ҳама тангчашмӣ надоранд. Аз ҳар гуна дарвешу каландаре, ки ба сари хирман ҳозир мешавад, як сер-ду сер гандуму шолии худро дареғ намедоранд. Андози ғаллае ки ҳаққи ҳукумати худашон ва ризқи бародарони худашон аст, албатта дареғ нахоҳанд дошт. Ҳамин қадар, ки вақти ҳасод [436а] гузашта айёми зимистон даррасад, мумкин аст, ки додани андак чиз ҳам гаронӣ кунад. Аз ин сабаб ҳам лозим аст, ки андозро ба зудӣ ҷамъ карда шавад.

Севвум, пеш аз он ки андози худро додааст, деҳқон қонунан муҷоз [437] нест, ки ғаллотро тасарруф намояд. Аз ин ҷиҳат ҳам лозим аст, ки андози ғалларо ба зудӣ гирд оварда шавад. То ки деҳқон мобақии ғаллоти худро ба зиндагонӣ ва асбоби деҳқонии худ озодона сарф намояд.

Аз ин далоил ба хубӣ маълум мешавад, ки ба зудӣ ҷамъ кардан ва ба суръат додани андози ғаллот ҳам нафъи ҳукумат ва ҳам нафъи деҳқон будаасту бас. Ба ин кор аҷала кардан аз аҳамми матолиб аст!

Акнун рӯи суханро ба бародарони деҳқони худ оварда мегӯем, ки: Бародарон! Дар ҷамъ намудани андози ғаллот ёрмандӣ намоед! Чизеро ки охир як рӯз хоҳед дод, зудтар дода вазифаи худро адо намоед ва аз ҳар чиз пештар ба ислоҳи асбоби деҳқонии худ кӯшиш кунед!

## ҲАФТУМИ НОЯБР ҶАШНИ РАНҶБАРОН [437а]

Имрӯз рӯзи муборак ва фирӯзи ранҷбарон аст.

Имрӯз рӯзи сур ва сурури коргарон ва деҳқонон аст.

Имрӯз рӯзи шодмонӣ ва хурсандии мазлумон аст.

Имрӯз рӯзест, ки ранҷбарон ва деҳқонон ва Асо-

кири Сурхи Русия ба як ҷуръати шерона қиём карда, асоси сарватдорӣ ва ҷаҳонгириро зеру забар карданд.

Имрӯз рӯзест, ки хокимон ва мустабиддони чандинсола аз фарози тахти истибдод поин шуданд.

Имрӯз рӯзест, ки ранҷбарон ва деҳқонон аз асорати чандинсола халос шуда, инони ихтиёри кори худро ба дасти худ гирифтанд.

Имрӯз рӯзест, ки дар Русия ҳукумате, ки ба асоси ҷаҳонгирӣ барпо шуда буд, зеру забар шуда ба ҷои он Ҳукумати Шӯрой ба асоси озодии милал барпо гардид.

Имрӯз рӯзест, ки ранҷбарони Русия билфеъл бар сари ҳукуматдорӣ нишастанд.

Имрӯз рӯзест, ки олами Шарқ аз хоби чандинсолаи худ бедор шуда, дар пайи халосӣ ва озодии худ афтод.

Имрӯз на танҳо дар чашми ранҷбарони Русия рӯзи муборак аст, балки имрӯзро тамоми ранҷбарон ва мазлумони Шарқу Ғарб фирӯз хоҳанд шумурд.

Имрӯз рӯзи муборак аст, имрӯз рӯзи фирӯз аст, имрӯз рӯзи сур аст, имрӯз рӯзи сурур аст, имрӯз рӯзи наврӯз аст, имрӯз рӯзи шодмонӣ ва хурсандӣ аст.

Имрӯзро тамоми ранҷбарони дунъё муборак шуморанд, сазост.

Имрӯзро яксара аҳолии Шарқ фирӯз донанд, баҷост.

Мо имрӯзро аз самими қалб табрик намуда мегӯем:

Зинда бод Инқилоби Ӯктабр!
Зинда бод озодии ранҷбарон!
Зинда бод Ҳукумати Шӯрой!

## ИНҚИЛОБИ ӮКТАБР ВА ОЛАМИ ШАРҚ [18]

Мо пеш аз он ки таъсир ва муносабати Инқилоби Ӯктабрро ба олами Шарқ нависем, лозим аст ба аҳволи ин олам, ки пеш аз Инқилоби Ӯктабр буд, як назар андозем.

Пеш аз Инқилоби Ӯктабр олами Шарқ, ба эътибори умумият ба хоби ғафлат ғунуда буд. Агар аҳъё-

тоҷикон ба номи Вилояти мухтори тоҷик ба корҳои худ худ соҳибихтиёр шаванд.

Аҳолии Шарқ, ки дар хориҷи мамлакати Русия истиқомат доранд, онон ҳам аз ин инқилоби бузург манфиатҳои зиёд ёфтанд. Чунончи Хева ва Бухоро аз дасти амирони золим ва хонони ситамгари худ халос шуданд. Афғонистон, ки дар зери панҷаи англисҳо асир буд, озод шуда, мустақил шуд...

Мисру Ҳиндустон зуд аст, ки озод шавад...

Хитое ки бо ин ҳама бузургӣ мурда ва дар шиками ҷаҳонгирон ҳазмшуда ба шумор мерафт, имрӯз ба рӯҳи инқилоби Ӯктабр дар ҳаяҷон аст. Умед аст, ки ба зудӣ ин миллати серсол ва ин давлати кӯҳансолро ҳам дар рӯи дунё озод ва дар қатори миллатҳои зинда бинем.

Шарҳи манфиатҳое, ки аз инқилоби Ӯктабр ба мардуми Шарқ расида, дар саҳифаҳо намегунҷад.

Чун нависам ба ду-се сатр дар ин сафҳаи танг,
Достони дили муштоқ, ки поёнаш нест.

Мо суханро кӯтоҳ карда мегӯем:
Зинда бод Инқилоби Ӯктабр!
Поянда бод озодии Шарқ!

## ИНҚИЛОБИ ӮКТАБР ВА ИҚТИСОД[68]

Мо пеш аз он ки мақолаи худро нависем, лозим аст, ки як дараҷа маънии калимаи «иқтисод» ва «корҳои иқтисодӣ»-ро шарҳ намоем.

Иқтисод даромад ва ҳосилотро зиёд кардан ва онҳоро нобуд накарда нигоҳ доштан аст. Ҳар коре ки ба ҳамин матлаб дахл дорад, корҳои иқтисодӣ меноманд.

Инак ба асли матлаб шурӯъ мекунем: дар ҳукуматҳои сармоядор ва ҷаҳонгир дар бобати корҳои иқтисодӣ одат чунон аст, ки хоҳ аз мамлакати худашон ва хоҳ аз дигар ҷойҳое, ки ба тахти мулкияти эшон даромадааст, ҳамаи даромад, ҳосилот, фоида ва пулро ҷамъ мекунанд ва ин ҳама сарвату сомонро ба дасти ду-се нафар бои судхӯр ва корхонадорони соҳиби заводу фабрик месупоранд. Ин боён ва соҳибони фабрикҳо ба сояи ин ҳама давлат айшу нӯш ме-

кунанд, исроф мекунанд ва худро дар назарҳо чун фиръавн ва шаддод ҷилва медиҳанд. Аммо он коргарон ва он деҳқононе, ки сабаби пайдо шудани ин ҳама давлат ва сомон шудаанд, бо камоли бесомонӣ ва муҳтоҷӣ дар фақру гуруснагӣ ҷон медиҳанд.

Пеш аз инқилоби Ӯктабр дар мамлакати Русия ҳам корҳои иқтисодӣ ба ҳамин ҳол буд.

Аммо баъд аз инқилоби Ӯктабр Ҳукумати Шӯрой дар бобати корҳои иқтисодӣ як роҳи бар акси давлати сармоядор гирифт.

Якӯм — ҷойҳои даромад ва ҳосилоти мамлакатро тамоман аз дасти судхӯрон ва сармоядорон гирифта, моли халқ эълон кард.

Дуввӯм — аз ҳар заводу фабрик (дар забони тоҷикӣ дастгоҳ меномаанд) дар нахустин мартаба коргарони он ҷоро аз фоидаи он дастгоҳ манфиатбардор карда, зиёдатии ҳосилотро ба обод кардани мамлакат, ки ватани ҳама аст, сарф карданӣ шуд.

Саввӯм — савдоҳои калони мамлакат ва тиҷорати мамлакатро аз дасти сармоядорон ва ҳаннотон гирифта, дар хариду фурӯш мизони миёна ниҳод. Ба ин восита ҳеҷ ҳаннот наметавонад моли мамлакатро арзон харида, ба берун бурда тамоми фоидаро худ нӯши ҷон кунад ва наметавонад, ки аз хориҷи мамлакат молҳоро оварда, ба нархи дилхоҳ фурӯхта, оммаи мардумро тороҷ намояд.

Чаҳорӯм — асоси кооператифро дар майдон овард. Кооператиф он аст, ки як ҷамоа ё ки аҳолии як шаҳр ва ё кишлоқ аз миёнаи худ ба тариқи шарикӣ сармоя ҷамъ карда чизҳои даркории рӯзгори худро аз дастгоҳҳои ҳукумат ва дӯконҳои давлат ба нархи арзон харид карда ва ба нархи арзон миёнаи худ сарф менамоянд. Агар кооператиф бисьёр шавад ва дар шаҳру деҳа дӯкони кооператифӣ боз гардад, ҳеҷ ҳаннот наметавонад, ки ба ранҷбар ва деҳқони бечора моли даркориашро ба нархи гарон фурӯшад. Чунончи, мо ба чашми худ мебинем, дӯкони кооператиф як газ читро, ки баззозони ҳаннот мехоҳанд ба панҷоҳ тин фурӯшанд, ба сӣ тин мефурӯшад. Агар кооператиф бисьёр шавад, ҳамаи манфиат дар кисаи харидахӯрон мемонад.

Яке аз корхои иқтисодии Ҳукумати Шӯрой ва самараи Инқилоби Ӯктабр ҳамин расми кооператиф аст.

Панҷум — иморатҳои калон ва ҷойҳои иҷоранишиниро аз дасти сармоядорон гирифта моли оммаи халқ эълон кард. Ба ин восита ҳеҷ бой наметавонад, ки ба иҷоранишини бехонумон хонаи худро ба нархи гарон иҷора диҳад.

Шашӯм — заминҳои бисьёрро аз дасти мулкдорони калон гирифта, ба дасти деҳқонони коранда тақсим кард. Ба ин сабаб ҳар деҳқоне, ки худ говронӣ ва каландзанӣ мекунад, манфаати дастранҷи худро аввал худ мебинад, вагарна буду нобуди деҳқони хокпошро соҳибони замин ва мулкдорон мехӯрданд.

Ҳафтӯм — Инқилоби Ӯктабр ёрманди кардан ба деҳқонони фақир, обод кардани заминҳои майита ва харобро пешниҳоди ҳиммати худ кард. Ба ҳамин сабаб тухм, гов ва асбоби деҳқониро ба деҳқони бечиз ба шартҳои осон ё ки ройгон медиҳад ва инчунин роҳҳои обро дуруст карда, сабаби ривоҷи деҳқонӣ мешавад ва дигар ва дигар...

Маълум аст, ки ба ин ҳама фидокории иқтисодӣ мамлакат пеш меравад, вилоят обод мешавад ва даромади мамлакат зиёд мешавад.

Дуруст, ҳоло мамлакат хеле хароб ва даромади мамлакат хеле кам ва мардуми мамлакат, хусусан синфи деҳқон ва коргар хеле фақир ба назар менамоянд.

Лекин ба ин ҳама харобӣ ва бечизӣ ҷанги дуньё ва ҷанги дохилӣ, ки ба сабаби гарданкашии сармоядорон ва ҷаҳонгирон пайдо шуд, сабаб аст.

Оре, мамлакат як дараҷа хароб шуд, яъне он дуньёи кӯҳнае, ки сабаби осудагии қорунон [456а] буд, вайрон гашт. Лекин ба сиёсати иқтисодии Ҳукумати Шӯрой ба андак фурсат мисли ҷаннати рӯи замин як дуньёи тоза барпо шуда, коргарон ва деҳқонон ба осудагӣ рӯзгор ҳоҳанд гузаронд.

## ЛЕНИН ВА ШАРҚ [27]

Рафиқ Ленин дар таърихи инқилоб аз Ғарб дида, ба Шарқ зиёдтар аҳамият дод. Зеро рафиқ Ленин медонист, ки олами Шарқ умуман дар зери пои ғуломии сарватдорони Ғарб дар фишурда шудан аст. Сармоядорони Ғарб, ки асоси (таҳкурсии) дабдаба ва фиръавнии худро ба саноат гузоштаанд ва ҳама корхонаҳои либосбофӣ ва асбобсозиро ба дасти худ гирифта, ба зӯри мошина ва ҳунари кимёгарӣ ҳар рӯз ба миллюнҳо чиз сохта мебароранд, барои эшон бозор даркор буд. Олами Ғарб, ки ҳама ҷо кам ё беш аз корхонаҳои мошинӣ холӣ набуд, он қадар ба мол эҳтиёҷ надошт. Аммо олами Шарқ, ки сар то сар аз дастгоҳҳои нав маҳрум ва ба асбоби ҳазрати Нӯҳии худ чизҳои даркорин худашро ба қадри зарурӣ ба сарфи зар ва зӯри бисьёр месохт, хуб бозоре буд. Ва инчунин бароmадгоҳи чизҳои хом ҳам олами Шарқ буд, чунончи: пахта, пашм, ҳар қисм пӯст ва анвои меваҷоту гиёҳҳо... Сармоядорони Ғарб мисли мӯр, ки донаро ба хонаи худ мекашад, мехостанд аз Шарқ чизҳои хомро ба диёри худ кашида бо кимёгарӣ ва мошинкорӣ чизҳои латиф ва либосҳои нозук сохта яке бар ҳазор фоида баранд. Сабаб ин буд, ки сармоядорони Ғарб беш аз сад сол боз чашми тамаъи худро ба олами Шарқ дӯхта буданд. Дар натиҷаи ин ҳуҷум ва тороҷ олами Шарқ фақир шуд, олами Шарқ ғулом шуд, олами Шарқ аз дастгоҳҳои чизсозӣ тамоман маҳрум монда, аз кӯдаки навзод гирифта то мурдаи дар гӯри ин олам, яъне аз парпеч гирифта то кафан ба дасти сармоядорони Ғарб муҳтоҷ шуд. Дар қарни охир, аз олами Шарқ ҳам баъзе мутафаккирон баромада ва ҷо-ҷо ҳаракатҳо ҳам муқобили тороҷгарони Ғарб мушоҳида мерафт. Фақат ин талқинҳо мисли ситорае, ки дар шаби балво аз зери абри сиёҳ нимнамуд гардида, боз ғоиб мешавад, бе асар ва ин ҳаракатҳо мисли ҳаракати гӯсфанде, ки баъд аз сар буридан ба дасти қассоб дасту по мезанад, бенатиҷа мемонд. Рафиқ Ленин тамоми ин аҳволро мӯ ба мӯ аз назари мӯшикофи худ гузаронид ва озодии ҷаҳон, инқилоби дунё сабаби озодии Шарқ хоҳад шуд гуфта, қарори қатъии худро дод.

Сабаб ин буд, ки рафиқ Ленин як қисми муҳимми ҳаёти қиматбаҳои худро дар роҳи озодии Шарқ сарф кард. Агар заҳматкашони Русияро пешрави лашкари инқилоб ба шумор дод, мазлумони Шарқро ҳам аз қувваҳои асосии ин лашкар шумурд ва муздуроне ки имрӯз дар олами Ғарб ба тахти ғуломии давлатҳои сармоядор кор мекунад, қувваи эҳтиётии аскари инқилоб ба қалам дод. Бинобар ин аст, ки рафиқ Ленин аз рӯзи нахустини инқилоби Ӯктабр дасти дӯстии худро ба тарафи мазлумони Шарқ дароз кард. Ба Афғонистон, Эрон ва Туркия муоҳидаҳои дӯстона баста ҳаргиз ҳимоят ва ёрмандии заҳматкашони Русияро аз эшон дарег надошт. Рафиқ Ленин бо чашми дурбин ва пурбини худ тамоми чузъиёту куллиёти олами Шарқро дид ва мувофиқи ин биниши худ хатти ҳаракат барои озодии Шарқ кашид. Рафиқ Ленин медонист, ки дар Шарқ аз худи аҳли Шарқ сармоядорони бузург нест, дастгоҳҳои мошинкорӣ ва корхонаҳои асбобсозӣ нест, бинобар ин ҷамоаи муздуроне, ки дар як ҷо гирд омада бошад, ҳоло нестанд, балки дар олами Шарқ аз ҳар табақа ва синф, ки бошад, як муштипари мазлум, як фирқаи сомонбарбоддода ҳастанд. Ин фирқа (баъзе ашхос истисно шаванд) иборат аз тамоми аҳли Шарқ ва ба иборати дигар як тӯда миллати мазлумаи мағлуба ҳасту бас. Сабаб ин буд, ки рафиқ Ленин бинои озодии Шарқро ба мубориза ҳои синфӣ нагузошта ба ҳаракатҳои миллӣ гузошт. Рафиқ Ленин мулоҳиза кард: олами Шарқ чанд сад сол аст, ки бори ғуломии сармоядорони Ғарбро мекашад, ҳар чизи буду нобуди худро ҳар рӯз ба ин торочгарон ва ягмогарон месупорад. Болои ин ҳама номуси миллии худро дар зери фишори ин мутакаббирони фиръавнӣ поймол мебинад, ҳар чизе ки ба эшон ба як дирам мефурӯшад, баъд аз як сол ин чизро ба сад дирам, балки зиёдтар мехарад. Дар хонаи худ худ соҳиб нест. Он ғосибоне ки тамоми молашро бурдаанд ва мебаранд, дар хонаи ӯ ҳоким шуда, чонаш ва номусашро ҳам мебаранд. Фақат бо як роҳи беадабона ва ба як тарики беномусона мебаранд. Мазлуми Шарқ ба гуноҳи ин ки ба саги сармоядорони ғарбӣ тез нигоҳ кардааст, бо

ҳамлае он сагро бо санге аз худ дур кардааст, ҳунинвор ба маҳкама меафтад, ба қонуне ки сармоядорони Ғарб махсус барои аҳли Шарқ вазъ кардаанд, маҳкум мешавад. (Қонуни эшон барои фарангиён ва барои аҳли Шарқ дигар аст.) Ҷазои камтарини ҳақталабӣ ва додхоҳии мазлумони Шарқ тӯб, туфанг ва бӯмба аст. Дар ин сурат бояд мазлумони Шарқ ба як ҳаракати миллӣ қиём намоянд ва меҳмонони нохонда, яъне сармоядорони Ғарбро аз диёри худ дафъ кунад. Дар ин хол илова бар ин ки Шарқ халос мешавад, ба сабаби бозор аз даст рафтан ва омаду шуди моли хом баста шудан, дар Ғарб ҳам бӯҳрони иқтисодӣ пайдо шуда, асоси ҳашмати давлатҳои сармоядор дар ларза меафтад. Табиӣ, дар натиҷа инқилоби ҷаҳон ҳам ба осонӣ ба вуҷуд меояд. Шарқ, ки худро ба ҳаракатҳои миллӣ аз дасти сармоядорони бегона раҳоӣ диҳад, ба ҳеҷ ваҷҳ аз сари нав ба дасти сарватдорони худ гирифтор нахоҳад шуд. Бинобар ин дар натиҷаи озодии миллии Шарқ инқилоби иҷтимоӣ ва иқтисодии он низ омадааст. Рафиқ Ленин дар бораи Шарқ ҳамин ранг мулоҳизаҳо ба кор бурд ва мувофиқи ин мулоҳизот хатти ҳаракатҳо кашид ва дастуруламалҳо дод. Мо имрӯз натиҷаи ин мулоҳизот ва ин хатти ҳаракатро ба чашми худ мебинем, озодии Афғонистон, халосии Эрон, раҳоии Туркия, ҷунбиши Мисру Арабистон, ҳаракати Хитой ва Ҳиндустон шоҳиди бузург аст. Рафиқ Ленин мурда, лекин афкори ӯ, дастуруламалҳои ӯ зинда аст. Рафиқ Ленин мурда, лекин васиятҳои қиматдор ба мерос гузоштааст. Қувваи инқилоби ҷаҳонро умуман ва озодии ҷаҳони Шарқро хусусан, лозим аст, ки ба васиятҳои Ленин амал намоянд ва дастуруламалҳои ӯро ба кор баранд ва аз хатти ҳаракатҳои ӯ набароянд, то ки ба матлабе ки озодист, восил шаванд.

## КОРИ ТОҶИКИСТОН ГУЛ КАРДАНИСТ[48]

Баъд аз ташкил ёфтани Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон ҳукумати ҷавони Тоҷикистон ва аҳли илме, ки муҳибби тоҷик ҳастанд, аз ин ҷумла дар Тошканд ба ташаббуси чанд нафар профессурҳои рус ҷамъ-

қабила ба кор аст, забт мекунад, заминҳои зироати ҳар қитъа ва ройҳоро тафтиш менамояд ва дар он ҷо чӣ мекоранд, ба чӣ тарз мекоранд ва чӣ миқдор ҳосилот мегиранд, расидагӣ мекунад; ҷӯйҳо, кӯлҳо ва дарьёҳоро нишон медиҳад ва аз онҳо ба чӣ андоза фоида бурдани мардумро муайян мекунад. Заминҳоеро, ки ҳозир маитаанду лекин қобили зироатанд, низ тафтиш менамояд, баъд аз ободон ва обдорӣ кардан дар он ҷо чӣ хел чизҳо киштан мумкин буданро нишон медиҳад.

Кишваршиносӣ ҷӯйҳои беоб ва биёбонҳои беалафро низ тафтиш мекунад, аҳволи гузашта ва ҳозираи онҳоро бо санадҳо нишон медиҳад ва аҳволи ояндаи онҳоро тахмин мекунад.

Кишваршиносӣ кӯҳҳо, конҳо ва бешаҳоро ҳам тафтиш мекунад, мардум аз он ҷоҳо дар гузашта чӣ навъ фоида бурдаанд, ҳозир ба чӣ ҳол аст ва дар оянда чӣ кор кардан мумкин буданро нишон медиҳад.

Хулосаи калом, кишваршиносӣ кишварро бо бошандагонаш, бо аҳволи таърихӣ, ҷуғрофӣ ва табиӣ, бо касбу кор ва тарзи маишат ботафсил шинохтан мехоҳад.

Роҳи кишваршиносӣ ҳам осон ва ҳам душвор аст. Душвор аст, зеро барои ин кор ташкилоти мунтазам ва ботартибе даркор аст, ки шӯъбаҳои он дар ҳар қишлоқ бошад ва ин ташкилот аз поён гирифта то боло бо ҳам марбут ва вобаста бошад. Табиӣ, барпо намудани чунин ташкилот ва роҳбарони бодониш ёфтан бағоят душвор аст. Осон аст, зеро вақте ки оммаи мардум мақсади кишваршиносиро фаҳмид, ба аҳамияти он дилаш яқин кард ва дар ин роҳ ҳамроҳӣ намуд, осон мешавад, зеро ҳамин ки ҳар кас аҳволи худ ва атрофи худро тафтиш карда, маълумот диҳад, бо андак фурсат қисми муҳимми кишвар шинохта мешавад.

Ташкилоти кишваршиносӣ чӣ гуна бояд бошад? Бояд дар пеши Комиссариати Маорифи Тоҷикистон, дар тахти дасти Анҷумани Дониши он кумитаи марказии кишваршиносӣ барпо карда шавад. Дар сари ин кумита ду-се нафар касони пурдон нишаста дастуруламалҳо тайёр намоянд, бо ҳамаи идораҳои ху-

куматӣ робита пайдо кунанд, ба атроф дастурулъамалҳо фиристода, шӯъбаҳои коркун барпо кунонанд, тафтишкунандагон дар гирд пайдо карда кор фармоянд, дар вакти гунҷоиши аҳволи моддӣ саёҳатҳои фаннӣ кунонанд ва маълумотеро, ки бо ҳар гуна роҳ ғун мешавад, дар қисм-қисм ва боб-боб тасниф карда, дар майдон бароранд. Албатта, ин қисмҳо кори оянда ва ба ташаббусҳои расмӣ мавқуф аст. То он вақт ба воситаи ин маҷмӯа, ки ба забони тоҷикӣ баромад, дар бораи кишваршиносӣ хидматҳои талабгорона карда истодан даркор аст. Дар ин маҷмӯа ба номи «Кишваршиносӣ» — як бобӣ ҷудогона кушода шудааст. Ҳар хабару мақолае, ки ба кишваршиносӣ дахлдор бошад, дар зери ин унвон чоп мешавад.

Барои пурра кардан ва васеъ намудани ин боб ба ҳамаи мухбирон, нависандагон ва хусусан муаллимони тоҷик лозим аст, ки ҳамроҳӣ кунанд.

Бояд ҳар кас аҳволи атрофи худ, урфу одат, забон ва лаҳча, суруд ва бозиҳоро нависад, аҳволи таърихӣ ва осори атиқаро бо санадҳои илмӣ навишта, ба идораи маҷмӯа фиристодан гирад.

## ҶАВОНӢ [474]

*(Ба муносибати юбилеи даҳсолагии Комсомоли Тоҷикистон)*

Ман дар хурдсолагиам як рафиқи шарикдарс доштам, ки ӯро Қодир-махдум меномиданд. Ӯ аз ҷиҳати маълумот каммоя ва аз ҷиҳати илмӣ камқобилият буд. Аммо ӯ, намедонам, аз куҷо, аз кӣ ва аз кадом манбаъ бошад, дар майнаи худ ҷойгир карда буд, ки одами ҷавон ҳар корро кардан метавонад ва дар ҷавонӣ ҳар корро, ҳар қадар душвор бошад ҳам, ба анҷом расондан мумкин аст.

Ӯ аз ҳама хурдсолтарини шарикдарсони мо бошад ҳам, дар ҳамаи корҳои инқилобӣ ва иҷтимоӣ аз ҳамаи онҳо фаъолтар буд. Дар замони истибдоди амирӣ, ки ҳар касро бо андак шубҳа, ё баҳона ба зери теғи бедареғи ҷаллод месупурданд, ҳар кори хатарнокро ӯ адо мекард. Ӯ як хари лангро савор шуда, то ин ки бо вуҷуди лангии пои худ пиёда ҳар

сол дар айёми тобистон дар каламрави амир саёҳат мекард, баённома ё китобчаҳои мухолифи, «қонун»-и амириро, ки дар он вақтҳо яке аз онҳоро дар дасти касе ёбанд, ӯро бепурсиш мекуштанд, беибо дар байни мардум паҳн мекард ва ба бесаводон хонда медод.

Аҷобаташ дар ин ҷо буд, ки худи ӯ ба ҳоли худ аз он китобчаҳо чизеро намефаҳмид, вале вақте ки мехост ба саёҳати ташвиқотии худ барояд, бо ёрии рафиқони хушсавод мазмун ва мундариҷаҳои он китобчаҳоро аз худ менамуд ва ба ҷумлаҳои онҳо чи гуна шарҳ баста гап заданро ба хубӣ ёд мегирифт ва пас аз он ба сафар мебаромад.

Дар вақти саёҳаташ ҳамроҳи китобчаҳо, ки онҳо аз варақпораҳое беш набуданд, китобҳои калонҳаҷми мадрасагиро ҳам, ки онҳо муқоваҳои сабзу зарди рангоранг доштанд, дар хӯрҷин ва ё халтаи худ ҷой карда мебардошт. Агар яке аз рафиқон аз вай:

— Ту ки аз ин китобҳои мадрасагии пӯсида чизеро намефаҳмӣ, пас инҳоро чаро ҳамроҳи худ мебардорӣ? — гуфта мепурсид, ӯ ҷавоб медод:

— Шумоён ҳар чизро донетон ҳам, як чизро намедонед — мардумро. Мардуми авом ҳар гоҳ дар пеши касе китобҳои калонро бинанд, гумон мекунанд, ки ин муллои бисьёр калон будааст. Пас ба сухандонии ӯ эътимод мекунанд. Эътиқод ва эътимоди мардуми авом ба муллоҳои калон ба ҳамин сабаб аст. Бинобарин ман ин бори гаронро ҳамроҳи худ мебардорам, ки бо аслиҳаи муллоён ба муқобили худи онҳо кор барам.

Ба муқобили рафиқоне, ки дар корҳои хатарнок ҷасорат намекарданд ва мехостанд, ки ҳар корро бо эҳтиёт пеш баранд ва табиист, ки ҳеҷ кори намоёне ҳам карда наметавонистанд, сухани ӯ бисьёр кӯтоҳ буд:

— Ҳама касонеро, ки синнашон аз сисолагӣ гузаштааст, куштан даркор аст, аввал худамро, зеро ман ҳам баъд аз он ки солам аз сӣ гузашт, ҷасорати аввалҳои ҷавониамро аз даст додам...

Албатта мо ин сухани Қодир-махдумро ба сурати умумӣ қабул намекунем. Лекин ҳамин қадаращро

бояд иқрор кунем, ки он махдум (ӯ баъд аз воқеаи Колесов[472] дар Тошканд аз бемории тиф вафот намуд) қадру қимати ҷавон ва ҷавониро хуб фаҳмида ва тақдир карда будааст.

Баъд аз Инқилоби Бузурги Ӯктабр — инқилоби социалистӣ, вақте ки дар зери роҳбарии Партияи Коммунистӣ комсомол ба майдон омад ва корномаҳои намоён нишон дод, чи дар майдони ҷангҳои гражданӣ ва чи дар соҳаи сохтмони социалистӣ ҳамеша худро дар ҷоҳои хатарнок беибо андохт, мо ба хубӣ фаҳмидем, ки он махдум дар ҳаққи ҷавонон ва ҷавонӣ хеле дуруст гуфта будааст.

Вақте ки ҷавонон ва ҷавонӣ ба ҳоли худ як қобилияти фавқулоддаи инқилобӣ ва як тавоноии коркунии нотарсона дошта бошад, агар ин қувва дар зери тарбияи Партияи Коммунистӣ бо аслиҳаи илми ленинӣ мусаллаҳ шуда, муташаккилона ба майдон дарояд — яъне комсомол шуда кор кунад, сангҳоро сурма ва кӯҳҳоро коҳ хоҳад кард ва мо мебинем, ки карда истодааст.

Комсомоли Тоҷикистон, ки мо имрӯз ҷашни даҳсолагии ӯро мегузаронем, дар доираи худ ҳам кор накард. Комсомоли Тоҷикистон дар ҷанги бо босмачиён дар сафи пеш истода хеле намояндаҳои тавоно ва симоҳои дурахшони худро қурбон дод; комсомол дар сохтмони социалистии Тоҷикистон, аз ин ҷумла дар сохтмони Вахш ҷонбозона кор кард; комсомоли Тоҷикистон дар сохтмони колхозӣ дар муҳимтарин соҳаҳо, ки кашф ва фош кардани кулакҳо ва умуман душманони синфӣ буд, сари худро ба хатар андохта бо ҳушьёрии синфӣ кор карда, ғалабаҳо ба даст даровард; комсомоли Тоҷикистон дар сохтмони колхозӣ ва умуман дар сохтмони социалистӣ, дар ташкили мусобақаи социалистӣ ва ударникӣ, ки дар истеҳсолоти социалистӣ мавқеи ҳалкунанда аст, большевикона пешрав шуд; комсомоли Тоҷикистон дар озодии занон ва дар истеҳсолоти социалистӣ кашидани онон ҳақиқатан ҷонишини Партияи Коммунистӣ шуда кор пеш бурд, комсомол дар ҳаракати стахановчигӣ ҳам, ки ба майдон овардани истеҳсолоти социалистист, дар сафи пеш гузашта истодааст.

одами олим, хунарманд, маданӣ ва аз ҳамааш ҳам бақудраттар як инсони тандуруст шуда мерасад.

Дар мо — дар СССР аскар на барои пахш карда гирифтани заминҳои дигарон, балки барои мудофиа кардани Ватани бузурги ободи социалистии худ, на барои таҷовуз ба ҳуқуқи мазлумон, балки барои ҳимоя кардани Қонуни Асосии Социалистии инсоният хизмат мекунад.

Дар мо — дар СССР аскар на барои вайрон кардани сулҳи дунё, балки барои барқарор кардани сулҳ ва саломатӣ дар рӯи замин хизмат мекунад. Зеро давлати социалистии мо пешдори сулҳпарварони дунёст.

Сулҳпарварии моро ҳатто дунёи капиталистӣ ҳам маҷбур шуд, ки тасдиқ кунад. Лекин сулҳпарварӣ бо сухани хушк ба амал намеояд, давлатеро, ки бо дасти холӣ «ман сулҳпарвар» гуфта менишинад, пахш мекунанд.

Хусусан дар шароити ҳозираи байналхалқии мо, ки атрофамонро капиталистони дунё, аз ин ҷумла фашистони беномуси фитнагари баҳонаталаб печонда гирифтаанд, барои амалан ба вуҷуд овардани сулҳпарварӣ то дандону нохунамон дар мудофиа ҳозир буданамон лозим ва сухани пурҳикмати «агар сулҳ хоҳӣ, дар ҷанг тайёр бош»-ро ба амал овардаамон лозим аст.

Дар мо — дар СССР аскар ана ҳамин кори бошараф — кори сулҳ ва саломатиро нигаҳбон аст.

Ба ҳамин гуна як кори бошараф дар сояи сиёсати миллии Ленинии Партияи Коммунистӣ ҷавонони Тоҷикистон ҳам расиданд.

Ҷавононеро, ки барои бо виҷдони пок адо кардани ин вазифаи бошараф дар Якӯми Май қасам ёд мекунанд, ба такрор табрик мекунам ва муборак шавад мегӯям.

Ба аскарони пуршаъну шавкати қаҳрамоне, ки барои мудофиаи Ватани социалистӣ шамшер ба даст тайёр истодаанд, аз як нависандаи пир, ки барои мудофиаи ҳамин Ватан қаламро ба худ силоҳ карда гирифтааст, салом!

## ОМӮЗИШИ МАН АЗ МАКСИМ ГОРЬКИЙ[480]

Ман то Инқилоби Октябрь ҳатто номи Максим Горькиро нашунида будам, баъд аз Инқилоби Кабири Октябрь ҳарчанд дар бораи ӯ дар газет ва журналҳои маҳаллӣ баъзе чизҳо хонда ва баъзе порчаҳои асарҳои ӯро мутолиа карда бошам ҳам, ба хондани ягон асари пурраи ӯ комьёб нашуда будам, зеро ман забони русиро намедонистам ва тарҷимаҳои ӯ дар забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, ки ман хонда метавонистам, набуд, ё ки ба дасти ман намедаромад. Баъд аз барпо шудани Нашриёти Давлатии Тоҷикистон[481] ба хондан ва тарҷимаи тоҷикии «Бачагӣ»-и Горький комьёб шудам. «Дар байни мардум»-и ӯро ҳам мутолаа карда, «Кори Артамоновҳо»-и ӯро ҳам хондам, мақолаҳои ба ӯзбекӣ ва тоҷикӣ тарҷимашудаи ӯро ҳам мутолаа кардам. Инро ман бояд дар пеши ҷамоати советӣ арз кунам, ки пешрафти пурбаҳои эҷодкории ман ба омӯхтанам аз Максим Горький вобастагии қавӣ дорад. Ман дар додани образҳо дар ташбеҳҳо, дар баёни характери қаҳрамонҳо, дар тарзи ифодаи содда аз Максим Горький бисьёр чизҳоро омӯхтам.

Шумо мебинед, ки дар «Одина»-и[482] ман фольклор бисьёр кам аст, дар «Дохунда»[483] як миқдор фольклор ҳаст, аммо дар «Ғуломон»[484] фольклор, зарбулмасал, латифаҳои халқӣ хеле бисьёр аст. Ин бешубҳа вобаста ба омӯзиши ман Максим Горькийро ва таълимоти ӯрост дар бораи фоида бурдан аз фольклор ва афсонаҳои халқӣ.

Охирин чизе ки ман аз Максим Горький омӯхтаам, ёрмандии коллективона ва масъулияти коллективона аст дар байни нависандагони советӣ, инро ман аз мақолаи Горький, ки ба муносибати масъалаи «Формализм ва натурализм» навишта буд, омӯхтам.

## КОРДОРИИ ҲОКИМОНИ ДАВРАИ КӮҲНА ВА ИНТИХОБОТ[485]

Дар давраи ҳокимияти амирӣ коре ки ҳатто вайро дар даруни ковичка ҳам бошад, «интихоб» гуфтан мумкин бошад, набуд. Шахси амир дар қаламрави

Бухоро ва аз ин ҷумла дар Тоҷикистони Ҷанубӣ, ки он вақтҳо вайро «Кӯҳистон» меномиданд, ҳокими мутлақ буд ва ҳар касеро, ки ӯ дар вилоятҳо ҳоким, қозӣ, раис ва ё амлокдор таъин менамуд, вай ҳам дар доираи маъмурияти худаш ҳокими мутлақ буд ва инчунин одамҳои онҳо — ясавулон, шогирдпешагон, мулозимон ва дигарҳо ҳам — ҳар кадом бар сари фуқаро як ҳокими мутлақ буданд. Агар мо кӯтоҳтар карда гӯем, ҳокимияти амирӣ аз тӯдаи амирони мутлақ иборат буд, ки аҳолӣ маҷбур буд ба ҳамаи онҳо ва ба ҳар кадоми онҳо итоат кунад. Амирчаҳои поёнӣ (одамхои ҳокимон ва қозиён) бисьёр мешуд, ки кори кардагии яке аз худҳошонро дигаре аз онҳо қабул намекард. Аммо фуқаро маҷбур буд, ки ба ҳардуи он амирчаи мутлақ ҳам итоат ва фармонбардорӣ кунад.

Масалан, як омили закот (амалдори закотгундор) аз фақире «закот» гӯён то метавонист пул мегирифт ва ба дасти ӯ хат медод, ки ӯ закоти худро супурдааст. Аммо ҳамин ки ин фақир ба омили закоти дигаре вохӯрад, ин омил закотхати омили аввалиро ба эътибор намегирифт «ӯ омили закот бошад, ман ҳам омили закот ҳастам. Зуд бош закотатро бидеҳ».

Ин фақир маҷбур буд, ки ба ин омил ҳам чизе ёфта диҳад, вагарна дар зери қамчин мурдавор шатта хӯрда дар болои ин (монанди «болои мурда сад чӯб») маҳбус ҳам мегардид.[486]

Шахси амирон дар замони пеш (то замони истилои подшоҳи рус) ба тариқаи авлодӣ-меросӣ бо валиаҳд кардани амири калон, баъд аз мурдани ӯ ба тахт менишастанд. Вақте ки ӯ амир шуд, аввалин бор бародарон ва хешовандони худро мекушт ва баъд аз он бо галаи ҷаллодон ба куштан ва тороҷ кардани мардум медаромад.

Вақте ки императори Россия Осиёи Миёнаро ишғол кард ва амир Музаффар [487] ҳам дар тахти итоат ва ҳимояти ӯ даромад, валиаҳдии амири Бухоро маънии дигар пайдо кард: амир ҳақ надошт, ки ба ихтиёри худ яке аз фарзандони худро валиаҳд таъин кунад, балки ӯ мебоист фарзандони худро ба император ва дарбориёни ӯ тақдим кунад ва ҳар кадоми аз фар-

бояд икрор кунем, ки он махдум (ӯ баъд аз вокеаи Колесов[175] дар Тошканд аз бемории тиф вафот намуд) кадру кимати чавон ва чавониро хуб фахмида ва такдир карда будааст.

Баъд аз Инкилоби Бузурги Уктябр — инкилоби социалистӣ, вакте ки дар зери рохбарии Партияи Коммунистӣ комсомол ба майдон омад ва корномахои намоёни нишон дод, чи дар майдони чангхои гражданӣ ва чи дар сохаи сохтмони социалистӣ хамеша худро дар чохои хатарнок бейбо андохт, мо ба хубӣ фахмидем, ки он махдум дар хакки чавонон ва чавонӣ хеле дуруст гуфта будааст.

Вакте ки чавонон ва чавонӣ ба холи худ як кобилияти фавкулоддаи инкилобӣ ва як тавонони коркунии нотарсона дошта бошад, агар ин кувва дар зери тарбияи Партияи Коммунистӣ бо аслихаи илми ленинӣ мусаллах шуда, муташаккилона ба майдон дарояд — яъне комсомол шуда кор кунад, сангхоро сурма ва кӯххоро кох хохад кард ва мо мебинем, ки карда истодааст.

Комсомоли Точикистон, ки мо имрӯз чашни дахсолагии ӯро мегузаронем, дар доираи худ кам кор накард. Комсомоли Точикистон дар чанги бо босмачиён дар сафи пеш истода хеле намояндахои тавоно ва симохои дурахшони худро курбон дод; комсомол дар сохтмони социалистии Точикистон, аз ин чумла дар сохтмони Вахш чонбозона кор кард; комсомоли Точикистон дар сохтмони колхозӣ дар мухимтарин сохахо, ки кашф ва фош кардани кулакхо ва умуман душманони синфӣ буд, сари худро ба хатар андохта бо хушёрии синфӣ кор карда, галабахо ба даст даровард; комсомоли Точикистон дар сохтмони колхозӣ ва умуман дар сохтмони социалистӣ, дар ташкили мусобакаи социалистӣ ва ударникӣ, ки дар истехсолоти социалистӣ мавкеи халкунанда аст, большевикона пешрав шуд; комсомоли Точикистон дар озодии занон ва дар истехсолоти социалистӣ кашидани онон хакикатан чонишини Партияи Коммунистӣ шуда кор пеш бурд, комсомол дар харакати стахановчигӣ хам, ки ба майдон овардаи истехсолоти социалистист, дар сафи пеш гузашта истодааст.

одами олим, ҳунарманд, маданӣ ва аз ҳамааш ҳам бақудраттар як инсони тандуруст шуда мерасад.

Дар мо — дар СССР аскар на барои пахш карда гирифтани заминҳои дигарон, балки барои мудофиа кардани Ватани бузурги ободи социалистии худ, на барои таҷовуз ба ҳуқуқи мазлумон, балки барои ҳимоя кардани Қонуни Асосии Социалистии инсоният хизмат мекунад.

Дар мо — дар СССР аскар на барои вайрон кардани сулҳи дунё, балки барои барқарор кардани сулҳ ва саломатӣ дар рӯи замин хизмат мекунад. Зеро давлати социалистии мо пешдори сулҳпарварони дуньёст.

Сулҳпарварии моро ҳатто дуньёи капиталистӣ ҳам маҷбур шуд, ки тасдиқ кунад. Лекин сулҳпарварӣ бо сухани хушк ба амал намеояд, давлатеро, ки бо дасти холӣ «ман сулҳпарвар» гуфта мешинад, пахш мекунанд.

Хусусан дар шароити ҳозираи байналхалқии мо, ки атрофамонро капиталистони дуньё, аз ин ҷумла фашистони беномуси фитнагари баҳоноталаб печонда гирифтаанд, барои амалан ба вуҷуд овардани сулҳпарварӣ то дандону нохунамон дар мудофиа ҳозир буданамон лозим ва сухани пурҳикмати «агар сулҳ хоҳӣ, дар ҷанг тайёр бош»-ро ба амал оварданамон лозим аст.

Дар мо — дар СССР аскар ана ҳамин кори бошараф — кори сулҳ ва саломатиро нигаҳбон аст.

Ба ҳамин гуна як кори бошараф дар сояи сиёсати миллии Ленинии Партияи Коммунистӣ ҷавонони Тоҷикистон ҳам расиданд.

Ҷавононеро, ки барои бо виҷдони пок адо кардани ин вазифаи бошараф дар Якӯми Май қасам ёд мекунанд, ба такрор табрик мекунам ва муборак шавад мегӯям.

Ба аскарони пуршаъну шавкати қаҳрамоне, ки барои мудофиаи Ватани социалистӣ шамшер ба даст тайёр истодаанд, аз як нависандаи пир, ки барои мудофиаи ҳамин Ватан каламро ба худ силоҳ карда гирифтааст, салом!

бояд икрор кунем, ки он махдум (ӯ баъд аз вокеаи Колесов[475] дар Тошканд аз бемории тиф вафот намуд) кадру кимати чавон ва чавониро хуб фахмида ва тақдир карда будааст.

Баъд аз Инкилоби Бузурги Ӯктабр — инкилоби социалистӣ, вакте ки дар зери роҳбарии Партияи Коммунистӣ комсомол ба майдон омад ва корномаҳои намоён нишон дод, чи дар майдони ҷангҳои граждани ва чи дар соҳаи сохтмони социалистӣ ҳамеша худро дар чоҳои хатарнок беибо андохт, мо ба хубӣ фаҳмидем, ки он махдум дар ҳакки чавонон ва чавонӣ хеле дуруст гуфта будааст.

Вакте ки чавонон ва чавонӣ ба ҳоли худ як кобилияти фавкулоддаи инкилобӣ ва як тавонони коркунии нотарсона дошта бошад, агар ин кувва дар зери тарбияи Партияи Коммунистӣ бо аслиҳаи илми ленинӣ мусаллаҳ шуда, муташаккилона ба майдон дарояд — яъне комсомол шуда кор кунад, сангҳоро сурма ва кӯҳҳоро коҳ хоҳад кард ва мо мебинем, ки карда истодааст.

Комсомоли Тоҷикистон, ки мо имрӯз ҷашни даҳсолагии ӯро мегузаронем, дар доираи худ кам кор накард. Комсомоли Тоҷикистон дар ҷанги бо босмачиён дар сафи пеш истода хеле намояндаҳои тавоно ва симоҳои дурахшони худро курбон дод; комсомол дар сохтмони социалистии Тоҷикистон, аз ин ҷумла дар сохтмони Вахш ҷонбозона кор кард; комсомоли Тоҷикистон дар сохтмони колхозӣ дар муҳимтарин соҳаҳо, ки кашф ва фош кардани кулакҳо ва умуман душманони синфӣ буд, сари худро ба хатар андохта бо ҳушьёрии синфӣ кор карда, ғалабаҳо ба даст даровард; комсомоли Тоҷикистон дар сохтмони колхозӣ ва умуман дар сохтмони социалистӣ, дар ташкили мусобакаи социалистӣ ва ударникӣ, ки дар истеҳсолоти социалистӣ мавкеи ҳалкунанда аст, большевикона пешрав шуд; комсомоли Тоҷикистон дар озодии занон ва дар истеҳсолоти социалистӣ кашидани онон ҳакикатан ҷонишини Партияи Коммунистӣ шуда кор пеш бурд, комсомол дар ҳаракати стахановчигӣ ҳам, ки ба майдон овардаи истеҳсолоти социалистист, дар сафи пеш гузашта истодааст.

одами олим, ҳунарманд, маданӣ ва аз ҳамааш ҳам бақудраттар як инсони тандуруст шуда мерасад.

Дар мо — дар СССР аскар на барои пахш карда гирифтани заминҳои дигарон, балки барои мудофиа кардани Ватани бузурги ободи социалистии худ, на барои тачовуз ба ҳуқуқи мазлумон, балки барои ҳимоя кардани Қонуни Асосии Социалистии инсоният хизмат мекунад.

Дар мо — дар СССР аскар на барои вайрон кардани сулҳи дунъё, балки барои барқарор кардани сулҳ ва саломатӣ дар рӯи замин хизмат мекунад. Зеро давлати социалистии мо пешдори сулҳпарварони дунъёст.

Сулҳпарварии моро ҳатто дунъёи капиталистӣ ҳам маҷбур шуд, ки тасдиқ кунад. Лекин сулҳпарварӣ бо сухани хушк ба амал намеояд, давлатеро, ки бо дасти холӣ «ман сулҳпарвар» гуфта менишинад, пахш мекунанд.

Хусусан дар шароити ҳозираи байналхалқии мо, ки атрофамонро капиталистони дунъё, аз ин ҷумла фашистони беномуси фитнагари баҳонаталаб печонда гирифтаанд, барои амалан ба вуҷуд овардани сулҳпарварӣ то дандону нохунамон дар мудофиа ҳозир буданамон лозим ва сухани пурҳикмати «агар сулҳ хоҳӣ, дар ҷанг тайёр бош»-ро ба амал оварданамон лозим аст.

Дар мо — дар СССР аскар ана ҳамин кори бошараф — кори сулҳ ва саломатиро нигаҳбон аст.

Ба ҳамин гуна як кори бошараф дар сояи сиёсати миллии Ленинии Партияи Коммунистӣ ҷавонони Тоҷикистон ҳам расиданд.

Ҷавононеро, ки барои бо виҷдони пок адо кардани ин вазифаи бошараф дар Якӯми Май қасам ёд мекунанд, ба такрор табрик мекунам ва муборак шавад мегӯям.

Ба аскарони пуршаъну шавкати қаҳрамоне, ки барои мудофиаи Ватани социалистӣ шамшер ба даст тайёр истодаанд, аз як нависандаи пир, ки барои мудофиаи ҳамин Ватан қаламро ба худ силоҳ карда гирифтааст, салом!

## ОМӮЗИШИ МАН АЗ МАКСИМ ГОРЬКИЙ[480]

Ман то Инқилоби Октябрь ҳатто номи Максим Горькиро нашунида будам, баъд аз Инқилоби Кабири Октябрь ҳарчанд дар бораи ӯ дар газет ва журналҳои маҳаллӣ баъзе чизҳо хонда ва баъзе порчаҳои асарҳои ӯро мутолиа карда бошам ҳам, ба хондани ягон асари пурраи ӯ комьёб нашуда будам, зеро ман забони русиро намедонистам ва тарҷимаҳои ӯ дар забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, ки ман хонда метавонистам, набуд, ё ки ба дасти ман намедаромад. Баъд аз барпо шудани Нашриёти Давлатии Тоҷикистон[481] ба хондан ва тарҷимаи тоҷикии «Бачагӣ»-и Горький комьёб шудам. «Дар байни мардум»-и ӯро ҳам мутолаа карда, «Кори Артамоновҳо»-и ӯро ҳам хондам, мақолаҳои ба ӯзбекӣ ва тоҷикӣ тарҷимашудаи ӯро ҳам мутолаа кардам. Инро ман бояд дар пеши ҷамоати советӣ арз кунам, ки пешрафти пурбаҳои эҷодкории ман ба омӯхтанам аз Максим Горький вобастагии қавӣ дорад. Ман дар додани образҳо дар ташбеҳҳо, дар баёни характери қаҳрамонҳо, дар тарзи ифодаи содда аз Максим Горький бисьёр чизҳоро омӯхтам.

Шумо мебинед, ки дар «Одина»-и[482] ман фольклор бисьёр кам аст, дар «Дохунда»[483] як миқдор фольклор ҳаст, аммо дар «Ғуломон»[484] фольклор, зарбулмасал, латифаҳои халқӣ хеле бисьёр аст. Ин бешубҳа вобаста ба омӯзиши ман Максим Горькийро ва таълимоти ӯрост дар бораи фоида бурдан аз фольклор ва афсонаҳои халқӣ.

Охирин чизе ки ман аз Максим Горький омӯхтаам, ёрмандии коллективона ва масъулияти коллективона аст дар байни нависандагони советӣ, инро ман аз мақолаи Горький, ки ба муносибати масъалаи «Формализм ва натурализм» навишта буд, омӯхтам.

## КОРДОРИИ ҲОКИМОНИ ДАВРАИ КӮҲНА ВА ИНТИХОБОТ[485]

Дар давраи ҳокимияти амирӣ коре ки ҳатто вайро дар даруни ковичка ҳам бошад, «интихоб» гуфтан мумкин бошад, набуд. Шахси амир дар қаламрави

Бухоро ва аз ин ҷумла дар Тоҷикистони Ҷанубӣ, ки он вақтҳо вайро «Кӯҳистон» меномиданд, ҳокими мутлақ буд ва ҳар касеро, ки ӯ дар вилоятҳо ҳоким, қозӣ, раис ва ё амлокдор таъин менамуд, вай ҳам дар доираи маъмурияти худаш ҳокими мутлақ буд ва инчунин одамҳои онҳо — ясавулон, шогирдпешагон, мулозимон ва дигарҳо ҳам — ҳар кадом бар сари фуқаро як ҳокими мутлақ буданд. Агар мо кӯтоҳтар карда гӯем, ҳокимияти амирӣ аз тӯдаи амирони мутлақ иборат буд, ки аҳолӣ маҷбур буд ба ҳамаи онҳо ва ба ҳар кадоми онҳо итоат кунад. Амирчаҳои поёнӣ (одамҳои ҳокимон ва қозиён) бисьёр мешуд, ки кори кардагии яке аз худҳошонро дигаре аз онҳо қабул намекард. Аммо фуқаро маҷбур буд, ки ба ҳардуи он амирчаи мутлақ ҳам итоат ва фармонбардорӣ кунад.

Масалан, як омили закот (амалдори закотғундор) аз фақире «закот» гӯён то метавонист пул мегирифт ва ба дасти ӯ хат медод, ки ӯ закоти худро супурдааст. Аммо ҳамин ки ин фақир ба омили закоти дигаре вохӯрад, ин омил закотхати омили аввалиро ба эътибор намегирифт «ӯ омили закот бошад, ман ҳам омили закот ҳастам. Зуд бош закотатро бидеҳ».

Ин фақир маҷбур буд, ки ба ин омил ҳам чизе ёфта диҳад, вагарна дар зери қамчин мурдавор шатта хӯрда дар болои ин (монанди «болои мурда сад чӯб») маҳбус ҳам мегардид.[486]

Шахси амирон дар замони пеш (то замони истилои подшоҳи рус) ба тариқаи авлодӣ-меросӣ бо валиаҳд кардани амири калон, баъд аз мурдани ӯ ба тахт менишастанд. Вақте ки ӯ амир шуд, аввалин бор бародарон ва хешовандони худро мекушт ва баъд аз он бо галаи ҷаллодон ба куштан ва тороҷ кардани мардум медаромад.

Вақте ки императори Россия Осиёи Миёнаро ишғол кард ва амир Музаффар[487] ҳам дар тахти итоат ва ҳимояти ӯ даромад, валиаҳдии амири Бухоро маънии дигар пайдо кард: амир ҳақ надошт, ки ба ихтиёри худ яке аз фарзандони худро валиаҳд таъин кунад, балки ӯ мебоист фарзандони худро ба император ва дарбориёни ӯ тақдим кунад ва ҳар кадоми аз фар-

зандонашро, ки онҳо хуш кунанд, вай ӯро валиаҳд таъин кунад ва таъини ӯ аз тарафи император тасдиқ ҳам ёбад. Бинобар ин амир Музаффар якчанд фарзандони калонсоли худро ягон-ягон ба Петербург фиристода, ба император ва министрони ӯ манзур кард ва дарбориёни императорӣ аз байни онҳо Абдулаҳадро [488] ба муҳофиза кардани манфаатҳои колонизатории худҳошон қобилтар ёфта ӯро ба валиаҳдӣ тасдиқ кунонанд.

Абдулаҳад бошад писари худ Миролимро [489] дар вақти хурдсолагиаш ба дарбори император фиристод, ки ӯ дар он ҷо ғуломи ҳалқабаргӯши колонизаторон шуда тарбия ёфт.

Амирони Бухоро дар зери ҳимояти император аҳолии меҳнаткаши қаламрави Бухоро ва аз ин ҷумла Тоҷикистони ҷанубии имрӯзаро тороҷ карда, аз як тараф ба исрофот ва айшу нӯши худ сарф кунанд, аз тарафи дигар, ҳар сол чанд бор ба император ва хонаводаи ӯ, ба министрон ва хонаводаи онҳо, ба генерал-губернатори Туркистон ва атрофиёни ӯ пешкашҳои гаронбаҳо мебурданд ва мефиристоданд.

Дар корхонаи тиллокории Бухоро соле дувоздаҳ моҳ чандин даҳ нафар устоҳои ҳунарманди заргар, саводкор, минокор ва ҳаккок кор мекарданд, ки инҳо асбобхо, зарфҳо ва зиннатвориҳои нигинакорӣ, ҷавоҳиркорӣ, саводкорӣ ва минокориро барои пешкаши императорӣ тайёр мекарданд. Хӯш, амири Бухоро ин қадар пулро аз як мамлакати семиллионхалқии хароби аз ҷиҳати экономикӣ бисьёр пасмонда чӣ гуна ва ба чӣ роҳ меёфт?

Мо ҷавоби ин суолро аз тарзи идора ва кордории ҳокимияти амири Бухоро меёбем.

Агар мо аз се миллион халқи Бухорои собиқ сад ҳазор арбоби ҳукумат, боён, эшон ва муллоёнро барорем, ду миллиону нӯҳсад ҳазор нафар халқи боқимонда ғайр аз кор карда ба амир ва табақаи ҳукмрони ӯ додан аз ҳамаи ҳуқуқи дигар маҳрум буд.

Хироҷ ва андозгирии амири Бухоро, ки ин корро аз «хироҷ ва андоз» номидан «тороҷгарӣ» гуфтан ба ҳақиқат наздиктар аст, хеҷ як қоида ва тартиби навиштае надошт. Андози заминро даҳонакӣ, дар баъзе



С. Айнӣ, соли 1935.



С. Айнӣ бо Л. В. Кулешов, ходими маъруфи киной советӣ, соли 1933.

чой дах-чор (40%), дар баъзе чой дах-се (30%) ва дар ҳақиқат ҳаман хосилотро бо роххои гуногун ҳукумат ва кордорони вай мегирифтанд. Дар бештарин чоҳо деҳқонон на танҳо аз ҳосили меҳнати худ чизе намегирифтанд, ҳатто аз подшоҳӣ қарздор ҳам шуда мемонданд.

Дар баъзе чоҳо, хусусан дар Точикистони чанубии имрӯза деҳқони аз ваҷҳи андоз аз подшоҳӣ қарздоршуда дар бадали он қарз маҷбур мешуд, ки духтар ва ё писари худро баҳо карда диҳад.

Дар ҳокимияти амирӣ аз вазир — қушбегӣ гирифта, то амалдорони хурди районӣ — касе аз ҳукумат моҳона намегирифт ва ҳар коркун ба қадом роҳе ки худ донад ва ёбад, аҳолии меҳнаткашро тороч карда рӯз мегузаронид, балки дар айшу нӯш исроф ҳам мекард, барои рӯзи бекории худ захира ҳам мекард ва ба калонтари худ пешкаш ҳам мекард. Ин гуна пешкашиҳои аз амалдори хурд ба амалдори калон мешудагӣ, ки ин аз ҳисоби андоз, хироч ва закотҳои муқаррарӣ берун буд, дарача ба дарача то амир мерасид ва амир ҳам дар навбати худ ба император ва дарбориёни ӯ, ҳатто ба Распутин * ҳам пешкаш мекард.

Мо дар бораи бе моҳона кор карда, ба ғайр аз таъмини худ ба амир пул ёфта додани кордорони ҳокимияти амирӣ қозиро мисол гирифта гап мезанем:

Қозӣ, чунон ки маълум аст, ба вазифаи андозгирӣ ё закотгундорӣ ва умуман ба корҳои молии подшоҳӣ маъмур набуд, вазифаи асосии қозӣ чанчолҳои байни гражданҳо мешудагиро мувофиқи шариат пурсида ҳал кардан буд. Мана ҳамин қозӣ — аз қозикалони шаҳри Бухоро гирифта то қозиҳои гӯшаҳои кӯҳистони Точикистон бе моҳона кор мекарданд, аз ҳамин кори бемоҳонаи худ аз 5 сар асп гирифта то 20 сар аспро (ба калон ё хурдии район ё вилоят нигоҳ карда) ему алаф медоданд, аз даҳ нафар то сад нафар мулозим ва хизматгоронашонро сер мекарданд, оилаи калони худро исрофкорона мехӯрониданд ва

---

* Яке аз разилтарин одамон, ки дар хонаводаи Николаи дуввум зиндагӣ мекард.

мепӯшонданд ва барои рӯзи бекорӣ захира ҳам мекарданд. Аз ғайри инҳо соле аз даҳ ҳазор сӯм то сад ҳазор сӯм ба амир ҳам медоданд (аммо қозикалони Бухоро бо миллион медод).

Амирон бо пурсукови тахминӣ ҳисоб карда мефистоданд, ки ин қозӣ аз он район дар ҳамин сол чӣ қадар пул рӯёнд ва ба подшоҳӣ чӣ қадар дод. Агар ба назари амир пули ба подшоҳӣ додаи он қозӣ аз рӯи пули аз аҳолӣ тороҷ карда гирифтааш камтар намояд, боз маблағи муайянеро рӯйрост талаб карда мегирифт.

Дар хусуси аз куҷоҳо пул рӯёнда гирифтани қозиён ва пурсуков карда истодани амирон пули рӯёндагии онҳоро, ҳикояте дар хотир дорам, ки ин ҷоменависам:

Амир Абдулаҳад қозӣ Сафӣ ном қозиеро дар вақти бекории ӯ ба ҳузури худ даровварда аз вай «қозигии тумани Ғиҷдувон соле чанд танга мешавад?» гуфта мепурсад.

Қозӣ Сафӣ ҷавоб медиҳад:

— Чанд пул шудани қозигии як туман, ё вилоят ба шахси қозӣ вобастааст. Агар маро масалан дар Қарнаб қозӣ кунед (Қарнаб кӯҳи хушкаст дар байни Кармина ва Қаршӣ), ман аз он ҷо соле панҷоҳ ҳазор танга рӯёнда ба давлат месупорам.

Амир тааҷҷубкунон эзоҳ мепурсад:

— Охир, Қарнаб ҷоест, ки дар он ҷо аҳолии доимнишин нест. Дар мавсимҳои гӯсфандчаронӣ дар он ҷо аз ҳаштсад то ҳазор одам ҷамъ мешавад. Шумо ин маблағро аз куҷои кӯҳ ва аз кӣ мерӯёнед?

— Ман даҳ нафар мулозими шоҳчангол мекунам,— мегӯяд қозӣ Сафӣ,— худам дар кӯҳ чодар зада мешинам ва мулозимонро дар атроф паҳн мекунам ва ба онҳо мефармоям, ки аз рамаҳои роҳгузар ва дар он саҳро чаранда ба қадре ки ба даст дароранд, кашида биёранд. Ба ҳамин тартиб агар ҳар рӯз ҳар мулозим як гӯсфанд дуздида тавонад, ҳар рӯз даҳ гӯсфанд ба даст медароянд, агар мо баъзе рӯзҳои ноомади кор — рӯзҳои шикор барор нагирифтагиро ба ҳисоб гирем ҳам, ҳеҷ набошад соле се ҳазор гӯсфанд ба даст медарорем? Ҳар кадоми он гӯс-

фандонро панчох тангагӣ фурӯшем, дар як сол 150 хазор танга мешавад. Аз ин маблағ 50 ҳазорашро ба мулозимон медихем, 50 ҳазорашро ба зоти олӣ пешкаш мекунем ва 50 ҳазорашро худ нӯши ҷон мекунам.

— Агар соҳибони гӯсфанд дуздии шуморо фаҳманд, хусусан гӯсфандони худро пеши чодари шумо дида шиносанд, ба шумо ва ё ба мулозимонатон даъвогар шаванд, чӣ ҷавоб медихед? — гуфта амир аз қозӣ мепурсад.

— Ин як даромади дигар мешавад,— мегӯяд қозӣ дар ҷавоб ва эзоҳ медиҳад — ба соҳиби гӯсфанд, ки моляшро шинохта ба ман даъвогар шуда омадааст, «ин моли бесоҳиб аст, ки аз дашт ёфта оварда шудааст. Моли бесоҳиб моли подшоҳист. Ту мехоҳӣ, ки бо даъвои дурӯғ моли давлатро аз дасти ман гирӣ. Тез бош шоҳидони одил ёфта даъвои худро исбот кун! Вагарна мисли даъвокунандае ба қозӣ, ба ҷанобӣ олӣ ва қасдкунанда ба гирифтани моли давлат ҷазо медиҳам» мегӯям. Агар бо ин дӯғу пӯписа аз ман дур нашавад, ҳабс мекунам ва баъд аз сараш ба девори лаҳад расидан ишкелбогии дурусте гирифта сар медиҳам.

— Агар ин гуна корҳотон бисьёр шавад ва мардум гурӯҳ-гурӯҳ шуда аз дасти шумо «дод!» гӯён омада ба ман арз кунанд, кор чӣ мешавад? — гуфта амир мепурсад.

— Э, балои саратонро гирам, тақсирам. Гапро кашол карда маро ба беодобӣ кардан маҷбур накунед! Дар он вақт шумо ба он масал, ки мегӯянд «саг донаду кӯҳнадӯз дар анбон чист?» амал намуда ба онҳо муомила мекунед. Чунки ман ба масали «арбобро бину деҳа тоз» амал карда кор мекунам. Сағиру кабири ин мамлакат бо молу ашьёшон ҳамагӣ моли мероси ҳазратам мебошад.

Амир ғел зада механдад ва дар ҳамон маҷлис мунширо чег зада навиштани ёрлиғи қозигии Қарнабро ба номи Қозӣ Сафӣ мефармояд.

Ҳикояткунандаи ин воқиа ба нависандаи ин мақола гуфта буд, ки «ҳамон сол қозӣ Сафӣ аз қозигии Қарнаб ба ҷои 50 ҳазор тангаи ваъда кардааш б...

16*

амир 60 ҳазор танга дод ва ба мукофити ин «некӯхизматиаш» ба Регари Ҳисор, ки аз Қарнаб чанд баробар обод ва сераҳолист, қозӣ карда шуд. Аммо нафаҳмидам, ки худаш ва мулозимонаш аз тахмини худхошон чӣ қадар барзиёд аз Қарнаб пул захира карда бошанд.

Ҳокимияти амир мисли ҳокимиятҳои феодалии дигар ҳар қадар, ки аз марказ дуртар мерафт, ҳамон қадар ваҳшиёнатар, золимонатар ва хунхӯронатар мегардид. Агар дар Қарнаб, ки аз пойтахти амир — аз шаҳри Бухоро — 60—70 километр дурӣ дорад ва дар ҳамсоягии дачаи доимии амир — Кармина воқеъ аст, тартиби ҳукуматдорӣ ба тарзи дар боло навишта шудагӣ бошад, дар кӯҳистони Тоҷикистон, ки аз пойтахт садҳо километр дурӣ дошт, чӣ қадар ҷаллодона ҳукмронӣ кардани ҳокимияти амириро ҳар кас қиёс карда метавонад.

Дар муҳофизат кардани манфаатҳои колонизаторҳои императорӣ ҳокимияти амир боз ҳам хунхӯронатар ва ҷаллодонатар мегардид. Ҳеҷ кадом аз раияҳои меҳнаткаши Бухоро ба касе ки ӯ дар кисаи худ паспорти императорӣ дошта бошад, даҳон кушода гап зада наметавонист. Агар паспортдор раияи Бухороро занад ва ҳақорат кунад ҳам, ин маҷбур буд, ки сар хам карда дам истад, чунки агар кор ба маҳкама оид мешуд, бар болои он ҳама шаттаву ҳақорат ҷазои расмия ҳабс ва штраф ҳақ медод.

Банкҳо ва фирмаҳои колонизаторҳо дар ҳамаи гӯшаву канорҳои қаламрави Бухоро ва аз ин ҷумла дар Бухорои Шаркӣ (Тоҷикистони ҷанубии имрӯза) ҳам конторҳои худро кушода буданд. Инҳо то қуллаҳои кӯҳҳо гумоштаҳои худро мисли мӯру малах паҳн карда ва моли хом ҷамъ мекарданд ва моли саноатӣ фурӯхта, аҳолии меҳнаткашро бо ҳилаву найранг қарздор карда мол мегирифтанд.

### ДУ ҲАШАР [40]

Дар вилояти Ленинобод касе нест, ки қишлоқи Маҳрамро надонад. Ин қишлоқи харобаро, ки дар миёнаи биёбони бегиёҳи байни Ленинобод — Конибодом воқеъ аст, таърих ҳам медонад. Дар ин қишлоқ

як чордевори вайрони кӯрғонмонанд ҳам ҳаст, ки вай бо забони ҳоли худ, аз таърих гап мезанад.

Ду ҳашаре, ки мо баён кардани онҳоро мехоҳем, марказашон ана дар ҳамин қишлоқ аст:

Ҳашари якӯм.

Дар замони амирон ва хонон дар бештарин вактҳо кишлоки Маҳрам сарҳадди байни амората Бухоро ва хонии Фарғона ҳисоб меёфт. Ин амирон ва хонон соле як бор бар сари якдигар лашкар мекашиданд, ки ана ҳамин қишлок маркази ҷанг ва лашкаркашии онҳо мегардид.

Дар ин ҷангҳо хонҳо ва амирҳо на танҳо аскарони якдигарро мекуштанд, балки бештарин қурбониҳои теғи бедоди онҳо аҳолии меҳнаткаш ва деҳқонони хокпӯши ин сарзамин мегардиданд. Аҳолии Ленинободи ҳозира (Хуҷанди собиқ), Конибодом ва Исфараро барои сер кардани мӯру малахон — аскарони худ тамоман тороҷ мекарданд ва баъд аз он аҳолии тороҷдидаро ба номи ҳашар ва «элқуйруқ» ба лашкаргоҳи худ ғун менамуданд, онҳо қӯрғон ва шинак месохтанд, ӯр мекофтанд ва дар зери шамшери навкарони хирсмонанд бо дасти хушк, ё бо як калтак маҷбур мешуданд, ки ба тарафи муқобили худ ҳуҷум намоянд.

Дар ин гуна шароит аввал касоне ки дар он ҷангҳо кушта мешуданд, ана ҳамин аҳолии меҳнаткаши бараҳнаи тороҷдида буданд.

Вақте ки яке аз он амир ё хон мағлуб мегардид, бо аскарони савораи худ як бори дигар он сарзаминро тороҷ карда мегурехт.

Ғолиби ғаддор бошад аҳолии меҳнаткашро тарафи душман шумурда асир кардани мешуд ва аз сари онҳо дар ҳамин қишлоқи Маҳрам калламанора месохт ва онҳое ки аз ин кушокушӣ зинда халос мешуданд, ба номи амонпулӣ товони ҳарбӣ андохта то курта, лозимӣ, талқон, ҳайвонот ва хасбедаашон ғундошта мегирифт.

Агар мо фактҳои таърихиеро, ки дар ин хусус ҳаст, нависем, як китоби калон тартиб додан даркор мешавад. Лекин барои бедалел намондани ин маълумот як факти охиринро ёдоварӣ кардан лозим аст.

Дар вакте ки колонизаторҳои императорӣ барои ҳуҷум ба Тошканд тайёрӣ медиданд, амири Бухоро — амир Музаффар бо сад ҳазор аскар ва «газоталаб» омада дар ҳамин биёбони Маҳрам манзил кард. Ҳар кас гумон мекард, ки амир ба ёрии фарғонагиён ва тошкандиён ба мудофаи Тошканд меравад. Аммо дар Маҳрам лашкаргоҳ кардани вай ин гумонро рад мекард.

Бо вуҷуди ин мудофаакунандагони Тошканд ба амир ариза фиристода, ӯро ба ёрӣ чеғ заданд. Ӯ оварандаи аризаро асир кард ва хонзодаеро, ки барои арзи эҳтиром ба амир омада буд, кушта ва худ ба Фарғона ҳуҷум кард, вилояти аз аҳолии яроқнок холимондаро тороҷ карда ва қаси бисьёреро ба асирӣ гирифт.

Вақте ки аскарони императорӣ Тошкандро гирифтанд ва мардуми яроқдори Фарғона ба вилояти худ баргаштанд, амир асиронро ҳамроҳи худ гирифта баргашт ва дар Маҳрам аз сари асирон як калламанора сохта, худ ба Бухоро рафт...

Ин хонон ва амирон гайр аз тороҷ ва кушокушӣ, барои осоиши аҳолӣ чорае надиданд ва дар фикри чорабинӣ ҳам набуданд.

Дар замони колонизаторҳои императорӣ ҳам ин биёбони холӣ, ҳамчунон бе обу алаф монд.

Ҳашари дуввӯм.

Ниҳоят офтоби ҷаҳонтоби Октябрь баромад ва аз партави пурнури худ рӯзи сиёҳи меҳнаткашонро равшан кард. Мамлакат дар ҳар соҳа ва аз он ҷумла дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бо қадамҳои девии афсонагӣ пеш рафт. Дар натиҷаи ғалабаи сохтмони колхозӣ деҳқон серу осудаҳол гардид. Деҳқони замони масъудӣ боз ҳам ба саодатмандтар шудан кӯшиш кард. Ӯ ба зиёд кардани ҳосилоти замини корами худ қаноат накарда, дар пайи боз ҳам серобтар ва боз ҳам серҳосилтар кардани онҳо афтод ва орзу кард, ки биёбонҳои хароби чандинасраро обод карда, замини корами худро ҳам зиёдтар кунад.

Ана ҳамин қаҳрамонон соли гузашта чандин каналҳоре бо ғайрат ва меҳнати афсонавӣ канда об бароварданд. Аз он ҷумла яке канали Калони Фарғона

буд. Дар кори ин канал меҳнаткашони вилояти Ленинобод ҳам иштирок карда буданд.

Меҳнаткашони вилояти Ленинобод имсол хостанд, ки кори навбати дуввӯмии он каналро бо ғайрати худ ичро карда, биёбонҳоро бӯстон намоянд.

Ин қаҳрамониро дар айёми зимистон, дар зери барфу борон ба ин биёбон амирон ва хонон маҷбур карда, барои куштани якдигар наовардаанд. Ин қаҳрамонон он ҷонбозонеанд, ки онҳо ба ин ҷо бо шавқи худ, бо хоҳиши худ ва ташаббуси худ омадаанд, инҳо он қаҳрамононеанд, ки ба онҳо ин қаҳрамониро, ин бахту саодатро даврам саодатбахш додааст.

Бесабаб нест, ки инҳо нормаи кори ҳаррӯзаро садҳо процент барзиёд ичро мекунанд, чунки инҳо медонанд, бахту саодатро ба онҳо Партияи Коммунистӣ додааст, чунки инҳо медонанд, бахту саодати оиндаашон дар зери роҳбарии Партияи Коммунистӣ таъмин ёфтааст. Бинобар ин ба тарбиятгари маҳбуби худ хитоб карда мегӯянд:

Эй мураббии рӯҳи инсонӣ!
Гар башар пайкар аст, ту ҷонӣ!
Метавон сохт шаҳрҳои васеъ,
Метавон сохт касрҳои рафеъ,
Метавон кард кӯҳро ҳомун,
Метавон кард даштро Ҷайҳун.
Лек дигаркунии рӯҳи башар,
Натавонад касе ба даҳр, магар —
Он ки ҷони тани башар бошад,
Бонии гулшани башар бошад.
Ту, ки ҷони тани башар ҳастӣ!
Бонии гулшани башар ҳастӣ!
Халқи моро намудӣ одами нав!
Ловки зиндагии олами нав.
Гар зафар кардаем дар ҳар кор,
Аз ту ҳастем шоду миннатдор!

### ОБЬЁРӢ[85]

Бо вуҷуди қурб маҳрумем аз базми висол,
Наҳри беларво канори хешро одоғ кард.

Шоир, мазмуни ин байти лирикии худро аз ҳаёти обьёрии Осиёи Миёна гирифтааст, ки ба ҳақиқати таърихӣ тамоман мувофиқ аст.

Маълум аст, ки бе об аз заминҳои Осиёи Миёна

ва аз ин ҷумла аз Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳосил гирифтан мумкин нест. Бе об на танҳо заминҳо ҳосил намедиҳанд, балки дар заминҳои беоби ин сарзамин ҳаёти инсонӣ, ҳайвонӣ ва растанигӣ (наботӣ) тамоман барҳам мехӯрад. Сабаб ҳамин аст, ки шаҳрҳои калон, деҳа ва кишлоқҳои обод дар канори ҷӯйҳо, рӯдҳо, наҳрҳою дарьёҳои равон бино ёфтаанд.

Дар вақтҳое ки тақдири фарзанди одам ба дасти табиат супурда шуда буд, дар вақтҳое ки ба болои сари меҳнаткаш феодалҳо ва бойҳо ҳукмронӣ мекарданд, инсон барои фоида бурдан аз об ба лаби ягон наҳр, ё дарьё ғун мешуд ва аз он ҷо бо дасти беярок, ё бо каланду бел ва бо шоху меҳ об гирифта замин кишта, умр мегузаронид.

Аммо «наҳри бепарво» (чунон ки дар байти боло бо ин сифат ёд карда шудааст) дар як ҳол наменстод: вай рӯз ба рӯз гузаргоҳи худро кофта, аз замини корам чуқуртар мерафт ва рафта-рафта ба дараҷае, ки заминҳои канори вай аз вай фоида бурда наметавонистанд ва «одоғ»* шуда мемонданд.

Дар Мовароуннаҳри собиқ — дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистони имрӯза садҳо кишлоқҳои обод ва даҳҳо шаҳрҳои пуродам, ки дар канори наҳрҳо ва дарьёҳо бино ёфта буданд, ба сабаби чуқур рафта, ба он кишлоқҳо ва шаҳрҳо об дода натавонистани он наҳрҳо ва дарьёҳо, онҳо тамоман хароб шуда беномунишон рафтанд.

Шаҳри Хоразми қадимӣ, ки дар резишгоҳи аввалини дарьёи Аму буд. (дар канори баҳри Каспӣ) шаҳри Ҷанд, Бинокад ва Шоҳрухия, ки дар канори дарьёи Сир буданд, шаҳри Вахш, ки дар лаби дарьёи Вахш буд (аз он шаҳр нишона танҳо номи дарьёи Вахш мондааст), шаҳри Аму, ки дар канори дарьёи Аму дар наздикии Чорҷӯй буд, шаҳри Пайканд, ки дар канори дарьёи Зарафшон, дар миёнаи Қарокӯл ва Бухоро буда, аз Бухоро калонтар ва ободтар буд,— аз он ҷумла шаҳрҳоанд, ки аз «бепарвоии»

---

* *Одоғ* — асли ин калима «Обдоғ» (доғи об) буда, дар талаффуз сабук карда шуда, шакли одоғро пайдо кардааст ва маъниин зиндан оп заминҳои канори дарьёст, ки ба онҳо об намебарояд ва агар киштукор кунанд, бе об (лалмӣ) мекоранд.

наҳр, бо вуҷуди дар лаби наҳр буданашон аз беобӣ хароб ва вайрон шуда, беномунишон рафтаанд.

Феодалҳо, ки ҳукмрони беамони он замонҳо буданд, ба ин аҳвол ва шароит ё чорае надида «тамошобин» шуда менишастанд, ё ин ки бо ҷангуҷӯши байни худ ба хароб шудани сарбандҳо сабаб шуда, вайрон ва нест шуда рафтани шаҳрҳо ва деҳаҳоро боз ҳам тезтар мекарданд (агар мо аз ин қатор сомониҳо барин подшоҳонеро, ки барои манфаати худҳошон бошад ҳам, ба обьёрӣ ёрӣ медоданд ва роҳбарӣ мекарданд, истисно кунем, аксарияти азими феодалҳо ба харобӣ ёрӣ медоданд).

Феодалҳои ҳукмрон мувофиқи масали ӯзбекон «ба оши тайёр баковул» буданд. Агар деҳқонон ҷӯй канда, об бароварда замини майитаеро обод мекарданд, онҳо бо номи хироҷ — ушр, вакф ва молият, танҳо тороҷ кардани ҳосилоти он деҳқононро медонистанд.

Амирони охирини Бухоро ва хонҳои охирини Фарғона бошанд, «роҳбарикунӣ ба обьёрӣ»-ро як манбаи даромади худ қарор дода буданд: амирони Бухоро дар обьёрӣ ба ташаббуси халқ роҳ намедоданд, аммо худҳошон сар шуда, кореро ба вуҷуд намеоварданд. Танҳо соле 2 бор мардумро барои ҷӯйковӣ ва бандбандӣ ба ҳашар чеғ мезаданд.

Ҳашарро одатан дар вақти киштукории баҳорӣ, ё дар вақти дарав ва ё ин ки дар мавсими ғунучини тирамоҳӣ, дар вақте ки бештарини деҳқонон ба кор омада наметавонистанд, чеғ мезаданд. Ҳашарчиён вақте ки ба сари кор омада ғун мешуданд, «роҳбарони бевоситаи ҳашар» — миробон, аминон ва оқсақолон (дар ҳашарҳои калон қозиён, амлокдорон ва миршабон ҳам), мардумро рухсат намедоданд, ки ба кор дароянд, онҳоро то гашти рӯз бекор нигоҳ дошта, вақте ки ба шом — ба фурӯ рафтани офтоб як соат мемонд, кор сар мекунонданд. Бо ин тадбир ҳашари 5-рӯза ба моҳ ва ҳашари даҳрӯза ба моҳҳо кашол меёфт.

Хӯш, ин «роҳбарон» аз ин кор чи фоида мебурданд?

Якӯм ин ки дар ҳар рӯзи кор барои хароҷоти он «роҳбарон» деҳқонон маҷбур буданд, ки аз қишлоқҳо пули муайян ғундошта диҳанд, худҳошонро бо

гўшт ва биринҷ ва аспхояшонро бо ему алаф сер кунанд.

Дуввўм ин ки ҳар кас ба ин кор рўзе яксоатӣ як рўз омада натавонад, ба ў бо номи бокӣ даҳ танга (як сўму 50 тин тилло) ҷарима меандохтанд.

Саввўм, дар охири ҳашар ба нисбати дароз шудани рўзҳои ҳашар ба сари ҳар мардикор аз 5 танга то 10 танга «кўтарабокӣ» меандохтанд, ки ин пулро ҳамаи мардикорон, хоҳ ба кор омада бошанд ва хоҳ не, ба додан маҷбур буданд (маблаге ки аз бокӣ ва кўтарабокӣ гун мешуд, ҳамагӣ ба хазинаи амир мерафт).

Хонҳои охирини Фарғона ҳам дар «роҳбарикунӣ ба обьёрӣ» айнан нусхаи амирони Бухоро буданд. Хони охирини Фарғона — Худоёрхон,[68] ба болои ин ки дар ҳашар ва обьёрӣ айнан амири Бухороро таклид мекард, «дар танбўри худ боз як нағмаи дигар зиёд кард», ў хост, ки аз дарьё сарҷўйҳои хусусӣ бароварда барои худ боғи хусусӣ созад. Ў бо ин мақсад дар соли 1868 ҷўи Аккаро ва дар соли 1869—70 Улуғнаҳрро кованд.

Хон дар ковондани ин ҷўйҳо мардуми меҳнаткаши Фарғонаро, ки ба хўрдан нон ва ба пўшидан либос надоштанд, дар зери шамшер ва камчин ба ҳашар баровард. Мардуми меҳнаткаши гурусна бе асбоби техникӣ ва бе плани муайян маҷбур буданд, ки ҳазорҳо кубометр хок кананд, сангҳои хороро реза кунанд ва харсангҳоро бардоранд.

Хон ҳар рўз шахсан ба болои ҳашар ҳозир мешуд ва онҳоеро, ки аз гуруснагӣ, пирӣ, нотавонӣ ва беморӣ дуруст кор карда наметавонистанд, дар пеши назари худ камчинкорӣ мекунонд ва худаш ҳам шахсан ба пушти бараҳнаи деҳқон зада, теғи қамчини худро гулгун мекард ва аз ин кор завқ мегирифт. Баъзан ин деҳқони гўштҳои пушташ аз зарби қамчин пора гардида хуншоршударо дар зери офтоби 60 дараҷагӣ баразна баста монда бо ҳамин азоб мекушт. Ҳар рўз якчанд нафар ҳашарчиёнро бо шамшер кушта, барои «ибрати ҳашарчиёни танбал» ба дарахт овехта мемонд, ки чашмони мурдаро дар пеши назари мардум зоғҳо кофта мехўрданд...

Колонизаторхои императорӣ ҳам дар обьёрии Туркистони собиқ коре накардаанд. Дар Мирзочӯл ба номи «Киазарик» бо қувваи меҳнаткашон аз дарьёи Сир об бароварда бошад ҳам, каймоқи ин ҷӯйро колонизаторҳо ва ширашро бойҳои маҳаллии иҷорадор мехӯрданд. Колонизатор заминро обро ба бой иҷора медод, бой батраконн аз безаминӣ ва беобӣ бекор ва гуруснамондаро ба он «варачахона» кӯчонда оварда, эксплоатация мекард. Ин батракони гуруснa ва барахна ба манфиати бои иҷорадор кор карда, охир аз гуруснагӣ ва ё варача дар он ҷоҳо мурда мерафтанд...

* * *

Революцияи Кабири Социалистии Октябрь ба охири саҳифаҳои сиёҳ ва хунолуди таърихи гузаштаи лаънатӣ ишорати «тамом»-ро гузошт. Обу замин бо декрети ленинии Ҳукумати Советӣ аз они деҳқони меҳнаткаш шуд. Деҳқони меҳнаткаш дар зери роҳбарии партияи пуриқтидор Ленин — Партияи Коммунистии большевикӣ аз яккахоҷагӣ ба коллективӣ гузашт.

Партияи кабири коммунистӣ дар ташкил карданн колхозҳо ва мустаҳкам кардани онҳо чӣ қадар роҳбарӣ ва ғамхорӣ карда бошад, дар сероб ва серзамин шудани колхозҳо ҳам ҳамон қадар роҳбарӣ ва ғамхорӣ кард.

Сохтмони бузурги Вахш, сохтмони Ҳоҷабоқирғон ва дигар сохтмонҳои хурду калон мисолҳои ба назар намоёни он роҳбарӣ ва ғамхорӣ мебошанд.

Сохтмони Вахш ва дигар сохтмонҳо дар зери роҳбарии партияи тавонои Ленин бо маблағи Ҳукумати Советӣ, бо ёрии коркунони инженер-техникии советӣ, бо ёрии бевоситаи халқи кабири рус барои хушбахтии меҳнаткашон ба вуҷуд омаданд.

Партияи Коммунистӣ танҳо бо ёрмандиҳои моддӣ қаноат накарда, мардуми меҳнаткашро тарбияи маънавӣ-политикӣ дода, ӯро аз сари нав сохт. Талантҳои мурда ва зангзадарафта аз сари нав зинда ва бурро шуда дар майдони сохтмони социалистӣ баромаданд. Мардуми ғулом ва асири пештара мардуми қаҳрамони ташаббускор ва эҷодкори сохтмони социалистӣ гардида намоён шуданд.

гўшт ва биринҷ ва аспхояшонро бо ему алаф сер кунанд.

Дуввум ин ки ҳар кас ба ин кор рӯзе яксоатӣ як рӯз омада натавонад, ба ӯ бо номи бокӣ даҳ танга (як сӯму 50 тин тилло) ҷарима меандохтанд.

Саввӯм, дар охири ҳашар ба нисбати дароз шудани рӯзҳои ҳашар ба сари ҳар мардикор аз 5 танга то 10 танга «кӯтарабокӣ» меандохтанд, ки ин пулро ҳамаи мардикорон, хоҳ ба кор омада бошанд ва хоҳ не, ба додан маҷбур буданд (маблағе ки аз бокӣ ва кӯтарабокӣ ғун мешуд, ҳамагӣ ба хазинаи амир мерафт).

Хонҳои охирини Фарғона ҳам дар «роҳбарикунӣ ба обьёрӣ» айнан нусхаи амирони Бухоро буданд. Хони охирини Фарғона — Худоёрхон,[92] ба болои ин ки дар ҳашар ва обьёрӣ айнан амири Бухороро тақлид мекард, «дар танбӯри худ боз як нағмаи дигар зиёд кард», ӯ хост, ки аз дарьё сарҷӯйҳои хусусӣ бароварда барои худ боғи хусусӣ созад. Ӯ бо ин мақсад дар соли 1868 ҷӯи Аккаро ва дар соли 1869—70 Улуғнаҳрро ковонд.

Хон дар ковондани ин ҷӯйҳо мардуми меҳнаткаши Фарғонаро, ки ба хӯрдан нон ва ба пӯшидан либос надоштанд, дар зери шамшер ва қамчин ба ҳашар баровард. Мардуми меҳнаткаши гурусна бе асбоби техникӣ ва бе плани муайян маҷбур буданд, ки ҳазорҳо кубометр хок кананд, сангҳои хороро реза кунанд ва харсангҳоро бардоранд.

Хон ҳар рӯз шахсан ба болои ҳашар ҳозир мешуд ва онҳоеро, ки аз гуруснагӣ, пирӣ, нотавонӣ ва беморӣ дуруст кор карда наметавонистанд, дар пеши назари худ қамчинкорӣ мекунонд ва худаш ҳам шахсан ба пушти бараҳнаи деҳқон зада, теғи қамчини худро гулгун мекард ва аз ин кор завқ мегирифт. Баъзан ин гардеҳқони гӯштҳои пушташ аз зарби қамчин пора гардида хуншоршударо дар зери офтоби 60 дараҷагӣ бадида хуншоршударо дар зери офтоби 60 дараҷагӣ бараҳна баста монда бо ҳамин азоб мекушт. Ҳар рӯз якчанд нафар ҳашарчиёнро бо шамшер кушта, барои «ибрати ҳашарчиёни танбал» ба дарахт овехта мемонд, ки чашмони мурдаро дар пеши назари мардум зоғҳо кофта мехӯрданд...

Колонизаторхои императорӣ ҳам дар обьёрии Туркистони собиқ коре накардаанд. Дар Мирзочўл ба номи «Кназарик» бо қувваи меҳнаткашон аз дарьёи Сир об бароварда бошад ҳам, қаймоқи ин ҷўйро колонизаторҳо ва ширашро бойҳои маҳаллии иҷорадор мехўрданд. Колонизатор замину обро ба бой иҷора медод, бой батраконии аз безаминӣ ва беобӣ бекор ва гуруснамондаро ба он «варачахона» кўчонда оварда, эксплоатация мекард. Ин батраконии гурусна ва бараҳна ба манфиати бои иҷорадор кор карда, охир аз гуруснагӣ ва ё варача дар он ҷоҳо мурда мерафтанд...

* * *

Революцияи Кабири Социалистии Октябрь ба охири саҳифаҳои сиёҳ ва хунолуди таърихи гузаштаи лаънатӣ ишорати «тамом»-ро гузошт. Обу замин бо декрети ленинии Ҳукумати Советӣ аз они деҳқони меҳнаткаш шуд. Деҳқони меҳнаткаш дар зери роҳбарии партияи пуриқтидор Ленин — Партияи Коммунистии большевикӣ аз яккахоҷагӣ ба коллективӣ гузашт.

Партияи кабири коммунистӣ дар ташкил кардани колхозҳо ва мустаҳкам кардани онҳо чӣ қадар роҳбарӣ ва ғамхорӣ карда бошад, дар сероб ва серзамин шудани колхозҳо ҳам ҳамон қадар роҳбарӣ ва ғамхорӣ кард.

Сохтмони бузурги Вахш, сохтмони Хоҷабоқирғон ва дигар сохтмонҳои хурду калон мисолҳои ба назар намоёни он роҳбарӣ ва ғамхорӣ мебошанд.

Сохтмони Вахш ва дигар сохтмонҳо дар зери роҳбарии партияи тавонои Ленин бо маблағи Ҳукумати Советӣ, бо ёрии коркунони инженер-техникии советӣ, бо ёрии бевоситаи халқи кабири рус барои хушбахтии меҳнаткашон ба вуҷуд омаданд.

Партияи Коммунистӣ танҳо бо ёрмандиҳои моддӣ қаноат накарда, мардуми меҳнаткашро тарбияи маънавӣ-политикӣ дода, ўро аз сари нав сохт. Талантҳои мурда ва зангзадарафта аз сари нав зинда ва бурро шуда дар майдони сохтмони социалистӣ баромаданд. Мардуми ғулом ва асири пештара мардуми қаҳрамони ташаббускор ва эҷодкори сохтмони социалистӣ гардида намоён шуданд.

Яке аз ин ташаббусҳои халқӣ, ки асари худро дар соҳаи обьёрӣ нишон дод, канали Лағмон буд. Канали Лағмон дар баҳори соли 1939, дар рӯзаке чанд бо ташаббуси худи халқ канда шуда ба номи съезди XVIII таърихии партия номида шуд.

Канали Лағмон — ин як тухми ташаббуси халқ буд, ки дар замини социалистӣ кишта шуд ва дар рӯзи дуввӯми кишта шудани худ рӯида бо суръати большевикона расида, меваи худро дод.

Яке аз он меваҳо ташаббуси умумии халқи Фарғона буд, ки дар сохтани Канали Калони Фарғона асари худро нишон дод...

Канали Калони Фарғона — ин як дарахти зудраси ташаббуси халқ буд, ки ба сар то сари хоки советӣ решаи худро давонид ва аз ҳама ҷо ниҳолҳои бехҷасти худро рӯёнид. Дар мамлакати васеи советӣ ҳеҷ республика, ҳеҷ вилоят ва ҳеҷ район нест, ки аз ташаббуси бинокорони Канали Калони Фарғона илҳом гирифта бо ташаббуси худ чизе насохта бошанд.

* * *

Колхозчиён ва меҳнаткашони Тоҷикистони шимолӣ, ки дар сохтмони Канали Калони Фарғона бевосита иштирок карда, нормаи кори худро барзиёд ва аз ҳама пештар адо карда буданд, бо он кор каноат накарданд ва хостанд, ки бо ташаббуси худ кори навбати дуввӯмии он каналро зудтар тамом карда районҳои шимолиро сероб намоянд.

Кори навбати дуввӯмии Канали Калони Фарғона дар аҳамият ва душворӣ ҳам бевосита дар дараҷаи дуввӯми кори навбати аввалини он канал меистад. Агар сохтмони навбати аввалини ин канал дар биёбонҳои бесоя дар зери офтоби майнасӯзи тобистонӣ гузашта бошад, кори навбати дуввӯмӣ дар зери барфу борони зимистонӣ, дар сармои хунях кунанда гузашт. Албатта дар ин шароит, як канали 80 километрро аз кӯҳҳо, аз кирҳо, аз чӯлҳо, аз санглох ва сойҳо канда гузарондан кори осон нест.

Лекин бинокорони канал одамҳои замони феодалӣ

ва колонизаторӣ нестанд, инҳоро Партияи кабири большевикӣ — партияи Ленин тарбия карда расонидааст. Инҳо большевиконанд ки:

Натарсанд аз офтоби тамӯз,
Натарсанд аз гармии майнасӯз,
Натарсанд аз барфи монанди кӯҳ,
Зи сармо набинанд ҳаргиз сутӯҳ.
Натарсанд аз боду аз мавҷи об,
На аз оташи сахти пурилтиҳоб.
Басе наҳрҳои хурӯшандаро,
Басе оби аз хашм ҷӯшандаро,
Гирифта ба фармони худ бандавор,
Ба инсон намоянд фармонгузор.

Масофаи 80 километрӣ, ки аз он ҷо қисми поёнии Канали Калони Фарғона мегузарад — аз Конибодом то Ленинобод, дар лаби дарьёи Сир воқеъ аст. Ин қитъа бо вуҷуди ин ки дар лаби дарьёи пуроб — дар канори дарьёи Сир воқеъ аст, асрҳо боз беоб буд, ҳатто шаҳри Ленинобод, ки ду тарафашро дарьёи Сир печонда гирифтааст, аз беобӣ дар айёми тобистон месӯхт. Ин қитъа мисли он қитъаҳое буд, ки «бо вуҷуди дар қурби дарьё будан наҳри бепарво вайро одоғ карда буд».

Лекин одамҳои даврони [социалистӣ] ба ин ҳол нигоҳ карда наистода дар пайи гулистон гардондани ин қитъаи биёбон афтоданд ва бо фаъолияти большевиконаи худ дар зери роҳбарии Партияи Коммунистии тавоно, бо ғамхории Партияи Коммунистии тавоно ва бо ёрии халқи кабири рус дар худи ҳамин сол аз ин гулистон гул хоҳанд чид.

### МУБОРИЗАИ 15-СОЛАИ БОШАРАФОНА [63]

Газетаи «Тоҷикистони Сурх» баробари ба вуҷуд омадани республикаи Тоҷикистони Советӣ (15. III. с. 1925) ба дунье баромад. Газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар вақте ва дар ҷое ба майдон омад, ки то он вақт дар он ҷо на танҳо газетаи тоҷикӣ, балки ҳеҷ як матбуот набуд, ҳатто аҳолии он ҷо номи матбуот ва газетаро ҳам нашунида буданд.

Газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар вақте ва дар ҷое

Яке аз ин ташаббусҳои халқӣ, ки асари худро дар соҳаи обьёрӣ нишон дод, канали Лағмон буд. Канали Лағмон дар баҳори соли 1939, дар рӯзаке чанд бо ташаббуси худи халқ канда шуда ба номи съезди XVIII таърихии партия номида шуд.

Канали Лағмон — ин як тухми ташаббуси халқ буд, ки дар замини социалистӣ кишта шуд ва дар рӯзи дуввӯми кишта шудани худ рӯида бо суръати большевикона расида, меваи худро дод.

Яке аз он меваҳо ташаббуси умумии халқи Фарғона буд, ки дар сохтани Канали Калони Фарғона асари худро нишон дод...

Канали Калони Фарғона — ин як дарахти зудраси ташаббуси халқ буд, ки ба сар то сари хоки советӣ решаи худро давонид ва аз ҳама ҷо ниҳолҳои бехҷасти худро рӯёнид. Дар мамлакати васеи советӣ ҳеҷ республика, ҳеҷ вилоят ва ҳеҷ район нест, ки аз ташаббуси бинокорони Канали Калони Фарғона илҳом гирифта бо ташаббуси худ чизе насохта бошанд.

* * *

Колхозчиён ва меҳнаткашони Тоҷикистони шимолӣ, ки дар сохтмони Канали Калони Фарғона бевосита иштирок карда, нормаи кори худро барзиёд ва аз ҳама пештар адо карда буданд, бо он кор қаноат накарданд ва хостанд, ки бо ташаббуси худ кори навбати дуввӯмии он каналро зудтар тамом карда районҳои шимолиро сероб намоянд.

Кори навбати дуввӯмии Канали Калони Фарғона дар аҳамият ва душворӣ ҳам бевосита дар дараҷаи дуввӯми кори навбати аввалини он канал меистад. Агар сохтмони навбати аввалини ин канал дар биёбонҳои бесоя дар зери офтоби майнасӯзи тобистонӣ гузашта бошад, кори навбати дуввӯмӣ дар зери барфу борони зимистонӣ, дар сармои хуняхкунанда гузашт. Албатта дар ин шароит, як канали 80 километриро аз кӯҳҳо, аз кирҳо, аз чӯлҳо, аз санглох ва сойҳо канда гузарондан кори осон нест.

Лекин бинокорони канал одамҳои замони феодалӣ

ва колонизаторӣ нестанд, инҳоро Партияи кабири большевикӣ — партияи Ленин тарбия карда расондааст. Инҳо большевиконанд ки:

Натарсанд аз офтоби тамӯз,
Натарсанд аз гармии майнасӯз,
Натарсанд аз барфи монанди кӯҳ,
Зи сармо набинанд ҳаргиз сутӯҳ.
Натарсанд аз боду аз мавҷи об,
На аз оташи сахти пурилтиҳоб.
Басе наҳрҳои хурӯшандаро,
Басе оби аз хашм ҷӯшандаро,
Гирифта ба фармони худ бандавор,
Ба инсон намоянд фармонгузор.

Масофаи 80 километрӣ, ки аз он ҷо қисми поёнии Канали Калони Фарғона мегузарад — аз Қонибодом то Ленинобод, дар лаби дарьёи Сир воқеъ аст. Ин қитъа бо вуҷуди ин ки дар лаби дарьёи пуроб — дар канори дарьёи Сир воқеъ аст, асрҳо боз беоб буд, ҳатто шаҳри Ленинобод, ки ду тарафашро дарьёи Сир печонда гирифтааст, аз беобӣ дар айёми тобистон месӯхт. Ин қитъа мисли он қитъаҳое буд, ки «бо вуҷуди дар қурби дарьё будан наҳри бепарво вайро олоғ карда буд».

Лекин одамҳои даврони [социалистӣ] ба ин ҳол нигоҳ карда наистода дар паи гулистон гардондани ин қитъаи биёбон афтоданд ва бо фаъолияти большевиконаи худ дар зери роҳбарии Партияи Коммунистии тавоно, бо ғамхории Партияи Коммунистии тавоно ва бо ёрии халқи кабири рус дар худи ҳамин сол аз ин гулистон гул хоҳанд чид.

## МУБОРИЗАИ 15-СОЛАИ БОШАРАФОНА [60]

Газетаи «Тоҷикистони Сурх» баробари ба вуҷуд омадани республикаи Тоҷикистони Советӣ (15. III. с. 1925) ба дунъё баромад. Газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар вақте ва дар ҷое ба майдон омад, ки то он вақт дар он ҷо на танҳо газетаи тоҷикӣ, балки ҳеҷ як матбуот набуд, ҳатто аҳолии он ҷо номи матбуот ва газетаро ҳам нашунида буданд.

Газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар вақте ва дар ҷое

ба майдон омад, ки дар он чо то он вақт на корхона, на ягон асбоби техникаи чопӣ, на харфчин ва на коррректор — хулоса чизе ва касе, ки барои ба вучуд омадани газета ва матбуот ёрӣ диҳад ва хидмат кунад, набуд.

Газетаи «Тоҷикистони Сурх» маҳз бо иродаи эҷодкоронаи партияи тавонои Ленин — партияи большевикӣ аз нестӣ ба хастӣ омад, газетаи «Тоҷикистони Сурх» барои ба амал овардани политикаи миллии партияи кабири Ленин — партияи большевикӣ ба вучуд омад, газетаи «Тоҷикистони Сурх» органи республикавии партияи пуриқтидори Ленин — партияи Кабири Коммунистӣ — большевикӣ шуда ба майдон омад. Газетаи «Тоҷикистони Сурх» модари матбуоти Тоҷикистони советӣ, ҳатто модари матбуоти тоҷикии советист, ки имрӯз даҳҳо фарзандони баркамоли республикавӣ, вилоятӣ ва районӣ дорад.

Газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар зери роҳбарияти партияи тарбиякори Ленин — партияи большевикӣ умри 15-солаи худро дар муборизаи бошарафона гузаронид; газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар умри 15-солаи худ қаламҳои сурхи найзакорро ба атрофи худ гун карда, ба муқобили босмачигарӣ, боқимондаҳои замони манҳуси амирӣ, бесаводӣ ва ба муқобили пасмондагии экономикӣ ва хоҷагии қишлоқ муборизаи бомуваффақиятона кард. Газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар барҳам додани урфу одатҳои кӯҳнаи феодалӣ ва буржуазӣ, дар нест кардани хурофоти динӣ, дар озодии занон, дар тарбияи ҷавонон ва расондани кадрҳои советӣ мубориза кард. Газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар зери роҳбарияти Партияи Коммунистӣ дар ривоҷ ёфтани ҳаракати колхозӣ, дар фош кардани камбудиҳо, дар пеш бурдани ҳаракати стахановчигӣ, дар роҳи ҳосилоти баланди меҳнат муборизаҳои шоёни таҳсин кард.

Газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар фош кардани троцкистон, бухаринчиён ва миллатчиёни буржуазӣ ва умуман дар кушодани парда ва никобҳои душманони халқ ҳақиқатан тарҷумони забони оммаи меҳнаткашони Тоҷикистон шуда кор кард ва мубориза бурд.

Иди 15-солагии газетаи «Тоҷикистони Сурх» бо

иди ба вучуд омадани республикаи Тоҷикистони Советӣ вобаста буда, дар айни замон иди тамоми газетаҳои Тоҷикистони Советӣ ва иди ба вучуд омадани тамоми матбуоти тоҷик аст.

Ман ба муносибати иди 15-солагии газетаи «Тоҷикистони Сурх» коллективи коркунони вайро аз сидқи дил муборакбод мекунам.

Ман умедворам, ки газетаи «Тоҷикистони Сурх», чунон ки пеш аз ин кард, минбаъд боз ҳам бо қувват ва ғайрати нав ёридиҳандаи солиқи партияи Ленин—партияи большевикӣ шуда, дар пеш бурдани маром ва тадбирҳои партия ва ҳукумат монда нашуда кор мекунад. Ман орзу мекунам: газетаи «Тоҷикистони Сурх», чунон ки модари матбуоти тоҷикии советӣ шуда ба майдон омад, дар бобати содда ва ҳамафаҳм кардани забон, дар пеш бурдани забони адабии соддаи оммафаҳм ҳам ба матбуоти тоҷикии советӣ модарӣ ва тарбиятчигӣ кунад.

Ман коллективи коркунони «Тоҷикистони Сурх»-ро дубора табрик карда, бовариии худро маълум мекунам, ки дар соҳаи ба вучуд овардани орзуҳои умумии хонандагони худ ва дар ин қатор орзуҳои ман боз ҳам беҳтар кор хоҳад кард.

## КАНАЛИ ТӮҚСАНКОРИЗ[104]

Дар болои теппаҳои баланд ва кӯҳпояҳо чоҳҳои қатор мекананд, зери ин қаторчоҳҳоро сӯрох карда, ба якдигарашон пайванд медиҳанд. Дар охири ин қаторчоҳҳо ба рӯи замини ҳамвор чӯи обе равон мешавад. Ин гуна сохтмони оббарориро кориз ва ин гуна усули обьёриро обьёрии коризӣ меноманд.

Дар Эрон ва Осиёи Миёна усули обьёрии коризӣ бо давраи гузаштани ҷамъияти одамҳо аз чорводорӣ ба деҳқонӣ баробар сар шудааст ва то замони мо давом кардааст. Даштҳои Сайрамро дар охирҳои асри XV бо усули коризӣ обьёрӣ кардани Мири Араб, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном китоби Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мазкур аст.

Дар замони ҳозира шаҳри Нурато ва атрофи он бо коризҳо обьёрӣ карда мешавад. Дар райони Пан-

чакати Точикистон ҳам (дар шаҳр ва атрофи он) усули коризӣ чорист.

Яке аз коризҳои калони райони Панчакент Тӯксанкориз аст, ки вай боғоти шаҳр ва бештарин атрофи онро обьёрӣ мекунад.

Таърихи Тӯксанкориз мисли таърихи ободии шаҳри Панчакат ҳанӯз номуайян аст. Аммо тахмин кардан мумкин аст, ки бояд ободия шаҳри Панчакат бо сохтмони Тӯксанкориз баробар бошад. Зеро агар Тӯксанкориз намебуд, дар шаҳри Панчакент чамъияти инсонҳои деҳқони иморатнишин пайдо намегардид ва оби чашмаи Қайнар барои нӯшой кифоя кунад ҳам, барои киштукор вафо намекард. Зарафшон бошад чандин метрҳо аз чуқуртар мегузарад, ки аз вай об ба шаҳр баровардан ҳеч мумкин нест.

Аз болотари дарьёи Моғиён об гирифта ба шаҳри Панчакат овардан мумкин буд. Лекин дар миёнаи дарьёи Моғиён ва шаҳри Панчакат кӯҳҳои баланд чой гирифтаанд, ки онҳо ба ичрои ин кор монеъ будаанд.

Лекин инсонҳои меҳнатдӯст ва маданиятпарвари Панчакат аз ин мақсад — аз мақсади аз дарьёи Моғиён ба Панчакат об гузаронидан боз наистоданд ва ин корро бо усули коризӣ ба амал оварданд.

Фарқи Тӯксанкориз ҳам аз коризҳои дигар ин аст, ки агар бо кориз оби зеризаминиро бар рӯи замин чорӣ кунанд, дар ин кориз ба оби зеризаминӣ қаноат накарда як чӯй аз Моғиён бароварда вайро бо Тӯксанкориз ба Панчакат гузаронидаанд.

* * *

Сохтмони Тӯксанкориз яке аз он сохтмонҳои таърихист, ки бинандаро дар ҳайрат меандозад: мардумони меҳнатдӯсти точик дар болои кӯҳҳо, ки тамоман сангаанд ва як гард хок барои дору ҳам ёфт намешавад, дар масофаи якуним километр роҳ наввад чоҳро қатор кандаанд. Чуқурии ин чоҳҳо дар сарғаҳ ва баромадгоҳи чӯи кориз аз 5—6 метр зиёд набошад ҳам, нисбат ба баландии кӯҳ афтодани мавқеи чоҳканӣ чуқурии чоҳ ҳам зиёд мешавад, ба дарачае ки чуқу-



С. Айнӣ бо А. Қаххоров (мудири шуъбаи пропагандаи комитети райони Панҷакент) ва Маҳмудов соли 1940 дар сохтмони канали «Тӯқсанкориз».




Мақолаи С. Айнӣ «Чингизи асри XX», ки дар «Тоҷикистони сурх» чоп шудааст.

рии чоҳҳои миёнаи кӯҳро сад метр тахмин кардан мумкин аст. Аз таги ҳар чоҳ кӯҳро шикофта — сӯрох карда ба тарзи накб — туннел роҳи зеризаминии сангине кушодаанд ва дар натиҷа як роҳи оби якуним-километрии зерикӯҳӣ пайдо шудааст.

Ҳар бинанда ва хонанда дар пеши худ тасаввур карда метавонад, ки инсони онвақта бо асбоби техникии онвақта дар кандани ин чоҳҳо ва кушодани он роҳи оби зерикӯҳӣ чи қадарҳо хун хӯрда, ҷон канда ва ҷон дода бошанд.

Ин нукта танҳо душвории тарафи физикии ин кор аст. Тарафи илмиаш аз ин ҳам душвортар аст: ҷои обдаро ва оббаро, ҳам сар то сари обраҳа, ки тамоман аз таги кӯҳ мегузарад, бояд чунон андоза гирифта мешуданд, ки об дар ягон ҷой банд нашуда аз он роҳ гузарад.

Дар ҳақиқат ҳам ҳамин тарз кардаанд: дар лаби кадом чоҳ ки гӯш мехобонед, садои мисли новаи осиё гурриш кардани обро мешунавед. Агар дар сохтмони Тӯқсанкориз ин усули илмӣ риоя карда намешуд, дар айёми селоб, ё лойоб обраҳаи зеризаминро дар як ҳафта лой гирифта ҳамон қадар меҳнати чандинсола барбод ва ҳадар мерафт.

Бо ҳамаи ин аҳолии Панҷакат маҷбур буданд, ки соле як бор чоҳҳоро ва роҳи зерикӯҳиро аз сангреза ва лойҳои оборад, ҳам аз сангрезаҳое, ки аз шифти туннел меафтад, тоза кунанд. Ана ҳамин коризтозакунӣ ҳам барои меҳнаткашони Панҷакат як азоби пуралам буд.

Ин нуктаро ҳам бояд ба назар гирифт, ки то Революцияи Кабири Социалистии Октябрь бештарин боғот ва заминҳо дар дасти бойҳо буд, аммо дар кори коризтозакунӣ ягон бой шахсан иштирок намекард ва ин кори душвори ҷонгудозро меҳнаткашони пойлуч иҷро мекарданд.

Назар ба қавли касоне ки дар кори коризтозакунӣ шахсан иштирок кардаанд, ин кор ҳам бе талафоти инсонӣ ба амал намеомад: дар ҳар чоҳ чор нафарро аз миёнашон ресмон баста ба зер мефуроранд, ба онҳо каланд, бел, зоғнӯл, путк ва сатил медиҳанд. Онҳо аввал чоҳро тоза карда лою сангашро ба сатилҳо ан-

дохта боло медиҳанд, баъд аз он ду нафарӣ дар ду тарафи чоҳ ба обраҳаи зеризаминӣ медароянд. Дар он ҷо рост истода кор кардан мумкин нест, ҳам шуда, ё гавак кашида санг мекананд, лой мегундоранд ва онҳоро ба сатил андохта гаваккашон оварда аз таги чоҳ ба боло медиҳанд ва онҳое ки дар лаби чоҳанд, сатилҳоро боло кашида холӣ карда пас мегардонанд.

Бисьёр рост омадааст, ки дар вақти кори зерикӯҳӣ аз шифти обраҳа парчаҳои санг канда шуда меафтид, коркунро пахш мекард, мекушт, ё ин ки маиб мекард.

Аз нишонаи таърихи Тӯқсанкориз дар саргаҳи он дар болои кӯҳ як мазорча ҳаст. Дар он мазорча ду-се санги мармар ҳаст, ки дар рӯи онҳо дар забони тоҷикӣ бо хатти насх ва сулси арабӣ хат канда шудааст. Азбаски сангҳо бисьёр кӯҳна ва фасурда шудаанд, хатҳоро бо чашми оддӣ равшан хондан мумкин нест. «...Ибни Аҳмад... Ибни Муҳаммад... ҳиҷрон... андар... даҳр» барин калимаҳо хонда мешаванд. Дар як ҷо «нуздҳи рамазон сана арбаа...» хонда шавад ҳам, парчаи поёнии он санг шикаста нест шуда, ҷое ки таърихро муайян мекунад, барҳам хӯрдааст.

Мардумони маҳаллӣ мегӯянд: «ин қабри ҳамон олимест, ки дар кандани Тӯқсанкориз илман роҳбарӣ ва назорат кардааст». Дар он мазорча чанд санги қайроқи дарьёӣ ҳаст. Мардумони маҳаллӣ инҳоро «нишонаи қабри он касонест, ки дар вақти кандани кориз қурбон шудаанд» мегӯянд (комитаи осори атиқаи Тоҷикистон дар Сталинобод нишастааст ва дар тафтиши таърихи районҳо ба воситаи сохтмонҳои таърихӣ коре намекунад).

Ин таърихи зинда — Тӯқсанкориз аз як тараф қаҳрамонии меҳнатии тоҷикони гузаштаро нишон диҳад, аз тарафи дигар аҳамияти обьёриро дар Осиёи Миёна, душвории обьёриро, ҳам баробари ҷони одам ва хуни одам будани обро нишон медиҳад.

* * *

Соли 1939—40 соли мӯъҷизаҳои меҳнатнишондиҳии инсонҳои давраи [социалистӣ] шуд. Канали Калони Фарғона бо ташаббуси эҷодкоронаи мардуми

Фарғона ба амал омада дар тамоми Иттифоқи Советӣ гулгула андохта сабаби чандин ташаббусҳои бузурги халқӣ шуд. Кори навбати дуввӯмини он канал, ки аз тарафи меҳнаткашони Тоҷикистони шимолӣ ичро карда шуд, ин ҳам дар навбати худ хеле муҳим ва баробари аҳамияти худ хеле ғулгуладор буд.

Дар ин миён — дар аввали соли 1940 як мӯъҷизаи нави меҳнат ба вуҷуд омад, ки рафти ин кор хеле хомӯшона буд ва дар матбуот ҳам камтар акс кунонда шуд. Ин — кори канали Тӯқсанкориз буд.

Меҳнаткашони Панҷакат бо як даҳана — як кубометр оби зеризаминии кориз каноат карда наметавонистанд. Инҳо ҳам аз фарғонагиён мисол гирифта хостанд, ки ба ҷои Тӯқсанкориз як «Канали Тӯқсанкориз» ба вуҷуд оранд. Ба ин ташаббуси инҳо партия ва ҳукумат рухсат дод.

Қаҳрамонони Панҷакент бе ҳеҷ овоза ва ғулғула кор сар карданд. Коре ки инҳо сар карданд, ҳарчанд аз ҷиҳати ҳаҷм хурд ва мувофиқи райони худҳошон бошад ҳам, аз нуқтаи назари ичро ва ба амалорӣ аз ҳамаи корҳои шуда гузаштагӣ душвортар буд. Чунки инҳо мебоист дар масофаи 38 километр роҳ санг ва кӯҳ мекофтанд.

Аммо қаҳрамонон аз ин душворӣ натарсиданд ва большевикона корро сар карданд. Дар зимистони пурбарфу борон ва яхбандии Панҷакат дар зери боди ғуррони сангғелони кӯҳистон ин корро ба поён расониданд.

Агар кореро, ки дар масофаи даҳ километр роҳ дар канори дарьёи Моғиён дар камари кӯҳ ичро карда шудааст, ҳар кас бинад, ҳуш аз сараш мепаррад: дар як тараф дарьёи Моғиён мисли тири аз тӯпбаромада бо ғурриш ва тезӣ меравад, дар тарафи дигар кӯҳест, ки монанди девори сангини дастӣ сохташуда рост баромадааст. Канал бошад бояд аз камари ҳамин кӯҳ гузаронда мешуд.

Қаҳрамонони Панҷакат дар бадали якуним километр роҳи Тӯқсанкориз, ки аз миёна — аз роҳи рости наздик ва аз таги кӯҳ мегузашт, дар масофаи даҳ километр кӯҳро давр зада камар кофтанд. Дар бисьёр ҷоҳо девораи кӯҳро аз баландии 8—10 метрӣ коф-

та фуроварда ба тарафи дарьё хобонда барои об роҳ кушодаанд. Дар ҳеҷ як ҷо каланду бел ба кор нарафтааст, ҳамаи корҳо ба воситаи зоғнӯл, путк ва мисрон ба амал омадааст. Дар чанд ҷо дору монда кӯҳро таркондаанд ва дар як ҷо даруни кӯҳро шикофта аз он ҷо каналро гузарондаанд.

Баъд аз ҷудо шудани канал аз лаби дарьё ҳам кор ба осонӣ анҷом наёфтааст, то ҷои киштзорҳо боз кӯҳканӣ, сангшиканӣ ва қирковӣ давом кардааст.

Дар натиҷа аз дарьёи Могиён ба шаҳри Панҷакат ва атрофи он 5 кубометр об ҷорӣ шудааст, ки бо вай меҳнаткашони он давру пеш тамоман ва пурра сероб мешаванд. Сари ин канал бо сари Тӯқсонкориз як буда аз Тӯқсонкоризи кӯҳна ҳам обе ки аз ин пеш мегузашт, ҳозир ҳам дар гузаштан аст.

Кор бомуваффақият ба анҷом расид. Албатта дар ин муваффақият роли аввалӣ ва асосиро партияи большевикӣ бозӣ кард. Ташкилоти районии партия дар ташкил кардани меҳнати қаҳрамононе, ки ин корро бо хоҳиш ва ихтиёри худ сар карда буданд, ба хубӣ ва большевиквор кор кард ва бе ҳеҷ «зиндабодизм» корро ба анҷом расонид.

Панҷакат сероб шуд, боғҳо ва бӯстонҳое ки аз беобӣ, ё камобӣ ҳар сол як бор мехушкиданд, сабзу хуррам гардиданд. Дар болои ин чи қадарҳо замини майита обьёри шуда киштзори колхозчиёни районро васеътар ва зиёдтар мекунад.

Вазифаи матбуот ва нависандагон — ин қаҳрамонии хомӯшона ва ин сохтмони бисьёр муҳимми аз назари омма пинҳонмондаро тасвир карда, шарҳ дода ба омма нишон додан аст.

## ҚАНАЛИ МАРҒИДАР [63]

### 1. Дар роҳи Марғидар

Машинаи сабукрав аз қишлоқи Сучина гузашт. Ду тарафи роҳро кӯҳҳои баланд печонда гирифтаанд. Дар тарафи дасти чапи мо дарьёи Зарафшон дар ғурриш аст. Дар он тарафи дарьё — дар тарафи дасти рости он, роҳи Заҳматобод монанди як мори сафеди печ дар печ менамояд. Бо вуҷуди 12 ноябрь будан ҳа-

во гарм аст. Аз бодҳои гирдбодангези дарьёбод ва кӯҳистон асаре нест. Офтоб метобад. Ҳаво монанди моҳути осмониранг соф ва беғубор аст.

Ин ҷо водии ободон аст. Доманаи кӯҳ ва канори дарьё заминҳои ҳамвор буда, ҳама ҷоро кишти шолӣ фаро гирифтааст. Колхозчиён шолӣ мекӯбанд, бод мекунанд, ҷош менамоянд ва шолӣ мекашонанд. Ғарамҳои шолӣ ва хирманҳои нокӯфтаи он ба назар монанди қаторҳои кӯҳҳои маллатоб менамоянд. Ҷошҳои шолидона монанди хомаҳои реги сурхи дурушт хаймавор сар ба ҳаво кашидаанд.

Имсол ҳосили шолӣ аз одат беруи зиёд аст. Табиӣ, колхозчиён ҳам аз ҳад зиёд хурсанд. Онҳо ҳосили меҳнати шашмоҳаашонро бо фаровонӣ бардошта истодаанд.

— Имсол бояд рӯзи меҳнати колхозчиён аз шолӣ 5—6 кило афтад — гуфт як рафиқи ман, ки дар даруни машина нишаста буд, ба рафиқи дигар, ки дар паҳлуи ӯ менишаст.

— Ин, ба ҳисоби миёна. Дар колхозҳои ҷудогона аз ин ҳам зиёдтар меафтад,— гуфт рафиқи дигар,— назар ба гапи мироби Саразм дар як колхоз (номашро фаромӯш кардаам) рӯзи меҳнат фақат аз шолӣ 9 килограмм афтодааст. Мавиз, меваҳои хушки дигар, картошка ва сабзавоти дигар, харбуза ва тарбуз аз ин ҳисоб беруи аст. Дар ҳамон колхоз як стахановчӣ ҳафтсад рӯзи меҳнат кор кардааст. Ӯ чи қадар шолӣ ва маҳсулоти дигар гирифта бошад-а?!

— Ҳамаи инҳо натиҷаҳои намоёни колхозчигӣ, меҳнати ҳалол ва меҳнати бошараф аст...

Ман дар кабина нишаста гуфтугузори рафиқонро гӯш мекунам. Аммо чашмам ба манзараҳост. Бисьёр дер накашида мо аз майдони шоликорӣ гузаштем. Акнун аз замини ҳамвор асаре намонд. Роҳи мо аз печу хами кӯҳсор меравад. Роҳ морпеч аст. Машина ҳам маҷбур аст, ки морвор хаму рост шуда ва печутоб хӯрда роҳ равад. Дар вақти фуромадани машина ба нишебиҳо чашми кас ба ҷариҳои бетаг афтода сиёҳ меравад ва дар вақти баромад ба фарозиҳо,— баландиҳо аз ғурриши машина, ки тамоми қувваташро ба кор меандохт, гӯши одам кар мешавад.

Аммо манзара — манзараи кўҳсору дарьёбод, ин ногувориҳои роҳро аз хаёли кас дур мекунад: оби софи нуқраранги дарьё бо ҷараёни бекароронаи симобвори худ дили касро аз завқ ба ҳаяҷон меоварад; агар дурахшонии ин оби зулол, ки бо партави офтоби нимрўзӣ шаъшаапошӣ мекард, чашматонро намебурд, шумо аз вай ҳеҷ гоҳ чашм намекандед. Биёед, барои нигоҳдории нури биниш ва ором додани чашм, замоне ба канори дарьё нигоҳ кунем: канори ҳамвори дарьё, ки дар вақтҳои обхез хокҳои оболварди кўҳӣ дар он ҷоҳо нишаста мондаанд, ҳоло бо сабзаҳои навхез пўшида шуда, ба назари шумо манзараи моҳи апрели баҳоронро ҷилва мекунонад; дар девораи канори дарьё бошад, бурҷҳои харротӣ бо азамати табиӣ, монанди сутунҳои хаварнак, ки аз сангҳои сурхчаранг тарошида шуда бошанд, қатор истодаанд; дар болои ин бурҷҳо ё сутунҳо обраҳаҳои сангин ҳастанд, ки аз фароз ба нишеб сарозер омада ба роҳҳои навагини канори дарьё пайванд ёфтаанд. Инҳо роҳи селанд. Дар саргаҳи ин обраҳаҳои маллатоб, девораҳои кунгурадори бунафшаранг, яке аз дигаре баландтар шуда паси якдигар давом мекунанд; дар пушти ин девораҳо, пуштаҳои зардчаранг паҳн шудаанд, ки бар сари онҳо буттаҳои навхези бурсарча ба шакли кулоҳҳои сабз ҷой гирифтаанд...

Боз қадаре болотар нигоҳ кардан даркор аст, то дар он ҷо куллаҳои пасиҳамдигар ва яке аз дигаре баландтар шуда ба осмон сар кашидаро бубинем, ки бо барфҳои пахтаранг пўшида шудаанд ва бар рўи онҳо дарахтони бурси сарсабз қатор рўидаанд, ки монанди гулҳои ниҳолии сабзи бар рўи бахмали сафед дўхташуда ба назар ҷилва менамоянд.

Агар мо ин манзараи табииро кўтоҳ карда гўем, дар ин ҷо баҳор бо тирамоҳ, зимистон бо тобистон баҳам омехта, дар як они воҳид ба назар менамоянд.

Машина дар роҳи худ давом мекард. Аз пеши мо майдончаҳои танги хокии лалмикорӣ баромадан гирифтанд. Ин майдончаҳо почпояҳои гандум ва ҷав буданд, ки ҳосили онҳоро дар ҳамин наздикиҳо чида гирифтаанд. Мо дар ин ҷо «чида гирифтаанд» гуфтем. Чунки беҳҳои пояҳои гандум ва ҷав дар ҳар як

вачаб ва дар баъзе чоҳо дар ҳар як қадам як дона менамуданд, ки он гуна ғалладонаро дарав кардан мумкин нест.

Дар байни ин майдончаҳои пасту баланд, кулбаҳои катакмонанде намудор шуданд, ки онҳо дар лаби дарьё чой гирифта буданд. Ин қишлоқи Ғусар буд. Дар ин чоҳо на киштҳои шолӣ буданд ва на боғҳои ангур, на дарахтони мевадор буданд ва на хонаҳои маданӣ.

— Обу ободонӣ гуфтаанд,— гуфт яке аз рафиқон ба рафиқи дигар,— дар ин чоҳо, ки об нест, ободонӣ ҳам нест.

— Дуруст аст,— гуфт рафиқи дигар,— аҳолии ин чоҳо, ки дар майдончаҳои танг ғалладонаро лалмӣ кишта, ҳосили нoшуди худро мурғвор аз замин якта-якта чида мегиранд, ғайр аз ин ки дар хонаҳои катакмонанд мурғ барин зиндагонӣ кунанд, чораи дигаре надоранд...

Машина дар роҳи худ давом мекард. Майдонҳои катакбоб торафт васеътар ва ҳамвортар шуда мерафтанд ва дар охир аз пеши мо майдони бисьёр васеи ҳамворе баромад, ки то кӯҳсори Таки оби халқ дароз кашида, масоҳаи ҳашт ҳазор гектар заминро ишғол мекард.

— Ин — дашти Марғидар буд. Ин дашти васеъ ҳам монанди майдончаҳои дар боло тасвир кардашуда беобу алаф буд. Дар баъзе чоҳои ин дашт ҳам, одамони сарсахт заминро бо белу каланд хаста карда ғалладонаи лалмӣ кишта буданд ва дар ин чо ҳам, аз камҳосилӣ кишти худро аз замин мурғвор якта-якта чида гирифта буданд.

Дар канори тарафи дарьёи ин дашт ҳам, кулбаҳои катакмонанд бино ёфта буданд, ки дар онҳо одамон мурғвор зиндагонӣ мекарданд. Бачагони хурдсол дар пеши ин катакҳо дар офтобрӯя чӯчаҳои сихпар барин баданашонро хорида менишастанд. Ин қишлоқи Марғидар буд.

Большевикони Панҷакат ҳозир барои обод кардани ана ҳамин дашт ва ҳамин гуна қишлоқҳо мубориза бурда истодаанд.

## 2. Дар канори канали Марғидар

Машина дар роҳи худ давом мекард. Дашт торафт тангтар шуда рафтан гирифта дар охир дар байни кӯҳсори сар ба фалак кашидагӣ гум шуда рафт. Машина монанди барзагови зиндае ки ба гарданаш ҳалқадавак андохта, боло мекашида бошанд, бонгзанон ва харроскунон боло мерафт. Атрофро кӯҳҳои баланди барҳаво иҳота карда гирифта буданд. Роҳ, гоҳ-гоҳ ба гузаргоҳҳои сел рост меомад, ки чуқуриашон бетаг менамуд. Дар ин мавридҳо машина монанди аэроплане, ки ба ҳавзаи ҳавоӣ рост омада бошад, якбора худро ба зер меандохт ва қадаре аз бонгзанӣ ва дудбарорӣ ором мегирифт.

Дар яке аз ин гуна чуқуриҳои бетаг, аз таги замин — аз зери тахтасангҳои кӯҳчамонанд авози хомӯш, метин ва зоғӯл баромадан гирифт. Нигоҳҳои ҳайратангези пурсишоҳанги маро дида шофёр эзоҳ дод:

— Қаналчиён кор карда истодаанд!

Мо аз мошина пиёда шуда, аз тахтасангча ба тахтасанге худро партофта ба поён фуромадем, ки кор дар зери кӯҳ дар ҷӯшу хурӯш аст.

Колхозчиёни ба об муштоқ кӯҳро кофта, сангҳоро бурида, барои об, ки сабаби ободонии онҳо хоҳад шуд, роҳ мекушоданд. Ин ҷо, ки аз роҳи машинагузар тахминан сад метр чуқурӣ дорад, рафта-рафта бар рӯи замин бароомада обро дар дашти Марғидар монанди новаи осиё ҷорӣ хоҳад кард.

Баъд аз гузаштани мо аз ду-се гардишгоҳҳо ва селгузарҳои чуқур канал ба тарафи дасти рости мо гузашт. Акнун канал аз камари кӯҳ мерафт, ки аз роҳи машинагузар тахминан сад метр баландӣ дошт...

## 3. Шаҳристон дар кӯҳистон

Вақте ки машина як гардишгоҳро давр зада ба нуқтаи баландтарини он баромад, ба назари мо лаппиши байрақҳои сурх, дудҳои дудкашҳо ва ниҳоят ҳаракати одамҳо намудор гардиданд. Баъд аз гузаштан аз ду-се гардишгоҳи дигар мо ба «Шаҳристон»

расидем. Дар ин «Шаҳристон» чойхонаҳо, ошхонаҳо, нонвойхонаҳо, бинои муваққатии кинонишондиҳӣ ва дӯконҳои молҳои саноатӣ дар тарафи дасти рости рафти мо дар доманаи кӯҳ бино ёфтаанд.

Дар тарафи дасти чап — дар канори дарьёи Қиштут хобгоҳҳои ходимони театр ва концерт ва амбулаторӣ ва ҳатто пункти баруйхатгирии ҳарбӣ барпо карда шудаанд. Дар пушти ин майдонча хобгоҳ ва бошишгоҳи колхозчиён рост карда шудаанд, ки ҳар кадом барои худ ошхона ва самоворхонаи махсус доранд.

Дар ин ҷо ҳаракати одамҳо аз як шаҳр кам набуд. Вақте ки мо ба ин ҷо расидем, вақти дамгирӣ буда, гурӯҳе ба ошхӯрӣ, гурӯҳе ба чойнӯшӣ, гурӯҳе ба нонгирӣ, гурӯҳе ба музыкашунавӣ машғул буданд. Агитаторҳо дар байни гурӯҳҳои одамон даромада гап мезаданд; артистон репетиция мекарданд; сартарошҳо мӯйсар мегирифтанд ва риш метарошиданд; оҳангарон зогнӯл ва мисронҳоро оташкорӣ мекарданд ва об медоданд; дуредгарон занбар ва ғалтак месохтанд, каланд, бел ва кулангҳоро даста мекарданд, кӯҳнадӯзон чоруқҳо ва мӯзаҳои каналчиёнро, ки санг бурида буд, ямоқ мекарданд.

Дар пункти баруйхатгирии ҳарбӣ одамон дар навбат истода аз назорати доктор ва рӯйхати ҳарбӣ мегузаштанд. Дар тарафе судяи районӣ, як шогирднонвойро, ки бо чандсоата коргурезии худ плани нонрасонии ба сохтмонро вайрон карда будааст, суд мекард.

Хулоса, ин ҷо бо тамоми маъноящ як шаҳр буд. Фақат фарқи ин ҷо аз шаҳрҳои муқаррарӣ дар ин буд, ки бештарин биноҳои ин ҷо каппа, чодар, хонаҳои сиёҳ ва хонаҳои фанерӣ буданд. Дар ин ҷо хонаҳои аз лою санги нотарошида сохтагӣ танҳо як ҳавлии тобистонии колхозӣ буд, ки дар вай штаб, телефон ва почтахона, анбори хӯрокворӣ ва молҳои саноатӣ ҷойгир шуда буданд. Машина дар пеши дарвозаи штаб омада истод. Мо ҳам пиёда шуда дар байни гурӯҳҳои одамони дарьёҳаракат гарқ шуда рафтем...

## 4. Дар сари кори канал

Карнаи дароздастаи баландовоз ба бонг задан даромад, овози вай аз камарҳои кӯҳҳои атроф акси садо дода ғулғула дар кӯҳсор андохт. Баробари шунида шудани овози карнай одамон аз ошхонаҳо, чойхонаҳо ва бошишгоҳҳои худ баромада ба як тараф — ба тарафи канал, ба коргоҳи худ рӯй оварданд...

Карнай хомӯш гардид, аммо ғулғулаи кӯҳканон баланд шуд; таракқо-турукки метин ва шаракқо-шурукки зоғнӯл ба куллаҳои кӯҳҳо расида аз камарҳо акси садо медоданд. Ин ғулғула ҷанги афсонавии Рустаму Афросиёбро, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» тасвир кардааст, ба хотир меоварад.

Звеноҳои сангшикан сангҳои садманиро ду-се пора карда ягон-ягон ба поин мегелонданд. Дар вакти ғелондани сангҳои калон, одамон ҳамаи қуввати худро дар як ҷо ғун карда ва ба кор андохта чунон ҳаёҳу мекарданд, ки шунаванда гумон мекард кӯҳ бо қуввати доруи тарконанда кафида истодааст. Санги ғелон дар роҳи худ даҳҳо сангҳои аз худ калонтарро зада шикаста ва ҳамроҳи худ ба поин мебурд.

Бо ғайби баъзе коркунони водхоз [***] расондани доруи тарконанда ба ин сохтмон, дер монда будааст. Колхозчиёни боғайрат омадани доруро нигарон шуда наистода, то метавонистанд кори доруро ҳам бо зарби дасти худ иҷро мекарданд.

Мо як пайраҳа ёфта ба лаби канал баромадем. Ҷое ки канал мегузашт, аз роҳ ва аз лаби дарьёи Киштут тахминан саду панҷоҳ метр баландӣ дошт. Канал аз камари кӯҳ мегузашт, кӯҳканон камари кӯҳро бурида каналро мегузарониданд, сангу шағали аз ҷои буридагӣ баровардашударо ба домаиаи кӯҳ мерехтанд, ки аз онҳо дар ин тарафи канал ҳам кӯҳи нави дарозрӯяи пуштҳамворе пайдо шуда буд.

Дараҷаи зӯрӣ ва душвории сангбурӣ ва кӯҳканиро аз ҳамин нукта ҳам фаҳмидан мумкин аст, ки дар бештарини ҷоҳо каналчиён ба баландии 20—25 метр ва бо ҳамин қадар паҳнои зерин санги холис, санги гаҷомез, санги оҳакӣ ва санги чағили сурхчарангро бурида каналро гузаронида буданд. Дар баъзе ҷоҳо

ҳатто аз баландии 43—45 метр сангро бурида барои канал роҳ кушодан лозим омадааст.

Дар ин ҷоҳо хок гӯё ки набуд, баъзан хоки испечӣ — гилмоягӣ воҳӯрда ҳам, дар сахтӣ ин ҳам аз санг камтар фарқ дошт. Дар баъзе ҷоҳо шух рост омадааст, ки кофтани вай аз буридани санги холис ҳам душвортар аст. Санги холис бо зарби метин ва хоиск шикаста ва ҳар пораро бо ёрмандии мисрон ғелонда партофтан мумкин аст. Аммо шухро мебоист монанди эзорсурхак, ки дарахтро сӯрох мекунад, бо зоғнӯл аз замин гард-гард кофта бигиранд.

Ман дар ин ҷо барои фаҳмондани дараҷаи душвории кор як мисол аз осонтарин корҳои ин сохтмон нишон медиҳам.

Ба беқувватии дили ман нигоҳ накарда маро рафиқон ба болои як теппа, ки аз замини ҳамвор дусад метр баландӣ дошт, бароварданд. Хоки ин теппа испечӣ — гилмояомез буд, ки сусттарини замин ин ҷо ҳамин аст. Мо ба болои қуллаи теппа баромада нишастем, канал аз байни ҳамин теппа ва кӯҳ мегузашт. Каналчиён тахминан 20 метр заминро кофта буданд ва боз мебоист 25 метри дигар биkованд. Ба ин хок на бел мехалид ва на каланд. Аммо каналчиён барои кандани ин гуна ҷоҳо усуле эҷод кардаанд: мисронҳои якуниметриро дар канори ҷои кофта шуданӣ ба замин қатор кардаанд. Ҳар мисронро ду кас бо путкҳои 15—20 килограммӣ, монанди он ки оҳангарон дар болои сандон оҳанро кӯбанд, паси ҳамдигар мекӯбанд. Вақте ки мисронҳо то гулӯ ба замин фурӯ рафтанд, мисронҳои дигарро ба он мисронҳо банд карда фишангвор ҷандкаса шуда мебардоранд ва дар натиҷа як тахта замин бо баландии якуним метр, бо паҳнои як метр ва бо дарозии 3 метр якбора меғалтад ва дар вақти ғалтидан бо зарби худаш пора мешавад ва гилмояҳои порашударо ба занбарҳо андохта боло баровардa дар паси теппа мерезанд.

Умуман дар ин сохтмон, дар корҳои асосӣ каланд ва бел ба кор намераванд. Каланд ва белро танҳо барои рӯфта ба занбар андохтани сангрезаҳо, гилмояҳои резакардашуда ва шухҳои бо дами зоғнӯл

кофтагирифташуда ва барои ҳамвор кардани канори канал кор мефармоянд.

Мо ба тарафи саргаҳи канал раҳсипор гаштем. Канал ба тарзе ки аз цемент бетон рехта бошанд, суфта ва шаффоф буд. Азбаски дар бештарин ҷоҳо канал аз байни сангҳои холис мегузашт, дар дарун ва девори вай гарду ғуборе дида намешуд. Дар ҷое ки канал аз байни сангҳои гаҷӣ гузашта бошад, вай монанди табақи чинии сафеди киштигӣ ба назар ҷилва мекард.

Дар баъзе ҷоҳо колхозчиён девораи каналро акнун пардоз карда истода буданд. Пардозкории девораи канал ба назари кас сафедкории зарфҳои мисин, ё ин ки ҷилбурзании [496a] тахтаҳои заранг ва чинор барин менамуд.

Дар баъзе ҷоҳо ҳанӯз кор тамом нашуда буд: колхозчиён дар сӯрох кардани сангҳои бисьёр калон, ки бо метин шикастани онҳо мумкин нашудааст, машғулӣ мекарданд. Ин сӯроххо мунтазири доруи тарконанда шуда меистоданд.

Дар баъзе ҷоҳо колхозчиён кори худро як дараҷа тамом карда ва дар сангҳои таркондашуданӣ сӯрохҳоро ҳам кофта мувакқатан ба кори саҳрои худ баргашта буданд, ки ҳаргоҳ дору ояд, боз ба сари канал хоҳанд омад.

Дар баъзе ҷоҳо ҳанӯз кори асосӣ давом мекард: гурӯҳе аз колхозчиён бо метин ва зоғнӯл санг мебуриданд, гурӯҳе сангпораҳоро ба занбарҳо меандохтанд ва гурӯҳи дигар занбарҳоро бардошта ба баландии 20-метрӣ бо зинапояе, ки дар девораи канал канда шуда буд, бароварда ба канори канал — дар доманаи кӯҳ мерехтанд. Рафти ин кор аз амалиёти конвеери завод ва фабрикаҳо ҳеҷ фарқ надошт; занбарбардорон монанди тасмаи конвеер бо қатори ба-ҳам пайваста боло мерафтанд ва баъд аз холӣ кардани занбарҳошон аз роҳи дигар боз ба ҳамон тартиб поин мешуданд.

Дар қатори занбарбардорон як мӯйсафед диққати маро ҷалб кард. Ин мӯйсафед бо вуҷуди ин ки дар риш ва мӯи сараш як тор ҳам мӯи сиёҳ наменамуд, бо як ҷавони ҳунарбори 25-сола занбар мебар-

дошт ва баробари он чавон бе ҳеч сустӣ ва мондагӣ боло шуда, поин мефуромад.

— Агар мумкин бошад, як дақиқа пеши мэн оед! — гуфтам ба ӯ, дар вақте ки ӯ бо занбари пурсанг аз пеши ман мегузашт.

— Ба чашм, чони ширин! — гӯён мӯйсафед ба рохи худ давом кард ва баъд аз занбарро холӣ карда ба пеши занбарпуркунон рафтанаш ба яке аз онҳо:

— То омадани ман, ба чои ман гузар. Қор нахобад! — гӯён пеши ман омад. Баъд аз салому пурсупос, мэн аз ӯ пурсидам:

— Чӣ ном доред?

— Бобоисмат! — чавоб дод ӯ.

— Чанд сол доред?

— Шасту ду сол!

— Аз кадом қишлоқ?

— Аз қишлоқи Зери Ҳисор!

— Аз кадом колхоз?

— Аз колхози ба номи Сталин!

— Шуморо кӣ мачбур кард, ки дар пиронсолагӣ ба ин чо омада ин ҳама корҳои сахтро ичро карда истодаед?

— Маро шавқу завқи кори кӯб (умумӣ) ва боварии ба амал омадани орзуи чандинсолаам маҷбур кард, ки бо вучуди рухсат надодани доктор ва монеъ шудани роҳбарони район ба ин чо омада кор кунам, — гуфт Бобоисмат ва гуфтаи худро ба ин тариқа эзоҳ дод:

— Мо мӯйсафедон як умри худро дар сахтӣ, дар тангӣ ва гушнагӣ гузаронидем. Ҳар баҳор нахӯрда, напӯшида ва аз боён қарз гирифта ба замин як каф тухм мепошидем ва баъд аз он ду чашми худро ба осмон дӯхта нигарони борон шуда, гурусна ва бараҳна менишастем. Агар ду-се борон меборид, тухми кишташуда ва якчандрӯза ноиро меёфтем, мехӯрдем ва боз то баҳори оянда гушна ва бехи гиёҳҳоро хӯрда мехобидем ва агар борон намеборид, ё ин ки кам меборид, ҳам тухм месӯхт ва ҳам меҳнат.

Мӯйсафед бо ёдоварии рӯзҳои гузаштаи сахти худ оҳе кашида боз давом кард:

— Мо ҳамеша бо як хаёли ширин оби чариро, ки

бо вай киштукори гуногун кунем, орзу мекардем. Аммо ҳеҷ боварӣ надоштем, ки ин орзуи мо ба вуҷуд ояд. Вақте ки кофта шудани канали Калони Фарғонаро шунидем ва сохта шудани канали Тӯқсанкорияро ба чашми худ дидем, барои ба вуҷуд овардани орзуи чандинсолаи худ ба ҳаракат омада ба партия ва ҳукуматамон муроҷиат кардем. Ҳукумат ва партиямон ба ин кор рухсат дода ба мо ёрмандӣ ва роҳбарӣ карданд ва мо ҳам бо ёрии рафиқони рус — инженер ва техникон (Бобоисмат калимаи инженерро «анҷилнор» мегӯяд ва ман дуруст кардам) корро сар кардем ва шумо бо чашми худ дида истодаед, ки мо кӯҳро мисли коҳ аз ҷои худаш бардошта ва ба ҷои дигар гузошта истодаем...

Бобоисмат сухани худро бо ин ҷумлаҳо тамом кард:

— Агар ман обьёрӣ шудани дашти Марғидарро ба чашми худ бинам ва кишти аввалини обии он ҷоро як бор бо дасти худ бардорам, аз дунье беармон меравам ва бовар мекунам, ки фарзандони мо дар дунье дигар бо серӣ, пурӣ ва фаровонӣ зиндагӣ хоҳанд кард.

— Бе ҳеҷ шакку шубҳа бовар кардан гиред, ки фарзандони Шумо, монанди фарзандони дигари советӣ, дар дунье, дигар рӯи хорӣ ва дармондагиро нахоҳад дид! — гуфтам ман ба мӯйсафед, ки бо ман хушбошӣ карда ба сари занбари худ мерафт.

Бобоисмат бо ин гуфтаҳои худ метавонад, ки худро тарҷумони ҳаёти ҳамаи меҳнаткашони кӯҳистонии Тоҷикистон шуморад. Ҳақиқатан ҳам меҳнаткашони кӯҳистонии Тоҷикистон бе замини обӣ бисьёр азоб ва машаққат кашидаанд. Об бисьёр аст, аз дара ва санглох наҳрҳои пурҷӯшу хурӯш дар ҷараён аст ва меҳнаткашон орзу мекарданд, ки бо он обҳо киштукор кунанд. Аммо наметавонистанд, ки кӯҳро бурида, ҷӯй баровардa аз он обҳо фоида баранд.

Меҳнаткашони кӯҳистон, махсусан меҳнаткашони Таги оби халқ ва Марғидар обьёриро танҳо орзу карда намондаанд, балки дар ин кор хеле ҷораҳои амалӣ ҳам дидаанд. Мо дар ҷойҳое ки аз он ҷо канали Марғидар гузаронда истодаанд, нишонаи ҷӯй-

чаеро дидем, ки дар замони пеш аз дарьёи Қиштут бароварда шуда будааст. Аммо бояд ба сабаби камобӣ ва бефоидагӣ бошад, ки он ҷӯйча худ ба худ ботил шуда рафтааст. Инчунин меҳнаткашони он ҷо аз Тӯқсанкориз ибрат гирифта хостаанд, ки дар он ҷо кориз барпо кунанд ва ба ин мақсад ду-се чоҳ ҳам кандаанд. Аммо ба сабаби сахтии санги кӯҳи ин ҷо ва баландии кӯҳ, ҳам ба сабаби дурии роҳи ҷои обьёришаванда натавонистанд, ки ин мақсади худро ба анҷом расонанд ва ба анҷом расонда наметавонистанд ҳам.

Фақат давраи сохтмонӣ социалистӣ, роҳбарияти Партияи Коммунистӣ, ёрмандиҳои моддӣ ва маънавии Ҳукумати Советӣ мушкили меҳнаткашонро осон кард ва орзуҳои ширини чандинасраи онҳоро ба рӯи об баровард.

## 5. Фарзандони устод Рӯдакӣ

...Мо ба саргаҳи канал нигоҳ карда рафта истодаем. Дар ҳар ҷо ба ҷӯшу хурӯши каналчиён вомехӯрем. Ба ҷое расидем, ки як гурӯҳ одамон монанди алангае, ки дар наистон афтода бошад, ба кӯҳ часпидаанд. Дар як тараф харсангҳои хонамонандро бо метин ва хоиск пора мекунанд, дар тарафи дигар сангҳои порашударо ба зер меғелонанд, дар як тараф кӯҳро бурида ҷӯй мегузаронанд. Байраки Сурхи партия ва ҳукумати Тоҷикистон дар камари кӯҳ дар болои тахтасанге бардошта шудааст, ки бар болои сари инҳо лаппиш мекунад.

— Инҳо кулолиёнанд, ки дар мусобиқа аз ҳама пеш гузашта, ин байракро ба даст даровардаанд,— гуфт касе ки дар ин саёҳат ба мо роҳбарӣ мекард,— ва барои аз даст надодани ин байрақ шервор кор карданд ва кор карда истодаанд. Инҳо бо вуҷуди ин ки нормаи худро кайҳо иҷро кардаанд, ҳанӯз ба қишлоқ нагашта ва ба ихтиёри худ дар кори зарбдории худ барои ёрирасонӣ ба пасмондагон давом доданд.

— Шумо аз кадом қишлоқи Кулолӣ? — пурсидам ман аз як одами тахминан шастсола, ки як харсанги яккубометриро бо мисрон ба танҳоӣ меғелонд.

— Ман аз Панҷруд!

— Аз кишлоқе ки қабри устод Рӯдакӣ аз он ҷо ёфт шуд?

— Ҳо, аз худи ҳамон ҷо! — гуфт он кас,— мо мазори Рӯдакиро «Мазори Уфорӣ» (Уфарӣ) мегӯем. Чунки он кас машшоқ буданд ва «уфор» (уфар)-ро бисьёр нағз менавохтанд.

— Ман аз худи Рӯдак,— гӯён садо дод як каналчӣ, ки аз ҷои истодагии мо дар дуртар кор карда истода буд.

Ман бо шунидани ин садо ба садодиҳанда наздик шудам. Ин одам тахминан панҷоҳсола буд. Лекин ин ҳам мисли як ҷавони пурзӯр бағайрат кор мекард.

— Шумо аз кишлоки Рӯдак мебошед? — гуфта ман аз он одам пурсидам.

— Мо ҳамагӣ аз Шингдарьё мебошем, Рӯдак ҳам аз мост — гуфт он одам ва эзоҳ дод:

— Қалъаи Рӯдак дар болои кӯҳ аст, ки ҳозир дар он ҷо касе нест. Лекин нишонаҳои ҷӯйҳои об ҳаст. Дар зери он кӯҳ як дара ҳаст, ки вайро Сои Рӯдак меноманд. Мо якчанд хонавор, то соли гузашта дар ҳамон сой зиндагонӣ мекардем. Замини он ҷо ба мулки колхоз даромад, мо ҳам ба кишлоқе ки дар он ҷо колхозчиён зиндагӣ мекарданд — ба Шингдарьё кӯчида омадем.

— Аз Рӯдак, аз ин ҳазор сол пеш Рӯдакӣ ном як шоири калон баромадааст! Шунидаед?

— Мо чорсад шутур доштани он касро ва машшоқ (музыкачӣ) буданашонро аз бобоҳои худ шунида будем. Ба наздикӣ шоири калон будани он касро ҳам шунидем.

— Мо ҳама авлоди он кас мебошем,— гуфт як колхозчии дигар бо оҳанги фахркунона.

Вақте ки мо аз пеши инҳо дур мешудем, як каналчӣ овоз дод:

— Рӯдакро нависед, лекин Шингдарьёро ҳам аз ёд набароред. Ҳозир ҳамаи Рӯдакиҳо дар Шингдарьё мебошанд.

Ин тасодуф барои ман хеле завқовар ва дилчасп буд. Арбоби таърих ва тазкираҳо, то ҳол дар болои дар куҷо будани кишлоки Рӯдак, ки ватани зойидашудаи устод Рӯдакӣ аст, ихтилоф доштанд. Фикрҳои

охирӣ ба он қарор ёфта буд, ки «Рӯдак» дар Самарқанд аст. Аммо дар куҷои Самарқанд будани ин қишлоқро қасе муайян карда гуфта наметавонист. Ман инсол ба Панҷрудак (Панҷруд), ки ҷои қабри Рӯдакист, алоқадор будани Рӯдак ва бо вай дар як район будани онро аз манбаъҳои бисьёр кӯҳна ёфта, бо пурсуков аз як каси форобӣ, дар ҳақиқат мавҷуд будани ин қишлоқро шунида будам, ки ин маълумотро секретари райкомпартияи Панҷакат рафиқ Муҳаммадиев [107] таъкид карда буд ва баъд аз он ба асоси ҳамин маълумот экспедицияи расмӣ фиристода шуда буд, ки вай ҳам ин маълумотро тамоман тасдиқ карда омада буд.

Ман имрӯз тасодуфан бо аҳолии Рӯдак, бо фарзандони устоди бузурги адабиёти классикии тоҷик, ки рӯи дуньё устодии ӯро тасдиқ кардааст, мусоҳиба карда истода будам. Ин ҳолат барои ман хеле завқовар ва ҳаловатбахш буд...

Мо се километр роҳро пиёда ва аз канори канал тай карда ба саргаҳи канал, ки ба дарьёи Қиштут мепайваст, рафта расидем.

Канал, ки дар ҷои ба канори вай баромадаи мо аз камари кӯҳ гузашта аз оби Қиштут тахминан сад у панҷоҳ метр баландӣ дошт, рафта-рафта ба лаби дарьё фуромада бо оби Қиштут ҳамрӯй шуд.

### 6. «Бодиёнӣ, то нахӯрӣ, надонӣ»

Мо дар зиндагӣ кӯҳро бурида роҳ баровардапро дида будем. Намунаи бисьёр намоён ва бемонанди ин кор роҳи Сталинобод — Хоруғ аст, ки 567 километр дарозӣ дорад. Душвориҳоеро, ки дар сохтмони роҳ рӯй дод, танҳо большевикон — одамони даврам [советӣ] дар зери роҳбарии Партияи Коммунистӣ ҳал карда метавонистанд ва бомуваффақият ҳал ҳам карданд.

Кори роҳи Сталинобод — Хоруғ метавонад, ки ҳаман рӯи дуньёро дар ҳайрат андозад. Чунки дар он ҷо большевикон корҳоеро, ки аз қудрати башарӣ берун шумурда мешуданд, карданд. Чунончи, дар он ҷо тоҷикони меҳнаткаш дар девораи чанд ҳазор метри

ростбаромадан кӯҳҳо меx зада ва ба болои он нишаста кӯҳро буриданд ва ба арғамчинҳои сад, садупанҷоҳметрӣ овезон шуда истода санги хороро сӯрох карда дар онҳо доруҳои таркананда ҷой карданд...

Албатта мо душвории кори канали Марғидарро ҳеҷ гоҳ ба душвории он гуна корҳо баробар карданӣ нестем. Лекин ба ҳоли худ аз кӯҳ ҷӯй гузаронидан як душворӣ дорад. Чунки ҷӯйсозӣ як шарти махсусро талаб мекунад: бояд аз аввал то охир ҷӯй ба тарзи аз фароз ба нишеб ҳамвор равад, то ки об дар ҷое банд нашуда равон гардад.

Ин шартро дар замини хокӣ ба амал овардан як дараҷа осон аст, бо зиёдтар, ё камтар кардани хок, ҷӯйро ҳамвор ва обгузар кардан мумкин аст. Аммо ин шартро дар кӯҳ — дар байни сангҳои хоро ба амал овардан бисёр душвор аст. Ин аст, ки каналчиёни Марғидар дар баъзе ҷоҳо маҷбур шудаанд, ки 40—50 метр сангҳоро бурида таги ҷӯйро ба андозае ки дар плани техникӣ нишон дода шудааст, чуқур кунанд ва дар баъзе ҷойҳо маҷбур шудаанд, ки кӯҳро кофта, бо санг ва шағал он сойҳоро ба андозае ки як кӯҳи сунъӣ тавон гуфт, пур карда бароранд ва аз болои он ҷӯйро гузаронанд.

Оре, мо кӯҳро бурида ҷӯй кашиданро танҳо дар афсонаҳои Фарҳоди кӯҳкан шунидаем. Шоири бузурги Озарбойҷон — Низомӣ дар ин бора мегӯяд:

Чунон аз ҳам дарид он марзу он бум,
Ки мешуд зери захмаш санг чун мум,
Ба теша рӯи хоро метарошид,
Чу бед аз санг маҷро метарошид,
Ба як моҳ аз миёни санги хоро,
Чу дарё кард ҷӯе ошкоро
Чунон тартиб дод аз санг ҷӯе,
Ки дар дарзаш намегунҷид мӯе.

ва шоири бузурги ӯзбек — Мир Алишер Навоӣ дар ин бора мегӯяд (айнан тарҷима),

Барояд гар зи пешаш кӯҳ ногоҳ
Кунад бо зарбае он кӯҳро коҳ
Намояд тешаро дар кандаиаш тез,
Шавад аз об теша оташангез!
Қанори кӯҳ бар худ карда маскан,
Шуда хорошикофу ғулғулафган,

Қамар баста ба ғалтондан ҳаҷарро
Ба ҳар зарба фиганда як камарро
Шавад чун зарбааш бо авҷ пайваст,
Кунад ҳар зарбааш як куллаҳо паст.
Чу мегардид бо метин хачаркӯб
Парида сангҳо гаштӣ камаркӯб...

Ин гуна ҳодиса дар он вактҳо дар зиндагӣ набуд. Аммо хаёли инсон ин гуна корро орзу мекард ва ба шакли афсона сохта мебаромад. Он шоирони бузург, ки ба иктидори одамизод боварӣ доштанд, он афсонаро гирифта ва ба вай шакли ҳақиқат дода назм карда баровардаид. Чунончи дар ин бора Низомии бузург дар охири он порчае, ки аз вай дар боло нақл кардем, мегӯяд:

Агар сад кӯҳ бояд канд пӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.
Чи чора, к-он бани одам надонад?
Ба чуз мурдан к-аз ӯ бечора монад!

Ана имрӯз мо дар ҳақиқат вуҷуд пайдо кардани он афсонаҳоро, ба кор даромадани он иктидори одамизодро, ки мутафаккирони бузурги инсоният фарз мекарданд, ба чашми худ дида истодаем.

Ҳоло он ҳамон касоне ки рафти кори ин каналро надидаанд, ба кандани ҷӯйҳои оддии хокӣ қиёс карда гуфтаҳои маро афсона мепиндоранд ва мо ба ин гуна одамҳо мегӯем: «бодиёнӣ, то нахӯрӣ, надонӣ!». (Рав! кори канали Марғидарро ба чашми худ бин! Баъд гап зан!) мегӯем.

* * *

Канали Марғидар аз ҷиҳати ҳаҷм хеле хурд аст, тамоми дарозии канал 32 километр буда, аз ин 8—9 километр масофа ҳамин гуна сангбурӣ ва кӯҳканиро талаб мекунад. Лекин мо агар танҳо бо қуввая районн Панҷакат карда шуда истодани ин корро ба назар гирем, ба меҳнаткашони Панҷакат ҳақ медиҳем, ки ба ҳамаи каналчиён фахр кунанд.

Масалан, навбати дуввӯмии канали Қалони Фарғона аз Конибодом то Ленинобод дар масофати 72 километр дароз мекашид, ки аз рӯи плани техникӣ бояд дар он ҷо як миллиону панҷсад ҳазор кубометр

замин канда мешуд, аммо дар амал бо кандани як миллиону дусад ҳазор кубометр хок канал ба вуҷуд омад.

Дар он кор тамоми қувваи вилояти Ленинобод сафарбарӣ карда шуда, дар кори заминковӣ 24 ҳазор дасти корӣ иштирок кард.

Дар канали Марғидар ҳам, бояд аз аввал то охир якуним миллион кубометр замин кофта шавад, ки тахминан сеяки ин кор сангбурӣ ва кӯҳканист. Аз рӯи план ин корро бояд панҷ ҳазор колхозчии район иҷро мекард. Аммо дар амал, бинобар мавсими шолиғундорӣ будан, танҳо се ҳазору ҳафтсад колхозчӣ ба кор ҷалб карда шудаанд, ки инҳо кори ҳамон панҷ ҳазор нафарро бомуваффақият иҷро карданд ва карда истодаанд. «Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо».

### 7. Плани ҳукуматӣ ва иҷрои план

Аз рӯи плани ҳукуматӣ кори канали Марғидар ба се навбат тақсим карда шудааст: навбати якӯм дар моҳи ноябри соли 1940-ӯм — 6 км сангбурӣ ва кӯҳканӣ; навбати дуввӯм дар ноябри соли 1941 — дуним километр сангковӣ ва як қисм хокканӣ ва дар соли 1942 — тамомияти кор.

Аммо колхозчиёни Панҷакат ғайрат карда истодаанд, ки кори каналро дар охири соли 1941 тамом карда, дар аввали соли 1942 заминҳои обьёришавандаи дашти Марғидарро аз худ кунанд.

Барои бомуваффақият ба амал овардани ин мақсади колхозчиёни Панҷакат кӯшиши ҳаминсолааш кафил аст: чунончи дар боло гуфта шуд, аз рӯи план бояд панҷ ҳазор кас ба кор ҷалб карда шуда, то 25 ноябрь аз 6 километр масофа 280 ҳазор кубометр санг ва шағал меканданд. Аммо роҳбарони район вақти ғунучини шолӣ ва кишти тирамоҳиро ба назар гирифта, аз район ба ҷои панҷ ҳазор нафар 3700 нафар колхозчиро ба кор ҷалб кардаанд. Ана ҳамин се ҳазору ҳафтсад нафар қаҳрамонони каналчӣ кори панҷҳазор нафарро бомуваффақият иҷро карда истодаанд ва як қисми инҳо пеш аз вақт плани худро бо ғнёдатӣ иҷро карда қайҳо ба кори саҳрои колхози

худ баргашта рафтаанд. Чунончи аз наввад колхоз, ки дар кори канал иштирок дошт, 18 колхоз дар 13 ноябрь (ба ҷои 25 ноябрь) плани худро аз яксаду бист то як саду шаст процент иҷро карда рафтаанд.

Ба болои ин, колхозчиёни Панҷакат кӯшиш доранд, ки агар ҳаво сахт нагирад ва дар кӯҳистон дар ҷодарҳо зиндагонӣ кардан мумкин шавад, дуним километр роҳи кӯҳии каналро ҳам дар ҳамин навбат канда тамом кунанд ва як қисми замини хокиро баъд аз кишти баҳории соли 1941 дар моҳи май канда дар ноябри соли 1941 каналро тамом карда обро ба замини обьёрӣ бароранд.

Аммо барои ба амал омадани ин плани пешвозии колхозчиён ёрии моддӣ ва маънавии маркази республика, дар вақти худ расондани доруи тарконанда, ҳам ғайрати состави инженер-техникӣ лозим аст.

### 8. Қувваи ҳаракатдиҳанда

Мо аз пешрафти кори канали Марғидар гап мезадем, ҳамаи ин муваффақиятҳоро танҳо ба меҳнаткашони Панҷакат — ба колхозчиён баста мондан дуруст нест. Аз ин пеш ҳам панҷакатиён буданд, садҳо сол боз дар орзуи об хун мегиристанд ва дар аламн беобӣ ташналаб ҷон медоданд. Чунон ки дар боло гуфта шуд, барои обьёрӣ кардани дашти Марғидар ташаббус ҳам карда диданд. Лекин муваффақ нашуданд.

Сабаби ин бемуваффақиятӣ дар инҳо буд:

1. Об дар он вақтҳо мулки хусусии бойҳо ва амлокдорҳо буд, ҳаққи меҳнаткашон бошад — меҳнати сиёҳ. Бинобарин меҳнаткашон дар он вақтҳо, дар ин гуна корҳои калон дилу бедил иштирок мекарданд ва муваффақ ҳам намешуданд. 2. Дар он вақтҳо синфҳои ҳоким талантҳои меҳнаткашон, қувваи эҷодӣ ва ташаббускории онҳоро кушта буданд, меҳнаткаш дар дасти бой ва амалдор хидмати бел ва каландро адо мекард. 3. Дар он вақтҳо меҳнаткашон муташаккил набуданд, роҳи бо манфиати умумӣ бастани манфиати шахсии худро намедонистанд ва агар бо таъбири халқ гӯем «ҳар кас барои мурдаи

шудем, ӯ майна барин минг-мингкунон ба гап задан медаромад.

Кампир як шаб баъд аз ин амалиёти бачагонаи беақлонаи мо як афсонае гуфт, ки бо ҳамин дигар аз кулфати афсонагӯй халос шуд. Ин афсонаи Деви ҳафтсар буд.

* * *

Назар ба нақли кампир дар замони қадим дар миёнаҷои ободиҳои дунё «Кӯҳи Қоф» ном як кӯҳи бисьёр калони баланд будааст. Дар он ҷо «Деви ҳафтсар» ном як дев ҳукмронӣ мекардааст. Он дев чунон ки аз номаш фаҳмида мешавад, ҳафтто сар доштааст. Сари якӯмаш монанди хуки ёбой, ки гуроз меноманд, будааст. Аммо даҳон ва забони бисьёре доштааст, ки ба ҳар кас ҳар хел гап мезадааст: ба баъзеҳо — бо дӯғу пӯписа ва ба баъзеҳо — бо забони хуш ва дӯстдорӣ. Аз ҳар даҳони ӯ чор дандони ашки саркаҷ ба қадри як оршин дароз шуда баромадагӣ будааст. Ҳар касеро, ки аз дӯғу пӯписаи ӯ тарсида ба ӯ таслим шавад, ё ин ки ба гапҳои ширини ҳилакоронаи ӯ фирефта шуда ба ӯ наздик ва ром гардад, бо дандонҳои ашки худ шиками он касро дарронда ҳамаи аъзо ва аҳшоҳояшро[500а] мехӯрдааст.

Сари дуввӯми он дев ба сиёҳгӯш ном ҷонвари дарранда монанд будааст, аммо аз сиёҳгӯш фарқаш дар ин ҷо будааст, ки ӯ ҳар вақт аз даҳони худ заҳр ва оташ пошида дуньёро ва одамҳоро месӯхтааст ва мекуштааст.

Сари саввӯмаш ба гург монанд будааст, аммо аз гург фарқаш дар ин будааст, ки аз сар то пои бадани ӯ ба ҷои мӯй дандонҳои ашк баромада будааст. Дандонҳои ашки ӯ бисьёр дароз буда, баъзеҳояш ба табар ва баъзеҳояш ба соскан* монанд будааст. Ин сар одамҳоро бо ашки сосканмонанди худ банд карда гирифта бо ашки табармонанди худ тиккаву пора карда мехӯрдааст.

Сари чорӯми он дев ба шакли каркадан буда, монанди каркадан дар болои бинии худ як шохи бисьёр

* Соскан — як чангчаи дарозддаствест, ки бо ӯ аз обхо моҳиҳои калонро зада мегиранд.

худ мегирист», агар ба корҳои умумӣ иштирок кунанд ҳам, бо фикри «ба ман чӣ?» иштирок мекарданд. 4. Дар он вақтҳо меҳнаткашон бо маънии ҳозирааш қувваи техникӣ надоштанд, ҳар гуна кори сахтро ҳам бо ду дасти худ ва бо белу каланду зоғнӯл, мисрони бобои худ иҷро мекарданд. 5. Асоситарин сабабҳои бемуваффақиятии замони пеш дар ин буд, ки одам ба худ боварӣ надошт ва меҳнаткашон чи қадарҳо калон будани қувваи эҷодкории худро намедонистанд.

Аммо дар замони мо ҳамаи ин сабабҳо барҳам хӯрданд: замину об тамоман мулки меҳнаткашон шуд; меҳнат шараф, меҳнат бахт ва саодат гардид; дар давраи социализм талантҳо ва қувваҳои эҷодии одамон тарбия ёфта ба кор даромад; бо ҳаракати колхозӣ оммаи меҳнаткашон, деҳқонони муттаҳид шуданд, роҳи бо манфиати умумӣ бастани манфиати шахсии худро омӯхтанд, қувваи техникии Ҳукумати Советӣ, ки пешқадамтарини техникаи замони ҳозира аст, барои хидмати меҳнаткашон миён баст; аз ҳама чизҳо асоситараш ва муҳимтараш ин аст, ки партияи бузурги ленинӣ — Партияи Коммунистӣ одамонро аз нав тарбия карда бо роҳи большевикӣ сохта баровард, ки қувваи «кӯҳро коҳ кардан» пайдо карданд.

Мо мисоли намоёнтарини ин тарбияро чунонки дар ҳамаи корҳои умумиамон дидем, дар кори худи ҳамин канал дида истодаем. Гурӯҳи агитатории партиявӣ ва комсомолӣ, монанди як қуввав ҳаракатдиҳанда дар ҳамаи рафти кор таъсири худро нишон дода истодааст: ӯ ҳаракати стахановчигиро пеш мебарад, ӯ мусобиқаи социалистиро ба ҳама ҷо ва дар байни ҳама кас — аз советҳои қишлоқ гирифта, то колхозҳо ва колхозчиёни ҷудогона татбиқ мекунад; ӯ ҳаракати ударникиро ба кор меандозад; ӯ бо ёрии врачҳо ва ходимони медицина беморонро даво ва парасторӣ мекунад, ӯ ба воситаи кино ва концерт мондагии меҳнаткашонро аз баданашон баровардa вақти онҳоро хуш ва чоқ мекунад; ӯ ба воситаи газетхонададиҳӣ ҳатто дар болои кор ҳам, меҳнаткашонро аз олам хабардор карда меистад ва дигарҳо.

шудем, ӯ майна барин минг-мингкунон ба гап задан медаромад.

Кампир як шаб баъд аз ин амалиёти бачагонаи беақлонаи мо як афсонае гуфт, ки бо ҳамин дигар аз кулфати афсонагӯӣ халос шуд. Ин афсонаи Деви ҳафтсар буд.

* * *

Назар ба нақли кампир дар замони қадим дар миёнаҷои ободиҳои дунъё «Кӯҳи Қоф» ном як кӯҳи бисьёр калони баланд будааст. Дар он ҷо «Деви ҳафтсар» ном як дев ҳукмронӣ мекардааст. Он дев чунон ки аз номаш фаҳмида мешавад, ҳафтто сар доштааст. Сари якӯмаш монанди хуки ёбоӣ, ки гуроз меноманд, будааст. Аммо даҳон ва забони бисьёре доштааст, ки ба ҳар кас ҳар хел гап мезадааст: ба баъзеҳо — бо дӯғу пӯписа ва ба баъзеҳо — бо забони хуш ва дӯстдорӣ. Аз ҳар даҳони ӯ чор дандони ашки саркаҷ ба қадри як оршин дароз шуда баромадагӣ будааст. Ҳар касеро, ки аз дӯғу пӯписаи ӯ тарсида ба ӯ таслим шавад, ё ин ки ба гапҳои ширини ҳилакоронаи ӯ фирефта шуда ба ӯ наздик ва ром гардад, бо дандонҳои ашки худ шиками он касро дарронда ҳамаи аъзо ва аҳшоҳояшро[500а] мехӯрдааст.

Сари дуввӯми он дев ба сиёҳгӯш ном ҷонвари дарранда монанд будааст, аммо аз сиёҳгӯш фарқаш дар ин ҷо будааст, ки ӯ ҳар вақт аз даҳони худ заҳр ва оташ пошида дуньёро ва одамхоро месӯхтааст ва мекуштааст.

Сари саввӯмаш ба гург монанд будааст, аммо аз гург фарқаш дар ин будааст, ки аз сар то пои бадани ӯ ба ҷои мӯй дандонҳои ашк баромада будааст. Дандонҳои ашки ӯ бисьёр дароз буда, баъзеҳояш ба табар ва баъзеҳояш ба соскан* монанд будааст. Ин сар одамхоро бо ашки сосканмонанди худ банд карда гирифта бо ашки табармонанди худ тиккаву пора карда мехӯрдааст.

Сари чорӯми он дев ба шакли каркадан буда, монанди каркадан дар болои бинии худ як шохи бисьёр

* *Соскан* — як чангчап дароздастест, ки бо ӯ аз обҳо моҳиҳои калонро зада мегиранд.

худ мегирист», агар ба корҳои умумӣ иштирок кунанд ҳам, бо фикри «ба ман чӣ?» иштирок мекарданд. 4. Дар он вақтҳо меҳнаткашон бо маънии ҳозирааш қуввai техникӣ надоштанд, ҳар гуна кори сахтро ҳам бо ду дасти худ ва бо белу каланду зоғнӯл, мисрони бобои худ иҷро мекарданд. 5. Асоситарин сабабҳои бемуваффақиятии замони пеш дар ин буд, ки одам ба худ боварӣ надошт ва меҳнаткашон чи қадарҳо калон будани қуввai эҷодкории худро намедонистанд.

Аммо дар замони мо ҳамаи ин сабабҳо барҳам хӯрданд: замину об тамоман мулки меҳнаткашон шуд; меҳнат шараф, меҳнат бахт ва саодат гардид; дар даврai социализм талантҳо ва қувваҳои эҷодии одамон тарбия ёфта ба кор даромад; бо ҳаракати колхозӣ оммаи меҳнаткашон, деҳқонон муташаккил шуданд, роҳи бо манфиати умумӣ бастани манфиати шахсии худро омӯхтанд, қуввai техникии Ҳукумати Советӣ, ки пешқадамтарини техникаи замони ҳозира аст, барои хидмати меҳнаткашон миён баст; аз ҳама чизҳо асоситараш ва муҳимтараш ин аст, ки партияи бузурги ленинӣ — Партияи Коммунистӣ одамонро аз нав тарбия карда бо роҳи большевикӣ сохта баровард, ки қуввai «кӯҳро коҳ кардан» пайдо карданд.

Мо мисоли намоёнтарини ин тарбияро чунонки дар ҳамаи корҳои умумиамон дидем, дар кори худи ҳамин канал дида истодаем. Гурӯҳи агитатории партиявӣ ва комсомолӣ, монанди як қуввai ҳаракатдиҳанда дар ҳамаи рафти кор таъсири худро нишон дода истодааст: ӯ ҳаракати стахановчигиро пеш мебарад, ӯ мусобиқаи социалистиро ба ҳама ҷо ва дар байни ҳама кас — аз советҳои қишлоқ гирифта, то колхозҳо ва колхозчиёни ҷудогона татбиқ мекунад; ӯ ҳаракати ударникиро ба кор меандозад; ӯ бо ёрии врачҳо ва ходимони медицина беморонро даво ва парасторӣ мекунад, ӯ ба воситаи кино ва концерт мондагии меҳнаткашонро аз баданашон баровarda вақти онҳоро хуш ва чоқ мекунад; ӯ ба воситаи газетхондадиҳӣ ҳатто дар болои кор ҳам, меҳнаткашонро аз олам хабардор карда меистад ва дигарҳо.

шудем, ӯ майна барин минг-мингкунон ба гап задан медаромад.

Кампир як шаб баъд аз ин амалиёти бачагонаи беақлонаи мо як афсонае гуфт, ки бо ҳамин дигар аз кулфати афсонагӯӣ халос шуд. Ин афсонаи Деви ҳафтсар буд.

* * *

Назар ба нақли кампир дар замони қадим дар миёначои ободиҳои дуньё «Кӯҳи Қоф» ном як кӯҳи бисьёр калони баланд будааст. Дар он ҷо «Деви ҳафтсар» ном як дев ҳукмронӣ мекардааст. Он дев чунон ки аз номаш фаҳмида мешавад, ҳафтто сар доштааст. Сари якӯмаш монанди хуки ёбой, ки гурӯз мемонанд, будааст. Аммо даҳон ва забони бисьёре доштааст, ки ба ҳар кас ҳар хел гап мезадааст: ба баъзеҳо — бо дӯғу пӯписа ва ба баъзеҳо — бо забони хуш ва дӯстдорӣ. Аз ҳар даҳони ӯ чор дандони ашки саркач ба қадри як оршин дароз шуда баромадагӣ будааст. Ҳар касеро, ки аз дӯғу пӯписаи ӯ тарсида ба ӯ таслим шавад, ё ин ки ба гапҳои ширини ҳилакоронаи ӯ фирефта шуда ба ӯ наздик ва ром гардад, бо дандонҳои ашки худ шиками он касро дарронда ҳамаи аъзо ва аҳшоҳояшро[500] мехӯрдааст.

Сари дуввӯми он дев ба сиёҳгӯш ном ҷонвари дарранда монанд будааст, аммо аз сиёҳгӯш фарқаш дар ин ҷо будааст, ки ӯ ҳар вақт аз даҳони худ заҳр ва оташ пошида дуньёро ва одамҳоро месӯхтааст ва мекуштааст.

Сари саввӯмаш ба гург монанд будааст, аммо аз гург фарқаш дар ин будааст, ки аз сар то пои бадани ӯ ба ҷои мӯй дандонҳои ашк баромада будааст. Дандонҳои ашки ӯ бисьёр дароз буда, баъзеҳояш ба табар ва баъзеҳояш ба соскан* монанд будааст. Ин сар одамҳоро бо ашки сосканмонанди худ банд карда гирифта бо ашки табармонанди худ тиккаву пора карда мехӯрдааст.

Сари чорӯми он дев ба шакли каркадан буда, монанди каркадан дар болои бинии худ як шохи бисьёр

* Соскан — як чангчаи дароздастаест, ки бо ӯ аз обҳо моҳиҳои калонро зада мегиранд.

дарози нӯгтез доштааст. Ин сар одамхоро панҷ-панҷ, даҳ-даҳ бо шохи худ халонда гирифта бардошта мегаштааст. Бадани одамҳо, ки дар шохи ӯ пӯсида лухсида фасод шуда мерафтаанд, рост ба даҳони ӯ медаромадаанд. Ғизои ин сар аз ҳамин фасодҳо будааст.

Сари панҷӯми он дев калхотмонанд буда дар бадани ӯ ба ҷои пар чанголи тез, найза, шамшер ва ханҷар барин яроқҳои бурранда ва дарранда рӯида будааст. Ин сар одамхоро бо ин яроқҳои худ кушта ва дарронда мехӯрдааст;

Сари шашшӯм ба шакли фил буда хартуми бисьёр дарозе доштааст. Ин сар одамҳоро бо хартуми худ печонда гирифта мехӯрдааст. Ин сар ба бачагон бисьёртар душман буда, дар ҳар як ҳуҷум садҳо бачагони хурдсолро бо хартуми худ печонда гирифта нахоида фурӯ мебурдааст.

Сари ҳафтӯм монанди мурғи бӯқаламун будааст, ки соате сад бор бо рангҳои гуногун метофтааст. Ин сар ҳам монанди сари якӯм сердаҳон буда даҳонҳояш монанди пуффакҳои обдуздак будаанд ва ҳар надоми ин пуффакҳо бо як хел ранги обакӣ пур будааст. Ин сар, чунон ки мурғи бӯқаламун бо табиати худ ҳар замон худро ба ҳар ранг дароварда метавонистааст, аз даҳонҳои пуффакмонанди худ рангҳо пошида одамҳо, чизҳо ва воқиаҳоро ҳам рангҳои гуногун дода метавонистааст. Ин сар бо ин ҳунари худ ба сари якӯм бисьёр маъқул будааст: ин сар гапҳои дурӯғи фиребгаронаи сари якӯмро ба ранги матлуби ӯ ранг карда рост барин карда мебаровардааст.

Деви ҳафтсар як рӯз худ ба худ гуфт, ки «Ман бо ин яроқҳо бо ин сарҳое ки дорам, бояд дар тамоми рӯи дуньё ҳоким шавам. Лекин ба ин мақсади ман одамизод монеъ аст. Бинобар ин бояд аввал тухми одамизодро нест кунам».

Деви ҳафтсар бо ин мақсад аввал ҳар одамизодеро, ки дар кӯҳи Қоф ба дасташ афтод, кушта хӯрд ва баъд аз он ба атрофи он кӯҳ ҳуҷум овард. Ӯ ҳаман сархояшро ба кор дароварда одамҳоро гурӯҳ-гурӯҳ мекушт, месӯхт ва мехӯрд. Бисьёр одамон ва бачагонро зиндаву зор нохоида фурӯ мебурд. Ӯ сари

одамҳо — шаҳрҳо, деҳаҳо, китобҳо ва дигарҳоро ҳам сӯхта нобуд кард.

Баъд аз он ки атрофи кӯҳи Қоф бо ҳамаи аҳолиаш аз тарафи деви ҳафтсар нобуд карда шуда дигар чизи хӯрданӣ ва сӯхтанӣ намонд, ӯ ба ҷангали Мозандарон қасд кард.

Ҷангали Мозандарон яке аз ободтарин ҷоҳои рӯи дунё буда дар вай неъматҳои алвон ва боигариҳои гуногун фаровон буд. Деви ҳафтсар худ ба худ гуфт: «Агар ин ҷангалро ба даст даровардa одамҳоеро, ки ба ин ҷо соҳибанд, нест кунам, дигар дар дунё касе намемонад, ки ба ман муқобил барояд».

Деви ҳафтсар бо ин мақсад як шаб дуздвор якбора ба ҷангали Мозандарон ҳуҷум овард, як қисми он ҷангалро сӯхт, як қисмашро хӯрд ва дарахтони хордорро нохонда фурӯ бурдан гирифт.

* * *

Ҷангали Мозандарон ба Рустами достон нигоҳ мекард. Рустами достон вақте ки ба заминаш ҳуҷум кардани Деви ҳафтсарро шунид, як наъра кашид. Рахш овози ӯро шунида дарров ба пеши ӯ ҳозир шуд. Рустами достон ба Рахши барқҷавлони худ савор шуда ба муқобили Деви ҳафтсар ба майдон баромад. Рустами достон ҳар гуна ҳамлаи Деви ҳафтсарро ба худи ӯ мегардонд ва бо гурзи албурзмонанди[50] худ ба ҳар қадом сари ӯ, ки рост ояд, мекӯфт, бо шамшер гарданҳои ӯро мезад, бо ханҷар синаи ӯро чок мекард, бо найза шикамш ӯро медаронд ва бо тир сар то пои бадани ӯро ғалбермонанд сӯрох-сӯрох мекард...

Оқибат Деви ҳафтсар ба ин гуна ҳамлаҳои паёпаи марговар тоб наёварда суст шуда афтод. Аз шиками даридаи ӯ дарахтони хордори ҷангали Мозандарон баромадан гирифтанд ва аз паси дарахтон одамҳое ҳам, ки Деви ҳафтсар онҳоро зиндаву зор фурӯ бурда буд ва «ҳазм кардам» гуфта гумон мекард, баромаданд. Одамҳо аз сари нав ҷон гирифта ба танаи маҷрӯхгаштаи Деви ҳафтсар ҳуҷум оварданд ва дар як лаҳза ӯро пора-пора намуда нест карданд.

дарози нӯгтез доштааст. Ин сар одамхоро панҷ-панҷ, даҳ-даҳ бо шохи худ халонда гирифта бардошта мегаштааст. Бадани одамҳо, ки дар шохи ӯ пӯсида лухсида фасод шуда мерафтаанд, рост ба даҳони ӯ медаромадаанд. Ғизои ин сар аз ҳамин фасодҳо будааст.

Сари панҷӯми он дев калхотмонанд буда дар бадани ӯ ба ҷои пар чанголи тез, найза, шамшер ва ханҷар барин яроқҳои бурранда ва дарранда рӯида будааст. Ин сар одамхоро бо ин яроқҳои худ кушта ва дарронда мехӯрдааст;

Сари шашшӯм ба шакли фил буда хартуми бисьёр дарозе доштааст. Ин сар одамхоро бо хартуми худ печонда гирифта мехӯрдааст. Ин сар ба бачагон бисьёртар душман буда, дар ҳар як ҳуҷум садҳо бачагони хурдсолро бо хартуми худ печонда гирифта нахоида фурӯ мебурдааст.

Сари ҳафтӯм монанди мурғи бӯқаламун будааст, ки соате сад бор бо рангҳои гуногун метофтааст. Ин сар ҳам монанди сари якӯм сердаҳон буда даҳонҳояш монанди пуффакҳои обдуздак будаанд ва ҳар кадоми ин пуффакҳо бо як хел ранги обакӣ пур будааст. Ин сар, чунон ки мурғи бӯқаламун бо табиати худ ҳар замон худро ба ҳар ранг даровarда метавонистааст, аз даҳонҳои пуффакмонанди худ рангҳо пошида одамҳо, чизҳо ва воқиаҳоро ҳам рангҳои гуногун дода метавонистааст. Ин сар бо ин ҳунари худ ба сари якӯм бисьёр маъқул будааст: ин сар гапҳои дурӯғи фиребгаронаи сари якӯмро ба ранги матлуби ӯ ранг карда рост барин карда мебаровардааст.

Деви ҳафтсар як рӯз худ ба худ гуфт, ки «Ман бо ин яроқҳо бо ин сарҳое ки дорам, бояд дар тамоми рӯи дуньё ҳоким шавам. Лекин ба ин мақсади ман одамизод монеъ аст. Бинобар ин бояд аввал тухми одамизодро нест кунам».

Деви ҳафтсар бо ин мақсад аввал ҳар одамизодеро, ки дар кӯҳи Қоф ба дасташ афтод, кушта хӯрд ва баъд аз он ба атрофи он кӯҳ ҳуҷум овард. Ӯ ҳамаи сарҳояшро ба кор даровarда одамҳоро гурӯҳ-гурӯҳ мекушт, месӯхт ва мехӯрд. Бисьёр одамон ва бачагонро зиндаву зор нохоида фурӯ мебурд. Ӯ сари

одамҳо — шаҳрҳо, деҳаҳо, китобҳо ва дигарҳоро ҳам сӯхта нобуд кард.

Баъд аз он ки атрофи кӯҳи Қоф бо ҳамаи аҳолиаш аз тарафи деви ҳафтсар нобуд карда шуда дигар чизи хӯрданӣ ва сӯхтанӣ намонд, ӯ ба ҷангали Мозандарон қасд кард.

Ҷангали Мозандарон яке аз ободтарин ҷоҳои рӯи дунъё буда дар вай неъматҳои алвон ва боигариҳои гуногун фаровон буд. Деви ҳафтсар худ ба худ гуфт: «Агар ин ҷангалро ба даст даровардa одамҳоеро, ки ба ин ҷо соҳибанд, нест кунам, дигар дар дунъё касе намемонад, ки ба ман муқобил барояд».

Деви ҳафтсар бо ин мақсад як шаб дуздвор якбора ба ҷангали Мозандарон ҳуҷум овард, як қисми он ҷангалро сӯхт, як қисмашро хӯрд ва дарахтони хордорро нохоида фурӯ бурдан гирифт.

* * *

Ҷангали Мозандарон ба Рустами достон нигоҳ мекард. Рустами достон вақте ки ба заминаш ҳуҷум кардани Деви ҳафтсарро шунид, як наъра кашид. Рахш овози ӯро шунида дарров ба пеши ӯ ҳозир шуд. Рустами достон ба Рахши барқҷавлони худ савор шуда ба муқобили Деви ҳафтсар ба майдон баромад. Рустами достон ҳар гуна ҳамлаи Деви ҳафтсарро ба худи ӯ мегардонд ва бо гурзи албурзмонанди[501] худ ба ҳар қадом сари ӯ, ки рост ояд, мекӯфт, бо шамшер гарданҳои ӯро мезад, бо ханҷар синаи ӯро чок мекард, бо найза шиками ӯро медаронд ва бо тир сар то пои бадани ӯро ғалбермонанд сӯрох-сӯрох мекард...

Оқибат Деви ҳафтсар ба ин гуна ҳамлаҳои паёпаи марговар тоб наёварда суст шуда афтод. Аз шиками даридаи ӯ дарахтони хордори ҷангали Мозандарон баромадан гирифтанд ва аз паси дарахтон одамҳое ҳам, ки Деви ҳафтсар онҳоро зиндаву зор фурӯ бурда буд ва «ҳазм кардам» гуфта гумон мекард, баромаданд. Одамҳо аз сари нав ҷон гирифта ба танаи маҷрӯҳгаштаи Деви ҳафтсар ҳуҷум оварданд ва дар як лаҳза ӯро пора-пора намуда нест карданд.

Рустами достон дар ин сафари худ то Кӯҳи Қоф рафт, он кӯҳро аз авлоди Деви ҳафтсар пок кард ва ҳокимияти он ҷоро ба авлоди одамони Кӯҳи Қофӣ, ки Деви ҳафтсар дар аввали хуруҷи худ падарони онҳоро кушта хӯрда буд, супурда ба мамлакати худ бозгашт ва ба муроду мақсади худ расид.

* * *

Намедонам, ки он кампири Геббельсмонанд барои тарсондани мо ин афсонаро монанди Геббельс аз худ сохта ва бофта гуфт ва ё ин ки дар ҳақиқат ин афсона дар байни мардум буд, ки тасодуфан ӯ ба мо нақл кард? Дар ҳар ҳол мо баъд аз шунидани ин афсонаи даҳшатангези тарсовар дигар дар паи афсонашунавӣ наафтодем ва он кампирро ба ҳоли худаш гузоштем.

Аммо баъд аз он ки аз он воқеа — аз шунидани ин афсона қариб шаст сол гузашт, мо мисоли он Деви ҳафтсари афсонавиро дар ҳақиқат — дар зиндагӣ дар шахсияти фашизм дидем.

Деви ҳафтсари ҳақиқӣ фашизм аст, ки ӯ дар ҳақиқат ҳафт сар дорад: сари якӯми ӯ Гитлер, дуввӯм — Геринг, саввӯм — Гимлер, чорӯм — Фрик, панҷӯм — Розенберг, шашӯм — Лей ва ҳафтӯм Геббельс аст.

Деви ҳафтсар — фашизм бо нияти нест кардани одамизод ва маданияти ӯ аввал аз Германия хуруҷ кард ва дар навбати аввал ҳар одамеро, ки дар он ҷо дар дасташ афтод, нест кард ва баъд аз он бо ин сарҳои худ ба атроф ҳуҷум овард: Чехословакия, Дания, Норвегия, Бельгия, Голландия, Франция, Албания, Югославия ва Грецияро сӯхт, одамҳошонро кушт, хӯрд ва маҳв намуд, занон, духтарон, пирон ва беморонро ҳам ҳеҷ раҳм наёварда пора-пора намуд ва ҳазорон бачаҳои хурдсолро дар як сурати ваҳшиёна пора-пора кард, сӯхт ва аз гуруснагӣ кушт.

Фашизм Румыния, Болгария ва Венгрия барин ҷоҳоеро ҳам, ки ба суханони сари якӯми Деви ҳафтсар — Гитлер фирефта шуда ба фашизм тобеъ шуда буданд, зиндаву зор хӯрд.

Деви ҳафтсар — фашизм баъд аз ин ҳама тороҷу толон ба хоки муқаддаси советӣ, ки дар афсона ҷан-




НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

СТАЛИНОБОД 1941

Дар ин маҷмӯа «Чингизи асри XX» ва «Деви Ҳафтсар» ном мақолаҳои С. Айнӣ чоп шудааст.



БИСТУ ПАНҶ СОЛ

С. АЙНӢ

Тоҷикистони Сурх

7 ноябри

Мақолаи ба 25-солагии Тоҷикистон бахшидаи С. Айнӣ.

гали Мозандарони пуралвон мисоли он аст, хуҷум овард ва як қисмашро поймол намуд.

Халқи қаҳрамони ватандӯст ва инсониятдӯсти советӣ ва Армияи Сурхи ӯ, ки дар афсона Рустами достон мисоли он аст, ба хуҷуми Деви ҳафтсар — фашизм бо зарбаҳои марговари худ ҷавоби муносибро дод ва дода истодааст.

Деви ҳафтсар — фашизм ба зарбаҳои Рустами достон — Армияи Сурх тоб наёварда аз ҳол рафта суст шуда истодааст ва одамҳое ҳам, ки ӯ фурӯ бурда буд — чехҳо, словакҳо, полякҳо, грекҳо ва дигарҳо аз шиками даридаи ӯ баромада дубора зинда шуда ва ба шакли партизанҳо ба танаи Деви ҳафтсар — фашизм хуҷум оварда истодаанд.

Тақдири Деви ҳафтсари ҳақиқӣ — фашизм аз тақдири Деви ҳафтсари афсонагӣ дигар нахоҳад шуд. Ӯ дар натиҷаи зарбаҳои марговари Рустами достони ҳақиқӣ — халқи советӣ ва Армияи Сурхи ӯ ҳам бо зарбаҳои халқҳои мазлум, ки ӯ поймол кардааст, маҳв хоҳад шуд.

## ШЕРЗОД [301а]

24 сол пеш аз ин дар мамлакати мо як бача таваллуд ёфт. Ин бача зоида шудан замон аз худ аломатҳои шуҷоат ва баҳодурӣ нишон додан гирифт; аз чашму рӯю пешонии ӯ нишонаҳои мардонагӣ, паҳлавонӣ ва ҷасорат барқ зада намоён мегардид.

Ин бача дар кирдору атвор ва ҳаракату гуфтор ҳам ба бачаҳои оддӣ монандӣ надошт: бачаҳои навзод одатан дар моҳҳои аввали зоида шуданашон бисьёр заиф ва бемадор мешаванд, барои ба гуфтору рафтор даромадани онҳо камаш яқуним сол-ду сол вақт даркор мешавад. Ин бача бошад аз вақти зоида шуданаш сар карда ба пои худ хеста роҳ рафтан мегирифт ва ҳатто монанди бачаи шер худро дар майдонҳои мубориза андохта ҳаракатҳои қаҳрамонона нишон медод, ба ин бача падару модараш номи дигар дода бошанд ҳам, мардум ба ҳаракатҳои қаҳрамононаи ӯ нигоҳ карда ӯро «Шерзод» (зодаи шер) мегуфтанд.

Аз он пеш монанди ин бача дар миёнаи бачаҳои

навзод дида нашуда буд. Дуруст аст, ки дар афсонаҳои халқ зоида шудани баъзе қаҳрамонони афсонагӣ ба тарзи зоида шудани ин бачаи мо тасвир карда мешуд, лекин он гуна ҳикояҳо воқиаҳои ҳақиқӣ набуда чизҳое, буданд, ки онҳоро хаёлҳои халқҳо сохта мебароварданд. Чунки халқ барои дафъ кардани душмани худ ва никор кашидан аз вай ба он гуна қаҳрамонҳо мӯҳтоҷ буд ва ҳамеша он гуна қаҳрамонҳоро орзу мекард ва рафта-рафта ин орзуи худро дар хаёли худ таҷассум кунонда вайро ба шакли як ҳикояи воқеӣ сохта мебаровард.

Ин бача бошад дар ҳақиқат ба тарзи паҳлавонони афсонавӣ зоида шуда буд, ки таваллуди ӯ дар ҳақиқат ба вуҷуд омадани орзуҳои чандинасрии халқ ба шумор мерафт. Бинобар ин ҳар кадом халқҳое, ки дар мамлакати мо буданд, ӯро фарзанди худ мешумурданд, ҳар як мард шарафи падар шудан ба ин бачаро ва ҳар як зан саодати модар шудан ба ӯро ба худ нисбат дода бо ин шараф ва саодат мефахриданд, бинобарин донишмандони бисьёр аъло ва қаҳрамонони таҷрибадидаи гузарои халқ тарбияи ин бачаро ба худ гирифта, ӯро монанди гавҳараки чашми худ нигаҳдорӣ ва нигаҳбонӣ карда, таълим дода ба воя расониданд.

Ин бача на аз об, на аз оташ, на аз бод ва на аз хок — аз ҳеҷ чизе наметарсид, ӯ ҳамеша тайёр буд, ки бо душманон мубориза кунад; ӯ гоҳо уқобмонанд ба фазои бепоёни фалакӣ парвоз менамуд; гоҳо самандарвор худро ба оташҳои оҳангудоз мезад; гоҳо ҳамчун наҳанг дар баҳрҳои бепоён шиноварӣ мекард; гоҳо мисли сели беамон тӯдаҳои хокро, ки роҳи ӯро банд мекарданд, чаппаву роста карда мепартофт.

Агар душман абр шуда дар ҳаво пайдо шавад, ӯ боди буньёдкан гардида вайро пароканда ва несту нобуд мекард; агар душман дар баҳр ба ӯ муқобилат кунад, ӯ мавҷи кӯҳшикан шуда вайро аз роҳи об ба мағоки хок мефиристод ва агар душман монанди ҳайвоноти ваҳшии дарранда дар бешаҳо ба ӯ рӯ ба рӯ шавад, ӯ ҳамчуи нарраашери далер бо як ҳамла вайро кир карда мепартофт.

Ин бача дар ин гуна муборизаҳо ҳеҷ монда на-

мешуд, билъакс ӯ дар поёни ҳар як мубориза ва ҷангу ҷӯш боз ҳам пурқувваттар ва пухтатар шуда мебаромад. Гӯё ӯ аз пӯлод сохта шуда буд, ки оташи мубориза ӯро обу тоб дода бурротар ва ҳамнахӯранда карда мебаровард.

Ин бача аз аввали рӯзҳои ҳаёти худ сар карда танҳо мудофиа кардани халқи худ ва ватани худро ба худ мақсад карда нагирифта буд, балки ӯ бар болои ин вазифа ба халқҳои мазлуми рӯи дунё ёрӣ доданро ва ба касоне ки дӯстдори инсоният ва озодиаид, хайрхоҳӣ карданро ҳам вазифаи муқаддаси худ мешумурд. Бинобарин ӯро ҳамаи халқҳои мазлуми дунё, инсоният ва озодидӯстони рӯи ҷаҳон ҳам монанди падару модари худаш — халқи худаш дӯст медоштанд. Ба муқобили ин, душманони инсоният ва озодӣ ба ӯ душмани ҷонӣ буданд ва номи ӯро шунидан намехостанд.

Як гала одамхӯрон, ки душманони инсоният ва озодӣ буданд, як шайкаи калон ташкил карданд, монанди дуздони роҳзан ба сурати пинҳонӣ аз нӯки по то мӯи пешонӣ ва аз сари нохун то буни дандон сар то по мусаллаҳ шуда гирифтанд.

Ин шайка бо мақсади ба воситаи кушторҳо ва сӯхторҳо одамҳоро тарсонда ба худ «ғуломи бедирамхарида» карда гирифтан хурӯҷ кард. Ин шайка дар аввали хурӯҷи худ ба заминҳои халқҳои мазлум ва нисбат ба худаш бецувваттар, ки ба давру пеши худаш наздиктар буданд, бо зӯрӣ паҳн карда даромад. Ӯ одамонеро, ки аз он халқҳо ба дасташ афтоданд, хоҳ пир бошанд, хоҳ тифл, хоҳ мард бошанд, хоҳ зан, кушт, шаҳрҳо ва деҳаҳоро вайрон кард, сӯхт ва ба замин яксон намуд ва силоҳҳоеро ҳам, ки аз он ҷоҳо паҳн карда гирифта буд, ба яроқҳои ҷангии худ зам карда ва баъд аз он «акнун дар дунё касе намонд, ки панҷаи маро тобад» — гӯён ҷиноятҳои боз ҳам калонтарро сар кард.

Шайка баъд аз ба дараҷаи комил мусаллаҳ шуда гирифтан хоинона ва ногаҳонӣ ба ватани Шерзод ва ба сари халқи ӯ ҳуҷум овард.

Шерзод дар ин вақт бачаи хурдсол набуд, балки ҷавони ба 24-солагӣ қадам мондагӣ буд, ки бо як

ҳамла кӯҳҳоро коҳ ва ҷангалҳоро роҳ карда метавонист. Шерзод аз ин ҳаракати хоинонаи душмани одамхӯр дар ғазаб омада ба як қуввати худ даҳ қувват ва ба як ғайрати худ даҳ ғайрат афзуда ба мудофиа даромад.

Падару модари Шерзод — халқи мамлакат ба ӯ ҳартарафа ёрмандӣ расониданд, халқҳои мазлум ва озодидӯсти рӯи дунъё ҳам ба ӯ некхоҳии худро нишон доданд.

Шерзод дар муборизаи бисьёр сахти даҳшатнок кашида шуда буд, ӯ душманро мезад, мекушт ва маҳв мекард. Душмани ғаддор монанди ҳайвони ваҳшии даррандаи нобакор на танҳо ба Шерзод ҳуҷум мекард, балки одамҳои осударо ҳам то пиру беморҳо мекушт, медарронд, хунашонро мехӯрд, хонаҳошонро тороҷ ва вайрон мекард ва месӯхт.

Баъд аз ҷангҳои мудофиагии хунин оқибат Шерзод ташаббусро аз дасти душман ба дасти худ гирифт ва ба ҳуҷум даромад. Шерзод, ки дар ҷанги мудофиавӣ ба душман амон намедод, дар вақти ҳуҷум, чунон ки саги девонаро кушанд, ӯро кушта ҷасади палидашро ба хуни модараш оғушта мекард.

Душман дид, ки ба пои худ ба лаби гӯри худ омадааст, ба гурехтан сар кард. Аммо ӯ мисли мори саркӯфта, ки баъд аз зарба хӯрдан захрзании худро зиёд мекунад, дар роҳи гурези худ бегуноҳонро бо ваҳшонияти чашмнадида ва гӯшнашунида кушта, шаҳрҳо ва деҳаҳоро сӯхта рафта истодааст.

Шерзод бошад бо ҳисси интиқом дар ғазаб шуда, душмани нобакори одамхӯрро пеш карда ва ӯро қир карда интиқоми бегуноҳонро аз вай дарситонида истодааст.

* * *

Рӯзи таваллуди монанди Шерзод як қаҳрамони модарзод дар таърихи инсоният як ҳодисаи бисьёр аҷиби калон аст. Бинобар ин ҳар сол рӯзи таваллуди ӯ бо ҷашни тантанавор гузаронида мешавад. Имсол ки ӯ ба душман — ба душмане, ки дар хунрезӣ ва ваҳшигӣ таърих мисташро нишон надодааст, ғалаба

карда истодааст, ҷашни 24-солагии ӯ ҳам мувофиқи ин ғалаба бо тантанаҳои бемисл гузаронида шуда истодааст. Намоёнтарин ёдгории ҷашни 24-солагии ӯ ғалабаҳои худи ӯст, ки дуньёро дар ҳайрат андохт.

Падару модари Шерзод — халқи мамлакати мо ва инчунин халқи олам боварӣ доранд, ки ӯ дар соле ки ба 25 қадам мемонад, ба душмани инсоният ва озодӣ ғалабаи пурра карда, тамоми инсониятро, аз ин ҷумла халқҳои мазлумро, ки дар зери пои ӯ поймол шудаанд, аз шарри ӯ халос мекунад ва ҷашни 25-солаи ӯро халқи мо бо олами инсонияти халос карда шудагӣ бо тантанаҳои ҷаҳонӣ мегузаронанд.

Ҳеҷ шубҳае нест, ки ин қаҳрамони модарзод — ин қаҳрамоне, ки мо ӯро Шерзод номидаем, Армияи Сурхи зафарпайкари мост, ки ӯро Ленин 24 сол аз ин пеш ташкил кардааст.

Ҳеҷ ҷои гап нест, ки душмани ғаддори хунхори нобакори одамхӯр Гитлер ва гитлерчиёнанд.

## ТАЛВОСАИ ҶОНКАНИИ ДАРРАНДАИ ЗАХМДОР [108]

Мо асп ва ё гов барин ҳайвонҳои оддиро дар вақти бурида шудани сарашон дидаем. Ин гуна ҳайвон дар вақти ҷонканӣ қуввати худро нисбат ба вақти тандурустиаш якчанд бор зиёд карда, хеле ҳаракатҳои сахт мекунад. Агар ин гуна ҳайвон дар ҳолати табиияш аз тарафи як одам ба хубӣ идора карда шуда ва ӯро аз ҳаракатҳои нолоиқ боздоштан мумкин бошад, дар вақти бурида шудани сараш чанд одам даркор аст, ки ӯро пахш карда истанд, вагарна ӯ гирду пешашро ба хун ошушта карда, одамҳои ба худаш рост омадаро зада маиб карданаш мумкин аст. Ин ҳолатро дар адабиёти кӯҳнаи мо «ҳаракати мазбуҳӣ» мегӯянд.

Ин аст ҳолати ҷонкании ҳайвоноти оддии сарашон буридашуда. Аммо талвосаи ҷонкании ҳайвоноти даранда бошад, боз ҳам даҳшатноктар ва хавфноктар аст. Ҳайвони дарранда вақте ки захмдор шуд, сифати ваҳшоният, даррандагӣ ва ғазаби худро чандин бор зиёд мекунад, ӯ девонавор бонг мезанад, наъра мекашад, ба ҳар тараф медавад, ҳар кас ва ҳар

ҳамла кӯҳҳоро коҳ ва ҷангалҳоро роҳ карда метавонист. Шерзод аз ин ҳаракати хоинонаи душмани одамхӯр дар ғазаб омада ба як қуввати худ даҳ қувват ва ба як ғайрати худ даҳ ғайрат афзуда ба мудофиа даромад.

Падару модари Шерзод — халқи мамлакат ба ӯ ҳартарафа ёрмандӣ расониданд, халқҳои мазлум ва озодидӯсти рӯи дунё ҳам ба ӯ некхоҳии худро нишон доданд.

Шерзод дар муборизаи бисьёр сахти даҳшатнок кашида шуда буд, ӯ душманро мезад, мекушт ва маҳв мекард. Душмани ғаддор монанди ҳайвони ваҳшии даррандаи нобакор на танҳо ба Шерзод ҳуҷум мекард, балки одамҳои осударо ҳам то пиру беморҳо мекушт, медарронд, хунашонро мехӯрд, хонаҳошонро тороҷ ва вайрон мекард ва месӯхт.

Баъд аз ҷангҳои мудофиагии хунин оқибат Шерзод ташаббусро аз дасти душман ба дасти худ гирифт ва ба ҳуҷум даромад. Шерзод, ки дар ҷанги мудофиавӣ ба душман амон намедод, дар вақти ҳуҷум, чунон ки саги девонаро кушанд, ӯро кушта ҷасади палидашро ба хуни модараш оғушта мекард.

Душман дид, ки ба пои худ ба лаби гӯри худ омадааст, ба гурехтан сар кард. Аммо ӯ мисли мори саркӯфта, ки баъд аз зарба хӯрдан заҳрзании худро зиёд мекунад, дар роҳи гурези худ бегуноҳонро бо ваҳшонияти чашмнадида ва гӯшнашунида кушта, шаҳрҳо ва деҳаҳоро сӯхта рафта истодааст.

Шерзод бошад бо ҳисси интиқом дар ғазаб шуда, душмани нобакори одамхӯрро пеш карда ва ӯро қир карда интиқоми бегуноҳонро аз вай дарситонида истодааст.

* * *

Рӯзи таваллуди монанди Шерзод як қаҳрамони модарзод дар таърихи инсоният як ҳодисаи бисьёр аҷиби калон аст. Бинобар ин ҳар сол рӯзи таваллуди ӯ бо ҷашни тантанавор гузаронида мешавад. Имсол ки ӯ ба душман — ба душмане, ки дар хунрезӣ ва ваҳшигӣ таърих мисламро нишон надодааст, ғалаба

карда истодааст, ҷашни 24-солагии ӯ ҳам мувофиқи ин ғалаба бо тантанаҳои бемисл гузаронида шуда истодааст. Намоёнтарин ёдгории ҷашни 24-солагии ӯ ғалабаҳои худи ӯст, ки дуньёро дар ҳайрат андохт.

Падару модари Шерзод — халқи мамлакати мо ва инчунин халқи олам боварӣ доранд, ки ӯ дар соле ки ба 25 қадам мемонад, ба душмани инсоният ва озодӣ ғалабаи пурра карда, тамоми инсониятро, аз ин ҷумла халқҳои мазлумро, ки дар зери пои ӯ поймол шудаанд, аз шарри ӯ халос мекунад ва ҷашни 25-солаи ӯро халқи мо бо олами инсонияти халос карда шудагӣ бо тантанаҳои ҷаҳонӣ мегузаронанд.

Ҳеҷ шубҳае нест, ки ин қаҳрамони модарзод — ин қаҳрамоне, ки мо ӯро Шерзод номидаем, Армияи Сурхи зафарпайкари мост, ки ӯро Ленин 24 сол аз ин пеш ташкил кардааст.

Ҳеҷ ҷои гап нест, ки душмани ғаддори хунхори нобакори одамхӯр Гитлер ва гитлерчиёнанд.

## ТАЛВОСАИ ҶОНКАНИИ ДАРРАНДАИ ЗАХМДОР[309]

Мо асп ва ё гов барин ҳайвонҳои оддиро дар вақти бурида шудани сарашон дидаем. Ин гуна ҳайвон дар вақти ҷонканӣ қувватти худро нисбат ба вақти тандурустиаш якчанд бор зиёд карда, хеле ҳаракатҳои сахт мекунад. Агар ин гуна ҳайвон дар ҳолати табиияш аз тарафи як одам ба хубӣ идора карда шуда ва ӯро аз ҳаракатҳои нолоиқ боздоштан мумкин бошад, дар вақти бурида шудани сараш чанд одам даркор аст, ки ӯро пахш карда истанд, вагарна ӯ гирду пешашро ба хун огушта карда, одамҳои ба ҳудаш рост омадаро зада маиб кардаанаш мумкин аст. Ин ҳолатро дар адабиёти кӯҳнаи мо «ҳаракати мазбуҳӣ» мегӯянд.

Ин аст ҳолати ҷонкании ҳайвоноти оддии сарашон буридашуда. Аммо талвосаи ҷонкании ҳайвоноти дарранда бошад, боз ҳам даҳшатноктар ва хавфноктар аст. Ҳайвони дарранда вақте ки захмдор шуд, сифати ваҳшоният, даррандагӣ ва ғазаби худро чандин бор зиёд мекунад, ӯ девонавор бонг мезанад, наъра мекашад, ба ҳар тараф медавад, ҳар кас ва ҳар

ҳамла кӯҳҳоро коҳ ва ҷангалҳоро роҳ карда метавонист. Шерзод аз ин ҳаракати хоинонаи душмани одамхӯр дар ғазаб омада ба як қуввати худ даҳ қуввват ва ба як ғайрати худ даҳ ғайрат афзуда ба мудофиа даромад.

Падару модари Шерзод — халқи мамлакат ба ӯ ҳартарафа ёрмандӣ расониданд, халқҳои мазлум ва озодидӯсти рӯи дунъё ҳам ба ӯ нексхоҳии худро нишон доданд.

Шерзод дар муборизаи бисьёр сахти даҳшатнок кашида шуда буд, ӯ душманро мезад, мекушт ва маҳв мекард. Душмани ғаддор монанди ҳайвони ваҳшии даррандаи нобакор на танҳо ба Шерзод ҳуҷум мекард, балки одамҳои осударо ҳам то пиру беморхо мекушт, медарронд, хунашонро мехӯрд, хонаҳошонро тороҷ ва вайрон мекард ва месӯхт.

Баъд аз ҷангҳои мудофиагии хунин оқибат Шерзод ташаббусро аз дасти душман ба дасти худ гирифт ва ба ҳуҷум даромад. Шерзод, ки дар ҷанги мудофиавӣ ба душман амон намедод, дар вақти ҳуҷум, чунон ки саги девонаро кушанд, ӯро кушта ҷасадӣ палидашро ба хуни модараш оғушта мекард.

Душман дид, ки ба пои худ ба лаби гӯри худ омадааст, ба гурехтан сар кард. Аммо ӯ мисли мори саркӯфта, ки баъд аз зарба хӯрдан захрзании худро зиёд мекунад, дар роҳи гурези худ бегуноҳонро бо ваҳшонияти чашмнадида ва гӯшнашунида кушта, шаҳрҳо ва деҳаҳоро сӯхта рафта истодааст.

Шерзод бошад бо ҳисси интиқом дар ғазаб шуда, душмани нобакори одамхӯрро пеш карда ва ӯро кир карда интиқоми бегунҳонро аз вай дарситонида истодааст.

* * *

Рӯзи таваллуди монанди Шерзод як қаҳрамони модарзод дар таърихи инсоният як ҳодисаи бисьёр аҷиби калон аст. Бинобар ин ҳар сол рӯзи таваллуди ӯ бо ҷашни тантанавор гузаронида мешавад. Имсол ки ӯ ба душман — ба душмане, ки дар хунрезӣ ва ваҳшигӣ таърих мисламро нишон надодааст, ғалаба

карда истодааст, ҷашни 24-солагии ӯ ҳам мувофиқи ин ғалаба бо тантанаҳои бемисл гузаронида шуда истодааст. Намоёнтарин ёдгории ҷашни 24-солагии ӯ ғалабаҳои худи ӯст, ки дуньёро дар ҳайрат андохт.

Падару модари Шерзод — халқи мамлакати мо ва инчунин халқи олам боварӣ доранд, ки ӯ дар соле ки ба 25 қадам мемонад, ба душмани инсоният ва озодӣ ғалабаи пурра карда, тамоми инсониятро, аз ин ҷумла халқҳои мазлумро, ки дар зери пои ӯ поймол шудаанд, аз шарри ӯ халос мекунад ва ҷашни 25-солаи ӯро халқи мо бо олами инсонияти халос карда шудагӣ бо тантанаҳои ҷаҳонӣ мегузаронанд.

Ҳеҷ шубҳае нест, ки ин қаҳрамони модарзод — ин қаҳрамоне, ки мо ӯро Шерзод номидаем, Армияи Сурхи зафарпайкари мост, ки ӯро Ленин 24 сол аз ин пеш ташкил кардааст.

Ҳеҷ ҷои гап нест, ки душмани ғаддори хунхори нобакори одамхӯр Гитлер ва гитлерчиёнанд.

## ТАЛВОСАИ ҶОНКАНИИ ДАРРАНДАИ ЗАХМДОР[302]

Мо асп ва ё гов барин ҳайвонҳои оддиро дар вақти буридa шудани сарашон дидаем. Ин гуна ҳайвон дар вақти ҷонканӣ қуввати худро нисбат ба вақти тандурустиаш якчанд бор зиёд карда, хеле ҳаракатҳои сахт мекунад. Агар ин гуна ҳайвон дар ҳолати табиияш аз тарафи як одам ба хубӣ идора карда шуда ва ӯро аз ҳаракатҳои нолоиқ боздоштан мумкин бошад, дар вақти бурида шудани сараш чанд одам даркор аст, ки ӯро пахш карда истанд, вагарна ӯ гирду пешашро ба хун олушта карда, одамҳои ба худаш рост омадаро зада маиб карданаш мумкин аст. Ин ҳолатро дар адабиёти кӯҳнаи мо «ҳаракати мазбуҳӣ» мегӯянд.

Ин аст ҳолати ҷонкании ҳайвоноти оддии сарашон буридашуда. Аммо талвосаи ҷонкании ҳайвоноти дарранда бошад, боз ҳам даҳшатноктар ва хавфноктар аст. Ҳайвони дарранда вақте ки захмдор шуд, сифати ваҳшоният, даррандагӣ ва ғазаби худро чандин бор зиёд мекунад, ӯ девонавор бонг мезанад, наъра мекашад, ба ҳар тараф медавад, ҳар кас ва ҳар

ҳамла кӯҳҳоро кох ва ҷангалҳоро роҳ карда метавонист. Шерзод аз ин ҳаракати хоинонаи душмани одамхӯр дар ғазаб омада ба як қуввати худ даҳ қувват ва ба як ғайрати худ даҳ ғайрат афзуда ба мудофиа даромад.

Падару модари Шерзод — халқи мамлакат ба ӯ хартарафа ёрмандӣ расониданд, халқҳои мазлум ва озодидӯсти рӯи дунё ҳам ба ӯ некхоҳии худро нишон доданд.

Шерзод дар муборизаи бисьёр сахти даҳшатнок кашида шуда буд, ӯ душманро мезад, мекушт ва маҳв мекард. Душмани ғаддор монанди ҳайвони ваҳшии даррандаи нобакор на танҳо ба Шерзод ҳуҷум мекард, балки одамҳои осударо ҳам то пиру беморҳо мекушт, медарронд, хунашонро мехӯрд, хонаҳошонро тороҷ ва вайрон мекард ва месӯхт.

Баъд аз ҷангҳои мудофиагии хунин оқибат Шерзод ташаббусро аз дасти душман ба дасти худ гирифт ва ба ҳуҷум даромад. Шерзод, ки дар ҷанги мудофиавӣ ба душман амон намедод, дар вақти ҳуҷум, чунон ки саги девонаро кушанд, ӯро кушта ҷасадӣ палидашро ба хуни модараш оғушта мекард.

Душман дид, ки ба пои худ ба лаби гӯри худ омадааст, ба гурехтан сар кард. Аммо ӯ мисли мори саркӯфта, ки баъд аз зарба хӯрдан заҳрзании худро зиёд мекунад, дар роҳи гурези худ бегуноҳонро бо ваҳшонияти чашмнадида ва гӯшнашунида кушта, шаҳрҳо ва деҳаҳоро сӯхта рафта истодааст.

Шерзод бошад бо ҳисси интиқом дар ғазаб шуда, душмани нобакори одамхӯрро пеш карда ва ӯро кир карда интиқоми бегунҳонро аз вай дарситонида истодааст.

* * *

Рӯзи таваллуди монанди Шерзод як қаҳрамони модарзод дар таърихи инсоният як ҳодисаи бисьёр аҷиби калон аст. Бинобар ин ҳар сол рӯзи таваллуди ӯ бо ҷашни тантанавор гузаронида мешавад. Имсол ки ӯ ба душман — ба душмане, ки дар хунрезӣ ва ваҳшигӣ таърих мислашро нишон надодааст, ғалаба

карда истодааст, чашни 24-солагии ӯ ҳам мувофиқи ин ғалаба бо тантанаҳои бемисл гузаронида шуда истодааст. Намоёнтарин ёдгории чашни 24-солагии ӯ ғалабаҳои худи ӯст, ки дуньёро дар ҳайрат андохт.

Падару модари Шерзод — халқи мамлакати мо ва инчунин халқи олам боварӣ доранд, ки ӯ дар соле ки ба 25 қадам мемонад, ба душмани инсоният ва озодӣ ғалабаи пурра карда, тамоми инсониятро, аз ин ҷумла халқҳои мазлумро, ки дар зери пои ӯ поймол шудаанд, аз шарри ӯ халос мекунад ва чашни 25-солаи ӯро халқи мо бо олами инсонияти халос карда шудагӣ бо тантанаҳои ҷаҳонӣ мегузаронанд.

Ҳеҷ шубҳае нест, ки ин қаҳрамони модарзод — ин қаҳрамоне, ки мо ӯро Шерзод номидаем, Армияи Сурхи зафарпайкари мост, ки ӯро Ленин 24 сол аз ин пеш ташкил кардааст.

Ҳеҷ ҷои гап нест, ки душмани ғаддори хунхори нобакори одамхӯр Гитлер ва гитлерчиёнанд.

## ТАЛВОСАИ ҶОНКАНИИ ДАРРАНДАИ ЗАХМДОР [308]

Мо асп ва ё гов барин ҳайвонҳои оддиро дар вақти бурида шудани сарашон дидаем. Ин гуна ҳайвон дар вақти ҷонканӣ қувватн худро нисбат ба вақти тандурустиаш якчанд бор зиёд карда, хеле ҳаракатҳои сахт мекунад. Агар ин гуна ҳайвон дар ҳолати табиияш аз тарафи як одам ба хубӣ идора карда шуда ва ӯро аз ҳаракатҳои нолоиқ боздоштан мумкин бошад, дар вақти бурида шудани сараш чанд одам даркор аст, ки ӯро пахш карда истанд, вагарна ӯ гирду пешашро ба хун ғӯшта карда, одамҳои ба худаш рост омадаро зада маиб карданаш мумкин аст. Ин ҳолатро дар адабиёти кӯҳнаи мо «ҳаракати мазбуҳӣ» мегӯянд.

Ин аст ҳолати ҷонкании ҳайвоноти оддии сарашон буридашуда. Аммо талвосаи ҷонкании ҳайвоноти дарранда бошад, боз ҳам даҳшатноктар ва хавфноктар аст. Ҳайвони дарранда вақте ки захмдор шуд, сифати ваҳшоният, даррандагӣ ва ғазаби худро чандин бор зиёд мекунад. ӯ девонавор бонг мезанад, наъра мекашад, ба ҳар тараф медавад, ҳар кас ва ҳар

чизе ки ба роҳаш рост ояд, медарронад, меғалтонад, вайрон мекунад.

Албатта ин гуна ҳаракатҳои вай бисьёр дароз намекашад, лекин то вақти аз пой афтода тамоман ҷонаш баромадан бисьёр харобиҳо карданаш мумкин аст.

Ягона чораи пешгирии ин гуна ҳаракатҳои даҳшатноки даррандаи захмхӯрда қувват ва ғайрати ба муқобили ӯ гузошташударо чандин бор зиёд кардан, роҳи ҳаракати ӯро бастан, ба қадри имкон зарари аз вайояндаро камтар кардан ва бо зарбаҳои пай дар пай марговар умри пурдаҳшат ва ваҳшати ӯро зудтар ба охир расондан аст.

Ҳуҷуми охирини шайкаи гитлерӣ айнан монанди ҳаҷони ҳаракатҳои даррандаи захмдор девонавор аст. Чунки душман наздик омадани марги худро медонад ва муддати кӯтоҳи боқимондаи умри худро ғанимат шумурда «361 рагашро дар як ҷо ғун карда» — ҳамаи қувваташро ба майдон андохта, худро ба ҳар тараф зада истодааст. Оре, сарчашмаҳои қуввац ӯ дар хушкидан ва манбаъҳои резерваш дар тамом шуданаид. Лекин даррандаи захмдоре, ки ҳамаи қувват ва ғазаби худро ба як ҷо ғун карда ба майдон меандозад, то тамоман мурдани худ хеле бадкирдориҳо карда метавонад.

Аз қишлоқҳои аз тарафи худаш тамоман тороҷ кардашуда нон ва гӯшт талаб кардан, бо баҳонаи дода натавонистанашон аҳолиро қатли ом намудан, деҳаҳои тороҷдидаро оташ зада сӯхтан, занони ҳомиладорро дар таҳи хона андохта ва он хонаро тарконда он замон сӯхтан, занонро асирвор ба корҳои даруни мамлакати худ ҳай карда бурдан ва бачагони ширмакони онҳоро аз дастҳошон кашида гирифта дар роҳ дар ҷоҳ, дар об ва дар оташ андохта куштан, лагерьҳои асиронро оташ зада бо ин роҳ аскарони сурхи асирафтодаро сӯхта хокистар кардан... ва садҳо ин гуна ваҳшониятҳои чашмнадида ва гӯшнашунидаро танҳо гитлерчиёни дарранда, ки захмҳои марговар хӯрда ба талвасаи ҷонканӣ афтодаанд, карда метавонанд.

«Об ки аз сар гузашт, чи як газу чи сад газ» гуфта

шудааст дар маколи точикӣ. Гитлер ва гитлерчиён дар оби бадбӯи чиноятхои худ ғӯтидаанд. онхо қариб 3 сол аст, ки хун мерезанд, одам мекушанд, шахр месӯзанд ва ҳозор гуна чиноятхоро мекунанд. Хусусан дар ин соли охир, ки ба Иттифоки Советии мо — ба ватани азизи мо хоинона хучум овардаанд, ҳаман чиноятҳоеро, ки танҳо дар хаёли гитлерчиён омада метавонист, карданд. Онҳо наздик омадани оқибати худро хам дида истодаанд. Онҳо хуб медонанд, ки олами инсоният аз онҳо касос мегирад ва онҳо дар махкамаи инсонияти озодихоҳ ягон-ягон чавоб хоҳанд дод. Онҳо ҳукми аз ин маҳкама дар хакки худашон мебаромадагиро хам пешакӣ медонанд — онҳо ба хубӣ медонанд, ки чазои чиноятхои онҳо махв ва нест карда шудани онхост аз тамоми рӯи дунъё. Онҳо медонанд, ки ба ин гуна чазо кайҳо ҳақ пайдо кардаанд ва инро хам медонанд, ки дар дунъё аз махв ва нест шудан болотар чазо нест. Акнун барои онҳо як роҳи тасаллӣ мемонад, ки он ҳам бошад боз ҳам зиёдтар чиноят кардан аст, то ки ба олами инсоният махв ва нест шудани худашонро қиматтар фурӯшанд, онҳо аз ду сар ба махв шудан махкум ҳастанд, чунки оби чиноят аз сарашон гузаштааст. Акнун чӣ ҳазорхо чиноят, чи миллионҳо чиноят, чазо баробар аст.

Барои зудтар бастани роҳи чиноятхои гитлерчиён ва ба кадри имкон камтар кардани зарарҳои аз онҳо омада истодагӣ вазифаи мо кувват ва ғайрати дар муқобили онҳо гузоштаашударо яке бар дах зиёд кардан ва бо зарбаҳои пай дар пай марги вайро наздик оварлан ва зудтар нест кардан аст. Ин кор бо чи қадар қурбониҳо ки ба даст дароянд, боз ҳам арзон аст. Чунки нест кардани онҳо чи қадар дер кашад, ҳамон қадар қиматтар меафтад.

Армияи Сурхи диловари мо ба муқобили гитлерчиён — ба муқобили даррандаи захмдоршудаи дар ғазаб омадагӣ зарбаҳои марговар зада истодааст ва ин зарбаҳо марги он даррандаро наздиктар ва зарари ба мо расонда истодаи ӯро камтар мекунанд.

Тамоми халқи советӣ ҳам аз аввали чанг боз бо Армияи Сурх як тан, як дил, як чон ва як забон шуда дар мустахкам кардани фронт ва ақибгоҳ кор карда

омаданд ва торафт ғайрат ва қуввати худро зиёдтар ба майдон андохта кор карда истодаанд. Барои зудтар нест крдани душмани ғаддор дақиқа ба дақиқа дар мустаҳкам кардани фронт ва ақибгоҳ кор ва ғайрати худро боз ҳам зиёда карданамон даркор аст.

Душман ба маҳв шудан маҳкум аст, лекин агар марги ӯ тезонида нашавад, ӯ метавонад, ки бо талвосаи ҷонкании боз бисьёр ҷиноятҳо кунад. Чунки даррандаи захмдор бадкирдорӣ, ғазаб ва ваҳшонияти худро чандин бор зиёда карда ба майдон меандозад.

## ҲАР ЗАРАРРАСОНАНДАИ БА ОДАМРО НЕСТ КАРДАН ДАРКОР АСТ[30]

«Ҳар зараррасонандаи ба одамро нест кардан даркор аст»— ин як таълимотест, ки дар майнаи ҳамаи одамҳо ҷой гирифта ба қатори хислатҳои табиӣ гузаштааст.

Шумо занбӯрро медонед, вай одамро неш мезанад, алам ва озор мерасонад. Ин алам ва озор он қадар сахт набошад ҳам, ҷинси одам ба ҷинси занбӯр душманӣ пайдо кардааст. Ҳар одам дар ҳар куҷо ки занбӯрро бинад, вайро куштан мехоҳад ва агар даст ёбад, мекушад. Аз ин душманӣ бачаи хурдсол ҳам холӣ нест. Агар худи ӯро ягон бор занбӯр неш назада бошад ҳам, ӯ занбӯрро куштан мехоҳад. Чунки ӯ аз падару модараш шунидааст, ки «занбӯр ба одам зараррасонанда аст» ва «ҳар зараррасонандаи ба одамро куштан даркор аст» — ин қазия (ҷумла)-и мантиқист, ки инро бачаи панҷсола ҳам тартиб дода ва натиҷа баровард метавонад.

Душмании одам нисбат ба каждум боз ҳам шадиддаттар аст. Чунки алам ва озоре, ки аз неши каждум ба одам мерасад, хеле шиддат аст. Неши каждум ба одам хавфи куштан ё ягон аъзояшро маиб кардан надошта бошад ҳам, хеле сахт аст. Бинобарин душмании одам ҳам нисбат ба вай хеле сахт аст. Одам на танҳо каждумро куштан мехоҳад ва мекушад, хатто баъзе одамҳо аз номи вай ҳам нафрат пайдо кардаанд ва номи ӯро ба забон наёварда ба калимаи «ногуфтанӣ» ёд мекунанд. Ин адоват ва нафрати

нисбат ба каждум ба касоне махсус нест, ки онҳоро каждум неш задааст, балки ҳар одам — ҳар чанд ӯро дар умраш ягон бор каждум неш назада бошад ҳам — нисбат ба вай дар дили худ адоват ва нафрат ҳис мекунад ва бо тақозои ҳамин ҳис каждумро дар ҳар кучо ки ёбад, бо камоли шавқ куштан мехоҳад ва агар ӯро даст гирифта тавонад, бераҳмона поймол ва мачақ карда мекушад ва дар дили худ хурсандӣ ва фахр ҳис мекунад, ки як чизи ба одам зарарраеонандаро куштааст.

Агар дар чое мор пайдо шавад, одамҳо ба муқобили вай на танҳо-танҳо, балки мисли он ки ба сафи чанг мерафта бошанд, ҳама якчоя ва муташаккилона бармехезанд. Чунки мор кушандаи одам аст, дар дуньё кам касест, ки баъд аз мор газидан зинда монда бошад. Агар дар вақташ чораи таъчилӣ дида шавад, бо талаф кардани он аъзое ки як чои вайро мор газидааст, мумкин аст, ки зинда монад.

Одамҳое, ки ба занбӯр ва каждуму мор ба сабаби зараррасонандагии инҳо ҳамин қадар душманӣ пайдо кардаанд, чаро нисбат ба фашистони немец дар худ адоват ва нафрат ҳис накунанд?! Охир, кадом занбӯр, кадом каждум ва кадом мор ба чинси одам он қадар зарар расонидааст, ки инҳо — фашистони немец расондаанд ва расонда истодаанд. Агар шумо таърихи дар рӯи замин пайдо шудани одам, ҳам занбӯру каждум ва морро ба назар оред ва зарарҳои аз инҳо ба одам расидаро ҳисоб карда бароед, ин рақам аз миллиард яки он зарарҳоро ташкил намекунад, ки фашистони немец ба одам расондаанд. Мо зарарҳои занбӯр ва каждумро ба назар наёрем, чунки зарарҳои инҳо беаҳамиятанд. Дар болои калонтарини ин зарар-расонандагон, ки мор аст ва кушандаи одам аст, истода гап занем: охир кадом мор тифли ширхори як занро ба сари синаи модараш бо найза парчин карда, ҳардуро дар як чо кушта, дар выставка намоиш додааст (дар Львов)?! Охир кадом мор дар чои истило ёфтааш одамҳоро то пиру бемор ва зану духтар ва тифли ширхор тирборон карда куштааст, ё ин ки оташ зада сӯхтааст?! Охир кадом мор одамҳоро гушнаву зор ба корҳои мачбурӣ ҳай карда, касонеро, ки аз

гушнагӣ ва мондагӣ ё ин ки аз беморӣ роҳ рафта натавониста афтода мемонанд, дар ҷои афтидагиашон бо сарнайза зада кушта партофта рафтааст?! Охир кадом мор ба номуси духтарони ҷавон ҳуҷум карда, баъд аз ин бадкирдорӣ бо ваҳшонияти гӯшношунида бадани онҳоро пора-пора кардааст?! Охир калом мор аз ҳаво шоколади заҳрдор ва бозичаҳои тарканда партофта, бачагонро, ки ин чизҳоро бо шавқу завк гирифта фоида мебаранд, фиреб дода куштааст (дар Польша)?! Гирем, ки гитлерчиён одамони калонсоли беяроки оромро «қобилияти муқобилат кардан доранд» гуфта ба сабаби гуноҳи нокардаашон кушта бошанд, лекин бачагони хурдсоли соддадили бегуноҳро, ки монанди ғунчаҳои нав шукуфта ба дили одам ғайри сурур ва хурсандӣ дигар чиз намедиҳанд, бо роҳи фиреб ва найранг ба тарзи оммавӣ куштан чӣ сабаб дошта бошад?! Не, морро дар қатори ин хунхӯрон монда гап задан дар ҳаққи мор зулм ва таҳқир аст. Мор аз ин ғаддорони маккор ҳазор бор ор мекунад. Бинобарин мо аз мор узр хоста, ҳайвоноти даррандаи дигарро дар пеши ин даррандаи одамхӯр монда гап зада бинем.

Масалан, гург, нархук (гуроз), бабр, каркадан барин ҳайвоноти дарранда магар монанди даррандагони фашист зарар расонда метавонанд? Ҳазор бор не! Ҳайвоноти дарранда дар ҳаёт ҷое ва мавқеero гирифтаанд, ки ба онҳо кори-одам камтар меафтад. Онҳо дар бешаҳо, дар биёбонҳои беодам ва дар кӯҳистонҳои холӣ зиндагӣ мекунанд. Агар яке аз онҳо тасодуфан ба одам ё ба ҷойҳои одамнишин наздик шаванд, дарҳол одамон ба пой хеста, вайро нест мекунанд ва ё ин ки ба ҷойҳои аслиашон мегурезонанд.

Ҳайвоноти дарранда бо шароити ҳозириашон не, ҳатто фаразан бо шумораи бисьёр дар сурати муташаккилона дар Европа пайдо мешуданд ҳам, аз миллиард яки он зарарҳоро, ки фашистони немец ба одамҳо расондаанд, расонда наметавонистанд. Чунки бо намудор шудани ҳайвоноти дарранда, аҳолии Европа дарҳол онҳоро шинохта ва ба пой хеста, онҳоро пеш аз он ки ба одамҳо зарари калон расонда тавонанд, нест мекарданд. Аммо аз он ҷо ки ин даррандасифа-

тони газандатабиат — фашистони немец дар сурати одам намоён шуданд, аҳолии Европа нашнохтанд, ғофил монданд ва зарарҳои аз онҳо ба вуҷудояндаро ба ҳисоб нагирифтанд. Гӯё инҳо гурги даррандa буданд, ки пӯсти гӯсфандро ба бадани худ кашида, дар даруни рама пайдо шудаанд ва баъд аз дарронда хӯрдани бештарини гӯсфандон онҳо фаҳмиданд, ки фашистони немец даррандаанд, на одам.

Ҳукумат ва халқи советӣ аз аввали дар дунъё намоён шудани фашистони немец дониста буданд, ки фашистон бадтарини ҳамаи даррандагони рӯи дунъёанд. Имрӯз бошад дар дунъё касе намонд, ки бадтарини даррандагон будани фашистони немецро нафаҳмида бошад, бинобарин ҳамаи одамони озодихоҳи дунъё — ҳамаи он касоне ки дар зери дандон ва чанголи даррандагон пора-пора ва поймол шудани одамонро намехоҳад — дар дили худ нисбат ба онҳо ҳисси нафрат, ғазаб ва адоват мепарварад ва барои қасосгирӣ тайёрӣ мебинад.

Халқи советӣ бошад лашкари пешгарди ин қасосгирандагон аст, чунки ӯ кайҳо боз фаҳмидааст, ки фашистони немец даррандаанд ва имрӯз бо чашми худ дида, ба гӯши худ шунида ва бо тамоми бадани худ ҳис карда истодааст, ки онҳо бадтарини даррандагони рӯи дунъёанд ва он зарарҳое, ки фашистони немец ба одамҳо ва аз ин ҷумла ба халқи советӣ, ба мамлакати пурнеъмати советӣ ва ба зану духтару бачагони озод ва хурсанди советӣ расонида истодаанд ва расониданашон мумкин аст, ҳамаи даррандагони дунъё расонида натавонистаанд ва расонда наметавонанд.

Бинобарин тамоми одамони озодихоҳи дунъё ва аз ин ҷумла халқи советӣ бе ҳеҷ талқин ва ташвиқ ин гуна як қазияи (ҷумлаи) мантиқӣ тартиб дода ва натиҷа мебарорад: «Фашистони немец ба одам зарар-расонандаанд»,— «Ҳар зараррасонандаи ба одамро нест кардан даркор аст», пас (натиҷа) «фашистони немецро нест кардан даркор аст».

## ИЛҲОМГОҲИ ФИКРҲОИ ОЛӢ ВА БОШИШГОҲИ ОЗОДИДӮСТОН[304]

Кӯҳҳои Қавказ илҳомгоҳи фикрҳои олист, афсонаи Кӯҳи Қоф, афсонаи баста шудани роҳи Яъҷуҷу Маъҷуҷ, афсонаи нест карда шудани деви ҳафтсар ва аждаҳои ҳафтпайкар, афсонаи киштии Нӯҳ, наҷотдиҳандаи ҷинси инсон ва ҷондорҳои дигар аз балоҳои тӯфон, ниҳоят афсонаи ба вуҷуд омадани коммунизми ҳаёт дар зери роҳбарии Маздак, ба ғайр аз инҳо садҳо афсонаҳо, ки ҳамагӣ ба халос кардани олами инсоният ва мадори маишати ӯ оиданд, ба кӯҳҳои Кавказ мансубанд. Кӯҳҳои Қавказ бо обу ҳавои равонбахшу рӯҳафзои худ бисьёр шоирони ҷаҳоншумулро расонда, онҳоро тарбия карда ва бо манзараҳои дилрабои худ ба онҳо фикрҳои олии инсониятпарвариро илҳом намудаанд. Низомии Ганҷавии бузург, Хоқонии Шервонӣ, Насимӣ ва Волаи доғистонӣ аз тарбиядидагони ин кӯҳҳои пуршукӯҳанд.

Шоирон ва нависандагони ҷаҳоншумули рус — Пушкин, Лермонтов ва Толстои бузург дар фикрҳои бисьёр олии худ аз ин кӯҳҳо илҳом ёфтаанд, мафтун ва ошиқи манзараҳои вай гардида, дар ҳаққи он манзараҳо мадҳияҳо сурудаанд.

Имрӯз душманони инсоният, харобкунандагони маданият, сӯзандагони одамият, оварандагони ваҳшоният ва разолат — гитлерчиёни хунхор мехоҳанд ана ҳамин кӯҳҳои пуршукӯҳи дилороро поймол намоянд, мехоҳанд турбатҳои Низомӣ, Хоқонӣ, Насимӣ ва Волаҳоро дар зери пои мурдори худ таҳқир кунанд, мехоҳанд сайронгоҳи Пушкин, Лермонтов ва Толстои бузургро ва ёлгориҳои онҳоро вайрон намоянд, мехоҳанд илҳомгоҳи фикрҳои олиро — он манзараҳои дилрабо ва кӯҳҳои сар ба самокашидаро ва он марғзорҳои ҷаннатмисолро бо оташ ва таркиши бомбаҳои ҷаҳаннамӣ тарконанд, сӯзонанд ва тӯдаи хокистар гардонанд.

Кӯҳҳои Қавказ аз замони қадим боз бошишгоҳи одамони озодидӯст шуда омадааст. Мардуми Кавказ дар суботи фикр, дар сахтии ирода, дар дӯстдории озодӣ машҳури офоқанд: Хоқонии 80-соларо подшоҳи

он давра на бо бахшиш ва инъомҳои бепоён ва на бо ҳабс ва банди гарон натавонист, ки асири дарбори худ намояд. Насимӣ дар канда шудани пӯсти худ тан дод, аммо дар асорати фикри худ тан дарнадод.

Умуман дар пеши мардуми Қавказ майдонҳои ҷангӣ аз барои озодӣ ва ҷонбозӣ кардан дар он майдонҳо, аз маҷлисҳои арӯсӣ ва аз рақсу бозӣ кардан дар он маҷлисҳо ҳеҷ фарқ надорад.

Имрӯз душманони озодӣ, ғуломкунандагони оламият ва бозоварандагони даврап ғуломдорӣ, ғуломфурӯшӣ — банкир ва помещикони немец мехоҳанд ана ҳамин мардуми озодихоҳро, ки дар даврап ҳокимияти советӣ ба озодии пурра расидаанд, асир ва бандаи худ намоянд, мехоҳанд, ки аз он одамони қавиҷуссаи баландқомати оҳанинпайкари пӯлодмушак ғуломони пуркор расонанд.

Не, ин мақсадҳои мурдори фашистони немец ба вуҷуд наёмаданист ва роҳ дода нашуданист, ки ба вуҷуд оянд.

Бояд Армияи Сурх ва мардуми Қавказ ҷонбозӣ намуда, роҳи ин сели фалокатро банданд; бояд Армияи Сурх ва мардуми Қавказ дар пеши роҳи яъҷуҷони замони ҳозира садди искандарӣ бино намоянд ва онҳоро дар пушти «Кӯҳи Қоф» сарнагунсор андозанд, бояд Армияи Сурх ва мардуми Қавказ дар роҳи наҷот додани инсоният вазифаи киштии Нӯҳи замониро адо кунанд; бояд Армияи Сурх ва мардуми Қавказ дар куштани Деви ҳафтсар ва реза-реза кардани аждаҳои ҳафтпайкар Рустами достони замони худ бошанд.

Эй авлоди Низомӣ, Хоқонӣ, Насимӣ ва Волаҳо — мардуми Қавказ! Нагузоред, ки турбатҳои онҳо зери по шаванд, дар пеши назари шумо, ки бобою аждодатон ҳамеша дар роҳи озодӣ ҷон доданд, шумо зинда истода духтар, писар, ҳамшира ва занатон ғулом ва канизаки банкир ва помещикон гарданд; эй авлоди Пушкин, Лермонтов, Толстой — халқи бузурги рус, эй дӯстдорон ва хонандагони Низомӣ, Хоқонӣ, Насимӣ, Шота Руставелӣ, Вола, Пушкин, Лермонтов, Толстой, Сандукян,[505] Туманян,[506] Мирзо Фатҳалӣ Охундзода,[507] Собир,[508] Сулаймон Стальский[509] — хал-

ки бепоёни советӣ! Нагузоред, ки илҳомгоҳи фикрҳои олӣ, бошишгоҳи озодихоҳони ватан ва сайргоҳи он шоирон ва нависандагони бузурги шумо дар зери пои гитлерчиёни хунхор мурдор гардад!

## МОДАР — ВАТАН[110]

Модар — Ватан. Ин ду чиз бо ҳамдигар сахт вобаста буда, ба одам аз ҳама чиз азизтар ва наздиктаранд.

Мо дар ин ҷо аз ҳама пештар дар бораи сабаби ба одам маҳбуб ва азиз будани модар як-ду калима гап мезанем: одам саравваал дар бачадони модар пайдо мешавад, тарбияи ибтидоии худро аз организми дарунии модар мегирад. Ин ҳодиса ҳаминро нишон медиҳад, ки ватани аввалини фарзанди одам шиками модар будааст.

Фарзанди одам баъд аз зоида шудан ҳам истироҳатгоҳи якӯми худро дар оғӯши модар ва ғизои дилкаши аввалини худро аз синаи модар меёбад, дӯстдорӣ ва дилҷӯиро аввалин бор аз тарафи модар мебинад ва тарбияи аввалини худро аз ӯ мегирад. Ин ҳодиса ҳаминро нишон медиҳад, ки дар аввали пайдоиши фарзанди одам ватани якӯми ӯ оғӯши модар ва тарбиятгари меҳрубони якӯми ӯ модар будааст.

Ана барои ҳамин одам модари худро аз ҳама чиз ва кас зиёдтар дӯст медорад ва ӯро ба худ аз ҳама чиз наздиктар ва азизтар мебинад.

Инчунин модар ҳам фарзанди худро аз ҳама чиз ва кас зиёдтар дӯст медорад, ӯро аз ҳама чиз ва кас ба худ наздиктар ва азизтар мебинад. Чунки фарзанд як ҷузъи бадани модар, ҷигарпораи модар буда, модар хун хӯрда, азоб ва машаққатҳои тоқатнопазир кашида, ӯро тарбия карда ба воя расондааст.

Модар дар муқобили ана ҳамин некиҳо, тарбияҳо, хидматҳо, меҳрубониҳо ва азобу машаққатҳои худ аз фарзанди худ хизмат, муҳаббат, меҳрубонӣ ва ҳимоя талаб мекунад.

Фарзанде, ки сифати инсонияти худро барҳам надода бошад, ҳар чанд ӯ ҷоҳил ва нодон бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ гуна шароит модари худро фаро-

мӯш намекунад, ҳар вақт хушнудӣ, хуррамӣ ва истироҳати ӯро меҷӯяд ва барои осудагии ӯ то ҷон лорад, хидмат мекунад, ҳатто барои ҳимояти ӯ аз фидо карлани ҷони худ ҳам бознамеистад.

Фарзанде, ки хидмати модари худро накунад, ба ӯ ёрӣ надиҳад ва ӯро ранҷонад, на танҳо дар назари модар, ҳатто дар пеши ҳамаи ҷамъият ҳам манфур мегардад, ҳама аз ӯ нафрат мекунанд, ӯ бо унвони «оқи модар» машҳур мегардад. «Оқи модар»-ро дар ҳеҷ ҷамъияти инсонӣ роҳ нест. Ин алоқае ки дар миёни фарзанди одам ва модари ӯ тасвир карда шуд, дар байни ӯ ва ватани ӯ боз ҳам васеътар, пурратар ва мустаҳкамтар аст: чунки агар модар фарзанди худро дар шиками худ 9 моҳ ва баъди зоиданаш дар пеши худ 4—5 сол тарбия мекарда бошад, ватан фарзанди худро як умр аз рӯзи пайдо шуданаш то мурданаш тарбия мекунад. Тарбияе ҳам ки модар ба фарзанди худ медиҳад, дар ҳақиқат он тарбияест, ки ватан ба воситаи ӯ ба фарзанди худ додааст. Чунки агар ватан ва шароити вай тайёр карда додагӣ намебуд, модар фарзанд зоида наметавонист ва баъд аз зоидан ӯро тарбия карда ба воя расонда ҳам наметавонист. Мо дар таърих ва зиндагонӣ бисьёр модаронро медонем, ки бо сабабҳои гуногун аз ватани худ ҷудо шуда, дар кӯча ва дар дашту дараҳо бо хорӣ ва зорӣ талаф шудаанд ва агар фарзандашон бошад, вай ҳам дар қатори худи онҳо мурда рафтааст. Билъакс, агар ватан бошад, фарзанд бемодар ҳам дар оғӯши ӯ тарбия ёфта ба воя расида метавонад. Мисоли ин дар пеши чашми худамон аст, чунончи, бисьёр модарон дар фронт дар зери тир, шамшер ва бомбаҳои фашистони немец талаф шуда рафтанд, аммо ҳазорон фарзандони бемодар ва бепарастормондан онҳоро ватан дар ақибгоҳ — дар оғӯши гарми худ бо меҳрубонӣ тарбия карда истодааст.

Фарзанди одам баъд аз гузарондани воситагии модар — баъд аз гузаронидани айёми хурдсолӣ ҳамаи тарбияи худро бевосита аз ватан мегирад, ӯ дар он ҷо зиндагонӣ мекунад, озодона мегардад, кор мекунад, дар он ҷо ва аз манбаъҳои маишати вай худро

ва наздикони худро сер мекунад, мехонад, фарзандони худро мехононад, ҳунар меомӯзад, хулоса ҳамаи осудагӣ, озодӣ ва шарафи худро дар ватани худ, аз ватани худ меёбад. Бесабаб нест, ки мегӯянд — «ҳар кас дар ватани худ подшоҳ аст!» Фарзанди одам ба сабаби он ки ҳамаи муродаш ва озодиаш дар ватани худаш ҳосил аст, худро на танҳо граждани оддии ватан, балки подшоҳи вай медонад, чунки вай подшоҳвор озодона зиндагонӣ мекунад.

Ватан ҳам монанди модар аз фарзанди худ дар муқобили он тарбияҳое ки ӯро кардааст ва муносиби он ёриҳое ки ба ӯ расондааст, дар ҳаққи худ ҳимоят, хидмат ва фармонбардорӣ талаб мекунад. Ба ин сабаб ҳар фарзанди одам, ки сифати инсонии худро барҳам надодааст, ватани худро монанди модари худ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар дӯст медорад, ӯро ҳимоят ва мудофиа мекунад ва ба ӯ хидмат менамояд ва дар роҳи ӯ аз фидо кардани ҷони худ ҳам бознамеистад. Чунки ӯ ҳамаи чиз, ҳатто ҳастии худро аз ватани худ ёфтааст ва худро дар вай подшоҳ гуфта ҳис кардааст. Агар ватан аз даст равад, ӯ дар он ҷо граждани оддӣ ҳам шуда намемонад, балки дар дасти ғосибони истилогар ғулом ва асир шуда мемонад, ӯ дар зери пои бегонагони бадкирдор поймол шудан ва таҳқир ёфтани ёдгориҳои бобою аҷдоди худро дида азоб ва алам мекашад, ӯ дар дасти истилогарони бераҳм кушта шудан, ё ин ки ғулом, канизак гардидан ва ё ин ки таҳқир дидани фарзандони худ, падар ва модари худ, ҳамширагон ва хоҳарони худро бо чашми худ дида, рӯзе ҳазор бор ба худ марг талаб мекунад ва мурдан мехоҳад, лекин мурдан ба ӯ муяссар намешавад, чунки душман барои ғуломвор дар каторга ӯро кор фармудан ба мурдани ӯ роҳ намедиҳад ва ҳамаи асбоби худкуширо аз дасти ӯ меситонад.

Ба ин сабаб ҳар як одаме, ки дуруст фикр мекунад, медонад, ки ватан модари ӯст, ватан хеш ва табори ӯст, ватан зан, фарзанд ҳамшира ва хоҳари ӯст, ватан шараф ва номуси ӯст, ватан ҳама чизи ӯ ва ҳаёти ӯст!

Ҳаминро ҳам фаромӯш накардан даркор аст, ки аз нуктаи назари тарбия ва таълим додани фарзандо-




Фельетони С. Айнӣ дар бораи ҷанги Сталинград.




Фельетони С. Айнӣ дар бораи фашистони немис.

ни худ ва аз ҷиҳати бо осудагӣ ва озодӣ тайёр кардани зиндагонии онҳо аз ватан то ватан фарқ бисьёр аст. Дар он ҷоҳо ва давраҳое ки феодализм ва капитализм ҳукмронӣ кардааст, дар сурате ки оммаи меҳнаткашон ватани худро аз табақаи ҳукмрон дида дӯсттар медоранд, ҳамаи ҳузур ва ҳаловати ватан дар монополияи синфи ҳоким афтодааст ва меҳнаткашон «ғарибӣ дар ватан» шуда монанд, ки ин ҳолатро адабиёти классикии мо борҳо қайд кардааст.

Аммо дар ватани азизи мо, ки дар ин ҷо социализм ҷорист, ҳамаи гражданҳо, халқҳо ва миллатҳо пурра, тамоман ва баробар соҳиби ҳар гуна ҳуқуқ мебошанд. Дар ватани азизи мо ҳар як граждан ва миллат озод зиндагонӣ мекунад, озод кор мекунад, озод истироҳат мекунад, озод мехонад ва тарбия мегирад, зиндагонии худро хурсандона ва бо серию пурӣ мегузаронад, дар ватани азизи мо ҳар як гражданин дар рӯзҳои душворӣ ва дармондагии худ аз ватан пурра ёрӣ ва мададгорӣ мебинад.

Мана барои чи гуна ватан ҳар граждан тайёр аст, ки ҳама чизи худро фидо кунад; мана барои нигоҳдории ҳар як ваҷаби хоки ин гуна ватан ҳар як гражданин ҷони худро дарег намедорад.

Сабаб ин аст, ки тоҷикҳо, ӯзбекҳо, грузинҳо, озарбойҷонҳо, осетинҳо, казоқҳо, қирғизҳо ва дигар халқҳои СССР, бо русҳо ва украинҳо паҳлӯ ба паҳлӯи якдигар истода, дар муқобили ғоратгарони фашисти немец мубориза карда истодаанд; сабаб ин аст, ки ҳамаи халқҳои СССР даст ба дасти якдигар дода, барои мустаҳкам кардани фронт ва ақибгоҳ ҳар як нафар кори ду-се нафарро ба ҷо оварда истодаанд.

Дар роҳи мудофиаи ватан дар фронт ва дар ақибгоҳ ин гуна фидокорона ва ҷонбозона кор кардани халқи советӣ танҳо барои иҷрои фармони ҳукумат набуда, балки бо тақозои меҳр ва муҳаббати ӯ дар ватани худ ҳам мебошад. Чунон ки ҳар як фарзанд модари худро дӯст дошта, бо майли табиӣ ба ӯ хидмат ва ӯро ҳимоят менамояд, инчунин ҳар як гражданини советӣ ҳам ватани худро монанди модари худ дӯст дошта, бо майли табиӣ ба ӯ хидмат ва ӯро ҳимоят менамояд.

Агар ин майли табий намебуд, дар фронт дар муқобили машинаҳои ҷаҳаннамии душмани хунхори газдор нотарсона рафта ва истодагарӣ карда наметавонист; агар ҳамин гуна майли табий намебуд, дар ақибгоҳ ҳар кас кори се касро ва аз вай ҳам зиёдтар карда, дар меҳнат ин ҳама мӯъҷизаҳо нишон дода наметавонист. Самараи ҳамин майли табиист, ки аз ҳар кадом миллатҳои Иттифоқи Советии пурмиллати мо аз байни ҷанговарони қаторӣ шермардоне баромада истодаанд, ки ба дараҷаи сазовори номи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ шудан қаҳрамониҳои ҳайратбахш нишон медиҳанд; самараи ҳамин майли табиист, ки дар ақибгоҳ — дар фронти меҳнат ҳар рӯз шумораи стахановчиён меафзояд!

Ҳар як граждани советӣ ватани худро дар ҳақиқат монанди модари худ дӯст медорад, агар ягон порчаи ин ватан дар дасти душман афтад, монанди он ки ягон аъзои бадани модари худаш дар зери пои бегонагон таҳқир ёфта бошад, дар ғазаб мешавад; граждани советӣ ба касоне ки ба ватани худ хиёнат мекунанд, мисли он ки ба модари худ хиёнат карда бошанд, бо нафрат ва лаънат менигарад; граждани советӣ касеро ки дар фронт ва ё дар ақибгоҳ барои мудофиаи ватан кореро иҷро накарда, бепарво мегардад, мисли он ки дар вақти таҳқир ёфтани модари худ тамошобин шуда, бепарво истода бошад, разил, сафил, беномус ва беҳамият медонад, хулоса, граждани советӣ дар байни «ватан» ва «модар» дар ҳурмат ва муҳаббат ҳеҷ фарқ намегузорад, дар назди ӯ аз «модар» ва «ватан» як чиз мафҳум аст, ки муҳаббат ба ӯ ва ҳимоят кардани ӯ ба ҳар як фарзанд, ба ҳар як граждани лозим аст. Дар ҳақиқат модари ҳақиқӣ ватан аст!

## БИСТУ ПАНҶ СОЛ [31]

25 сол нисбат ба умри таърих як муддати бисьёр кам аст, нисбати 25-сола муддат ба таърих ҳатто монанди нисбати қатра ба дарьё ва пари коҳе ба кӯҳ ҳам нест.

Аммо 25 соли Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, ки мо имрӯз вайро ид карда истодаем, аз ҷиҳати натиҷа ва аҳамияти таърихӣ аз ҳазорҳо сол бештар аст.

Натиҷа ва самараҳоеро, ки ин 25 сол ба халқи советӣ ва Мамлакати Советӣ дод, мо қодир ба шумурдан нестем. Чунки ин натиҷа ва самараҳо аз ҳадду андозаи шумораи мо берун аст.

Мо фақат баъзе натиҷа ва самараҳоеро, ки дар ин 25 сол Тоҷикистони Советӣ ёфт, дар ин ҷо нишон дода мегузарем.

Революцияи Кабири Социалистии Октябрь сараввал тоҷиконро аз асорат ва ғуломии амир ва аз бандагии подшоҳи рус ва эксплоатацияи онҳо халос кард. Асорат ва ғуломии амир чӣ чиз буд? Халқи тоҷик дар зери асорати амир ба якнафаса зиндагии худ амин набуд; зан, духтар ва фарзанди ин халқ ҳамеша маҳкуми дароздастии амалдорони амир буланд, халқи тоҷик дар замони амир на танҳо аз ҷиҳати моддӣ тороҷ медид, балки ҳар як амалдори амир метавонист, ки ӯро бо зану фарзандонаш дар як рӯз кушта нобуд кунад. Революцияи Кабири Социалистии Октябрь халқи тоҷикро ана аз ҳамин гуна асорат ва ғуломии шармовар ва хонавайронкун халос кард.

Халқи тоҷик то Революцияи Октябрь қариб тамомаи бесавод буд, ана ҳамин халқ дар ин 25 сол қариб тамомаи босавод шуд, садҳо олимони таҳсили олидида — инженерҳо, техникҳо, врачҳо ва дигарҳо расониид. Халқи тоҷик бо вуҷуди маданияти таърихии оламшумули худ дар арафаи Революцияи Октябрь дар зери ғуломии амирони Бухоро ва подшоҳии рус қариб бемаданият шуда монда буд, ана ҳамин халқ дар ин 25 сол соҳиби маданияти олии миллишаклу социалистимазмун гардид, адабиёти тоҷик, ки дар таърих модари адабиёти оламшумули Эрон буд, дар ин 25 сол бо сифати адабиёти советӣ чунон пеш рафт, ки метавонад модари адабиёти революционии умуми форсизабонони рӯи дунё шавад.

Санъати тоҷик, ки асрҳо боз дар зери хоки асорат ва мазаллат занг зада хобида буд, дар ин 25 сол тараққии ҳайратбахшро соҳиб шуд. Мо дар хусуси ин

гуна пеш рафтани санъати тоҷик декадаи санъати тоҷикро, ки дар моҳи апрели соли 1941 дар Москва барпо гардид, боифтихор мисол нишон дода метавонем. Санъати тоҷик дар ин декада диққати тамоми москвагиҳоро, ки хеле мушкилписанданд, ба худ ҷалб карда, аз онҳо баҳои бисьёр аъло гирифт...

Биноҳои мактабҳои олии сар ба фалаккашида, биноҳои пурҳашамати театр, роҳҳои кӯҳӣ ва даштии машинагард, каналҳои пуроб дар кӯҳҳо ва даштҳои беоб ва дигарҳо натиҷаву самараҳои ҳамин 25 сол мебошанд.

Экономикаи халқи тоҷик, ки то Революцияи Кабири Социалистии Октябрь гадовор зиндагонӣ мекард, ба дараҷаи шинохта нашуданӣ пеш рафт, саҳроҳои колхозӣ на танҳо ободу серҳосил шуданд ва колхозчиён на танҳо осудаҳол гардиданд, балки деҳқони тоҷик, ки дар замони амир ва подшоҳ танҳо ғуломи заминкор — коранда буд, соҳиби садҳо колхози миллионер гардид. Миллионер гуфтан чӣ гуфтан аст? Дар замони пеш аз революция миллионер аҳьёнан аз даруни бойҳое мебаромад, ки онҳо хуни мардумро макида сарват мегундоштанд, яъне миллионер шудани як бой ба ҳисоби чандин ҳазор меҳнаткаш ба вуҷуд меомад ва чандин ҳазор меҳнаткаш гадо мегардид, ки як бой миллионер мешуд. Аммо дар шароити советӣ колхози миллионер шудани як колхоз ба манфиат ва ба ҳисоби осудаҳолтар ва сертар шудани оммаи колхозчиён аст, яъне миллионер шудани колхоз— миллионер шудани оммаи колхозчиён аст, ки онҳо дар замони амирӣ ва подшоҳӣ деҳқонони гадо буданд.

Пеш рафтани саноат ва барпо гардидани садҳо заводҳо ва фабрикаҳои гуногун дар Тоҷикистон ин сарзаминро аз дараҷаи мамлакати аграрӣ ба дараҷаи мамлакати саноатӣ пеш бурд. Болотар аз ҳамаи ин натиҷа ва самараҳо дӯстии халқҳост, ки тоҷикон ба ин давлат дар натиҷаи Октябри кабир ва дар сояи политикаи миллии партияи Ленин — Партияи кабири Коммунистӣ расиданд. Агар ин дӯстии халқҳои советӣ намебуд, тоҷикон ба ин қадар натиҷа ва самараҳо расида наметавонистанд. Дӯстӣ ва ёрии халқи

бузурги рус ва дигар халқҳои советист, ки тоҷиконро аз асорат ва ғуломии амири Бухоро ва подшоҳи рус халос кард. Ҳамин дӯстӣ ва ёрист, ки тоҷикони пастмондаро дар 25 сол ба қатори пешқадамони халқҳои советӣ расонид. Ҳамин дӯстии халқҳои советист, ки тоҷиконро ҳам дар қатори халқҳои дигари советӣ ба дараҷаи мағлубнашавандагӣ расонид. Мо аз хотир намебарорем, ки дар соли 1935, дар қабули колхозчиёни Тоҷикистон ва Туркманистон Сталин дар хусуси ин дӯстӣ ин тавр гуфта буд: «...Модоме ки ин дӯстӣ ҳаст ва ин дӯстӣ давом мекунад, бар мо ҳеҷ гуна душман — на душмани дохилӣ ва на душмани хориҷӣ — тарсовар нест».

Даррандагон, хунхорон ва сарбурронии фашистии немец, ки ба ватани азизамон — ба мамлакати бузурги советӣ ҳуҷум кардаанд, мехоҳанд, ки дар қатори дигар халқҳои советӣ тоҷиконро ҳам қир карда, зиндамондаҳояшонро ба ғуломӣ андозанд. Ин аз нав барқароркунандагони режимҳои ваҳшии асри миёнагӣ, ин зиндакунандагони даврам ғуломӣ ва ғуломдорӣ мехоҳанд аз дасти тоҷикон ҳамаи натиҷа ва самараҳои Революцияи Кабири Социалистии Октябрьро ситонда, онҳоро ба ғуломии аз даври амирӣ ва подшоҳӣ ҳам бадтар андозанд.

Лекин ин орзӯи мурдори фашистони немец ба вуҷуд наёмаданист, тоҷикон намехоҳанд ва намегузоранд, ки дубора ба асорати амирӣ ва подшоҳӣ ва ё ба як ғуломии бадтар аз он — ғуломии фашистӣ гирифтор шаванд. Тоҷикон дар вақтҳое ки ҳеҷ қувват ва дониши ҳарбӣ надоштанд — дар аввалҳои революция дар зери роҳбарӣ ва ёрмандии халқи бузурги рус мубориза бурда, худро аз асорати амирӣ ва подшоҳӣ халос карданд ва дар ҷангҳои гражданӣ босмачиёнро нест карда, ғолиб баромаданд. Имрӯз, ки ҷанговарони дониши ҳарбидорашон ба вуҷуд омадааст, ҳеҷ роҳ намедиҳанд, ки самараҳои Революцияи Кабири Социалистии Октябрь аз дасташон равад ва дубора ба ғуломӣ афтанд.

Чунон ки ҷанговарони тоҷик дар қатори ҷанговарони халқҳои дигари советӣ дар фронт ба муқобили одамхӯрони немец ҷонбозӣ карда истодаанд, меҳнат-

кашони тоҷик ҳам дар қатори меҳнаткашони дигар халқҳои советӣ дар ақибгоҳ барои мустаҳкам кардани фронт ва даруни мамлакат мубориза бурда истодаанд.

Мо натиҷа ва самараҳои Революцияи Кабири Социалистии Октябрьро аз даст нахоҳем дод!

## БАДБӮИ БУДААСТ[512]

Як гурбаи бароғи қалағайранг будааст, ки ӯ худро аз зоти шер мешумурдааст. Вай нохунҳои даррандаи нӯгтези сарҳам доштааст, ки бо онҳо ҳайвони майдаро дарронда метавонистааст. Ин гурба ҳарчанд дар хонадонҳо мегашта бошад ҳам, дар ваҳшигӣ аз гурбаҳои ёбой фарқ надоштааст. Вай мушҳоро, инчунин гунҷишк, мусича ва кафтар барин паррандаҳоро шикор мекардааст. Мақсади вай аз шикоркунӣ танҳо сер кардани шиками ҳаргиз сернашавандаи худ набуда, балки дар ин зимн қаноат кунондани хоҳишҳои ваҳшигии худро ҳам ба худ мақсад карда гирифта будааст.

Бинобарин вай вақте ки мушеро шикор мекардааст, дарҳол кушта нахӯрда гоҳо буғӣ карда, гоҳо сар дода, гоҳо дар байни панҷаҳои худ бозӣ дошта, гоҳо ба як тараф ҳаво медодааст ва ба ҳамин роҳ муши бечораро пеш аз мурдан соате сад бор кушта баъд аз он мехӯрдааст. Ин гурба бисьёр ҳилагар ҳам будааст, ӯ дар ҷоҳое ки паррандаҳои майда дон мечинанд, дар як гӯшае пинҳон шуда, худро ба хоб андохта дароз мекашидааст, паррандаи соддадил ӯро дар хоб гумон карда, бейбо ба вай наздик мешудааст, ӯ бо як хез задан вайро ба чанголи худ гирифта, бе он ки пару болҳои он паррандаро канда партояд, зиндаву зор хоида мехӯрдааст.

Ин гурба ба болои ин ки хеле пурхӯр будааст, бисьёр чашмгушна ҳам будааст, вай як шикорро ба даст даровардa, хӯрда, пеш аз он ки лабу лунҷи худро лесида пок кунад, дар паи шикори дигаре меафтодааст.

Ин гурба як дузди хеле ҳунарманд ҳам будааст, ӯ ба хоналониҳо даромада ба зери сабад панҷа андох-

та аз он ҷо оҳистекак қаймоқ ва равған барин чизҳои хӯрданиро дуздида мехӯрдааст. Баъзан ба хона даромада, чашми соҳибхонаро хато карда ба токча хез зада баромада, табақ ва косаҳоро чаппа карда ғалтонда шикаста ва аз даруни онҳо гӯшт ва ё ягон чизи хӯрдании дигарро гирифта мегурехтааст.

Ин гурбаи дузд рӯзе ба як ҳавлии деворбаланде даромадааст, дар рӯи ҳавлӣ як симчӯби бисьёр дароз шинондагӣ буда, дар нӯги ин симчӯб бо як чангча як порча гӯшти бисьёр фарбеҳ овехта мондагӣ будааст. Гурба ин гӯштро дида аз ғояти ҳирсу ҳавас обҳои даҳонаш рафтан гирифтааст. Вай фикр кардааст, ки «агар ин гӯштро ба даст дароварда хӯрам, шикамам хеле осуда мешавад ва ба даст даровардаанаш бошад барои ман хеле осон аст, бо як хез задан бар сари симчӯб баромада, ин гӯштро дар зери панҷаи худ мегирам».

Он гурба бо ин фикру хаёл ба симчӯб нохун банд карда баромадан гирифтааст. Аммо ҳанӯз ба нимаи симчӯб нарасида ба замин ғалтидааст ва дар ин ғалтиш чанд ҷои баданаш озурда шудааст.

Гурбаи вахшӣ аз ин ҳодиса дар ғазаб шуда ҳамаи қувваи бадани худро ба сарпанҷаҳои худ ғун карда, дигар бора ба симчӯб хез задааст, лекин ин бор ҳам ба замин ғалтида, сару танаш аз аввала ҳам зиёдтар озурда шудааст ва дар натиҷаи ин озору алам боз ҳам зиёдтар хашмгин шуда бори саввӯм ба чӯб хез задааст...

Ин гурба ба ҳамин тариқ чанд бор хез зада, аммо ба мақсад расида натавониста, дар ҳар бор ба замин ғалтида сар то пояш афгор шуда, оқибат аз қувват афтода мондааст. Ӯ мехостааст, ки аз он ҳавлӣ баромада гурезад, лекин деворҳои баланд ба ин нияти ӯ монеъ шудаанд. Ночор, «то омадани табар кунда меосояд» гӯён дар он ҷо хобида мондааст.

Дар наздикиҳои симчӯб муше дар хонаи худ пинҳон шуда истода, ин ҳолро аз назар мегузаронидааст, вай дидааст, ки гурба ба мақсади дуздии худ нарасида, ҳамаи кӯшишҳои ӯ барьабас рафтааст, ба вай овоз дода:

— Ӯй, гурбаполвон, шумо ҳар вақт зӯри худро

таъриф мекардед, зоти шер мешумурдед, охир ба ин симчӯб баромада, он гӯштро гирифта натавонистед-ку! — гӯён ба вай таъна задааст ва боз илова карда — Шумо зӯрии худро ба мо барин бечораҳо нишон медодед-дия. Агар зӯр бошед, ба ин симчӯб баромада он гӯштро гиред кани! — гуфтааст.

Гурба дар ҷавоби вай:

— Ман дар асл ин гӯштро гирифтан намехостам, вай «бадбӯй будааст», лекин як машқ карда дидам-дия гуфтааст.

Ҳамин тарз шуд натиҷаи ҳуҷуми гитлерчиён ба Сталинград. Гитлер дар вақти ба Сталинград ҳуҷум кунондани аскарони ваҳшии худ гуфта буд, ки «Немецҳо бо кадом роҳе ки бошад, Сталинградро ба даст медароранд ва онҳоро аз ин ҷо ҳеҷ кас пеш карда наметавонад».

Гитлерчиён ба мақсади ба даст даровардани Сталинград даҳҳо дивизия, садҳо аэроплан, гурӯҳ-гурӯҳ танкҳо ва машинаҳои ҳарбии дигарро ҳам ба ҳуҷум андохтанд. Се моҳи дароз ба ин шаҳри пуршараф ҳуҷум мекарданд, чандин даҳҳазор аскари худро ба куштан доданд ва мувофиқи ҳамин қадар аскар кувваҳои техникиашон ҳам хароб шуд.

Вақте ки диданд, ин шаҳри номдорро гирифта наметавонанд, барои фиреб додани халқи худашон ба сабабҳо сохта бароварда нишон додан даромаданд. Дар ин хусус яке аз газетаҳои онҳо навиштааст: «Сталинград ба даст дароварда нашуд, чунки мувофиқи плани командаднҳии немец ин операция чи қадар васеъ кунонида шавад ҳам, ба даст даровардани Сталинград ба назар гирифта нашуда буд».

Барои нагирифтани Сталинград ва дурусттараш барои гирифта натавонистани он ин гуна сабабҳо нишон додани гитлерчиёни одамхӯр, баъд аз гирифта натавонистани гӯшт «бадбӯии» вайро сабаб нишон додани гурбаи ваҳшӣ барин як баҳонаи хандаовар аст, ҳатто ба ин нукта як газетаи дигари худи онҳо ҳам ишорат карда, иқрор мешавад: «Дар Сталинград тарафе ки худро мудофиа мекунад, болодаст аст, чунки русҳо дар хусуси мубориза бурдан дар даруни харобазорҳо моҳир шуда мондаанд».

Дар ҳақиқат гитлерчиёни забункуш, ки дар Европа бо осонӣ ғалаба кардаанд ва дар мамлакати советӣ ҷоҳои заифи ҳимояро ба даст даровардa, аҳолии беярокро бераҳмона кушта истодаанд, бо ҳамаи он қувватҳои аскарии одамхӯр ва машинаҳои ҷаҳонсӯзи худашон дар Сталинград барин ҷоҳо, ки аз тарафи Армияи Сурх собитқадамона мудофиа карда мешавад, ғалаба карда наметавонанд. Дар ин гуна ҷоҳо ҳар қадаме ки мемонанд, онҳоро ба лаби гӯр наздиктар мекунад ва монанди он гурбаи ваҳшии дузд ҳар ҳуҷуме ки мекунанд, ба шикастан ва маиб шудани аъзои баданашон сабаб мешавад ва дар натиҷа истода мемонанд, ки ин ҳол барои ваҳшиёни хунхори ҳуҷумкор муқаддимаи гурез-гурез ва фирор аст, лекин ҷунон ба гурехтан маҷбуранд, ки деворҳои баланди мамлакати мо ба онҳо роҳ намедиҳад.

## ХАРИ БЕДУМ [113]

«Мискин харак орзӯи дум кард,
Нойфта дум ду гӯш гум кард.»

(Саъдӣ)

Будаст, набудаст, як хари бедум будаст, вай аз бедумии худ ҳамеша дар ҳасрату алам будаст. Вай медидаст, ки ҳамаи ҳамҷинсонаш думҳои назаррабое доранд. Аспҳо, шерҳо, палангҳо, гургҳо ва ҳатто рӯбоҳҳо ҳам дум доранд. Танҳо ӯ — бечора, дум надорад. Ин ҳолат оташи рашку ҳасадро дар дили ӯ шӯълавар карда, дуд аз димоғаш мебаровардааст.

Аммо чи кунад, ки ҳеҷ чора нест: бо табиат ҷанг карда наметавонад, ки чаро ба ӯ дум надодааст. Е ки дум бозор надорад, ки ҷорӯб барин як дум харида гирифта ба зери сағрии худ бандад ва дар дунё номи «хари ҷорӯбдум»-ро бардошта фахр карда гардад.

Хар аз ин аламу андӯҳ аз хобу хӯр мондааст, дар чарогоҳи худ ба он шӯраву шибба ва явшону шибоге ҳам, ки табиат ба вай муфт дода будааст, ҳеҷ рағбату ҳавасаш намондааст. Оқибат кораш ба дараҷае расидааст, ки дар гӯшаи чарогоҳи худаш ду гӯшашро

лав, сарашро ҳам ва чашмонашро нимпӯш карда, гарқи дарьёи андешаву хаёл шуда мегаштааст.

«Оҳ дум! Воҳ дум! Чи гуна чизи хушнавои дилрабо ҳастӣ! Оқибат ман дар орзӯи ту ҷон медиҳам»,— ҳамеша вирди забони ин хари бедум ҳамин суханҳо будааст. Дар наздикиҳои чарогоҳи ин хар як гурги тезчанголи ашкдандон будааст. Ин гург ҳамеша шикор карда хӯрдани мурғони фарбеҳи пурнақшу нигор, кабкҳои хушрафтори кӯҳсор, оҳувони сиёҳчашми фарбеҳканор ва гӯсфандони пурчарбуи думбадорро орзӯ мекардааст.

Лекин дар бешае ки ин ҳама шикорҳои хуши дилкаш будаанд, шерҳо ва palангҳо ҳам буданд, ки гурги хунхор аз тарси инҳо ба тарафи он шикорҳо чанголи хунрези худро тозонда ва дастони тези худро ёзонда наметавонистааст. Ин гург мехостааст, ки ба худ ҷӯра ва шарике ёбад, ки бо ёрии ӯ ба муқобили шерон ва palангон ҷангида он шикорҳои иштиҳооварро нӯши ҷон кунад.

Ин гург ба умеди ёфтани чунин шарик тамоми гӯшаву бешаҳои рӯи дуньёро гардида, ба дили ҳар кас даст андохта дидааст. Аммо ҳеҷ ҷондоре ёфт нашудааст, ки барои ба даст даромадани ин мақсади золимонаи гург, ба ӯ дастьёрӣ кунад. Бо ҳамаи ин гург аз ҷустуҷӯй бознаистода, дар пайи ёфтани шарик давидан гирифтааст. Охир гурги шарикҷӯянда ба чарогоҳи хари бедум рост омада, ӯро ба шарикии худ муносиб ёфт. Гург дар дили худ гуфт: «ҳарчанд ин хар қуввати дурусте надошта бошад ҳам, як чорпои на он қадар хурд аст, ҳеҷ набошад дар вақти лозим шудан ягон гӯсфандро лағат зада, афтонда метавонад ва агар ин кор ҳам аз дасташ наояд, ҳеҷ набошад дар пеши аҳли дуньё гуфта метавонам, ки ман ҳам шарик дорам. Фақат ин аҳмақро ба шарикии худ розӣ карда ба доми худ кашиданам даркор аст!»

Гург бар болои хунрез ва хунхор буданаш хеле ҳилагар ҳам буд, бинобар ин дар рӯ ба рӯи хар аз дур истода ба вай сар хам карда салом дод. Хар, ки гургро дид, хӯсид ва хост, ки гурезад. Аммо гурги рӯҳшиноси ҳилагар ба ӯ наздик нашуда бо нармовозӣ ва ширинсуханӣ гуфт:

— Дўстам! Аз ман нахўс ва рам накун. Ман он душманиеро, ки ба ту доштам, кайҳо партофтаам. Бечорагии туро дида ба ту раҳмам омад. Ҳозир, ки ман рўҳи пажмурда ва бадани лоғари туро дидам, хостам, ки аз ту ҳолпурсӣ кунам. Ту чаро ин қадар бемадор ва дар хаёлу андеша гирифтор шудаӣ? Дарди худро ба ман гўй, шояд ки аз тарафи ман ба ту ягон ёрӣ расад.

Хари бедум дид, ки дар ҳақиқат ҳам аз вачоҳати гург нисбат ба худаш аломати ҳуҷуме нест, дарду алами худ ва ҳасрату андўҳи бедумиашро ба вай кушода дод. Гург дар дили худ: «инро ба дом афтондам» гуфт ва ба хари бедум нигоҳ карда хитоб кард:

— Аз бедумӣ ғам хўрдан дуруст нест, агар ту ба ман дўсти содиқ шавӣ, ман ба ту як дум ёфта диҳам, ки дар дунё ҳеҷ хар он гуна дум надошта бошад.

Хар сарашро, ки аз ғояти андўҳу алам дер боз ҳам буд, рост кард ва аз хурсандӣ лабонашро капча зононда ва гўшҳояшро афшонда ба гург ҷавоб дод:

— Агар ту ҳақиқатан ҳам ба ман дум ёфта доданро ба гардан гирӣ, аз гуфту фармони ту намебароям ва агар ту як умр маро савор шуда гардӣ ҳам, шонаамро намеҷунбонам.

— Ин тавр бошад, рухсат деҳ, ки ба пеши ту наздик шавам ва дасти туро фушурда бо ҳам аҳду паймони мустаҳкам кунем! — гуфт гург.

Аҳдномаи дўстӣ навишта ҳарду даст монданд, ин аҳднома аз ду модда иборат буд: гург ба гардан гирифт, ки ба хар як думи кори калон ёфта диҳад, хар ўҳдадор шуд, ки аз гуфту фармони гург набарояд!

Ҳар ду дўст—гург ва хар ба роҳ даромаданд. Дар роҳ гург ба хари бедум савор шуда гирифт, то ки аз пиёдагардӣ монда шуда, дар вақти аз пеш баромадани шикор камқувватӣ ва бемадорӣ накашад. Ин ду дўст ба як бешаи бисёр васеъ даромаданд, ки дар он ҷо шикорҳои гуногун буданд. Гург ба шикоркунӣ сар кард, мурғон ва харгўшони дар ғафлатмондаро дошта хўрдан гирифт.

Дар ҳамин вақт аз як гўшаи ин беша як паланг ва як шер намоён шуданд. Хар инҳоро дида хост, ки гургро танҳо партофта, худаш ҷуфтак зада гурезад.

Аммо гург ба вай роҳ надод ва дар зери деги тамаи ту лозим аст, то ки онҳо маро танҳо дида, ба ман далер нашаванд.

— Думи каломи онҳоро мехоҳӣ?

Хар фикру хаёл карда ба гург ҷавоб дод:

— Қадомаш ки осонтар ба даст дарояд, барои ман басанда аст.

— Ҳардуяшро ҳам ба даст медарорем, қадомашро ки ту писандӣ, аз они ту мешавад. Фақат дар вақти шикор тарсро ба худ роҳ надода, истодагарӣ кардани ту лозим аст, то ки онҳо маро танҳо дида, ба ман далер нашаванд.

Хари бедум қабул кард. Гург вайро савор шуда ба муқобили шеру паланг рафтан гирифт. Вақте ки инҳо ба онҳо наздик шуданд, онҳо (шеру паланг) ба инҳо ҳамла оварданд. Гург дид, ки ҳарифи майдони шеру паланг шуда наметавонад, пас оҳистекак аз сағрии хар фуромада, роҳи гурезро пеш гирифт. Хар то мехост гурезад, паланг як гӯшашро ва шер дигарашро чанг зада канда гирифтанд.

Хари мискини бедум гӯшҳояшро дар паи орзӯи дум аз даст дода, бо сару рӯи хуншор дар гурез афтода, аз паи гург медавид ва гоҳо фарьёд карда, ба ӯ овоз медод:

— Магар дӯстӣ ҳамин аст? Магар аҳду паймоне ки дар байни худ баста будем, ҳамин буд? Ҳеҷ набошад оҳистатар гурез, ки ман роҳи гурези худро гум карда, дар дасти шеру паланг наафтам!

Аммо гург ба тарафи хари бедум баргашта нигоҳе ҳам накард:

— Агар зинда монданро хоҳӣ, то ҷон дорӣ, аз дунболи ман гурез ва дар ин вақти даҳшатнок аз ман умеди ёрӣ накун! — гуфт ва гурези худро давом кунондан гирифт.

Гург чунон дар тарс афтода буд, ки роҳро аз чоҳ фарқ намекард ва дар роҳ ба як чоҳи бетаг рост омада, ба он афтод ва бенному нишон рафт. Хар ҳам, ки умеди халосии худро дар роҳи ӯ медид, аз дунболи ӯ тозону гурезон рафта дар ҳамон чо фурӯ рафт.

* * *

Ин ҳикоя тамоман ва бо ҳамаи ичиракӯ бичиракҳои худ дар ҳаққи саркардаи Италияи фашистӣ — Муссолини рост меояд. Италия дар солҳои 1911—12 Триполия (Тароблиси Ғарбро) ба даст даровarda, гӯё як гӯш ёфта буд ва баъд аз он дар Африкаи Ҷанубӣ — дар Ҳабашистон хунҳои ҳазорон бегуноҳонро рехта гӯши дигаре ҳам ба даст даровarda буд. Аммо Италияи фашистӣ мехост, ки як дум — як мустамликаи дурусттаре ҳам ба даст даровард. Саркардаи Германияи фашистӣ Гитлери гургсифат харя бедум — Муссолиниро аҳмак карда, ба назари вай Тунис ва Мисрро ҷилва дод ва дар натиҷа Италияи фашистӣ дар орзӯи дум на танҳо гӯшҳои худро аз даст дод, балки аз думболи Германияи фашистӣ рафта дар чоҳи бетаг ҳам афтод.

### ТАБРИК БА МУНОСИБАТИ 20-СОЛАГИИ ТУРКМАНИСТОНИ СОВЕТӢ[514]

Ман ба сифати як нависандаи кӯҳансол 20-солагии республикаи Туркманистони Советиро аз самими дил табрик менамоям!

Туркманҳо аз қадимтарин халқҳои туркизабонанд, ки аз зулму ҷабр гурехта ба Осиёи Миёна омадаанд ва аввалин ҳукумати тоҷикон дар замони исломият — Сомониён ва халқи тоҷик онҳоро хуш қабул кардаанд.

Туркманҳо дар натиҷаи зулме, ки аз ғазнавиён нисбат ба худашон рӯй дода буд, хуруҷ карда мисли давлати салҷуқиён як давлати муаззам ташкил намудаанд.

Туркманҳо баъд аз инқирози давлаташон — давлати салҷуқиён ҳам озодиро аз даст надода, дар дашту биёбонҳои Хоразм, Қароқум, Марв ва дар лабҳои дарёи Аму қаҳрамонона зиндагонӣ кардаанд.

Он зулмҳоеро, ки ба туркманони лаби об амирони Бухоро ва амалдорони онҳо мекарданд ва он хуруҷҳоеро, ки меҳнаткашони туркман ба муқобили золимон ташкил менамуданд, ман ба чашми худ дидам ва бо дили худ ҳис кардам.

Туркманҳо оқибат дар натиҷаи ғалабаи дурахшони Революцияи Кабири Социалистии Октябрь монанди дигар халқҳои мазлум ба озодии ҳақиқӣ расиданд ва дар сояи дуруст ба амал омадани сиёсати миллии партияи бошарафи Ленин мисли дигар халқҳои Осиёи Миёна республикаи советии худро ташкил карданд. Ва бо ёрии халқи бузурги рус дар муддати 20 сол республикаи худро дар маданият, саноат ва хоҷагии қишлоқ ба қатори республикаҳои пешқадами советӣ расониданд.

Ман тӯи 20-солагии республикаи бародаронаи халқи трукманро аз таги дил табрик намуда, дар зери байрақи ғалабаовари Ленин ва дар асоси дӯстии халқҳо боз ҳам тараққиёти дурахшон ёфтани республикаи ин халқи дӯст ва бародарро аз самими дил хоҳиш мекунам.

Зинда бод республикаи бародаронаи Туркманистони Советӣ!

Зинда бод меҳнаткашони туркман!

Зинда бод дӯстии халқҳо!

## КОНСТИТУЦИЯ БА ХАЛҚИ МО ЧӢ ДОД?[118]

Мо, ки имрӯзҳо рӯзҳои шодиёнаи тайёрӣ ба интихоботи Совети Олии Умуми Иттифоқро мегузаронем, лаврани сиёҳи ғамангези пеш аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрьро ба хотир наёварда наметавонем. Пеш аз Революцияи Кабири Октябрь Осиёи Миёна ва аз ин ҷумла Тоҷикистон ва Ӯзбекистони Советии имрӯза ба ду қисм ҷудо буд: қисми якӯми ин сарзамин бевосита аз тарафи амалдорони подшоҳи Россия идора шуда, дар қисми дигар амирони Бухоро ва хонони Хева ҳукмронӣ мекарданд.

Дар қисме, ки бевосита аз тарафи амалдорони подшоҳӣ идора карда мешуд, на пеш аз революцияи соли 1905 Россия, на баъд аз он, ки гӯё мамлакат парламентӣ шуда буд, оммаи аҳолӣ ҳеҷ гоҳ ва бо ҳеҷ роҳ дар интихоби доираҳои ҳукумат ҳеҷ дахл надоштанд ва аз ҳамаи ҳуқуқи инсонӣ ва маданӣ маҳрум буда, бе ҳеҷ чуну чаро ба иҷро намудани фар-

моншҳои ҳатто хурдтарини маъмурони ҳукуматӣ маҷбур буданд.

Дар ин қисм интихоб кардани қозӣ, волостной, оқсаққол ва даҳбошӣ барин маъмурони маҳаллӣ қонунан ҳаққи аҳолии маҳаллӣ бошад ҳам, ин «интихобот» ба тарзи хандаоваре ба амал меомад.

Даҳбошӣ ва оқсаққолон бо нишон додани заминдорони калони қишлоқ ва боёни маҳалла аз тарафи идораҳои болой таъин ва тасдиқ мешуданд; волостнойшаванда бошад, аввал ҳокими уездро «розӣ» мекард, баъд аз он ба бойҳо ваъдаи салоқат медод ва дар охир оқсаққол ва даҳбошиҳоро рӯйрост бо пул мехарид ва бо ҳамин роҳ се сол мансаби волостноиро барои худ таъмин мекард. «Интихоб кардани қозӣ» бошад, дар дасти волостной ва бойҳо буд. Волостной ба як маблағи калон бо қозишаванда савдо мекард. Розӣ кардани ҳокими уезд, полицмейстер, пристав, оқсаққолон ва дигар калоншавандагон ба ихтиёри ӯ гузошта мешуд.

Дар боран ба «интихоби қозӣ» чӣ қадар роль бозӣ карда тавонистани волостной як воқеаро дар ёд дорам, ки ҳеҷ аз хотирам фаромӯш намешавад: яке аз шиносҳои ман мадрасаро тамом карда баромада буд. Ӯ дар дарсҳои расмии мадраса бад ҳам набуд. Аммо зиёда мансабдӯст буд. Ман гумон доштам, ки ӯ баъд аз ба қишлоқ рафтан қозӣ хоҳад шуд. Аммо бар хилофи тахмини худ вақте шунидам, ки ӯ волостной шудааст. Рӯзе ба вай рост омада, дар вақти сӯҳбат аз ӯ пурсидам:

— Шумо ки илм доштед ва масъалаҳои шариатро медонистед, чаро қозӣ нашуда волостной шудед? Ва ҳол он ки барои волостной шудан ҳеҷ гуна илм, ҳатто ҳатту саводи оддӣ ҳам лозим набуд.

Ӯ ҷавоб дод:

— Барои қозӣ шудан камаш даҳ ҳазор танга даркор буд. Ман ин маблағро тайёр карда наметавонистам. Бо маблағе, ки тайёр карда тавонистам, ба волостной «интихоб шудам». Акнун ин мансаб то се сол дар дасти ман хоҳад монд. Ман метавонам, ки дар ин муддат аз ин мансаб маблағи калоне ба даст дарорам ва худам, ки волостной ҳастам, нисбатан бо

харчи кам ва бо осонӣ ба қозигӣ «интихоб шавам».

Дар ҳақиқат баъд аз се сол шунидам, ки он волостной қозӣ «интихоб шуда» аст. Албатта, ин гуна волостнойҳо ва қозиҳо маблағҳои дар ин роҳ сарф кардаи худро яке бар даҳ, ҳатто, яке бар сад карда, аз оммаи аҳолӣ, ки гӯё аз тарафи онҳо «интихоб карда шуда буданд», бо зулму ҷабр рӯёнда мегирифтанд. Дар он замонҳо оммаи аҳолӣ монанди гӯсфанде буд, ки гӯшташро дар равгани худаш бирьён кунанд.

Дар он вақтҳо оммаи аҳолӣ на танҳо аз ҳуқуқи интихобот ва аз дигар ҳуқуқҳои оддӣ маҳрум буд, балки ӯ шарафи шахсии инсонии худро ҳам дар пеши амалдорон нигоҳдорӣ карда наметавонист. Ман дар ин бора як ёддошти худро ба тарзи мисол нақл мекунам:

Дар охирҳои соли 1916 барои коре аз Бухоро ба Самарқанд омада будам. Рӯзи ҷумъа буд. Дар Регистон мардум аз ҷомеи Тиллокор [516] ва мадрасаи Улуғбек [517] аз намози ҷумъа мебаромаданд. Дар пеши масҷиди Тиллокорӣ дар роҳе ки он вақтҳо аз Чорсӯ ба растаи Заргарӣ мебаромад, файтони пристав истода ва худи ӯ дар даруни файтон менишаст. Мардуме, ки аз масҷид мебаромаданд, ба тарзе ки дубора намоз мехонда бошанд, ба тарафи пристав нигоҳ карда таъзимкунон сар ҳам мекарданд.

Пристав бо дидани ин ҳол дар ғазаб шуда, аз дасти файтончии худ қамчинро кашида гирифта, аз миёнаи гурӯҳи мардум гузашта ба сари мӯйсафеде расид ва бе ҳеҷ пурсиш ӯро се-чор қамчин зада, ба полиция супурд, ки ӯро бурда дар ҳабс нигоҳ дорад ва ба тарафи аҳолӣ нигоҳ карда:

— Ин аст ҷазои касе, ки амалдори подшоҳро ҳурмат намекунад ва дар ҷое ки вай ҳаст, таъзимкунон рост намеистад,— гуфт (ин пристав бар рӯи худ ниқоб кашида, худро дар қатори муаллимон зада бошад ҳам, дар андак вақт фош карда шуда бадарға гардид).

Ин гуна буд аҳвол дар Туркистони подшоҳӣ, ки нисбат ба Бухоро ва Хева маданӣ ҳисоб меёфт.

Аммо дар Бухорои амирӣ ва Хеваи хонӣ аз ҳуқуқи интихобот ва аз дигар ҳуқуқҳои инсонӣ ва маданӣ

ном ҳам набуд. Дар ин ду сарзамин фоҷиаҳое аз тарафи синфи ҳоким ба сари оммаи аҳолӣ меомад, амир бо аҳли дарбор ва амалдорони худ ва хон бо ясовулонаш ба болои аҳолӣ монанди қазои осмонӣ ва балои ногаҳонӣ ҳамеша ҳукмронӣ мекарданд ва касе ҳақ надошт аз онҳо пурсад, ки шумо чи кораед ва чаро мардумро ин қадар тороҷ мекунед ва азоб медиҳед? Зеро назар ба анъанаҳое ки ба амирон ва хонон аз гузаштагонашон мерос монда буд, мамлакат бо ҳамаи мавҷудоти худ — аз замин гирифта то обу ҳаво аз они онҳо ба шумор мерафт ва онҳо касеро, ки хоҳанд, мекуштанд; қонун иборат аз хоҳиш ва иродаи бемантиқонаи онҳо буд.

Пеш аз истило карда шудани Осиёи Миёна аз тарафи аскарони подшоҳӣ аҳолӣ ба муқобили амирон ва хонон исьён мекарданд ва бо ин роҳ кам ҳам бошад, дили пурдарди худро холӣ менамуданд (чунончи исьёни кенагасҳо, исьёни хитой-қипчоқҳо, исьёни Восеи балҷувонӣ ва дигарҳо). Аммо баъд аз он ки амирон ва хонон дар зери ҳимояти император даромаданд, аҳолиро маҷоли ҷунбидан намонд, чунки ҳаргуна ҳаракат ва шӯриши аҳолӣ бо ёрии аскарони подшоҳӣ ба зудӣ ва бо як сурати хунин зер карда мешуд (чунончи Қаршӣ, Шаҳрисабз ва кӯҳистони Тоҷикистон бо ёрмандии аскарони императорӣ ба амир итоат кунонда шуда буданд). Амирон ва хонон аз як тараф барои манфиати шахсӣ ва айшу нӯши худ аҳолиро тороҷ кунанд, аз тарафи дигар барои пешкаш бурдан ба ҳомии худ, ба аҳли хонаводаи ӯ, ба дарбориён ва амалдорони ӯ низ ҳасту нести мардумро мегирифтанд. Ба болои ин ба мустамликачиён ва капиталистони подшоҳӣ ҳам барои тороҷ кардани аҳолӣ ёрӣ мерасонданд. Ҳар ҷанҷол ва даъвое, ки дар байни аҳолии маҳаллӣ ва савдогари Россия рӯй диҳад, қозии амир, албатта, ба манфиати он савдогар ҳукм мекард. Чунки нишондоди ҳукумати амир ба қозиён ҳамин гуна буд ва ӯ ин нишондодро аз амалдорони ҳомии худ гирифта буд.

Агар мо амирони Бухоро ва хонони Хеваро дар шароити тобеияташон ба император «дар пеши амалдорони ҳомии худ хари борбардор ва ба болои аҳо-

лии худ гурги дарранда будааль гӯем, дуруст тасвир кардагӣ мешавем.

Таъин кардани қозӣ, раис, миршаб ва дигар амалдорон дар ихтиёри амир буд. Қозӣ ба ҷои ин ки аз хазина маош гирад, маишати худ ва мулозимони худро аз болои аҳолӣ таъмин мекард ва барои рӯзҳои бекории худ маблағи эҳтиётӣ ҳам пасандоз мекард. Ба болои ин ба серодамӣ ва камодамии ҷои маъмурияти худ нигоҳ карда ба амир пешкаш ҳам мефиристод. Амир ба ҳар кадом козиҳои худ ба андозаи пули ёфта додагии онҳо нигоҳ карда баҳо медод ва муомила мекард. Қозие ки пули бисьёртар ёфта диҳад, мартабааш калонтар мешуд ва ҳар қозӣ, ки аз тахмини амир камтар пул диҳад, мартабааш камтар ва ё ки тамоман аз кор гирифта мешуд. Қозие ки аз ҷои маъмурияти худ ҳар сол нисбат ба соли гузашта зиёдтар пул надиҳад, ноӯҳдабаро ба шумор мерафт, яъне ӯҳдабаро он кас ҳисоб меёфт, ки мардумро рӯз то рӯз зиёда тороҷ карда тавонад.

Миршабҳо, ки вазифаашон дастгир кардани дуздон ва ҷазо додани онҳо буд ва раисҳо, ки вазифаи асосиашон назорат кардани сангу тарозуи бозорҳо ва дигар баркашҳо буд, низ аз хазина маош намегирифтанд ва ба болои ин ҳар сол ба амир ба маблағи муайян пешкаш мефиристоданд. Ин фактҳо бешармона ва рӯйрост бо дуздони ғоратгар ва каллобони бозор шарик будани ҳукумати амирро бо равшанӣ исбот мекунанд.

Революцияи Қабири Социалистии Октябрь ба ҳамаи ин гуна зулму ҷабрҳо ва ноҳаққориҳо хотима дод ва аҳолии меҳнаткашро на танҳо аз занҷири ғуломии тоқатшикан озод кард, балки ба онҳо ҳамаи ҳуқуқҳои инсонӣ ва маданиро ҳам бахшид. Аҳолии Осиёи Миёна ва аз ин ҷумла халқҳои Тоҷикистон дар сояи Революцияи Кабири Социалистии Октябрь дар зери байраки партияи Ленин бевосита бо роҳбарияти пешвои муаззам — Ленин ва бо ёрмандии халқи кабири рус ба дунъёи равшан баромада он шабҳои сиёҳи торикро ба тарзи абадӣ дар ақиб гузоштанд. Революцияи Кариби Социалистии Октябрь 28 сол пеш аз ин дар қатори дигар халқҳои Советӣ ба халқҳои

мазлуми пештараи Тоҷикистон озодии шахсӣ, озодии матбуот ва ҷамъият, ҳуқуқи меҳнат ва истироҳат, ҳуқуқи таълим ва тарбия, ҳуқуқи ривоҷ додани маданияти миллишакли социалистимазмуни худ, баробарҳуқуқии зану мард, баробарҳуқуқии ҳамаи миллатҳо ва нажодҳо ва дигар ҳуқуқҳои маданӣ ва инсониро пурра дод.

Аҳолии ин сарзаминҳо барои нигаҳдории ҳамин ҳуқуқҳо ба атрофи партияи пуршарафи Ленин содиқона ғун шуда, дар нест кардани босмачиёну душманони халқ ҷонсупорӣ карданд, аҳолии ин сарзаминҳо барои фойда бурдан аз ин ҳуқуқҳо бо ёрмандии халқи бузурги рус дар сохтмони социалистӣ, дар боло бардоштани хоҷагии қишлоқи коллективӣ, дар ривоҷ додани маданият ва маърифати миллишакли социалистимазмун монда нашуда кор карданд. Барҳам хӯрдани бекорӣ дар мамлакати мо, дар мартабаи роҳбарият баромадани занони ҳар миллат дар қатори мардон ва ривоҷ ёфтани колхозҳо, совхозҳо ва саноати социалистӣ, мунтазам ва дуруст шудани роҳҳо то қишлоқҳо ва кӯҳсорҳои дур, кушода шудани конҳои гуногун дар ҳар тарафи ин республикаҳо, шакли шаҳр гирифтани районҳо ва қишлоқҳо, барпо шудани фабрика ва заводҳои гуногун, кушода шудани мактабҳои миёна то қишлоқҳои дур, барпо шудани дорулфунунҳо ва дигар мактабҳои олӣ дар ҳамаи республикаҳои Осиёи Миёна, ки пеш аз революция қариб ҳамагӣ бесавод буданд, то Москва ва Ленинград барои таҳсили илм рафтани ҷавонони маҳаллӣ, ташкил ёфтани интеллигенцияи советӣ аз мардуми маҳаллӣ, ниҳоят барпо шудани филиали Академияи Фанҳои СССР дар Тоҷикистон, ташкил ёфтани Академияи Фанҳо дар Ӯзбекистон, Қозоқистон ва дигарҳо самараи амалии намоёни он ҳуқуқҳоест, ки Октябрь ба халқи мо дода буд.

Вақте ки фашистони шарири хунхор ба мамлакати советии азизи мо хоинона ҳуҷум карданд, халқҳои Осиёи Миёна барои нигаҳдории ҳамин ҳуқуқҳо бо ҳамаи халқҳои советӣ аз як гиребони дӯстӣ сар бароварда, бо халқи бузурги қаҳрамони рус даст ба даст дода, ба муқобили он душмани ғаддор ба пой хестанд

ва дар ин Ҷанги Бузурги Ватанӣ то ғалабаи пурра ҷону молу хидмату меҳнати худро дареғ надоштанд ва аз по наништастанд.

Конституция ба ҳамин ҳуқуқҳои амалӣ, ки Октябри кабир ба мо дода буд, ва ба ғалабаҳои сохтмони социализм ранги қонунӣ дода дар пеши дунёи маданӣ намоиш кунонид.

Мувофиқи ин Конституция як колхозчии ғармӣ, як сорбони туркманистонӣ, як чӯпони қароқалпоқистонӣ, як коргари ӯзбекистонӣ дар интихоб кардани Совети Олӣ, ки болотарин органҳои роҳбарикунандаи тамоми мамлакати советист, [ҳуқуқ дорад] овози худро диҳад.

Агар мо ба хотир орем, ки ин одамон дар замони амирон, хонон ва губернаторон дар зери камчини хурдтарин амалдорони онҳо овоз баланд карда наметавонистанд, боз ҳам олӣ ва боз ҳам пуршараф будани ин ҳуқуқ равшан намоён мешавад.

Агар ман гӯям, ки халқҳои Осиёи Миёна, аз ин ҷумла халқҳои Тоҷикистон бо ин ҳуқуқҳо аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрь, аз партияи пуршарафи Ленин ва аз халқи бузурги рус бо ҷону дил миннатдоранд, ҳиссиёти самимии ин халқҳоро пурра ифода кардагӣ мешавам.

## ИНТИХОБОТ ВА ҶАВОНОН[319]

Дар райони Шофиркоми Бухоро дар деҳаи Маҳаллаи Боло, ки дар Совети қишлоқи Деҳнави Абдуллоҷон воқеъ аст, Абдулмавлон ном касе буд. Ӯ аз деҳқонони миёнаҳол буда, чор таноб (як гектар) замин, як гови ҷӯшоӣ, як тока барзагови корӣ, як сар хар ва як ҳавлии духонанокро соҳиб буд.

Дар як зимистони сахт, ки вабо ҳам дошт, аввало занаш ва баъд аз он худаш вафот кард ва аз вай ду писар монд, ки яке 18-сола ва дигаре 16-сола буд.

Абдулмавлон ғайр аз ин ду писар, дигар ягон хешу табори маълуме надошт. Аммо вақте ки ӯ мурд, аз деҳаи Қотамзе, ки вай низ дар совети қишлоқи Деҳ-

нави Абдуллоҷон дохил аст, Муллонаврӯз* ном ба марҳум хеш шуда баромад.

«Арбобро бину деҳро тоз!» гуфтаанд. Муллонаврӯз мувофиқи ин масал арбоб ва калоншавандагони деҳаи Маҳаллаи Болоро дида, ба марҳум хеш буданн худро маълум кард. «Дузд дуздро дар шаби торик мешиносад» гуфтаанд. Қалоншавандагони деҳа ҳам бе ҳеҷ гувоҳ ва ҳуҷҷат «хешии ӯро» тасдиқ карданд, қозиву раиси туман (район) бошад, аз они худи Муллонаврӯз буд.

Аз рӯи қонуни шариат писар дар 12 солагӣ ва духтар дар 9 солагӣ ба балоғат расида ҳисоб меёбад. Аммо ин — «ба балоғат расидани онҳо» танҳо дар корҳои динӣ натиҷаи худро нишон медиҳад: писарони 12-сола ва духтарони 9-сола маҷбуранд, ки намоз хонанд ва дигар амалиёти диниро ба ҷо оранд, инчунин никоҳи онҳо ҳам дуруст ва мувофиқи шариат ҳисоб меёбад; духтари нӯҳсола маҷбур аст, ки аз бегонагон рӯ пӯшад ва дар зери фаранҷӣ дарояд ва овозашро дар пеши номаҳрамон набарорад ва монанди инҳо.

Аммо дар корҳои молӣ ҳанӯз инҳо соҳиби ҳуқуқи тасарруф намебошанд, ҳатто баъд аз 16—18 сола шудан ҳам соҳибҳуқуқ шудани онҳо дар корҳои молӣ вобаста ба фикр ва ҳукми қозист: як ҷавони 18-соларо агар қозӣ гӯяд, ки «ин болиғи рашид аст» — ба балоғатрасидаест, ки ақлу идроки пурра дорад, он ҷавон метавонад ба моли мероси худ бевосита соҳиб шавад ва агар қозӣ гӯяд, ки «ҳанӯз ин ҷавон болиғи ғайри рашид аст», он гоҳ моли меросии ӯро ба як хешаш супурда, ӯро ба ин ҷавон васӣ таъин мекунанд.

Писарони Абдумавлон назар ба фикри қозии Шофирком «болиғи ғайри рашид» шумурда шуданд. Бинобарин Муллонаврӯз, ки ягона «хеши онҳо» ҳисоб ёфта буд, «бачагонро» бо моли меросии онҳо ба ӯ супурда, ӯро ба инҳо васӣ таъин намуданд.

Муллонаврӯз, ки ба «бачагон» (ҷавонон) васии комилихтиёр шуд, модагов, барзагов ва харро фурӯх-

---

* Муллонаврӯз монанди як шахси таърихӣ дар романи «Ғуломон», ки асари нависандаи ин сатрҳост, бо номи ҳақиқии худ рольҳои манфии калонеро бозӣ мекунад.

та ба гӯру кафани мурда, ба ҷаноза, ба арбобу оқсаққол ва ба ноиби қозӣ сарф кард. Баъд аз маросими таъзия «бачагон»-ро ба ин сабаб, ки «беҷогард нашаванд», бо асбоби хонаашон ба ҳавлии худ кӯчонда бурд.

Васӣ ҳақ дошт, ки моли сағирро (агар манфаати сағирро дар фурӯш бинад), бифурӯшад ва пули он чизҳоро ба ягон чизи пурманфиат банд кунад.

Муллонаврӯз ба асоси ҳамин қонун ҳавлии бачагонро бинобар хавфи фатарост шудан ва заминҳошонро ба сабаби «бад ва ҳосилхез набудани онҳо» бифурӯхт ва пули онҳоро ба кисаи худ зад, ки ин кор ба сағирҳо манфиат надошта бошад ҳам, ба худи Муллонаврӯз пурманфиат буд.

Аммо Муллонаврӯз ҳанӯз он маблағҳоро тамоман «азони худам шуд гуфта ҳисоб намекард, зеро мумкин буд, ки ягон ҳаромхӯри дигар аз миёна баромада «баъд аз болиғи рашид»— соҳиби ришу мӯйлаб шудани он ҷавонон — онҳоро ба муқобили Муллонаврӯз иғво карда, даъвогар сохта барорад. Чунки «саг — душмани саг» гуфтаанд. Дар он сурат мумкин буд, ки як қисми ин маблағ аз даст равад. Бинобар ин тамоман нест кардани ин ҷавонон лозим буд.

Ин воқиа тахминан 60 сол пеш аз ин воқеъ шуда буд. Дар он вақтҳо амири Бухоро дар қатори аскарони худ як даста «ғуломбача» дошта, ин даста пеш аз манъ шудани ғуломтозӣ ва ғуломфурӯшӣ аз ғуломбачаҳои зархарид ташкил ёфта буд. Баъд аз манеъ шудани ин ваҳшоният ҳам амирон он дастаро барҳам надода аз бачагони бекас, ки даҳанкалонони қишлоқ ба даст дароварда бурда ба подшоҳ бо нархи бузу барра мефурӯхтанд, он дастаро пур карда меистоданд.

Муллонаврӯз ана ҳамин ду писарро бурда ба подшоҳӣ фурӯхт ва ӯ дар дили худ мегуфт: «Чӣ хуш бувад, ки бароад ба як карашма ду кор». Чунки ӯ бо ин кор ҳам аз даъвогарони оянда халос шуда буд ва ҳам аз фурӯши онҳо кам ҳам бошад, як маблағи иловагӣ ба кисаи худ дароварда буд.

Дар ҳамон зимистони сахт амир аз Бухоро дар қатори аскарони худ як даста «ғуломбачагонро» ги-

рифта ба сафар баромад; ин ҷавононро, ки дар қатори сарбозони дигар бо дастаи худ пиёда мерафтанд, хунук зад, ба сабаби бемуоличагӣ ҷароҳатҳошон ба бадӣ гашта, дар Қаршӣ ҳар дуи он писарон ҳам вафот карданд ва Муллонаврӯз тамоман хотирҷамъ гардид.

Аз бачагони бекас ғуломбачасозии амирон то соли 1895 давом кард. Баъд аз он амир Абдулаҳад ин корро бо номи дигар ва бо либоси дигар, аммо боз ҳам бешармонатар ва золимонатар давом ва ривоҷ дод. Ӯ бо номи «Қафқаз» чандин даста сарбози савора ташкил намуда, ба ҳар кадоми ин дастаҳо ба ранги дигар аспу либос дода, якеро кубонский, дигареро терский ва ҳоказо ном ниҳод. Состави ин дастаҳоро бештарин бачагони 14—16 сола ташкил мекарданд. Ин бачагонро ҳокимони шаҳр, вилоят ва туманҳо (районҳо), арбоб, оқсаққол ва калоншавандагони он ҷоҳо аз оилаҳои камбағал ва бекас бо зӯрӣ ғундошта ба амир пешкаш мекарданд. Ин гуна дастаҳо, ки шумораи умумиашон тахминаи 4—5 ҳазор нафар мебаромад, ҳамеша дар рикоби амир буда, дар казармаҳои дарбаста монанди заню духтарони он замон аз озодӣ маҳрум гардида, аммо монанди маҳбусони он замон дар хонаҳои ифлосу торик ва пурнам ҳама якҷоя зиндагонӣ мекарданд.

Вақте ки ин бачагон ба бистсолагӣ расиданд, аз дастаи савора ва он либоси рангоранг бароварда шуда, дар қатори сарбозони пиёда даровварда мешуданд, ки дар он ҷо то охири умр дар асирӣ ва ғуломӣ мемонданд.

Ин буд аҳволи ҷавонони бекас дар Бухорои амирӣ.

Ин гуна воқиаҳо ва ваҳшониятҳои пурдаҳшат дар пойтахти амир ва атрофи он, ки нисбат ба дигар ҷоҳои аморат ободтар ва аз омаду рафти мардумони маданин европагӣ дараш кушода буд, дар пеши чашми омма воқеъ мешуд. Аммо дар ҷоҳои дуртари қаламрави амир ва дар кӯҳистони Тоҷикистон аҳвол аз ин ҳам пурдаҳшаттар, пурфоҷиатар ва пурваҳшониятгар буд.

Дар Бухорои амир номи интихобот ҳам набуд ва ин суханро касе ҳам нашунида буд. Ҳамаи корҳои

ҳукумат ба хоҳиши золимона ва ба болои ин, ба иродаи аҳмақонаи амир ва аҳли дарбори ӯ вобаста буд. Бинобар ин дар бораи ба интихобот иштирок карда натавонистани оммаи халқ гап задан барзиёд аст. Аммо ҷавонон бошанд, дар маҷлиси оддии калонсолон, умуман аз гап задан маҳрум буданд. Хурдсол дар ҳузури калонсолон, ҳарчанд ягон гапи маъқули бамавқеъ занад ҳам, ӯ «бадахлоқ, беҳаё ва махмаддоно» ба шумор рафта, дар зери таъна ва лаънат мемонд.

Ин буд тарбияи ҷавонон умуман дар замони амир!

Ин ваҳшонияти пурфоҷиа ва ин «тарбияи» рӯҳкуш дар ҳаққи ҷавонон дар Бухорои амирӣ то моҳи сентябри соли 1920 давом намуда, ба шарафи революцияи Бухоро, ки ба воситаи ба муқобили амир ва амирӣ бархостани меҳнаткашони Бухоро бо таъсири амалии Революцияи Социалистии Қабири Октябрь дар зери раҳбарияти партияи пуршарафи Ленин ва бо ёрии халқи кабири рус ба амал омада буд, абадӣ барҳам дода шуд ва он бачагон монанди дигар аҳолии мазлуми хонигарии Бухоро аз асирӣ ва ғуломӣ озод гардиданд.

* * *

Вақте ки мо ин аҳволи таърихии гузаштаи наздикро ба пеши чашм оварда, аҳвол ва вазъияти ҷавонони советиро ба муқобили вай гузорем, медонем, ки Революцияи Социалистии Октябри Қабир, тарбияи партияи большевикӣ ва Ҳукумати советӣ ва Конституция ба ҷавонон чӣ дода будааст.

Ҷавонон дар замони дурахшони советӣ ба замми ин, ки озодона ва мардвор тарбия ёфта, дар вазъияте ки ҳамаи шароити моддӣ ва маънавӣ тайёр аст, кору илму ҳунарро ба даст медароранд, инчунин монанди калонсолон ба ҳуқуқи интихобот соҳибанд. Мувофиқи Конституция чунон ки ҳар писару духтари 18-сола ба интихоб иштирок намуда, ба ташкил кардани органи олии ҳукумат овози мӯътабари худро медиҳад, инчунин ҳар писару духтари 21-сола метавонад ва ҳақ дорад, ки ба он органи олӣ депутат шуда интихоб ёбад.

Ба иборати дигар, он ҷавононе ки дар замони

амир тамоман асир ва ғулом буданд ва ҳатто дар маҷлисҳо аз ҳуқуқи гап задани оддӣ ҳам маҳрум буданд, дар замони советӣ овози онҳо ва шахсан худи онҳо дар ташкил додани органи олии хукумат иштирок мекунанд.

«Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо?»

Вазифаи ҷавонони советӣ қадри ин неъмати беминнатро дониста, бошуурона дар садоқат ба партияи большевикӣ ва ҳукумати советӣ ва дар хидмати халқу ватан худро тарбия кардан ва дар тайёрии интихоботи Совети Олӣ ба калонсолон намуна шудан ва овози мӯътабари худро ба беҳтарини одамони советӣ додан аст.

## МАСЪАЛАИ ҚАДРРАСОНӢ МАСЪАЛАИ ТАЪХИРНОПАЗИР АСТ [319]

Тоҷикистони советӣ дар як кӯҳсор ва дар як замини харобазоре, ки аз дасти амир ва подшоҳ ба ҳамон ҳоли вайронӣ омада буд, бино ёфт, дар як муддати кӯтоҳе ки назар ба умри таърих дақиқае ҳисоб кардан мумкин аст, ба як мамлакати социалистии ободи мубаддал гардид. Ин худ ба худ нашуд, ин аз навсозие, ки мислаш дар таърих дида нашудааст, дар зери роҳбарияти партияи бошарафи Ленин, бо кӯшиши фавқулоддаи Ҳукумати советӣ, бо ёрмандии аз ҳад зиёди халқи бузурги рус ба амал омад. Тоҷикистони Советӣ монанди республикаҳои дигари бародарии мамлакати социалистӣ аз ибтидои ташкил гардидани худ, ҳар рӯз ва ҳар дақиқа дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ рӯ ба тараққӣ омад. Махсусан дар панҷсолаи чорӯм пешрафти дирӯзаи мо ба имрӯз ва имрӯзаи мо ба фардо монандӣ надорад. Ҳеҷ шакку шубҳае нест, ки партияи Ленин Ватани моро дар ҳамаи соҳаҳои кори сохтмони коммунизм ба ғалабаҳои нав ба нави умумихалқӣ хоҳад расонд. Дар даврони Ҳокимияти Советӣ Тоҷикистон, монанди республикаҳои бародарии дигари советӣ, дар хоҷагии қишлоқ, дар саноат ва дар дигар соҳаҳои иктисодӣ ва маданӣ бо суръати тамом тараққӣ кард. Аммо бо ҳамаи кӯшиши партия ва ҳукумат, бо ҳамаи ин ки саҳми калоне аз бюджети давлатӣ дар роҳи кадррасонӣ тах-

сис ва сарф шуда омада истодааст, аз ҷиҳати ба вой расонидани кадрҳо нисбат ба бисьёр республикаҳои бародарӣ дар қафост. Республикаи Советии Тоҷикистон то ҳол аз ҷиҳати кадр ба ҷӣ андоза тангӣ кашида бошад, дар оянда наздик — дар айёми панҷсолаи чорум, боз ҳам зиёдтар ба кадр эҳтиёҷ пайдо мекунад. Партияи большевикӣ ва Ҳукумати советӣ ин эҳтиёҷро ба назар гирифта чораҳои бузург дида истодаанд. Дар Самарқанд кушода шудани институти тарбия ва таълими Тоҷикистон, дар Сталинобод барои кушодани Дорулфунуни давлатӣ тайёрӣ дидан, дар Москва ва Ленинград таъин ташкил намудани аспирантура барои аспирантҳои гуногунитахассуси Тоҷикистон ва дигарҳо аз ҷумлаи ҳамин чорабиниҳост. Лекин аз ҳамаи ин чорабиниҳо, масъулияти пурра истифода бурдан ба гардани Вазорати Маорифи Тоҷикистон ва коркунони ӯ ва аз ин ҷумла ба гардани муаллимон меафтад. Ба назари аввал ҳамин тавр менамояд, ки гӯё масъулияти аз аспирантура ва аз мактабҳои олӣ пурра фоида бурдан ба гардани як муаллими мактаби ибтидоии кӯҳсор ва деҳот намеафтода бошад. Аммо дар ҳақиқат ин тавр нест, дар ҳақиқат масъулияти аз ҳама вазнинтар ба гардани муаллимони мактаби ибтидоӣ меафтад. Зеро аспирантҳо аз байни студентҳои мактабҳои олӣ мерасанд, студентҳо бошанд, аз байни талабаҳои мактабҳои миёна мебароянд ва талабаҳои мактабҳои миёна вақте қобила студентӣ мешаванд, ки мактаби ибтидоӣ ва ҳафтсола вазифаи худро адо карда бошад.

Агар талабаи мактаби ибтидоӣ, соли таҳсили худро ҳақиқатан мувофиқи программа тамом накарда бошад, яъне материали программаи давлатиро пурра ҳазм накарда бошад, ҳар чанд ӯ қобилият ва таланти баланд дошта бошад ҳам, ҳеч гоҳ мактаби ҳафтсола ва даҳсоларо ҳақиқатан пурра тамом карда наметавонад. Дар ин ҷумла калимаи «ҳақиқатан пурра» сазовори диққат аст. Зеро муаллимон ва мудирони мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, корро аз рӯи расмият бурда бо тасдиқи совети педагогӣ ба дасти як талаба дар бораи тамом карданаш ӯ он мактабро шаҳодатнома ва аттестат диҳанд ҳам, он талаба сту-

денти хуб шуда нахоҳад расид. Вақте ки талабаи мактаби миёна хом бароядд, ҳар чанд ӯ мувофиқи аттестати дар даст доштааш ба мактабҳои олӣ дарояд ҳам, то охир хом хоҳад монд ва ба ҳамин сабаб республика аз мактабҳои олии худ ба кадри даркорӣ фоида бурда натавониста мемонад. Бинобар ин бештарини масъулият ба гардани муаллимони мактаби ибтидоӣ меафтад. Пас чӣ бояд кард? Ба ин суол бояд Вазорати маорифи Тоҷикистон ҷавоб диҳад.

Назар ба фикри нависандаи ин сатрҳо Вазорати маориф дар навбати аввал идораҳои маорифи вилоятҳо ва районҳоро бо одамҳои ҳақиқатан маорифдӯст, бо одамҳои ҳақиқатан большевик, бо одамҳои ҳақиқатан дилсӯзи халқ таъмин намояд ва онҳоро вазифадор кунад, ки мактабҳои ибтидоиро аз ҳолати пастмондагии ҳозираашон бароранд ва муаллимони мактабҳои ибтидоиро водор кунанд, ки онҳо талабаҳои худро мувофиқи ҳаҷми материали программаи давлатӣ дониш омӯзанд ва агар муаллими мактаби ибтидоӣ аз ҷиҳати дониш камқувват бошад, ӯро ба тарзи шефӣ ба як муаллими донишмандтару пуртаҷриба банданд. Агар коркунони маориф дар байни муаллимон, ҷавобгарии коллективиро ба амал меоваранд, боз ҳам беҳтар мешуд. Ба фикри ман, ташкил карданн ин кор тахминан ба ин тариқа шуданаш мумкин аст: дар шаҳрҳои марказӣ, вилоятӣ ва маркази районҳо бояд ҳамаи муаллимони он ҷо дар зери роҳбарияти мудири маориф ба пешрафти мактабҳои мавҷудаи дар он шаҳр ва район буда ҷавобгар бошанд. Бояд коллективи муаллимони он ҷо ин масъулиятро ҳис карда нагузоранд, ки ягон мактаб аз доирае ки он коллектив дар он ҷо кор мекунад, пас монад, коллектив муаллимони пешравро вазифадор кунад, ки ба пасмондагон ёрии маънавӣ расонанд. Дар қишлоқҳо бошад ин ҷавобгариро дар байни коллективи муаллимоне ки дар ягон совети ҷамоа, ё қитъа кор мекунанд, ба амал оранд. Дар ин сурат ҳеҷ як директор, бо пешрафти мактаби худ ва ҳеҷ муаллим бо аъло имтиҳон додани талабагони синфе ки ба дасти ӯ супурда шудааст, фахр карда наметавонад ва аз ҷавобгарӣ халос намешавад. Вақте ҳар директор ва ҳар муал-

лим фахр карда метавонад, ки дар доираи он коллектив, ки ӯ дар байни онҳо кор мекунад, ягон мактаб пасмонда набошад ва дар ҳамин сурат ҳар директор ва ҳар муаллим вазифаи худро бошараф адо кардагӣ ба шумор меравад.

То ин ҷо ҳар чизе ки гуфта шуд, умуман дар бораи мактаб ва маориф буд. Акнун бояд ба болои баъзе дарсҳо истода гузарем. Ҳарчанд ҳамаи предметҳое ки дар плани илмӣ дохил карда шудаанд, зарур ва ҳар кадоми онҳоро аз худ кардани талаба лозим бошад ҳам, ба хатту савод ва ба забону адабиёт аз ҳама зиёдтар аҳамият додан даркор аст. Зеро хатту савод ва забону адабиёт як асбоб ва як аслиҳаеанд, ки бе ин аслиҳа қалъаи донишро кушодан мумкин нест. Маълум аст, ки мактабҳо мувофиқи программаи худ дониш меомӯзанд, лекин ҳеч гоҳ он донише, ки мувофики программа омӯхта шудааст, ба кадри дуруст шуда баромадани як талаба кифоя намекунад, талаба бояд дар бораи он предметҳое ки мувофиқи плани илмӣ дар мактаб гузаронда ва аз худ кардааст, бо мутолиаи шахсии худ маълумоти васеътар гирад ва дониши аз мактаб омӯхтаи худро инкишоф диҳад. Албатта дар ин хусус аслиҳаи ӯ хатту савод ва забону адабиёт аст. Талабае ки дар ин дарсҳо суст бошад, ба мутолиа рағбат намекунад ва агар мутолиа кунад ҳам, душворӣ мекашад. Вақте ки дар бораи забон ва адабиёти модарӣ гап мезанем, бояд забон ва адабиёти русро аз хотир набарорем. Маълум аст, ки дар мактабҳои мо аз синфи саввум дарси забони русӣ медароянд. Лекин тартиби таълимдиҳии забони русӣ, ки то ҳол дар амал аст, қаноатбахш нест.

Дар бисьёр мактабҳо, хусусан дар мактабҳои деҳот ба дарси забони русӣ ба чашми расмият нигоҳ мекунанд. Ва ҳол он ки забон ва адабиёти русӣ ба талабагони мо баробари забони модарӣ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар зарур аст. Маълум аст, ки дар байни муаллимони мактабҳои олӣ ва профессорон, касони тоҷикидон он қадар бисьёр нестанд, ки ҳамаи предметҳоро дар забони маҳаллӣ гирифта баранд. Мо ба бисьёр дарсҳои муҳим ба олимон ва профессорони рус мӯҳтоҷем, ки онҳо дар мактабҳои олии мо лек-

ция хонанд. Агар студенти тоҷик забони русиро надонад, ё суст донад, аз он лекцияҳо чӣ баҳра мебарад? Маълум аст, ки ҳеҷ! Бинобар ин барои пурра фоида бурдан аз мактабҳои олӣ, талабаи тамомкунандаи мактабҳои даҳсола бояд забон ва адабиёти русро мисли забони модарӣ омӯхта барояд. Ба ғайр аз он забон ва адабиёти рус як хазинаест, ки дар вай ҷавоҳири дониши олами инсоният ҷой гирифтааст. Бояд калиди ана ҳамин хазина ба дасти ҳар талабаи тамомкунандаи мактаби даҳсола супурда шуда бошад.

Тарбияи большевикӣ, ки асоси кадррасонист, дар як катор мактабҳои мо ғайри каноатбахш гузошта шудааст ва дар мактабҳои қишлоқ боз ҳам сусттар аст. Дар ин бора аҳамияти алоҳида додан лозим аст. Ҳанӯз дар мактабҳои қишлоқ баъзе муаллимон, предметҳои таърих барин як чизро тӯтивор ба талабагон гуфта медиҳанд.

Лекин ин гуна тарбия ба талаба ҳеҷ таъсир намекунад ва фоидае намедиҳад. Бояд муаллимон зиндагонии оилавӣ ва кӯчагии талабаро ҳамеша таъқиб кунанд ва бо мисол корҳои бад ва нағзе ки он талаба дар шабонарӯзӣ, ё дар як ҳафта аз сар гузаронидааст, ӯро тарбия намоянд. Корҳои бадашро (агар бошад) танқид ва корҳои хубашро ташвиқ намоянд ва бояд ин танқид ва ташвиқ дар асоси таълимоти коммунистӣ ба амал оварда шавад. Дар ин бора аз ёрии падару модарон фоида бурдан лозим аст, зеро агар падару модар дар бораи ба амал овардани тавсияҳои муаллим ёрӣ нарасонад, муаллим ба танҳой ҳеҷ кор карда наметавонад. Дар бораи ҳаракатҳои бади кӯчагии бачагон дар байни падару модарон ҷавобгарии коллективиро ба амал овардан даркор аст. Ҳар падару модар танҳо бо хуб будани фарзанди худ фахр карда наметавонад, ҳар кадом падару модарон вақте фахр карда метавонанд ва вазифаи падарӣ ва модариро адо кардагӣ ҳисоб меёбанд, ки ҳамаи бачагони гузар, маҳалла, қишлоқ ва колхозашон хуб бошанд. Ношоистакорӣ ва бадҳаракатӣ як бемории гузарандаи хавфнокест, ки яке аз ин гуна бачагон дар андак вақт ба тамоми бачагони як маҳал-

ла ва як мактаб таъсири манфӣ мебахшад. Акнун ду калима дар бораи «Газетаи муаллимон». «Газетаи муаллимон» хеле хуб аст. Мақолаҳои омулманфиатро ва мақолаҳоеро, ки ба тарбия ва таълим оиданд, ба қадри даркорӣ чоп карда истодааст. Аммо алоқаи газета бо мактабҳо, хусусан бо мактабҳои район ва қишлоқҳои дурдаст кам аст ва агар баъзе мухбирон дар бораи ягон мактаб хабаре нависанд ҳам, тасодуфист. Бояд «Газетаи муаллимон» вақт-вақт ба районҳо мухбирони сайёри махсус фиристода истад, бояд ин мухбирон дар ҳар як чорьяки соли таҳсил, ҳар мактабро камаш якбор аз назар гузаронанд, дар бораи муваффақият ва камбудиҳои мактабҳо бо фактҳои муайян ба газета маълумот диҳанд. Газета ба асоси он фактҳо барои муаллимон маслиҳат диҳад ва ёрӣ расонад. Дар бораи тарбияи большевикӣ роли газета бисьёр калон ва ҷавобгаринок аст. Газета бояд дар саҳифаҳои худ бар зидди хурофотҳо ва урфу одатҳои пӯсида ба воситаи мақолаҳои илмӣ мубориза барад, то ки муаллимон бо он мақолаҳои илмӣ-тарбиявӣ маълумоти худро васеъ карда, тарбияи коммунистиро бо маънои комили ӯ ҳақиқатан ба роҳ монда тавонанд. Дар шумораи 14 (25 марти с. 1947) «Газетаи муаллимон» дар зери унвони «Ҷон чист?» як мақолаи илмии пурманфиати Абдувосеев баромад. Ана ҳамин гуна мақолаҳоро бисьёртар чоп кардан даркор аст. Бе ҳеҷ далели илмӣ «Ҷон ном чизе, ки аз ҷисм ҷудо буда дар вай ҷой гирифта бошад, нест» гӯён фарьёд задан, ба гӯши касе намедароянд. Вақте ки хонанда ин мақолаи илмиро бо далелҳои раднашаванда хонад, ба набудани ҷон ном як чиз бовар мекунад. Ба ибораи кӯтоҳ «Газетаи муаллимон» бояд ташкилкунандаи пешрафти маориф ва ба роҳ гузаронандаи тарбияи коммунистӣ шавад. Ба фикри ман масъалаи кадррасониро ба ҳамин тарз ва ба зудӣ ҳал кардан лозим аст.

## «СОЛЕ КИ НАКӮСТ, АЗ БАҲОРАШ ПАЙДОСТ»[320]

Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ғалабаи пурраи мо ба охир расид, дар кӯчаҳои мо ҷашни шодиовари ҷаҳоний барпо гардид, ин ҷашн на танҳо дар кӯчаҳои мо,

балки дар ҳамаи кӯчаҳои ҷаҳони озодидӯст олами инсониятро ба ваҷди шодмонӣ барангехт.

Имрӯз рӯзи дуввӯми солонаи он ҷашн аст, ки мо дар айни шодмонии рӯзи якӯми ғалабаи пурра, бо хуррамии ҳаяҷонангез мегузаронем. Ин табиист, зеро чунон ки мо ваҳшонияти ҷаллодони гитлериро ва харобкории онҳоро, ки ба Ватани гул-гул шукуфтаисто-даамон овардаанд, аз хотир фаромӯш нахоҳем кард, инчунин он ғалабаи пурраи ҷаҳониро ҳам, ки халқи советӣ бо ҷонсупориҳо ба даст даровардааст, аз ёд намебарорем. Ва мо инро ҳам аз хотир намебарорем, ки он ҷашни ҷаҳонӣ, ки рӯзи нӯҳӯми моҳи Май соли 1945 дар кӯчаҳои мо сар шуд, монанди банкетҳои бемаънии олами капиталистӣ набуда, балки он ҷашн чунон ки нишонаи хотимаи ғолибонаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба шумор мерафт, инчунин аломати муқаддимаи музаффаронаи муборизаи азнавсозии мо ҳисоб меёфт.

Халқи Советӣ бо он ҷашн ба аҳли ҷаҳон эълон мекард, ки чи навъ ки вай дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар байни хуну оташ ба муқобили душмани ғаддори хунхӯр ғалабаи пурраро ба даст овардааст, инчунин дар муборизаи азнавсозӣ низ ғалабаи пурраро ба даст хоҳад овард. Халқи Советӣ ба ин боварӣ дошт, чунки сабабҳои ғалабаи пурраи вай дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар муборизаи азнавсозӣ низ айнан ва барзиёд мавҷуд буданд!

Сабаби якӯми ғалабаи пурраи халқи советӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ роҳбарии партияи пуршарафи Ленин буд, ки дар муборизаи азнавсозӣ ҳам ҳамин партия роҳбарӣ мекард...

Як сабаби ғалабаи пурра, устувории сохти давлатӣ ва ҷамъияти советӣ, дӯстии халқҳои Иттифоқи Советӣ буд, ки ин дӯстӣ дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар байни хуну оташ боз ҳам мустаҳкамтар шуда, дар муборизаи азнавсозӣ он халқҳоро бо ҳамкорӣ мебурд.

Инчунин, чи навъе ки халқи кабири рус дар майдони Ҷанги Бузурги Ватанӣ пешгард шуда ҳамаи халқҳои Иттифоқи Советиро аз дунболи худ ба тара-

фи ғалабаи пурра мекашид, дар мубориза азнавсозӣ ҳам ҳамон халқи кабир пешгард аст.

Аммо Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва муборизаи азнавсозӣ аз ҷиҳати вазъият аз якдигар фарқи калон доранд: халқи советӣ бо ишқи Ватан синаро ба тири милтиқу тӯпу туфанг сипар карда, дар ҳолате ки ба болои сарашон бомба боронвон мерехт, дар дарьёи хуни худ шино карда, «ура» гӯён ба тарафи ғалаба мерафтанд, дар муборизаи азнавсозӣ бошад, аз байни чаманзоре ки худашон сохта истодаанд, атрҳои гули меҳнати худро шамида ва димоғи худро бо насими рӯҳфазои баҳористони ватани азизи худ чоқ карда, дар сурате ки дар ҳар қадам ҷони тоза ва хурсандии беандоза меёбад, ба тарафи ғалабаи пурра — ба тарафи коммунизм пеш мераванд. «Бубин тафовути роҳ аз куҷост, то ба куҷо?»

Бинобарин ин иди солонаи ғалабаи пурраи мо, дар айни замон иди азнавсозӣ, иди ҳаракати пурҷӯшу хурӯши аз социализм ба коммунизм гузаштан буда, дар ҳақиқат ҳар рӯзи ин рӯзҳо ид ва ҳар шаби ин шабҳо саид аст; бинобар ин халқи советӣ дар ин рӯзҳо ҳақ дорад бигӯяд, ки «Дишаб ид буд, имрӯз—наврӯз».

Халқҳои Иттифоқи Советӣ ва аз ӣн ҷумла халқи тоҷик дар ин ду соли азнавсозӣ бо он рӯҳбаландие, ки дар рӯзи ғалабаи пурра ба инсоният дода буд, пеш рафтанд ва дар ҳар қадам аз ғалабаҳои пай дар паи худ боз ҳам рӯҳбаландтар шуда, бо қуввати тозаи барзиёд кори азнавсозии худро пеш бурда омаданд.

Ин ду соли меҳнати оромонаи баъд аз ҷанг ва соли якӯми панҷсолаи нав рӯзҳои баҳорони солҳои ғалабаиояндаи мост. Ғалабаҳои дурахшони ин ду соли гузашта аз оянда башорат медиҳад, чунки «Соле ки накӯст, аз баҳораш пайдост».

## ДУ XXX СОЛ[121]

Дар ин рӯзҳои таърихии тантанадоре, ки мо халқҳои советӣ XXX солагии Революцияи Социалистии Октябри Кабирро ид мекунем, ман беихтиёр ду XXX соли умри гузаштаи худро ба хотир меорам. Агар



С. Айнӣ дар байни нависандагони тоҷик М. Раҳимӣ,
Г. Сулаймонова, М. Турсунзода, М. Миршакар, С. Улуғзода.



Президиуми маҷлиси бахшида ба ташкили Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон: Е. Н. Павловский, Д. В. Скобельцын, Е. М. Жуков, С. Айнӣ, Ҷ. Р. Расулов, К. Н. Сатпаев, Б. Е. Ғафуров.

ман солҳои бачагии худро, ки дар қишлоқ зиндагӣ кардаам, аз ҳисоб барорам, ду XXX соли пурраро аз сар гузаронидам; XXX соли якӯм дар Бухорои амирӣ ва XXX соли дуввӯм дар шароити советӣ.

Ман ҳанӯз аз ёд набаровардаам, ки дар Бухорои амирӣ хидмати касони гуногуниро карда, дар рӯзҳои барфу борони бо кафши сарипой, бе масҳӣ ба умеди таҳсили илм аз дарсхона ба дарсхона медавидам; чун дарсҳои расмӣ маро қаноатманд намекарданд, ба мутолиаи китобҳои гузаштаи адабӣ ва таърихӣ машғул мешудам, ё ба сӯҳбати баъзе донишмандон, ки бисьёр камьёб буданд, роҳ ёфта ба хӯшачинии маънӣ намудан кӯшиш мекардам; гоҳ аз ин гуна машғулиятҳо ҳам дилгир шуда бо пойбараҳнагони шаҳр, ки дар зимни машғулияти харгуна касбу кор фурсатҳои фароғати худро дар камоли озодӣ гузаронида амиру вазиру бою муллоро як пул намегирифтанд, ҳамроҳ ва улфат мешудам, дар самовархонаҳо, дар такьяҳо, дар қаландархонаҳои саримазорҳо, дар базмҳои «доирахабарӣ» бо онҳо дамсозӣ менамудам.

Дар он вақтҳо ҷои истиқомати ман номаълум буд, агар имрӯз аз мадрасае ҳуҷраи сарпанохие, ки одатан аз сағонаҳои пуштаи биҳиштиёни Бухоро фарқ надошт, ёбам, баъд аз чанд рӯз маҷбур мешудам, ки аз он ҷо ба ягон гӯри дигар бикӯчам.

Ифодаи мазмуни зиндагонии он вақтаи ман буд, ки ман ин рубоии зеринро навишта будам:

> Дар мадраса ҳуҷраи қулай нест маро,
> Дар майкада ваҷҳи нақлу май нест маро,
> То кай гӯям, ки ину вай нест маро.
> Билҷумла ба даҳр ҳеч шай нест маро.

Баъзан тамоман бе ҷои истиқомат мемондам, парчапалоси худро дар ҳуҷраи ягон ошно амонат гузошта худ кӯчагардӣ мекардам ва дар ҳуҷраи он касое ки дар дарстайёркунӣ ба ман мӯҳтоҷ буданд, ба навбат мехобидам ва агар ягон шиносе ба кӯчае ба ман рост омада ҷои истиқоматии маро мепурсид, «даруни куртаам» гӯён ҷавоб медодам.

Ягона машғулияти тасаллобахши ман адабиёт буд.

Адабиёти гузаштаи мо, ки бештарин марсияномаи зиндагӣ буд, маро тасалло медод ва ман ҳис мекардам, ки «на танҳо дар замони мо монанди ман касон дар азобу машаққат зиндагонӣ мекарданд, балки то дунъё будааст, аҳвол ҳамин тарз будааст».

Ман он вақтҳо ҳар чанд дигар кардани он зиндагиро лозим донам ҳам, дар бораи дигар кардани вай ҳеҷ фикр намекардам ва гумон мекардам, ки «ин, мумкин нест. Ин гуна орзӯҳо, орзӯҳои маҳол аст».

Ман албатта он вақтҳо муборизаи синфии зиндагониро намедонистам ва намефаҳмидам. Агар дар шеърҳоям, ки тамоман тақлиди бемуваффақиятонаи услуби феодалӣ буд, баъзан партаве аз зиндагонии пурзиддияти онрӯза акс кунад ҳам, тасодуфӣ ва ба тарзи стихия буд.

Ҳанӯз дар ёд дорам, ки дар дарбори амир Абдулаҳад дар Кармина тӯе барпо шуда, деҳқонони камбағал аз он тӯй бисьёр зарар диданд. Дар як ғазали ман, ки бо услуби феодалӣ «ошиқона» буд, он аҳвол ба байти зерин акс ёфт:

> Бар камбағалон ин ҳама озор намудан,
> Аз баҳри дили як ду се пулдор чӣ лозим?

Баъд аз он ки ин ғазал дар байни ҳаваскорони адабиёт даст ба даст гузашта шӯҳрат ёфт, ба амир расида сабаби ранҷиши ӯ гардида, ӯ ба воқеанависони (ҷосусон)-и худ фармон додааст, ки маро таъқиб кунанд.

Ман ин аҳволро аз Мулло Назруллои Лутфӣ [522] тахаллус, ки надими амир буд, шунидам, аммо тааҷҷуб мекардам, ки «чаро ин байт сабаби ранҷиши амир шуда бошад?». Ман аз муборизаи синфӣ ана ба ҳамин дараҷа бехабар будам.

Ман дар охирҳои сӣ соли [зиндагониам дар] Бухорои амирӣ ба воситаи як дӯсти худ аз мадрасаи Кӯкалтош [523] ҳуҷрае ба даст даровардам, ки то худам аз он ҷо нақӯчам он дӯст маро аз он ҷо намекӯчонд. Ҳар чанд дари даромади он ҳуҷра аз даруни як гумбази торик, рӯшноӣ дар вай ғайр аз даричаи шимолиаш аз ҷое намедаромад, офтоб бошад як умр дар вай партави худро наандохтааст, вусъати заминаш аз 6 метри

мураббаъ зиёд набуда сақфаш сағонашакл буда, фақат миёнаҷои он сақф ба қадди одам гунҷоиш медод—бо вуҷуди ин, ман хурсанд будам. Чунки маро акнун, чунон ки Ибни Ямин дар як қитъаи худ орзӯ кардааст, касе «аз ин ҷо бихезу он ҷо рав» намегуфт.

Лекин ин гумони ман ҳам рост набаромад: дар соли 1917 дар 9-ӯми моҳи апрель (бо ҳисоботи кӯҳна) сарҳангони амир ҳуҷраи маро муҳосира карданд ва аз даричаи шимолие ки ба тарафи кӯча кушода мешуд, аз гиребонам кашола карда маро ба кӯча фуроварда бандӣ карда занон-занон ба арки амир бурданд ва дар он ҷо 75 чӯб зада дар обхона ном зиндони арк андохтанд...

Сӣ сола зиндагонии Бухорои амирӣ дар ҳаққи ман ана бо ҳамин фоҷиа хотима ёфт.

* * *

Ҳарчанд ман бо ташаббуси аскарони инқилобии рус аз зиндони амир халос шуда ва бо ёрмандии врачҳои рус аз хавфи мурдан раҳоӣ ёфта имконият пайдо кардам, ки ба Самарқанд биёям, аммо чандмоҳа зиндагонии Самарқанд, ки дар шароити ҳукумати муваққата гузашт, пуркунандаи зиндагонии сӣ солаи Бухорои амирӣ буд: рӯҳониёни Самарқанд дар ҳаққи ман фатвое бароварданд, ки «ин одам аз диёри ислом (Бухорои амирӣ) ронда шудааст ва ӯро дар диёри исломи дигар (дар Самарқанд, ки дар шароити ҳукумати муваққата, дар он ҷо рӯҳониҳои исломӣ бо номи «шӯрои ислом» худро ҳоким мешумурданд), роҳ додан аз рӯи шариат дуруст нест».

Лекин «шӯрои ислом» ба иҷрои ин фатво муваффақ нашуд: ҳокими дигари шаҳр, ки совети депутатҳои солдат, коргару деҳқон буд, маро мудофиа кард ва дере нагузашта Революцияи Социалистии Октябри Кабир ба вуқӯъ омада маро ва монанди ман миллионҳоро аз ҳар гуна хавфу хатар ва асорат халос кард.

Революцияи Социалистии Октябри Кабир ба ман ҳама чизро ва аз ҳама пештар озодии шахсӣ, фикрӣ ва озодии қаламро дод. Ман аз роҳбарияти партияи бошарафи Ленин ва аз роҳбарияти Ленини бузург

тарбия гирифта илҳом ёфта имкон пайдо кардам, ки дар қатори соҳибқаламони озоди советӣ дароям; ман имкон ёфтам, ки он дардҳоеро, ки дар замони амирӣ дар дилам пайдо шуда буд ва он аламу кулфатҳоеро, ки ҳалқ дар он замон мекашид, ба қадри дониш ва иқтидори худ дар адабиёт акс кунонам; ман имкон ёфтам, ки муборизаҳои синфии замони гузаштаро ва ҷангҳои гражданин замони советиро, ки барои мустаҳкам кардани революцияи Октябрь ва ҳокимияти советӣ мерафт, ба қадри қувваи худ тасвир намоям; ман имкон ёфтам, ки дар акс кунондани қаҳрамонии халқ дар сохтмони социализм дар адабиёти советӣ ҳиссаи ночизонаи худро гузорам; ман имкон ёфтам, ки нашидаҳои[123]* рӯзҳои хурсандии советиро, ки ҳар рӯз маро ва халқро тоза ба тоза истиқбол мекарданд, дар қатори булбулони гулистони советӣ ҷӯрмонанд бошад ҳам тараннум намоям...

Революцияи Социалистии Октябри Кабир на танҳо ба ман озодӣ дод ва тарбия кард, инчунин ба ман имконият дод, ки ба халқ хидмат намуда, ба ҳурмати халқ ва меҳрубониҳои пай дар пай ҳукумат сазовор гардам; ман, ки дар шароити амирӣ аз ҳуқуқи зиндагӣ ҳам маҳрум карда шуда будам, дар шароити советӣ на танҳо ба ҳамаи ҳуқуқҳо соҳиб гардидам, балки дар амал бештарини айёми ин XXX солаи ман дар шароити боварии халқ гузашта ба шарафи ходими халқ будан—депутати халқ будан сарафроз гардидам.

Ман, ки зиндагонии XXX солаам дар шароити Бухорои амирӣ ва донишомӯзии пурмашаққатам бо таҳқири рӯҳи аз ҳад зиёд ва бо азоби ҷисмонии тоқатнопазир натиҷаманд шуда буд, дар шароити советӣ хидмати ночизонаи илмиам аз будаш зиёд тақдир ёфта, ба унвони ходими хизматнишондодаи илм ва академики фахрӣ сарафроз гардидам.

Фарзандони ман ва алоқамандони ман (ки шароити таҳсил кардани маро хонанда дар аввали ин ёддоштнома дида гузашт) дар шароити советӣ ҳоло дар Москва ва Ленинград ба тарзи маданӣ аз олимони оламшумули советӣ таҳсили илм мекунанд...

* * *

Дар ин ҷо ман шароити зиндагониамро дар ду XXX сол ба тарзи кӯтоҳ тасвир намудам ва ин ду XXX солаи умри ман аз ҳамдигар монанди замину осмон фарқ мекунанд. Ҳарчанд ман дар ин ҷо тарзи зиндагонии шахсӣ ва ҷамъиятии танҳо худамро тасвир карда бошам ҳам, ин як мисол аст, ки ба фарқи ин ду зиндагонӣ—зиндагонии пеш аз Революцияи Социалистии Октябри Кабир ва зиндагонии XXX солаи советӣ шоҳиди зиндаи раднопазир шуда метавонад. Онҳое ки монанди ман ин ду зиндагониро аз сар гузаронидаанд ва агар зиндагонии кӯҳнаро, ки бисьёр одамҳо рӯзҳои бадро дар рӯзҳои нек аз ёд мебароранд, фаромӯш накарда бошанд, дар соҳаи зиндагонии худ мисолҳои ин ёддошти маро дарьёфта гуфтаҳои маро тасдиқ мекунанд. Ин бешакку шубҳа аст.

Аммо мақсади ман дар ин ҷо огоҳонидани кӯҳансолон нест, мақсади ман дар ин ҷо огоҳонидани ҷавонон аст, ки зиндагонии пеш аз революцияро надидаанд ва шояд онҳо гумон кунанд, ки зиндагонӣ ҳамин тарз буд ва пеш рафта истодааст. Вақте ки ин гуна ҷавонон зиндагонии кӯҳнаро дар мисоли ман диданд, мефаҳманд, ки XXX солаи советӣ ба халқ чи самараҳо дода будааст.

Ҷавонон бояд инро ҳам донанд, ки ман XXX сола умри худро дар Бухорои амирӣ дар мадраса гузаронидаам ва ҳол он ки аҳолии мадраса ба эътибори аксарият дар шароити амирӣ нисбат ба оммаи мардум соҳибимтиёз буданд. Вақте ки ман дар қатори тоифаи соҳибимтиёз зиндагонӣ намуда ба сабаби андак норизоӣ ҳамон қадар азобу уқубат кашида бошам, вой бар ҳоли оммаи деҳқонони камбағал, косибон, мардикорон ва ҳаммолон, ки синфи ҳоким онҳоро дар қатори гову хар медид. Ҷавонон аз мисоли ман аҳволи оммаи мардумро дар шароити пеш аз Октябри Кабир қиёс карда метавонанд.

Маро лозим нест, ки ба мардум ва ба мамлакат чиҳо додани XXX соли советиро бо диограмма, бо статистика ва бо рақамҳо нишон диҳам, нишон додани ду XXX соли умри худам мақсадро аз ҳаргуна ҳисобҳо ва рақамҳо дида равшантар ифода мекунад.

## ҚУВВАИ ҶОВИДОНӢ[524]

Мо бе Ленин 25 солро аз сар гузаронидем. 25 сол нисбат ба замони таърихи дунъё як муддати ночизест. Аммо ин 25 соли мо аз ҷиҳати натиҷаҳои таърихии оламшумули худ ба асрҳо баробар меояд.

Мо дар ин 25 сол панҷсолаҳои таърихиро ба ҷо овардем, ки дар натиҷаи ин мамлакати бузурги советиамон аз мамлакати аграрӣ ба мамлакати саноатӣ ва колхозӣ мубаддал гашт.

Мо дар ин 25 сол дар асоси сар то сар коллективонидани хоҷагиҳои парокандаи кишлоки мамлакатамон кулакҳоро ба сифати синф нест кардем.

Мо дар ин 25 сол дӯстии халқҳои гуногунмиллати советиро ба вуҷуд оварда мустаҳкам намудем, ки ин қуввαи мамлакатамонро ба дараҷаи мағлубнашавандагӣ расонид.

Мо дар ин 25 сол ба Конституция комъёб шудем, ки ин демократитарин конституцияҳои ҳамаи мамлакатҳо буда, то ҳол монандаш дар дунъё дида нашудааст.

Мо дар ин 25 сол халқҳои мамлакати фароҳамонро, ки аксарияти онҳо кариб тамоман бесавод буданд ва баъзеашон ҳатто алифбо надоштанд—дар забони модариашон сар то сар саводнок кардем ва дар байни ҳамаи миллатҳои гуногунзабони мамлакати советиамон таҳсили олиро ҷорӣ намуда, интеллигенцияи миллии советиро расонидем ва маданияти миллишакли социалистимазмунамонро ба вуҷуд овардем.

Мо дар натиҷаи ҳамаи инҳо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ зафари оламшумул ба даст даровардем, ки ин камоли қуввαи моддӣ ва маънавии Ватани бузурги советиамонро дар пеши чашми ҳамаи ҷаҳониён намоиш дод.

Мо дар натиҷаи ҳамаи инҳо плани панҷсолаи навро бо муваффақият ва пеш аз муддат ба ҷо оварда истодаем, ки ин ҷароҳатҳои ба сабаби ҳуҷуми гитлерчиёни одамхӯр ба бадани мамлакати азизамон расидаро дуруст карда, қуввαи моддӣ ва маънавии Ватани муқаддаси советиамонро ба тарзи шинохташуданӣ боло хоҳад бурд.

Мо ниҳоят дар ин 25 сол сохтмони социалистиро асосан ба камол расондем, ки ин барои мо ба тарафи коммунизм роҳи калон кушод.

Аз дар ҳамаи ин муваффақиятҳо қувваи Ленин дар мо буд ва бо мо буд; ин қувва буд, ки дар сифати Партияи бузурги Коммунистӣ бо мо буд ва ин қувваест, ки дар оянда ҳам ба сифати партияи Ленин бо мо буда, моро роҳбарӣ намуда аз зафарҳо ба зафарҳо хоҳад бурд. Чунки ин қувва—қувваи ҷовидонист!

## ҚОЗИҲОИ ПЕШ АЗ ОКТЯБРЬ[528]

Қозиҳои пеш аз Октябрь, дар Туркистони мустамликаи подшоҳӣ, гӯё интихоб мешуданд ва дар музофоти Бухоро бо фармони шахсии амир таъин мешуданд. Аммо «интихоботи қозиҳо» дар мустамликаи ҷорӣ монанди «доруи мушкушак» буд. Барои равшан кардани ин ташбеҳ бояд мо аввал чи будани «доруи мушкушак»-ро баён намоем.

Дар Бухоро як кас буд, ки ӯ «доруи мушкушак» мефурӯхт, вай дар саҳни хонақоҳи Девонбегӣ палос пахн карда, дар пеши худ як қуттии калонро ниҳода менишаст. Қуттии ӯ пур аз коғазпечҳои бисьёре буда, дар даруни ҳар коғаз як чимдӣ барин як чизи порошокмонанд печонидагӣ буд. Ӯ «доруи мушкушак!», «доруи мушкушак!», гӯён фарьёд карда, харидоронро ба тарафи худ даъват мекард. Азбаски ҳамаи хонадонҳо аз дасти мушҳо ҳамеша ба ҷон омада мебошанд, ҳеҷ касе набуд, ки ҳашт пул (ду тин) дода аз он «дору» як коғаз нахарад. Тасодуфан аз байни харидорон як кас аз доруфурӯш тарикаи кор фармудани он «дору»-ро пурсид.

— Аввал мушро дастгир мекунед,—гуфт доруфурӯш дар ҷавоб ва аз думаш дошта, ба рӯи санг ду-се бор сахт мезанед ва баъд аз он аз ин «дору» ба бинии ӯ мерезед. Бо ҳамин муш тамоман мурда мемонад. Ба ҳамин тариқа кор фармудани ин дору борҳо аз таҷрибаи худам гузашта ва дар ҳар бор натиҷа мувофиқи мақсад баромадааст, ки дар ин ҳеҷ ҷои шакку шубҳа нест.

«Интихоботи козиҳо» дар мустамликаҳои чорӣ ҳам айнан ҳамин тариқа буд: «Интихобшаванда аввал пули бисьёреро харҷ карда, ҳокими уезд, пристав ва дигар амалдорони подшоҳиро дар интихоботи худ розӣ мекард ва баъд аз он боз маблағи калоне сарф намуда, оқсаққолони маҳалла ва қишлоқҳоро мехарид, ки онҳо интихобкунандагони ӯ буданд. Пас аз ин тайёрӣ, он каси козишаванда номзади худро дар интихобот мегузошт ва бе шакку шубҳа мегузашт. Барои исботи ин гуна «интихоб», ман аз ёддоштҳои худ ду мисол меоварам: дар Туркистони мустамликавӣ аз рӯи тартиб қозиҳои мусулмонон аз касоне интихоб шуданашон лозим буд, ки «онҳо мадраса»-ро тамом карда бошанд, аз шиносҳои нависандаи ин сатрҳо як муллои Самарқандӣ буд, ки дар мадрасаҳои Бухоро хонда барои қозӣ шудан тайёрӣ медид. Ӯ баъд аз тамом намудани мадраса аз Бухоро ба ватани худ баргашта ва дар вақти баргаштан ба шарикдарсони худ гуфт:

— Ман ки рафтам, дар ҳамин интихоботи қозиҳо, ки наздик омадааст, албатта қозӣ мешавам ва дар он вақт шумоён ба меҳмонии ман равед, ки аз давлати қозигӣ зиёфатҳои калон мекунам.

Баъд аз чанд моҳ ман шунидам, ки ӯ дар қозигӣ «интихоб» нашуда, волостной шудааст. Ман бо шунидани ин хабар дар тааҷҷуб афтодам ва дар дили худ гуфтам: «модоме ки он мулло волостной мешудааст, ҳаждаҳ сол дар мадрасаҳои Бухоро хондан чӣ лозим буд? Зеро барои волостной шудан ҳатто саводи алифбой ҳам даркор набуд».

Вақте ки барои саёҳат ба Самарқанд омада, дар кӯчае ба ӯ рост омадам, аз вай сабаби қозӣ нашуда волостной шудани ӯро пурсидам. Ӯ дар ҷавоб гуфт:

— Чунон ки «сухани хона ба бозор намеояд рост» мегӯянд, орзӯи ман ҳам ба бозори «қозиинтихобкунӣ» рост наомад. Ман дар вақти интихобот дидам, ки нархи «интихоб» аз он дараҷае ки ман тахмин мекардам, бисьёрҳо баланд шуда рафта будааст, ман ночор маблағи барои «қозиинтихобшавӣ» тайёркардаамро сарф намуда, ба волостной «интихоб» шудам, ки нар-

хаш арзонтар буд. Аммо,—гӯён ӯ сухани худро давом кунонид,—аммо максади «қозӣ интихоб шудан» ҳанӯз дар ман боқист ва ин волостной ҳам барои ба даст даровардани он мақсад як восита аст; вақте ки ман се сол волостной шуда, баъд аз баровардa гирифтани он маблағе, ки дар «интихоб шудан» ба ин мансаб сарф кардаам, маблағи калоне пасандоз кардам—дар он вақт ба воситаи он маблағ бо осонӣ дар мансаби қозигӣ «интихоб» хоҳам шуд.

Мисоли дуввӯм низ дар Самарқанд воқеъ шуда буд: дар Самарқанд Мирзоииёз ном касе буд, ки як хату саводи оддӣ дошта дар ҷавониаш ба дари маҳкамаҳо нишаста аризанависӣ мекард. Вақте ки ин одам аз ин кор маблағе пасандоз кард, бо сарфи он маблағ ба миршаби шаҳри кӯҳнаи Самарқанд «интихоб» ёфт. Баъд аз он ки аз ин мансаби сердаромад, маблағи калоне ба даст даровард, ба қозикалонии шаҳри Самарқанд «интихоб» шуд. Баъд аз қозикалон шудани Мирзоииёз, яке аз дӯстонаш аз вай пурсидааст:

— Шумо ки дар мадраса нахондаед, чӣ навъ шуд, ки ба ин мансаб интихоб шудед? Ва ҳол он ки барои ба қозигӣ «интихоб» ёфтан мадрасаро тамом карда будани интихобшаванда шарт буд. Қозииёз ҷавоб додааст; «— Пул бошад — дар ҷангал шӯрбо мешавад» мегӯянд, ки ин тамоман дуруст аст. Ман, ки аз миршабӣ пули бисьёре захира карда будам, он пулро харҷ карда, номзади худро дар интихоботи қозигӣ мондам ва дар он вақт ягон интихобкунанда ҳам мадрасаро тамом карда ё тамом накарда будани маро напурсид. Ана ҳамин тариқа шуда, ба қозикалонии шаҳри Самарқанд «интихоб шудам», ки даҳ баробари миршабӣ даромад дорам; «пул пулро меёбад» мегӯянд. Ин тамоман дуруст баромад.

Дар музофотҳои Бухоро қозӣ таъин кардани амир ҳам як таъини холис набуд: дар замонҳои пеш қозишавандагон ба тарзи пешкаш ба амир маблағе медоданд, ки ин хариду фурӯхти зери пардагӣ буд. Аммо дар замони амир Абдулаҳад ин гуна пардапӯшиҳои сохта лозим дида нашуд. Амири мазкур аз қозиҳо,

ғайр аз пешкашҳои «эҳтиромӣ», ки дар вақтҳои муайян (дар идҳо ва дар мавридҳои ба сафар рафтан ва аз сафар боз омадани амир) ба амир мекарданд, ба калон ва хурдии ҷои қозигии онҳо нигоҳ карда, як маблағи муайяни пули нақд талаб мекардагӣ шуд. Ӯ барои фиреб нахӯрдан, дар таъини маблағи мазкур, даромади қозигии ҳар районро бо пурсу ков тафтиш карда меистод. Боре Абдулаҳад Сафӣ ном як қозиро, ки «кордонтарин ва пульёбтарини қозиҳо» буд, ба ҳузури худ даъват намуда аз ӯ даромади қозигии районҳоро пурсидааст. Қозӣ Сафӣ дар ҷавоб гуфтааст:

— Миқдори даромади қозигӣ ба калону хурдии районҳои қозигӣ нигоҳ намекунад, балки бисьёр, ё кам шудани ин даромад ба шахси қозӣ ва ба дараҷаи «кордонии вай» дахл дорад. Агар маро, масалан, дар Қарнаб, ки як дашту кӯхсори беодам аст, қозӣ таъин кунед, ба воситаи роҳзанӣ ҳам бошад, ҳар сол сад ҳазор танга (15 ҳазор сӯм) ёфта ба хазинаи олӣ расонда метавонам.

Амир ҳам баъд аз он мувофиқи ин «таълимот» барои қозӣ таъин кардан, дар пайи ёфтани одамони «пулёб» афтод ва «ноӯҳдабароҳоро» аз кор гирифтан гирифт. Чӣ гуна кордорӣ кардани қозиҳои он замонро мардум бо суханбозии худ низ хуб ифода кардаанд. Яке мепурсид:

— Қозиро ба кафши кӯҳна чӣ муносибат аст?

Дигаре ҷавоб медод:

— Ҳар ду пораҳӯранд! (Яке ба маъни «пора» ямоқӣ аст, ки ба ҷои даридагӣ меандозанд ва ба ҳамин муносибат «кӯҳнадӯз»-ро дар забони адабӣ «порадӯз» мегӯянд).

Албатта хоҳ қозиҳои Туркистони мустамликавӣ бошанд, хоҳ қозиҳои амирӣ, маблағи ба ин кор сарф намудаи худро яке бар даҳ карда аз аҳолии меҳнаткаш меситонданд. Дар замони гузашта «интихоб» ва «таъини қозиҳо» ана ҳамин тарз буд!

Вақте ки мо ин аҳволи гузаштаи торикро ба назар орем, ба кадом дараҷа озодона ва одилона будани судинтихобкунии замони советиро мефаҳмем ва ба ин интихобот фаъолона иштирок менамоем.

## ҚУВВАИ ТАРБИЯВИИ ОКТЯБРЬ[128]

Мо имсол 32-солагии Революцияи Социалистии Бузурги Октябрьро ид мекунем. Ин 32 соли пуршарафи пурбаракат ба халқҳои советӣ, хусусан ба мо — халқҳои Осиёи Миёна, ки номамон қариб аз саҳифаи таърих гум шуда буд, чунон манфиатҳои таърихӣ расонд, ки садҳо сол замонҳои оддӣ ин манфиатро расонда наметавонист. Ман дар ин ҷо аз манфиатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ чизе намегӯям, чунки дар як мақолача ба тарзи мисол бошад ҳам, аз ин манфиатҳои оламшумул гап задан мумкин нест. Ман дар ин ҷо аз соҳае, ки тахассуси худам дар вай аст — аз соҳаи адабиёт ба тарзи мисол як-ду калима гап заданро мехоҳам.

Ман дар ин ҷо аввал бояд дар болои худ истода гузарам. Чунон ки аз ин пеш борҳо гуфтаам, ман то Октябрь дар соҳаи адабиёт чизи ба назарнамоёне ба майдон оварда натавониста будам. Аммо Октябри пуршараф маро дар чилсолагиам дар мактаби худ қабул карда тарбия намуд ва ман он асарҳоеро, ки ба хонандагон маълум аст, ба майдон оварда тавонистам.

Агар гап умуман дар бораи адабиёти тоҷик равад ҳам, мо ҳамин қувваи тарбиявии Октябрьро равшан мебинем. Маълум аст, ки тоҷикон адабиёти ҳазорсола доштанд. Аммо пештар аз Революцияи Октябрь ин мероси адабӣ мисли хоб, ё афсона як чизи мавҳум барин шуда монда буд. Чунки тоҷикон бесавод ва поймоли зулми худӣ ва бегона шуда аз соҳаи худшиносӣ дур афтода буданд ва аз адабиёти замонӣ чизе надоштанд, ҳатто номашон ҳам аз ёдашон баромада рафта буд ва дар вақти пурсиш аз миллаташон «мусулмон» гуфта ҷавоб медоданд.

Октябрь на танҳо тоҷиконро ба сифати миллат зинда ва ташкил намуд, балки ба онҳо адабиёти советии ҷаҳонӣ ҳам дод. Турсунзода, ки асарҳои вай дар забонҳои гуногуни беруна тарҷима шудааст, меваи Октябрь мебошад. Ҷалол Икромӣ, Миршакар, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ ва Улуғзода барин даҳҳо адиб ва шоирони намоёнро ба мо Октябрь дод.

Бародарони ӯзбекро ҳам гирем, ҳамин манзараро мебинем. Ӯзбекон пеш аз Октябрь Ғафур Ғулом,[527] Ойбек[528] ва Абдулло Қаҳҳор[529] барин шоир ва нависандагонро дар куҷо доштанд? Қувваи тарбиявии Октябрь буд, ки ба халқи ӯзбек даҳҳо ин гуна шоир ва нависандагонро дод. Ҳатто Навоии бузурги халқи ӯзбекро ҳам Октябрь ба ҷаҳон шиносонд.

Туркманҳо, қазоқ ва қирғизҳо ҳам то Октябрь ғайр аз ду-се нафар бахшӣ дигар чизе надоштанд, аммо Октябрь Қарбобоев,[530] Туқомбоев,[531] Муқанов[532] ва Авезов[532а] барин даҳҳо устодони суханро тарбия карда расонда, машҳури ҷаҳон кард. Ҳатто Ҷамбули[533] садсола, ки дар ҳафтодсолагии худ Революцияро пешвоз гирифт, тарбия намуда ва аз нав сохтарасондаи Октябри пурбаракат аст.

Мо аз Октябрь, аз ташкилкунандаи вай—Ленини бузург ва аз халқи кабири рус, ки отряди пешгарди Октябрь шуда дар тарбияи мо халқҳои мазлуми пештара ёрии амалӣ расонданд, беҳад миннатдор мебошем.

## «ИНТИХОБОТИ» ЗАМОНИ АМИРӢ[534]

Имрӯзҳо дар ҳама ҷои мамлакати васеи социалистии мо маъракаи интихоботи Совети Олии тамоми Иттифоқи Советӣ бо ҷӯшу хурӯш рафта истодааст. Интихобкунандагон дар сӯҳбат ва мулоқотҳои хусусӣ, редакцияҳои газетаҳо бо мактуб ва телеграммаҳои расмӣ ва мухбирони матбуот бо назокатҳои кунҷковонаи худ ба ман муроҷиат карда, чӣ навъ гузаштани интихоботи замони амириро аз ман мепурсанд. Аз рӯи ин гуна пурсишҳо ҳамин мафҳум мешавад, ки пурсандагон мепиндоранд, ки гӯё дар замони амирони Бухоро «интихобот» ном як чизе ё ҳодисае будааст, аммо онҳо тарз ва тариқаи ин интихоботро намедонанд ва аз ман, ки солхӯрда ва пурдида мебошам, тафсилот мепурсанд, то ки «тарзи интихоботи замони гузашта»-ро бо интихоботи замони советӣ муқоиса карда бинанд.

Лекин барои ман ба ҳар каломи ин пурсандагони хусусӣ, редакцияҳо ва мухбирон ҷудогона-ҷудогона

чавоб додан душворӣ кард, бинобар ин ман мехоҳам ба ҳамаи пурсандагон ба воситаи матбуот як чавоби каноатбахш диҳам.

Оре, ман солхӯрда мебошам, оре, ман пурдидаам, хусусан аҳволи замони амириро хеле хуб медонам. Дар он замон бо чашмони кунчкови худ ва бо дили ҳассоси худ бисьёр ҳодисаҳоро дидаам, ки амир ба иродаи шахсӣ ва бо фармони расмии худ якеро ҳоким, якеро қозӣ, якеро миршаб ва якеро раис мекард. Ин ҳокимон, қозиён, миршабон ва раисон ҳам дар навбати худ ва бо иродаи шахсии худ якеро амин, якеро арбоб, якеро оқсаққол, якеро мироб ё чӯйбон таъин менамуданд. Ман инро ҳам дидаам, ки аминҳо, арбобҳо, оқсаққолҳо ва дигар амалдорони поёнӣ якеро дузд, якеро бадгашт, якеро шӯрапушт, якеро гушнапурзӯр гуфта дошта оварда, ба маҳкамаҳои аз худашон болотар месупориданд, сардорони он маҳкамаҳо он деҳқонони камбағал ва мардикорони пойбараҳнаро баъд аз задан ва гирифтани ҳар чизе ки дар бисоташон бошад, ба зиндони Бухоро ё ҳокими вилоят мефиристоданд ва касе намедонист, ки аҳволи он маҳбусон дар он гӯри зиндагон (зиндон) чӣ шуд? Онҳо дар он чоҳо чанд сол зинда монданд ва кай мурданд? Баъд аз мурданашон, мурдаашон дар кадом мазор ё чуқурии ахлотхона партофта шуд?

Ман инро ҳам дидаам, ки амлокдорон бо аминон ва арбобон ба сари замини деҳқонони камбағал омада, кишти яктанобии вайро чор таноб ва ҳосили ҳаштпутии он киштро панчоҳ пут «тахмин» карда ба он деҳқон аз рӯи ҳамин «тахмини худ» андози замин меандохтанд. Агар деҳқон дар ин кор норозигӣ карда, овозашро баланд намояд, ӯро дар зери бағалаш арғамчин андохта, ба бозӯи дарахти каллак кардашуда меовехтанд, то ки майнаи ӯ дар офтоби 60—70 дарачагии тобистони Бухоро чӯшида «пазад» ва дар оянда ин гуна «хомигарӣ» карда, аз андоз гардантобӣ накунад.

Ман инро ҳам дидаам, ки агар он гуна деҳқон аз кори деҳқонӣ даст кашида, замини ба худаш ондро нокишта партояд ва дар он замини нокорам хору хо-

шок рӯяд, дар вақти андозандозӣ ба он деҳқон андози «хорпулӣ» меандохтанд, агар ӯ барои халос шудан аз андози «хорпулӣ» заминашро ронда, аммо нокишта гузорад, то ки дар вай хору хошок нарӯяд,— ба вай андози «шудгорпулӣ» меандохтанд.

Ман инро ҳам дидаам, ки деҳқони камбағал, дар вақти андозгундорӣ он андозеро, ки ба ӯ ба усули «тахминан чор таноб ва тахминан панҷоҳ пут» андохта буданд, дода наметавонист, ҳамаи чизашро ситонда, ба бадали андози боқимонда писар ё духтарашро ҳам ҳисоб карда мегирифтанд.

Инчунин ман инро ҳам дидаам, ки ҳокимони кӯҳистон—Ҳисор, Ғарм, Балҷувон, Кӯлоб ва дигар ҷоҳо ва одамони онҳо ҳар сол аз ҷоҳои ҳукмронии худ даҳҳо нафар духтаронро бо номи «духтархона» ба Бухоро меоварданд, баъзеи онҳоро ба занӣ ва баъзеашонро ба хидматгорӣ мефурӯхтанд. Ин духтарон ҳамон духтарон буданд, ки ба бадали андоз ё ба баҳонаи ягон тӯҳмати дигар аз падару модарашон ҷудо карда гирифта шуда буданд. Ман ба сифати мисоли ин ҳодисаи даҳшатовар бояд ҳаминро гӯям, ки Авлиёқулбек дар вақти бекор шуданаш аз ҳукумати Ҳисор дар қатори захираи дар вақти ҳокимии худ аз водии Ҳисор гундоштааш сӣ нафар «духтархона» ҳам оварда буд, ки ман ҳамин ҳолро бо чашми худ дидаам.

Хулоса, ман бисьёр чизҳоро дидаам, ки дар навиштани ҳамаи онҳо китоби калоне ташкил меёбад.

Аммо ман дар замони амир як чизро надидаам ва хато номашро ҳам нашунидаам, ки ин чиз «интихобот» аст. Бинобар ин ман дар бораи «интихоботи» замони амирӣ, ки худаш набуд, чизе навишта наметавонам. Ман гумон мекунам, балки яқинан медонам, ки ҳеч кас ҳам дар ин бора чизе навишта наметавонад.

Сабаб ҳамин аст, ки меҳнаткашони Тоҷикистон ва умуман аҳолии Бухорои амирии собиқ ба интихоби Совети Олӣ бо ҷӯшу хурӯши фавқулодда ва бо шавқу завқи диданашуда иштирок карда истодаанд, барои омӯхтани Низомномаи интихоботии Советӣ ва барои нағзтар фаҳмидани моддаҳои Конституция ба ҳамаи

маҷлисҳои пеш аз интихоботӣ бо камоли ҳавас ғун мешаванд. Чунки ин кор ва ин ҳуқуқ — ҳуқуқи интихобкунӣ ва интихобшавӣ барои онҳо тамоман нави дар замони пештара ҳеҷ диданашуда аст.

## АЗ ЗУЛМОТ БА НУР[535]

Ман дар охирҳои тирамоҳи соли 1949 барои коре ба амонаткассаи марказии шаҳри Сталинобод даромадам. Дар даруни ин бино дар чанд ҷой одамони махсус нишаста буданд, ки онҳо заёмҳои меҳнаткашони заёмдорро бо ҷадвали тиражи дар он рӯзҳо бозишуда татбиқ карда медиданд ва бурдҳоро муайян карда ба заёмдорон медоданд.

Ғайр аз он одамҳое ки аз тарафи управлениям амонаткасса барои дида баромадани заёмҳо таъин шуда буданд, заёмдорони бисьёре ба пеши деворҳои бино, дар он ҷоҳое ки ҷадвалҳои бозиҳои навбатӣ бо ҳарф ва рақамҳои ҷалӣ (калон-калон) навишта шуда ба деворҳо часпонда шуда буданд, рост меистоданд ва заёмҳои худро бо ҷадвалҳо татбиқ карда медиданд.

Ман баъд аз он ки кори худро дар амонаткасса баробар кардам, дар ҳаваси тамошои кори он заёмдорон афтодам, ки онҳо рост истода дар паи озмоиши толеи худ буданд. Чунки дар байни ин заёмдорон аз ҳама зиёдтар колхозчиён, чӯпонон ва умуман, мардуми дашт ва кӯҳсор ба назар менамуданд ва чунон ки дар байни онҳо ҷавонон ва миёнсолон буданд, инчунин одамони аз шастсола боло ҳам шумораи калонеро ташкил мекарданд.

Албатта, ин ҳол назари диққати як нависандаи советиро ба худ ҷалб накарда наметавонист, зеро ӯ медонист, ки пеш аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрь мардумони Тоҷикистон қариб ҳамагӣ бесавод буданд, хусусан дар кӯҳистон чунон ки мегӯянд, хату саводнокро «барои дору ҳам ёфтан мумкин набуд». Имрӯз он чоруқпӯшони бесаводи собиқ, хусусан он пирмардоне, ки бештарин умри худро дар даврааи торики бесаводии феодалӣ гузаронидаанд, татбиқи заёмро, ки ин на танҳо саводи оддиро, балки

ҳисобдониро ва шинохтани рақамҳои серҳонаро низ талаб мекунад, худ ба анҷом мерасонданд.

Ман дар пеши ҳар ҷадвали деворӣ ва дар қатори ҳар гурӯҳ заёмдорон рафта, кори онҳоро, хусусан кори он пирмардонро тамошо мекардам ва завқ менамудам.

Дар ҳамин вақт як мӯйсафеде ки чинҳои пешонаву рӯяш ва сафедии ришаш аз ҳафтодсолагӣ хабар медод, аз дари амонаткасса даромада, ба пеши аввалин ҷадвали деворие, ки ба даромадгоҳ наздик буд, рост истод. Ин пирмарди миёнақад бар сар аз болои тоқӣ як гӯшпечи тибит, бар тан як ҷомаи тики серпахта ва дар по як ҷоруқи пӯсти оҳуги нав дошт. Ӯ миёни худро аз рӯи бо як фӯтачаи чорхонаи сарфинкагӣ баста буд ва аз ҷоки гиребони ҷомааш як камзӯли тирика менамуд, ки ин либосро нисбат ба ҳафтодсолагони кӯҳистонӣ либоси замонӣ шумурдан мумкин аст. Ӯ дар даст асои дарозе дошт, ки қади вай аз қади худаш қариб ним метр баланд буд.

Пирамард баъди аз назар гузаронидани сарлавҳаи ҷадвал, ки дар вай ба қадом бозии қадом заём оид будани он ҷадвал навишта шуда буд, асояшро, ки тоҷикони кӯҳӣ вайро «даҳмарда» меноманд, ба девор рост монд ва ба бағали худ даст дароварда, ду тугмаи сарисинагии камзӯлашро кушод ва аз он ҷо як даста заёмро бароварда, ягон-ягон рақамҳои ҳар облигацияро бо рақамҳои ҷадвал татбиқ карда дидан гирифт. Аз миёнаҳои облигацияҳояш қанори ду облигацияро, ки шояд ба онҳо бурд баромада бошад, қат карда монд ва дигар облигацияҳоро боз ба ҷайби камзӯлаш гузошта, тугмаҳояшро гузаронид ва баъд аз он «даҳмарда»-ашро ба даст гирифта, ба тарафи касса рафтан хост. Дар ҳамин вақт ман аз ӯ пурсидам:

— Ту хату савод доштӣ ва заёмҳоятро худат татбиқ карда метавонистӣ, ин бисьёр хуб аст.

Пирамард вазъияти оташинона пайдо кард, абрӯвонаш пурчин шуда, сари онҳо ба якдигар наздик расиданд ва ба ман нигоҳ карда:

— Танҳо ту хату савод дорӣ, танҳо ту аз ӯҳдаи татбиқ кардани заём мебароӣ ва мехоҳӣ, ки одамон беса-



С. Айнӣ дар соли 1949.



Интихоб шудани С. Айнӣ ба вазифаи якӯмин Президенти АФ РСС Тоҷикистон.

вод бошанд ва ту заёми онҳоро татбиқ карда дода, пул ситонӣ,— гуфт бо оҳанги ранҷиш ва таъна.

— Ин қадар нашӯр, бародар!—гуфтам ман ба ӯ.— Ман ҳеҷ гоҳ бесаводии одамҳоро нахостаам...

Аммо пирамард ба ҷавоби ман гӯш надода, ба тарафи касса барои гирифтани пули бурдҳои худ рафт. Лекин ман таънаи бемаврид ва ранҷиши бесабаби он пирамардро ҳазм карда натавонистам ва хостам, ки бо ӯ сӯҳбат карда, мақсади худро фаҳмонам ва ранҷишеро, ки ӯ аз ман пайдо кардааст, аз дилаш барорам, бинобар ин ба як нимкат, ки барои нишасти мунтазирони кордор дар гӯшае гузошта шуда буд, нишастам ва мунтазири тамом шудани кори пирамард гардидам.

Вақте ки пирамард пули бурди худро аз касса гирифта ва эҳтиёткорона ба соқи чоруқаш ҷо карда, рафтагор шуда аз пеши ман мегузашт, ман ӯро чег зада аз вай хоҳиш намудам, ки қадаре пеши ман нишинад.

— Ман кори худро тамом кардам ва барои пеши ту нишаста, аз ту ёрмандӣ гирифтан эҳтиёҷ надорам,— гуфт пирамард бо ҳамон оҳанги мағруронаи оташинона.

— Ман ба ту ёрӣ доданӣ нестам, аммо ба ту кори муҳимме дорам, биё қадаре биншин,—гуфтам ман ба ӯ бо оҳанги нармгуфторона.

Мӯйсафед бо дили ноҳоҳам ва бо назари шубҳанок омада, дар паҳлӯи ман нишаста:

— Чӣ меҳоҳӣ?— гӯён аз ман пурсид.

Ман дар замони амир тамоман бесавод будани аҳолии кӯҳистонро ба ӯ нақл намуда ва дар замони советӣ на танҳо бачагон ва ҷавонон, ҳатто босавод шудани монанди ӯ пирсолонро бо мисоли худи ӯ ба вай гуфта ва аз ин аҳвол бисьёр хурсанд будани худро изҳор намуда, дар охири сухани худ:

— Ту ана ҳамин изҳори хурсандии маро ғалат фаҳмидӣ ва маро сарзаниш кардӣ,— гуфтам ва аз ӯ аҳволи аз сар гузаронидаи худашро ва кай хату савод баровардаашро пурсидам.

Мӯйсафед дар ҷавоби ин пурсишҳои ман саргузашти худро дуру дароз карда нақл намуд, ки ман дар ин ҷо гуфтаҳои ӯро хулоса ва кӯтоҳ карда медиҳам.

* * *

Назар ба қавли пирамард номи ӯ Муҳаммадnозир буда, ҷои таваллуд ва бошишгоҳи падар ва бобоҳояш дар райони Оби Гарм, дар наздикии Дашти Бедона буд. Падари Муҳаммаднозир Одина ном дошта, дар ҳамон район ба дари хонаи Арбобносир ном як бои чорводор чӯпонӣ мекард ва баъд аз вафоти падараш «ба тарзи мерос» ба дари хонаи ҳамон чорводор монда, ба чӯпонии ӯ машғул шуд.

Муҳаммаднозир то сисолагиаш ба дари хонаи Арбобносир ба бадали як хӯроки носерӣ ва пӯшок кори чӯпонӣ карда гашт, ҳатто бой бо харҷи ночизе ки ба мурдаи падараш ва баъд аз он ба мурдаи модараш карда буд, ӯро қарздор ҳам карда монд. Дилхушии Муҳаммаднозир дар он даргоҳ танҳо Зӯҳрамоҳ ном духтари соҳибҷамол буд, ки ӯ дар хурдсолиаш ба дасти бой афтода, дар хонаи вай бо номи «духтархона» канизвор хидмат мекард.

Муҳаммаднозир бо Зӯҳрамоҳ дильёб шуда, барои бо ҳам хонадор шудан гапро дар як ҷой монда бошанд ҳам, бой ба ин кор ризоӣ надод ва барои ҷудо кардани ин ду дилдода маккорона шароите тайёр кард, ки онҳо аз дидани ҳамдигар маҳрум гардиданд.

Аммо на Муҳаммаднозир ва на Зӯҳрамоҳ ба ин кори бой сар нафуровcovarданд ва банду басти ӯро бо як ғайрати ошиқонаи ҷасурунаи озодфикрона шикаста, як саҳарӣ барвақт аз Оби Гарм гурехта, ба райони Варзоб рафта бо ҳам хонадор шуданд.

Муҳаммаднозир дар Варзоб ҳезумкаширо ба худ касб карда гирифт, ҳар рӯз ҳар ду ҳамхона ба дарахтои канори Душанбе рафта, ҳезум шикаста ғун мекарданд ва Муҳаммаднозир ҳезумҳои ғуншударо пушторa карда, ба бозори Душанбе бурда фурӯхта, бо вай маишати фақиронаи худ ва зани худро таъмин мекард.

Муҳаммаднозир дар вақтҳои ҳезумкашиаш чанд бор моли худро ба Бурҳонбой ном гӯсфандчаллоби ургутӣ фурӯхта ва ба хонаи ӯ бурда дода, бо вай шинос ва «қадрдон» шуд. Бурҳонбой ин ҷавони қобили тануманди оромро ба хидмати гӯсфандронии худ таклиф кард. Шарти ӯ ин буд, ки Муҳаммаднозир ҳар тобистон ду бор — як бор ба Самарқанд ва як бор ба Бухо-

ро гӯсфандҳои фурӯшии ӯро ронда мебарад ва хӯҷаин ба ӯ дар ҳар сафар 120 танга (18 сӯм) музди хизмат медиҳад.

Муҳаммаднозир шарти хӯҷаинро қабул карда, ба хидмати гӯсфандронии ӯ даромад ва се сол дар ин кор давом намуд. Аммо Бурҳонбой дар ҳар сафар аз музди хидмати ӯ ба ӯ бист танга (се сӯм) дода, бақияашро дар ояида ваъда карда:

— Агар дар ҳар сафар музди хидмататро тамом гирӣ, пеш-пеш харҷ шуда меравад ва дар дасти ман ҷамъ шуда истад, ягон вақт маблағи калонро якбора гирифта, аз Душанбе хонаву ҷою асбоби рӯзгор харида, бо осудагӣ зиндагонӣ мекунӣ,— гуфт.

Ин таклифи бойро ҳам Муҳаммаднозир қабул кард, ӯ дар дили худ фикр мекард: «дар вақти сафарҳои ман Зӯҳрамоҳ ҳезум ғундошта мемонад, ман дар миёнаҳои сафарҳо ва дар зимистон он ҳезумҳоро ба Душанбе кашонда фурӯхта, харҷи рӯзгор мекунам ва музди гӯсфандрониам мисли посира ғун шудан мегирад. Охир «дунъё ҷои умед аст» гуфтаанд. Агар худо ба ман фарзанд ё фарзандон диҳад, пул бисьёртар даркор мешавад».

Дар соли саввӯм, ки Бурҳонбой рамаи худро ба Бухоро бурда, дар он ҷо фурӯхта буд, дар ҳамон шаҳр хонадор шуда мондан хост ва ӯ корҳои дар кӯҳистон доштаи худро ба Нозимбой ном балҷувонӣ ҳавола кард, ки дар асл ин ҳарду дар хариду фурӯш бо ҳам шарик буданд. Акнун Нозимбой аз кӯҳистон гӯсфанд харида, ба Бухоро мефиристодагӣ ва Бурҳонбой он гӯсфандонро дар он ҷо фурӯхта, ба пули онҳо молҳои саноатӣ харида, ба кӯҳистон, ба номи Нозимбой мефиристодагӣ шуд.

Муҳаммаднозир, ки дар Бухоро доимӣ мондани хӯҷаини худро фаҳмид, аз вай талаб кард, ки бақияи музди хидмати сесолаашро ба ӯ бидиҳад, то ки ҳисоб баробар шавад.

— Ман дар ин ҷо тӯй мекунам, ҳавлӣ ва асбоби рӯзгор мегирам. Бинобар ин дар дастам пули барзиёд намемонад, ки ҳаққи туро баробар кунам. Ман ба ту ба номи шарики худ Нозимбой хат карда медиҳам,

ӯ туро розӣ мекунад. Агар хоҳӣ, боз монанди пештара гӯсфанди моро ронда мегардӣ ва агар нахоҳӣ, ба ҷои дигар меравӣ,— гуфт Бурҳонбой дар ҷавоби Муҳаммадназир ва хате ҳам навишта ба дасти ӯ дод, ки бурда ба Нозимбой дода аз вай ҳаққи худро гирад.

Муҳаммадназир хати Бурҳонбойро гирифта, пиёда ба роҳи кӯҳистон даромад. Аз рӯи қавли ӯ аҳде ки ӯ бо Бурҳонбой карда буд, дар шаш сафар гӯсфандронӣ, ки дар муддати сē сол воқеъ шуд, бояд ӯ ба ҳисоби бақияи ҳақиқи хидматаш аз бой 600 танга (90 сӯм) мегирифт. Ӯ дар роҳ дар боран чӣ навъ сарф намудан ва ба куҷо банд кардани ин маблағ фикр мекард.

Дар он сол зани Муҳаммадназир — Зӯҳрамоҳ дар як шикам ду писар — Ҳасан ва Ҳусейн зоида буд, ки ӯ якбора ба даст даромадани ин 600 тангаро аз шарофати пою қадами он навзодон медонист. Бинобар ин ӯ мехост, ки сад тангаи ин маблағро сарф карда, ба бачагон ва модарашон либоси нав харида диҳад ва ба 500 тангаи боқимонда бузу гӯсфанд харида, ба Зӯҳрамоҳ супорад, ки то калон шудани бачагон ӯ ҷаронад ва худаш монанди пештара ба гӯсфандории хӯҷаинхо машғул шавад.

Аммо вақте ки ӯ хатро оварда ба Балҷувон ба Нозимбой дод ва бой он хатро хонда ба ӯ шунавонид, ҳаман хаёлҳои ӯ хаёли хом шуда бароманд. Бурҳонбой ба Нозимбой навишта буд, ки (мазмунан) Муҳаммадназир ҳаққи хидматашро тамоман гирифтааст, шумо ба ӯ ягон чиз надиҳед ва дигар ба ӯ хидмат ҳам нафармоед. Чунки ман аз вай кӯрнамакӣ ва хиёнаткориро гумон бурдам ва дар охири хат ҷумлаи зеринро айнан навишта буд: «Ин камина ин маъниро ба шумо маълум кардам, ки то донед...».

Муҳаммадназир аз ваҷҳи рӯёндани музди хидмати худ ҳар чанд фикр кард, роҳе наёфт, ӯ аз Нозимбой талаб карда наметавонист, чунки дар назди Нозим ҳуҷҷате буд, ки ба ҳаққаш расидани Муҳаммадназирро исбот мекард. Баргашта ба Бухоро рафтани ӯ ҳам бефоида буд. Зеро, модом, ки хӯҷаин роҳи беҳаёиро гирифтааст, дар Бухоро кӣ сухани Муҳаммадназири ҷӯпони пойбараҳнаро мешунид. Бинобар ин ӯ ноҷор

ба тақдир тан дода, ба Варзоб рафта, боз ба касби хезумчинӣ ва хезумкашӣ даромад ва дар дили худ аҳд кард, ки дигар хидмати касеро ба гардан нагирад.

Муҳаммадиозир дар натиҷаи ин ҳодиса, чӣ қадар ки ба ноинсофии Бурҳонбой лаънат фиристода бошад, аз бесаводии худ ҳам ҳамон қадар нафрат кард. Ӯ дар дили худ фикр мекард: «Агар ман хату савод медоштам, он хати қалбакии хӯҷаинро дар пеши худаш хонда фаҳмида, ба рӯи худаш мезадам, ҳеҷ гоҳ маро ин қадар бешармона фиреб дода наметавонист. Ҳеҷ набошад дурӯғгӯӣ, ноинсофӣ ва моли мардумхӯрии ӯро ба пеши мардум ҷар зада гуфта, ӯро дар як шаҳре ки дар он ҷо обрӯй ёфтан мехоҳад, расво мекардам. Дод аз дасти бехату саводӣ!»

Муҳамадиозир розӣ буд, ки даҳ сол ба дари хонаи касе бемузд хидмат кунад, ки ӯ ба ин хату савод омӯзад. Аммо ин кор дар он замон муяссар намешуд. Чунки дар байни оммаи мардум хату саводнок набуд ва онхое ҳам, ки аз байни бойҳо ва амалдорон ягон-ягон хату саводнок буданд, ҳеҷ гоҳ ин ҳунари мардумфиребии худро ба ӯ намеомӯхтанд.

* * *

Солҳо гузашт, дар кӯҳистон ҳам нури офтоби Революцияи Кабири Октябрь паҳн шуда, Арбобносирҳо, Бурҳонбойҳо, Нозимбойҳо аз нури ин офтоб монанди шабпаракҳо ба ҷоҳои торик пинҳон шуда, пашшаҳои захрдор (босмачиён)-ро пеш андохта, ба мардумозорию горатгарӣ даромаданд. Муҳаммадиозир бо Ҳасан, Ҳусейн ва Ориф ном писари саввумаш ба Қалтакдорони Сурх, ки аз камбағалони кӯҳистон ташкил ёфта буд, дохил шуда, бо ёрии аскарони сурхи советӣ ба нест кардани душманони халқ иштирок намуд.

Баъд аз он ки босмачиҳо тамоман торумор шуда, мамлакат осудагӣ пайдо кард, Муҳаммадиозир ба Оби Гарм кӯчида рафта, дар он ҷо дар қатори деҳқонони бошуур истода, колхоз ташкил намуда ба вай даромад, ва писаронаш ба мактаби советӣ ба хондан даромаданд.

Муҳаммадиозир, ки аламзадаи бесаводӣ буд, ба хо

нондани писаронаш қаноат накарда, дар паи он афтод, ки худаш ҳам хату савод барорад. Дар он миён дар район барои калонсолон курси барҳамдиҳии бесаводӣ кушода шуд. Муҳаммадназир аз ҳама пештар ба он курс даромада, дигар миёнсолони колхозиро ҳам аз дунболи худ кашида, ба он ҷо даровард.

* * *

Муҳаммадназир аз он курс бо алифбои араб хату саводи худро бароварда, дар колхоз мудири фермаи чорводорӣ шуд. Аммо ӯ баъд аз чанд гоҳ фаҳмид, ки барои зиндагии бошуурона танҳо саводнокии бо алифбои араб кифоя намекунад, ӯ ин ҳолро дар вақти татбиқ кунондани заёмҳои худ бо ҷадвали бозӣ фаҳмид: дар дасти колхозчиён ва аз ин ҷумла дар дасти Муҳаммадназир дар муддати чанд сол хеле заём ғун шуда буд, дар вақти долу зарби кори колхоз дасти онҳо намерасид, ки ба район ба амонаткасса рафта, заёми худро татбиқ кунонанд. Дар ҳамин вақт як одами миёнсол, ки монанди одамони ҳозир риши худро тарошида, костюму бурук пӯшида буд, дар деҳа пайдо шуда эълон кард, ки ӯ бо андак музд заёми колхозчиёнро бо ҷадвали бозӣ татбиқ карда, облигацияҳои бурдаро муайян карда медиҳад, ки онҳоро бо ягон кас ба амонаткасса фиристода, ба осонӣ пули бурдҳоро гирифта меоранд.

Ин одам ба заёмтатбиққунӣ даромад ва кам-кам ҳам бошад, пули бисьёреро аз колхозчиён ғундошта гирифт. Аммо дар ягон заём бурд набаромад.

Баъд аз он ки ин ҳол ду сол дар вақти бозиҳои навбатӣ давом кардан гирифт ва ба заёми касе ҳам бурд набаромад, Муҳаммадназир пай бурд, ки ин одам ҳам аз алифбои нав хату савод доштани худ фоида бурда, колхозчиёнро фиреб дода истодааст. Зеро ки ӯ заёми бурдноки колхозчиёнро бо заёми бебурди худаш, ки портфелаш аз онҳо пур буд, бадал мекард.

Дар ҳақиқат ҳам баъд аз пурсуков маълум шуд, ки он одам яке аз савдогарони пештара будааст, ки бинобар роҳ набудан дар савдои хусусӣ,— «заём татбиққунӣ»-ро ба худ касб карда гирифта ҳамон «ҳунар-

ҳояш»-ро, ки дар хариду фурӯш кор мефармуд, дар ин кор сарф мекардааст.

Баъд аз ин ҳодиса Муҳаммаднозир дар паи омӯхтани ҳарфҳои русӣ ва рақамҳо афтод. Аммо дар он вақт дар шароити онрӯзаи райони Оби Гарм ӯ ба ин мақсадаш нарасид. Лекин дере нагузашта аввал алифбои лотинӣ ва баъд аз он ба асоси алифбои русӣ алифбои нави тоҷикӣ баромад, дар байни мардум ба осонӣ паҳн шуд ва калону хурд ҳама босавод шудан гирифтанд. Муҳаммаднозир, ки бо ҳамаи душвориҳои алифбои араб, вайро нисбатан ба зудӣ омӯхта буд, алифбои русӣ ва лотиниро аз ҳама пештар ва ба тарзи «бозӣ-бозӣ» омӯхт ва баъд аз он заёмҳои худро татбиқ мекардагӣ шуд. Сабаб ҳамин будааст, ки ӯ маро «заёмтатбиққунандаи беруна» гумон карда, ба ман шӯрида, муомилаи дуруштона карда будааст.

* * *

Баъд аз он ки Муҳаммаднозир саргузашти худро то ин ҷо ба ман нақл кард, ман аз ӯ аҳволи фарзандонаш ва ҳоло ба чӣ кор машғул будани онҳоро пурсидам. Ӯ ҷавоби ин пурсиши маро ҳам ба тафсил гуфта дод, ки ман нақли ӯро дар ин ҷо хулоса мекунам:

Ҳасан, Ҳусейн ва Ориф ҳар сеи онҳо ҳам мактаби миёнаи нопурраро тамом карда, дар колхоз кор мекарданд, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳар сеи онҳо ҳам ба сафи Армияи Советӣ рафтаанд ва ҳар сеи онҳо аз сафи армия сиҳат-саломат баргашта, бо хату саводи пурраи русӣ, ҷаҳондида ва корозмудашуда омадаанд.

Ҳозир писари калонаш Ҳасан дар водии Вахш дар як колхози муҳоҷирони ғармӣ раис шуда кор мекардааст, писари дуввумаш Ҳусейн дар райони Оби Гарм, дар як совети қишлоқ раис будааст ва писари саввумаш, ки соли гузашта як «мактаби калони деҳқонон»-ро (шояд Институти хоҷагии қишлоқ бошад) тамом карда омада будааст, дар вилояти Кӯлоб дар кадом район агроном таин шудааст.

Дар ман кунҷковии нависандагӣ ба ҳаракат омада,

аз пирамард ба пурсуков даромадам, то ки фаҳмам писарони ӯ дар кадом колхоз, дар кадом Совети кишлоқ ва дар кадом район кор мекардаанд?

Аммо пирамард шӯрид ва дар чеҳрааш аломати ранчиш пайдо шуд, аммо ин ранчиши худро бо ширинзабонии пиронаи кӯҳистонӣ пинҳон карда, ба ман чавоб дод:

— Чони азиз! Ман чӣ медонам, ки номи чои кори онҳо чист? Ман ҳамин қадарро медонам, ки писарони ман дар рӯзҳои торики нобудагӣ, дар зери дасти бойни фиребгари дурӯғгӯи ноинсоф, дар даврам амири золим ба дунйё омада, дар қатори ман ҳатто аз ман бадтар азоб кашиданд, оқибат дар дунйёи равшани советӣ баромада, соҳиби хату савод ва илму дониш шуда, рӯзи равшанро диданд. Ман ба ин фахр мекунам.

Дар ҳамин вақт як духтари қадраси точик, ки дар тан костюми зебо, бар сар аз болои тоқии гулдӯзии самарқандӣ сарандози ғичим дошт, ба пеши мо пайдо шуд ва ба ман бо табассуми шармгинонаи духтарокона бо овози паст салом дода, дарҳол чеҳраашро чиддӣ ва чашмонашро ба ҳам кашида ба мӯйсафед нигоҳ карда:

— Ин қадар дер мондӣ. Ман аз Институт кайҳо баромада будам, ҳамин ки нигарон шудам... Мабодо заёмҳоро гум накарда бошӣ? — гуфт.

Пирамард ба суханҳои духтар чавоб надода, ба ман нигоҳ карда ба гап даромад:

— Ин фарзанди «зери халтагии» ман аст, ки дар вақти босавод шудани ман ва бародаронаш, дар хонаводан босавод, дар замони Ҳукумати Советӣ рӯидааст. Бинобар илмаш аз бародаронаш зиёдтар аст. Дар қишлоқи худамон муаллимагӣ мекунад. Модарашро ҳам хату саводнок кард. Боз барои ду рӯз дар Сталинобод истода хондан омад ва ман ҳам фермаро ба дасти сарчӯпон супурда, як тамошо карда, бурдҳои зиёмҳоямро гирам» гуфта ҳамроҳ омадам,— мӯйсафед ба духтар нигоҳ карда, сухани худро давом дод: — ин амакат (маро нишон дода) маро ба гап гирифт, ман ҳам коҳҳои кӯҳнаро бар бод дода, лаққида мондам.

— Духтарам, дар ду рӯз дар Сталинобод чӣ ме-

хонӣ? — гӯён суол дода, дасти худро ба тарафи ӯ дароз кардам.

— Чеҳрамоҳ! — гӯён духтар ба ман даст дод ва мувофиқи таклифи ман дар паҳлӯям нишаста давом намуд. — Ман педтехникумро тамом карда муаллима шуда будам. Акнун дурӯза аз директори мактабам ҷавоб гирифта омадам, ки дар курси ғоибонаи пединститут қайд шуда, дар зимни корам таҳсили олӣ гирам.

— Бисьёр хуб! — гӯён ман духтарро ба хондан ташвиқ кардам, ба мӯйсафед барои ӯро ба гап гирифта аз роҳ мононданам узр гуфтам ва барои рафтан аз ҷо хестам.

Пирмард ва духтараш ҳам, ки баробари ман аз ҷо хеста буданд, духтар ба падараш наздик шуда, бо пичиррос задан намедонам ба гӯши ӯ чӣ гуфт, ки мӯйсафед ба духтар:

— Ҳоло ҳамин навъ гӯ-я, — гуфт ва ба ман хитоб кард, — домулло, як дақиқа истода ба ман гӯш деҳ! Ман «Дохунда»-и туро дар аввалҳои хату саводи арабӣ бароварданам, аз нусхаи арабиаш хондаам. Азимшоҳи ту Бурҳонбои ман ва Бозорат аз худи ман фарқ надорад. Фақат ман аз Бозори ту хушбахттар будаам, ки аз ҳамон дуньёи ҷаҳолат, зулм ва зулмот номурда баромада, ба ин дуньёи равшани пурнури советӣ расидам.

Мо аз ҳам ҷудо шудем.

## ХАЛҚИ СОВЕТӢ БА ТАРАФДОРИИ СУЛҲ БА МУҚОБИЛИ ҶАНГ ОВОЗ МЕДИҲАД[538]

*(Тарафдории сулҳ — тарафдории ҳаёти хушбахтонаи инсоният.)*

«Сулҳ» ва «ҷанг» — ин ду калимаи кӯтоҳи якҳиҷоӣ тамомаи зидди якдигар буда, дар айни замон ҳар як аз инҳо як олам маънии зидди ҳамдигарро ифода мекунанд.

Сулҳ — ин парвариши кӯдакон, таълиму тарбияи ҷавонон, осоиши пирон, хушбахтии оилагон, ободии ҷаҳон, аввалин шароити пешравии маданияту илму

маърифат ва ба иборати кӯтоҳ, сулҳ ҳаёти хушбахтонаи инсоният аст.

Ҷанг — ин бо фоҷиаҳои тоқатфарсо маҳв шудани кӯдакон, кушта шудани ҷавонон, бо азобу уқубат ба охир расидани ҳаёти пирон, бадбахтии оилагон, харобӣ ва вайронии ҷаҳон, нест шудани маданияту илму маърифат ва ба иборати кӯтоҳ ҷанг — бо ваҳшонияти гӯшношунида ва бо бадбахтиҳои чашмнадида маҳв кардани инсонният аст.

Оташдиҳандагони ҷанг — оташдиҳандагони ҷаҳон, кушандагони бачагон, ҷавонон, пирон, занон, духтарон, несткунандагони маданияту илму маърифат ва ба иборати кӯтоҳ оташдиҳандагони ҳаёти инсоният мебошанд.

Тарафдорони сулҳ — ободкунандагони ҷаҳон, бехавфу хатаркунандагони ҳаёт ва парвариши бачагон, ҷавонон, пирон, духтарон, занон, пешбарандагони маданияту илм, маърифат ва ба иборати кӯтоҳ тарафдорони сулҳ — ба вуҷудоранда ва таъминкунандагони ҳаёти хушбахтонаи инсоният мебошанд.

Сабаб ҳамин аст, ки ба муносибати маъракаи имзокунии Муроҷиатномаи Стокгольми Комитети Доимии Конгресси Умумиҷаҳонии тарафдорони сулҳ аҳолии мамлакати васеи советии мо ва аз ин ҷумла аҳолии Тоҷикистони советӣ монанди як ҷон, як тан ва як дил шуда ба по хестанд ва ба даст қалам гирифта, ба имзокунӣ шитобиданд.

Мамлакати васеи советии мо аз аввалин рӯзи ба вуҷуд омадани давлати советӣ, дар зери роҳбарияти партияи пуршарафи коммунистӣ ва роҳбарии бевоситаи доҳии бузурги инсоният — Ленин худро тарафдори сулҳ эълон кард ва ин сиёсати сулҳпарваронаи худро ба корҳои амалии худ дар муносибатҳои байналхалқӣ ба тарзи инкор карда нашуданӣ дар пеши ҷаҳониён исбот намуд.

Аз рӯзи аввали барпо шудани давлати советӣ то имрӯз ҳар ҷанге, ки мамлакати мо ба вай дучор шуд — хоҳ ҷангҳои гражданӣ бошад ва хоҳ ҷангҳои ба муқобили интервентони истилогар ва фашистони одамхӯри гитлерӣ — ҳамаи инҳоро ба гардани мамлакати мо бо зӯрӣ бор карданд. Аммо оқибати ҳамаи

ин ҷангҳо ҳаминро нишон дод, ки халқи советӣ аз ҷанг наметарсад, бо ҳаргуна қурбониҳо ва ҷонбозиҳо ҳам бошад, дар охир ғалабаи пурраро ба даст медарорад. Хусусан, мудофиаи Ватан дар муқобили Гитлери ваҳшии ҷаллод, ки бо тамоми қувваи техникии Европа хоинона ба мо ҳуҷум оварда буд ва иттифоқчиёни мо дар ҳақиқат дар ин ҷанг тамошобин шуда нишаста буданд, ин хислати халқи советӣ, мамлакати советӣ, давлати советӣ ва армияи пуршаъну шарафи қаҳрамони советиро ба хубӣ исбот кард.

Ҳамаи ин воқеаҳо ҳаминро нишон медиҳанд, ки тарафдори сулҳ будани халқи советӣ аз тарс набуда, балки холис барои ҳимоя кардани ҳаёти хушбахтонаи инсоният аст. Оре, халқе ки дар зери роҳбарияти партияти Ленин тарбият ёфтааст, албатта тарафдори сулҳ, тарафдори ҳаёти хушбахтонаи инсоният мешавад.

## МУБОРИЗА БАРОИ СУЛҲ ШИДДАТНОК ШУДА ИСТОДААСТ [517]

Имрӯз дар дунъё аз одамони оддӣ, аз одамони покviҷдони инсонпарвар касе намонд, ки аҳамияти сулҳро нафаҳмида бошад ва барои сулҳ ва ба муқобили оташдиҳандагони ҷанг муборизa набарад. Зотан, ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ, ки даҳҳо миллион одамонро — ҷавонон, занон, бачагон ва пиронро ба куштан дод, ҳазорҳо шаҳр ва қишлоқҳоро сӯхта хокистар карда ва миллиардҳо дороии моддӣ ва маданӣ, ки маҳсули дастранҷи якумрии меҳнаткашон буд, несту нобуд намуд — чашми оммаи одамонро кушода буд. Ҳама аз ҷанг нафрат мекарданд ва ба гитлерчиён, ки даргиронандаи оташи ҷанги ҷаҳонии дуввум буданд, лаънат мефиристоданд.

Сабаб ҳамин буд, ки мағлубияти гитлерчиён ҷашни умуми рӯи ҷаҳон гардид ва мардуми рӯи ҷаҳон ҷазо дидани ҷиноятконрони ҳарбии гитлериро бо намоишҳои шодиёна пешвоз гирифтанд.

Дар он вақт аз одамони оддии рӯи дунъё касе гумон надошт, ки дар оянда ягон ҳукмдори ягон мамлакат ба тарафи ҷанг майлон ва барои ҷанги саввуми

ҷаҳонӣ тайёрӣ бинад ва худро дар қатори ҷинояткорони ҳарбии гитлерӣ дароварда ба ҷазои одилонаи омма сазовор гардонад.

Афсус, ки ин некбинии мардумони оддӣ, одамони поквиҷдон нодуруст баромад ва ҳанӯз ҷасадҳои ҷинояткорони ҳарбии гитлерӣ аз дор фуроварда нашуда империалистони Америка ва Англия ба ҷанги саввӯми ҷаҳонӣ тайёрӣ дидан гирифтанд. Ва ин хунхорони беҳаё дар шахсияти президент Трумэн[538] ба бомбаи атомӣ, ки дар ҷанг ҳеҷ хислати мудофиагӣ надорад ва фақат барои қир кардани миллионҳо одамони осуда ва тарконданн мамлакатҳои маданӣ ба кор меравад, мефахриданд, ки «мо бо ин бомба дуньёро чунон хароб ва одамонро чунон қатли ом кунем, ки Гитлер садьяки онро накарда бошад» ва ин оташдиҳандагони ҷанг, бо ин бомбаи худ одамонро тарсонда, ба худ ғулом кардан ва ба рӯи дунье бо зӯрӣ ҳоким шудан мехостанд.

Одамони оддии дунье ба ин намоиши хиенаткоронаи оташдиҳандагони ҷанги саввӯми ҷаҳонӣ ором наистоданд ва онҳо донистанд, ки сулҳ фақат бо орзу ва бо хоҳиши хушк барқарор намешавад ва бинобар ин бо номи «тарафдорони сулҳ» ташкил шудан гирифтанд, ки дар натиҷа конгресси умумиҷаҳонии тарафдорони сулҳ ба вуҷуд омад ва дар андак муддат ташкилоти тарафдорони сулҳ аз шашсад миллион зиедтар одамони поквиҷдони сахтиродаи ҷаҳонро дарбар гирифт, ки онҳо барои барқарор ва пойдор кардани сулҳи умумӣ фаъолона кор карда истодаанд.

Халқҳои советии мо, ки аз рӯзи аввали ташкил шудани давлати советӣ, дар мамлакат дар кирдор ва гуфтори худ, ҳамеша тарафдори сулҳ шуда омаданд, дар ин походи умумии тарафдорони сулҳи ҷаҳон отряди пешгард шуда ба майдон даромаданд. Одамони советӣ на танҳо ба мурочиатномаи Стокгольмии Комитети Доимии тарафдорони сулҳи ҷаҳон имзо намуда, дар андак муддат шумораи имзои худро ба зиеда аз 115 миллион расониданд, балки инҳо ба номи вахтаи сулҳ меҳнати социалистии худро ба дараҷаи ба назар намоен афзуданд. Афзоиши меҳнатӣ ба номи сулҳхоҳӣ аз шаҳрҳои пойтахтӣ, аз марказҳои саноатии мамла-

кати васеи мо то колхозҳои республикаҳои каноре баробар пеш рафта истодааст. Дар ин бора мо аз колхозҳои Тоҷикистони советии худамон мисол биёрем, кифоя аст.

Дар аввалҳои сентябри ҳамин сол ман бо яке аз колхозчиёни пахтакори Тоҷикистон сӯҳбат карда, аз вай рафти кори колхозҳои пахтакори Тоҷикистонро пурсидам. Ӯ ба бағали худ даст даровардаистода гап сар кард.

— Мо,— гуфт ӯ,— ваъда дода будем, ки имсол аз порсола зиёдтар пахта диҳем ва ҳосили пахтаро пештар аз мӯҳлаташ ҷамъ карда ба давлат супорем. Вақте ки ба муроҷиатномаи Стокгольмии Комитети Доимии тарафдорони сулҳ имзокунӣ сар шуд, мо колхозчиён монанди ҳамаи меҳнаткашони советиамон, хостем, имзои сулҳхоҳии худро бо вусъат додани базаи иқтисодии мамлакати советиамон устувор намоем ва ба ҳамин мақсад пахтарасонӣ ва пахтағундории худро боз ҳам ривоҷ додем.

Ҳамсӯҳбати колхозчии ман ду шумораи газетаи «Тоҷикистони сурх»-ро аз бағали худ бароварда, дар пеши ман кушода монд. Яке аз ин газетаҳо шумораи 27 сентябрь баромадаи соли 1949, дигараш шумораи 27 сентябрь баромадаи соли 1950 буд. Ин колхозчӣ, ки аз районҳои шимолии Тоҷикистон буд, аз тарафҳои худ ба тарзи мисол районҳои Ашт, Конибодом, Исфара ва Ленинободро нишон дода давом намуд:

— Бинед! Мо имсол назар ба соли гузашта дар пахтағундорӣ чӣ қадар кӯшиши худро афзудаем!

Ман рақамҳои маълумотии дусолаи районҳои мазкурро аз назар гузаронида, ба фактҳои зерин рост омадам: Ашт, ки дар 27 сентябри соли 1949 процентн пахтағундориаш 34.1 будааст, дар 27 сентябри 1950 процентн ӯ ба 69,5 расидааст. Конибодом ба муқобили 17,6 порсола ба 40,5, Исфара ба муқобили 6,4 ба 23,9, Ленинобод ба ҷои 9,7 порсола, имсол ба 46,1 расидааст.

Ман он ду шумораи газетаро ба дасти худ гирифта рақамҳои маълумоти дар як вақт баромадаи дусоларо аз назар гузаронида, дар ҳамаи районҳои шимолӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ин фарқи намоёнро

дидам. Дар вақте ки империалистон тамоми дороии мардумро, маҳсули меҳнаткашон ва хазинаи мамлакатро ба тайёрии ҷанг — яъне барои хароб кардани дунъё ва куштани одамон сарф карда истодаанд, халкҳои сулҳдӯсти советӣ ба сохтмонҳое, ки мисташон то ҳол дар дунъё дида нашудааст, тайёрӣ мебинанд. ГЭС-ҳои Куйбышев ва Сталинград, канали ҷанубии Украина ва Шимолии Қрим ва сарканали Туркманистон сохтмонҳоеанд, ки халқи моро ба саодати бепоён, ба ҳаёти коммунизм мерасонанд.

Ҳуҷуми рӯйрост ва ғоратгаронаи империалистони Америка ба Корея ҳаракати сулҳҷӯёнаи одамони рӯи дунъёро боз ҳам зиёдтар ва шиддатноктар кард. Ҳазорон занон, бачагон ва пирон, ки дар Корея дар зери бомбабории хунхорони Америка пора-пора шуда истодаанд, шаҳрҳо, деҳаҳо, мактабҳо, беморхонаҳо ва фабрику заводҳо, ки аз тарафи харобкорони ваҳшӣ таркида ва сӯхта нобуд шуда истодаанд, дар пеши назари оммаи одамони рӯи дунъё, манзараҳои пурфоҷиаи умумиҷаҳониро наздик оварда истодааст. Одамони оддӣ ва поквиҷдони рӯи дунъё равшан дида истодаанд, ки агар суст монанд, агар ба зудӣ пеши роҳи оташдиҳандагони ҷангро нагиранд, дере нагузашта ин фоҷиаҳо ба сари худашон ва ба сари умуми инсоният хоҳад омад.

Бинобар ин муборизаи тарафдорони сулҳ боз ҳам шиддатноктар, шумораашон боз ҳам зиёдтар ва тайёриашон ба Конгресси дуввӯм боз ҳам фаъолонатар шуда истодааст.

Ҳозир ҳаракати мо, на танҳо дар мамлакати демократӣ ва на танҳо дар мамлакати мустамлика ва ниммустамлика, балки дар худи ҳамин мамлакатҳои империалистӣ ҳам, ки ҳукмдоронашон оташдиҳандагони ҷанг мебошанд, боло гирифт.

Дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ки ҳукмдорони вай ташкилдиҳандаи ҷанги ҷаҳонии саввӯм буда, феълан ба Корея оташу хун рехта истодаанд ва дар дохил тараққипарварон ва сулҳхоҳонро таъқиб намуда дар зери террор гирифтаанд, низ ҳаракати тарафдорони сулҳ боло гирифта истодааст.

Мо дар ин хусус ба тарзи мисол якчанд калимаро

аз баённомаи партияи тараққипарвари Америка мисол меорем. Дар як ҷои баённомаи мазкур гуфта шудааст: «...Агар халқи Америка пеши ин ҷангро нагирад (ҷанги Корея, С. А.), ин авантюраи пурдахшат, ки пулдорони калон ва ҳарбиҳо мамлакатамонро ба вай гирифтор кардаанд, аз тамоми инсоният қурбониҳои калон талаб карданаш муайян аст, лекин аз ҳама зиёдтар зарбаи сахт ба халқи мо (ба халқи Америка, С. А.) ворид меояд».

Дар баённомаи мазкур ин калимаҳо аз забони партияи тараққипарвар навишта шуда бошад ҳам, дар ҳақиқат инҳо ифодакунандаи мақсади ҳамаи меҳнаткашони Америка мебошад. Ҳозир оташдиҳандагони ҷанг аз тамоми халқи ҷаҳон ва аз ин ҷумла аз халқи худашон ҳам ҷудо шудаанд. Онҳо бо техникаҳои ҳарбиашон, бо бомбаи атомиашон, бо сарфи долларҳояшон ва бо харидани ҳокимони баъзе мамлакатҳо, ки аз халқашон ҷудо шудаанд, ба дунъё ҳоким шуда ба мақсади мурдори худ расида наметавонанд. Ба ин кори онҳо тарафдорони сулҳ ва одамони оддӣ, ки тамоми вазнинии ҷанг ба сари онҳо хоҳад бор шуд, роҳ намедиҳанд. Фақат ин гарданшахони якраҳаи хунхор, ки ба муқобили тамоми халқҳои ҷаҳон ҷиноятҳо тайёр карда истодаанд, барои худ нафрат, лаънат, рӯсиёҳӣ ва бадномии абадиро тайёр мекунанд. Чунки мубориза барои сулҳ шиддат ёфта истодааст ва инсоният барои ин нобакорон дорҳоеро, ки барои ҷиноятқорони ҳарбии гитлерӣ рост карда буд, барпо карда истодааст.

## СУЛҲХОҲИИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН[139]

Оташдиҳандагони ҷанги нав — империалистони Америка ва Англия тамоми дороии мамлакатҳои худ ва мамлакатҳои маршаллӣ кардаашонро ба тайёр кардани ҷанги нав сарф карда истодаанд. Қисми калони ин тайёриҳо ба тайёр кардани асбоб ва аслиҳаҳои нави техникавии одамкушӣ ва дунъёхаробкунӣ нигаронида шудааст.

Ин ваҳшиёни хунхор аз ҷангҳои гузашта ҳанӯз ибрат нагирифтаанд, ки техникаи беодам ба чизе ба кор намеравад. Одамҳои оддии рӯи дунъё, ки ҷангҷӯ-

ён ҳамеша аз онҳо еми тӯп тайёр мекарданд, ба ҷанг муқобил буда, ба мустаҳкам кардани сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ миёни худро маҳкам бастаанд. Аз рӯи ахбороти охирини Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ маълум мешавад, ки ба Мурочиатномаи Совети мазкур дар бораи аҳдномаи сулҳ бастани панҷ давлати бузург қариб 500 миллион одам имзо кардааст. Ин факт ҳаминро нишон медиҳад, ки 500 миллион одами бошуур ва сахтиродаи ҷаҳон ба еми тӯп шудани башарият ва хароб карда шудани дунё муқобил истодаанд — ба иборати дигар инҳо намегузоранд, ки якчанд сад нафар зарпарастон ва доллардӯстон барои боз ҳам бойтар шудани худ одамони дунёро — мардон, занон, пирон ва кӯдаконро бомбаборон кунанд ва дунёро, ки бо меҳнати оммаи мардум дар муддати чандин аср обод шудааст, дар якчанд рӯз сӯзонда, тӯдаи хокистар гардонанд.

Бештарин умеди оташдиҳандагони ҷанги нав ба мамлакатҳои маршаллӣ кунонидашудаи Европаи Ғарбист, ки ҳокимони он ҷоҳоро бо доллар харида гирифта, базаҳои одамкушии худро дар ҳамон ҷоҳо тайёр карда истодаанд.

Ва ҳол он ки аксарияти одамҳои оддии ин мамлакатҳо ба ҷанг муқобиланд. Дар Италия ба Мурочиатномаи Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ имзо кардани 14 миллион одамони қаҳрамон ва ба Мурочиатномаи мазкур имзо кардани чандин миллион ватандӯстон ва инсониятпарварони Франция, Бельгия, Голландия ва дигар ҷоҳо ҳаминро нишон медиҳад, ки бо кӯшиши ин одамҳо ин базаи одамкушии оташдиҳандагони ҷанг хароб хоҳад шуд.

Ба сулҳҷӯии мамлакати васеи советии мо бошад, ҷои гап нест. Ин мамлакати гул-гул шукуфта ва торафт тараққӣ кардаистодаи мо, чунон ки аз рӯзи ба вуҷуд омадани Ҳокимияти Советӣ боз тарафдори сулҳ буд, ҳозир, ки хавфи ҷанг зиёдтар шуда истодааст, азм ва иродаи худро барои мустаҳкам кардани сулҳи ҷаҳон боз ҳам қавитар карда, пешгарди сулҳҷӯёни ҷаҳон шудааст.

Халқҳои қаҳрамони советӣ ба нигоҳдории амнияти ҷаҳон чунон мустаҳкам камар бастаанд, ки ғулғулаандозии ҷангҷӯёни игвогар—империалистон ба азм

ва иродаи инҳо ҳеҷ халал расонида наметавонад. Ба сохтмонҳои бузурги коммунизм — ба станцияҳои электрикии обии Куйбышев, Сталинград, ба каналҳои Волга, Днепр ва Канали Калони Туркманистон, ки аҳамияти ҷаҳонӣ доранд, бо дилпурии қавӣ машғул шудани халқҳои советӣ нишонаги намоёни сулҳҷӯии инҳост.

Чунон ки дар қарори пленуми дар наздикӣ гузаронидашудаи Комитети Советии Муҳофизати Сулҳ қайд карда шудааст, ҳамаи одамони советӣ ба Мурочиатномаи Совети Умумиҷаҳонии Сулҳ дар бораи Муоҳидаи Сулҳ бастани панҷ давлати бузург имзо намуд, «бо ҳамин як дафъаи дигар таъкид мекунад, ки тайёранд бо роҳбарии партияи Ленин кори сулҳ ва амнияти халқҳоро нигоҳдорӣ кунанд...»

Сулҳхоҳии халқҳои ҷаҳон бо пешгардии халқҳои Советӣ — марги оташдиҳони ҷанги нав аст.

## ҶАШНИ ТАЪРИХӢ [240]

«Тоҷикон таърихи бой доранд, лаёқатҳои ташкилотӣ ва сиёсии онҳо дар гузашта барои ҳеҷ кас пӯшида нест.

Коркунони Тоҷикистон! Маданияти мамлакати худро баланд бардоред, хоҷагии онро тараққӣ диҳед, ба меҳнаткашони шаҳру қишлоқ ёрӣ расонед, беҳтарин фарзандони Ватанро дар атрофи худ муттаҳид намоед ва ба тамоми Шарқ нишон диҳед, ки шумо беҳтарин авлодони аҷдодҳои худ мебошед, ки байраки озодиро дар дасти худ мустаҳкам нигоҳ доштаед».

Ин даъвати рафиқ Сталин программаи ҷанговаронаи мо гардид. Халқи тоҷик аз асорат тамоман озод шуда, дар замони ҳокимияти советӣ соҳиби ғалабаҳои азим шуд.

Моро лозим аст, ки аҳволи пурмалоли пеш аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрь доштаи тоҷиконро ба ёд оварем, то ки ба тариқаи муқоиса қимати баланди комьёбиҳои дар айёми советӣ ба даст даровардаи вай равшан маълум шавад.

Маълум аст, ки оммаи халқҳои Россияи пештара, хусусан халқҳои мустамликаҳои империя дар замони

чорӣ дар ғояти мазлумӣ, беҳуқуқӣ ва бемаданиятӣ буданд. Аммо аз ҳамаи онҳо мазлумтар, беҳуқуқтар ва аз маданият дурафтодатар тоҷикон ба шумор мерафтанд. Чунки тоҷикон ҳам аз шиканҷаи амир ва амалдорони ӯ, ҳам аз дасти мустамликачёни чорӣ, ҳам аз панҷаи бойҳо, муллоҳо ва эшонҳои маҳаллӣ ва ҳам аз шароити табиат зулм медиданд, тороҷ меёфтанд, фиреб мехӯрданд ва азоб мекашиданд.

Тоҷикони кӯҳистон аз дасти табиат ва шароити ҷуғрофӣ он қадар машаққатҳо мекашиданд, ки садьяки онро халқҳои дигари Осиёи Миёна накашидаанд. Тоҷикони кӯҳнишин аз воҳа[541] бо пуштора бар сари кӯҳ хок кашонда, бар рӯи санг паҳн карда дар вай гандум ё ҷав мекиштанд. Аз тороҷи амирӣ боқимондаи ҳосилоти ин гуна деҳқонӣ (агар инро деҳқонӣ номидан мумкин бошад) барои хӯроки як ҳафтагиашон ҳам намерасид. Ҳафтаҳо ва моҳҳо боқимондаи солро бо решаҳои гиёҳҳои кӯҳӣ ва бо тутмавиз мегузарониданд. Бероҳӣ барои халқи асосии Тоҷикистон як «балои ногаҳонӣ», «қазои осмонӣ» буд. Вақте ки онҳо аз деҳе ба деҳе ё аз шаҳре ба шаҳре ҳаракат кардан мехостанд, маҷбур буданд аз болои овангҳои[542] сабадӣ, ки худ бо техникаи ибтидоии худ, ки дар камарҳои кӯҳи сар ба фалак кашида баста буданд, гузаранд. Табиист, ки дар ин гуна сафарҳо ҳар сол садҳо нафар тоҷик аз болои ованг ғелида, ба қаъри оби бепоёби зерикӯҳӣ афтода, бенному нишон аз дунъё мерафтанд ва азбаски ингуна ҳодисаҳо бисьёр рӯй медоданд, дар назари зиндамондагон ин фалокатҳо аҷиб нанамуда, як кори табиӣ ба шумор мерафтанд.

Бесабаб нест, ки яке аз донишмандони пурдидаи халқи тоҷик бар қуллаи кӯҳи хеле баланд (дар ҷое ки дар даврони советӣ дар он ҷо роҳи мошинагузар кашида шудааст) байти зебои Мирзо Абдулқодири Бедилро мувофиқи мақом ёфта, дар санг канда нақш карда мондааст:

> «Як қадам роҳ аст. Бедил, аз ту то домони марг,
> Бар сари мижгон чу ашк истодай, хушьёр бош!»

(Нақшкунандаи ин байт равандагони он роҳро ба қатраи ашки сари мижгон, ки ба афтода маҳв шуда рафтан маҳкум аст, монанд кардааст).

Дар ин гуна шароит, дар он замон — дар замони пеш аз Революцияи Кабири Социалистии Октябрь аз илм ва маориф гап задан барзиёд аст. Сабаб ҳамин буд, ки дар байни оммаи тоҷикон саводнокон ба дараҷаи нест гуфтан кам буданд ва чунон ки мегӯянд «саводнок барои дору ҳам ёфт намешуд».

Революцияи Кабири Октябрь ҳамаи он аҳволи фалокатиштимолро аз беху бун барканда дар ҷои вай як ҷаҳони нави пурбахту саодат бунёд кард. Ҳоло дар ҳамаи гӯшаю бешаҳои кӯҳии Тоҷикистон ҳаргуна роҳҳои маданӣ ва аз ин ҷумла роҳҳои автомобильгузар кашида шудааст, ки мардум хоҳанд бо самолёт, хоҳанд бо роҳи оҳан ва хоҳанд бо машина сафар мекунанд.

Он тоҷиконе, ки пештар бо пуштора хок кашонда, дар як сол ба зӯр хӯроки якҳафтаинаи худро ба даст меоваранд, ҳоло дар шароити колхозӣ ғалла ва донаи солоноашонро пешакӣ ва барзиёд дар анбори худ тайёр доранд. Он Тоҷикистоне, ки пеш аз Октябрь ғайр аз чанд дӯкони бофандагӣ, дӯзандагӣ, харротӣ ва оҳангарии ибтидоии дастӣ дигар саноате надошт, ҳоло ҳамагуна саноатҳои фабрикӣ ва заводиро ва инчунин саноати кӯҳиро доро мебошад. Он Тоҷикистон, ки дар замони амирӣ дар вай «хату саводнок барои дору ҳам ёфт намешуд», дар даврони советӣ гӯшаю канорҳояш бо мактабҳои ибтидоӣ, миёнаи нопурра ва пурра пур шуда дар районҳо ва шаҳрҳояш техникумҳо, институтҳо ва ҳаргуна мактабҳои олӣ ва миёнаи ихтисосӣ ва инчунин дар маркази республика Университети Давлатии Тоҷикистон кушода шуд, ки аз ин муассисаҳои илмӣ ҳазорҳо ҷавонони бо илму маърифат ва садҳо мутахассисони соҳаҳои гуногун расида баромада истодаанд.

Ниҳоят, мо имрӯз шоҳиди кушода шудани Академияи Фанҳои Тоҷикистон ҳам шуда истодаем, ки ин маросими ҷашни таърихии маданияти советии халқи тоҷик ба шумор меравад. Ин ҳама комьёбҳои халқи тоҷик, ки мо дар боран баъзеи онҳо ба тарзи умумӣ гап зада гузаштем, чунон ки дар боло қайд карда шуд, фақат дар замони ҳокимияти советӣ ба вуҷуд омад. Аммо агар мо то солҳои 1930 дар ҷанг бо босмачён

ва умуман дар мубориза ба муқобили боқимондаҳои амирӣ ва намояндагони империалистони хориҷӣ, ки онҳо бо яроқҳои оташфишон ба муқобили Тоҷикистони советии ҷавон ҳуҷум оварда буданд, машғул будани халқи тоҷикро ба назар гирем, дар муддати 20 соли охирин ба вуҷуд омадани ин ҳама тараққиёти таърихиро мебинем.

Дар муддати 20 сол аз мактаби ибтидоӣ то ба Академияи фанҳо расидан — танҳо худи ҳамин як манзараи бисёр аҷиб, як факти бисёр дурахшон аст. Ин гуна суръати тараққӣ дар дунё дар шароити оддӣ як чизи ношуниданист, ки инро танҳо даврони советӣ ба вуҷуд оварда метавонист ва ба вуҷуд овард...

Ба иборати дигар, тараққиёти Тоҷикистон умуман ва аз ин ҷумла тараққиёти маориф ва маданияти вай дар муддати 20 сол аз дараҷаи мактаби ибтидоӣ то ба дараҷаи Академияи фанҳо фақат дар шароити ҳокимияти советӣ, дар зери роҳбарияти партияи пуршаъну шарафи коммунистӣ, бо ёрии пай дар пай халқи кабири рус ба вуҷуд омад.

Халқи тоҷик ба муносибати ин ҷашни таърихии маданияти советии худ боз як бори дигар дар ҳамаи комьёбиҳои худ аз ҳокимияти советӣ ва аз партияи пуршӯҳрати Ленин, аз халқи кабири рус миннатдор будани худро изҳор мекунад.

# Эзоҳот

[1] *«Шӯълаи инқилоб»* — журнали ҳафтаинаи Партияи Коммунистӣ буд, ки дар Самарқанд аз 10 апрели соли 1919 то моҳи декабри соли 1921 баромадааст. Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода (сармуҳаррир). Ҳоҷӣ Муин ва чанде дигар ходимони асосӣ ва доимии ин журнал буданд.

С. Айнӣ дар ин журнал бо имзоҳои зерин мақолаҳои худро чоп намудааст: «С. Айнӣ», «С. М.», «Қ. С.», «С. Х.», «С», «Х», «Қ. А.», «С. Қ.», «С. А.» (Ниг. С. Айнӣ. Куллиёт, ч. 1, эзоҳҳои 83, 85). Дар ин бора муаллиф дар як қайди онд ба мундариҷаи «Шӯълаи инқилоб» чунин гуфтааст:

«Мақолаҳои ман дар маҷаллаи «Шӯълаи Инқилоб» аз шумораи 23 (соли 1919, 7 декабрь) сар мешавад. Бештарин бо имзои «Син-Мим» (аз басти номи падарам «Саидмурод» буд, аз унвони «Саидмуродзода» ду ҳарфи мустаор гирифта шуда буд) ва гоҳо бо имзои мустаори «Қоф-Син», гоҳо бо имзои мустаори «Син-хо», «Син», «хо», «Син-қоф», «Сод-Айн» ва ҳам бо имзо «Сод Айнӣ» то баста шудани маҷалла — то шумораи 91 (8 декабри соли 1921) ду соли пурра давом кардаанд. Айнӣ...

Бо имзои «Қоф-Алиф» ҳам баъзе мақолаи ман чоп шудааст ва як мақолае, ки бо ин имзо чоп шудааст, «Инқилоби Октябр ва олами шарқ» сарлавҳа дорад. (дар шумораи 55)».

Дар бораи иштироки С. Айнӣ ва дигарон дар кори «Шӯълаи инқилоб» дар мақолаи «Аз тарафи идора» (шумораи 23, 1919, 7 декабрь) чунин навишта шудааст:

«Ҳар кас шумораи 22 маҷаллаи моро хонда бошад, албатта дар саҳифаи ҳаштӯми он худоҳофизии моро, ки бо хонандагони худ кардаем, мулоҳиза намудааст. Дарвоқеъ мо баъд аз нашри шумораи 23, қаламӣ шикаста, бастаи худро дар канор гузошта, аз майдони матбуот, ки ҳамчун мо нигорандагони нокобилро дар он ҷавлон кардан осон нест, берун рафта будем. Зеро идораи як маҷаллаи сиёсӣ ва иҷтимоиро ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ таъмин намудан аз қуввати як нафар, он ҳам ноқис ва бетаҷриба, албатта хориҷ буд. Гузашта аз ин аҳамият надодани хонандагон ба маҷалла ва дареғ доштани онҳо аз додани маблағи ҷузъӣ барои вай, дили моро чунон сард намуда буд, ки ёрон ба даст гирифтани қаламро надоштем ва дар ин сурат аз давоми маҷалла умедҳоморо сахт канда будем. Вале чанд нафар аз ҳам-

маслакони мӯҳтарам ва хусусан, рафиқу ҳамқалами мо Ҳоҷӣ Муин-Афандӣ розӣ нашуданд, ки маҷаллаи ночизи «Шӯълаи инқилоб», ки муддате бо ҳимояти онҳо муштаил буд, икбора хомӯш шавад; ба воситаи бюрои вилоятии мусулмонон ба ҷоҳои лозима муроҷаат карда, асбоби давоми маҷалларо фароҳам овярданд ва ӯро пас аз мурдан зинда сохтанд. Ин ҳаммаслакони гиромӣ маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб»-ро на танҳо аз ҷиҳати моддӣ таъмин намуданд, балки аз ҷиҳати маънавӣ низ ба таъмини он кӯшиданд. Чунончи, рафиқонамон Айнӣ, Мухторӣ ва Муҳаммадӣ ваъда доданд, ки саҳифаҳои маҷалларо бо мақолаҳои судманди хеш оро иш бидиҳанд. Умедаст, ки бо ёрӣ ва ҳамроҳии ин рафиқони матбуотпарвар дурахшандагии «Шӯълаи инқилоб» фузунтар гардида, боиси хушнудии муштариёнаш бишавад. Мо дар муқобили ин хидмати шоистаи ишон аз таҳи дил изҳори ташаккур намуда, мегӯем: «Зинда бод ходимони матбуот!».

Пас аз ин мақола дар ҳамон шумораи «Шӯълаи инқилоб» мақолаи «Танвири афкор»-и С. Айнӣ бо имзои «Син-Мим» интишор гардидааст.

[2] *(Инқилоб офтобро монад)* — ин шеър, ки ба журнали «Шӯълаи инқилоб» бахшида шудааст, дар шумораи 26-ӯми ҳамон журнал (29 декабри соли 1919, саҳ. 5) бо имзои «С. Айнӣ» чоп гардидааст.

[3] *«Оташи инқилоб»* — ҳарчанд С. Айнӣ дар қайди худ зикр намудааст, ки «мақолаҳои ман дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» аз шумораи 23 (соли 1919, 7 декабрь) сар мешавад», вале «Оташи инқилоб», ки дар шумораи 15 (13 июли 1919) «Шӯълаи инқилоб» дарҷ гардидааст, низ бояд аз С. Айнӣ бошад, зеро дар охири мақола имзои «Алиф-Син» гузошта шудааст.

[4] *Деникин* — А. И. Деникин (1872—1947) — генерал-лейтенанти армияи подшоҳӣ, яке аз саркардаҳои ҳаракати зиддиинқилобии гвардиячиёни сафед мебошад. Пас аз ғалабаи революцияи Октябрь бо ҳамроҳии М. В. Алексеев ва Л. Г. Корнилов дар Дон ба ном армияи ихтиёриёнро ташкил намуд ва дар соли 1919 бо ёрии Антанта ба Москва ҳуҷум овард. Армияи Деникин торумор шуда, худи ӯ дар моҳи апрели соли 1920 ба Англия муҳоҷират кард.

[5] *Порис* — Париж.

[6] *Қолчоқ* — А. В. Колчак (1873—1920) адмирали флоти подшоҳӣ, яке аз саркардаҳои ҳаракати зиддиинқилобии гвардиячиёни сафед ва гумоштаи Антанта мебошад. Дар моҳи ноябри соли 1918 дар Сибирия ва Шарқи Дур диктатураи ҳарбӣ барқарор намуд. Дар моҳи январи соли 1920 армияи Колчак тамоман торумор гардид ва худи ӯ бо қарори комитети революционии ҳарбии Иркутск парронда шуд.

[7] *Сибирия* — ноҳияҳои Сибирь.

[8] *Давлатҳои муттафиқ* — давлатҳое, ки иттифоқҳои Антантаро ташкил карда буданд.

[9] *Керенский* — А. Ф. Керенский (тав. 1881) сардори ҳукумати муваққатаи буржуазии Россия дар соли 1917; эсер, касбаш

адвокат. Дар ҳайати аввалаи ҳукумати мувакқата — вазири адлия, дар ҳукумати коалиционии якум — вазири ҳарбӣ ва баҳрӣ; пас аз рӯзҳои июнии соли 1917 раиси вазирон ва аз моҳи сентябрь ҳамчунин сарфармондеҳи олӣ ба шумор мерафт. 7 ноябрь аз Петроград гурехта, бо ҳамроҳии Краснов балвои зиддисоветӣ бардошт ва пас аз мағлубият ба хориҷа муҳоҷират намуд.

[10] *Аксариюн* — большевикҳо. (Дар солҳои аввали ҳокимияти Советӣ бисьёр истилоҳҳои нави сиёсӣ ва революциониро тарҷима мекарданд. Яке аз ин қабил истилоҳҳо калимаи «большевик» буд, ки «аксариюн» тарҷима шудааст).

[11] *Олмон* — Германия.

[12] *Вилсон* — Уилсон Вудро Вильсон (1856—1924) ходими давлатии Америка, ки дар солҳои 1913—1921 аз партияи Демократӣ президенти ШМА интихоб шуда буд. Яке аз ташкилкунандагони ҳуҷуми мусаллаҳонаи зидди Россияи Советӣ мебошад.

[13] *Таътили коргарон* — корпартоии коргарон.

[14] *Она-тӯлӣ* — нимҷазираи Анатолия.

[15] *Муованат* — ҳамдигарро ёрӣ кардан ва ёрӣ додан.

[16] *Англитра* — Англия.

[16а] *Азл* — истеъфо.

[17] *Бӯсна* — Босния (дар Югославия).

[18] *«Танвири афкор»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 23 «Шӯълаи инқилоб» (7 декабри 1919) бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[18а] *Соиб* — рост.

[19] *Лиҳоф* — кӯрпа.

[19а] *Танвир* — мунаввар кардан, равшан намудан. Танвири афкор — маърифат, маориф.

[20] *Тазйид* — афзун кардан, зиёд кардан.

[20а] *Мутаъаддид* — сершумор.

[21] *Музояқа* — душворӣ.

[22] *Саман* — ҳаштьяк.

[23] *«Ҳукумати Шӯрои ба мо чӣ дод?»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 24 «Шӯълаи инқилоб» (15 декабри соли 1919, саҳ. 1—4) бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[24] *Карья* — деҳа.

[25] *Фирқа* — ин ҷо ба маънои гурӯҳ.

[26] *Хафья* — шахси пинҳонӣ, ҷосус.

[27] *дар солҳои* — Дар поёни саҳифаи 6 шумораи 25 «Шӯълаи инқилоб» бо қалами муаллиф чунин тасҳеҳ дарҷ гардидааст:

«Дар сармақолаи шумораи 24 дар тахти сарлавҳаи «Ҳукумати Шӯрои ба мо чӣ дод?» дар саҳифаи аввал, сутуни аввал, сатри 17 ба ҷои «ва дар солҳои» саҳван «ва рисолаҳои» навишта шудааст».

Мо дар матн аз рӯи ин тасҳеҳ ба ҷои «ва рисолаҳои», «ва дар солҳои» дохил намудем.

[28] *Посира* — бахш, дар ин ҷо ба маънои захира.

[29] *Бидаот* — ҷамъи бидъат — амал ва кори нави бефоида.

[30] *Хаммор* — шаробхӯр, майпараст.

[31] *«Байъи ҷоизи шаръӣ»* — фурӯхтани чизе мувофиқи қонуни шариат.

[32] *Аромина* — арманиҳо.

[33] *Николай* — Николаи II Александрович (1868—1918) охирин императори Россия, ки аз соли 1894 то соли 1917 ҳукмронӣ кардааст. Дар натиҷаи революцияи февралӣ аз тахт афтода, 17 июли соли 1918 дар Екатеринбург (ҳозира Свердловск) бо қарори Совети вилоятии Уральск парронда шуд.

[34] *дар сафҳаи таърих мемонд* — Дар поёни саҳифаи 6 шумораи 25 «Шӯълаи инқилоб» бо қалами муаллиф чунин тасҳеҳ дарҷ гардидааст:

«Дар сармақолаи шумораи 24 дар тахти сарлавҳаи «Ҳукумати Шӯрои ба мо чӣ дод?» дар саҳифаи 2, сутуни аввал, сатри 7 ба ҷои «мемонд» «намемонд» навишта шудааст».

[35] *Ҳангуфт* — бисьёр.

[36] *Тазминот* — ба маънои андоз.

[37] *Тарқим* — рақам гузоштан, ҳисоб кардан.

[38] *Исмета* — смета.

[39] *Мултафит шудан* — огоҳ шудан.

[40] *Манот* — сӯм.

[41] *Афиф* — марди порсо, росткор ва аз ҳаром парҳезкунанда.

[42] *Мунҷар* — анҷомёфта, оидшуда.

[43] *Фирқаи иштирокиюн* — Партияи Коммунистӣ.

[44] *Иллатҳои музмина* — нуқсонҳои кӯҳна ва дерина.

[45] *Чиргаи милали мутамаддинаи ҳайя* — (Чирга — ҳалқа ва саф, гурӯҳ. Ҳайя — ҷамъи ҳайй — яъне зинда.) Гурӯҳи миллатҳои соҳибтамаддуни мавҷуда.

[46] *«Масъалаи Шарқ»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораҳои 26 (29 декабри соли 1919, саҳ. 1—4) ва 27 (5 январи соли 1920, саҳ. 1—4) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[47] *Жопун* — Япония.

[48] *Фарангистон* — Аврупои ғарбӣ.

[49] *Ақмиша ва амтиа* — матоъҳо. Ақмиша — ҷамъи қумош ҷомаҳои пашмина, матоъҳо. Амтиа — ҷамъи матоъ.

[50] *Санъат* — ин ҷо ба маънии саноат.

[51] *Чорбозоргард* — савдогари чорбозор. Дар Бухорои амирӣ ва Туркистони собиқ дар ҳар шаҳр ва райони алоҳида як рӯзи муайян рӯзи бозор ҳисоб мешуд; масалан, дар Хатирчӣ рӯзи сешанбе бозор бошад, дар Ғиждувон чоршанбе, дар Самарқанд якшанбе, дар ҷои дигаре панҷшанбе рӯзи бозор ҳисоб мешуд. Савдогаронеро, ки аз паи фоида давида ба ҳамаи ин бозорҳо иштирок мекарданд, «чорбозоргард» меномиданд.

[52] *Қуроъ* — ҷамъи қарья — деҳҳо, қишлоқҳо.

[53] *Аъроб* — ҷамъи араб.

[54] *Орнавудистон* — Албания.

[55] *Олатҳои нория* — аслаҳаи оташбор.

[56] *Алоҳозалқиёс* — ва ҳоказо, ва монанди инҳо.

[57] *Милал ва дувал* — миллатҳо ва давлатҳо. Милал—ҷамъи миллат, миллатҳо. Дувал — ҷамъи давлат, давлатҳо.

[58] *Ҳолати эҳтизор* — ҳолати ҷонканӣ.

[59] *Шигарф* — дар ин ҷо ба маънои бузург.

[60] *Амир Абдураҳмонхон (1844—1901)* — аз соли 1880 амири Афғонистон буда, ба фурӯ нишондани низоъҳои ҳокимони маҳаллӣ ва ба тасарруфи худ даровардани тамоми мамлакат муваффақ гардидааст.

[61] *Ихтилол ва иғтишош* — дар ин ҷо ба маънои шӯру ошӯб.

[62] *Ахлоф* — ҷамъи халаф, фарзандон.

[63] Халафуссидқ — фарзанди асил.

[64] *Амир Ҳабибуллохон* — амири Афғонистон, ки дар солҳои 1901—1918 ҳукмронӣ кардааст.

[65] *Амонуллохон* (1892—1960) — амири Афғонистон, ки соли 1919 баъд аз ҷанг бо англисҳо ба сари ҳокимият омад ва истиқлоли комили мамлакати худро таъмин намуд. Дар натиҷаи шӯриши реакционии соли 1928—1929 ба хориҷа гурехт.

[66] *Матруд* — тардшуда, рондашуда, мардуд.

[67] *Қути лоямут* — хӯроки каме, ки барои намурдан аз гуруснагӣ кифоят мекарда бошад.

[68] *Шуйӯъ ёфтан* — ошкоро шудан.

[69] *Таарруз* — дар ин ҷо ба маънои забт кардан.

[70] *Исломбул* — Истамбул.

[71] *Аясофия* — яке аз масҷидҳои бузургтарини Туркия, ки дар Истамбул воқеъ аст.

[72] *Залама* — зулмкунанда.

[73] *Туркманистон* — бояд Туркистон бошад.

[74] *Нукул* — дар ин ҷо ба маънои баргардондан ва бозистодан.

[75] *«Аҳволи Эрон»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 28 (12 январи соли 1920) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[76] *Қуруни уло* — асрҳои қадима.

[77] *Қуруни вусто* — асрҳои миёна.

[78] *Қуруни ҷадида* — асрҳои нав.

[79] *дар шумораи 25 «Шӯълаи инқилоб» мутолаа карда шуд.* — «Ҷунбиши озодона дар Эрон» ном мақолае дар назар дошта шудааст, ки дар ҳамон шумораи маҷалла (22 декабри 1919, саҳ. 4—6) бо имзои С. Ализода дарҷ гардидааст.

[80] *Афвоҳ* — дар ин ҷо ба маънои овоза.

[81] *Мирзо Кучакхон (ваф. 1921)* — ходими сиёсии Эрон, иштирокчии революцияи солҳои 1905—1911 ва саркардаи ҳаракати партизании «ҷангалиҳо» дар Гелон аст. Дар солҳои 1920—1921 чанд муддат раиси ҳукумати муваққатии Гелон шуда буд. Вай, ки аслан ҳомии манфиатҳои тоҷирони сарватманд ва заминдорони калон буд, дар охир ба муқобили коммунистон ва инқилобчиён бархоста, ба кори революция ва муборизаи озодихоҳии миллии халқи Эрон хиёнат кард.

[82] *«Раъд»* — рӯзномаи Эрон, ки бо эҳтимом ва таҳрири Саид Зиёуддин нашр мегардид.

[54] *Мустафод* — он чи ки ба тариқи фоида ҳосил шуда бошад.

[64] *Мистер Черҷик* — *Черчилль* Уинстон Леонард Спенсер (1874—1965) — ходими давлатии Англия, дар солҳои 1918—1921 вазири ҳарбӣ ва яке аз ташкилкунандагони интервенцияи зиддисоветӣ буд.

[65] *«Рейтер»* — агентии хабаргузори Англия, яке аз бузургтарин агентиҳои ҷаҳони капиталистӣ мебошад, ки дар соли 1849 таъсис ёфтааст.

[66] *Ҳаҷз кардан* — бастан, боздоштан, аз ҳаракат мононидан, маҳрум кардан. Дар ин ҷо ба маънои мусодара.

[67] *Таязеъ ёфтан* — паҳн шудан.

[68] *Иштиол* — шӯъла задан, даргирифтан.

[69] *Оқибат шарқ мешавад бедор,*
*Гарчи ин фикр хобро монад.*

— байти хафтуми манзумаи С. Айнӣ «Инқилоб офтобро монад», ки бори аввал дар шумораи 26 «Шӯълаи инқилоб» (29 декабри соли 1919, саҳ. 5) чоп шуда буд.

[60] *Ҳукумати шӯроии Туркистон ва масъалаи Шарқ»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 29 (2 феврали соли 1920 саҳ. 1—5) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[61] Ин телеграммаи Комитети Марказии Партияи Коммунистии (большевикони) Россия аз 12 июли соли 1919 таҳти унвони «Ба ташкилоти мусулмонони республикаи Туркистон» дар журнали «Шӯълаи инқилоб» (№ 15, саҳ. 7) дарҷ гардидааст:

«Кумитаи Марказии Иштирокиюни Русия ба Кумитаи Иҷроияи Марказии Туркистон ва ба Кумитаи коргарии фирқаи иштирокиюн эълом мекунад, ки назар ба нуктаи сиёсате, ки иҷрои он дар байни коргарон ва бечорагони аҳолии Шарқ зарур аст, иҷтимоъи ҳаштӯми фирқаи иштирокиюн ин қарорро қабул кард: ҳангоми интихобот дар ҳукумати Туркистон ба мусулмонон аз рӯи таносуби нуфусашон бояд ҷо дода шавад ва барои аъзоҳои интихобшаванда дохили фирқа буданашон шарт карда нашавад. Танҳо номзади ин аъзоҳо аз тарафи ташкилоти коргару бечорагон гузошта шавад, кифоят аст.

Ба ғайри ризо ва тасвиби ташкилоти кишварии мусулмонон молу мулки мусулмонон мусодара нашуда, ва зуҳури ихтилоф худдорӣ карда шавад. Мо умедворем, раҳбарони Русия, ки дар сафи пешини инқилоби Туркистон истодаанд, ба вазифаи инқилобии худ амал карда, қарордодҳои ҳукумати марказиро баҷо хоҳанд овард ва ба ӯ дар ин бора ҳеҷгуна мухолифате нахоҳанд кард. Ба амал гузоштани ин қарордодҳоро ба Кумитаи Марказии Умумирусия иттилоъ бидиҳед».

[62] *Вафқ* — мувофиқ.

[63] *Мо ло юдраку куллуҳу, ло ютраку куллуҳу* — он чизеро, ки тамоман идрок карда намешавад, тамоман партофта [ҳам] намешавад.

[94] *Ильёво* — Элиава Ш. З. (1883—1937) 8 октябри соли 1919 ба сифати раиси комиссияи онд ба корҳои Туркистон — комиссияи Туркистонии Комитети Иҷроияи Марказии Умуми Россия ва СКХ РСФСР ба Туркистон омада буд.

[95] *Афвоҳ* — даҳонҳо.

[96] *Имтисол* — мисол.

[97] *Пругром* — программа.

[98] *Дини насора* — дини насрониён — дини христианҳо, пайравони Исо.

[99] *Агроз* — ҷамъи ғараз.

[100] *Буруйдо* — Г. И. Бройдо.

[101] *Мадрасаи Тиллокор* — яке аз мадрасаҳои Регистони Самарқанд, ки дар мобайни Мадрасаи Улуғбек ва Мадрасаи Шердор воқеъ буда, дар солҳои 1646/47—1549/60 ба ҷои корвонсарои Мирзой сохта шудааст.

[102] *«Ба Асокири Сурх ёрӣ диҳед!»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 30 (26 январи соли 1920, саҳ. 3—4) бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[103] *Биламарра* — якбора.

[104] *Ҷенрол* — генерал.

[105] *Савқ намудан* — барангехтан, ба роҳ андохтан, ба ҷуш овардан.

[106] *Танкил* — саркӯб кардан, ҷазо додан, несту нобуд кардан.

[107] *Мутантан* — ботантана, муҳташам, бошукӯҳ.

[108] *ҳалок мешуданд* — ин тариқа мардикоргирии ҳукумати подшоҳии Россия охирин бор дар соли 1916 ба вуқӯъ омада, боиси шӯру ошӯбҳои мардуми Осиёи Миёна гардида буд, ки бо номи «Шӯриши соли 1916» машҳур аст.

[109] *Иона* — ёрӣ бо чиз ё пул.

[110] *Мутақаллиб* — қаллоб, фиребгар, нодурусткор.

[111] *«Бархез Шарқи мазлум, ки ӯрдуи Шарқ расид»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 31 (23 феврали соли 1920, саҳ. 1—3) бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[112] *Мутoрака* — дар ин ҷо ба маънои тарки ҷанг, сулҳи муваққатӣ.

[113] *Мустафо Камолпошо* — маъруф ба Камол Отатурк (1880—1938) — роҳбари ҳаракати миллии буржуазии турк (дар соли

1919), сардори партияи республикачиён ва аввалин президенти республикаи Туркия буд. (Ниг. Куллиёти С. Айнӣ, ҷилди II, саҳ. 470).

[114] *Мустафопошо* — Мустафо Камолпошо.

[115] *Нополюн Бунопарт* — Наполеон Бонапарт (1769—1821), императори Франция.

[116] *Азкор* — ҷамъи зикр, ба маънои гаштаву баргашта, такрор.

[117] *Хирфат* — касбу ҳунар, пеша.

[118] *Ароиз* — ҷамъи ариза.

[119] *Ҷабарут* — қудрат, бузургӣ, азамат.

[120] *«Аскарӣ ва ислом»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 32 (1 марти соли 1920, саҳ. 1—3) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст. Дар ин ҷо бо баъзе ихтисорот дарҷ гардид.

[121] *Ифо* — иҷро кардан, ба ваъда вафо кардан.

[122] *Такоҳул* — худро ба коҳилӣ задан.

[123] *Салҷуқиён* — сулолае буданд, ки дар Мовароуннаҳр ва Хуросон пас аз инқирози Ғазнавиён аз нимаи асри XI то нимаҳои асри XII ҳукмронӣ кардаанд. Дар замони салтанати Ҷалолиддини Маликшоҳ (1072—1092) ҳудуди давлати Салҷуқиён аз сарҳадди Хитой то Баҳри Миёназамин вусъат ёфта буд.

[124] *Ғазнавиён* — сулолае буданд, ки аз охирҳои асри X аввал дар Хуросон ва пас аз инқирози давлати Сомониён дар Мовароуннаҳр ҳукмронии худро барқарор намуда, то нимаи дуввӯми асри XII салтанат рондаанд. Муассиси ин сулола Сабук-Тегин буда, давраи нашъунамои давлати Ғазнавиён ба замони ҳукмронии султон Маҳмуди Ғазнавӣ (998—1030) алоқаманд аст.

[125] *Хоразмшоҳиён* — сулолае буданд, ки аз охирҳои асри XI дар Хуросон, ғарбии Эрон ва баъдтар дар Мовароуннаҳр ҳукмронии худро барқарор намуда, то солҳои 20-ӯми асри XIII салтанат рондаанд. Дар замони султон Муҳаммад (1200—1220) давлати Хоразмшоҳиён хеле вусъат пайдо карда, вале дар натиҷаи истилои муғул аз по афтод.

[126] *Ҷубн* — тарсу ваҳм.

[127] *Ҷибиллӣ* — табиӣ, зотӣ, фитрӣ.

[128] *Аҷониб* — аҷнабиён, хориҷиён.

[129] *Ниёгон* — бобоён.

[130] *«Зинда бод инқилоб!»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 33 (8 марти соли 1920, саҳ. 1—3) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[131] *Табшир* — мужда, хабари хуш.

[132] *Ҳиҷоз* — Арабистони Саудӣ.

[133] *Шариф* — шериф — дар Англия, Ирландия ва ШМА шахси мансабдореро мегӯянд, ки вазифаҳои маъмурӣ, полициягӣ ва баъзан судьягиро адо менамояд.

[134] *Шом* — Димишқ, пойтахти Сурия.

[135] *Сивос* — шаҳре дар Туркия.

[136] *Ҷавонтуркон*—номи аъзоёни ташкилоти миллатчигии буржуазии «Ваҳдат ва тараққӣ», ки соли 1889 таъсис ёфта буд. Онҳо соли 1908 дар натиҷаи инқилоби буржуазӣ ба сари ҳокимият омада, сиёсати пантуркистӣ ҷорӣ намуданд ва барои ба империализми Германия тобеъ шудани Туркия кӯмак расониданд. Пас аз шикасти Туркия дар ҷанги якуми ҷаҳон ин ташкилот дар соли 1918 пароканда гардид.

[136]а *Камофиссобиқ* — ба мисли пештара.

[137] *Ван* — мавзее дар ҳудуди Арманистон ва Туркия.

[138] *Симку* — Смитко — сардори шӯриши курдҳо.

[139] *Руди Аракс* — яке аз дарьёҳои Кавказ.

[140] *Нисьён* — фаромӯшӣ.

[141] *дар яке аз мақолаҳои худ* — муаллиф мақолаи «Масъалаи Шарқ»-ро дар назар дорад, ки дар шумораҳои 26 ва 27 «Шӯълаи Инқилоб» дарҷ гардидааст.

[142] *Ҳадвакор* — маккор.

[143] *Шусса* — шоссе.

[144] *Анзалӣ* — шаҳре дар соҳили баҳри Каспӣ, ки ҳоло Бандари Паҳлавӣ номида мешавад.

[145] *Саҳл-ул-убур* — ҷое ки гузаштанаш осон аст.

[146] *Баҳри Хазар* — баҳри Каспӣ.

[147] *«Иттифоқи милал»* — ин мақола дар «Шӯълаи Инқилоб», шумораи 36 (13 майи соли 1920, саҳ. 2—4) бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

Дар поёни мақола аз тарафи идораи журнал чунин навишта шудааст:

«Ин мақола аз он чое як пеш аз як моҳ навишта шуда буд, ба вучуди кӯҳна шудани матолибаш, аз дарҷи он ногузир гардидем».

148 *Маолан* — мазмунан.

149 *Сулук* — рафтор.

150 *Истуниё* — Эстония.

151 *Ҳелсинфурс* — Хелсингфорс.

152 *Риго* — Рига.

153 *Кроқиф* — Краков.

154 *Виёна* — Вена.

155 *Леун* — Леон — вилояте дар Испания.

156 *Оқидин* — акдбандандагон.

157 *Шиққӣ сонӣ* — кисми дуввӯм.

158 *«Ҳукумати Шӯроӣ такмил ёфт!!!»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар «Шӯълаи инқилоб», шумораи 37 (20 маи соли 1920, саҳ. 1—2) чоп шудааст.

159 *Уқало* — оқилон.

160 *Рамодистон* — хокистарзор.

161 *Юденич* — Н. Н. Юденич (1862—1933) генерали гвардияи сафед. Дар моҳи июни соли 1919 ба қӯшуни зиддиинқилобие, ки аз хоки Эстонияи буржуазӣ ба тарафи Петроград ҳаракат мекард, сардорӣ намуд. Вале ба зарбаи ҳалокатовари аскарони сурх дучор шуда, ақиб нишаст ва дар соли 1920 ба хориҷа паноҳ бурд.

162 *Мақобир* — ҷамъи мақбара, мақбараҳо.

163 *Сафоҳат* — камақлӣ ва сабукӣ.

164 *Саттор* — Сатторхон (солҳои 70 асри XIX—1914) — ходими ҳаракати демократии Озарбойҷони Эрон, қаҳрамони халқи Эрон. Дар арафа ва аввалҳои революцияи 1905—1911 дар сари дастаи партизанӣ истода, бар зидди иртиҷои ҳукмдорони Эрон мубориза бурд ва дар солҳои 1908—1909 ба шӯриши халқии Табриз роҳбарӣ намуд.

[165] *Боқир* — дӯст ва ҳамсафи Сатторхон, яке аз саркардаҳои ҳаракатҳои инқилобӣ ва демократии Озарбойҷони Эрон. Халқ Сатторхонро «сардори миллӣ» ва Боқирхонро «солори миллӣ», яъне сарлашкари миллат номида буд.

[166] *«Ғалабаи инқилоб дар Шарқ»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар «Шӯълаи инқилоб», шумораи 38 (27 маи соли 1920, саҳ. 1—2) бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[167] *Антокия* — Антиохия.

[168] *«Таймс»* — газетаи ҳаррӯзаи Англия, ки ба роҳбарияти партияи консерваторон наздик аст. Ин газета дар соли 1785 таъсис ёфта, дар Лондон нашр мешавад.

[169] *Лоҳиҷон* — шаҳре дар шимоли Эрон.

[170] *Фасх* — вайрон сохтани байъ, аз эътибор соқит кардан.

[171] *мақолаи гузашта* — мақолаи «Ҳукумати Шӯрой такмил ёфт!!!» дар назар дошта шудааст.

[172] *Вусуқуддавла* — (Вусуқ-уд-Давла) — яке аз нахуствазиронн муртаҷеъ ва англиспарасти Эрон, ки аз августи соли 1916 то июни соли 1920 дар сари ҳукумат будааст.

[173] *Саффоқ* — хунрез ва қотил.

[174] *«Аҳволи ҷанг ва сиёсат»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 39 (3 июни соли 1920, саҳ. 1—12) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[175] *Полокҳо* — полякҳо.

[176] *Ғайри мутараққиба* — ғайричашмдошт.

[177] *Вифоқ* — дӯстӣ ва мувофиқат.

[178] *Гидерпилон* — гидроплан (гидроаэроплан) аэроплани обӣ.

[179] *Воғунча* — вогонча (воганетка).

[180] *Шуруф* — дар ин ҷо остона.

[181] *Консолор* — канцелария, дар ин ҷо ба маънии консулхона.

[182] *«Дар боғи Шоҳи зинда»* — ин мақолаи С. Айнӣ бо ҳамин ном ва бо унвони «Ба муносибати моҳи шарифи рамазон» дар шумораи 39 (3 июни соли 1920) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст. Дар ин ҷо ихтисораи дарҷ гардид.

[183] *Тафарруҷ* — фароғат кардан, сайр карда хастагии худро баровардан.

184 *Шоҳи Зинда* — яке аз ёдгориҳои қадимаи шаҳри Самарқанд, ки сохтмони қисмҳои алоҳидааш дар асри XII шурӯъ шуда, сохтмони қисми асосиаш аз асри XIV то XVII давом кардааст.

185 *Умарои сомонӣ* — амирони сомонӣ. Сулолаи Сомониён дар Мовароуннаҳр аз соли 875 то соли 999 ҳукм рондааст. Саркардаи ин сулола Сомон буда, охирин намояндаи он Абӯ Иброҳими Исмоил мебошад, ки дар соли 1005 дар ҷанги Қароҳониён кушта шудааст. Даврaи Сомониён яке аз давраҳои барҷастатарини пешрафти маданияти тореволюционии халқи тоҷик мебошад.

186 *Фитан* — ҷамъи фитна, фитнаҳо.

187 *Улуғбек* — Муҳаммад Тарағай (1394—1449) набераи Темур; астрономи ӯзбек, дар шаҳри Самарқанд расадхонаи машҳури худро сохтааст.

187а *Минубаҳр* — хушҳаво.

188 *Мадрасаи хоним* — мадрасаи Бибихоним, ки сохтмонаш бо фармони Темур дар с. 1399 шурӯъ шудааст.

189 *Сутур* — ҳайвони боркаш ва саворӣ.

190 *Давоб* — чорпои боркаш ва саворӣ.

191 *Аҷсод* — ҷамъи ҷасад, ҷасадҳо.

192 *Синумотуғроф* — синематограф, кинематограф.

193 *Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ* — Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ (1300—1389) бузургтарин шоири ғазалсаро, классики адабиёти тоҷику форс.

194 *Мусоада* — мусоадат — ёрӣ, кӯмак.

195 *Мустағраҳ* — ғарқшуда.

196 *«Сайфу қалам»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 40 (17 июни соли 1920, саҳ. 1—3) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

196а *Атолат* — беҳаракатӣ, сустӣ, карахтӣ.

197 *Интибоҳ* — бедор гардидан.

198 *«Меҳнаткашлар товуши»* — («Садои меҳнаткашон»), рӯзномаи ӯзбекӣ, ки дар Самарқанд дар солҳои 1918—1919 нашр мешуд.

199 *Маъҷӯн* — дар тибби кӯҳна чанд сондае ки бо асал (ё қивоми қанд) омехта шуда бошад.

200 *«Эрон ба майдон даромад»* — ин мақола дар шумораи 41 (1 июли соли 1920, саҳ. 1—2) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[201] *Истидлол кардан* — хулоса баровардан.

[202] *Киҳонатфурӯшӣ* — пешгӯӣ кардан

[203] *Тасфия* — пок шудан, тоза шудан.

[204] *Коҳинона* — пешгӯёна.

[205] *«Инқилобҳои гузашта дар Шарқ ва аҳволи ҳозира»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 42 (12 июли 1920, саҳ. 1—2) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[206] *Носириддиншоҳ* — шоҳи Эрон, ки дар соли 1848 ба тахт нишаста дар соли 1896 кушта шудааст.

[207] *ба муносибати инҳисори танбоку ихтилоли бузурге бархоста буд.*— Ин воқеаҳо дар солҳои 1891—1892 рӯй додааст.

[208] *Машруа* — мувофиқи шаръ; дар ин ҷо ба маънои мувофиқи қонун, қонунӣ.

[209] *Қоҷор* — сулолаи шоҳони Эрон ки салтанашон аз давраи Огомуҳаммадхони Қоҷор (аз соли 1794) шурӯъ мешавад.

[210] *Музаффариддиншоҳ* — шоҳи Эрон, ки дар солҳои 1896—1907 ҳукмронӣ кардааст.

[211] *Муҳаммадалӣ* — писари Музаффариддиншоҳ, яке аз ҳукмронони муртаҷеъ ва мутаассиби Эрон, ки дар соли 1907 ба тахт нишаста, соли 1909 маъзул шудааст.

[212] *1293 ҳиҷрӣ* — 1878 милодӣ.

[213] *1329 ҳиҷрӣ* — 1911 милодӣ.

[214] *Тароблис* — Триполи, сарзаминест дар шимоли Африқо.

[215] *Урумӣ* — кӯл ва шаҳре дар шимоли ғарби Эрон.

[216] *Муттарида* — мунтазам, пайдарпай.

[217] *«Шарафи аскарӣ ба туркистониён муборак бод!»*— Ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 43 (19 июли соли 1920, саҳ. 2—3) «Шӯълаи инқилоб» бо имзои «Син-Мим» чоп шудааст.

[218] *Ибод ва билод.*— Шаҳрҳо ва сокинони онҳо. Ибод — ҷамъи абд, бандагон. Билод — ҷамъи балад, шаҳрҳо ва мулкҳо.

[219] *Хутур* — ба ёд омадан, гузаштани андеша ба дил.

[220] *Волостной* — сардори волость (вулус), ки як қисми вилоят буд.

[221] *Иагор* — тахт.

[222] *Суфуф* — ҷамъи саф.

[223] *Жуфт ба куштан дод* — дар ин чо мардикоргирии ҳукумати подшоҳӣ, ки яке аз сабабҳои шӯриши мардуми Осиёи Миёна дар соли 1916 гардида буд, дар назар дошта шудааст.

[224] *Қадаган* — манъ, таъкид, кинояи аз танбеҳ, монеъ омадан аз коре.

[225]. *Магсуба* — гасбшуда.

[226]. *«Акнун навбати қалам аст»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 44 (26 июли соли 1920, саҳ. 1—2) ва давомаш дар шумораи 45 (2 августи соли 1920, саҳ. 1—2) «Шӯълаи Инқилоб» чоп шудааст.

[227] *Дар яке аз шумораҳои маҷаллаи мо ба унвони «Сайф ва қалам»* — ниг. «Шӯълаи инқилоб», шумораи 40 (17 июни соли 1920, саҳ. 1—3), ҳамин ҷилд, саҳ. 66.

[228] *Қиллати асбоб* — камии асбоб.

[229]. *Тасвид* — сиёҳ кардан; киноя аз навиштан.

[230]. *Лаҳвиёт* — бозӣ, вақтгузаронӣ.

[231]. *Кинемотуграф* — кинематограф.

[232]. *Мисдоқ* — маъно.

[233] *«Акнун навбати қалам аст»* — дар поёни қисми дуввуми ин мақола, ки дар шумораи 45 (2 августи соли 1920, саҳ. 2) чоп шудааст, чунин қайди идора мавҷуд аст:

> «Дар вокеъ ҳаму кости мактабҳои мо аз андоза берун аст, хусусан дабистонҳои форсии мо, ки дар ҳолати гирьяхезе мебошад. Идораи маорифрост, ки пеш аз вакт чораи инҳоро намояд.
>
> «Шӯълаи Инқилоб».

[234]. *Бинисба* — нисбатан.

[235] *«Бояд анҷом дод»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 45 (2 августи соли 1920, саҳ. 3) бо имзои «Алиф-Син» чоп шудааст.

[236] *Моневро* — монёвр, машқи ҳарбӣ.

[237] *«Ёддошт ба амири Бухоро»* — Нотаи Вазорати корҳои хориҷии РСФСР ба амири Бухоро, ки матни онро С. Айнӣ тарҷима кардааст ва он дар шумораи 45 (2 августи с. 1920, саҳ. 3—5) «Шӯълаи Инқилоб» бо имзои «Алиф-Син» чоп шудааст.

[238] *Майдонхонӣ* — киноя аз ҷангҷӯӣ.

[239]. *Фарҷом* — оқибат, анҷом.

[240]. *Аҳли хибри* — хабардор.

241 *«Посухи амири Бухоро»* — ин мақолаи С. Айнӣ дар шумораи 46 (12 августи соли 1920, саҳ. 5) «Шӯълаи Инқилоб» бо имзои «Син» чоп шудааст.

Дар ҳамон шумораи маҷалла пас аз «Посухи амири Бухоро» мақолае ба унвони «Эътирозномаи ранҷбарони Бухоро» дарҷ ёфтааст, ки бо мақолаи аввала бевосита алоқамандӣ дорад. Аз баъзе ҷиҳатҳо ба назар мерасад, ки шояд ин мақола низ бо қалами С. Айнӣ таҳрир ёфта бошад. Вале, азбаски дар охири матни мақола ҳеҷ як ишорае ва имзое мавҷуд нест, танҳо бо зикр намудани он қаноат кардем.

242. *«Дар Туркия»* — С. Айнӣ дар «Шӯълаи инқилоб» на фақат бо мақолаҳои гуногуни худ баромад мекард, балки баъзе мақолаҳои лозимаи дигаронро аз маҷаллаҳои гуногун тарҷима ҳам карда дарҷ менамуд. Ин мақола ки бо имзои «Мутарҷим «Син Мим» дар шумораи 46 (12 августи соли 1920, саҳ. 1—3) «Шӯълаи инқилоб» чоп шудааст, нахустин мақолаи тарҷима кардаи нависанда аст.

243. *Явмия* — ҳаррӯза, маоши ҳаррӯза,

244. *Пӯст* — почта.

245 *Зобитон* — офицерони Туркияи усмонӣ.

246. *Завот* — ҷамъи зот, зотҳо.

247 *Холида Адиба Адивар* — адибаи машҳури Туркия, ки соли 1883 дар Истамбул таваллуд ёфтааст. Соли 1908 ба фаъолияти адабӣ иқдом намуда, аввалин бор дар адабиёти турк образи зани мусбатро меофарад. Вай ҳамчун ходими фаъоли ҳаракати пантуркистӣ манфиатҳои буржуазияи миллиро ҳимоя мекунад ва дар замони ҳукумати камолчиён борҳо депутати маҷлис интихоб мешавад. Дар солҳои 1919—1922 дар муҳорибаҳои озодихоҳии миллӣ бевосита иштирок намуда, дар ин мавзӯъ силсилаи ҳикояҳои «Гурги ба кӯҳ баромада» ва романи «Пироҳани оташин»-ро ба вуҷуд меоварад. Вале дар чанде аз таълифоти баъдинааш ғояҳои иртиҷои зиддиинқилобиро таблиғ карда, нисбат ба Иттифоқи Советӣ суханони тӯҳматомез мегӯяд.

248. *Норинҷак* — бомба.

249 *Идораи урфия* — идораи расмӣ.

250. *Таъбия* — тайёр кардан, омода намудан.

251. *Прутуст* — протест.

252 *«Гургон гӯсфандонро чӣ гуна пора карда фурӯ бурданӣ? (Доир ба сулҳи Версол дар боби Туркия)»* — ин мақола низ тарҷимавӣ буда, бо имзои «Мутарҷим «Син Мим» дар шумораи 47 (26 августи соли 1920, саҳ. 1—3) «Шӯълаи Инқилоб» чоп шудааст.

[253] *Сулҳи Версол* — Муоҳадаи империалистие, ки 28 июни соли 1919 дар байни ШМА, Англия, Франция, Италия, Япония, Бельгия ва ғайра, аз як тараф, ва Германияи мағлуб, аз тарафи дигар, дар Версаль (наздикии Париж) баста шудааст. Бо ҳамин муоҳада ҷанги якуми ҷаҳон (1914—1918) ба охир расида буд.

[254] *Винезалус* — Элевтериос Венизелос (1864—1936) — ходими давлатии Юнон. Дар он вақт сарвазир буд.

[255]. *Тарокия* — сарзамини туркон, Туркия.

[256] *Лундун* — Лондон.

[257] *Идхол ва ихроҷ* — импорт ва экспорт.

[258]. *Ш. И.* — «Шӯълаи Инқилоб»— аввалин маҷаллаи большевикӣ ба забони тоҷикӣ, ки аз 10 апрели соли 1919 то декабри соли 1921 дар Самарқанд дар зери таҳрири Саидризо Ализода нашр мешуд.

[259] *Қопитулосиюн* — капитуляция.

[260] *Муҷримон* — айбдорон, гунаҳкорон.

[261] *«Қарори таърихии як иҷтимои фавқулъодда* — (доир ба Бухоро)»— Ин мақола, ки бо қалами С. Айнӣ тартиб дода шудааст, дар шумораи 47 (26 августи соли 1920, саҳ. 3—6) «Шӯълаи Инқилоб» бо имзои «Син-Қоф» чоп шудааст.

[262]. *Занн* — гумон.

[263]. *«Тоҷ-ут-таворих»*— асари амири Афғонистон, Абдураҳмонхон (1844—1901), ки таърихи мамлакати Афғонистонро дар замони худ ва тафсилоти муҳоҷироти худро ба Бухоро ва Туркистон баён кардааст. Паноҳандагии ӯ ба Бухоро ва Туркистон ба замони ҳукмронии амир Музаффар баробар меояд.

[264] *Суи сулук* — рафтори бад.

[265] *Амир Музаффар* — аз амирони мангитияи Бухоро, ки аз соли 1860 то соли 1885 ҳукмронӣ кардааст. Ҳолати ӯро С. Айнӣ дар «Таърихи амирони мангитияи Бухоро» хеле батафсил баён намудааст (Ниг. Куллиёт, ҷилди 10).

[266] *Воқиаи Колесов* — ин воқиа бо номи Колесов, ки ӯ дар солҳои революция раиси Совети Комиссарони Халқии Туркистон буд, вобастааст. Колесов дар охирҳои моҳи феврали соли 1918 қувваи ҳарбии худро аз Қӯқанд ва Самарқанд ба Когон оварда, 2-юми моҳи март бо ҳамроҳии ҷадидҳо барои сарнагун кардани ҳокимияти амир ба Бухоро ҳуҷум намуд. Вале дар натиҷаи хиёнати роҳбарони ҷадидҳо ин ҳуҷум бемуваффақиятона анҷом ёфт. Воқиаи Колесовро С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» (Ниг. Куллиёт, ҷилди 1, саҳ. 88—90 ва «Таърихи амирони мангитияи Бухоро» (Ниг. Куллиёт, ҷилди 10, саҳ. 173—178) батафсил нақл кардааст.

[267]. *Калимаи шаҳодат* — суханоне, ки бо такрор кардани он мусулмонон гӯё ба ваҳдонияти худо ба расули ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

[268] *Шайхованд Таҳур* — Шайхованд Таҳур — аз шайхони маъруфи карни XVI Тошканд, ки бо номи ӯ яке аз маҳаллаҳои он шаҳр машҳур гардидааст.

[269]. *Хатиб* — муллое, ки дар намози ҷумъа хутба мехонд, ё дар ҷамъомадҳо ваъз мегуфт.

[270] *Ба иттифоқи оро* — ба ҳамраъйии комил, бо як овоз.

[271] *«Дар Боку Анҷумани якӯми аҳолии Шарқ»* — ин мақолаи С. Айнӣ, ки қисми дуввӯмаш — «Рӯзномаи музокироти Анҷумани аҳолии Шарқ дар Боку» аз рӯзномаи «Ишчи» иқтибос ва тарҷима шудааст, дар шумораи 48 (6 сентябри соли 1920, саҳ. 1—3) бо имзои «Син-Мим» дарҷ гардидааст. Дар Анҷумани якӯми аҳолии Шарқ дар Боку ҳайати намояндагони Туркистон низ иштирок доштааст, (Нигг. «Шӯълаи Инқилоб», шумораи 48, 6 сентябри 1920, саҳ. 7, мақола ба унвони «Анҷумани миллатҳои Шарқ»).

[272]. *«Ишчӣ»* — имзои мустаори Шокир Раҳимӣ, ки яке аз муҳаррирони газетаи «Меҳнаткашлар товушӣ» дар Самарқанд буд.

[273] *Байналмилали Севвӯм* — Интернационали Коммунистӣ (Коминтерн) — ташкилоти революционии пролетарии байналхалқӣ, ки аз соли 1919 то соли 1943 амал намуда, партияҳои коммунистии мамлакатҳои гуногунро муттаҳид мекард.

[274]. *Фароқия* — Фракия, вилояте дар шарқи нимҷазираи Балкан.

[275] *Лозистон* — вилояте дар шимоли шарқии Туркия.

[276] *Метрополия* — давлати мустамликадор.

[277] *Фирқаи дошноқ* — партияи миллатчигии буржуазии Арманистон, ки дар ибтидои солҳои 90-ӯми асри XIX таъсис ёфтааст. Дашнакҳо аз рӯи программаи худ ба эсерҳо наздик буданд. Пас аз ғалабаи Революцияи Октябрь бо якҷоягии меньшевикҳо, эсерҳо ва мусоватчиён бар зидди ҳокимияти советӣ баромада, дар натиҷаи ҳимояи интервентҳои хориҷӣ соли 1918 ҳукумати худро ташкил намуданд. Соли 1920 ин ҳукумат сарнагун карда шуд.

[278]. *Олачақнишин* — чодарнишин.

[279] *Шоҳсаванҳо* — қабилае дар шимоли Эрон.

[280]. *Бахтиёриҳо* — қабилае дар ҷануби Эрон.

[281] *«Инқилоби байналмилали Туркия, Ҳиндустон ва Афгонистон (як маҷлиси сиёсӣ)»* — ин мақолаи тарҷимавӣ аз рӯзномаи «Иштирокиюн» иқтибос шудааст ва дар шумораҳои 48 (6 сентябри соли 1920, саҳ. 3—4) ва 49 (13 сентябри соли 1920, саҳ. 4—6) бо имзои «Мутарҷим Син-Мим» дарҷ шудааст.

[282]. *Қуйбешуф* — Валериан Владимирович Куйбышев (1888—1935) ходими Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ. Дар солҳои 1918—1919 аъзои совети ҳарбии гурӯҳи ҷанубии қӯшуни фронти шарқӣ ва баъдтар аъзои Совети ҳарбии армияи 11-ум ва фронти Туркистон буд.

